НАШРИЁТИ «АДИБ»



ӮРУН КӮҲЗОД

# БАНДИИ ОЗОД

# ТАҚВИМИ РАҲГУМ

Душанбе
«Адиб»
2011

ББК 84 Тоҷик 7 – 4
К-46

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

К-46 **Ӯрун Куҳзод. Бандии озод. Тақвими раҳгум**
*(романҳо)*. – Душанбе «Адиб» 2011. 332 саҳ.

Бурду бохти ҷомеа дар замони муайян натиҷаи муносибату муомилаи одамон дар ҳамон замони муайян аст. Оқилона бошад, оқибати нек дорад ва агар ҷоҳилона бошад, оқибатҳои бад ногузир аст.

Дар романи «Бандии озод» ва достони «Тақвими раҳгум» сӯҳбати муаллиф бо хонанда аз ҳамин оқибатҳост ва қазоваташ ба шавқу завқ ба фаросату бардошти аҳли хонишу дониш ҳавола шудааст.

**ISBN 978-99947-2-137-5**

© Ӯрун Кӯҳзод, 2011

# БАНДИИ ОЗОД

… ва гиреҳ дар пешонӣ овардагон ва суханҳои ба ҷидгӯён ва туршрӯён ва каҷмизоҷон ва бахилон ва дурӯғгӯён ва бададабонро лаънат кунед!

**Яке аз «Сад панд»-и Убайди Зоконӣ**

I

Як марди хушбурут ва ду ҷавони навхати хушмӯ аз дари хона баромада, дар долонча, ки ба қарибӣ чун иловаи иморати хиштин аз тахта сохта буданд, росто-рост мӯзаву туфлӣ пӯшиданд. Аз ваҷоҳат, аз гиреҳи абрӯ, аз чашмони норозинигоҳ ва ҳаракатҳои тундашон маълум буд, ки аз омадан ба ин хонадон пушаймон шудаанд. Онҳо ба соҳибхона, ки ноҳинҷорнамо рост меистод, бо табассумҳои зӯрбазӯракӣ сардакак хайру хуш карда баромада рафтанд. Соҳибхона хомӯшона то дари ҳавлӣ онҳоро гусел кард ва коҳилона ақиб гашт. Аз саҳни ҳавлӣ гузашт, аз се зинаи айвон баромад ва дар зинаи чорум по монда, даст ба зону гузошту истод. Як дақиқа истод, ду дақиқа истод, қабурғаҳои қоқашро молид, манаҳи покиза тарошидаашро молид, ба андеша фурӯ рафт ва бо малоли хотир, гӯё ки ба касе арз мекарда бошад, худ ба худ гуфт:

– Хафа шуданд! Беҳуда хафа шуданд.

Ва пеш нарафт. Ақиб баргашт. Баргашта якта-якта по монда аз зинапояҳо поён фуромаду дар саҳни ҳавлӣ пешу пас қадам зад.

Ҳавлии ӯ дар як гӯшаи кӯҳнаи шаҳр, ки кӯчаҳои тангу иморати пастак дорад ва деворҳои похсаю хиштиаш қариб ба ҳам часпидаанд, воқеъ гардидааст. Як вақтҳо, вақтҳое, ки дар ҷои ин шаҳр се деҳаи аз ҳам дур, як бозорҷо ва як қалъаи ҳокимнишин буд; вақтҳое ки Ислом – бародари калонии Баҳром, аспсавору шамшер ба даст, ҷон ба каф гирифта, ҳокимияти навро барқарор мекард; вақтҳое ки расми додариву бародарӣ аз хуну шир не, балки аз маслаку мааром муайян карда мешуд; вақтҳое ки аҳли Кулба ба муқобили аҳли Қасрҳо дар тамоми ҷаҳон ҷанги беамон эълон карда буданд ва таърих давлату қонунро бори аввал ба дасти халқ медод, ин бино дар ин шаҳр аз беҳтарин иморатҳо ба ҳисоб мерафт ва яке аз беҳтарин фарзандони миллат он ҷо иқомат дошт, ки дарвозаашро милисионерони хушбурут бо навбат посбонӣ мекарданд ва касе ҳақ надошт, ки берухсатнома ба ин ҷо дарояд. Баъдтар, ҳангоме ки Республика сохтанд ва аз рӯи тақсимот ба ин Республика аз марказҳои

маданиву шаҳрҳои қадимиаш Бухорову Самарқанд, ба ғайр аз чанд тан зиёии фидокор дигар посутуни айвоневу чӯби пардабоме нарасид, ҳангоме ки адибонаш фақат васфи заҳмату кӯҳсор мекарданд ва ба тамоми олам чор андохтанд, ки ба рағми душманон ва шаккокон дар рӯи санг давлат барпо мекунанд, дар ин ҷо марказ – пойтахт ба вуҷуд омад; ба деҳа номи шаҳр доданд ва ин шаҳр калон шуду калон шуд, зебо шуду зебо шуд ва табиист, ки дар шаҳр биноҳои олии зиёде сохтанд, фарзанди азиз бо аҳли рикобаш ба ҳавлии боҳашаматтаре кӯчид ва ин иморат холӣ монд – онро тахтадевор гирифта се тақсим намуда, ба се оила доданд, ки қисми мобайнаш ба ҳамин наздикиҳо боз холӣ шуд ва бо ёрии Академик ба вай, ба Баҳром расид.

Баҳром ба ҳар тарафи ҳавлӣ нигарист, сипас сари девораи ҷӯйчаи сементии обреза рост истода, миёни дарозашро дудаста дошту ба муроди дил хамёза кашид ва «уф!» гӯён дар хараки кӯҳнаи кафида ва пури паи корду теша, ки паҳлуи танаи дарахти гелос меистод, пирона нишаст. Аз кисаи шими фаҳӯлаш даструмол бароварда араќи гарданашро ба майли хотир пок кард. Ҳаво гарм, бе шамол ва ғуборолуд буд: осмони ин шаҳр фақат рӯзҳои истироҳат – дар ин рӯзҳо заводу фабрик ва мошину роҳ дам мегиранд – ва рӯзҳои баъди барфу борон тоза мешавад, дигар вақтҳо зери ғубор аст, ки шуши ӯ ба ин обу ҳаво одат кардааст.

Ҳозир ӯ аз кори пурзаҳмат не, аз сӯҳбати нофорам, суханони беҳуда ва илтимосҳои беҷо монда шуд ва гӯё кори дилнохоҳе карад бошад тамоми узвҳои баданаш ланҷу табъаш хира буд. Мефаҳмид ки Абӯшаҳид беҳуда хафа шуд, вале табиати вай чунин аст, ки ягон кас аз ӯ хафа шавад – хоҳ бо сабабе бошад, хоҳ бесабаб – ба дили худаш ҳам сиёҳӣ медароял, дарун-дарун азоб мекашад.

Дар солҳои охир аз куҷо як одати баде баромадааст, ки мардуми бисёре айни долу зарби кори саҳро ба шаҳр меоянд ва одами бисёреро аз кору борашон мононда, села-села дар кӯчаву идораҳо мегарданд, ки: «Ба умеди шумо омадем, акнун ҳамин сол як хизмат мекунед». Баҳром се сол пеш бори аввал ба ҳамин хел илтимосгар дучор шуд ва он илтимосгар ҳамин Абӯшаҳид буд, ки як нимрӯзӣ як харбузаву ним тӯрхалта мева бардошта омад. Ҳамин Абӯшаҳид, ки дар бачагӣ – айёми беғашии дил, покин назар ва софии хотира – як дами аз ҳам ҷудо надоштанд. Дар бозиҳо ёри якдигар, дар ҷангҳо тарафгири ҳамдигар буданд, роздону розпӯш буданд.

Тобистонҳо барраву бузғолабонӣ мекарданд, тирамоҳҳо тагалу така мепоиданд. Ҳамон Абӯшаҳиде, ки се тобистон пай дар пай ҳамроҳ нисфи рамаи гузарашонро, аз хавфи ногоҳ пайдо шудани молшумурҳо, дар зовияҳои тангу паскӯҳҳои касногузари чашмнорас бурда, як ҳафта – даҳ рӯз пинҳон карда, шабҳои хунук таги як чакман хобида буданд. Ҳамон Абӯшаҳиде, ки баъди ба воя расидан талоши зиндагӣ онҳоро ба ҳар роҳ бурд, вале бо вуҷуди ҷудо шудани роҳҳояшон дар зиндагӣ, баъди аз бадарға баргаштани Баҳром яке аз аввалин шуда ба дидорбинӣ омад ва гуфт, ки «хез, кӯчата бор кун, деҳа меравем». Ҳамин Абӯшаҳиди ӯҳдабаро, кордон ва худдонами аз оқибати кораш бепарво, ки ҳозир, чанд дақиқа пеш, бо димоғи сӯхта аз ҳавлӣ баромада рафт.

Абӯшаҳид ароз карда буд, се сол боз ба хонаи Баҳром намеомад. Дилмонда буд, ки ёрӣ нарасонд, илтимосашро ба замин зад. Бе ёрии ӯ ҳам кораш буд шуд, бо вуҷуди ин, чун солҳои пеш, бо чеҳраи кушод, бо лабу чашми хандон, бо тӯрхалтаи пурмева омад, гарму чарб дастфишориву аҳволпурсӣ кард:

– Бачу кач, хурду реза, хешу табор ҳама сиҳату саломат ҳастанд?

– Шукр, шукр, ҳама офияту бардам.

– Кору бор, тану ҷон тинҷу линҷ?

– Ҳамааш дуруст, тарафҳои шумо ҳама тинҷӣ, оромиву осудагист?

Баъд чою мева ва таомхӯрону телевизорбинон хеле муддат сӯҳбат карда нишастанд. Аввал хотираҳои замони бачагию наврасиро ёд карданд, баъд рафтору кирдори яктанимта шиносонашро гуфта, хуб ё бад, гӯён ҳукм бароварданд, сипас гоҳ аз нарху навои бозор ва гоҳ аз корҳои ҷаҳон парокандаву парешон мисолҳо оварда хулосаҳо бароварданд. Лекин риштаи сӯҳбат асосан ба дасти Абӯшаҳид буд ва Баҳром ғолибан ё гуфтаҳои ӯро тасдиқ мекард ва ё номуайян «ҳа, ҳу» гӯён бо табассум сар меҷунбонид. Оқибат халтаи гапи Абӯшаҳид холӣ шуд магар, ки вай ба ҳурмати дастархон омин кард ва гуфт:

– Дар телевизоратон дигар гап нест? Ягон рақсу ашулаша монед, чорта кайф кунем.

– Ҳоло концерт нест, баъди ягон соат мешавад.

– Инту бошад, кушта монед, гап ҳаст.

Баҳром хеста телевизорро кушт, Абӯшаҳид хандон-хандон тӯпиашро гирифта, сарашро кафмол дод. Одаташ ҳамин: сари мақсад ояд, тӯпиашро гирифта, сари панҷаҳо нигоҳ дошта, «чангашро» ба нӯги панҷа «тоза» мекунад, пас секинак пешаш гузошта, бо кафи даст сари бо поку тарошидаашро молида-молида беовоз механдад – фақат чашмону лабонаш механданд.

– Мо дар ин шаҳр дигар кӣ дорем? Пушту паноҳамон шумо. Шумо гуфта омадем. Акнун як бало мекунед, ҳамин сол як ёрдам мерасонед. Аз худи деҳа ба умеди шумо омадем, ки ҳамон кас ҳастанд, ёрӣ мерасонанд.

Аз ин хел таърифҳое, ки ба сифати сарборӣ ҳатман тамаъ доранду гӯяндааш хеле осону бепарво талаффуз мекунад, Баҳром ҳамеша зери бори ҳаё мемонад ва дасту по мехӯрад. Охир, сидқӣ нестанд ин суханҳо! Фақат барои мақсади муайяне, барои маврид гуфта мешаванд, ки ба иззатталабҳо мефорад. Баҳром нағз медонад, ки Абӯшаҳид ба ёрии ӯ он қадар эҳтиёҷ надорад, чунон ки мегӯяд; ёру ҷӯрааш бисёр, ҳатто дар меҳмонхонаву ресторанҳо шиносони донхӯр ва даҳонмаза дорад. Ҳанӯз аз колхоз набаромада медонад, ки дар куҷо хоб меравад ва дар куҷо таом мехӯрад. Ҳамин «кордонию ӯҳдабароиҳо» ӯро дилпуру худбовар кардаанд ва эътимоди комил дорад, ки калиди ҳама дарҳои баста пул аст. Пул бошад, дар дунё ҳоҷате нест, ки раво нашавад. Пул бошад, дар ҳеҷ ҷо дар намемонад. Ба ҳамин эътимод аз ин хусусҳо сухан гуфтану мурод ҳосил гардонидан ба назараш ҳеҷ ҷои ибо ва ҳаё надорад, балки як муомилаи оддиву одатӣ менамояд.

– Агар аз дастам ояд, - ҷавоб дод Баҳром.

–Э, имои бурутатон бас. Ҳамин ҷиянҳо хондан омаданд, - ба ҷавононе, ки ҳамроҳаш оварда буд ва ҳама ин муддат хомӯш менишастанд, ишора кард Абӯшаҳид. – Ҳаминҳоро дар ягон мактаб ҷой мекунед… Ба хизмат, хизмат гуфтанд, аз тарафи мо кӯтоҳӣ намешавад.

– Худошон ба қадом мактаб даромаданӣ?

– Ба кадом мактабе, ки шумо гӯед…

Баҳром ҳайрон монд ва як муддат хомӯш истод – ин тавр ҳам мешудааст? Ва сипас гуфт:

– Худошон ба ягон кор, ба ягон соҳа шавқ доштагистанд? Ҳуҷҷатҳора ба факултети дилхоҳашон супоранд, ана дар ҳавлии мо истода ба имтиҳонҳо тайёрӣ бинанд.

– Масъалаи хона-понааш осон, шумо ба имтиҳонашон ёрӣ расонед. Ба ягон ҷои дилпур дароварда монед, бо муал-

лимон даркорӣ гапро пазонед, ягон шарту байъашон бошад, мо тайёр. Кора аниқаш нағз-дия.

Абӯшаҳид се сол пеш айнан ҳамин гапро гуфта буд, вале оҳанги суханаш ин қадар худбоваронаву дилпурона набуд. Пас вай дар ин муддат ба чунин корҳо одат кардааст, имон овардааст.

– Яъне шумо мехоҳед пешакӣ дилпур бошед, ки инҳо бечуну чаро қабул шаванд? – бо истеҳзо пурсид Баҳром.

– Садқаи одами бофаҳм шавам, ҳама гап дар ҳамин-дия, - хандид Абӯшаҳид. Фақат чашмону лабонаш хандид.

Ин ҷавоб ба Баҳром нафорид. Чашмону лабони хандони Абӯшаҳид ҳам нафорид ба назараш. Ва ӯ ҳам дар ҷавоб ҳамон гаперо такрор кард, ки се сол пеш ба вай гуфта буд:

– Барои ҳамин ман миёнарав шуда, аз шумо пора гирифта ба ягон кас диҳам ва он кас навъе карда ҷиянҳои шуморо қабул кунад. Ҳамту?!

– Не, чаро пора?! – ханда аз чашму лаби Абӯшаҳид ғайб зад. – Ман пора медиҳам нагуфтаам, лекин ин хел корҳо бехароҷот ҳам намешавад. Дида гаштаем. Каму тум барои нарм кардани дилҳо ва равған кардани гулуҳо. Таомулаш ҳамин, боз аз худатон гап намемонад.

– Аз худатон гап намемонад! Яъне ман доим ҳамин корҳоро карда гаштаам, вале барои шумо ноз мекунам?

Абӯшаҳид дар дилаш гуфт, ки «ҳа, нархата баланд мекунӣ». Вале ба забон овард:

– Ҳамин хел расм шудааст.

– Не, Абӯшаҳид, таомул ин нест. Таомули одамӣ ба фиреби худу ҷамъият не, ба ҳалолкорӣ ва гоҳо фидокорӣ асос ёфтааст. Ин таклифе, ки шумо кардед, ба таомули одамӣ дохил намешавад ва худатон ҳам инро нағз медонед.

– Ман медонам, ки таомули одамгарӣ ин нест, - гуфт Абӯшаҳид ва тӯпиашро пӯшид. – Лекин бе ин кор буд намешавад! Баъд ба дӯстон ёрӣ расонидан ҳам як навъ фидокорӣ-дия.

– Ба дӯст ёрӣ расонидан фарз аст, ҳоҷати касеро баровардан савоб аст, дасти афтодаеро гирифтан расми одамгарист, ба шарте, ки он ёрӣ ба фоидаи хоҳиши як нафару ба зарари манфиати даҳ кас набошад. Ба шарте ки раво кардани он ҳоҷат зиёне ба дигарон нарасонад. Ба шарте ки он афтода ноҳақ ҷабр дида бошад.

– Ман аз шумо ёрӣ пурсида омадам, шумо бошед, як гапҳо мезанед, ки…

– Ёрие, ки аз дасти ман меоянд, агар саволҳои нофаҳмаш бошад, бачаҳо пурсанд, ман донам ҷавоб медиҳам. Баъд, мана хона ба ихтиёрашон, то буд шудани корҳояшон дар ҳамин ҷо истанд.

– Фақат бо ҳамин кор буд мешуд-ку кирои ташвиш ва илтимос надошт, лекин буд намешавад-дия. Ягон одами сари кор, ягон «кушандаашро» ёфта, гапзанон карда мемондем, баъд одам хотирҷамъ мегашт.

– Рости гап, ман ягон «кушандаашро» намедонам ва ваъда дода шуморо ҳам хотирҷамъ карад наметавонам, - гуфт дилтангона Баҳром ва рост ба чашми Абӯшаҳид нигоҳ кард. Ва дар андоми ӯ ягон зарра осори хиҷолат ва ба хиҷолат монанд ягон ҷунбиши ботиниро надид.

Лекин Абӯшаҳид дили осон-осон аз нияташ даст кашидан надошт. Вай гуфт:

– Дониши бачаҳо он қадар бад не, фикри муаллимонашон нағз, қариб аъло тамом карданд, лекин шароит ҳамин хел шуда мондааст. Ҳамин хел шудааст, ки агар ягон одаматон набошад, «ҳо бале» гуфта наистад, муред, ба ҳалқатон об намечаконанд.

«Муред, ба ҳалқатон об намечаконанд» - воҳима албатта, лекин ҳар кас мувофиқи фаҳмиш ва ҳимматаш гап мезанад, Абӯшаҳид ҳам… Барои ҳамин пасту баландаш бисёр зиндагия, барои ҳамин ислоҳаш душвор. Бо вуҷуди ин тарзи сухани ӯ Баҳромро хуш наомад. Як фаҳмишу бинише, ки гапашонро мешунавию ба вуҷудат хунукӣ медарояд, чунин ҳиссе пайдо мешавад, ки гӯё дилу ҷигарат ях бастааст. Аммо дар дунё одобу муошират гуфтанӣ гапҳо ҳаст, ки одам хоҳу нохоҳ бояд риоя кунад. «Шумо ба ман маъқул не хезед, равед!» - гуфта намешавад. Зиндагӣ саҳнаи калонест, ки якбора ҳам мазҳака намоиш медиҳанд ва ҳам фоҷиа ва Одам хоҳу нохоҳ бояд тоқате дошта бошад, ки ҳардуяшро дар як вақт тамошо карда тавонад.

– Шумо бисёр воҳима накунед, - гуфт Баҳром. – Мақсад аз имтиҳони қабул санҷиши дониш аст. Агар донад, бе дахолати мову шумо ҳам мегузарад.

– Пештар ҳамин хел буд, ҳоло не! Ҳоло киса ва вазнин пушту панохро месанҷад, - гуфт Абӯшаҳид бо оҳанге, ки чунин корҳоро на як бору ду бор кардааст ва ба ақидаи худ эътимоди том дорад. Ва беовоз хандид. Чашму лабаш хандид.

Вай возеҳ мефаҳмид, ки ин сӯҳбат барои Баҳром гуворо нест. Вале ҳоло барои ӯ ҳолати рӯҳии Баҳром аҳамият на-

дошт, ҳоло муҳиммаш он буд, ки ба ҳар сурат бошад – бо хирагӣ, бо вонамуди бечорагӣ ва афтодагӣ, ба мақсад расидан даркор – гӯр сӯзаду дег ҷӯшад. Ҳоло ки худаш дар мавқеи корафтода истодааст, ба ҳар ҳолат тоқат кардан мумкин. Ин лаҳзаҳое, ки вай худро ҳақир мегирад, пагоҳ фаромӯш мешаванд, таги инро кӣ кофта гаштааст? Мурод ҳосил гардад, ҳамон мемонад. Ҳаминаш муҳим, ҳаминаш лозим.

– Намедонам, ақлам намерасад, - гуфт Баҳром. – Намефаҳмам, ки чунин овозаҳо аз куҷо паҳн мешаванд?

– Инҳо овоза нестанд, - ҷавоб дод Абушаҳид ба андак зарда. – Инҳо зиндагии имрӯзаи мо ҳастанд. Мо ҳар рӯз ба ҳамин хел одамо корафтод мешавем. Зиндагии дигаре надорем. Як чиз диҳед, як чиз мегиред, надиҳед, намегиред. Инро ман бофта набаровардам, зиндагӣ маҷбур кардааст маро ба ин корҳо. Шумо медонеду худро дунёбехабар мегиред, ё ки корафтод нашудаед. Чӯб харед ҳам ҳамин аҳвол, ба шифохона равед ҳам аҳвол ҳамин, дар ҳама ҷо хурӯс як хел ҷеғ мезанад. Одамон аз хушӣ не, аз ночорӣ харҷу хароҷоти илова мекунанд. Одамон як сол пеш тайёрӣ мебинанд – ёру ошно меёбанд, саёҳатҳо ташкил мекунанд, зиёфатҳо медиҳанд, ваъдаву ваид мекунанд. Шумо бошед, мегӯед, ки «намефаҳмам!», гӯё намешунаведу намебинед.

– Ҳама не, ҳама ин хел намекунанд. Баъд кори хуб намекунанд ҳамон одамҳои мекардагӣ. Онҳо кунанд, Шумо накунед! Оқибаташ хуб не ин корҳоя. Аввал ин ки бачаҳо дангоса мешаванд, баъд зарари ин дангосаҳо ба ҷамъият мерасад – одамони тайёрхӯри ноӯҳдабаро сари кор меоянд. Боз фардо ин дангосаҳои ҳамаи ҳунарашон воситашавию воситаёбию воситабозию ба оқибати рафтору кирдорашон бепарво, кадрҳои ба мислу монанди худ тарбия мекунанд ва медонед, ки ҳоли ҷамъият чӣ мешавад? Олам вайрон мешавад!

– Э ман ба олам чӣ кор дорам! – Боз лабону чашмони Абӯшаҳид хандиданд, вале ин хандаи дӯстона не, балки хандаи заҳромези пичингдоре буд.– Барои ман муҳимаш ҳамин ки ба бачаҳо ёрӣ расонед, хондагиҳояшон беҳуда наравад.

Ва Баҳром фаҳмид, ки гапҳои ӯ ба гӯши Абӯшаҳид намедарояд, таъсир надорад. Дилаш сиёҳ шуд. Бухс кард. Баъди ранҷида, қаҳр карда рафтани Абӯшаҳид вай дар саҳни хурдакаки ҳавлӣ пасу пеш қадамзанон фикр мекард, ки агар одам неку бадро фарқ накунад, ва агар хосту имкони каси

дигар дар назари ӯ чун як чизи номавҷуд бошад ва агар қадри касбу ҳунарро надонад ва агар он қадар ғафлатзадааст, ки фикр фикри худам, санги ман даҳ ман, гӯён дигар ҳама чизҳоро ба эътибор нагирад ва агар аз оқибати кори худ дар ташвишу тараддуд набошад, дар ҳақиқат ин дардест, ки даво надорад – гап занӣ, ба гӯшаш намедарояд, чунон ки ба гӯши Абӯшаҳид надаромад. Чӣ хел гап маъқул мекунонӣ ба ин хел одамҳо? Душвор шудааст муомила кардан ба одамҳое мисли Абӯшаҳид.

Ҳурматбибӣ, завҷаи Баҳром, ду-се бор ба остона баромада нигоҳ кард: ин мардак чаро хона намедарояд? Ва ҳар бор ҳам дид, ки Баҳром сараш хам пешу қафо меравад, мазмун фикре азобаш медиҳад. Ба вай оромӣ даркор, вай бошад ғами саломати худашро намехӯред. Ҳеҷ аз таҷрибаи рӯзгор ибрат нагирифт ин мардак. Мегӯӣ, мегӯӣ, боз мебинӣ, ки бо кадом андешае ҷонашро дар азоб монондааст.

Ва ин дафъа Ҳурматбибӣ чеғ зад:

– Биёед, як пиёла чои гарм хӯред.

Баҳром ба хона даромад. Ҳардуяшон дар дивон нишастанд:

– Чӣ шуд ба шумо? – пурсид Ҳурматбибӣ. – Худатонро ин қадар гирондаед?

– Ҳамин кирдорҳо маро хаста мекунанд, кӯфта мекунанд.

– Эътибор надиҳед, ба ҳама хуш омадан мумкин нест.

– Чӣ хел эътибор намедиҳӣ?! Абӯшаҳидро бин, агар ба нияти вайронаш шарик шавӣ, кори нодурусташро буд кунӣ, аз ту хурсанд, беҳтар аз ту дар ҷаҳон касе нест.

– Ҳамон ҳам як муддати муайян, баъде ки кораш буд шуд, фаромӯш мекунад.

– Агар шарик нашавӣ, корашро буд накунӣ, аз ту меранҷад, аз ту дилмонда мешавад, туро ба худ душман мегирад.

– Э, кори онҳо буд шудан надорад, ҳар рӯз наваш ёфт мешавад.

– Сад бор буд кунию як бор не гӯӣ, меранҷад. Як бор фикр намекунад, ки рафтораш нодуруст. Дар ҳама ҷо, дар кӯчаю чойхона туро бад карда мегардад ва ба исботи ҳаққонияти худ аз рӯзгори гузашта ва ҳодисаву воқиаҳои он саду як мисол меёбад.

– Хайр, ёфтан гирад. Ин қабил одамон дар мисолбиёрӣ хеле ҳунарманданд. Аз ҳар кору бор, аз ҳар ҷои рафту омад,

аз ҳар ҳамсӯҳбату ҳамнишаст ва ҳатто аз ҳар хандаву нигоҳи ту ба манфиати даъвояшон далеле ёфта метавонанд! Ба ҳамин ҳам ғам хӯрем?

– О мисол ёфта кирдори худро ҳақ ва рафтори туро ноҳақ мебароранд. Боз чандин касоне ёфт мешванд, ки аз бехабарӣ ба ин бадгӯиҳо бовар мекунанд ва ғоибона туро бад мебинанд, «одами бад будааст» мегӯянд. То аз ҳақиқати ҳол бохабар мегарданд, чӣ қадар дилҳо хун ва чӣ қадар асабҳо хароб мешаванд.

– Ҳаминро ки медонед, дилатонро хун накунед. Бо ғам хӯрдани шумо онҳо нек намешаванд.

Телефон занг зад. Ҳурматбибӣ ба даҳлез баромада гӯшаки телефонро гирифт ва ҷавоб дод, ки: нест!

– Кӣ будааст? – пурсид Баҳром.

– Ҳайдар, - Исломро пурсид, - ҷавоб дод Ҳурматбибӣ ва ба ошхона гузашт.

«Ошнои ман Абӯшаҳид, Ҳайдар ошнои Ислом, - гуфт дар дил Баҳром. – Ҳардуяш ҳам одами ҳалол не. Чӣ шудааст ба мо? Яке ҳаромкор, дигаре фиребгари дурӯғгӯ ва ҳарду гӯё дӯстони мо. Чӣ шудааст ба мо ва ба ахлоқи мо?»

Ҳамин ҳунари дар кору дар муомила фиреб додан ва дар айни замон ба хубӣ ном баровардан яке аз маъмултарин хислати одам дар даврони мост, ки ба Ҳайдар барин шахсҳо обрӯю эътибор меоварад. Хислати бади инсонист ин хислат, вале дар ҳаёт, ки ин қадар печутоб дорад, ба дигарон ҳам гоҳ-гоҳ бисёр зарур мешавад. Баҳром аз таҷриба медонад, ки фиреб дар муҳити зисти вақт ба дигар одамон ҳам гоҳо хеле зарур мешавад, то ки гиребон аз дасти тааррузи ҳаводиси нохуши рӯзгор халос бикунад, аммо худаш дар амал истифода карда натавонист, ки натавонист; агар дурӯғе гуфтанӣ шавад ва ё ваъдаи хоми беоқибате дода, домонашро аз дасти илтимосгар халос кардан хоҳад, ба назараш, ки кадом як қувваи ғайбӣ забонашро аз паси сараш кашида мегирад; гумон дорад, ки мардуми рӯи олам ба ҳолаш талх механданд.

Ҳурматбибӣ дастархони рӯи мизро ғундошт, як латтаи нимтар ба даст гардҳои пеши тиреза ва ҷевони китобро тоза кард; ба ошхона рафта як чойник чою як пиёла овард, чойникор дар як гӯшаи миз дар тақсимчае монд, се бор бод дода гардонд ва аз Баҳром пурсид:

– Боз ягон чиз даркор?

– Не, ҳеҷ чиз даркор не, - гуфт Баҳром.

Дар хона нишастан ба дилаш нағунҷид ва Баҳром кӯча баромад. Ҳаво гарм, аз замин бӯи асфалти кӯҳна ва чанги сӯхта меомад. Кӯчаҳо рангпарида, вале пурҳаракату пурсадо буд ва ҳузне дошт ва мисли ҳузни биёбон дар тамузи тобистон.

Академик Мансури Умрӣ дар ҳамин лаҳзаҳое, ки Баҳром ба дидорбиниаш меомад, дар кабинет нишаста бо инструктори КМ сӯҳбат мекард.

«Қӯзиев бисту як сол боз дар ҳамин соҳа кор мекардааст – гуфт инструктор, – Дар аризааш ҳамин хел навиштааст. Боз навиштааст, ки дар ҳамаи ин муддат роҳбарияти институт ба вай чун ба як бозича муносибат мекунад ва ба ҳар восита ба кори илмиаш халал мерасонад ва ҳеҷ имкон намедиҳад, ки қобилияти илмиашро зоҳир кунад». «Бисту як сол боз дар ин ташкилот кор карданаш гапи рост аст, - гуфт Мансури Умрӣ. – Ва боз дурусттар мешавад агар гӯем, ки бисту як сол мунтазам маош мегирад. Унвони илмӣ ҳам дорад, лекин илм надорад. Шароит барои ҳамаи ходимони илмӣ як хел аст, лекин қобилияташон як хел не. Қобилҳо асар менависанд, нашр мекунанд, ноқобилҳо асари арзишдоре он тараф истад, ҷумлаи солим навишта наметавонанд ва бояд, ки аз маъмурияти институт не, балки аз худашон гила кунанд». «Қӯзиев менависад, ки ҳабдаҳ китоб ва як саду шаст мақола навиштааст. Агар беқобилият мебуд ин қадар маҳсули илмӣ аз куҷо пайдо мешуд». «Шумо он китобҳову он мақолаҳоро хондаед?» «Нахондаам, вале дар кадом нашриёту дар кадом матбуот чоп шудааст, дар мактубаш навиштагӣ». «Шояд одати бади мо он бошад, ки солҳои дароз ин хел одамонро дар муассисаҳои илмӣ нигоҳ медорем?» «Нигоҳ медорем, чунки аз кор пеш кардан мумкин не. Диплом дорад». «Модом ки диплом дорад, ягон илоҷашро ёбед, ки шикоят накунад. Боз аёлманд ҳам будааст». «Агар шумоён ба шикояти ин қабил одамон аҳамият надиҳед, онҳо ба ҷои шикоят ба илм машғул мешаванд. Барои ин навиштаи онҳоро хондан лозим то бидонед, ки чӣ қимате дорад». «Ба ҳар навъ ягон илоҷашро ёбед, ки коллектив вайрон нашавад». «Коллектив аз азал аз рӯзи бунёди институт вайрон шудагӣ». «Вазифаи мову шумо обод кардани коллектив аст».

Мансури Умрӣ ҳам медонад, ки мақсад обод кардан аст, вале зӯраш намерасад. Як нафару ду нафар агар дар қудрат алломаи академикҳо бошад ҳам ин вайронаро обод карда наметавонад, чунки бунёд надорад, аз бех футур рафтааст. Барои

ободии илм мактаби обод даркор, таълими солим даркор, хати анъанавии халқро барқарор кардан даркор, то ки манбаи дониш дастрас бошад…

Мансури Умрӣ пас аз гусели инструктори КМ дар сари ҳамин фикрҳо буд, ки ба кабинеташ Баҳром даромад.

Баҳром бехабар аз дарди Мансур дарди дили худашро гуфт. Гуфт, ки на фақат худи инсоф, балки калимаи инсоф аз истеъмол баромадааст. Ва Шумо тасаввур бикунед, ки замоне шаваду ҳама одамон аз инсоф даст кашанд! Тасаввур карда метавонед, ки дар олам чӣ қиёмате мешавад?!

– Ин дар тасаввури ман намеғунҷад, – гуфт Мансур. – Чунки дар ҳар замон одамоне ёфт мешаванд, ки сарашон ба дор равад ҳам аз роҳи рост намебароянд. Каманд чунин одамон, лекин ҳастанд. Ҷамъияти одамӣ бе ин равнақ надорад. Дуруст ки зиндагии ин қабил одамон ба сахтӣ мегузарад, вале ин масъалаи дигар аст.

– Ҳа, – оҳ кашид Баҳром, - ин масъалаест, ки асрҳо боз аҳли хирадро хуни дил кардааст. Чи қадарҳо гуфтаанд, аз ин боб, вале боре ҳам воқеъ нагардидааст, ки ин гуфторҳо ба кирдор табдил ёбад.

– Орзуст он ҳама гуфторҳо, орзуи фарзанди инсон дар ҳама давру замонҳо. Хеле маърифати баланд даркор аст, ки инсон ба ин орзуяш бирасад. Гӯё ки мо дар роҳи чунин маърифат таку пӯ дорем, вале ман мебинам, ки роҳе ки мо равонем ба мурод намерасонад моро. Чи тавр ҳам ба мурод бирасем, ки масалан, олимонамон ғолибан одамоне ҳастанд, ки ақалан имкону иқтидори шахси худашонро фаҳм намекунанд ва аз нофаҳмӣ ба худ ниҳоят боэътимод ҳастанд. Ба дараҷае боэътимод, ки бемаънӣ будани навиштаҳояшонро эътироф намекунанд. Ҳамин хел олимони ҳӯқӣ бисёр шудаанд.

– Модом ки бисёр шудаанд, пас сабабе дорад, – гуфт Баҳром. – Имконияте будааст, ки бисёр шудаанд.

– Сабабаш ҳам бисёр будани онҳост. Бисёр ки ҳастанд, якдигарро таъриф мекунанд, ҳаво медиҳанд ва ӯ бовар мекунад, ки олими зӯр аст, бинобар ин дигарон ба ӯ ҳасад мебаранд ва ӯро рӯи об баромадан намемонанд.

– Одами наве, ки мо тарбия кардем, шояд ҳамин одамоне бошанд, ки имкону иқтидори худро намедонанд? Ва рӯз ба рӯз бештару бештар мешаванд?

– Тарбияи одами нав ба монанди тарбияи синфи коргари тоҷик як гапест, ки шунидан дораду дидан надорад. Ман

ҳозир аз тафтиш озод шудам, як олим шикоят кардааст. Вай ҳамроҳи мо кор мекунад: - суханашро давом дод Академик. – Шумо ӯро мешиносед. Қӯзиев. Вай бисту як сол дар соҳаи илм ва даҳ сол боз ҳамроҳи мо кор мекунад, даҳ сол боз майнаи одамонро гаранг мекунад. Ҳар сухане ки ба даҳонаш ояд, менависад, ҳар гапе ки шунавад, менависад, ҳар факте ки аз дастнависе ба чашмаш расад, менависад ва ранги дастхаташ хушк нашуда чоп кардан мехоҳад. Вай гумон дорад, ки ихтирое дар илм кардааст. Агар дар муҳокимаҳо ба ӯ гӯянд, ки «эй рафиқ, ҳар ҳарзаро навиштан ҳанӯз илм нест», ва ё дар идораи нашрияҳо ба ӯ гӯянд, ки «ба чоп намеарзад», як олам ғавғо мебардорад: «Чаро шумо нависед, илм будаасту ман нависам, илм не? Чаро навиштаи шумо ба чоп меарзидаасту навиштаи ман не? Магар ҳуқуқи мо баробар нест, як хел нест?!»

– Баробариро сахт бемаънӣ фаҳмидааст вай, - гуфт Баҳром. – Лекин ҳамин хел одамон аз моҳ наомадаанд. Ҳамроҳи мо калон шудаанд. Пас айби ману шумо ҳам ҳаст. Худамон гунаҳгор. Барои чӣ гӯед? Барои он ки вай олим ном дорад ва барои олим шудани ӯ ману шумо овоз додаем. Барои он ки вайро, ба ибораи худатон, якта худаш барин олим таъриф мекунад ва он олими ба вай монанд аз куҷо пайдо шудааст? Худамон тайёр кардаем. Мо аз кӣ менолем, ки айб аз худамон аст?!

– Шояд аз ягон ҷиҳат айби мо ҳам бошад, - Академик пешониашро хуб молид, гӯё аз он ҷо «ҳамон ҷиҳатро» бароварда ба Баҳром нишон додан мехост. – Шояд. Вале мо ба умеде овоз медиҳем, ки вай ихтисос гирад, касбашро ба камол расонад, дар илм мустақил шавад ва ҳақиқатан ҳам ихтирое кунад. Наход барои он овоз дода бошем, ки вақташро ба кор неву ба арзу шикоят сарф кунад?!

– Ба арзу шикояташ ҳам худамон дастак медиҳем, - гуфт Баҳром. – Чизҳои хом чоп мешаванд? Бале, чоп мешаванд! Кӯзиев он чизҳоро мехонад, ба ҳамон монанд карда менависад ва агар чоп накунанд, аламаш меояд.

Мансури Умрӣ хандаи бесадое кард ва ин ханда аз хушии ҳоли ӯ хабар намедод, балки дардолуд буд, ки «ҳамин қадар рӯзҳои сахтро дидаву ба моҳияти ҳукми давр сарфаҳм нарафтаӣ. Ман бо як мисоли хурдакак ба ту мефаҳмонам?»

– Пас, фақат мо айбдор, вай гуноҳе надорад? – гуфт вай бо ҳамон ваҷоҳати хандони дардолуд. – Не, дӯстам! Ин хел

намешавад. Ин дуруст нест, ки як кас гуноҳ кунаду ҷазояш ба дӯши дигаре афтад. Ба кирдор ҳар кас бояд худаш ҷавоб диҳад, дар акси ҳол гунаҳкорон эрка мешаванд. Ҳамин Қӯзиев барин. Медонад ки ба идораҳои боло шикоят кунад ӯро тарафдорӣ мекунанд. Барои ҳамин кори ҳалол не, балки фақат даъво мекунад. Даъво карда мегардад: «маро рӯи об баромадан намемонанд, ман шикоят мекунам, ба куҷо шикоят карданамро медонам». Ва шикоят ҳам мекунанд, хуни чанд касро вайрон мекунанд, бадном мекунанд.

– Ҳа, осон не бо ин хел одамон кор кардан, – тасдиқ кард Баҳром.– Ҳарчанд мегӯянд, ки хислати бад ҷазои соҳибаш, ин қабил одамон ба ғайри худ, ба дигарҳо ҳам зарар мерасонанд, гоҳо афкори моро вайрон ҳам мекунанд. Ин ба маърифати кас вобаста, ки боз ба худамон мерасад. Рӯякӣ таълим додаем онҳоро. Дониши рӯякӣ гирифтаанд ва ба ҳамин сабаб шиори баробарии ҳуқуқи одамонро амиқ дарк накардаанд. Даъвоҳояшон низ аз ҳамин ҷост: модом ки дар ҳуқуқ баробар ҳастем, пас чаро дар илм баробар набошем?!

– Маразанд инҳо, мараз, ва ба мисли ҳар як мараз ба тани солим зарар доранд, - бо ҳавои даст ҳар калимаро таъкидкунон гуфт Академик. – Ба монанди як маразанд, ки ҳанӯз табибон усули табобати онро наёфтаанд ва ман аз сирояти он бисёр метарсам.

Аз ин сӯҳбат дили Баҳром кушода нашуд. Хаста буд, боз хастатар шуд. Ҳозир як ҷое бошад, ки равию чорта дами беғам занӣ. Лекин ку ҳамин хел ҷо? Дар шаҳр ягон ҷое нест, ки одам раваду ба муроди дил дам гирад. На чойхонаи ободе, на боғи дилхоҳе. Ҷои истироҳат надорад ин шаҳр… Ва Баҳром бо ҳамон ҳоли афтодарӯҳие, ки назди Мансур омада буд, бо ҳамон аҳвол ба хона баргашт. Вай ба хона омаду дар дивани кӯҳна нишаст. Ният дошт, ки имрӯз навиштани хотироташро давом медиҳад, вале ҳавсала надошт. Ғайрату мадораш кам шудааст, он қуввату шавқи пештара нест. Пештар дар ҳар мавриду дар ҳар хел шароит кор карда метавонист. Ҷои кор надошт, вале кор мекард. Дар редакция рӯзонаҳо ахбор менавишт, таҳриру тарҷума мекард, боз шабҳо дар хонаи иҷора китоб мехонд, китобат мекард, шеър менавишт, вале хаста намешуд, кор ба дилаш намезад. Гоҳо вақт холӣ монад, намедонист, ки сарашро ба куҷо занад – азоб мекашид. Бекорӣ азоб буд, акнун кор азоб шудааст. Фикр ҳам равшан нест, мақсад ҳам равшан нест. Мақсад на-

бошад, фикр аз куҷо мешавад?! Вақтҳое ки мақсад равшан буд ва ӯ ба фаро расидани даврони адлу адолат зарае шубҳа надошт, даст аз фикр ақиб мемонд – фикр ғалаёнкунон чун оби равон ҷорӣ мешуд, вале дасту қалам қудрате надошт, ки ҳамаи онро фаро гираду сабт кунад. Ҳатто дар бадарға, дар ҳолате, ки ғайр аз чӯббурӣ дигар корҳо қатъиян манъ буд, дилаш ба кори эҷодӣ гум мезад. Ва як орзу дошт – вақт бошаду вай нависад. Ҳоло шароит ҳаст, вақт ҳаст, вале мадор нест, шавқ нест.

Имрӯз ҳам ҳавсалаи кор нест.

II

Шаҳре ки ҷои истироҳат надошт, ба ҷашн тайёрӣ медид – шастсолагии бунёдашро ид карданӣ буд. Ба ин муносибат рӯзномаҳо мақолаҳо чоп мекарданд, шоирон шеър менавиштанд, рассомон расм мекашиданд ва олимон супориш гирифтанд, ки китобҳо нашр бикунанд.

Бино ба он чизҳое, ки дар матбуот чоп мешуду Баҳром пайваста мехонд, ин шаҳр аз беҳтарин шаҳрҳои дунё буд, ки назирашро то даврони социалистӣ касе надидааст ва ин шаҳрро мушобеҳ ба боғу бӯстону гулистон ба қалам медоданд, додари Москову Бухорои замон медонистанд. Ҳамаи ин сифатбандиҳои ҳаррӯза ва машқи намоиш, ки ҳафтае як бор дар Хиёбони Калон бо ливою суратҳо барпо мегардиду оҳанги марш фазоро пур мекард, бояд ба дили Баҳром тараб меандохт, рӯҳашро мебардошт, вале ҳар қадар бештар рӯзнома хонаду садои ураву оҳанги маршро зиёдтар шунавад, ҳамон қадар ҳузнаш меафзуд ва пакар мешуд. Пакар мешуд ва дар ин хел ҳолатҳо чун одат чеҳраи Шогадо пеши назараш меомад, ки зимистону тобистон дар айвони ҳавлии калони писараш Раҳимбой, рӯи як пӯстаки кӯҳна, даруни чакманаш лӯнда шуда мехобид ва аз ин зиндагии залилона на худаш парвое дошт ва на писараш шарм мекард. Баҳром низ боре аз Шогадо напурсидааст, ки чӣ ҳол аст ин? Акнун медонад, ки ҳоли маълуме будааст он ҳол – дарди ҳар кас ба худаш маълум будааст, дарди як кас барои каси дигар афсонае беш набудааст. Кӣ медонад, ки Шогадо дар дил чӣ дардҳо дошт? Дарди дилашро касе намедонист, лекин ҳавобаланду даҳонкалониаш ба ҳама маълум буд – бехабар аз ҳоли табоҳи худ, касерову чизеро писанд намекард, ҳама

касрову ҳама чизро наҳ мезад. Бинад ки касе мӯи сар мондааст, бе ҳеҷ мулоҳиза дар рӯяш мегуфт, ки «боботро ба кафани талабида гӯр карданд, додот эзор надошт, ту ба ин сикаву сомон?! Ҳе, дар ҳалқи ту бефаросат…» Шунавад, ки касе болохона мепӯшонад, заҳр мезад, ки «то дина додош аз ман чарбу талабида кафидагиҳои пояшро доғ мекард акнун ин кас болохона мепӯшонидаанд?! Э, дар ҳалқат… безурёт!»

Зимистон одами нодаркор буд Шогадо, лекин тобистон даркор мешуд – мардум ба девлох, ё ба боғот мерафтанд ва деҳа холӣ мемонд. Ба ихтиёри тагалу такабонҳо мемонд, ки асосан бачаҳои дувоздаҳ-сенздаҳсола буданд ва одатан Шогадо сардорӣ мекард.

Бештари тагалу такаҳо азони Раҳимбой буд, бинобар он «рама» шаб дар ҳавлии ӯ хоб мерафт. Бачаҳо ки одатан ду ё се нафар буданд, рӯи боми ҳезумхона, аз тарафи поении ҳавлӣ ҷои хоб меандохтанд, ки шамолрасу кампашша аст ва аксаран баробари сар ба болин мондан хобашон мебурд. Баъзан дар ҷогаҳ дароз кашида, аз ҳар ҷо гап сар мекарданд ва агар сӯҳбат ширадор шавад – афсонаи хубе бошад ё аз ҳусни духтарон гап равад, хобашон мепарид ва бисёр вақт бехабар мемонданд, ки шаб аз нисф гузаштааст. Дар чунин мавридҳо Шогадо саҳарӣ онҳоро қариб бо зӯрӣ бедор мекард.

– Хезед, хезед, паҳлавонҳо, – гӯён кӯрпаро аз рӯяшон мегирифт. – Хезед, ки дер шуд.

Дар тӯли чиҳил-панҷоҳ рӯзе, ки мавсими тагалбонӣ давом мекард, онҳо Шогардоро сад бор бад медиданд ва саду як бор аз ӯ миннатдор мешуданд. Тагалу такаҳоро онҳо ба чаро мебаранд, онҳо лаби дарё фуроварда об медиҳанд, рӯзонаҳо онҳо бурда дар сояи чормағзҳо ва ё сояи ягон шах хоб мемонанд, баъди пешин боз онҳоро хезонида ба чаро мебаранд, шаб ҳай карда ба ҳавлӣ меоранд. Алаф кам шавад, онҳо ба шабчаро мебаранд, вале бе Шогадо ҳама ин корҳо гӯё номумкин аст.

Магар бе Шогадо ягон кор дуруст ба субут мерасад? Такае қарор надорад – худро ба ҳар сангу чӯб мемолад, ба он чӣ шудааст? Аз Шогадо пурсидан даркор. Шогадо меояду мефармояд: «такаро дошта биёред». Дошта меоранд, вай сару гардани онро мемолад, дасту пояшро даст-даст карда мебинад ва оқибат аз зери нофаш як канаи кабуди калонро канда мепартояд. Така ором меёбад, вақташ хуш мешавад ва аз хурсандӣ бар ҳар моле, ки пешаш рост ояд, оҳистекак шоҳ зада мемонад…

Тагалчае чашми «чӯпонҳоро» ғофил карда, ба алафи юнучқаи шабнамдор даромада, муддаои табъ хӯрдааст, ки шикамаш дам кардааст, нафас гирифта наметавонад, ҳамин замон торс мекафад. Чӣ бояд кард? Шогадо медонад. Вай меояд, тагалро муоина мекунад ва мефармояд, ки «бандед». Онҳо тагалро мебанданд, Шогадо аз шохи бед як навдаи ғафс мебурад ва он навдаро ба даҳони тагал андохта, боло қат карда мебандад – тагал химчаро хоидан мегирад ва баъди андаке асли қадим мешавад.

Дунбаи панҷӣ торс кафидааст ва аккаҳои шум даст ёбанд, нӯл мезананд – ҷонвари безабон як нафас оромӣ надорад. Шогадо илоҷ меёбад – як порча намади кӯҳнаро гирифта ба дунбаи он медӯзад… Не, бе ӯ аҳволи баде медоштанд.

Онҳо қадршинос буданд, Шогадоро ҳурмат мекарданд ва баробари ин аз ӯ хафа мешуданд, ки одамро намемонад ба майли дилаш хоб равад. Хусусан саҳариҳо хоби ширини касро ҳаром мекунад. Азроил барин дар сари ҷогаҳ меистад, ки «хезед, хезед!»

Одами беҳастӣ буд Шогадо. Манфиате аз он тагалу такаҳо ба шахси ӯ намерасид, фоидаашро худо медонад, ки киҳо медид, бо вуҷуди ин вай аз таҳти дил хизмат мекард. Он қадар меҳрубон буд, ки алафи гирду пеши деҳа ҳар қадар кам шавад, ӯ бачаҳоро ҳамон қадар барвақтар аз хоб мехезонид.

– Дар торикӣ ҷонварҳо ҳар хасу хошоке пеш ояд, мехӯранд, – бо далел ба сари онҳо меомад ва лаби кӯрпаро мебардошт. – Зудтар хезед, ки рӯз сафед шуда истодааст.

Агар «рама» хасу хошоки пая ва вотҳоро лесида тамом кунад, вай баҳонаи дигар меёфт.

– Зудтар хезед, ки нами қоқдонҳо напарад, ин ҷонварҳо чорта даҳон зананд, – мегуфт ӯ албатта ваҷҳ пеш оварда. – Шикам хорида хоб наравед, ки шиками молҳо ба пушташон часпидааст. Хезед, паҳлавонҳо!

Тобистон ба ҳамин тариқ мегузашт бо Шогадо. Як зиндагӣ, як машғулият ва як фикр доштанд, вале баробари гузаштани мавсим тагалу такаҳоро бурда ба рамаҳо якҷоя мекарданд, ҳар кас ба хонаи худ, ба оилаи худ мерафт ва Шогадо як каси нодаркор мешуд. Боз ҳамон кунҷи айвон, боз ҳамон либосу палос ва то тобистони дигар танҳо! Ба чӣ умеде зиндагӣ мекард вай? Худаш медонисту худо.

Баҳромро хаёл бурд. Вай рӯи хараки кӯҳна менишаст. Дар ҳамин ҳолати ҳаёлолуд ногаҳон нигоҳаш ба сояи девор час-

пид: тахтадевор аз қади одам андаке баландтар буд ва сояи кӯтоҳи он акнун пояи райҳони пургардро лесам мегуфт.

Аз хиёбони калон оҳанги марш ба гӯш мерасид. Канда-канда садои «ура!» ҳам мебаромад. Машқи тантанаи ҷашн давом дошт.

Ҳурматбибӣ дар ин муддат чанд бор ба берун баромада, боз даруни хона даромад. Курпачаҳоро бароварда дар долон таконида аз нав андохт, бо кафшакош шалап-шулупкунон ба рӯи ҳавлӣ фуромада дар обреза табақу коса шуст, хона даромада ҷо ба ҷо монд, боз омада як сатил об гирифта рафт. Занаки ҳамсоя, ки гоҳи хаму рост шудан, синаҳои калону ронҳои ғафсаш намоёш мешуданд, либосҳои шустаашро аз тағора бароварда тор кашид; дар ҳавлии пушт чирроси хук, ки бо примус месӯзонданд ба охир расид. Вале Баҳром аз сояи девор чашм наканда менигаристу менигарист, гӯё ки мӯ ба мӯ ёзидани онро таҳқиқ мекард.

Вай ба сояи девор нигоҳ карду нигоҳ карду нигоҳ кард ва сояи шах, бодомзор, воту вараҷи сералаф, дарёи тезгузар, чормағзи пире, ки сояаш молхобрав аст ва боре ваю Абӯшаҳид дар ковокии танааш руст шуда рӯзаашонро хӯрда буданд, паи ҳам аз пеши чашмаш мегузашту мегузашт. Ва якбора дилаш гумм зада рафт.

Ба сояи шахи Ҳамакон дилаш гум зад, ба ҳамон сояе, ки чандин сол боз надидааст. Ба деҳа, ба бодомзор, бо санглоҳи қади дарё дилаш гум зад. Пазмон шудааст вай Ҳамаконро. Оби чашма, бӯи арча, хазони қади ҷӯ ва шӯракҳои паси деворро пазмон шудааст.

Дар ҳамин вақти рӯз сояи шахи калон косагии Бодомзор ва Шахи Садоро пӯшонида, забонёзону лаблескунон ба тарафи деҳа ва дарё фуромада истодааст ва ҳар қадаре ки забони он дарозтар шавад, ҳавои деҳа ҳамон қадар серун мегардад. Гардиши он соя дар айёми наврасии ӯ гардиши вақт буд – дарозию кӯтоҳиаш вақту соати рӯзро нишон медод. Мардум ба гашти он соя нигоҳ карда моли оғилашонро сар медоданд ва ё оварда мебастанд. Намозхонҳо ба ҳамон соя нигоҳ карда намози пешину намози шом мехонданд. Моҳи рамазон баъди гашти рӯз рӯзадорон дам ба дам ба он соя менигаристанд – то рӯзакушоӣ боз чӣ қадар вақт ҳаст? Рӯзҳои тобистон бачаҳои тагалу такабон аз рӯи гардиши ҳамин соя молашонро об медоданду мехобониданд, ё ки аз хоб хезонда ба чаро мебурданд.

Он вақтҳо деҳа буд Ҳамакон, баъд шаҳрак шуд. Мегӯянд, ки як вақтҳо шаҳр ҳам будааст. Кӣ медонад таърихи ин олами кӯҳнаро? Ҳар хел нақлу ривоятҳо ҳаст, лекин таърихи аниқе надорад. Таърихи Ҳамакон, ба монанди таърихи замин, ба мисли санади муқим шудани фарзанди инсон дар ягон макон тахмину фарзияҳои зиёде дорад, вале ҳеҷ кас аниқ намедонад, ки хишти аввали бинои онро кӣ, кай ва дар кадом давру замон гузоштааст. Ниҳоят қадимӣ, бо мисли модари тоҷик, ба мисли афсонаҳою суруди аллаи тоҷик қадимин қадимист ин шаҳрак ва дар китобҳои таъриху ҷуғрофияи ду ҳазор соли охир бо чандин ном ёд шудааст ва саргузаштҳои қаҳрамонию фоҷиавии бисёре дорад.

Баҳром дар ҳамин шаҳрак, дар гузари Сари ҷӯ, дар даҳсолаи дуввуми қарни бист, дар оилаи марди миёнаҳол ба арсаи вуҷуд омад. Падари ӯ Холиқ, ки мардум ба сабаби ҳалолкору ҳалолхӯр буданаш Холики Соф мегуфтанд, соҳиби камтар замини обӣ, камтар замини лалмӣ ва камтар моли майдаву калон – бузу гӯсфанд, хару гов буд ва панҷ фарзанд – се писару ду духтар дошт. Вай ҳар сол аввали баҳор ва ё охири тирамоҳ ғаллае, аксаран гандум кишт мекард ва то вақти дарав бофароғат мегашт. Вақти дарав ки расид, ғаллаашро даравида, дар сари замин ғарам мезад ва боз чанд вақт миёни яла мегашту ягон рӯз ҳавсалааш шавад ғалларо ба хирман андохта, кӯфта дону коҳашро ба анбору каҳдон мекашонд ва боз фароғат карда мегашт. Бузу гӯсфандашро байъ карда ба чӯпон месупорид, гову хар дар оғл меистод, ки обу алафашро бачаҳо ва ё очаи бачаҳо медоданд.

Дигар ғаму ташвиш гӯё надошт ва соле ду ё се бор ба бозор мол бурда аз он ҷо либосу чою ширавор харида меомад. Бо ҳамин, ба қавли худаш, зиндагиаш ба подшоҳӣ мегузашт. Барои одам боз чӣ даркор? Сарпаноҳат бошад, хӯрданиву пӯшиданӣ бошад, димоғата хуш дошта кайф карда гард! Мусофир шудану ҷангу ҷанҷол андохта ҷои гарми одами бисёреро хунук кардан чӣ даркор, ба кӣ даркор? Не, Исломи Неъмат нофаҳм калон шудаанд. Гап ҳам ба онҳо таъсир намекунад. Дур аз хона мегарданд. Байни мардум шӯр андохта мегарданд. Ин корҳояшон корҳои бекораву беҳуда. Оқибати хуб надорад ин корҳо. Худо ҳам намебахшаду бандааш ҳам. Бачаҳои беақл! Чӣ мехоҳанд?! Ҳамин тавр умрашон беҳуда мегузарад, чунки корҳояшон корҳои бекора!

Бахром писари хурдист ва маҳз барои он ки хурд асту ҳанӯз корҳои муҳиму зарури шахсӣ надорад, дастёрии асосии рӯзгор – ҳезумшиканӣ, харобдиҳӣ, оғилпоккунӣ барин корҳо ба ӯҳдаи ӯ афтодааст. Ва маҳз дар ҳамин давра, дар давраи наврасӣ вай дар маъракаву маросимҳо, ки бо ҳар сабабу маврид дар Ҳамакон зуд-зуд барпо мешуданд, дар қиссахониҳо, ки гоҳ-гоҳ дар меҳмонхона ва ё масҷид ба вуқӯъ мепайваст; дар ҷамъомадҳои айвони оҳангархона ва лаби бомҳо, ки мардон дар рӯзҳои хуш ғун омада аз ҳар сӯ дари сӯҳбат мекушоданд; аз чақ-чақи гирди дастархону лаби оташдон, ки зану мард сухани якдигарро бурида гап мезаданд, аз забони марду занҳо аз таърихи Ҳамакон нақлу ривоятҳои зиёде шунидааст.

Шунидааст, ки як замон Ҳамакон шаҳри шаҳрҳо будааст, модари шаҳрҳои Хуросон будааст, ки бозору растаҳо, корвонсарою тиҷоратхонаҳо, устохонаю нигорхонаҳо ва саду як хел ҳунарманду саду як хел дӯконҳо доштааст ва рӯди калон, ҳамин рӯде, ки ҳоло дарё мегӯянду ҳо аз поёнтари шаҳрак, аз паси теппаи ба ном Қалъа мегузарад ва ҳоло аз ҷиҳати маъмурӣ – пас аз охирин тақсимоти замин, - чун сарҳади ду давлати сохти иҷтимоиаш гуногун хизмат мекунад, ҳамон вақтҳо аз адл миёнаҷои шаҳр мегузаштааст ва ҳар ду канораш ҳам ободон будааст. Вале пеш аз солшумори нав ин модари шарҳоро македониҳо талаву тороҷ ва ба хок яксон кардаанд. Баъди аз ҳам рехтани империяи Искандари мақдунӣ, ки ба ивази истилогарӣ, ҷабру ситам ва хонумонсӯзии кардааш дар ҳаштсад соли охир шоирону олимони мулк ӯро шоҳи одилу файласуфи ботадбир гӯён ба васфаш достонҳову рисолаҳо навиштанд – Ҳамакон аз нав қомат афрохтааст, вале фақат дар як канори рӯд, дар тарафи росташ.

Дертар ин шаҳру осорашро арабҳо оташ задаанд – шаҳрро, одамонашро, китоби муқаддасашонро сӯхтаанд ва ба сазои ин ки мардони мардаш чаҳордаҳ сол таслим нашуданд, чаҳордаҳ соли расо ба асорат сар фуруд наоварда ҷанг бо мушту бо дандон кардаанд, дар сари хокистартӯдаи шаҳр дастаҳои мусаллаҳро посбон мондаанд – сӣ соли расо посбонӣ кардаанд, ки – «шаҳри осӣ» аз нав зинда нашавад.

Бо вуҷуди ин ҳама вайронкориҳо минбаъд ҳам дар ин макон ободию харобӣ ҷой иваз кардан гирифтааст. Муғулҳо омаданд, манғитҳо омаданд – куштанду сӯхтаанду бурдаанд ва ҳама ин даҳшатҳои хонумонсӯз, ки ба сари Ҳамакон ома-

даанд, мисли заминро зер кардани оби азоб, давоми ҳаёти ин халқу ин мулкро қать карда натавонистааст, ҳарчанд ки асоратҳои чандинасра ва муқобилиятҳои қаҳрамононаи зина ба зина бетаъсир ҳам намондааст – халқро монда кардаанд, ҳавсалаашро пир кардаанд, хунашро сард кардаанд.

Ҳофиз Акбари Абрӯ чунин мегуфт. Вай як танбӯр дошт ва танбӯрашро дар ҷилд андохта ҳамроҳаш гирифта мегашт. Шаҳр ба шаҳр, деҳа ба деҳа мегашту достон мехонд. Достонҳояш бисёр буд – ҳафтоду ҳафт достон медонист, дар ҳар достон як пушт ва дар ҳамаи достонҳо корзори ҳафтоду ҳафт пушти мардуми диёрро васф мекард ва қариб ҳамеша, дар оғоз ё анҷоми ҳар як достон ба сомеон муроҷиат менамуд, ки: «Таърихи Ҳамакон ба ривояти аз гилу нур офаридани Ҳазрати Одам шабоҳат дорад. Қисмати бошандагони Ҳамакон ба тақдири Одаму Ҳавво монанд аст. Ба мисли он аст, ки гили Одамро сириштанд ва пеш аз он ки ба қолаби тан ҷон даронанд – нур даронанд, шайтони лаим галаи аспҳоро ба васваса андохт ва гала гили Одамро ҳафтоду ду бор поймолу қолабро вайрон кард. Ба он шабоҳат дорад, ки Одаму Ҳавворо аз ҷаннат ронданд, то ки аз неъматҳои фаровон бебаҳра монанд. Вале Одам ба рағми шайтон ба вуҷуд омад ва Одаму Ҳавво аз гуруснагӣ намурданд. Мо ҳам нест намешавем, мо ҳам намемирем.

Ҳамин хел бароварду фуровардҳо дошт ҳофиз Акбари Абрӯ. Вай барои ҳама бо як оҳангу як мазмун достон мехонд, вале «қабули хотиру лутфи сухани» шунавандаҳо вобаста ба завқу салиқаашон ҳар хел буд. Достонҳои Акбари Абрӯ даҳон ба даҳон мегашт ва ҳар ноқил муносиб ба сиришту ҳиммати худ мефаҳмиду қисса мекард. Миралию Мирвалӣ ҳам ба таври худ нақлгардон мекарданд достонҳои Акбари Абрӯро. Онҳо, Миралию Мирвалӣ, ҳамсояҳои дасти росту дасти чапи Баҳромино, ду ҷавонмарди ҳамсинусол буданд ва модари Баҳром мегуфт, ки дар солҳои тангдастӣ ҳар дуи онҳо дар як гаҳвора ба навбат хоб карда калон шудаанд ва нафаҳмидаю надониста чанд бор модари Миралӣ ба Мирвалӣ ва модари Мирвалӣ ба Миралӣ шир додааст. Ҳарчанд ки дар як гаҳвора калон шудаанд, ҳарчанд ки бародарони ширхораю ҳамсояи хонадармиён ҳастанд, Баҳром аз рӯзе ки худро мешиносад, то ҳол ёд надорад, ки онҳо боре аз як забон гап зада бошанд. Ёд надорад, ки онҳо як рӯз оштӣ гарданд ва сухани якдигарро тасдиқ бикунанд. Доим ҷангӣ,

доим гапашон барғараз. Ва ҳамааш ғибона. Рӯ ба рӯ истода баҳс ё ҷанг карданашонро касе надидааст ва касе ёд надорад.

Агар касе бо Миралию Мирвалӣ, ба ҳар кадомаш дар танҳоӣ ҳамсӯҳбат шавад ва аз асли гап бехабар бошад, чунин гумон мекунад, ки онҳо одамони бефаҳму бефаросати дунёбехабар нестанд, балки одамони бофаҳму бофаросати дунёдида ҳастанд, ки оқилона муҳокима меронанд ва ҳақро аз ботил, ҳалолро аз ҳаром, одамгариро аз ноодамӣ фарқ карда метавонанд. Лекин аз воқиа бохабар бошад, баъд мефаҳмад, ки гуфтору кирдори Миралӣ якест, вале забони Мирвалӣ ба дилаш сибқат надорад. Бинобар он ситораи онҳо ба якдигар рост намеояд. Онҳо агар тавонанд сояи ҳамдигарро аз девор метарошанд. Миралӣ ба ҳар ду маъно ҳам одами рост аст – рост мегардад ва рост мегӯяд. Миравлӣ ба ҳар ду маъно ҳам одами каҷ аст – каҷ мегардад ва каҷ мегӯяд.

Агар дар ҷое гап аз Мирвалӣ барояд, Миралӣ, ки ҳиссиёташро ниҳон дошта наметавонад, бо ҷаҳл мегӯяд:

– Э, монед вайро, вай мазҳаб надорад, аз бемазҳабон ҳазар гуфтаанд. На суханашро эътиборе ва на худашро ифтихоре.

Гап ки аз як даҳон баромад, ба сад гӯш медарояд ва даҳон ба даҳон албатта ба гӯши Мирвалӣ ҳам мерасад. Ҳамин ки Мирвалӣ ин гапро шунид, ҷонаш мебарояд, чунки, ба ақидаи худаш, обрӯю эътиборе ки вай дорад, ҳеҷ кас надорад! Худаш фикр мекунад, ки «дар колхоз ягон меҳмону намояндаро бе ӯ қабулу гусел накунанд… Акнун гапу кори ӯ беэътибор будаасту гапи Миралӣ боэътибор? Тавба! Дар ин дунё ҳеҷ кас чени даҳони худаш гап намезадааст?!» Бо ҳамин алам дар ҷое, дар омади гап номи Миралиро гиранд, ҳарчанд ки дилу ҷигараш тагурӯ мешавад, зоҳиран бурдбориву ҳиммати баланд нишон медиҳад ва гӯё ки бо таассуф мегӯяд:

– Вай як одами бечораи бебарор, аз ҳама корҳо зада шуд. Омад надорад кораш. Бебарор ки ҳаст, аз алам чӣ кор карданашро надониста ба ҳар кас мечаспад – одамшавандаҳоро наҳ мезанад, ғайбат мекунад.

Ҳанӯз ҳамон вақтҳо, замонҳои наврасии Баҳром, онҳо, Миралию Мирвалӣ, достонҳои аз Акбари Абрӯ шунидаашонро ба ҳамсолон ва бачаҳо, ки бо сабабе – барои ҳарифонахӯрӣ ва ё ягон бозӣ – шабонаҳо дар паси девори

вайрона, хами марза ё пушти коҳдоне ғун меомаданд, ба наср гардонида, мазмунан ҳикоя мекарданд ва ба таври худ, дар тақлиди Акбари Абрӯ, як хулосаи ибратбахш ҳам мебаровარданд.

– Таърихи Ҳамакон ба афсонаи офаридани Одам монанд аст, - мегуфт агар қиссагӯ Миралӣ бошад. – Лои Одамро бо фармоиши шайтон галаи асп ҳафтоду ду маротиба лагадкӯб кард, бинобар он Мирвалӣ барин одамҳо дар таги забонашон ҳафтоду ду забонча доранд.

– Таърихи Ҳамакон ба таърихи Одам монанд аст, - мегуфт агар ровӣ Мирвалӣ бошад. – Одамро барои ношукриаш аз ҷаннат пеш кардаанд ва ҳар балое, ки ба сари Ҳамакон омадааст, аз касофати носипосиву ношукрии одамонест мисли Миралӣ.

Аз он шаҳри шаҳрон, ки Акбари Абрӯ қисса мекард ва дар осори ҷуғрофию сафарномаи сайёҳони қадим бо номҳои гуногун ёд шудааст, дар айёми наврасии Баҳром, дар солҳои бистуми асри бист, ҳамчун нишон фақат як паи қалъа ва хоктӯдаи он боқӣ монда буд. Қалъаро як полковники ҳукумати мутлақияти Россияи подшоҳӣ байни солҳои 1870 ва 73 сари ҷаҳл оташ зада, ба шаҳодати котиби шахсиаш, ки ҳар рӯз ба куҷо рафтану чӣ корҳо кардани ӯро навиштааст, то сард шудани хокистараш тамошо кардааст.

Ин ҳодиса машҳур аст, Акбари Абрӯ достон кардааст, вале ровиёни давранишинии ҷавонони Ҳамакон Миралию Мирвалӣ ба хилофи якдигар ду хел нақл мекарданд ва ҳар яки онҳо аз сидқи дил, бо эътиқоди том ба ҳурмати нон қасам мехӯрданд, ки асли воқеа маҳз ҳамин тавр аст, ки ӯ гуфтааст.

– Полковник тирамоҳрӯя бо аҳли рикоб ва тиру туфанг ба сафари кӯҳистон баромад, ки чашми мардумро тарсонида монад, – нақл мекард Миралӣ. – Вай мехост мардум маҳз бо ду чашми худ бубинанд, ки аскару аслиҳаи ҳокими мутлақи олам чӣ қувваю қудрате дорад! Бигзор ҳар гуна фикрҳои хом ба сару дилашон наояд! Ва дониста монанд, ки бо думи шер бозӣ намекунанд.

Қофилаи ӯ бо тамоми ҳашамату дабдаба ва аслиҳа дара ба дара, ағба ба ағба мегашт ва ҳар ҷо фуруд ояд, аз роҳи урфу одат ва эътиқоди мардум мепурсид, аз сарвату неъмат дарак меҷуст; ки: «шумо аз неъматҳои ҷаҳон ғофилед, бо хости худо, мо омадем, ки шуморо аз ғафлат барорем, роҳи дурусти ҳаётро нишон диҳем. Музде мо аз шумо талаб надо-

рем, ин як ёрии бародарона, як қарзи одамии мо дар назди ҷамъият аст». Ҳамин тариқ қадами муборакашон ба ҳар шаҳру деҳа расад, аз тарафи соҳибмулкону остондорон иззату икроми шоҳона муҳайё медоштанд, ки: «ҷанобон хуш омаданд, наҷотбахшон хуш омаданд! Ҳар қадаме, ки мемонанд, болои дида, тоҷи сар!»

Одамоне ки авлод ба авлод мутеъ, авлод ба авлод ситамкаш буданд, одамоне ки аз дастҷамъию ёрии якдигар умед барканда, умед аз қазову қадар доштанд, ин ташрифро аз меҳрубониҳои худои карим донистанд, ки ниҳоят, арзашонро шунид ва дар шахси ин одамони сар то по мусаллаҳ дасти ёрӣ дароз кард. Онҳо сагҳои гирандаашонро ба оғилҳо даровარда бастанд, ки бо аф-афи беҳуда ҷанобонро дарди сар надиҳанд. Харҳои ҳангиро нухта заданд – овози нохуш доранд. Кӯчаҳоро рӯфтанд – мӯзаи меҳмон гард нагирад. Гову гӯсфанд кушта, зиёфат доданд то меҳмон донад, ки азиз аст ва мардум барои ӯ ҷону моли худро дареғ намедоранд.

Қофила ба ҳамин тариқ иззатбинону зиёфатхӯрон то Ҳамакон расид, вале дар ин ҷо касе ба истиқбол набаромад. На худашонро хӯрониданду пӯшонданд, на ба маркабҳояшон коҳу алаф доданд. Полковник ба ғазаб омад: «Ин чӣ ноодамӣ?! Магар намедонанд, ки ман кистам?! Сӯзонед!» Қалъаро сӯхтанд, одамонаш ба кӯҳ гурехтанд. Он авлод ҳоло ҳам ҳаст, дар деҳаи дурдаст зиндагӣ мекунад, ки як роҳи кафтаргузар дораду халос.

Мираливу Мирвалӣ кайҳо боз, шояд аз рӯзе ки ақлашон даромадааст, рӯ ба рӯ истода баҳс накардаанд, ёри гап нестанд, олимони аз далелу исботҳои якдигар бехабар барин. Бо вуҷуди ин медонанд, ки кадомашон дар куҷо чӣ гуфт, чунки гап дар ҳеҷ куҷо хоб намеравад, дар шаҳраке мисли Ҳамакон бошад бо иловаю болобандиҳояш, - вобастаи он ки ноқил ба кӣ ҳусни таваҷҷӯҳ дорад – худи ҳамон лаҳза бо саду як тағйир паҳн мешавад. Бинобар он Мирвалӣ, ҳарчанд ки бо Миралӣ ногап аст, нақли ӯро аз забони дигарон шунидааст, медонад ва бо эътимоди тамом мегӯяд:

– Сафсата, вай як одами ковоки баддаҳон, ақлашро хӯрдагӣ вай. Ҷаноби полковник барои тарсонидани мардум не, барои мутеъ кардан не, чунон ки вай ақлаша хӯрдагӣ мегӯяд, барои дидани роҳи дараю ағбаҳо, ба рои ёрӣ расонидан ба беваю бечораҳо ва барои ба инсоф овардани ҳокимҳо ба сафар баромада буданд ки хар кас надонад, ношукру носипос аст. Пою

қадамашон ба ҳар ҷое ки расид, вай баддаҳон гуфтагӣ барин қатаған не, балки нуру зиё овард, карасину собун овард, адлу адолат овард. Гарданшахони Қалъаи Ҳамакон бо ғурури бебунёдашон ҳамин хел одамро қадр карда натавонистанд – гарданшахӣ одатӣ кӯҳнаи онҳост, аз қадимулайём ба деҳа аз онҳо фақат зарару зиён расидагӣ.

Ривоят мекунанд, ки ҳанӯз вақтҳое ки Ҳазрати Алӣ дар рӯи замин баракат тақсим мекарданд, ният доштанд, ки таги тӯрбаашонро дар Ҳамакон таконанд, лекин айби ҳаминҳо шуд. Аввал сангборон карда ҳазратро ба дара даромадан намонданд. Баъде ки зӯр омад, кӯдаконашонро партофта ба кӯҳ гурехтанд бебахтҳо! Он ҳазрат бачаҳоро дӯстдорӣ карданд, сару рӯяшонро сила карданд ва аз яктааш пурсиданд, ки «падарат кучост?» «Кӯҳ рафтанд», – ҷавоб дод бача ва ба лаби муборaки он Ҳазрат, ки бо хости худо поёниаш ғафстар буд, нигоҳкунон хандааш омад. Он Ҳазрат хандаи ӯро нишони унсу қаробат донистанд: «Қай меояд, чӣ меорад?» Додосурата забонаш хориду гуфт: «Ҳозир меоянд, барои лаби дӯли шумо ҳачча меоранд». Он Ҳазрат хафа шуданд, Ҳамаконро лоиқи баракат надонистанду таги тӯрбаашонро дар ҷои дигар таконда рафтанд ва он ҷо ҳамеша сериву пурист, одамонаш чӣ будани гуруснагиро намедонанд, ҳатто дар кӯҳу дарааш ягон дарахту буттаи бемева нест. Ҳамааш аз касофати ҳамин авлод. Ҷаноби полковник аз қаҳри ҳаминҳо қалъаро оташ заданд, вагарна даст намерасониданд…

Дунёи одамӣ тагурӯст – доим дар тағйир аст. Ҳамакон ҳам шояд садҳо бор тағйир ёфта бошад, вале дар тасаввури Баҳром як Ҳамакон, ҳамон Ҳамаконе сахт нақш баста аст, ки дар айёми бачагӣ дида буд ва ҳар гоҳ ба хотираш расад, ҳамеша бо ҳамон тарҳ пеши назараш меояд. Воқиаву ҳодисаҳои баъдина, воқиаву ҳодисаҳое ки дар вақту масофа хеле фарқ доранд ва ҳодисаҳое, ки дар ҷойҳои дигар шудаанд, агар ба хобаш дароянд, ҳатман дар кӯчаҳо, дар атроф, дар мавзеву манзараҳои ҳамон Ҳамакон сурат мегирад. Дар ҳамон шаҳраки нимободу нимвайрон ва имораташ ҷудову боғоташ ҷудо.

Он вақтҳо расидану нарасидани ҳавои тоза ҳанӯз ба қатори мушкилаҳои ҳаёт надаромада буд ва мардум дар боғ иморату дар рӯи ҳавлӣ боғ намекарданд. Боз чунин одате буд, ки иморатро дар заминҳои камхок, беоб ва беҳосил месохтанду ҳар як ваҷаб замини серхоку обиро барои кишт ва боғ истифода мебурданд, бинобар он ҳавлиҳо зич ва кӯчаҳо танг буданд.

Ҳарчанд ки аз паси қалъа, дурусттараш, хоктеппаи азамати поёни шаҳрак, ки замоне қалъаи мир будааст бораву дарвозаҳо, посбону дурбошҳо, тахту хазинаву қӯрхонаву ҳарамҳо ва ғуломгарду ҳасбхона доштааст ва ҳоло фақат пайи он боқӣ мондааст, ки аз ҳар тарафе ба Ҳамакон оед аввал бармолаҳои сабзу ҷаркандаҳои канораш ба чашм мерасад, - дарёи сероби тезгузаре ҷорист, ободии Ҳамакон ду чашма буд. Оби зулоли чашмаҳо аз ду ҷо – аз пеши масчид, ки дар болорӯяи шаҳрак аст ва аз пеши чойхона, ки дар миёнаҷои шаҳрак буд, шилдиросзанон гузашта ба селраҳа мерехт ва аз он ҷо то лаби дарёи калон, ки ҳо дар пастӣ воқеъ аст, заминҳои ду тарафи роҳро шодоб мекард.

Ду тарафи роҳ, аз адир то адир, зина ба зина заминҳои кишт ва боғот буд, ки гирдаш сангдевор дошт. Ин деворҳо баланди сархордор набуданд, ки ҳотаро аз назар пинҳон кунанд, балки деворҳои пастаке буданд, ки кишту боғро аз зери суму захри даҳони пода ва ё рамаи раҳгузар эмин медоштанд. Аз аввали баҳор, аз оғози гул ва киштукор, то танги тирамоҳ то ғундоштани ҳосил ба ин заминҳо суму даҳони ҳайвоне намерасид. Баъди ғундоштани ҳосили кишту дарахт заминҳо ҳайдав ва ҷои молчарониву бозии бачаҳо мешуд.

Даҳони Баҳром об кушод – комаш мазаи ангури дар ягон шохи баланд аз назарҳо дур монда ва чормағзи зери хазонро ҳис кард. Аз хӯшаи ангуре, ки то танги тирамоҳ дар шохи ток истодааст, ширинтар ангуре дар ҷаҳон нест, аз мағзи чормағзе, ки зери хазон мондааст, бомаззатар мағзе дар олам ёфт намешавад.

Баҳром бачагии худро дид, Ҳамакони даврони бачагиашро дид, ҳамон Ҳамакону ҳамон одамонашро дид, вале бо ақли ҳозирааш, аз рӯи таҷрибаи гарму сарди дар тӯли умр дидааш фикр кард, ки одамони ҳунарманд дорад Ҳамакон, одамони бафайз дорад, одамони оқил дорад Ҳамакон, сухансанҷу сухандон дорад Ҳамакон, одамони иззатталаб ҳам дорад Ҳамакон. Чунон иззатталабанд, ки агар дар хабари тӯй номашон дар сари хат набошад, аз тӯйдор якумр хафа ва қаҳрӣ шуда мегарданд. Бо вуҷуди ин қадар ҳассосӣ ва нозукӣ моли хонаашонро ба яғмо баранд хомӯш нишастанро авло медонанд, «тақдир ҳамин будааст, аз тақдир ҷои гурез нест», мегӯянд мардуми Ҳамакон.

Ва ҳамон вақтҳо бо таъсири фавқулоддае, ки калимаи «тақдир» ба мардум дошт, Баҳром гумон мекард, ки зиндагӣ, масалан, монанди хишт, танӯр ва ё тирезаву тахтмон қолабе до-

рад ва он қолаб азалию абадист. Ҳар кас он қолабро вайрон кунад, нодон аст, кори айб мекунад, хандахаришу радди маърака мешавад. Гумон мекард, ки зиндагии одамони рӯи дунё ба зиндагии одамони Ҳамакон монанд аст – ҳамон нигоҳубини гову гӯсола, ҳамон кишту дараву хирман, ҳамон хезумкашиву осиёравӣ ё ҳамон дару дарвозаҳо, ки дар кӯшкҳояш дорову дар кулбаҳояш нодорҳо зиндагӣ мекунанд. Дигар хел шуданаш мумкин нест! Гумон дошт, ки ҳар чизе ки ҳату ҳар чизе ки дидааст – хару бор, одаму ҷанҷол – ба ҳамин шаклу намуд офарида шудааст ва то оламу одам ҳаст ба ҳамин сурату мазмун хоҳад монд. Одамро лозим аст, ки барои сиҳат-саломат дар рӯи Зимин гаштанаш ба офаридагор шукри беҳад гӯяд, чунки зиндагӣ порсол, парерсол ҳамин хел буд, сад сол пеш, дусад сол пеш ҳамин хел буд. Маъракаҳо низ айнан ҳамон тавре мегузашт, ки порсолу парерсол гузашта буд, сад сол пеш, дусад сол пеш низ ба ҳамин сурат мегузаштааст. Ҳамон ояту дуоҳоро мехонданд, ба ҳамон мазорҳо назр мебурданд, ҳамон калонҳо фармон медодаанду ҳамон хурдон фармонбардор буданд.

Бинобар он ба назари Баҳром чунин менамуд, ки зиндагӣ пеш намеравад, балки чархи фалак барин чарх мезанаду чарх мезанад ва вақт ҳам гӯё намегузарад, балки санги осиё барин давр мезанаду давр мезанад. Ҳамон як тарзи ҳаёт такрор ба такрор меояд ва ҳар чӣ ки дар тӯли умр, аз гаҳвора то гӯр насиби одам мешавад, аз рӯзи азал дар пешониаш навиштагист, ки ҳеҷ гоҳ тағйир намеёбад.

Баҳром дертар фаҳмид, ки вақт давр намезанад, балки бебозгашт мегузарад. Баъдтар фаҳмид, ки вақт ба чархи фалак не, ба санги осиё ҳам не, балки ба оби равони дарё шабоҳат дорад, ки мераваду пас намегардад, умр барин. Баъд фаҳмид, баъди он ки бародари калониаш Ислом ӯро ба аспаш савор карда барои хондан ба шаҳри калон бурд.

Баҳром аз назди чӯпонҳо, аз чарогоҳи баландкӯҳ моли бозорӣ овард. Чаҳор гӯсфанд – ду чориву як шок[1] ва як серкаро чӯпонҳо аз рама ҷудо карда, ба роҳ бароварда пеш-пеши ӯ карданд. Пайраҳаи нишеб аз канори шибари чашмаоб гузашта каҷмакаҷ теғаву адирҳоро бурида мефуромад. Алафи қад-қади пайраҳа то зону меомад ва он қадар сершабнам буд, ки гӯё шаби дароз борон борида бошад. То ба роҳи харгарди қади дарё

---

[1] Шок - шишак

фуромадан чоруғҳои Баҳром об кашида варам карданд, бари ҷомааш то зонуҳо тар шуд. Дар ин муддат молҳо ҳам ба роҳ одат карданд, ба ҷудоӣ аз рама тан доданд ва кори Баҳром низ осон шуд. Серка аз роҳ набаромада мерафт ва гӯсфандҳо аз дунболи он. Дигар, мисли лаҳзаҳои аввали кор, ки нав аз рама ҷудо шудаанд, ба ақиб ва ё чапу рост баргашта намегурехтанд. Баҳром баъди ба қади дарё расидан, дар як сари санг нишаста чоруғашро кашид, пойтобаҳоро ғич карда аз нав ба по печонд ва чоруғро пӯшид. Ҷомаро ҳам аз тан бароварда барҳояшро ғичонида пӯшида миёнбандро аз рӯ сахт баста ба роҳ даромад ва ин роҳи борики дарозе буд, ки лаб-лаби дарё андаруни дараи жарф печу тоб хӯрда, аз байни дарахтони анбӯҳи бурсу фарк ва буттаҳои хору хома мегузашт. Баҳром дам нагирифта омад ва сояи шахи калон аз Қалъа нагузашта ба Ҳамакон расид. Расиду молҳоро ба оғил даровард ва дар яккамех аспи Исломро дид. Ислом дар айвон ба вай кастуму батинка доду гуфт:

– Тайёр шав, пагоҳ шаҳр меравем.

Рӯзи дигар ба асп дар пушти худаш савор карда нисфи шаб ба шаҳр расонид ва шаб дар Сарой хоб карда, сари субҳ ба мактаб бурда монд, ки онро дорулмуаллимин мегуфтанд.

Баҳром хату саводи хуб дошт, дар мактаби назди масҷид таҳсил карда буд, бо вуҷуди ин ба муҳити дигар афтод, ба муҳити омӯзишу дониш ва баъд фаҳмид, ки зиндагӣ як хел намеистодааст. Баъде ки вай китобхон шуд, сермутолиа шуд ва дар рӯзномаи нави даврони нав, дар шаҳре кор кард, ки ба ваҷҳи обу ҳавои хушаш, ба шарофати баракати доимии бозору дӯконҳо ва биноҳои гунбазкабуди мӯҳташамаш, ба шарофати аз марказҳои тамаддуну ҳаёти наву афкорӣ нав будани он шаҳр чашми ӯ ба олами равшан калонтар кушода шуд; фаҳмид, ки чароғи равшани умр дониш будааст ва фақат дар равшании ин чароғ зиндагиро беҳтар дидану ба қадраш расидан мумкин аст. Ва ӯ бо шарофати нури ин чароғ чунон равшанбин шуд, ки дар ҳуҷраи тангаки редаксияи рӯзнома нишаста, на фақат ҳаёти шаҳраки Ҳамаконро медид, на фақат аз ҳаёти шаҳри Самарқанд бохабар буд, балки ҳаёти рӯи оламро медид, аз кору бори ҷаҳон бохабар буд. Вай ҳамон вақт вай диду фаҳмид, ки зиндагӣ ба ҳеҷ қолаб намеғунҷад, дар ҳаёт қолабҳои азалию абадӣ нест ва агар пайдо шавад, онро донохо вайрон мекунанд. Медид, ки ғайр аз тарзи зиндагии Ҳамакон боз дар дунё саду як тариқи

умргузаронӣ ҳаст; медид ки оламу одам ба як маром намеистад – шаклу намуд ва сурату сират дигар мекунад; медид ки бе хондани он оятҳову бе назр бурдан ба мазорҳо ҳам ҳаёт ба сар бурдан мумкин будааст; медид ки ҳамеша калонҳо не, балки хурдон ҳам фармонфармо мешудаанд ва тақдири одам ба дасти одам будааст.

Ва донишу биниши ӯ дигар шуд. Дар фаҳмиши ҳаёт байни ӯву падараш ихтилоф афтод. Падараш дар посутуни айвон такя карда менишасту мегуфт:

– Бе хости худо як барг аз шохи дарахт намеафтад. Ҳамааш кори худо ва ҳар чӣ дар пешонӣ навиштагӣ бошад, одам ҳамонро мебинад.

Писар дар редаксия нишаста мақола менавишт ва дар мақолаҳояш хитоб мекард:

– Тақдири одам ба дасти худаш. Хати тақдирашро ҳар одам бо дасти худаш менависад. Ҳар касе ки ин маъниро нафаҳмад, ба осиёи душманони халқ об мерезад, вай зараргор аст ва ба муқобилаш муборизаи беамон мебарем, нест мекунем!

Ва Баҳром бо эътимоди том, ки кулли фарзанди инсонро хушбахт мекунад ва барои он ки хушбахтӣ муҳайё шавад, душманони синфӣ ва душманҳои халқро ёфтан, фош кардан ва нест намудан (мантиқан онҳо фарзанди инсон нестанд!) лозим аст, ба касе амон намедод – меёфт, фош мекард, нест бод!, мегуфт. Душманони Баҳром бисёр буд он вақтҳо – мардони нодоне, ки ба муқобили адолат силоҳ гирифтаанд, мардоне, ки ба асокири сурх ёрӣ нарасонидаанд, одамоне ки аъзои тозу колхоз нашудаанд, шахсоне, ки озодии занҳоро намехоҳанд, ҷавононе, ки аъзои комсомол нашудаанд, зиёиёне, ки аз ҳукумати нав шикоят кардаанд ҳамаи инҳо душманони рӯирости ӯ буданд. Онҳое ки молу заминашонро руст карданд, онҳое ки аъмоли иҷтимоияшонро пинҳон доштаанд, онҳое ки дар замони кӯҳна мансабе доштаанду акнун ба хизмати идораҳо даромадаанд, онҳое ки замини заминдоронро ҳукумати нав тақсим карда додааст, вале кишт накардаанд, онҳое ки китоб доранд ва онҳое ки намоз мехонанд, душманони ниқобпӯш буданд. Баҳром ҳамаи инҳоро меёфту фош мекард. «Хас каму ҷаҳон пок!», мегуфт ва ӯро таъриф мекарданд, ки «патриот аст, масъулиятшинос аст, хушёрии синфӣ нишон медиҳад». Ва Баҳром қаҳрамони замон буд, қаҳрамонӣ масташ кард, мағрураш кард ва дар гармогармии масти ғурур он қадар хушёрӣ нишон доду он қадар фаъол шуд, ки дар мулк қариб одами хушсавод намонд ва хушсаводе

ки лоиқи даврони нав аст, ба ақидаи ӯ фақат он шахсҳое буданд, ки дар мактабҳои русӣ-маҳаллӣ ва дар мактабҳои нав таълим гирифтаанд. Ва ҳаминҳо сари кор омаданду мувофиқ ба талаботи замон ва аз зарурати тарғиби ғояҳои нав ҳамадон шуданд. Баҳром низ ҳамакора ва ҳамадон шуд. Ва азбаски маърифати гузаштаву таърихро инкор мекард ва азбаски барои вай таъриху маърифати мардум аз даврони тартиботи нав, аз замони фаъолияти худаш оғоз мегирифт, ҳар чизе ки ӯ нависад, асари нахустини ин соҳа ба ҳисоб мерафт. Ва мавриди таваҷҷӯҳи мардум будан ба ӯ мефорид. Шӯҳрат мефорид ба ӯ ва ӯ худро хоксор нишон медод: «Мо аскари замони нав, ҳар супорише шавад, иҷро мекунем». Ва ба ӯ супориш медоданд:

– Рафиқ Холиқзода, аз шумо як хоҳиш, – муроҷиат мекарданд аз Комиссариати маорифи халқ. – Як рисола барои мактабҳои маҳви бесаводӣ нависед.

Баҳром не намегуфт, чунон ки дар фронт «не» гуфтани гап нест.

– Рафиқ Холиқзода, шумо ҳамроҳи бригадаи тарғибот ба деҳот меравед, - мегуфтанд ба ӯ.

Ва Баҳром не намегуфт, чунки дар фронт «не» гуфтани гап нест.

Ҳама ҷабҳаҳои ҳаёт фронт буд он солҳо.

Баҳром хоҳ мақола нависад, хоҳ китоби дарсӣ, хоҳ маърӯза кунад, хоҳ сӯҳбат, ду давр, ду ҳаёт, кӯҳнаву навро муқоиса мекард, то ҷавонон бидонанд, ки тафовут аз куҷост то ба куҷо. Вай дар мақолаҳояш, дар китобҳояш, дар маърӯзаву сӯҳбатҳояш, дар ҳар мавриде ки рост ояд, мисолашро аз ҳаёти Ҳамкон мегирифт, ду давра ду ҳаёти Ҳамконро ба муқоиса гирифта, ба мардум хитобҳо мекард, ки: Чаро мо ба чароғи милмилаки бобоӣ часпида мондаем?! Чаро ба ихтирои чароғҳои нав ақл надавондаем?! Чаро ҳаёт шах шуда буд, одамон шах шуда буданд? Чунки дар гузашта тақдири халқу мулк ба дасти як тӯда мутаассиб буд ва агар касе ягон гӯшаи онро ҷунбониду ба ҳаракат даровардану пеш бурдан хоҳад, аз дасти он мутаассибон ба ҳазору як бало ва саду як уқубат гирифтор мешуд.

Сабаб ҳамин будааст, ки аҳли фазламон фаҳму истеъдод дар роҳи ҳошиябандӣ ва назирасароӣ барбод додаанд. Барои ҳамин рӯ ба оянда не, балки рӯ ба гузашта доштаанд. Барои ҳамин кушодани муаммоҳои илму амал ва ҷамъиятро куфри имону кори шайтон донистан фарзандони алломаи

халқро ғарибу саргардон, зиндонию гуреза ва ба як мушт хоки Ватан зор ва кашфиёти онҳоро хор кардаанд.

Ҳоло бошад, вазъи мамлакат тағир ёфт, ҳоло инқилоб ба мо нуру адолат дод, дари илму маърифатро ба рӯямон калон кушод. Акнун мо чароғҳои нав ихтироъ мекунем, роҳҳои нав месозем. Акнун тақдири мо ба дасти худамон аст ва мутаассибон дигар дасти дароз надоранд, ки аз гиребони мо гирифта гулӯи моро буғӣ кунанд; акнун мо назар ба гузашта не, балки ба оянда дорем. Акнун илмамон ба амал ёр мегардад. Барои ба ин мақсадҳо расидан аз мо лозим аст, ки ҳама аз як гиребон сар барорем ва ҷамеи қолабҳои кӯҳнаро шикаста, тарҳи нави ҳаётро андозем».

Ҳамин хел орзуҳо дошт Баҳром. Ва мӯътақид буд, ки мутаассибон минбаъд фақат дар китобҳои таърих мемонанд ва гиребони зиёиён аз чанголи онҳо абадан халос шудааст – ғарибу гурезаву зиндонӣ намешаванд. Дер давом накард ин орзуҳо. Ба мисли ҳубоб як чашм кушоду зуд чашм пӯшид. Як тоифа мутаассибҳои наве пайдо шуданд, ки дар нисбати онҳо мутаассибони қадим синаи раҳм барин намудор мегардиданд.

Баҳром ки инсониятро хушбахт кардан мехост ва ҳатто бовар дошт, ки он рӯзи фирӯз фардо, дераш пасфардо, фаро мерасад, бахти оилаи худро таъмин карда натавонист – бадарға карданд, ба Сибир чӯббурӣ фиристоданд ва ӯ дар сармои «туф кун, як кун» рӯи анбӯҳи барф беҳолона нишаста аррамайдаи мушташро мисли ҳайвони гурусна бо иштиҳо мехоид ва ба худ мегуфт: «ман ҷазои кардаҳоямро мебинам, дониста кардам, нодониста кардам, ҷабр кардаму ҷабр мебинам, лекин ин бадбахтҳо, ин муаллиму ин сартарош чӣ гуноҳ доранд, ки ба ин ҳоли табоҳ гирифтор карданд?»

Вай талх хандида дар харак нишаст. Чангашро пок накарда нишаст. Гардиши фалакро бинед, ки акнун худаш рӯ ба оянда не, балки рӯ ба гузашта дошт. Бо хотира вақт мегузаронд, аз хотира тасалло меҷуст ва аз хотира лаззат мегирифт. Ҳоло ба сояи девори чӯбини ҳавлиаш нигоҳ мекард, вале пеши назараш шаҳраки Ҳамакон пайдо мешуд. Вай ба сояи чӯбдевор менигаристу сояи шахи калони болои Ҳамаконро медид, айёми наврасии худро медид, шахи Садоро медид. Вайронаи Қалъаро медид, ки Ислом дар ҳамвории байнаш як харро қишан карда, бо дав омада хез зада аз болояш мегузарад. Оби чашмаро медид, ки Ҳурмати чилкокул ба кӯзаи мис об гирифта дар тори сар монда мебарад. Мода-

рашро медид, ки сурати хоҳараш Шарифаро гирифтааст ва назди танӯр рост истода нон мечаспонад. Мираливу Мирвалиро медид, ки ҳанӯз ҳам аз як забон гап намезананд ва оҳанги достонхонии Акбари Абрӯ ба гӯшаш мерасид…

Вай кайҳо боз ният дорад, ки ба Ҳамакон равад, вале аз серкориву серборӣ рафта наметавонад. Акнун меравад. Кори дунё тамомшавӣ надорад – гумон мекунӣ, ки ҳамин ташвиш гузарад ва ҳамин кори даст ба итмом расад, баъд чорта дами беғам мезанам, вале он ташвиш нагузашта ва он кор тамом нашуда, боз чанд ташвишу кори дигар мебарояд, ки аз ҷоят ҷунбида наметавонӣ. Борҳо шудааст, ки ягон манзараи дар бачагӣ дида, ё лаҳзае аз маъракаҳои он давра ба ёдаш ояд дилаш гум мезанад ва ният мекунад, ки вақт даст диҳад ба Ҳамакон меравад. Аммо ҳамеша «фардо, пасфардо» гӯён ақиб мепартояд ва сипас, дар талоши кору рӯзгор он ният фаромӯш нашавад ҳам, ба амал наоварда мемонад. Вале ин дафъа ақиб намепартояд, ин дафъа меравад.

## III

Баҳром дастони дарози то оринҷ лучашро ба харак такя монда аз ҷо хест ва бо чеҳраи равшан ба хона даромад. Дар остонаи дари аловхона рост истод ва гуфт:

– Ҳамакон меравем!

Ҳурматбибӣ, ки назди пилтаи газ истода ба дег намак меандохт, ба ӯ як назар партофт ва гӯё чизе нашунида бошад, чумча гирифта маззаи таомро чашиданӣ шуд.

– Ҳамакон меравем! – бо тантана такрор кард Баҳром ва баргашту рост пешгаҳи хонаи калон гузашт, аз мехи девор палтои нимдошташро гирифт, гӯё ҳамаи бору бунаш аз ҳамин палто иборат буд ва ӯ ҳоло ҳозир ба роҳ медаромад.

Ҳурматбибӣ чумча ба даст гаранг монд. Вай аз бозе, ки модарашро ба хок супорид, Ҳамакон нарафтааст ва Баҳром ҳам боре ба ӯ нагуфт, ки «биё Ҳамакон равем». Ҳоло ин гапро шуниду дилаш якбора таҳ кашид ва банди пойҳош суст шуд.

– Ҳамакон меравем гуфтед, мардак? – оҳиста, вале бо алам пурсид Ҳурматбибӣ.

– Меравем, очеш, Ҳамакон меравем.

– Ҳамин қадар сол нарафтем… - гуфт зан бо овози гирёолуд, - акнун меравем? Ногаҳон яку якбора… Акнун…

Ҳурматбибӣ дар ҷои истодааш сари по нишаст ва бо гӯшаи қарс оби чашм пок кард.

Оби чашми Ҳурматбибӣ, чунон ки мегӯянд, доим дар нӯги биниаш – ногаҳон шод шавад, дар чашмонаш ашк ҳалқа мезанад, ношод шавад ҳам, дарди дилашро бо гиря таскин медиҳад. Дилаш бисёр раҳмгин ва табиаташ бисёр нозук – реши дилаш ҳам гиря, марҳами танаш ҳам гиря. Дар тӯли дувоздаҳ соли зиндаҷудоӣ аз барору нобарориҳои рӯзгору зиндагӣ вай чӣ қадарҳо гиристааст. Гирён-гирён мактуб менавишт, хатҳои ҷавобии секунҷаро бо дастони ларзон кушода аз гиря гулӯгир шуда мехонд. Аз хона ба хонае кӯчад, дегу табақ меғундошту бо остин оби чашм пок мекард. Яке аз се фарзандаш палто надошта бошад ё ба хона дертар ояд ва ё шодӣ кунад, ки аз имтиҳон «5» гирифт, дилаш пур мешуду боз зӯраш ба гиря мерасид. Рӯзҳои серборон хона чакад ва ё дӯсте ба монанди Мансури Умрӣ дар рӯзи иде табрик кунаду тӯҳфае орад, боз мегирист. Вале ҳамеша пинҳон мегирист, чунон ки дарду дармондагиашро доим аз чашми дӯсту душман ниҳон медошт.

Вай ҳатто шаби кушоиши бахташ – шаби аҳди никоҳ пинҳону ошкор чанд бор гириста буд ва баъзан фирк мекунад, ки сабаби ин қадар сергиря ва сероби чашм шуданаш касофати ҳамон ношукриест, ки дар шаби мурод худро нигоҳ дошта натавонист. Гоҳ ба тақозои таомули маъмул ва гоҳи дигар аз рӯи дилнозеҳӣ, ки хонаи падарро тарк мекунад, ашк рехт.

Мардум базму тараб доштанд. Мерақсиданду месуруданду механдиданд, вай пинҳон аз дигарон бо гӯшаи рӯймол оби чашм пок мекард. Ҳамин хел расм буд он вақтҳо дар Ҳамакон – расми аз авлод ба авлод мерос мондае буд, ки духтари хона, хоҳ аз тақдир ризо боша два хоҳ аз бахти шӯраш дар азоб, пинҳону ошкор гиря мекард ва азбаски ҳамаи арӯсон – сад сол пеш ҳам, он вақтҳо ҳам! – гиристанро риояи одобу назокат ва камоли иффати духтарон медонистанд, сарфаҳм рафтан он қадар осон набуд, ки арӯс аз шодӣ ашк мерезад ва ё аз алам. Замири дилашро ғайр аз худаш каси дигар намефаҳмид ва модом ки одати умум буд, касе таҳқиқ ҳам карда намегашт, ки дили он «пошикаста» болидан дорад, ё нолидан.

Он шаби зимистон Ҳурмат, бо вуҷуди он ки Баҳромро ҷавони дилкашу ҳамсари арзанда медонист, бо вуҷуди он ки аҳли оилаи онҳоро аз кӯдакӣ мешинохту ба хонадони онҳо рафтанаш амри воқеъ буд ва муҳимтар аз ҳама эътиқод дошт, ки аз рӯзи азал ба пешониаш чунин навиштагӣ будааст – тақдираш ба тақдири Баҳром пайваст будааст, бо

вуҷуди ҳамаи ин саропояш гоҳо моломоли умеди нек мешуд, гоҳи дигар ба гирдоби хавф ғарқ мегашт. Оянда, ҳар чӣ ҳам бошад, номаълум аст, кӣ медонад, ки оқибаташ чӣ мешавад?

Тӯй дар замони нав, бар хилофи хоҳиши домод, бо риояи пурраи урфу одатҳои кӯҳна гузашт.

Баҳром аз ҳафт ҷо миёнашро сахт баста буд, ки ҳама гуна боқимондаҳои замони феодалӣ, ҳама гуна маросими динию хурофотпарастӣ ва ҳама гуна урфу одати зарароварро аз беху бунаш сӯхта мепартояд. Вай дар маҷлисҳои комсомолӣ мегуфт, ки «дар тӯйҳои мо мардон дар як ҳавлӣ базм мекунанд, занҳо дар ҳавлии дигар, ин таҳқир аст ба фарзанди одам, ба зан, ба модар!» Дар сафарҳо, ки бо бригадаҳои тарғиботи маърифат хару аробасавор роҳҳои нообод мушкилгузарро шиоргӯёну сурудхонон тай карда ба деҳот мебаромаданд, мардумро дар масҷид ва ё ягон хонаи холӣ ҷамъ оварда маърӯза мехонданду консертҳо нишон медоданд, вай мегуфт, ки: «мо маъракаҳои тӯю мотамамонро бояд ба тарзи нав гузаронем, бояд ки ҳамаашро аз нав созем!»

Вале он рӯз дар хона ба модари худаш гап маъқул кунонида натавонист, фикраш нагузашт.

– Наход, тӯй ҳам кӯҳнаву нав дошта бошад! – гуфт модар. – Тӯю тамошо аз қадим ҳаст ва ҳар расму русуме, ки бобову додоямон карда бошанд, мо ҳам мекунем, ин чӣ бадӣ дорад?

– Бадӣ дорад оча, дорад. Охир, ман комсомол. Ман ба мардум мегӯям, ки ин тавр не, он тавр кунед, ман ба онҳо роҳ нишон медиҳам, шумо мефаҳмед, ки ман комсомол, пешсаф.

– Ту комсомолиатро кардан гир, бачам, ман ба комсомолиат халал намерасонам. Тӯй ба пои худ, кор ба пои худ. Роҳи наватро нишон додан гир, ҳоло аз қатори мардум намонем, аз қатори мардум фақат махавҳо берунанд.

– О мефаҳмед, ки мо ҳаёти нав сохта истодаем, як ҳаёте ки онро фақат орзу мекарданд ва мислашро дар таърих касе надидааст. Ман сарбози ин ҳаёт бошаму ба кӯҳна часпида монам, худам як гап гӯяму дар амал кори дигар кунам, он вақт суханам назди дигарон қурбе дорад? Ба рӯи мардум чӣ хел назар мекунам? Не намешавад, оча.

– Илоҳо ба мурoду мақсадат расӣ, писарам, лекин гапи моро нагардон.

– Ман наметавонам, охир одамон аз кору рафтори ман ибрат мегиранд.

– Ибрат гирифтан гиранд. Аз ту ибрат гиранд, аз акаҳоят ибрат гиранд. – Овози модар ларзид ва ҳамон силоҳеро ба кор бурд, ки ба муқобили он фарзанд ғайри таслим чораи дигаре надорад. Вай гирён шуд. – Тӯи акаҳоятро надидам, тӯи туро бинам гуфта дил тасалло медодам, суханамро бай-ни дӯсту душман ба замин назан.

Нозира, модари Баҳром, аз тӯю тамошои ду писари калонаш орзушикан нашуд, ба ҷои он аз дӯсту душман таънаву маломат шунид. Ислом, ҷояш ҷаннат шавад, домани як беваро дошта гашт-гашту оқибат ба хонаву дар нарасида аз олам гузашт. Неъматаш бошад, «ҳукумат занро озод кард. Ҳар кас дилхоҳашро гирад», гуфту ба ҳеҷ кас маслиҳат накарда аз куҷое бе тӯю тамошо зан овард. Никоҳ карда бошанд ё не, худо медонад, ба халқ маълум не. Ҳамаи ин таънаи сари модар, азоби ҳамаашро бояд модар кашад. Вай ҷонаш дар азоб аст, ки умре бо ин мардум маъракашарик аст, нону намаки халқро хӯрд ва худаш аз рӯи таомул як бор ба онҳо нону намак надиҳад, маъракаи сур барпо карда қавлини тӯёнаҳоро нагардонад – ба онҳое, ки ҷома пӯшонданд, ҷома напӯшонад, ба гӯсфанд овардагиаш гӯсфанду ба латта овардагиҳо латта надиҳад, халқи олам чӣ мегӯянд? Одам аз шарм сар бардошта наметавонад.

– Агар ту ҳам, писарам, гапи маро гардонӣ, – гуфт ӯ оби чашм поккунон, – агар ту ҳам обрӯи маро набардорӣ, нону намаки халқро надиҳӣ, урфу одаташро пос надорӣ, агар ту ҳам орзуву ҳаваси маро пушти по занӣ, худо шоҳид аст ва ту бояд бидонӣ, ки як дасти падарат то рӯзи қиёмат аз гӯр берун меистад ва модари шӯрбахтат шири сафедашро ба осмонҳо меҷӯшад.

Баҳром таслим шуд, вай бо тамоми эътиқоде ки ба кори худ дошт, бо он ҳама ҳиссу масъулияти навхоҳӣ аз рӯи модар гузашта натавонист – маврид танг ва нозук ва беилоҷ омад.

Модар дар ҳолате буд ки дигар зарбаи андакеро бардошта наметавонист.

– Дар ҳамин вақтҳои охир талхиҳои рӯзгор, подоши кадом гуноҳҳои карда ва нокардаам бошад, ки ба сарам чун сели кӯҳистон якдаму якбора фурӯ рехт, – гирён шуд вай. – Нахустписарам, Исломи шоффбурутамро қотилон ба як даҳшат, бо як кирдори номардона ва дар ҳаққи фарзанди одам пурҳақорат дар худи гулӯи ағба куштанд, ки рӯи гармашро дида натавонистам. Падаратон, илоҳо он дунёаш обод бошад, рӯзаш буд шу-

да будааст, ки бисти писарашро нагузаронида, худо ӯро бандам гуфт. Акнун қуввати дили ман фақат ту.

– Хайр, оча, ман розӣ, – гуфт Баҳром дилу бедилон ва дар таги дил умед дошт, ки чанд рӯз гузарад, модараш осуда мешавад, баъд гап фаҳмонидан осон. – Хостатонро кунед.

Нозира хосташро кард – ҳар чӣ одати халқ буд, бе ҳеҷ каму кост ба иҷро расонид, вале «риояи ин урфу одати пӯсидаи феодалӣ» дертар номи Баҳромро қатори номи онҳое даровард, ки одамони боэътимод набуданд ва оқибат, яке аз сахтарин гуноҳҳои ӯ ба муқобили давлати нав шуд – «агар вай душмани ниқобпӯш намебуд, агар вай хайрхоҳи иртиҷоъпарастону контрреволюционерон намебуд, билети комсомолӣ дар бағал, сала баста рӯ ба рӯи мулло менишаст, хутбаи никоҳ гӯш мекард, оби никоҳ мехӯрд? Агар ботини соф медошт, мисли як феодал тантана намеорост ва ақидаи мардуми ҳокпошро, ки соҳибони ҳақиқии замину замон ҳастанд, заҳролуд намекард». Баҳром баъдҳо касонеро дидааст, ки аз музди кори ҳалоли худ не, аз ҳисоби кисаи халқу давлат чунон тӯю тантана барпо мекунанд, ки хароҷоташ аз дахлу харҷи яксолаи ҳама бошандагони Ҳамакони онвақта бештар ва ин, гӯё нишонаи осудагӣ ва сериву пурии мулк будааст.

Нозира гӯё гули пажмурда буд, ки баъди ҷавоби Баҳром пояаш ба хоку об расида рангу бӯи нав гирифт. Вай ду даст ба ду китфи Баҳром расонид, сипас дастон ба рӯ молид ва фурсатро ғанимат дониста худи ҳамон рӯз ба «хонаи духтардор» одам фиристонид. Вай духтардорро кайҳо таги чаш карда мондааст. Духтарак бадасту по, шишту хезаш баҷо, бо шарму ҳаё, дили Баҳром ҳам ба ӯ кашол…

Як сол боз Нозира ба ҳар баҳона – гоҳо дар рӯзи иде дастархон карда, гоҳо тахтаву тирак, ё элак пурсида ба хонаи Пирбой тез-тез рафта меистад. Мераваду гӯё як нафас нишаста мемонад ва ба «пухту пази» Ҳурмат зеҳн мемонад, аз ину он даромад карда, ба модараш аз «қадрас ва арӯсзеб шудани духтараш» гап мекушояд.

Онҳо дили якдигарро нағз мефаҳманд – аз ваҷоҳат, аз табассум ва нигоҳҳо мефаҳманд. Ҳурмат ҳам мефаҳмад. Пирбой ҳам аз мақсад пай бурдааст. Байнашон розигие ҳаст, розигие ки ҳанӯз бо овози баланд, барои ҳама, барои халқ нагуфтаанд, вале бӯяш кайҳо баромадааст.

Барои ба ҳама гуфтан хостгор фиристода фотиҳа гирифтан даркор, таомул ҳамин, то ҳол ягон кас барои худаш хо-

стгор нашудааст. Ин кори айбро дар ин гирду пеш ғайри Неъмат дигар ҳеҷ кас накардааст. Аз барои Неъмат модар дар маъракаҳо бо сари хам менишинад: «Ба зангирӣ зӯраш нарасид, яктаашро аз кӯча гирифта омад», мегӯянд: модар аз беандешагии писар шикоят кунад, Неъмат мегӯяд, ки: «дар ин кор ҳеҷ ҷой айб нест, ҳар касе ки айб кунад ақиб мондааст, ҳаёти имрӯзаро намефаҳмад». Ба вай осон, марди салт, ҳар куҷо хоҳад мегардад, ҳар кореро хоҳад мекунад, вале модар дар ин ҷо зиндашарику мурдашарик, ба маъракаву маросимҳо меравад, писхандашонро мебинад, таънаву пичингашонро мешунавад ва рӯяш дуд мекунад.

Нозира ба хонаи Пирбой барои хостгорӣ ҳамсояи дасти рост Миралиро фиристонид. Миралӣ медонад, ки масъала кайҳо бе дахолати ӯ ҳал шудагӣ, лекин барои гапи мардум – охир, даҳони онҳоро баста мешавад? – баъзе расму одатҳоро ба ҷо овардан зарур, ки ба чашму гӯши халқ бад нарасад ва ҳурмати духтардор ба ҷой ояд.

Миралиро барои коре ба ҷое фиристонанд, одатан аз дур даромад карда, сипоҳона гапро файсал дода, баъди рамзу ишораҳои бисёр – гапро дароз кардан чӣ даркор! – ба сари мақсад омаданро як чизи нодаркор ва ҳатто як навъ риёкорӣ донимста, бе ҳеҷ муқаддима сабаби омаданашро лӯб-лӯнда карда мегӯяду мемонад, ки аксаран он кор буд намешавад албатта, ва ё нимкора мемонад.

Миралӣ ҷомаи нави тики сиёҳашро пӯшид, саллаи навашро аз сандуқ бароварда баҳавсала баст ва рафта сулфакунон – агар рӯпӯше бошад, бехабар намонад, рӯ панаҳ кунад, ба ҳавлӣ ва аз он ҷо ба хонаи Пирбой даромад. Даромаду нанишаста, пурсу пос накарда, гӯё ки пешакӣ бо ӯ ваъдаву ваид карда бошад, гуфт:

– Ана, мо омадем.

– Хуб кардӣ, ки омадӣ, хуш омадӣ, – хандид Пирбой, ки назди оташдон, дар кунҷак паҳлу зада нишаста буд. – Занак, ягон чи биёр, меҳмон омад.

– Ташвиш накаш, янга, биё ин ҷо шин, ба ман ҳар дуятон даркор, - гуфт Миралӣ дар паҳлӯи Пирбой нишаста ва нафас накашида илова кард. –Ман омадам ба шумо гӯям, ки Нозира аз шумоён як фарзанд умедвор.

Чолу кампир ба ӯ хандиданд, ба тарзи гапзаниаш.

– Худо нагирад, ту барин хостгора! Нозира ягон одам наёфт, ки туро фиристонид, – гуфт Пирбой вале бе қаҳр.

Дастархон кушоданд, нону ширавор монданд ва Миралӣ ришхилолкунон хомӯш истод. Ҳамчунон хомӯшона ба ҳурмати дастархон як пора нон гирифта бо як пиёла чой хӯрд ва гуфт:

– Хайр, омин оллоҳу акбар. Ман рафта бевая хурсанд кунам. Гап ҳамин. Ҳар чӣ нозу нузат бошад, дар фотиҳа кардан гир. Писардор нози духтардора мебардорад. Вазифааш ҳамин.

Пирбой фарох табассум кард.

Миралӣ ба таври худаш, бо ҳамин ду даҳон гап масъаларо ҳал кард ва ба саволи Пирбой: «чой нахӯрда меравӣ», ҷавоб дод: «Чои туро ба нав хӯрдаем? Вақташ расад, боз мехӯрем» ва баромада рафт.

Нозира дар интизории Миралӣ таги дарвозаро мерӯфт, омадани ӯро аз сари кӯча дид ва ба ин тезӣ баргаштанашро аломати нек надонисту бо изтироб ба истиқболаш рафт:

– Шер ё рӯбоҳ додарам?

– Ҳоло як духтар-ку, даҳта духтар медошт, медод, - ҷавоб дод Миралӣ. – Сухани мо буро!

– Илоҳи хока гирӣ, зар гардад.

Нозира ният дошт, ки корро гарм гирад – ҳар чи зудтар ба сомон расонад ҳамон қадар беҳтар: оламу ҳодис, кас чӣ медонад, ки фардо ба сараш чӣ меояд? Баҳром шаҳр равад, кай бармегардад ва худо медонад, ки дар сару дили ӯ чӣ фикрҳост? Вале ҳар қадар ки вай зуд гирифтанӣ буд, барқасд кор ҳамон қадар ақибмон шуд – фотиҳа дер кашид. Тарафи духтар иззатталабиҳои бисёр карданд: «ихтиёраш фақат ба мо не, соҳибонаш бисёр – тағҳо дорад, амакҳо дорад…» Ҳамон нозу нузе, ки Миралӣ гуфта буд аз тарафи духтардорон сар шуд – охир, духтар дар роҳ намондааст, ки дарав баровarда диҳӣ!, - ва писардор ҳамаашро мебардошт. Нозира аз дарави дашт баргаштани амаки калонии духтарро интизор шуд, вай омад, вале тағояш ба бозорҳои шаҳрҳои дур мол бурдааст, бе вай гузаронанд як феъли бад дорад, ки хешу табор нагуфта, ҳамаро таги мушту лагад мегирад.

То аҳли авлод сафу ҷамъ омаданд, як ҳафта гузашт. Баъди як ҳафта ҳамаашонро дар хонаи Пирбой ғун оварданд: «ба кори хайр, ҳоҷати истихора нест, хайр, гӯетон, омин кунем». «Гап ба модараш, модараш медонад». Модар барқи шодии чашмонашро паноҳ дошта ба додараш ҳавола кард: «Тағош ҳамин ҷо шиштааст, гап ба тағош». Тағо забонхоӣ кард: «мана соҳибони духтар ҳамин ҷо шиштаанд, гӯянд гапашонро».

– Акнун моҳона бисёр саргардон накунетон, – гуфт Миралӣ. – Аз қадим расм аст, ки духтар шавҳар мекунаду писар зан мегирад; як фарзанд аз шумо талабидем, як фарзандатон дуто мешавад хайр гӯетон, омин кунем.

– Тақдираш рафта будааст, – нимғурма кард Пирбой.

– Хайр, кушоиши кор, тақдираш рафта бошад, ман розӣ, омин, – даст бардошт тағош ва ҳама омин карданд.

Иззати хонавода ба ҷо омад, эҳтиром ба оила ва одам тамомӣ ёфт ва бечора Нозир то охири умр нафаҳмид, ки зарараш чист?

Барои Нозира аз ҳамон лаҳза тӯй сар шуд. Ҳурмат аз ҳамон лаҳза келинчак ном гирифт.

Вакили тӯй, тағои Нозира рӯзи дигар рафта бо Пирбой аз ҷиҳати ҷиҳози тӯй гуфтугӯ кард:

– Барои музди хизмататон, барои тарбия кардагетон як чӣ гуфтугузор кунед, мувофиқи қувватамон як чӣ ба шумо хизмат кунем.

– Як духтар додем, чӣ шудааст? Чӣ лозим, ки аз шумо чиз тамаъ кунем.

– Бо вуҷуди ин ҳам як чиз шумо гӯед, ин як таомули бобоҳомон.

– Хайр, ҳамин тавр бошад, таомули хешу таборро кунетон.

– Хайр, таомули хешу табор ҳам бошад, як чи номгӯй шавад.

Сипас, онҳо «гуфтугузор» карданд, ки чанд сар моли хурду калон, чӣ қадар орду биринҷу мавиз ва либосу палос мебояд, ки «таомули бобоҳо риоя шавад».

Бор фиристониданд, ҷомабурон карданд, зани Миралӣ ба сифати зани солхӯрда ва осударӯзгор, дар навбати аввал куртаи бахти арӯсро бурид.

– Насиб кунад, ба рӯзҳои нек пӯшад, - муборакбодиҳо гуфтанд занҳо ва филҳол ба дидани борҳои фиристодаи домод ва ҷиҳози арӯс сар карданд.

Рӯзҳои дигар паёпай суфракушоёну ҳезумбиёрон барин ойинҳо оғоз гирифтанд, ки ҳар кадоме ба сари худ як тӯй буд, вале тӯи калон не. Тӯи калон, туи никоҳро як шабу як рӯз гузарониданд. Таги по барфу ях, дар ҳавлии домоду келин баҳор – тӯю тантана, сурудхонӣ, рақс, ҳазлу мутоиба. Дару девор пури одам, рӯи бомҳо пури бача.

Мардуми Ҳамакон дар ду маврид ниҳоят номуснигоҳдорӣ мекунанд: дар тӯй ва дар мотам. Ҳардуи ҳамин маъракаро бе

каму кост, бо овозаю дабдаба гузаронанд сарашон ба осмонҳо мерасад, қарзи одамии худро адо шуда медонанд, ки умр ба зоеъ нагузаронидаанд. Агар ин маъракаҳоро касе оддияку бешаҳомот гузаронад, вай аз одамгарӣ хабар надорад ва умр барабас гузаронидааст.

Тӯй дар ду ҳавлӣ – тӯи мардона дар ҳавлии домод ва тӯи занона дар ҳавлии арӯс гузашт. Қассобон гову гӯсфанд мекуштанд, ошпазҳо дар рӯи ҳавлӣ дегҳои маърака монда ошу кабоб мепӯхтанд, занҳо мунтазам ба танӯрҳо нон часпонида нон мекананданд, пешхизматҳо ба хонаҳо таому ширинӣ мекашониданд… ва ҳамаи ин ба Баҳром намефорид, ба назараш чунин менамуд, ки ин тӯю ин дабдабаро фақат барои худнамоӣ барпо кардаанд, барои бартарии худро нишон додан. Ба кӣ нишон медиҳанд, чӣ ҳунар нишон медиҳанд? Ҳунарашон бошад дар ҷои дигар, ба кори, масалан, раҳкушоӣ, мошинсозӣ, мактабу маориф, китобчопкунӣ, конёбӣ ва монанди ҳамин корҳо нишон диҳанд намешавад?! Неъмат ҳам ба инҳо ду-се сухани таъсирнок намегӯяд, баракс, дасту оринҷ барзада ба ҳамаи ин корҳояшон ёрӣ расонида истодааст.

Ҳурмат дар хонаи калоне, ки бо гилему сӯзанӣ, ойнадону чумчадон ва рахтҳои кӯрпаву болишт оро додаанд, чун гули Наврӯзӣ дар ҳалқаи занҳо нишаста буд. Занҳо ҳама якта намонда либосҳои сурх дар бар доранд – аз пешонибандак то поҷома. Фақат Ҳурмат сафедпӯш аст – саргирак сафед, рӯймол сафед. Курта сафед, поҷома сафед. Ҳамааш сафеду шаффоф чун рӯзи арӯс, чун орзуи модар дар шаби муроди фарзанд. Чашмони сиёҳаш, зулфони сиёҳаш, абрӯи дарози сиёҳаш ва мӯи майдабофтаи сиёҳаш зери ҳарирҳои сафед мушкинанд. Ӯро занҳои гузар ду рӯз боз оро медиҳанд ва мӯяш аз шоназадан абрешим барин мулоим шудааст. Занҳои шӯх ҳама корашонро бо суруд мекунанд – сар мешӯянду суруд мехонад:

*Пагоҳ вақти рафтан аст,*
*Гулдухтар сартае бишӯ,*

Ба мӯи ӯ шона мезананду суруд мехонанд ва дили Ҳурмат пур мешавад, ашк ба гулӯш мепечад – ҳам талх ва ҳам ширин, чӣ ҳол аст ин?! Ҳино мебанданду тарона мехонанд, либос мепӯшонанду суруд мехонанд, зеби гардан мебанданду каф мекӯбанду мерақсанд…

Дар ин рӯзҳо Ҳурмат хизматгорони бисёре пайдо кардааст– хизматгорони ихтиёрӣ, ки ихтиёри ӯро ба дасти худ гирифта-

анд. Ғайр аз дилу оби чашм дигар ҳеҷ чиз ба ихтиёри худаш нест – ӯро мешинонанду мехезонанд, либос мепӯшонанду либосашро мекашанд, мехӯронанду менӯшонанд, ба оина нишон медиҳанд, гап ёд медиҳанд, ноз меомӯзонанд; вай итоат мекунад, иҷро мекунад, мешукуфад ва ҳамеша сари дилаш пур аст – ашк ғалаён дорад. Вай он қатраҳои софро гоҳ аз зери мижгонҳо мебарорад ва гоҳе номаълум фурӯ мебарад. Бахти моломол, бахти безаволаш ҳамин лаҳзаҳо бошад?

– Домод таги чодар даромадан баробар пояшро зер кун!

– Барои чӣ?

– Як умр дастат боло мешавад.

Ҳурмат табассумкунон сари тасдиқ меҷунбонад, ҳар чанд дуруст сарфаҳм намеравад, ки дар заношӯи дастболо будан чӣ даркор аст?

Домод дар хонаи худ байни ёрон нишастааст ва аз фикри он ки минбаъд соҳибхона мешавад ва зане ҳамеша дар паҳлӯяш хоҳад буд, ба лабонаш табассуми ноаён медамад ва дар айни ҳол ба назараш хеле аҷиб менамояд, ки дигар сари озод надорад.

Ҷавонмардон – хешу бегона, ҷӯраҳо ва онҳое, ки дар вақташ бо ҳам муштзаниву сангпарониҳо карданд, баробар даст ба даст хизмат мекунанд – лаъливу табақ, чою об маоранд, таому мева мекашонанд, табақу косаву чойникҳои холиро мегиранд, ҳазл мекунанд, қарс мезананд. Онҳо ғук, гург, саг, дев ва боз кадом як махлуқи бадбашара шуда одамонро механдонанд.

Баҳром мувофиқи одоби домодҳои Ҳамакон дар кунҷе сар ба гиребон кашида нишастааст – гап задан ва луқмае аз таомҳо хӯрдан аз рӯи одоб нест.

Шоҳи давра ба тарзи муроқибон нишастааст – ба давра, ба одамону дастархон гӯё ки нигоҳ намекунад, вале баръало мебинад, ки дар хона чиҳо шуда истодааст: ки ба чӣ машғул, киҳо дар куҷоҳо нишастанд, киҳо дар хизматанд.

Баданаш нав гарм шуд – ним соат пеш сардӣ аз ҷавшани ҷонаш гузашт, ба назараш чунин намуд, ки як умр дар айвон, рӯи кунда, зери теғи сартарош нишастааст ва ин ҳоли пурмалол гӯё тамом шудан надорад. Одамони масти бедарди бисёре гирдогирд давра гирифтаанд, ба ҳавои аёс нигоҳ накарда, бо ҳаври даҳон даст метафсонанд ва ба ҳавои чорзарб каф мекӯбанд.

*Устои ланги сартарош.*
*Сара покиза тарош.*

Ва усто Мӯсо, ҳамон устои номие, ки одамон ҳаваси дидани ҳунарашро доранд ва ба қавли мардум «мӯи сар гирад, кас хабардор намешавад»; устое, ки таърифи ҳунарҳои раг-заниву хунгириву лабшабуриаш ба воситаи корафтодаҳо аз забон ба забон гузашта ба ҳафт иқлим маълум гаштааст, дар ин лаҳза ҳақиқатан ҳам ланги тапа тайёр, ноӯҳдабарои досташ ночаспон мешавад ва чунон оҳиставу беҳунарона сар метарошад, ки хаёлат хезиву устурарo аз дасташ кашида гирӣ ва гӯӣ ки; «як корро тавонед, кунед-дия!»

Баҳром барҳои локиро дудаста доштааст, ҳаво хушқахунук аст, аъзои бадан хунук мехӯрад – сари луч ва тар ҳам хунук мехӯрад, вале хунукӣ ба панҷаҳои даст бештару сахттар мерасад, ҳатто мехалад ва чунин ҳиссиёте пайдо мешавад, ки гӯё фақат дастҳо хунук мехӯранд. Аммо сир бой додан даркор нест, дандон ба дандон монда тоқат кардан лозим аст, чунки ҳамаи ин базмиҳо ба ӯ чашм дӯхтаанд, бардошти ӯро имтиҳон мекунанд, ҳар як ҳаракати ҳар як узви баданашро мебинанд ва масхара мекунанд.

*Лабҳои домод кабуд шуд!*
*Ёр, ёр, ёроне!*
*Дастҳои домод меларзад!*
*Ёр-ёр-ёрон-е!*
*Кундаолов даркор аст!*
*Ёр-ёр-ёрон-е!*

Ниҳоят усто корашро тамом кард ва ҳангомахоҳони базм низ сурудхониву пулпартоиву хушгӯиҳояшонро бас карда, Баҳромро дар байн гирифта, ба ҳаёҳӯй ва ғавғо ба хона даромаданд.

Акнун ӯ дар кунҷак, дар ҷои гарм нишастааст, баданаш роҳат дорад. Сала дар сараш як чизи бегона менамояд, сар ҳам сари худаш не – хунук, пӯсташ таранг, пӯсти дойра барин.

Маърака пурнуру пурбаракат – одамон бо даҳони пурханда ба якдигар ва ба домод гӯшонагӯён механданд. Ҳамин ҳангом дарвеше харсавор ба хона даромад ва дарвешу хараш латифагӯӣ карданд. Ғуке омад, онро дида хар гурехт ва дарвеш аз дунболаш. Ғук ғазалхониву масхарабозӣ кард ва даме, ки як ҷавонро кокул баста, оро дода оварданд, ҳама аз ҷо хеста қарсак заданд, дарвешу хару ғук ҳам қарс мезаданд: ҷавон синаҷунбониву китфҷунбонӣ кард ва базм тафсид.

Шаб пухтан пас базм аз хона ба ҳавлӣ ва аз ҳавлӣ ба кӯча баромад. Кӯчаҳои танги деҳа аз барафтӯдаҳо, ки аз рӯи

бомҳо рӯфта партофтаанд, боз тангтар шудааст, бачаҳо дар гардишҳо ва назди мӯриҳо доман-доман барф кулӯла карда мондаанд – ба сари тӯйбарҳо ва домоду ёронаш мезананд. Кайфе ки аз тӯй мегиранд, бе ин комил намешавад, ҳарчанд медонанд, ки ба даст афтанд, сару гардан ва даруни куртаашон пури барфу ях мешавад.

Машъалдорон пеш-пеш, ҳофизон аз дунболи онҳо, сипас домоду ёронаш ва ҳама аҳли тӯй тарафи хонаи арӯс роҳ кашиданд. Суруди «шаҳ омад»-ро хонданд, ҳаво ва кӯҳу дара ҷарангос зад. Дар ҳавлии арӯс базми сур қариб бо ҳамин тартиб такрор шуд ва дар охир маросими ақди никоҳ оғоз гирифт; домод дар ҳузури шоҳидон бо тантана қавл дод, ки «ҳамсарашро то охири умр бенафақа намемонад ва то охири умр танҳо намегузорад». Баъд ҳар ду тараф нафси шарифи худро ба якдигар бахшиданд.

Ҳангоми никоҳ як шоҳкоса об оварданд, домоду келин бо навбат косаро ба даст гирифта як қулт-як қулт об нӯшиданд ва оби боқимондаи косаро Нозира бурда ба оташдони тафсон зад – ҳаёташон ҳамин оташдон барин гарм бошад!

Домодро аз хонаи модараш бо кӯчаи таг, аз пушти чойхона, аз назди мактаб гузаронида оварда буданд, дар бозгашт бошад Миралӣ маслиҳат дод, ки бо гузари боло аз пеши масҷиду идораҳои колхоз ва магазин гузаронида баранд. Аз рӯи эҳтиёт, ба ҳар эҳтимол агар ҳаромзодае нияти бад карда бошад – кӣ медонад, корд заданаш мумкин, санг партофтанаш мумкин, - ба нияташ нарасад: вай дар он ҷо камин гирифта меистад, домод бошад аз ин роҳ бедилсиёҳӣ ба манзил мерасад.

Домоду ёронаш рӯи ҳавлӣ баромаданд арӯс бошад ҳанӯз дар хона аст. Аз падару модараш илтимос кардан даркор, ки ба баромадан иҷозат диҳанд. Дар ин маврид ҳам, ба монанди ҳама мавридҳои тӯи тоҷик, суруде тайёр аст:

*Барор, барор хушрӯта,*
*Хушрӯи серабрӯта.*

Хушрӯи серабрӯ дар иҳотаи духтарону занони хушлибос аз остона баромад ва ҳарчанд ки замири дилаш хуррамие дошт, ашк дар гулӯяш мепечид. Модараш дар айвони аз машъалҳо равшан рост истода, бо чеҳраи кушода, вале бо оҳанги нарми андаке риққатовар байтхонӣ кард. Вай дар байтҳояш мегуфт,

ки «духтари хонарӯбама бурданд, ширпазакама бурданд; бурданд духтари говҷӯшакама. Хамиршӯракама, дегшӯякама».

Ҳофизон сурудро аз даҳони ӯ гирифтанд ва ба ҳавои шӯхи нақарот ҷӯр карда ба таври худ давом доданд: «Духтари хонарӯбата бурдем, ширпазаката бурдем; духтари говҷӯшата, хамиршӯрата, дегшӯята, хушрӯята…»

Ашке ки Ҳурматро гулӯгир буд, қатра-қатра шорида то сари биниаш омад.

Кӯча машъалистон ва деҳа пур-пури «ёр, ёр» аст. Дар даромадгоҳи ҳавлии домод пойандозро бардошта ба талош даромаданд – ҳар кӣ ҳунар дорад, пораи калоне аз он канда мегирад, бо нияти нек, ба чунин рӯз расидан, он табаррук аст.

Мардон, гӯё бузтозӣ бошад, бо пойандоз кашу баркаш доштанд: гурри ин тараф мерафтанд ва гурри он тараф. Матоъ, мазмун, бадошт будааст, ки ҳеҷ «канда» намешуд. Ҳамин ҳангом кампири Бибисаид, завҷаи мӯҳтарамаи Шогадо, қомати аслан хамидаи худро барои таъзим боз хамтар карда «Саломнома» хонд:

*Илоҳӣ, дар дами пирӣ шаванд ҳамрозе,*
*Ба ошиқони азалӣ салом мегӯем.*
*Шаванд хушдилу бо ҳам кунанд дамсозӣ,*
*Илоҳи, дар дами пирӣ шаванд, ҳамрозе,*
*Ба ошиқони худоҷӯ салом мегӯем.*

Аҳли тӯй: Ҳазор алек.

Бибисаид:

*Ки амри ҳақ шуду ақди никоҳ ҳосил шуд,*
*Муроди келину домод ҷумла ҳосил шуд,*
*Ҷамоли дӯст ба ҳар ду чи гуна восил шуд,*
*Ки душманон ҳама ғамгину дӯст хушдил шуд,*
*Ба он ду гавҳари* якто салом мегӯем.

Аҳли тӯй: Ҳазор алек

Бибисаид:

*Илоҳӣ сабзу мунаввар шаванд ин ҳар ду,*
*Мисоли Вомиқу Узро шаванд ин ҳар ду,*
*Ситораҳои мувофиқ шаванд ин ҳар ду,*
*Давом бошираю шарбат шаванд ин ҳар ду,*
*Ба ҳаққи меҳри покашон салом мегӯем.*

Аҳли тӯй: Ҳазор алек.

Бибисаид:

*Кунанд рухсату мо ҳам кунем мухтасар салом,*
*Ки арзи мо шунавед, эй қудои хушинъом,*
*Кунед келину домодро иззату икром,*
*Баобрӯй шаванд доимо. Ҳамеша, мудом.*
*Ба он қудои баҳиммат салом мегӯем.*

Аҳли тӯй: Ҳазор алек.

Ба хонаи домод расиданд. Ҳурмат ба остона таъзим кард ва ба хона даромад. Ҳамин ҳангом Нозира анбӯҳи занҳоро дударон карда пеш баромад ва чун одами аз ҳол рафта худро гурсӣ пеши пои келин партофт ва бо овозе, ки гӯё дами назъ бошад, гуфт:

– Ба ман хизмат кун, акнун ман мурдам.

Ҳурмат сабук хам шуда сари ӯро бардошт ва рӯи болишт монд: яъне ки «ман ба хизмат тайёр». Аммо дилаш таҳ кашида рафт. Боз оби чашмаш баромад.

Арӯсу домодро паси тор мебаранд, тарафи арӯсу домод баҳсмабаҳс мухаммасгӯӣ карданд, воситаи мухаммас орзую умед ва иҷмолан талабу даъвоҳо гуфта шуданд.

Янгаҳо арӯсу домодро таги тор даровараданд ва оина доштанд, ки онҳо якдигарро дар оина бинанд, «шинос шаванд». Баъди дар оина ба якдигар нигоҳ кардани онҳо шарбат даровараданд – ҳаёташон ширин шавад!

Ҳангоме ки янгаҳо ба арӯсу домод шарбат мехӯрониданд, Нозира як хокандоз испанд даровар да дуд дод ва ду мард, ки пеши остона рост меистоданд, бо як овоз қироат карданд:

*Ҳазориспанд ҳазор дона,*
*Ба чашми хешу бегона.*
*Ҳазориспанда дуд кардем,*
*Ҳазор балоя дур кардем.*

Пас аз ин одамон пешу кафо аз тӯйхона баромада рафтанд. Акнун наварӯсонро танҳо мондан лозим. Барои онҳо хонаи хосе ҷудо кардаанд ва янгаҳо дар он хона ҷои хоб партофта, дар ҷогаҳ ду кӯдак – як писару як духтар хобониданд: арӯсу домод серфарзанд шаванд.

Дар байни хона ҷогаҳи аз зону баланд, рупӯшҳо ҳама аҳорӣ ва сафед. Ҳурмат ҳам сар то по сафедпӯш ва… Баҳром…

Янгаҳо дар даҳлез хобиданд. Ёрони наздики домод – як марди хонадида ва як ҷавони муҷаррад, ки бояд таҷрибаи

ҳаёт омӯзад, дар хонаи дигар. Онҳо посбони оилаи наванд. Чиҳил шабу чиҳил рӯз посбонӣ ва хизмат мекунанд…

Дирӯзакак буд ҳамаи ин гӯё. Чӣ қадар вақт гузашт? Ва дар тӯли ин вақт чӣ воқеаҳое рӯй доданд? Чӣ қадар одам фавтид ва чӣ қадар кирдорҳои неку бад аз ёдҳо рафтанд? Вай чӣ қадарҳо хандид ва чӣ қадарҳо гирист?

Ҳоло Ҳурмат шишта-шишта гоҳе фикр мекунад, ки арафаи тӯй, рӯзҳои тӯй ва чил рӯзи баъди тӯй вай азизтарин одам буд, хушбахттарин ва бениёзтарин одам буд. Баъд рӯзгоре сар шуд, ки оилаву зиндагӣ ном дорад ва пур аз шебу фароз аст. Ҳамвориаш кам. Мазмун, одамони Ҳамаконро таҷрибаи чандинҳазорсолаи рӯзгордории бобоён дар сарфи умр хирадманд кардааст ва онҳо медонанд, ки бахти одамӣ як чизи ноустувор ва ҳаёт воқеиятест бо роҳи душвор. Барои ҳамин ба тӯи фарзандон ин қадар эътибор медиҳанду ташвиш мекашанд, ки навхонаҳо дар умрашон ақаллан чиҳил рӯзи шодмонӣ ва беғаш дошта бошанд, ки пушаймониҳо дар пеш аст. Он тарафи зиндагӣ дар қабзаи ҳаводиси рӯзгор – ҳар киву ҳар чӣ.

Насиби Ҳурматбибӣ омехта будааст – гоҳ шодӣ ва гоҳе ғам. Дар ҳар ду ҳолат ҳам, агар ҳиссиёт ҷисмашро фаро гирад, оби чашм кардааст. Ҳоло низ чунин ҳоле дорад. Чун шунид, ки Ҳамакон меравад беихтиёр оби чашмаш баромад. Як оби шӯр, талх ва гӯё ки гуворо.

## IV

Ҳа, буданд қолабҳо ва қолабшиканҳо! Ва қолабсозҳо низ буданд.

Аввалин касе, ки қолабҳои азалию абадии ҳаёти шаҳраки Ҳамаконро беибо шикаст, писари калонии Холиқи Соф, акаи Баҳром, Ислом буд. Ҳамон қолабҳои ягона ва тайёре аз қабили одоби ғуломона, фурӯтанӣ аз тарс, хушомадгӯии аксарият ба ақалият, риёву ришва дар муомилот, ки агар дар ҷое заррае риояаш накунанд, ба чашми мардум бад менамуду эрод мегирифтанд, аввалин касе ки аз айбу эродҳо натарсида, на танҳо риоя накард, балки аз паи тағйираш афтод Ислом буд. Ислом буд аввалин сарбози роҳи инқилоб аз Ҳамакон…

Нозира, модари Ислом, ба ҳавлии серодам ва сердарову баро одат карда буд. Вақте ки одам кам шуд – писарон ҳама дар мусофириҳо, духтарҳо бо шавҳар баромаданд, – якбора

хона холӣ монд ва ӯ гӯё ба ҷои ноошное афтода бошад, босабабу бесабаб ва зуд-зуд дилтанг мешуд. Вале он дилтангӣ дигар буду дилтангие, ки баъди хабари фоҷиаи Ислом рӯй дод, тамоман дигард. Акнун ба хонаи ҳамсоя равад ҳам дилаш кушода намешуд, на дар хонаи худаш ва на дар ҷои дигар ором нишаста наметавонист, дам ба дам оҳ мекашид, дам ба дам аз ҷояш хеста ба ҷои дигар менишаст, дам ба дам дилаш бухс мекард... Ва ҳамсояҳо афсӯс мехӯрданд, ки Нозираи озодаи кайвону савдоӣ шудааст, ғам ӯро савдоӣ кардааст. Вай тоқати дар хона нишастан надошт. Дар адиру ҷангалҳо мегашт ба монанди гумҷӯе, ки гумшудаашро ҳеҷ ёфта наметавонад. Дами субҳ хеста, саргирак ба сар гирифта, паст-паст зери лаб сифатҳои Ислому орзуҳои ношикастаи худро гуфта-гуфта болои Қалъа – болои тепа мебаромад ва ба роҳи морпечи даруни дараву қади дарё нигариста – писарашро даступо баста бо ҳамин роҳ бурданд ва ин роҳ барои вай роҳи рафту наомад шуд! – писарам, писари ҷавонмаргам, гӯён хуб мӯягарӣ мекард. Як рӯзро бо ин аҳвол дар атрофии шаҳрак мегузаронид ва рӯзи дигар бо бари яктак миёнашро баста чиллик гирифта аз пашми ғозида нарм кардааш ваноғкашон бо пайраҳаҳои фарозу качу уреб то ба ҷангалҳо мерафт. Аз он ҷо шоххҳои хушк чида, як банд ҳезум мегирифт ва ба сараш монда, боз ба ҳамон роҳ ба ҳавлӣ бармегашт ва ҳама роҳ – ҳам аз рафтану ҳам аз омадан мӯягарӣ мекард. Ва ҳар гоҳ ки аз овозандозӣ монда шуд, ҳамчун хулосаи ҳасраташ, гӯё ки ба касе дарди дил мекарда бошад, оҳ кашида мегуфт:

– Писаракам пеш омаду пеш рафт. Исломам зеби маърака буд, тез ба маърака даромад ва бақо накард, зуд баромад, тамоман баромад. Дидорҳо ба қиёмат монд ва ин дарду алам ба гуфтан то рӯзи қиёмат ҳам тамом намешавад.

Ислом бо вуҷуди он ки то дувоздаҳсолагӣ дар мактаби масҷид, дар дарсхонаи мулло Мирзо «Ҳафтяк» ва «Чор китоб»-ро хонда фаровард, бо вуҷуди он ки дар чаҳордаҳ-понздаҳсолагӣ бачаи хушёри бақувват буд ва ҳар коре ки фармоянд, аз ӯҳдаи иҷрояш мебаромад, як шуғли доимие надошт. Касбе надошт вай. Мавсимӣ дарав бошад, ғаллаву алаф медаравид, аз кӯҳ ҳезум меовард, лой ҷӯлонда метавонист ва шабонаҳо бекор мемонд. Шабонаҳо шавқи бачагиву бесариаш боло мегирифт ва бачаҳои хурду калонро ғун оварда, дар Қалъа аққолбозию пуштҷиҳакон мекард. Ва ё

ягон хареро бурда уреб мемонду аз ин тарафаш ба он тарафаш хез мезад ва аз он тарафаш ба ин тарафаш. Ва ё шабро бо рамабозӣ ба рӯз мерасонид – гургҳо ба рама шабохун мезаданд, сагон гургонро пеш мекарданд, чӯпонон «ҳой баҳ, ҳой гир», мегуфтанд... кӯчаҳо пури даво-даву ғавғо мешуд ва гоҳо шабҳо Раҳимбой рӯи боми оғилаш баромада, бо ҷаҳл, бо овози баланд чеғ мезад:

– Холи-и-и-қ! Ҳо-о-о Холиқ! О баро, ин бачата гир. Мебароию сариштааш мекунӣ ё не?! О аз дасти ин мардум ба дод омаданд-ку?!

Холиқ хоболуд «чӣ гап шуда бошад?» гӯён ҷомаро ба китф гирифта берун мебаромад ва ба асли гап сарфаҳм рафта:

– Ҳоло вай падақусур ба дастам афтад... – гӯён таҳдид мекарду боз ба хона даромада хоб мерафт.

Бо вуҷуди ин ки Ислом бино ба тарбияи оила, монанди падараш ҳалолкору ҳалолхӯру пархезкор буд, – Миралӣ ягон касро насиҳат карданӣ шавад, Холиқро намунаи ибрат нишон дода мегуфт, ки «зиндагии ҳалол зиндагии ҳамин мардак аст, вай ба дунёи равшан барои он омадааст, ки луқмаи ҳалолро аз луқмаи ҳаром фарқ кунад, одам ана ҳамин хел зиндагӣ карданаш даркор!» – ҳарчанд ки вай ҳам ба мисли падараш даъвои ба дигарон ақл шудан надошт, ҳарчанд ки ба рӯи падар рост нигоҳ карда гап задану гапи падарро гардонидан дар Ҳамакон гуноҳи азиме буд, вай дар таги дилаш дар баҳсҳо хомӯш нишастан, аз ҷанҷолҳо канор истодан ва ҳар коре ки мансабдоре бикунад, ё ҳар гапе мансабдор бигӯяд, хоҳ нодуруст бошаду хоҳ ҷабр бо дигаре, эътироз накарданҳои падарашро намеписандид ва аз зиндагии худ ҳам қаноатманд набуд – дилаш чизи дигаре мехост, ҳавои зиндагии дигаре дар сараш буд, ҳарчанд худаш намедонист, ки он зиндагӣ чӣ тавр бояд бошад ва чӣ хел карда ба он мӯяссар мешаванд. Падар авзои писарро дида ба дилаш ғам медаромад: «рафтораш ҳамин бошад, рӯзи хуш намебинад!» Ва гоҳ-гоҳо ӯро танбеҳи забонӣ диҳад, гоҳи дигар дар лаби оташдону сари дастархон дар паҳлӯяш нишонда ба тавраш насиҳат мекард:

– Зиндагӣ ба мисоли як бозори калонест ва дар ин бозори калон ҳар кас бояд аз паси кори худ бошад, чунки ба кори дигаре қозӣ шудан низоъ ва нифоқ андохтан аст. Ҳам кори худаш мемонад ва ҳам кори дигарон вайрон мешавад. Барои

ҳамин аз дастат ояд, ба кори касе беғараз ёрӣ расон, агар аз дастат наояд, хап гард. Чунки ҳар кас кори худро худ сариштa карда тавонад, ҷамъулҷамъаш мешавад ободии диёру осудагии халқ.

Писар назди падар бо тавозӯъ хомӯш менишаст ва пас аз хеста рафтани ӯ ба модар мегуфт:

– Худро ӯҳда карда тавонистан хуб аст, ба дигарон ёрии беғараз расонидан кори савоб аст, вале ба кирдори дигарон қозӣ шудан даркор, ки ба касе ёрӣ расонида бошӣ. Хап нишастан даркор не, ҳаққат бошад, кашида гир.. ном хоҳӣ, хатар кун!

– Ту мехоҳӣ, ки ном барорӣ?! – механдид модар.

– …

– Ба гапҳои падарат гӯш кун, писарам.

Ислом бисёр мехост, ки ном барорад, бисёр мехост, ки ягон муъҷиза шавад, ба монанди мӯъҷизаҳое ки дар достонҳои Акбари Абрӯ ҳастанд ва ӯ чунон ном барорад, чунон шӯҳрат ёбад, ки ҳамаи ин ҳокимону мулкдорон аз вай тарсанд. Ҳукмаш чунон гузаро бошад, ки номи ӯро шунаванд, тарсанд, чунки то натарсанд ҳурмат намекунанд; ҳатман бояд тарсанд ва ба ӯ корафтода, ба ӯ мӯҳтоҷ шаванд. Ҳамаи инҳо ки саломи одамонро алек намегиранд, як кас ба онҳо корафтода шавад, ба тарафаш нигоҳ намекунанд, қадри одамро паст мезананд, хору залил мегардонанд, ба сарашон қамчин мебардоранд; ҳамаи инҳое, ки корашон ба дигаре афтад, гарди пояшро бо мижгон мебардоранд, вале кори дигаре ба инҳо афтад, аз рӯбарӯяш омада вайро надида мегузаранд, ҳамаи ҳамаашон илтимос бардошта пеши ӯ оянд, илтиҷо карда назди ӯ оянд ва ӯ ба онҳо нишон диҳад, ки расми одамагарӣ чист ва одам бо одам чӣ тавр муомила бояд кунад. Ва нишон диҳад, ки вай ба онҳо монанд нест, онҳо барин худро аз дигарон калон намегирад, назди вай ҳама одамон як хел, баробар қурб доранд; ва ин меъёрро нигоҳ доштан душворие надорад – ба корҳои ман бингареду ёд гиред!

Ӯ дар назди ҳеҷ кадоми онҳо абрӯ чин намекунад, худро надидаву нoшунида намегирад, риёкорона ваъдаи дурӯғ намедиҳад, ҳамон лаҳза ҳоҷаташонро мебарорад, кори касеро як нафас вогузор намекунад ва хуш омадеду хуш бошед мегӯяд. Ҳамин хел муомила мекунад вай ба ҳама одамон ва он соҳибмансабони собиқ одоби муомилаи ӯро дида, ба рафторҳои худ муқоиса карда хуб шарм медоранд, азоб мекашанд ва пушаймон мешаванд, ва мефаҳманд, ки: «ҳамин

қадар вақт беҳуда зиндагӣ карда будем, умрамон беҳуда гузашта аст, зиндагии одамона ана ин хел мешудааст. Беақл будаем мо, бефаҳм будаем мо».

Дар сари вай ҳамин хел хаёлҳои ширини бачагона буд, вале «одам дар чӣ хаёлу фалак дар чӣ хаёл» - рӯз шаб мешуд, шаб рӯз мешуд, ҳеҷ муъҷизае рӯй намедод. Касе назди вай ҳоҷат намеоварd, балки худаш мӯҳтоҷ буд.

Вай шабҳо бо ҳамин орзуҳо хоб мекард ва рӯзҳо боз ҳамон ҳолеро медид, ки пору перорсол дида буд ва ӯ бо табу тоб фикр мекард, ки: замин сахту осмон баланд! Аз дасти бандааш чӣ меояд?

Рӯзонаҳо боз як гапе, ба ину он кор банд, бои ну он одам чор даҳон гап мезад – заҳри одамро одам мегирад – ва дилашро холӣ мекард. Шабонаҳо аламаш тоза мешуд, даҳчанд сад чанд меафзуд ва берун ба кӯча мебаромад ки мавқеашро мустаҳкам кунад – одамони беинсофро азобе диҳад. Ва дастаи бачаҳо саги он одамро мезаданд, ба дарвозааш санг мепартофтанд, гурехта дар чокии деворҳо руст мешуданд ва боз баромада аз мӯриаш барфу ях мепартофтанд… Ва Ислом ба худо илтиҷо мебурд, ки мисли Исмат «як каси худо назаркарда ва ҳазрати хоҷаи Хизр дастгираш» - чунки ин корҳо аз дасти одами оддӣ намоеояд! – пайдо шавад. Ҳамин хел одам пайдо шавад, Ислом ҳатман ёри ӯ мешавад. Ислом дар паҳлӯи ӯ истода шамшер мезанад.

Акбари Абрӯ «Достони Исмат»-ро нағз мехонд. Достонхонӣ дар Ҳамакон ривоҷ дошт – достонҳои манзуму мансурро дар маърака ва шабнишиниҳо бисёр мехонданд. Наъти пайғамбарон, корномаи шоҳон ва қиссаҳои ғарибиро мехонданд, ки ҳамааш ҷисму рӯҳи касро тасхир мекарданд, мулоим мекарданд, вале Исломро «Достони Исмат» бештар хуш меомад, чунки ба дилаш, ба фаҳмаш ва ба нияташ наздиктар буд.

Исмат зиндонӣ буд. Вай аз зиндони амири Бухоро гурехт ва чунон ки аҷдодонаш Испетамену Деваштич – фақат фарқ дар он ки Испетамену Деваштичро чун душмани дину имом маҳкум мекарданд ва Ислом он вақтҳо асли нияти ҷонфидоии онҳоро намефаҳмид – дар замонашон ҷангкунон аз дасти истилогарон ва дастёрони таҳҷоии онҳо, ки ба умеди ҷоҳу мансаб аз косаи ҳиёнат шарбат менӯшиданд, ба кӯҳистони душворгузор паноҳ бурда буданд, ӯ низ аз ҷабри зулми золимон гурехта паногоҳ аз роҳҳои душворгузари кӯҳистон ёфт ва аз ҳамин ҷо бар зидди истибдоди номаҳдуди

беки Ҳисор қиём кард. Вай остондори як вилоятро маъзул гардонид ва ба ӯву монандагони ӯ нишон дод, ки: «мӯрчагон гар бикунанд иттифоқ, шерри жаёнро бидаронанд пӯст!» Онҳоро огоҳонид, ки шумо зинҳордори райия ҳастед ва агар он зинҳорро хор кунед ногузир насибатон хорӣ хоҳад буд.

Исмат қаҳрамони халқ шуд, вале қаҳрамони достон. Вай буду шуд се ҳафта майдондорӣ кард ва се рӯз ҳукмдорӣ, вале рӯҳи Исмату рӯҳи халқ боқӣ монд, абадӣ монд, дар достон, дар забонҳо монд. Аввал чанд тарона пайдо шуд, баъд чанд порчаи яклухти марсиямонанд ва баъдтар достончае, ки зимни ёди Исмат лаҳзаҳои аз боҷу хироҷ ба танг омадан, бо беки ноҳия ба ҷанги тан ба тан даромадан, ҳабс шудан, гурехтан, халқро ба по хезондан, бо ҳуҷум қалъаро гирифтан ва шикаст хӯрдани шӯришро фаро мегирифт.

Дар аввал ин достон як достони соддабаён ва осонхон буд, ки ҳодисаҳои воқеиро бо тасвири маҳал ва номи сардорони шӯриш васф мекард ва онҳоро ҳар гӯянда хонда метавонист ва ҳар хонанда мувофиқи табъаш ба он иловае медаровард ё ихтисоре мекард. Вале рафта-рафта калон шуд, пурра шуд ва аз нақли оддӣ ба санъат табдил ёфт, то ки қувваи таъсираш зӯртар бошад. Рафта-рафта Исмат як сурати хаёлие шуд, ки орзуву ормонҳои халқро ифода мекард, ба тарзи баёни оддӣ не, ба усули суратофаринӣ ва маънои кӯчидаи сухан ифода мекард, ба тарзе ифода мекард, ки «ман бароят достоне мехонам, вале маънияшро худат фаҳм кун!» Акнун ба Исмат қувваҳои фавқултабиа ёрӣ мерасониданд, акнун боди роҳгузар паёми ӯро ба гӯши ёронаш мерасонид, акнун ӯро хирс аз ағбаҳои касногузар мегузаронид, парасту аз хатарҳо огоҳ мекард…

Нусхаи комили достонро Акбари Абрӯ машҳур кард. Сермӯ буд Акбари Абрӯ – каллаи калон, пешонии калон, рӯи хурд, абрӯҳои найзагӣ… боқӣ ҳама ришу бурут ва дар байни ин қадар мӯ як ҷуфт чашми аслан ҳалим, ки гоҳи шаҳд кашидан ва Исматро ба майдони ҷанг даровардану аз он ғолиб баровардан, дармегирифт ва чун оташи фурӯзон мешуд.

Чойхона пури одам аст, дами дар ва беруни дар ҳам пур, танба-танба. Ислом навъи карда худро дарун гирифта, дар пойгаҳ чорзону зада нишастааст. Дар пешгаҳи чойхона, рӯи кат аз кӯрпача тахт бардоштаанд, ки Акбар болои он дузону нишаста, якка-якка ба торҳои танбӯр нохун мезанад – ҷӯр мекунад.

Барои ҷӯр кардани оҳанг, машқ додани овоз ва таваҷҷӯҳи ҳозиронро ҷалб кардан вай се-чор рубоии шӯх хонд. Сипас

сарашро рӯи косаи танбӯр хам кард, дастони сермӯяш рӯи косаи танбӯр ва қад-қади пардаҳо тезтару тезтар давиданд ва ӯ сарашро боло гирифт, достонашро сар кард. Мулоим, равон ва фасеҳ сар кард.

Одамоне ки масҷиду намоз ва фотиҳаи бегоҳи ҷумъаро партофта аз барои шунидани достони ӯ омадаанд, чунон хомӯшанд, ки гӯё нафасгириро фаромӯш кардаанд. Дар фазои хона фақат садои танбӯр ва овози Акбар сайр мекунад: Исмат ба мисли ҳамаи ҳозирон фарзанди одам аст, аз одам таваллуд шудааст, вале аз дигарон як фарқ дорад. Фарқаш ҳамин ки дурӯғ намегӯяд ва дурӯғгӯёнро бад мебинад. Зиндагии ӯву модараш душвор аст, вале Исмат аз душвориҳо наметарсад, ғаюр аст. Табиати ҳақпарастӣ ва адолатхоҳӣ дорад. Ба ӯ дар душвориҳо қувваҳои фавқултабиа ёрӣ мерасонанд, зеро хислатҳое дорад, ки ба халқу худо писанд аст. Ӯро паррандаву даррандаҳо аз офатҳо огоҳ мекунанд, чунки озори ҷондореро ноҳақ раво намедорад. Аз ду рӯи ӯ нур меборад, аз ҷабинаш фарри мардӣ хувайдост.

Ваҷоҳати боҳайбати Акбар низ кӯдакона маъсум аст: ҳаллим, беозор, вале мағруру ба худ боэътимод.

Исмат аз ҳаёту одамон талаби беҳудае намекунад, талабҳояш ҳама аз рӯи инсофанд, бояд иҷро шаванд, дар акси ҳол оҷиз нест аз гуфтану шунидан!

Дастони Акбар тезтару тезтар ҳаракат мекунанд, овози софаш бештару бештар шира мегирад: Исмат аз муҳити хонаву оила ба майдони фарохтар – ба майдони ҳаёту мамоти мардум баромад. Беадолатиҳо, ноинсофиҳо ва макру ҳиялро дид. Диду написандид, ҳамияташ ҷӯш зад, эътироз кард.

Акбари Абрӯ ҳам норизост, ваҷоҳаташ пури эътироз, Ислом низ тарафи онҳост, вуҷудашро эътироз фаро гирифтааст.

Одамони бек барои гирифтани охирин бузи бевае омадаанд. Кампир фиғонкашон дасти мадад ба осмон бардошт, вале лобаи ӯ ба дили санги онҳо асар надорад. Исмат пеш баромад, гардани бузро аз дасти онҳо халос ва худҳошонро пеш кард: «шумо одамед ё ҳайвон?» Кампир шод шуд ва дуои нек кард, ки: «илоҳо ба ҳазор дарой, хока гирӣ, зар гардад». Одами бек бечора монд ва дӯғ зад: «ҳоло ист, зӯриатро аз биниат набарорам, номамро мегардонам».

Рӯи Акбар нур гирифт, ба дили Ислом фараҳ даромад: «гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!» Акнун Акбару Исмат як

тан шуданд, ҷони Ислом бо ҷони Акбар пайваст – мушакҳояшон бо як зарб, бо зарби захмаи Акбар меҷунбанд, онҳо аз як тору пуд ришта шудаанд, тобеи як савтанд. Назари нигоҳашонро деворҳои хона садд нест, дар дуриҳои дур, дар ҷойҳое гаштаанд, ки Исмат корзор мекунад. Онҳо ҳамроҳи Исмат ҳастанд, талхиву ширинии ҳаётро бо ҳам мебинанд.

Исмат баробари даҳ мард қувва дорад ӯро ғайри аспи худаш дигар асп бардошта наметавонад, гурзи ӯро ғайри худаш дигар кас бардошта наметавонад.

Дар бадани Акбару Ислом ҳам қувваю ғайрати даҳ марди майдон даромад. Исмат Акбар шуд, Акбар Исмат шуд, Ислом ҳам Исмат аст, ҳам Акбар. Ҳамаашон як хуну як пӯст, як душман доранд – аҳли ҷоҳ! То ҷон доранд, ба муқобили он мубориза мебаранд. Ба онҳо аз моли дунё ғайр аз номи нек дигар ҳеҷ чиз даркор нест.

Аҳли ҷоҳ аз Исмат метарсанд, ӯро бад мебинанд, ӯро душман шинохтаанд. Баҳона меҷӯянд, ки аз вай халос шаванд, несташ кунанд, вале Исмат аз макру дасисабозиҳои онҳо хабар надорад.

Акбар, ки Исмат аст, Ислом, ки Акбар аст, пас душмани Исмат душмани онҳост ва онҳо ҳам намедонанд, ки барояшон чӣ домҳои балое бофта истодаанд…

Дар сари хирман ҷанг шуд, Исмат думи аспи доруғаро бурида, худи ӯро хандахариш кард. Барои дастгир карданаш ясавул бо одамонаш омад. Одамони ҳалол тарафи Исмат шуданд, сар бардоштанд, даст бардоштанд, силоҳ – белу каланду мисрон гирифтанд, омодаи ҳарбанд. Ҳоло душман наомадааст, онҳо дар пои шах Қалъаи болокушодае месозанд, роҳ мекушоянд – Исмат дар дили ҷар якпоя истода, бо найза роҳ мекананд.

Акбару Ислом ҳам худро ба расанҳо баста, дар ҷарӣ овезон истода роҳ мекушоянд, ки маркабҳояшон гузашта тавонад.

Дар ҳокимхона барои Исмат андози калоне баровარданд – баробари андози як мулк… Исмат сар тофт, «ҷои ҷангатонро гӯед», гуфт. Онҳо ҷавоб надоданд, вале як шабона ӯро дар хобаш дастгир карда, дасту пояшро баста, гирифта бурданд.

Дасту пои Акбару Ислом низ баста, асир афтодаанд, онҳоро ба зиндон мебаранд…

Ҳафт шабу ҳафт рӯз дар зиндон бе обу нон нишастанд: «монед, пӯсанд!» Вале шаби ҳаштум замин чунбид ва занҷири дасти онҳову як девори зиндон аз ҳам рехт. Гурехтанд, ёғӣ шуданд. Ҷорчӣ дар бозору кӯчаҳо ҷор андохт, ки «Исмат ёғии дини ислом аст ва ҳар кас, ки дошта биёрад, дунёву он дунёаш обод мешавад».

Исмат шӯриш бардоштанӣ буд, ки аз ҳоким қасос гирад, аммо натавонист, фурсат нарасид. Дастгир карда ба Бухоро фиристониданд. Дар Бухоро ба пояш ишкел заданд. Чил рӯз дар банду ишкел буд ва дар шаби чилу якум ишкелро шикаста гурехт. Чунон гурехт, ки на дӯст дид ва на душман.

Акбар нафаси озоде кашид. Ислом ҳам сабукие дар дил ҳис кард…

Шӯриши калоне бархест, ки роҳбари он Исмат аст, ба ӯ на тир кора мекунад ва на шамшер, – тирҳое ки ба ӯ мерасанд, дар бағал ва даруни мӯзааш ҷамъ мешаванд. Шаб либос кашад, он тирҳо тӯда-тӯда мерезанд. Шамшер ба бадани ӯ расад, дамаш мегардад ва ё мешиканад. Шӯришгарон қалъаи ҳокимро муҳосира карданд, зада даромаданд…

Акбар сар то по аз нури шодӣ таркиб ёфтааст Ислом низ ба нури шодӣ ғарқ аст.

Дар қалъа ҷашни ғалаба оростанд. Исматро «ҷанобу ҳазрат» мегӯянд, вай аз нашъаи ғалаба маст шудаст – дӯсту душман ва ҳалолу ҳаромро фарқ намекунад – ғарра шудааст.

Э, дареғ! Шайтон ба ӯ ғолиб омад. Атрофиёни шайтонтинаташ ғолиб омаданд – ӯ луқмаи ҳаром хӯрд. Раво набуд, вале хӯрд. Фаромӯш кард, ки агар роҳбар муште ба ҷабре ситонад, дигарон харвор бигиранд ва мулк вайрон шавад. Исмат саргарми базм гӯшти гӯсфандеро хӯрд, ки навкаронаш беризоияти соҳиби мол кушта буданд. Хӯрду ҳамон замон ҷазояшро дид – гулӯяш мулоим шуд. Акнун тиру теғ мегузашт.

Душманон медонистанд, ки Исмат то луқмаи ҳаром нахӯрад, мағлуб намешавад. То ба ҷабр даст дароз накунад, завол надорад. Онҳо интизори чунин рӯз буданд, чунин лаҳзаро мепоиданд ва ҷосусони ошкору ниҳонашон ҳаррӯза ҳар рӯз хабар расонида меистоданд, ки «гули мақсад шукуфт ё не». Оқибат ба муроди дили онҳо шуд, аз ғурур, аз мастӣ шуд. Исмат луқмаи ҳаром хӯрд, гӯшти ба ҷабр ситонидаро хӯрд, хости худо ва муроди халқро фаромӯш кард.

Дареғо, сад дареғ, ки инсон комил нест!

Душманон бо дасти хоинон сари Исматро бுриданд ва он сари аз тан ҷудоро чун оқибати кори ёғиёни дину имон дар Майдони сари бозор ба намоиш монданд.

Акбар як нафас сукут кард. Ислом даст ба гулӯ бурд.

Савт дигар шуд. Оҳанги мутантан ба муноҷот гузашт: некномонро ёд бод, ҳалолкорону ҳалолхӯронро ёд бод; мардони майдонро ёд бод, мардни мардро ёд бод!..

Шаб ҳама шаб Ислом дар корзор мегашт, ҷористонҳо нишон медод – ба ӯ на тир таъсир дорад, на табар. Кӯфтаву афсурда, лекин бо вақти хуш аз хоб бедор мешуд. Як ҳафта – даҳ рӯз ғарқи ҳамин таассурот мегашт. Бо ҳавои ҳамон хобу ҳамон ҷористонҳо писарони аҳли чоҳи Ҳамаконро ёри бозиҳои рӯзонаву шабона намегирифт. Агар ғаллаи онҳо дар осиё бошад, рафта ба дӯл рег меандохт, ё обашро шоба мекард. Нисфи шаб аз назди ҳавлиҳояшон ғавғокунон мегузашт, ки хоби роҳаташонро ҳаром кунад. Сархори ҳотаҳояшонро канда гулхан меафрӯзт.

Як ҳафта – даҳ рӯз аз омадану рафтани шикоятгарон остонаи хонаи Холиқ хоктӯда мешуд.

– Ман адаби вай падарқусурро медиҳам, - ваъда медод Холиқ ва ба задан ки дасташ намерафт, Исломро дар паҳлӯяш шинонида забонӣ танбеҳ медод.

– Минбаъд ин номаъқулиҳоятро накун! – гуфт Холиқ ба писараш бо шиддат.

Ислом бо сари ҳам гӯш кард ва ҳамон тавр сар набардошта аз айвон фаромаду тарафи ҳезумхона рафт.

Холиқ аз кисаи калони эзори суфи васеаш носкадуи дарози суп-сурхи суфтаро баровардa, хаёлкунон молиш дода истод ва бо оҳанге, ки ташвиши ниҳоние дошт, ба ҳамсараш Нозира гуфт:

– Ҳамин писарат ба тағоияш Шер рафтагӣ, худи рафторҳои ҳамон барин.

Дили Нозира таҳ кашида рафт, баданаш ларзид: додари вай Шер паҳлавон буд, номҷӯ буд ва дар бузкашиҳо ба дигар чапандозҳо даст намедод ва як зимистони пурях дар бузкашӣ аз ҷар парида нобуд шуд. Овоза ҳаст, ки ӯро душманонаш дидаву дониста, бо сарсинаи асп ба ҷар тела додаанд. Худоё худовандо, аз балоҳо нигоҳ дор, дасти бадхоҳонро кӯтоҳ гардон!

Вале вай бо ранҷиши сохта ба шавҳараш гуфт:

– Тағош барин одам шавад, ҷон гӯед. Тағош одаме буд, ки касе ба ҷар афтад, дасташро мегирифт.

Баъдҳо Акбари Абрӯ аз маърака баромад – дар тӯи Раҳимбой, ки аз се водӣ одам хабар карду се шабонарӯз тӯй дод, душманонаш номаълум карда, ба ӯ сурма хӯрониданд. Дар рӯзи саввуми тӯй суруд хонда натавонист – овозаш гум шуд ва бо ҳамон алам ба куҷое кӯчида рафт. Аз ҳамон рӯз инҷониб мардуми Ҳамакон ӯро надидаанд. Ғайб зад мардак. Лекин ба хоби Ислом медаромад. Ба хобаш гоҳ Акбар медаромад, гоҳ Исмат. Зинда дар корзор ба хобаш медаромаданд онҳо ва Ислом дар паҳлӯяшон истода ҳарб мекард – шамшер мезад, амлокдорро мекушт, ясовулро мекушт қалъаро фатҳ мекард ва бекро мекушт...

Дар бедорӣ ӯро бек ба кори роҳи оҳан фиристонид. Сохтмони роҳи оҳан дар дашту биёбонҳои ноошно ва кор дар он ҷо ба назари мардум аз ҳабсхона бадтар буд. Ҳукми бадарғаро дошт, вале бек Исломро миннатдор кард. «Аз рӯи шариат ҳаққи ту зиндону кунда, – гуфт. – Ту ҷинояти сахт кардӣ, мушт зада шиками хари амакзодаи амалдорро дарондӣ. Он мушт ба соҳиби хар мерасид, яқин рӯдааш мебаромад. Беҳтараш ба кори роҳи оҳан рав ва дуои ҷони маро карда гард».

Ислом аз роҳи оҳан Исломурус шуда баргашт. Бо куртаи шерозадору эзору тики васеъ бо ҷома, миёнбанди гулдӯзӣ, корду банд, ки аз ду шилшилаи ғилоф яке гӯши моҳӣ дошт, бо ҷоруғи такагии бахиядӯз ва тоқии сиёҳи чоргул рафта буд, аммо аз он тараф кителу галафе, мӯзаи хирому шапкаи хокистарранги айвонбаланд пӯшида, тасмаи паҳн ва таппонча баста омад ва сабаби аслии лақабаш низ ҳамин тағйири либос буд. Вай дар роҳи оҳан аниқтараш дар депо як солу ҳафт моҳу ёздаҳ рӯз кор кард ва баъд боз се моҳ кам се соли дигар дар хизмати Ҳокимияти Советҳо дар кадом ҷоҳои дуре гашт, ки ҳама ин муддат ягон бор ба Ҳамакон омада натавонист.

Вале ҳамаи ин муддат аз хусуси аҳволу аъмолаш ба ҳар восита – бештар даҳон ба даҳон – ба Ҳамакон хабарҳо мерасид. Ҳарчанд ки Холиқ баъди ҳафт моҳи бурдани писараш харсавор ба он ҷоҳои дур рафта, ҳолу аҳволи ӯро дида омад ва ҳеҷ хабари ғайриоддие наовард, – «сиҳат-саломат кор карда гаштааст, худо хоҳад соли оянда ҳамин вақт ҷавоб шуда меояд!» – аввалин хабари аҷоиброМирвалӣ паҳн кард. Вай тобистон ба ҳамон тарафҳо мардикорӣ рафта буд ва тирамоҳ хабар овард, ки «Исломро дидам, Ислом чунон зӯр

шудааст, ки як болға ба дасташ, ба сари оташароба зада-зада онро пеш мебарад, зада-зада ақиб мебиёрад».

Баъд Ҳуррият шуд ва боз даҳон ба даҳон овоза паҳн гашт, ки Ислом ба кори ҳукумат даромадааст, дар ҷое кор мекардааст, ки кас рухсатномаи бо мӯҳру имзо надошта бошад, назди ӯ даромада наметавонад. Боз як муддат овоза шуд, ки – э, аҷаб! – Ислом аз кори ҳукумат гурехта, тарафи босмачиҳо гузаштааст. Боз дертар хабаре омад, ки, вай дар маркази округ амали калоне гирифтааст ва ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки берухсату маслиҳати ӯ коре кунад.

Дар ҳаққи ӯ ба ҳамин монанд овозаҳо паҳн мешуд ва замини ҳамин овозаҳо лақабаш низ вирди забонҳо гашт, ки ҳар кас ҳар хел шарҳ медод. Масалан, Ҳоҷар, яке аз шаттоҳтарин занҳои Ҳамакон, балки шаттоҳтарин занҳои рӯи ҷаҳон, ки ҳамсари оромтарин мардҳои Ҳамакон Шомансур буд, бо як андоми пурдаҳшате, ки гӯё замину осмон чаппа шуда бошанд, ду даст ба ду рон зада мегуфт:

– Ислом шапка пӯшидаст, шапка! Қофир шудааст!

Камоли Чакман, нахустин раиси шӯрои Ҳамакон, ангушти ишорат ба ҳаво бардошта, андешамандонаву дилпурона мегуфт:

– Дар дунё аз урус ростгӯйтар одам нест – қавлу кораш як, урус омад, дуруст омад, Исломро барои ростгӯӣ ва росткориаш Ислом-урус мегӯянд.

Ба ҳар навъ, вақте ки Ислом ба Ҳамакон омад, хурду калон, зану мард ба пешвозаш баромаданд, баромада дар худи таги Қалъа бо шодию ханда, бо тантана истиқбол карданд, ки: «Хайрият, ба ватан баргаштӣ, сиҳату саломат баргаштӣ».

Он вақтҳо мардум ватан гуфта, фақат зодгоҳашонро мефаҳмиданд ва касе агар аз Ҳамкон бо сабабе ба Самарқанд афтад, шаб то саҳар таронаи «шоми ғарибон»-ро замзама мекард, худро аз ватан дурафтода ва ғарибу бекасу кӯй медонист. Барои ҳамин рафтаҳо баргарданд, ҳама ба пешвоз мебаромаданд, хешу табор ба шукронаи пою қадамаш мол мекуштанд, хун мебароварданд, қурбонӣ мекарданд.

Ҳамакон тантана дошт. Барои дар шаҳр «амалдор» будани Ислом не, барои аз роҳи дур баъди чандин солҳо баргаштани як нафар ҳамдиёр, барои ба дидори якдигар расидани одамони аз кӯдакӣ шинос тантана ороста буданд, ки: «дар

ғарибиҳо гашта-гашта рангаш зард шудааст, диёраш ва ёрошро пазмон шудааст, ҳоло ки сиҳату саломат баргаштааст, иззаташро ба ҷой оред, ба қадраш расед».

Хешу табор ва ёру ҷӯраҳо бист гӯсфанд куштанд, бист рӯз меҳмондорӣ карданд, бист рӯз намонданд, ки дасташро ба оби хунук занад. Ислом ҳам бист шабу рӯз ташвиқоту тарғибот кард, ки Ҳукумати Шӯро ба халқ чиҳо медиҳад ва аз ҳукуматҳои пештара чӣ фарқ дорад.

«Одам чӣ орзуҳо дорад? – мегуфт вай. – Худатон медонед, ки орзуҳои одам бисёр аст – нағз хӯрдан, нағз пӯшидан, нағз зистан мехоҳад, мехоҳад, ки иззату икром дошта бошад, обрӯю эътибор дошта бошад, молу ҳол дошта бошад, заминy боғ дошта бошад, хонаю оила дошта бошад. Мехоҳад, ки дар мавридҳои тӯю мотам аз нодорию бечорагӣ сари ҳисоби корашро гум накунад.

Вале аз байни ин ҳама орзӯҳо як орзу аз ҳама муҳимтар, аз ҳама азизтар аст. Одам орзуи азалию абадие дорад, ки озод бошад, тақдираш ба дасти каси дигаре набошад, ба вуҷуде чун худ саҷда набарад. Лекин мо чӣ аҳвол доштем? Ба ҳукми маврид ва тақозои муҳит тавре рӯз мегузаронидем, ки тақдирамон ба раводиди як даста ҳокиму мир вобаста буд. Ба вуҷуде чун худ саҷда мекардем, диламон намехост, вале ба тақдир тан медодем. Магар рӯзи одам аз ин сахтар мешавад?! Як одам ҳама ҳуқуқҳову ҳама имтиёзҳоро дошт, сад одами дигар ягон ҳуқуқу ягон имтиёз надошт!

Акнун Ҳукумати Шӯро ҳамаи ин нобаробариҳор рӯфта мепартояд, ҳамаи ин нобаробариҳоро, ки асрҳои аср боиси ҷангу ҷидолҳо буд, аз беху бунаш сӯзонда мепартояд. Ҳама баробару бародар мешаванд, ҳурмату эҳтироми ҳама ба як дараҷа риоя мешавад ва касе ҳад надорад, ки ҳуқуқи дигареро поймол кунад. Ҳамаи ин корҳоро мо мекунем, бо дастони худ барпо мекунем, бо дастҷамъӣ, бо якдилӣ барпо мекунем. Ҳамаи беадолатиҳо ва каҷравиҳои таърихиро мо ба ислоҳ меорем, иҷрои ин вазифаи бошараф – хушбахт кардани инсоният – бар дӯши насли мо афтодааст».

Ҳамин хел мегуфт Ислом ва барои ба ин мақсад расидан ҷону таношро фидо кард, вале худаш чун шахс аз таъсири муҳите ки ба воя расида буд, яку як бора, пурра халос шуда натавонист, аз тарси он ки мардум айб мекунанд, зани бева гирифт мегӯянд, Гулҷонро рӯирост ба никоҳаш даровarда, ба хона оварда натавонист.

Суханони Исломро ҳозирон бо диққат мешуниданд, бо диққат, вале бо ҳар хел ҳиссиёт: бо шавқ, бо ҳайрат ва бо ғазаби ниҳон мешуниданд. Ҳар сомеъ ба таври худ мешунид ва ба майли хотираш қабул мекард.

Вақте ки дар масҷид, баъди намози ҷумъа, чанд нафар одам лаби ҷӯ, болои суфаи озода нишаста таъриф карданд, ки писари Холиқи Соф хеле донову сухандон шудааст, Мулло Мирзо, мактабдори Ҳамакон, ки мактабашро баста, ба ҷои он мактаби нав кушода буданд ва дар он мактаб ҳамаи бачаҳо мехонданд ва илова бар он курси маҳви бесаводӣ ҳам буд, ки калонсолон омада дар вай савод мебароварданд, эҳтиёткории одатиашро фаромӯш карда бо кароҳат гуфт:

– Вай фарзанди одам не, бало! Гаҳворааша шайтон чунбондагӣ. Дирӯз тарафдорони шӯроро мекушт, имрӯз сардори шӯро шудааст.

Мулло Мирзо бино ба тақозои хислаташ аҳли ҳама динҳо ва ҳама мазҳабҳост. Агар рӯзи худаш ба серию пурӣ гузарад, дигар на парвои дину мазҳаб дорад ва на парвои одаму олам. Барои таъмини осоиши худ ба ҳар шароиту ҳар гуна одам – хоҳ маъқул бошанд, хоҳ номаъқул – муросо карда метавонад ва аз ҳеҷ кирдору рафтор, – хоҳ савоб бошад, хоҳ гуноҳ, – рӯй наметобад.

Вай дар рӯи одамон як гап мегӯяд, вале дар ғайбашон тамоман гапи дигар ва дар ҳар ду ҳолат ҳам чунин вонамуд карда метавонад, ки фақат хоҳони адлу инсоф аст ва фақат рости гапро мегӯяд. Ҳамаро дар рӯяш таъриф мекунад ва ҳамаро дар ғайбаш танқид, хусуан ғибона дар гӯшаву канорҳо, дар ҳалқаи одамони аз асли гап бехабар ниҳоят ҳақгӯй аст – ба хилват лофҳои муфт задан осон!

Азбаски вай манфиати тану шикамро авлотар аз ҳама медонад – инсоф шиками сер аст, эътибор хону нон аст! – метавонад дар як рӯз чандин мазҳабро қабулу рад кунад ва аз ин раду бадал заррае азоб накашад, балки бо сари баланд ва рӯи сурх байни одамон боз солҳои дароз гардад.

Тавассути ҳамин ранг бадал карда тавонистанҳо ӯ дар замони кӯҳна ҳам ба қатори фаъолони деҳа медаромад, дар замони нав ҳам.

Рӯзе ки дар деҳа нахустин маҷлиси шӯро барпо гардид ва ҷорчӣ болои боми меҳмонхона баромада ҷор андохт, ки «камбағалон дар масҷид ҷамъ шаванд», ӯ, ки ба ҳеҷ ваҷҳ қатори қамбағал намеромад пеш аз ҳама омад, омаду дар

лаби суфа паҳлуи камбағали камбағалон Камоли Чакман нишаст.

– Э, шумо омадед, мулло? – ҳайрон шуд Камол.

– Ҳа, омадем, чӣ шудааст?! Амри подшо воҷиб, подшо, ба амри худо соҳиби халқ, ғайри дин бошад ҳам, бо хости худо, подшои мост.

Бою камбағал, муллову омӣ нагуфта, ҳамаи мардумро дар як ҷо ҷамъ оварда, дарди дили шоҳу гадояшро баробар шунида, баъд ба тариқи овоздиҳӣ ҳал кардани масъала дар Ҳамакон як ҳодисаи тамоман нав, гӯшнашунида ва чашмнадидае буд, ки мардумро ба ҳайрат андохт.

Умуман он вақтҳо, вақтҳои фаъолияти пуршӯҳрати Ислом, ки ба ҷавонӣ ёфтани олами кӯҳна рост омад ва ин ҷавонии олами кӯҳна чашму дили одамони мутеи тақдир ва пойбанди рӯзгори Ҳамконро барои дидани олами васеву одамони сершумораш, барои дидани имкониятҳои илму амал ва боигариҳои рӯи замину таги замин калони калон кушод, воқиаву ҳодисаҳои ҳайратовар бисёр буд. Ин ҷавони ҷаҳон он қадар навиҳои диданиву шунидании иҷтимоӣ, сиёсӣ, илмӣ ва омалӣ овард, ки бошандагони Ҳамкон ҳар лаҳзаву ҳар қадам «ин мӯъҷизаро бинед!» гӯён ангушти ҳайрат ба дандони андеша мебурданд.

«Замини бойҳоро ба камбағалон медиҳанд».

«Дигар шоҳу гадо баробар аст».

«Аз бою муллоҳо роҳбар намемонанд».

«Мошини ғазал баромадааст».

«Боз мошине баровардаанд, ки даҳрӯза роҳро ба як рӯз мерафтааст, бори даҳ харро мебурдааст» «Мошинҳое будаст, ки борзагов барин ҷуфт мекардааст, даҳ баробари барзагов кор мекардааст».

«Колхоз гуфтани чиз баромадааст, ҳама баробар кор мекардаем ва касе кор накунад, ба ӯ нон намедодаанд».

Ҳамааш нав, ҳамааш ҳайратовар, ки одам намедонист ба чашму гӯши худ бовар кунад ё не? Вале ҳамаи он мӯъҷиза не, балки ҳаёти воқеӣ буд, ҳаёти наве буд, ки одамон бо чашми худ медиданд, бо дасти худ месохтанд он мӯъҷизаҳоро ва баъдтар ба он мӯъҷизаҳо чунон одат карданд, ки як ҷузъи ҳаёти ҳаррӯзаашон шуд ва дигар ҳеҷ ҷои ҳайрат надошт.

Дар маҷлис баробари даъватшудагон ҳангоматалабу кунҷковҳо ва бачаҳо низ омаданд. Аз сари девору бомгӯшаҳо одам мерехт. Серодаму серғавғо гузашт маҷлис.

Одамон гӯё дар чойхона бошанд, аз ҷо нахеста, сухани дигаронро бурида гап задан гирифтанд. Намояндаи омада, як шахси қоматбаланди ҳарбилибос, аз хестану нишастан монда шуд. Хеста сухан медод, хеста баҳсеро пасанда мекард, хеста маъниеро шарҳ медод, хеста ба тартиб даъват мекард, ки «якта-якта гап занед, аз мақсад дур наравед».

Маҷлисро худи ҳамон намоянда кушод ва мақсадро ҳам худаш гуфт:

– Рафиқон камбағалон! Ҳокимияти Советӣ ба шумо озодӣ дод. Орзуи чандинасраи инсоният ниҳоят ба амал пайваст. Минбаъд ҳар боигарие, ки дар рӯи замину дар таги замин ҳаст, ба халқ тааллуқ дорад. Ҳама корҳо бо ширкати халқ ва ба манфиати халқ ҳал мешаванд. Ҳокимияти мо ҳокимияти халқист ва имрӯз ки мо дар ин ҷо ҷамъ омадем, бо маслиҳат якеи аз худхоҳомонро бояд ба сардорию роҳбарӣ бардорем ва он одаме, ки сазовори ин вазифа мешавад, бояд одаме бошад, ки моликияти ҷамъият ва манфиати ҷамъиятро муқаддам аз моликияти худ ва манфиати худ шинохта тавонад.

Дар нахустин маҷлис Камол, чун шахсе, ки моликияти хусусӣ надорад, бо аксарияти овозҳо нахустин раиси Шӯро интихоб шуд ва вақте ки Ислом кордории ӯро тафтиш кард, маълум шуд, ки Камол ба ном Раис будааст, вале корро Мулло Мирзо мебурдааст ва мӯҳр ҳам ба дасти ӯ будааст.

– Акаи Камол, чаро ин тавр кардед? – пурсид Ислом.

– Ман чашми хат надорам, баъд чӣ фарқ дорад, ки мӯҳр ба дасти кӣ меистад? Ҳукумати мо ҳукумати халқ ва ҳамаи мо халқ, фарқаш чӣ?

– Шумо дӯсти нодон, аз душман ҳам бадтар, – гуфт Ислом.

– Мӯҳрро ба дастатон додем, доно бошед, ба ҳеҷ кас надиҳед, – ранҷид Камол, - дар киса гирифта гардед, лекин душман-пушманро ба ман нагӯед, ман ба раисӣ талабгор нашудаам, маро халқ хоста буд.

– Халқ ки хост, ба вай хизмат кардан даркор!

– Мо хизмат кардем, акнун навбати шумо.

## V

Имсол ду бор зимистон шуд – аввал зимистон аз вақти муқаррариаш пештар омад, якбораву ногаҳон омад ва охирҳои моҳи октябр ҳаво чунон хунук шуд, чунон барфҳои калони паёпай борид, ки мардум сари калобаи корашонро

гум карда, ба ташвиш афтоданд. Шохи дарахтон ки ҳанӯз барг напартофта буданд, вазн оварда шикастанд, ғарамҳои алаф ва сабзавоту обчакорӣ таги барф ва мошинҳо дар роҳҳо монданд. Одамон бисёр корҳои саҳроро партофта ба печкашинониву ҳезумкашонӣ часпиданд.

Баҳром ҳам сафарашро ақиб партофт.

Доим корҳои вай ҳамин хел – ҳар қадар шитоб кунад, ҳамон қадар ақиб мемонад. Барои Ҳамакон рафтан низ шитоб дошт, вале рафтанаш кашол ёфт. Аввал як рӯз ақиб монд, баъд як ҳафта ва сипас як ҳафта як моҳ тӯл кашид.

Аввал Ҳурматбибӣ корро кашол дод – одам ба хонаи ҳамсоя дасти холӣ намеравад, дастархон карда меравад. Шумо таомули ҷойравиро надонед, чӣ гӯям ба шумо? Фақат қаламу дафтаратонро медонед аз дигар расму одати мардум бегона шудаед. Ман ҷӯгӣ не, ки дасти холӣ хезаму равам. То ҳамаи чизи даркориамро наёбаму нахарам, пома аз остона берун намемонам.

– Хайр, донистагиатро кун, – гуфт Баҳром ва гиребонашро аз дасти ӯ халос кард.

Ва чунон ки вақти хонадор шудани Баҳром модараш Нозира медонистагиашро карда буд, Ҳурмат ҳам аз рӯи хости худаш кор карда се рӯз паи ҳам ба магазинҳо рафта дасти холӣ баргашт. Ҳеҷ чиз харида натавонист, наёфт. Ба ҳар магазине дарояд, гӯё пури чиз аст, вале чизи даркорӣ нест… Магазинҳои мо менюи ресторан барин, - гуфт писараш Ислом. – Рӯи хат пур аз таомҳои лазиз, вале барои хӯрдан чизе нест». Рӯзи чорӯм кораш гӯё барор гирифт. Ҳайдари Шомансур ҳатто ӯро шарм доронид, ки «Наход, мо ҳамин ҷо истода, шумо саргардон шавед? О пеши худам меомадед, дар ним соат коратон буд мешуд. Хайр ҳоло ҳам дер нашудааст, пагоҳ биёеду ҳар чӣ дилатон хоҳад гиред». Ҳурмат аз ин ваъда хурсанд шуд, лекин намедонист, ки бовар кунад ё накунад. Ваъдаи ҳавойи бисёр медиҳад Ҳайдар.

– Ин ваъдаат ҳам боз ваъдаи костюм барин набошад? – савол дод Ҳурмат.

– О, наход ман ба шумо дурӯғ гӯям?! Хоҳед, рӯихат диҳед, худам гирифта мебиём! Пагоҳа худаш мебиёрам.

Ҳайдар аслаш аз Ҳамакон аст, писари ҳамон Шомансур, ки сараш равад ҳам дурӯғ намегӯяд, аммо ин ба дурӯғгӯӣ устухон надорад. Бебаркаш дурӯғ мегӯяд, ҳатто худаш, гӯё бо лутф, хандида мегӯяд, ки ба дурӯғгӯӣ одат кардаам. Чунон одат кар-

даам, ки агар дигар одамон гапи дурӯғ гӯянду аз шарм сурх шаванд ман гапи рост гӯям, шарм медорам. Вай ҳамон як ваъдаи дурӯғро ба ҳамон як одами корафтода се бор, ҳафт бор, даҳ бор медиҳад, он касро се бор, ҳафт бор, даҳ бор саргардон мекунад ва Баҳром надидааст, ки ӯ боре аз ҳаё мулзам шавад ва ё ҳангоми дурӯғгӯӣ забонаш калитак афтад.

Мардуми Ҳамкон ҳайронанд, ки писари як одами фариштахӯ ин қадар шайтониро аз куҷо ёд гирифтааст. Падараш низ ҳайрон аст.

– Намедонам ин қадар берӯиро аз куҷо ёд гирифтааст, - гуфт вай ба Баҳром соли гузашта дар оши соли раҳматии Раҳимбой, ки писараш дар идораи нафти Ҳисор кор мекарду дар ҳамон ҷо оши сол дод. – Метарсам ки аз пушти камари ман набошад?

– Аз пушти камари шумо, аз тарҳи рӯяш маълум, – гуфт Баҳром. – Фақат ҳамин ки шумо одами кӯҳна, вай одами нав.

Ҳайдар чанд сол пеш ба шаҳр барои хондан омада буд, вале ба университет дохил шуда натавонист, аз конкурс афтид, аммо ба Ҳамакон барнагашт – соли дароз дар кӯчаҳои шаҳр гашт ва мавсими дигар ба институти тиббӣ рафт, дар он ҷо ҳам аз конкурс нагузашт. Боз бекор-бекор дар кӯчаҳо гашт. Баъд ба кори савдо даромад. Равиши ин корро вай зуд ёд гирифт. Як сол нагузашта рафтораш тағйир ёфт – ба дигарон калонварона муомила мекардагӣ шуд, - либосаш ҳам дигар шуд, роҳгардиаш ҳам. Рангу рӯяш тағйир ёфт – сурхи тоза ва ҷисмаш ҳам пурраву сергӯшт. Пулаш бисёр шуд ҷавонмарда! Дар доираи одамони серпул мегашт акнун ва харҷҳои Ҳотамона мекард. Ба ҳар як шинос не, албатта! Ба ҳамон одамоне хизмати молию пулӣ мекард, ки аз онҳо мададе ба ӯ расидааст ва ё дар оянда мададе мерасад. Ёру ошнош бисёр, одамоне, ки талабгори дӯстии вай ҳастанд, аз он ҳам бисёртар. Донад, ки ба худаш манфиат мерасад, аз хуну пӯсташ гузашта хизмат мекунад. Донад, ки фоидаи мегирифтагиаш фақат миннатдорӣ ва ташаккур аст, бо забони ширин ваъда медиҳаду баъд паспарто карда мегардад – иҷро намекунад.

Ба шаҳодати Исломи Баҳром, ки баъзан дар зиёфатгардию зиёфатхӯрӣ бо ӯ ҳамқадаҳӣ мекунад, Ҳайдар матоъҳои камёфту либосҳои хубро аз дари пушти анбор фақат ба онҳое медиҳад, ки мансабу вазифа доранд ва дар наомади кор дастгираш мешаванд. Бо ҳамин роҳҳо бошад ё ягон найранги дигар, аз биное хона гирифт, ки дар он бино ҳама

амалдорон зиндагӣ мекунанд, ҳамаи онҳо мошинсаворанд – ба кор савор мераванд, аз кор савор меоянд ва рақами мошинҳояшон аз дигар мошинҳо фарқ дорад. Ҳайдар ҳам по ба пои онҳо монданӣ – бо як ронандаи кадом вазорате забон ёфта шартнома бастааст, ки ҳар саҳар пеши хонааш омада ӯро гирифта ба ҷои кор барад ва бегоҳ аз ҷои кор ба хона оварда монад, то ҳамсояҳо донанд, ки вай ҳам аз доираи худашон барои Баҳром хушоянд нест. Вай табиатан чунин одамонро хуш надорад ва ҳайрон аст, ки байни Ҳайдару писараш чӣ умумияте ҳаст? Вале он бегоҳ ки Ислом Ҳайдарро ҳамроҳ ба хона оварду Ҳайдар ба Ҳурмат ваъдаи ҳавобаландона дод, Баҳром чизе нагуфт, шасти писарашро нагардонд – худаш аз таҷриба фаҳмида мегирад. Таҷрибаи инсон аслаш насл ба насл мегузарад, фоидаҳо дорад вале ба маънои умумибашариаш. Дар зиндагӣ ҳар кас таҷрибаро дар тӯли умри худ ғун мекунад ва ғолибан аз ҳамон ибрат мегирад, он ҳам агар ақлу тамиз дошта бошад.

Баҳром медонист, ки Ҳайдар ба ваъдааш вафо намекунад. Ҳурмат ду рӯз рафта ӯро наёфта, хаставу кӯфта ва хашмгин баргашта омад ва дар ин байн ба муносибати Ҷашн ба ӯ, ба Баҳром чанд кори таъҷилие фармуданд, ки таъхирро намебардошт – як китоби очеркҳои таърихиро таҳрир бояд кунад ва худаш барои радио ва рӯзномаҳо чанд мақола бояд нависад, чунки шоҳиди зиндаи он воқиаҳост ва ҳамаи ин дар арафаи ҷашн бояд нашр шаванду ба чоп расад. Ҳамин хел фармуданд роҳбарон. Не, наменависам, гӯяд забонаш намегардад. Нависад, дарди дилашро гуфта наметавонад. Метарсад? Гӯё тарсу ҳам нест, вале озод ҳам нест! Як умри дарозро ҳамин тавр гузаронид – гӯё ду одам аст, ки якеи он қолаби тан, дигараш тану дил. Қолаби тан фармудаи дигаронро иҷро мекунад, тану дил азоб мекашад. Аҷаб ҳоле дорад – аз як тараф гӯё қалами ӯрову дониши ӯро эътироф мекунанд, аз тарафи дигар эътироф кардан намехоҳанд. Агар мавриди қадр кардани заҳмат бошад, номи ӯро фаромӯш мекунанд ва агар ёд оранд ҳам қадр намекунанд ки «номаш сиёҳ шудагӣ!» Агар кор барояд кор мефармоянд ва мегӯянд: «Ин корро аз шумо беҳтар каси дигаре карда наметавонад».

– Харро худаш ҳарому кораш ҳалол, – гуфт вай бо заҳрханда ба Шумансур, ки ҳангоми нависонавис ба хонааш даромад. – Маро дар чунин як ҳолат нигоҳ медоранд. кор мефармоянду қадр намекунанд.

– Мо ҳамаамон як ҳол дорем, – ҷавоб дод Шомансур. – Худо моро барои заҳмат офаридагӣ, на барои роҳат.

Шомансур барои табобат ба курорти Хоҷа Обигарм омада буд ва сари роҳ ба хонаи Баҳром даромад, ки ӯро дида, аҳвол пурсад.

– Пирӣ худаш касалӣ, – гуфт вай ба Баҳром – Дарди пирӣ дармон надорад. Лекин раис ба ҳолу ҷонам намонд. Барои курорт роҳхат дод. Бепул дод ва боз роҳпулӣ дод, ки равед, аз давлати колхоз табобат кунед. Вай мегӯяд, ки ин хел об дар рӯи ҷаҳон нест. Як бор ба ин об дарой, дардҳои садсолаи устухонатро зада мебарорад... Одами аҷиб раисамон. Кирдорҳояш ба корҳои Ислом раҳматӣ монанд. Ҳар боре ки ӯро бинам, Исломро дидагӣ барин мешавам.

То ҳамон баҳор – аввалин баҳори саросар ба колхозҳо муттаҳид кардани яккахоҷагиҳо, аввалин баҳори чун синф барҳам додани кулакҳо, Шомансур аз паи рӯзгори худ мегашт. Ба ягон ҷангу ҷидол ва кашу паркаши мардум, ки бо ҳар сабабу ҳар баҳона бисёр воқеъ мегардид, шарик намешуд.

– Ба кӣ даркор ҳамин корҳо? – мегуфт вай ба Холиқи Соф. – Ҳамааш мегузарад, фаромӯш мешавад, фақат одамгарӣ мемонад. Дигараш бар зарари мардум.

Шомансур ба зиндагӣ аз ҳамин дар нигоҳ мекунад, бинобар он ҳар неку бад ва барору нобароре, ки дар рӯзгор пеш ояд, аз дигарон не, ҳатто аз тақдир ҳам не, балки аз худ медонад.

– Мард аз худ медонад, номард аз дигарон, - мегӯяд вай.

Ҳамин хел як одами бекина ва серҳаё, нобаробариҳои рӯзгорро бинед, ки ба Ҳоҷар, ба одами баду бало, ба одами бадкинаву беҳаё хонадор шудааст.

Шомансуру Ҳоҷар дар кирдору гуфтор ва муомилаю рафтор, чун ду қутб аз якдигар фарқ мекунанд. Мардуми Ҳамакон ва ҳар касе, ки ба ин хонавода корафтод шудааст, якумр ҳайронанд, ки ин ду одами феълу хӯ ва ахлоқу атворашон обу оташ дар як хона чӣ тавр умр ба сар мебаранд? Зеро мардум медонанд, ки Шомансур одами камсухан ва баодоби баодоб аст. Инашро ҳам медонанд, ки ҳамсари ӯ Ҳоҷар як зани аз сергапҳо ҳам сергаптар, одами пуртакигӯи беандеша ва бепардаву беҳаёест.

Шомансур ба замини ҳосилхез шабоҳат дорад. Ба замини корхӯрдаи деҳқон, ба замини худаш. Ҳамон хел ҳамвор, ҳамон хел пурбардошт, ҳамон хел рӯзирасон. Ва ин замин ба ҳар хел шароит ва ҳар хел зироат тоқат мекунад ва мувофиқ

ба кишт ва нигоҳубин ҳосилу самар медиҳад – ҷав корӣ, ҷав медаравӣ, гандум корӣ, гандум медаравӣ. Лекин аз ҷо беҷо намешавад – фоида бурдан мумкин, вале аз ҷояш ҷунбонидан мумкин не.

Ҳоҷар бошад бӯқаламуни тапа-тайёр – дар як лаҳза сад ранг мегирад ва саду як нағма мебарорад. Дар тӯли як-ду дақиқа як олам қабоҳат мекунад ва ҳамон замон пушаймон шуда, гиря карда, ҳама ҳозиронро ба ҳолати нохуш ҳам мононда метавонад.

Шомансур аз бефаровезии даҳони ӯ ба дод омадааст. Ҳазор бор «ту одам мешавӣ ё не?!» гӯён шиддату дӯғу пӯписа кард, вале фоида набахшид, – замоне намегузашт, ки боз ҳамон рафтору кирдорашро медид. Оқибат ба унвони тақдирнавис чанд лаънат фиристонид ва даст афшонду монд, ки худаш донаду аъмолаш! Охир, намешавад, ки дар хона ҳар рӯз ҷангу ҷидол бошад?!

Вай, Шомансур, ҳеҷ сарфаҳм намеравад, ки ин хел одамон чӣ хислате доранд ва… Охир, муомилаи одам бо одам кори якрӯза, яксола, ҳатто даҳсола нест! Чаро мардум ин қадар бемулоҳиза?! Барои дупула муомила, ки пагоҳ қадру қиматашро гум мекунад, ҳамдигарро дашном медиҳанд, хабаркашӣ мекунанд, рӯсиёҳӣ мекунанд, зано-занӣ мекунанд ва муддате нагузашта мебинӣ, ки ҳамонҳо, худи ҳамонҳое, ки як ҳафта пеш қабеҳгӯиву сиёҳкорӣ доштанд, сафу ҷамъ омадаанду аз одамӣ ва одамгарӣ гап мезананд. Не, ин кори одам не, ин табиати ҳайвонӣ! Одам, ки қадри якдигарро надонист, одам не, ба ҳукми ҳайвон!..

Мирвалӣ, ки Шомансурро одами ӯҳданобаро ва худро одами маърака медонад, ҳар ҳафта бо занаш таънабозию хархаша мекунад ва боз дар як хона зиндагӣ мекунанд, дар як болин сар мемонанд, бачу кач мекунанд… Одами бошараф ин корҳоро намекунад! Зани Шомансур ҳам, аз ҳамон лой. Даҳонаш ҳеҷ фаровез надоранд, боз аз он пӯртакигӯйҳову беандешагиҳои худ фахр ҳам мекунад. Фахр мекунад, ки: «феълам ҳамин, гапи дилама дигарон барин пинҳон карда намегардам, дилам сафед. Кина надорам, рости гапа мегӯяму мемонам». Аҳмақ, ба гумонаш ки беодобӣ ростгӯӣ бошад.

Ба Ҳоҷар на гап таъсир мекунад, на ҷазо. Шомансур борҳо ба вай гуфт, ки: «ба ҳар ош паша нашва; ба харе ки бор надорӣ, корат набошад». Вале вай як зарра панд нагирифт. Баъд аз фаҷигариҳои ӯ ва ғавғоҳои бемаъниаш ба дод

омаду ночор коре кард, ки ба душмани қаттолаш раво намедид. Як рӯзона дари хонаро аз дарун занҷир карда, ӯро аз пояш дар сардарӣ овехта бо химчаи тар чунон зад, ки аз даҳону биниаш зардоб рехт. Лекин аз ин ҷазо як рӯз нагузашта боз ҳамон рафторашро крад.

Дунёи чаппаро бинед? Ҳамин хел одамон, ҳамин Мирвалӣ ва Ҳоҷар, бехабар аз киву чӣ будани худ, ба Шомансур эрод мегиранду таъна мерасонанд.

– Ман набошам, дар як рӯз чашмонашро зоғу заған канда мебарад,- мегӯяд Ҳоҷар. – Ӯро ман саришта карда гаштаам.

Ба назари Мирвалӣ бошад, вай як ӯҳданобарои худро ҳимоя карда наметавонистагӣ, латта!

Чӣ мегӯӣ, ба ин хел одамон, ки рафтору кирдори худро бар намекашанд? Одамоне ки кӯри худу бинои дигаронанд? Не, бо насиҳат чунин одамонро одам карда намешавад, ин кори беҳуда.

Шомансур машғули кору боре буд, ки ҳаёт тақозо мекард. Лекин ҳамон баҳор Ислом ба ҷону ҳолаш намонда, ӯро чӯпон кард. Ба як коре розӣ кунонид, ки дар умраш накардааст.

– Шумо аввалин чӯпони нав мешавед, – гуфт вай бо эҳтирос, – Саробонии аввалин рамаи ҷамъиятиро ба шумо месупоранд. Ин кори ҳар кас не, ба ҳар кас бовар намекунанд. Ба шумо эътимод ҳаст.

– Ман деҳқон, чӯпонӣ кори ман не; – розӣ нашуд Шомансур.

– Деҳқони хуб, чӯпонӣ хуб ҳам ҳаст, – гуфт Ислом.

Бо вуҷуди ин Шомансур розӣ нашуд.

– Одам ба кори наметавонистагиаш даст занад, вайрон мекунад, – гуфт.

Вале Ислом аз ӯ даст накашид – як бор омад, ду бор омад, се бор омад ва оқибат Шомансур аз рӯи Ислом гузашта натавонист.

– Хайр, як сол чӯпонӣ мекунам, – гуфту розӣ шуд.

Вай ҳамон бегоҳ рамаро, ҳамон аввалин рамаи ҷамъиятиро, ки аз молдорони худи Ҳамакон ихтиёриву базӯрӣ гирифта буданд ва дар даҳони тангии дараи Булбулон се рӯз боз бе чӯпон меистод, қабул кард. Санад карда гирифту бо ду шогирд ба чарогоҳҳои дури кӯҳистон бурд. Ба паҳлуву пушти қуллаҳо, ба саргаҳи дарёҳо ва гулӯи ағбаҳое бурд, ки бо вуҷуди тобеи Ҳамкон будани он мавзеъҳо вай он ҷоҳоро надида буд.

Роҳро гӯё вай муайян намекард, балки рама роҳ нишон медод. Чарида-чарида боло мебаромад ва ба регрез, ба шах ва ё ба тарма расида ақиб мегашт ва дар ҳамворие хара мекашид, ки поруи чандинсолаву қушхона дошт.

Шомансур дар ҳамин ҳамворӣ қӯш партофта, як ҳафта, даҳ рӯз, то расидани алафи атроф, дар ҳамон ҷо меистод ва боз пеш мерафт. Зина ба зина, гоҳ боло баромадаву гоҳ поён фаромада, гоҳ аз ағба ва гоҳ аз тангнои гардани шахи осмонбӯсе гузашта пеш мерафт ва ҳайрон мемонд, ки даруни ин чор кӯҳ ин қадар васеъ будааст ва ин қадар тобистони дилрабо доштааст. Чор тараф рӯдбор, чашмасор ва алафзор. Ба ҳар тараф бингарӣ, чашмат нур мегирад ва аз шавқ ба рӯят хун медавад. Дар ҳар қадам як чашма, зери ҳар харсанг як чашма, даруни ҳар дара пури чашма. Ҳама ҷо сабз, пурнур, пуртароват.

Шогадо беҳуда ҳасрати ин ҷойҳоро намехӯрдааст – касе ки як бор ин ҷойҳоро мебинад, якумр орзу карда мегардад, ки бори дигар бинад. Умри Шогадо дар ҳамин кӯшхонаҳо гузаштааст, барои ҳамин дар хона хоб рафта наметавонад, дилаш ҳавои кушод металабад, мо бехаберон бошем ӯро айб карда мегардем…

Лекин бори дигар дидани ин мавзеву манзараҳо ба Шомансур насиб нашуд. Ҳар чанд ки вай чӯпонӣ ботаҷриба набуд, ҳарчанд ки ёрдамчиёнаш ба Ҳамакон маслуқ бурда, аз он ҷо орду намак ва гапу пайғом меоварданд, ки собиқ молдорон ӯро душман медонанд, моли мардумро моли худ кардааст, мегӯянд, - гӯё моли онҳоро давлат нею Шомансур гирифта бошад?! – вай гоҳ-гоҳ хафа шавад ҳам, вақташро асосан бо хушӣ мегузаронид, шикояте надошт ва гуноҳеро аз ҷониби худ ҳис намекард.

Ҳамин тавр чӯпонӣ карда гашт ва як рӯзи серофтоб рамаро бо супориши Ислом аз гулӯи ағба ба поёнтар, ба ҷои гармтару серобтар – ба ҳамвории Сарчашма фуровард, ки барраҳоро пеш аз қайчӣ дар оби равон шӯянд.

Қайчигарон бо сардори Камоли Чакман харсавор омаданд ва ғавғову валвалакунон дар дӯ рӯз на фақат барраҳо, балки ҳамаи гӯсфандони бо сабабе аз қайчии баҳорӣ монда, такаҳо ва ҳатто серкаҳоро тоза тарошида, аз рӯд ин тарафу он тараф гузаронида шустанд. Сипас бо ҳамон ғавғою валвала пашмро ба ҷуволҳо гирифта, линг монда, ба харҳо бор карда, қад-қади рӯд, бо роҳи борики сersангу сербуттаву сердарахт ва пулҳое, ки аз ду ғадда иборат буд, ба Ҳамакон

баргаштанд ва дар Ҳамакон пашмро Мирвалӣ баркашида гирифту ба масҷид даровварда анбор кард.

Вақте ба Ҳамакон хабар расид, ки «серкаҳоро қайчӣ кардаанд», дуд аз димоғи Шогадо баромад – вай чунон қарору оромашро гум кард, ки се рӯзи дароз дар як ҷо нишаста натавонист. Одатан вай дар айвони дарози писараш, ё болои бом, паҳлӯи мӯрӣ ва ё сари воти замине, ки соҳибаш обдорӣ дошт, нишаста рӯз кӯр мекард. Чашмонашро нимкоф карда, саргузаштҳои худашро ба худаш мегуфт, ё ягон кору рафтори ба назараш нофарамро бинад, ба унвони соҳиби он ғоибона дашномҳои обдор мефиристонид ва ё сари даҳана нишаста нақл мекард, ки ин замини кӣ буд, баъд ба кӣ расид, чӣ сабаб дошт, киҳо миёнарав шуданд ва киҳо меросхӯранд.

Аммо он се рӯз Шогадо ба ҳар ҷое равад, фақат як гапро такрор мекард.

– Серкаҳоро қайчӣ кардаанд! Э, нодидаҳо, э нодонҳо!.. Ҳамаи молро қир мекунанд, якта намемонад.

Аммо ба ҷонкоҳониҳои мӯйсафед касе аҳамият надод: «вай саръӣ шудагӣ» гуфтанд беэътиноёна. Ислом ҳам эътибор надод, ки «мӯйсафед аз алам мегӯяд ин гапҳоро».

Мӯйсафед аз алам не, аз тарҷиба мегуфт ин гапҳорро, вале таҷрибаи ӯро бетаҷрибаҳо девонагӣ донистанд. Надонистанд ки таҷрибаи ба такрори зиндагӣ мабдаи пешгӯист.

Пас аз се рӯзи баргаштани қайчигарон шогирди Шомансур ду хар пӯст бор карда омад, ки: «нисфи рамаро хунук зад».

Он рӯз рама дар ёнаҳо чарида боло баромад. Шомансур ҳам аз паси рама рафт. Ҳаво соф буд. Алаф тарак буд. Шогирдашро фармуд, ки қӯшро биёрад, шаб дар ҳамин ҷо меистанд. Алафи ин ҷо ба даҳ рӯз мерасад. Оби чашма ҳам дорад, молхобравӣ якбандаи хуб ҳам дорад. Ва бегаҳ пеш аз ба қӯтан овардани рама андаке шамол хест. Дар сари кӯҳҳо абр пайдо шуд ва афзуда вусъат ёфту давиду кӯҳҳову чарогоҳҳоро фаро гирифт. Ҳавлангез шуд. Нам баровард. Барги рустаниҳо об гирифт, гӯё борон борид. Яку якбора аз осмон ба замин хунукӣ фаромад. Атроф торик, шаб барин. Ва шаб яхча борид. Рама ки паҳну парешон мехобид, ба як ҷо лӯнда ҷамъ омад. Бузу гӯсфандҳо ба якдигар ҷафс шуданд – паҳлӯ ба паҳлӯ, гардан ба гардан; сар таги шиками якдигар даровварданд, вале аз гармӣ асаре набуд, гармӣ надошт баданашон. Серкаҳо бетоқатӣ карданд. Даруни тӯда дарома-

данд, беруни тӯда баромаданд, ҷои гарм наёфтанд. Ба умеди ёфтани ҷои гарм ба поён нишеб шуданд. Поён суфакӯҳ буд. Ҷаҳиданд аз суфакӯҳ. Рама оби равон барин нишеб рафт, аз дунболи серкаҳо рафт. Садоҳои ваҳмангезе баромад. Шомансур дар ин торикии хунук, асо ба даст, лаби суфа истода рамаро ақиб мегардонид, вале рама мисли об аз ду паҳлӯяш шорида мегузашт…

Вақте ки шогирди Шомансур бори харҳоро дар остонаи анбори ҳозираву масҷиди пештара фуровард, Мирвалӣ пӯстҳоро қабул накард: «Дар тобистон хунук куҷо будааст, ки молро занад, - гуфт вай. – Ин кори душмани ниқобпӯш будааст, Шомансур дили мардумро аз хоҷагии коллективӣ хунук кардан мехоҳад».

Ва ба ҷоҳои даркорӣ хабар дод. Аз он ҷоҳо одам омад, як даста одами шапкапӯш омаду Шомансурро аз сари рама гирифта рост маркази вилоят бурда ҳабс кард.

Ислом дар байни чил рӯз се бор ба ҳасбхона барон дидани Шомансур рафт. Ҳар се даъфа ҳам як хел, дар як долони нимторики намнок, тахти назорати посбон дидорбинӣ карданд. Шомансур ҳар се маротиба ҳам ба як ҳоли табоҳи ғарибона ва кулфатзада ба дидор баромад. Ришу буруташ нозада – як ҷангали мӯ. Колингҳояш фурӯ рафтааст. Ранги рӯяш хираву тира ва гӯё либосҳояш ҳам ранги паридаи мувофиқи ҳол гирифтааст. Вай, як одами доим озод ва ҳамеша аз шару шӯр дур, яку якбора ба ҳоли муттаҳамӣ афтод ва худро бой дод. Ба фаҳмиши вай ҳабсхона нанговартарин ҷой дар ҷаҳон буд ва ҳар касе ки ба ҳасб меафтад шарафи одамияшро гум мекунад, радди маърака мешавад ва дигар ҳуқуқи маънавӣ надорад, ки байни мардум сарбаланд гардад ва ба рӯи одамон рост нигоҳ кунад, Ҳар се маротиба ҳам онҳо дар долони нимторики нам паҳлӯ ба паҳлӯ рӯи як харак нишастанд. Ҳар се дафъа ҳам Ислом ба шаҳр даромадан баробар аввал аз ҳоли Шомансур хабар гирифт. Ҳар се дафъа ҳам Ислом аз Ҳамакон аспсавор баромад. Аз рӯзи ки ба ҳамин кор даромад, аз рӯзе ки раиси ревкоми тумани Ҳамакон шуд, ана ҳамин хел аспсавор меояду аспсавор меравад. На худаш рӯи оромиро дидааст ва на аспаш. Мераваду меояд, мераваду се рӯз – як ҳафта бедарак мешавад ва модараш фақат рафтану омаданашро мебинад. Фурсат намеёбад, ки аз дидораш сер шавад ва пурсад: «Писарам, чӣ гум кардӣ? Чаро ҷонат ба танат ин қадар тангӣ мекунад»?

Нозира ба мушоҳида гирифтааст, ки авзои писараш рӯз ба рӯз дигар мешавад. Вақтҳои охир қариб намехандад. Зуд бадқаҳр мешавад. Худашро гирондааст ва рафторҳояш ҳам пештара барин не. Пештар, вақтҳое ки аз вилоят меомад, ҳамеша хурсанд буд, ҳамеша дар поении шаҳрак аз асп фуромада пиёда ба хона меомад. Як соли аввали ревкомиаш ҳам аз лаҷоми аспаш дошта аз байни хонаҳо пиёда мегузашт, аз шаҳрак ки баромад, баъд савор мешуд. Гаҳи баргашт ҳам дар канорҳо аз асп фуромада, ба шаҳрак пиёда медаромад. Аз савор гаштан дар кӯчаҳо шарм мекард, аз мардум шармаш меомад, ки боз «беки нав пайдо шудааст», нагӯянд. Нагӯянд, ки «писари Холиқ мансаб гирифту аз худ рафт». Вале оҳиста-оҳиста ба мансабу мансабдорӣ одат кард магар, ки масофаи пиёдагардиаш то хона кӯтоҳтар шудан гирифт. Акнун аз савора гаштан дар кӯчаҳо на танҳо шармаш намояд, балки рӯи зин нишаста, по ба узангу тира монда, бо одамон гуфтугузор мекунад ва ҳеҷ ибо надорад, ки аз рӯи одоб аст ё не. Аспро аз ҳавлӣ набаромада савор мешавад ва рост то рӯи ҳавлӣ омада аз он мефурояд.

Модар ҳамаи инро мебинаду ба таври худ рамуз мегирад, ки кори дунё ҳамин, косаи даврро бо навбат мегиранду медиҳанд, илоҳо, сараш сиҳату саломат бошад. Охир, замона ин хел нотинҷ – ҳар нафас ягон ҳодисаи нав ҳаст. нодораш заминро аз осмон фарқ намекунад, дорояш дандон гиз кардааст. Инаш ваяшро мекушад, ваяш инашро. Як хабарҳо меояд, ки аз шуниданаш мӯи бадани одам мехезад. Як бечораи бенаворо дастгир карда, ба даҳонаш хок рехта сумба задаанд, ки: «замин мехостӣ, гир!» Пои як бетолеъро буридаанд, ки: «озодӣ хостӣ, мана поят, бигиру бидав!» Гарданғафсҳои худобехабар ҳам беҷазо намемонад, албатта! «Надодӣ, мегирем, давру даврони ту гузашт, акнун давр даври мост», гуфта онҳоро ҳам кушта истодаанд. Ба ҳар навъ тинҷӣ не.

Ҳар лаҳза дили кас ларзида меистад. Хусусан рӯзҳое ки Ислом дар сафар бошад. Рафтуомади Ислом бисёр аст ва ҳар гоҳе ӯ ба ҷое равад, модар чашми вайро хато карда – агар Ислом бинад, «монед, ҳамин хурофотҳоятонро», гӯён коҳиш мекунад – фотиҳаи сафар мехонад ва сиҳат бурда, саломат овардани Исломро ба худо месупорад. Ҳар бегаҳи душанбеву ҷӯмъа низ ба арвоҳи гузаштагон фотеҳа мехонад ва аз худованд барои Ислом умри дарозу бахту саодат металабад. Мадади аз дасташ

меомадагӣ ҳамин ва ҳеҷ намефаҳмад, ки чаро ҳамин хел як умеду тасаллои дил ба писараш нофорам аст.

Ислом ният дошт, ки субҳи барвақт ба сафар бароад ва модар аз ҳароси он ки мабодо дер монад, шабро нимхобу нимбедор гузаронид. Аз давраҳои арӯсӣ, аз давраҳои барҳаёт будани хушдомани раҳматиаш одат шудааст, ки агар касе аз хонадон ба сафар бароад, пеш аз субҳ хеста ҳавлӣ мерӯбад – рӯи ҳавлӣ бояд озода бошад ва пас аз сафар кардан рӯбучин убол аст, хосият надорад. Боз одате мондааст, ки сафаракӣ бояд шиками сер ба роҳ бароад ва тӯшае бо худ дошта бошад – дар сари роҳ касе зиёфат тайёр карда намондааст. Бо ҳамин таҳлукаҳо сар ба болин монда буд ва як нафас ғанаб мерафту як қад парида бедор мешуд.

Вақте ки вай хеста ба ҷунбу ҷулаш сар кард, чашми рӯз акнун мекафид. Як офтоба об гирифта дар лаби сӯфаи айвон дастурӯ шуст. Ба хона даромада аз тӯрба орд гирифт, бехт ва хамир карда корсонро бо дастархону латтаву ҷома дуқабатаву сеқабата печонд, ки хамир тезтар расад. Сипас ҷорубро гирифта берун баромад, айвонро рӯфт ва рӯи ҳавлӣ фуромад.

Дар байни ҳавлӣ як кундаи калон меистод. Нозира хокрӯбаҳоро аз чор тараф ҷониби ҳамон кунда мебурд ва гоҳ бари яктакашу гоҳо милаҳои борикашро ба пушт партофта, худ ба худ мегуфт: заб замоне шуд, мардако ба чор тараф титу парешон, бори хона ба гардани занҳо мондааст. Ислом меояду хоб мекунаду баромада меравад, меҳмон барин. Худаш ба рӯзгор нигоҳ намекунад, боз Баҳромро ба шаҳрҳои дур хондан фиристоданаш зиёдатӣ.

Аз бозе ки худашу Неъмат ба хизмати ҳукумат даромаданд, бори рӯзгорро ҳамин Баҳром мебардошт. Вай мебуд, кори оғилу саҳроро медид, ҳезум меовард ва ҳоҷати ин кундаи ноҳинҷорро аз таги ҳезумхона кашида баровардан набуд.

Соли хатнаи Баҳром соҳиби хона аз Сари ҷар шашта ҳамин хел кунда фуровард. Шаби тӯи калон дуташа алов монданд – яктоаш дар рӯи ҳавлӣ, дигараш дар хирманҷо. Шаб то рӯза сӯхт ва шаб то рӯза дар даври оташ базм шуд. Яктои дигарашро соли Сели Калон, ки ҳама роҳҳо ҷару ҷӯ шуд, додои бачаҳо бароварда, путку фона карда шикаст, як моҳи тамом сӯхтанд.

Акнун беҳезум монда инашро бароварданд, вале одами мешикастагӣ нест – ман барои инҳо кундакафонам? Духтарҳо гоҳу бегоҳ табар гирифта, аз ин лабу он лабаш як-

ду параха мепаронанд. Кори занона не кундакафонӣ, сомони рӯзгор ҳам, дасти мард нарасад, файзу баракат надорад. Рӯзгори бемард, рӯзгор не. Хоки пардабомҳо рехтааст, оғили гов борон чак гӯяд, мечакад, мешҳо дар саҳро қайчӣ накарда монд, аз танӯр баробари пушти нон кулӯх мехезад, ҳамааш барои он ки соҳиби хона аз дасту по монд. Дар хона хоб рафтааст. Хоби чӣ дар ин ҳоле ки вай дорад? Се кам навад рӯз шуд, ки аз ҷояш хеста наметавонад. Фақат менолад, ки «ҳар ду косам намакзадагӣ барин месӯзад».

Ба таъбири одамони Ҳамакон шалдард аст Холиқ, кор кардан он тараф истад, барои қазои ҳоҷат бе ёрии ду кас дарову баро карда наметавонад. Ба худаш ҳам малол, ба дигарон ҳам. Худаш бештар азоб мекашад, шабу рӯз илтиҷо мекунад, ки худо амонаташро тезтар гирад. Мегӯяд, ки «ягон корам ба худо хуш наомада будааст, ки маро зинда ба зинда қатори мурдаҳо даровард». Аз дасти бандааш чӣ меояд, ҳар мушкилро худо худаш осон кунад. То нафс ҳаст, ташвиш ҳам ҳаст.

Гӯё сип-сиҳат аст – ранги рӯяш нағз, иштиҳояш нағз, фақат роҳ гашта наметавонад, хаму рост шуда наметавонад. Шабу рӯзаш рӯи ҷогаҳ мегузарад. Аз паҳлӯгардӣ ва ғел задан рагу пояш захр гирифтааст, аъзои баданаш озурда шудааст. Хестан азоб, нишастан азоб, як дарди бедаво! Ҳамин қадар муллову табиб карданд, доруву дармон карданд, ҳеҷ кушоиш нест, ҳеҷ беҳӣ нест.

Миралӣ роҳи бозор аз Бухоро, аз забони як табиби овозадор, ки ба қавли одамон ба ҳазору як дард дармон карда метавонистааст ва Исодам будааст, ба Холиқ маслиҳат дод, ки ба косҳояш пӯсти навкандаи суғур бандад, дар байни як ҳафта дард ман дидаму ту надидӣ шуда меравад. Мирвалӣ «ман барои хонаводаи Ислом ягон чиз даркор бошад, аз таги замин меёбам», гуфт ва худо умри дароз диҳад, як ҳафта – даҳ рӯз дар кӯҳистони Суғдак гашта, аз шикорчиҳои он ҷо як банд пӯсти суғур гирифта омад. Аз гармии пӯсти суғур пӯсти гирди миёну косҳои Холиқ тамоман ҳуллид, вале ба дард дармон нашуд.

Як табиби дигар равғани асп фармуд. Ҳамон рӯзҳо аспи Саъдулло аз кӯҳ парида гарданаш шикаст, хайрият, чӯпонҳо дида сарашро буридаанд. Саъдулло як хурмача равған дод. Равған пӯстҳои хулидаро сиҳат кард, лекин дарди косҳо кам нашуд.

Муллоҳо бо сардории мулло Мирзо, дар вақтҳои набудани Ислом, ду давра чилёсин карданд ва фармуданд, ки чанд

сари субҳ пеш аз тулӯи офтоб ба оби дарё дарояд – дар дунё аз оби хунук дида малҳамтар чизе нест, ҳама дарду ғуборро зада мебарорад, - аз ин ҳам шифо наёфт.

– Ман як бори зиёдатӣ, – мегӯяд худаш ба Миралӣ, вале ба ҳама шунавонида – Раҳми худо ҳам намеояд, ки амонаташро зудтар гирад.

– Дард дигар, марг дигар, – тасалло медиҳад Миралӣ. Вай ҳар рӯз ё саҳар ва ё бегоҳ аз ҳоли Холиқ хабар мегирад. – Ба хости худо шак овардан хуб не, гумон касро аз имон ҷудо мекунад. Дард додааст, дармон ҳам медиҳад. Дар ин дунё тани бедард дар куҷост?..

Нозира хокрӯбаҳоро гирди кунда ғун оварда буд, ки Ислом ҷома сари китф аз хона баромад ва модарашро рӯи ҳавлӣ дида, бо шасти одати бачагӣ ҳадаҳа остинҳоро пӯшид. Нозира одамонеро, ки остинҳояшонро холӣ партофта мегарданд, бад мебинад ва писаронашро аз хурдӣ танбеҳ дода мондааст, ки бо остини нопӯшида берун набароянд.

– Ин хел одамон касофат меоваранд, - таъкид мекард вай. – Агар якостина гардад, касофат ба хонаи худаш мерасад, агар ҳарду остинро напӯшида кӯча барояд, ба мамлакат.

Ислом дар паҳлӯи посутуни айвон рост истода, хамёза кашид. Модар ки бо думи чашм ба ӯ менигарист, дар дили худ байни посутуни айвон ва писараш шабоҳате ёфт: ҳар ду ҳам рости баланд, ҳар ду ҳам сурхи сиёҳча, ҳар ду ҳам устувор.

Пазмон шудааст писарашро – кам мебинад. Хонаашро ҷудо кардааст, хонадор нашуда ҷудо кард. гуфт ки «минбаъд ҳеҷ кас ҳаққу ҳуқуқ надорад, ки аз меҳнати як одами дигар фоида барад. Мо ҳамин хел ҷамъият месозем ва худамон бояд намуна бошем. Ман ҷогаҳамро худам меандозаму мешӯндорам ва хонаро худам мерӯбам».

Вай дар хона бо ман, бо модараш ва хоҳаронаш чунин гуфтугӯ мекунад, ки гӯё дар дар митингаш гап мезада бошад: «Дар давраи коммунизм шоҳу гадо нест, бою камбағал ҳам намешавад ва ҳеҷ кас ҳад надорад, ки аз заҳмати каси дигар фоида гирад. Мо аввалин барпокунандагон, аввалин насли одамӣ дар даврони коммунизм ҳастем, инсонияти тамоми ҷаҳон аз паси мо меравад, мисли мо мешавад. Мо барои ҳамин мубориза мебарем. Барпо кардани ҷамъиятӣ бесинф ва баробарҳуқуқро таърих насиби мо гардонидааст».

Гӯё ба забони тоҷикӣ гап мезанад, вале ба маънои он сарфаҳм рафтан осон не, фаҳми мо нохондаҳо намерасад.

Модар ҷорӯби дасташро болои кунда монд ва ба Ислом гуфт:

– Аспатро бароварда зин кардан гир, то он вақт ман ягон дами гарм тайёр мекунам.

– Ташвиш накаш, оча, нони тайёр бошад, як-дута ба хӯрҷин андозӣ мешавад.

– Ман ҳаял намекунам, бачем, шиками холӣ ба сафар намебароянд.

Аспи зери соботи рӯбарӯи айвон, якка-якка сум кӯфта гоҳ-гоҳ ба охур гардан дароз мекард. Ҳоло Исломро дида чашмони пурмеҳрашро ба ӯ дӯхт. Ислом аспро аз собот бароварда, дар яккамехи рӯи ҳавлӣ, ки гирдашро Нозира навакак рӯфта буд, оварда баст ва бо ҳавсала қашав кард.

Онҳо, Ислому асп, дар ин чанд соли ҳамкорӣ ба ҳам унс гирифтаанд ва мақсади якдигарро бесухан – аз ишора ва нигоҳ мефаҳманд. Ҳар боре ки Ислом гардану сағрӣ ва сари синаву сари косҳои аспро қашав зада хору мол мекунад, асп бо ларзонидани думу ёл ва нигоҳи маъсумона миннатдор мешавад. Дарме ки дар роҳҳои дароз ва ҳолатҳои кӯфтагӣ асп бо фаросати худ резачорпо роҳ меравад ва ё сари ағба баромада як нафас ҳамвору ноҷунбон меистад, Ислом ҳузур мекунад, ҳаловат мебарад ва оҳиста даст ба зери ёли асп дароварда навозиш мекунад: ташаккур дӯстам! Дар чунин ҳолатҳо дили онҳо бо як зарб мезанад, ҳар ду як мавҷуди яклухти якмаром мешаванд, ки байни замину осмон махмуру мағрур ва озоду сарбаланд гаштаанд.

Ислом пас аз зин задании асп дар ҳуҷраи худ либос пӯшид ва сипас ба аловхона, назди модараш гузашт, Нозира фатири гарм пухтааст ва ҳоло дар кунҷи оташдон сари по нишаста, дар табақӣ чӯб чанголу мекард.

– Дастат дард набинад, оча, - гуфт Ислом ва чорзону сари дастархон нишаст.

Модар фатири охиринро аз дег гирифта, ба ҳавои даст даруни корсон партофт, ба дег об андохт, алави таги дегро берунтар кашид. Алҳол кораш тамом шуд. Ба рӯи Ислом як дам нигоҳ карда истод: «Одам ин кунам, вай кунам, мегӯяду гузаштани умрро нафаҳмида мемонад. Ислом кайҳо мардак шудааст, падараш дар ин синну сол соҳиби се фарзанд буд, пешаш дастёрӣ мекард».

– Оча, ягон гап гуфтанӣ ҳастӣ? – нигоҳи ӯро ҳис карда, бо даҳони аз нон пур савол дод Ислом.

– Ҳа, писарам. Ман гуфтанӣ, ки расми заношӯӣ ва оиладориро ҳам нав мекунетон?

– Инро боз кӣ гуфт?

– Надонам, мардум ҳар гап мегӯянд. Баъд ҳама рафторҳои шумоён дигар хел. Дар сари дастархон ҳам «бисмиллоҳу омин» намегӯед, аз остона бо пои росту чап даромаданро фарқ намекунед. Фақат як гап доред: нав мекунем, нав мекунем…

– Нав мекунем, оча, ҳамаашро нав мекунем, – хандид Ислом – Оламу одам ҳамааш нав мешавад, мову шумо ҳам нав мешавем. Одаму одамгарӣ, хӯрду хӯрок, дарову буро, тарзи либос, ҳамааш нав мешавад.

– Ҳамаашро нав накунетон, ҳама кори ҷаҳонро нав кардан даркор набудагист, – беҷуръатона эътироз кард модар. – Охир, одамро нару мода офаридаанд, ки ҷуфт шавад. Дар замони каммунизми шумо ҳам, ки шоҳу гадо намешавад, хонаву дар ва бачу кача даркор будагист? Молу ҳол ҳам даркор мешудагист? Хӯрдану пӯшидан будагист?

– Даркор, оча, даркор, ҳамааш даркор, лекин наваш даркор. Молу ҳол азони ҳама мешавад. Шахсиаш даркор не, ҷамъиятиаш даркор.

– Молу ҳол аз они ҳама шавад, ҳама аз як дег, аз деги маърака ош мехӯрем?

– Албатта ин хел не. Ҳар кас мувофиқ ба кораш музд мегирад ва ҳамон музди гирифтаашро дар рӯзгораш сарф мекунад.

– Ба ин гапҳо ақли ман намерасад. Ба ақли кӯтоҳи ман бошад, ба хонадони мардум даст нарасонетон. То одам ҳаст заношӯӣ ҳаст, хонаву дар ҳаст, рӯзгор ҳаст, ки буду нобуд дорад. Шумоён рӯзгорро тамоман фаромӯш кардаетон.

– Сари кор сар мешиканад, душвориҳо дорад, ин душвориҳо осон мешаванд, оқибаташ хуб мешавад, ҳамааш хуб мешавад, ҷо ба ҷо мешавад. Ба қавли худат, як ниҳол баъди чил сол ба бар меояд. Ҳол он ки коммунизм дарахти азимест, ки рӯи заминро фаро мегирад. Заҳматаш ҳам мувофиқи худаш. Ба ҳамин қарибиҳо ҳамааш хуб мешавад.

– Илоҳо ҳамин тавр шавад.

– Ҳамин тавр мекунем! Ҳоло ист, оча, мо як ҳаёти хушу хуррам барпо кунем, ки фарзанди одам дар хоби шабам ҳам надидааст.

– Кошкӣ! Илоҳо ба муроду мақсадатон расетон. Лекин хонаву дар ба ҳар як одами зинда даркор, бачем.

Бачаи Нозира, як одами каппа-калон, ки таъмири ҷаҳони кӯҳнаро ба ӯҳда гирифтааст, дафъаи саввум ба дидани Шомансур мерафт. Вай ду фатирро ба латтае печонда, ба хӯрҷин андохт. Сандалихона даромада падарашро аҳволпурсӣ кард. ба ӯ ваъда дод, ки аз шаҳр, аз духтурҳо дору гирифта меорад ва хӯрҷинро бардошта берун баромад. Вай аспро аз яккамех кушоду савор шуд. Вақте ки аз тангкӯчаи паси оҳангархона ҷониби роҳи калон мефуромад, Ҳоҷар, зани Шоҳмансур, як хокандоз хокистарро бод дода аз пушти ӯ ба кӯча партофт ва дуои бад кард:

– Рафтӣ, барнагардӣ. Хонаи моро вайрон кардаӣ, хонаат вайрон шавад!

– Даҳоната пӯш-э, э, беимон,–аз даруни оҳангархона садои бадқаҳронаи марде баланд шуд ва занак даруни ҳавлиаш ғайб зад.

Ин дуои бади занҳо, аз қадимулайём дар Ҳамакон машҳур аст, ки бидъат шуморида мешавад ва азбаски мардҳо онро бисёр шунидаанд, ба дилашон бад расад ҳам ғолибан ба дуокунанда эътиборе намедиҳанд, ки «ба дуои кӯрмуш борон намеборад». Бинобар он зуд фаромӯш мекунанд. Вале ин дафъа ин дуои бад ба воқиае рост омад, ки овозааш ба ҳафт иқлим рафт ва соҳиби он – зани Шомансур солҳои дароз унвони мустаҷобдуоро бардошта гашт.

Ислом дуои бади занакро шунид, аз рӯи овоз кӣ буданашро ҳам шинохт, вале ақиб гашта нигоҳ накард, худро ба карӣ зад. Бе ин ҳам худаш тамоми шаб аз ҳамин хусус, аз хусуси Шомансуру оилааш фикр карда буд. Ҳарчанд вай чандин сол аст, ки тартиби хоби муайян надорад – гоҳо шабҳо хоб накардааст, гоҳо фақат ду-се соат, ҳатто ним соат хобидааст ва дар кадом вақти шабу кадом вақти рӯз фурсат ёбаду дароз кашад, ҳамон лаҳза хобаш мебарад, чунки ҳаёти аскар чунин асту вай ба ҳамин ҳаёт одат кардааст ва орзу мекунад, ки фурсате ёбаду серӣ хоб равад – бо вуҷуди ҳамин ин шаб хобпар шуд, бароҳат хоб карда натавонист. На барои он ки дирӯз Ҳоҷар доду фиғон карда, шаҳракро ба сараш бардошт, балки барои он ки медонист: Шомансур гуноҳ надорад, бегуноҳ гунаҳгор шудааст ва бегуноҳиашро исбот кардан ҳам осон не.

Лекин кори нашуданӣ шуд ва чил рӯз аст, ки дар ҳабс хобидааст, чил рӯз аст, ки Ислом барои озод кардани Шомансур кӯшиш дорад. Мактуб менависад, худаш рафта бо одамони орган гуфтугӯ мекунад. Ва чил рӯз аст, ки Ҳоҷар дасту

остин барзада кӯча ба кӯча, бом ба бом гашта, бо даҳони пуркафк фарёд мекашад, ки «маро бева ва фарзандонамро ятим карданд». Дар ин муддат Ҳоҷар қариб бо ҳамаи фаъолон ва ҳамсари онҳо ҷанги даҳонӣ ва куртаканӣ кард. Ҳар боре ки аз ҳавлиаш берун барояд, ҳар касеро, ки дар роҳ бинад, нигоҳ дошта шикоят карда, дар охир ба сари он одам чандин айб бор карда, як бор хоида мепартояд.

– Ҳа, чашматон ба бадбахтии мо чор буд? Акнун ба муроду мақсадатон расидед? Вая белабу даҳон ёфта, қава кардед, акнун худатон ялло карда мегардед?! Ман ба ҷой вай мебудам, ҳаматона ҳамроҳам кашола карда мебурдам. Вай ноӯҳдабаро ҳамаша ба гардани худаш гирифт, акнун сағираҳош балои сари ман Илоҳо, ҳамин рӯзи ман ба сари шумоён ҳам ояд.

Мардуми Ҳамкон феъли Ҳоҷарро медонанд ва бо мулоҳизаи «аз бало ҳазар» ҳаракат мекунанд, ки то имкон ҳаст бо ӯ рӯбарӯ нашаванд, худро дур гирифта мегарданд. Чунки рӯбарӯ шаванд, ягон гапи пасту баланд гуфта, табъашонро хира мекунад. Аммо Ҳоҷар аз ин дургурезиҳои мардум барои худ хулосаҳои дигар мебарорад.

– Ҳамаашон аз ман метарсанд, – мегӯяд ва худро як навъ қаҳрамон дониста, фахр ҳам мекунад.

Забони вайро фақат Мирвалӣ нағз медонад – ҳамин ки бо вай рӯбарӯ омад, салому алейк накарда мегӯяд:

– Духтари хола, дар дунё як зани боғайрат бошад, ин худат, агар дуто бошад, яктоаш ту.

Ҳоҷар ин таърифро шунида, хамир барин мулоим мешавад ва хеле боодобона ба Мирвалӣ ҳисобот медиҳад, ки имрӯз чанд одами азхудрафтаро дар кучо, дар кадом ҳолат, бо кадом суханҳо аз осмонҳо оварда, дар ҷояш шинонда мондааст, ки киву чӣ буданашонро фаромӯш накунанд ва дар охир ҳасрат мехӯрад, ки:

– Ҳамаи одамон ману ту барин не-дия, агар ҳама ману ту барин мебуданд, зиндагӣ сад бор осонтар мешуд.

Як рӯз пеш аз ин Ҳоҷар, ба қавли худаш, Исломро аз лой гирифта, ба лой зад. Дар назди оҳангархона, пеши назари одами бисёре сари роҳашро гирифта, беобрӯй кард:

– Шӯи маро бурда ба турма тиқондию худат ялло карда мегардӣ? Моли мардума ту бо ҷабр гирӣ, замини мардумро ту кашида гирӣ, ба хонаю хуни мардум ту даст дароз кунию як бечорая нодон ёфта ба тӯрма андозанд?! Падар аз писару

писар аз падар ҷудо шуд. Охир ту мемонӣ, ки мардум рӯзи худо бинанд ё не?! Ту ба мо рӯз медиҳӣ, ё не?! Гумон мекунӣ, ки дар дунё пурсиш нест?!

– Пурсиш ҳаст, ҳаст! – шиддат кард Ислом, – Ту, бефаҳм, аз номи кадом мардум гап мезанӣ?! Рав, коратро бин.

Ислом ҳамон рӯз пеш аз намози пешин ба маркази вилоят расид ва ҳамон дам аспашро ба саройбон супорида худаш аз таги дарвоза баргашта рафт, ки аз аҳволи Шомансур хабар гирад.

Ин дафъа ҳам ба монанди дидорбиниҳои пештара онҳо паҳлӯ ба паҳлӯ дар долони нимторик рӯи харак нишастанд. Шомансур дастҳо рӯи зонувон монда табассуми зӯракие кард. Ислом сар хам карда пешониашро молид. Вай мехост сухане гӯяду дили Шомансурро бардорад. Вале ку ҳамон сухани бомаврид? Шомансур душман нест. Инро ҳама медонанд. Ислом беҳтар аз дигарон медонад.

Ислом буду шуди воқеаро ба ҷойҳои даркорӣ гуфтааст. Гуфтааст, ки бетаҷрибагӣ аз ҳамаамон шуд. Мӯи серка фақат барои зеб не, балки барои он будааст, ки пӯташ тунук, ба сармо тоқат надорад. Барои ҳамин серка ва мешҳои харобро қайчӣ намекардаанд. Вақте ки аз бетаҷрибагӣ қайчӣ кардаанд ва сарбори он худи ҳамон бегоҳ рамаро алафи тоза хӯрад, гӯён ба толаҳои бехи шах баровардаанд, дар он баландиҳо шаб яхча боридааст, мешҳои харобу серкаҳоро ҷавра гирифтааст ва серкаҳо ба умеди ҷои гармтаре ёфтан роҳ кашида дар торикӣ аз шахи поёни қутан паридаанд, ки рама аз дунболи серкаҳо рафтааст. Дар шаби пурабру торик пеши рамаро гирифтан осон аст? Ҳоло ҳам чӯпонҳо ҳушёрӣ кардаанд, набошад, рама якта намонда қир мешуд.

Ба гуфтан гуфту аммо муроде ҳосил нашуд.

– Чӯпон дониста ё надониста душманӣ кардааст, – гуфтанд соҳибони ҳуқуқ. – Шумо душманҳоро тарафгирӣ накунед!

– Шомансур душман бошад, пас ман ҳам душман, – гуфт ин дафъа Ислом. – Пас маро низ ҳабс кунед!

– Агар душман бошед, ҳабс мекунем, – гуфтанд онҳо. – Саросема нашавед.

Ва Ислом фаҳмид, ки инҳо агар хоҳанд ӯро ҳам ҳабс мекунанд ва ӯ ҳеҷ кор карда наметавонад. Ва Ислом дар тӯли ин ҳама солҳои мубориза бори аввал ноилоҷӣ ҳис кард, рӯҳафтодаю пакар шуд. Ба дилаш хунукӣ даромад: барои чиву барои кӣ мубориза бурдам ман?!

Вай дар харак дар паҳлӯи Шомансур дуру дароз хомӯш нишаст. Хомӯш буд, ба рӯи Шомансур нигоҳ накарда паи ҳам пешонӣ мемолид – аз Шомансур шарм медошт, ки ёрӣ расонида наметавонад, озод карда наметавонад. Кор фармуда тавонист, лекин озод карда наметавонад!

– Шомансур, ин қадар бисёр ғам нахӯр,– гуфт оқибат Ислом бо оҳанги гунаҳкорона. – Душворӣ ба сари мард меояд.

– Ман аз боиси худам ғам намехӯрам,– гуфт Шомансур. – Лекин мардум гап мекунанд, гапи мардум ганда.

– Мардуми бафаҳм мефаҳманд, ки ту ҳеҷ гуноҳ надорӣ. Мефаҳманд.

– Дуруст фаҳманд-ку?..

Шомансур як ноҳинҷории ботиние ҳис кард. Ба назари ӯ чунин намуд, ки вай бори дӯши худро ба дӯши Ислом мепартояд. Бинобар он барои халос шудан аз ин нороҳатии ботинӣ зуд аз ҷои дигар гап сар кард:

– Дар болоҳо, дар Ҳамакон чӣ гапҳо раис?

– Ҳама тинҷӣ, бачу качат сиҳату саломат, оилаат тинҷ, – ҷавоб дод. Ислом ва аз нигоҳ кардан ба рӯи Шомансур шармаш омад. Шарм дошт, ки сабабгори ба ин рӯз гирифтор шудани Шомансур ӯст. Вай Шомансурро аз ҷои роҳаташ нороҳат кард. Ҳа, айби вай шуд.

– Хӯш, дар ин ҷо чӣ гапҳо? – пурсид Ислом. – Чӣ гуфтанд?

– Мумкин пагоҳ ҷавоб диҳанд. Гуфтанд, ки дурусттар тафтиш мекунанд, то тамом шудани тафтиш маро ҷавоб медодаанд.

– Ҳамааш хуб мешавад, ҳамааш дуруст мешавад, – гуфт Ислом. – Ҷавоб диҳанд, ҳамроҳ меравем.

– Худо хоҳад, ҳамроҳ меравем, – гуфт Шомансур.

## VI

Ду мақолае ки барои рӯзномаҳо фармуда буданд, Баҳром бо гардани баста навишта супорид. Аз муваффақиятҳои солҳои аввал навишт, ки бо чӣ душвориҳо муяссар гардид, вале одамоне, ки дар сари кор буданд, номбар накард – номи онҳо сиёҳ буд, тарсид аз ном гирифтан ва агар мешавишт ҳам дар редаксия хат мезаданд, ва боз мегуфтанд, ки ин мардак аз ақидаҳои душманонааш ҳеҷ халос нашуд, ки нашуд. Чи қадарҳо шунидааст вай ин гапро? Ҳар боре ки рости гапро гуфтааст, ин айбро бори гарданаш кардаанд. Барои ҳамин аз кори кардааш қаноатманд набуду азоби ботин мекашид, гӯё дурӯғе гуфта

бошад, ҳарчанд ки ҳарфи дурӯғе нарафтааст. Душвор буд ҳам гуфтану ҳам буду шуди гапро нагуфтан. Лекин тақозову талаботи замон ҳамин хел буд, ки «агар сари зиндагонӣ дорӣ, ба корҳои ҳукумати вақт эрод нарасон!» Ва Баҳром ин талаботро риоя мекарду азоб мекашид. Азоб мекашид, ки олимони вақт, ки ӯ низ ҷузъи онҳост, мавзӯоти кӯҳнаву навро хархойда мекунанд. Хархойда мекунанд ба мисли навниҳоли дарахти бед дар лаби ҷӯ, ки ягон бефаросат хорбандашро кушодааст ва хари гуруснаи бесоҳибе даҳон зада ҷо-ҷо пӯсти баданашро кандааст. Дар асл мавзӯе нест, соҳае нест, ки инҳо даҳон назада бошанд, феълан куллу ҷузъи таърих мавриди таҳқиқ аст, вале ягон ҷиҳаташ холисона таҳлил нашудааст. Ҳама корҳо нимкораву яктарафа, мақолаву рисолаҳои Баҳром барин. Ва ягона тасаллои дили Баҳром ин буд, ки вай сирф сарфи назар намекунад он воқиаҳоро. Ҷо-ҷо ишорае дорад ва ба доно ишора бас аст – сарфаҳм мераваду маънӣ мебарорад.

Ҳамин ҳоли душвори рӯҳии Баҳромро қарори Комиссияи ҷашн боз душвортар кард. Комиссия бо қарораш ӯро шарикмуаллифи Деҳқонов таъин кардааст. Заб кори бемаъние кардааст! Бадхоҳе дидаву диниста барқасд кардааст гӯё ин корро, то ки ҷони ӯро дар азоб мононад. Баҳром дар роҳ Деҳқоновро бинад, дилаш сиёҳ мешавад. Дар ҳузури ӯ ду дақиқа нишаста, ҳатто рост истода наметавонад – дилгиру дилтанг мешавад. Нофорам аст афту андомаш, пурсу посаш, гапзаниҳош, лофзаниҳош! Акнун ба қарор онҳоро вобаста карда мондаанд, ки якҷоя кор кунед! Тавба! Қарорҳои бемаънии бисёреро дидем, лекин ба ин дараҷа беақлонаашро надида будем!.. Акнун ҳамин хел як одам телефон кард, ки Баҳромро ёд кардааст, пазмон шудааст, дидорбинӣ меояд. Яку якбора ин қадар меҳрубон шуданд ин кас!?

Ва Деҳқонов бисёр ҳаял накарда ба хонаи Баҳром омад.

Ҳамон Деҳқонов омад, ки баъди бадарға шудани Баҳром роҳи хонаи ӯро фаромӯш карда буд. Ҳамон дӯстӣ собиқ, ҳамон Лутфулло Кавкабӣ, ки вақтҳои ҷавонӣ, вақтҳое ки онҳо ҳамкор буданд ва ҳанӯз вай ному кунияташро иваз накарда буду аз байнашон мӯ намегузашт, ҳамон Кавкабӣ – Деҳқонов ки бе ҳам луқма дар гулӯяшон дармемонд ва чӣ қадар қадаҳҳо бардошта буданд, ки дӯстони ҷонӣ ҳастанд, на дӯстони нонӣ, санги аз осмон афтида барин меҳмони Баҳром шуду ӯро дар хиҷолат ва ҳолати бағоят ногуворе мононид. Ва хотираҳои нохушро зинда кард албатта.

Вақте ки Баҳром ба кор омад Кавкабӣ дар идораи рӯзнома одами кӯҳнакор ҳисоб мешуд ва ба Баҳром, бо вуҷуди дар синну солашон фарқи казоие набудан, чун ба як бачаи навкор ҳавобаландона нигоҳ мекард: «То ба дараҷаҳои мо мерасад, ки эҳа!..»

Кавкабӣ нисбати саводи худ сахт боэътимод буд ва дар навиштан ҳам танбалӣ намекард. Ҳар калимае ба даҳонаш ояд менавишт, суханро сара карда наметавонист ва ҳисси фаҳмиши ҳусни баён надошт, вале ба дигарон тақлиди зоҳирӣ карда менавишт. Агар имрӯз ягон мақоларо таъриф кунанд, вай пагоҳ ба ҳамон мазмуну ҳамон шакл мақола меовард ва фардо ягон мақолаи дигарро таъриф кунанд, вай пасфардо ба ҳамон монанд чизе навишта меомад. Барои вай фарқ надошт, ки сухан аз бобби таълим меравад ва ё аз кишту кор. Азбаски ҳангоми навиштан ба сифати мақола не, балки ба таърифҳое, ки фардо бояд бишнавад, бештар аҳамият медод, мақолаҳояш ҳамеша хом ва ҷумлаҳояш доим вайрон буданд, ки Баҳром хат зада, илова карда, як навъ ба ифоқа меовард.

– Шумо камтар идора ба идора гардед, бештари вақтатонро ба омӯзиш сарф кунед, забон ёд гиред, – мегуфт Баҳром гоҳо бо қаҳр.

– Хуб шудааст, хуб шудааст, – мегуфт дар ҷавоб Кавкабӣ. – Шумо дар синну сол аз мо хурд, вале дар забон устоди мо.

Бо забон ҳамин хел мегуфт, вале, дар дил меранҷид. Дар дилаш аз Баҳром хафа мешуд, чунки аз як тараф эътироф кардан намехост, ки донишаш аз дониши ӯ камтар аст, аз тарафи дигар дар идораҳои махфӣ ақлу хушёрии синфиашро таъриф мекарданд ва бинобар он гапи Баҳромро ба ғараз қабул мекард. «Ин ба ман ғараз дорад», мегуфт дар дил, вале ранҷиданашро зоҳир намекард, бо ягон ҳаракат ва ё имову ишора зоҳир намекард, ки хафа шудааст. Усули муомилаи вай ҳамин хел буд, ки ҳиссиёташро пинҳон медошт, вале маврид ёбад, қасос мегирифт. Ҳатто боре, вақте ки Мансур дар маҷлиси редаксия ба як шеър эрод гирифт, ки рӯҳи гражданиаш суст аст ва Баҳром ба ҳимояи шеър хеста бо ӯ қариб ним соат баҳс кард, Кавкабӣ дар берун ба тариқи насиҳат ба Баҳром гуфт, ки: «Одам ранҷишашро дарав маълум намекунад. Маврид мепояд. Мавридаш, ки расид, чунон боб мекунад, ки чашмонаш мош барин кушода шавад».

Мавридро Кавкабӣ аз авзои идораи дигаре рамуз мегирифт ва барои ҳар як хабаркашӣ ҳам он одами хостаашро,

ба қавли худаш «чунон боб мекард, ки чашмаш мош барин кушода мешуд», ҳам панҷоҳ сӯми нахт музди хизмат мегирифт ва ҳам мавқеи сиёсии худашро мустаҳкам мекард. Хабаркашии махфии ӯ фақат ғарази шахсии худаш буд, гӯем ҳақиқат комил намешавад. Сарбории манфиатҳои моддиву ҷамъиятӣ, ки табиати мавқеъпарасташ тақозо дошт, вай аз сидқи дил бовар мекард, ки хизмати холисонае ба ҷо меоварад ва ин корро накунад, пояҳои ҳукумат ва тартиботи нав фурӯ меравад. Ҳомин халқу тартиботи нави ҷамъият мешинохт вай худро ва фоҷиаи замон низ дар сатҳи фаҳмишу иҷрои бечуну чарои ҳамин хел одамон буд, ки ба амалиёти кӯр шабоҳат дошт – кӯр агар дорад, дигар сар намедиҳад!

Лекин он вақтҳо кӣ медонист ин ҳунарҳои Кавкабиро? Ҳамааш пинҳонӣ буд. Дафтари аъмоли Баҳромро низ дар он идораҳо пинҳонӣ пур мекарданд. Аввалин мавриди мусоид барои Кавкабӣ тӯи арӯсии Баҳром шуд. Чил рӯзи шодмони домоду арӯс нагузашта Кавкабӣ дар он идораҳо ягон бӯе бурд, ки як айбномаи дурудароз навишта, хароҷот ва тартиби тӯйро бурҳон оварда, се нусха чоп кунонида, ба се унвон фиристонид, ки «Баҳром Холиқзода, ба ҷои он ки ба муқобили урфу одатҳои кӯҳнаи феодалӣ муборизa барад, худаш ба ин ботлоқ ғӯтидааст». Шарми гадо то дари якум, гуфтаанд. Вай ҳам як бор, ки расми дӯстиро пушти по зада айбномаи Баҳромро навишт, баъд паиҳам навиштан гирифт. Ҳар мавриде ки ба назараш мувофиқ намояд, истифода мекард: «Баҳром Холиқзода зери пардаи таҳрир калимаҳои архаистӣ менависад». «Баҳром Холиқзода шеъри шоирони сӯфиро ба китоби дарсӣ дохил кардааст». «Аз шеърҳои Баҳром Холиқзода бӯи писсимизм меояд»…

Вай ҳамин хел айбномаҳо навишта, ба монанди Кӯзиев, ки имрӯз Академик аз дасти ӯ ба дод омадааст, сари чандин одамонро хӯрда ва хуни чандин одамонро вайрон карда мегашт, вале Баҳром намедонист. Баҳром дертар, хеле дертар, баъди аз бадарға баргаштан фаҳмид, ки муаллифи он ҳама айбномаҳо Кавкабӣ – Деҳқонов будааст.

Дар моҳҳои аввали аз бадарға озод шуда омадан ҳам Баҳром намедонист, ки «бо шарофати дӯсташ» душману зиёнкорӣ даврони нав шудааст. Рӯзе дар ҷустуҷӯи кор аз дари идораи директор даромад. Директор Деҳқонов – Кавкабӣ буд ва ӯ бо даҳони пурханда аз ҷо хеста бо Баҳром дудаста вохӯрӣ кард:

– Марҳамат, тарафҳои мо ҳам меомадед-дия. Аз куҷо пурсем, кадом шамолҳо паронд?

– Шамоли кор, – гуфт Баҳром. – Ба шумо коргар даркор нест?

– Шумо барин коргар даркор, бисёр даркор.

Деҳқонов қалами сарнозадаеро гирифта, байни панҷаҳояш тоб додан гирифт. Баҳром хомӯшу интизор истод. Як вазъи ҳоли аз самимият холии ботинӣ ба миён омад ва ин ҳолати дилгиркунандае буд, ки ҳарду тараф ҳам анҷоми зудтарашро бесаброна интизор буданд.

– Мо қалами шуморо медонем, – гуфт баъди хеле муддат Деҳқонов. – Шумо барин одам ба мо бисёр даркор, лекин... шумо ақаллан як моҳ пеш меомадед. Ҳоло штати холӣ надорем, ваъда карданд, ки аз соли нав боз штат медиҳанд, мо шуморо албатта қабул мекунем.

– Хайр, ташаккур – Баҳром аз курсие, ки нишаста буд, оҳиста хесту тарафи дари баромад рафт.

– Хабар гирифта истед, - аз ҷо нимхез шуда гуфт Деҳқонов.

Дигар ӯро суроғ накард Деҳқонов. Баҳром низ ба суроғи вай нарафт. Ҳоло ҳамон одам пазмони ӯст. Вай мисли ҳамон рӯзҳои ба вақт дуру ба дил наздик, мисли рӯзҳое, ки Деҳқонов ҳанӯз Лутфулло Кавкабӣ буд, бо даҳони пурханда аз дар даромад ва бо карахтии Баҳром парвое накарда ӯро оғӯш кашида бӯсид, бӯсиду дурудароз аҳвол пурсид. Аҳвол мепурсиду ба сомони фақиронаи хона менигарист. Чашму забонаш беқарор буданд. Вай беист ба чор тарафи хона чашм медавонд ва беист гап мезад, дар таги дилаш ҳарос мекашид, ки агар лаҳзае хомӯш истад, самимияти ташриф барҳам мехӯрад. Баҳром низ худро бепарво гирифт ва ба писараш Ислом, ки аз дар даромад бо имои чашм фармуд: дастархонро дигар бикун!.. Хӯрданиву нӯшиданӣ эътиборе дорад назди инҳо, ки дигар ҳеҷ чиз надорад. Баҳром бисёр дидааст. Аз таҷрибаи андӯхтаи худ медонад, ки як тоифа одамон ба монанди Деҳқонов, ба дастархон нигоҳ карда, ба одам баҳо медиҳанд. Ҳазор хислату муомилаи нек ба онҳо он таъсиреро надорад, ки як дастархони пурнозу неъмат. То мавриди муайяне, албатта! Ҳатто кадом одами номдори шаҳр ба тӯяш киҳоро хабар карду киҳоро не, барои онҳо меъёри эътибори одам аст ва ба ҳамон нигоҳ карда, муомилаашонро тағйир медиҳанд. Мақсади ҳаёту боиси фахри

онҳо аз зиндагӣ ҳамин аст ва барои ба ин мақсад расидан аз ҳеҷ рафтору кирдор рӯ намегардонанд. Ҳатто аз даюсӣ. Ягона илоҷи қоил кардани онҳо силоҳи худашон, – зиёфати хуб аст. Дар акси ҳол аз паси одам механданд.

Баҳром Деҳқоновро гузаронида ба диван шинонид ва фикр кард, ки «ягон одами калон дар ягон ҷо дар ҳаққи банда сухани нек гуфтааст». Зеро ҳолдонҳо мегуфтанд, ки агар Деҳқонов аз пешатон гузараду шуморо набинад, донед ки дар доираҳое, ки вай мегардад, шуморо бо некӣ ёд накардаанд. Агар шуморо аз дур бинаду омада гарм вохӯрдиву аҳволпурсӣ кунад, донед ки дар ҳамон доираҳо дар ҳаққи шумо суханҳои нек гуфтаанд. Мегуфтанд ки вай «барометр» аст ва ба муомилаи ӯ нигоҳ кар-да хулоса барореd, хато намекунед.

Ҳурматбибӣ сертараддуд ва Ислом, писари Баҳром, сер-дарову баро шуд. Ҷунбуҷӯли онҳоро дар ин хонаи хурдакак ва дари ҳуҷраҳояш рӯ ба рӯву дарун ба дарун аз назар пинҳон доштан имкон надошт. Деҳқонов ҳамаашро медид ва аз рӯи одат одоб нишон доданӣ шуд:

– Мулло Баҳром, ҳеҷ ташвиш лозим нест, ман бисёр на-мешинам.

Баҳром ҷавобе надод ва онҳо як лаҳза хомӯш монданд, ҳамагӣ як лаҳза, вале он лаҳза чунон дер кашид, ки воқиаву ҳодисаҳои чил соли охирро пеши чашмашон овард – онҳо та-лошу баҳсҳои даврони ҷавониашонро диданд, шабҳои бедорӣ дар матбааро диданд, оромона байни мизҳо қадам задану мақолаҳои хомро ба соҳибонаш баргардонидани Академикро диданд, сӯҳбатҳои сари дастархонро диданд, аз рӯи миз сар на-бардошта таҳрир карданҳоро диданд, ба курсӣ нанишаста, ҳуҷра ба ҳуҷра гашта ғайбаткуниҳоро низ диданд. Онҳо таърифу танқидҳоро баръало шуниданд. «Кор бояд кард, на шикоят», гуфтанҳои Академикро шуниданд. Ба Баҳром «шумо дар сину сол хурд, вале устоди мо», гуфтанҳои Деҳқоновро шу-ниданд. Ва сахт азиятовар буд, ки аз ҳамаи он пасту баландиҳо, дидаву шунидаҳо як ҷумлаи мувофиқ наёфтанд, ки озодона гуфтугӯ кунанд. Як сухани гарме пайдо нашуд, ки дили онҳоро қарин гардонад. Ҳар ду ҳам ҳис мекарданд, ки хомӯшиашон тӯл кашид, таъзиқ овард, ҷисму рӯҳро пахш кард, касро ҳақиру нотавон мегардонд, вале он ҷумлаи даркорӣ пайдо нашуд ки нашуд. Гӯё ба сухан дар дунё қаҳтӣ омада буд.

Бо одами дилкаш, бо шахсе ки ҳузураш ҳаловат дорад, соатҳо хомӯш нишинӣ ҳам дилтанг намешавӣ ва аз ин бобат

фикр ҳам намекунӣ. Агар ҳамсӯҳбат каси нофорам ва ноҷинсу нокас бошад, як дақиқааш кофист, ки азоби ду ҷаҳонро бинӣ. Дар чунин ҳолат сухан дар миён бошад, - бигзор, ёвагӯӣ ва дурӯғӣ рӯирост! – гӯё як навъ шуғле пайдо мешавад, гӯё одам ба муҳити мӯътадилтаре меафтад, чунки осонтар мегузаронад тамошобин ҷазоро! Агар ҳамели ин тасбеҳи риё канда шавад, одам худро гум мекунад ва ба халосгар зор мешавад.

Баҳром гардҳои рӯи мизро тоза кард, лаби дастархони гулдори рӯи мизро рост намуд, дастонашро ба ҳам соид, зеҳи нохунҳояшро зеҳн монда омӯхт. Боз чӣ машғулият ёфтан мумкин? Ин ҳолат кай тамом мешавад? Вақт ях баст, дил ях баст, забон ях баст.

Хайрият… Оқибат Деҳқонов сухан сар кард. вай дар диван ба вазни худ ғӯтида менишаст ва рӯи сергӯшти сиёҳ ва лунҷҳои овезони тоза тарошидаашро ҷунбондаву ларзонда, бо лаҳну таркиби вайрон – ӯ олими дузабона ҳасту дар яке аз ин забонҳо ҳам касби камол накардааст, – аз ваҷҳи кори Баҳром гап кушод.

– Шунидам, ки як чизи калон аз ҳаёти зиёиёни солҳои ҷавонии худамон навишта истодаед, – гуфт ӯ. – Ҳамин корро кайҳо кардан даркор буд, ҳоло ҳам дер нашудааст. Шумо бисёр кори хуб мекунед. Хусусан ба ин кор миён бастани олиме ба монанди шумо, ки шоҳиди воқиаҳои бузурги таърихед, шоҳиди зиндаи ду давраи комили ҳаёти халқед ва имрӯз чунин одамон башумор монданд, бисёр кори хуб аст, ин кори даркор аст, бисёр даркор аст. Барои тарбияи ҷавонон, барои насл ба насл додани таҷрибаи корномаи бобоён, барои дар рӯҳи қаҳрамонӣ, ватандӯстӣ ва интернасионалӣ тарбия кардани онҳо даркор аст. Барои ҳамин, вақте ки ман ин хабарро шунидам, гуфтам ки ин хел одамро қадр кардан даркор. Бовар мекунед? Ба чанд ҷои даркорӣ занг задам, кори шуморо таъриф кардам.

– Ташаккур, – кирои ташвиш надошт, гуфт Баҳром. – О худи кор

нест, чияшро таъриф кардед?!

Ба хонае ки онҳо гирди мизи мудаввар, Деҳқонов дар дивану Баҳром дар курсӣ менишастанд, Ҳурматбибиву Ислом – завҷаю писари Баҳром – зуд-зуд даромада зуд-зуд мебаромаданд ва рӯи миз аз таом, мева ва ҳар хел хӯришҳо оро меёфт.

Исломи Баҳром аз рӯи ҳавлӣ як даста райҳон чинд, дар обрезаи берун шуст ва аз ҳавзчаи он як шиша арақу як шиша коняк, ки хунук шавад, гӯён монда буд, ба даст гирифт. Этикеткаи коняк канда шудааст, Исломи Баҳром онро аз об бардошту ба шиша часпонд – коғазаш набошад, меҳмон набинаду нахонад, аз куҷо медонад ки коняки Тоҷикистон аст ва ё коняки Арманистон?

Деҳқонов ба ҳаракатҳои часпони Исломи Баҳром, ки шиша кушода ба қадаҳҳо май мерехт ва ба лаъличаи назди меҳмон «марҳамат кунед» гӯён пешхӯриву таоме мегузошт, нигоҳкунон аз Баҳром пурсид:

– Ин кас писари хурдиатон?

Ӯ писари калонии Баҳромро дар замонҳои кӯдакиаш, дар замонҳое ки Баҳром шӯҳрату мақом дошт – китобҳои дарсии навиштааш ва мақолаҳои публисистиашро эътирофу қадр мекарданд, – замонҳое ки хонааш чун меҳмонхона аз зиёиён пур буду ҷавонони камшумори ҳамонвақтаи нашриёту матбуот ба сӯҳбаташ расиданро ҳавас мекарданд, давраҳое ки «бе ту луқмае аз гулӯям намегузарад», гӯён бо лофу газоф қадаҳбардориҳо мекарданд, борҳо дида буд ва табиист, ки ҳоло намешинохт. Вале аз рӯи сипоҳигарӣ саволро тарзе гузошт, ки гӯё писари калонашро мешиносаду дигаронашро не.

– Не, калониаш.

Деҳқонов он кӯдаку он номро кайҳо фаромӯш кардааст. Боре ҳам – на дар бедорӣ ва на дар хоб – ба хаёлаш нарасидааст, вале ҳоло ба манфиати кори худаш, ки буд барқвор ба ёд овард, ки Баҳром ба нахустин фарзандаш исми акои шаҳидашро дода буд.

– Э, ин кас ҳамон Исломпаҳлавон гӯед? – дар ҷояш нимхез шуд Деҳқонов. – Биёед, канӣ, дурусттар вохӯрӣ кунед. Ҳе, бале, бале, тамоман калон шуда мондаед... Мулло Ислом саргузашти амаки қаҳрамонашонро медонанд? Медонанд ки бо чӣ нияту орзуҳо падарашон ба ин кас чунин ном додаанд? – ба Баҳром рӯ овард вай ва дид, ки ҳамсӯҳбаташ хомӯш аст, гапашро давом дод. – Ҳа, маълум, маълум. Мулло Баҳром ҳамин хел одами хоксор, аз ҳад зиёд хоксор, ки ба манфиати худашон не.

– Ҳа, ба манфиати худашон не, - луқма партофт Ислом. – Аз хоксорӣ як умр зарар дидаанд.

– Хоксорӣ хислати неки инсонист, лекин дар баъзе мавридҳо зарар ҳам дорад. – гуфт Деҳқонов. – Масалан, дар

ҳамин маврид. Ин кас бояд ба шумо кӣ будани амакатонро мегуфтанд. Ин кор ба гардани шумо қарз.

Баҳром ба дастархон ишора кард, яъне ки ин гапҳо чӣ даркор, беҳтараш, биёед, ягон чиз хӯрем, таом хунук нашавад. Ва онҳо кабобу шароб хӯрданд. Ва Деҳқонов боз афсӯс хӯрд, ки Баҳром аз қаҳрамониҳои Ислом ба писараш ҳикоят накардааст. Ва Исломи Баҳром гуфт, ки дар ҳақиқат падарам аз воқиаҳои он солҳои пурошӯб, аз дигаргуниҳои бузург – вайрон кардану нав сохтанҳо ва инкору иқрор карданҳо бо мо сӯҳбат карданро хуш надоранд, умуман ба саргузаштгӯӣ шавқашон нест, вале мо бибии гӯяндае доштем. Ба шарофати ҳамон бибиямон ҳолу аъмоли амакҳову падарамонро то андозае медонем. Саргузашти амакам Исломро аз ёд медонам, чун як афсонаи қаҳрамонӣ ва ширин аз кӯдакӣ медонам.

– Саргузашти Ислом афсона нест, – гуфт Деҳқонов. – Ба назари шумо ҷавонон, ки он рӯзҳои сахтро надидаед, афсона менамояд. Лекин мо он фидокориҳоро бо чашми худ дидаем, аз сар гузаронидаем. Барои мо ҳақиқати талх аст ва боиси фахр аст. Мана китобе ки ману мулло Баҳром менависем, дар ҳамин бора аст. Ҳоло ба мо ҳар як нақлу ривоят даркор. Гӯед, ки бибатон чиҳо мегуфтанд?

Ва Исломи Баҳром қисса кард, қисса кард, ки бибиаш Нозира дар сари гаҳвораи додарчааш Нодир, ки баъди ду моҳи ба бадарға рафтани падараш ба дунё омаду рӯи падарро пас аз ҳаштсолагӣ дид, ба ҷои аллаи модар қиссаи қисмати Исломро мехонд. Нозира дар сари гаҳвора, гоҳи чокдӯзӣ ва ё дами гандумбирён кӯфта ба косаи ҷурғот андохтан, бо ҳасрату алам қиссаи нахустфарзандаш Исломро замзама мекард, ки амакатон паҳлавон буд, марди майдон буд, номаш Ислом буд, ибрати дигарон буд… Сипас вай дар ҳикояташ сифат мекард, ки Ислом ҳимматбаланд буд аз худ мегузашту ба дигарон мерасид. Паи моли дунёву ҷоҳу ҷалоли дунё намегашт. Боинсоф буд ва ҷон фидо кард, ки одамон боинсоф шаванд. Аз омӯхтан нанг намекард, нодидаву наомӯхта намегуфт. Ба айби худ бино буд ва ҷон мекоҳонид, ки ҳама аввал айби худро дида тавонанду баъд ба дигаре ёд диҳанд. Зеро ки ёд додани беибрат бақое надорад. Вай касеро бо ифрот ситоиш намекард, чизи намондаашро намегирифт. Ҳар чӣ ба худ раво намедид, ба дигарон намеписандид. Ба нони дигарон чашм ало намекард, нони худ аз дигарон дареғ намедошт ва ҳар ҷо муфтхӯреро бинад, ҷазояшро додану ба

инсоф овардан мехост. Ба он суде ки шаъни инсониро зиён дорад «мабош!» мегуфт. Аҳдро ба вафо яке медонист, дар роҳи аҳд бо худ мушту гиребон буд. Ёронро вақти хашму ғазаб меозмуд, ёрони навола ва дӯстони пиёларо бад медид. Хок бар сари душман! Аз дасти душманон ҳаёташ сӯхт! Мард буд Ислом, марди майдон буд, ки ниёзи худро пеши касу нокас арза намекард. Шумо ҳам ҷаҳд кунед, ки мард шавед, фарзандонам, марди соҳибдард шавед. Ба мисли Ислом ба амонат хиёнат накунед, зинҳорро хор накунед. Ислом сухандон буд, сухангӯ буд, вай мегуфт ки миннат бидоред, вале миннат маниҳед.

Мегуфт, ки ба вуҷуде чун худ бандагиро муписандед, ки «бандагӣ шарт бошад, зиндагӣ даркор нест!» Ҳа фарзандонам, Исломам марде буд, ки ботинашро беҳтару поктар аз зоҳир нигоҳ медошт. Чунки фарзандонам, зоҳир барои чашм асту ботин барои маърифат. Вале «дунё зи дасти нокасон норозист», фарзандонам, нокасон – душманон рӯзи равшани мани сарсахтро сиёҳ карданд. Шумо он рӯзҳоро ҳеҷ гоҳ набинед, фарзандонам, ҳеҷ кас набинад, душман набинад он рӯзҳоро!

Дар фуроварди сухан Нозира оби чашми набударо пок мекард. Вай он қадар гиристааст, он қадар пир шудааст, ки дигар дар чашмонаш нам нест. Вай фақат бо ёди рӯзҳои гузашта зиннда, бо гуфтану шунидани саргузашти Ислом зинда. Вай ин ҳикоятро бисёр гуфтааст – ба набераҳояш, ба кампироне, ки ҳамроҳаш пахта шада кардаанд, ба мухбироне, ки рӯзҳои ҷашни калон дар ин мавзӯъҳо очеркҳои пур аз солу моҳ ва унвону вазифа менависанд, гаштаву баргашта гуфтааст. Ҳатто худ ба худ такрор гуфтаву шунидааст ва дар натиҷа ҳадисе ки барои тасаллои дили ғамзадаи худ бофта буд, дар охирҳо ба назараш ҳақиқати соф ва бебаҳс менамуд.

Ва Исломи Баҳром гуфт, ки нақли бибиашро аввалҳо бо чор гӯш мешунид. Баъдҳо ки мактабраву мактабхон шуд, фақат аз рӯи ҳурмат гӯш мекард ва ҳанӯз қисса оғоз наёфта, анҷомашро медонист – ёд шуда буд. Аввалҳо ба он сифатҳое, ки модар ба фарзандаш мебаст, кӯдакона бовар мекард ва ҳамчунон кӯдакона фахре дошт. Ба гумони ӯ амакаш одами оддӣ не, одами фавқулоддае буд, ки амсолаш дар замин кам мешавад.

– Ман барои он афсона гуфтам, ки, суханашро ҷамъбаст кард Ислом. – Агар ин хел одам дар ҳақиқат вуҷуд медошт ман монандашро медидам. Дар гузарамон, дар деҳа, дар тӯйҳои деҳоти ҳамсоя, ки доим қатори халқ меравам ва ё дар бозор, ки

он ҷо деҳа не, шаҳри азим аст ва ман ду бор гову гӯсфанд бурда фурӯхтам, дар як ҷо не, дар як ҷо одами ба ӯ монандро медидам. Лекин мутаассифона, ман чунин одамони пок-покизаи фидокорро дар ҳаёти ҳаррӯза надидам. Одамоне ки ман дар умри худ дидаам, лофи фидокорӣ мезананд, вале вақте ки манфиат пеш омад, хокистарро рӯи кулчаи худ мекашанд.

– Дуруст ки қиссаи модаркалонатон факт надорад, – гуфт Деҳқонов. – Ҳақиқатан ҳам афсонамонанд аст. Лекин шумо китобҳои таърихро хонед, аз ин ақидаатон бармегардед. Як камбудии калони шумоён ҷавонон ҳамин ки таърихро намехонед.

– Ҳар чӣ дастрас аст мехонем, - ҷавоб дод Ислом – Лекин он чӣ ки мо мехонем, таърих нест, номбари қарорҳову маҷлисҳост ва он қарорҳо чӣ натиҷа доданду дар он маҷлисҳо чиҳо гуфтанд, норавшан мемонад.

Баҳром ҷониби писараш нигоҳи норизоёна афканд – шароб хӯрад, даҳонаш кушода мешавад!

– Ҳастанд ҳамин хел китобҳо, - тасдиқ кард Деҳқонов. – Лекин ҳамаи китобҳо ин хел не. Шумо китобҳои нағзашро ёфта хонед. А, мулло Баҳром чӣ гуфтед?

Деҳқонов «китобҳои нағзро» тавре талаффуз кард, ки «китобҳои маро хонед» барин маъно дошт. Ба ҳар навъ Ислом ҳамин хел қабул кард. Вай рисолаҳои Деҳқоновро хондааст, то хурдтарин мақолаҳояш хондааст ва ҳоло забонаш хор-хор мекард, ки гӯяд: «ба назари ман чунин мерасад, ки навиштаҳои шумо зоҳиран аз он ривоятҳо тафовути ниҳоят калон дорад, албатта, вале услуби баёнатон моҳиятан аз услуби гуфтори бибии ман он қадар дур нарафтааст».

Вале ба ҷои ин қадаҳҳоро пур кард:

– Боз панҷотагӣ нӯшем?

– Ман чанд вақт боз диет, – қадаҳро байни панҷаҳои фарбеҳ гирифт Деҳқонов, – лекин дар ин хел мавридҳо «не» гуфта намешавад. Хусусан ки гап аз Ислом рафт. Вай барои ҳаёти хушбахтонаи мо ҷони худро қурбон кард ва бо мулло Баҳром ҳам мо чун додару бародар дар як ҷо калон шудем, бо мадади якдигар ба воя расидем. Боз ман мехоҳам, ки ин қадаҳро ба саломатии сари Исломҷон нӯшем, ки монанди амаки шаҳидаш дар ҳаёт поквиҷдону ҳалолкор бошад.

– Хуб гуфтед, – тақвият дод Баҳром.

Ба Исломи Баҳром нафорид ин ҷавоб. Охир падараш медонад, ки Деҳқонов фаъолияти Исломро ду бор маҳкум

кард, ду бор душмани халқ баровард; ду бори дигар мадҳ карду қаҳрамони халқ ба эълон дод ва ҳар чаҳор маротиба ҳам «ақидаашро илман исбот карда тавонист»; медонад ва надонистанаш мумкин нест, ки ягон ҷумлаи ин одам аз сидқи дил нест – бешармонаву бешарафона дурӯғ мегӯяд. Медонад, аниқ медонад, вале дар рӯяш намегӯяд. Намегӯяд, ки рафиқи мӯҳтарам, шумо ҳуқуқи маънавӣ надоред, ки аз додариву бародарӣ ва поквиҷдонию ҳалолкорӣ гап занед! Чаро гапи дилро рӯирост гуфтан мумкин не?! Ва дар ҳамон лаҳзае ки аз ин бобат андеша мекард, худаш ҳам гапи дилашро рӯирост гуфта натавонист. Аз дилаш гузашт, ки: «алҳақ, забон устухону сухан забон надорад, ҳар чӣ хоҳӣ, мегӯӣ, ҳар калимаро лозим шуморӣ, талаффуз мекунӣ, забон сар намепечад, калима эътироз намекунад».

Забону калом ба тинату инсофи гӯянда тобеъанд! Барои ҳамин, барои он ки меъёри сухан риоя намешавад, донистани неку бад, коргару танбал, росту фиреб, ҳаќу ноҳақ, хулоса «кӯзашикану оббиёр» дар замони мо як кори душворе шудааст.

Онҳо нӯшиданду хӯрданд. Деҳқонов боиштиҳо Ислом бо шавқ ва Баҳром коҳилона аз табақ гӯшт мегирифтанду мехонданду фурӯ мебурданд.

Ҳурматбибӣ дар ошхона палав мепухт.

Сари Исломи Баҳром ҳанӯз он қадар натафсидааст, вале Баҳром дар дил ҳарос дорад, ки нисбати меҳмон беназокатӣ ва беҳурматие мекунад. Вай медонад, ки Ислом дар ҳушёрӣ фикрашро аз дил гузаронад ҳам, ба гуфтан забонаш на ҳамеша мегардад, ҳаё монеъ мешавад. Дар мастӣ ки пардаи ҳаё медарад, ҳар чӣ ба хаёлаш расид, бемулоҳиза гуфтан мегирда ва дар ин хел мавридҳо Баҳром ба ҷои ӯ хиҷолат мекашад. Хиҷолат мекашад, ки писараш одоби суханро риоя карда наметавонад. Хиҷолат мекашад, ки вай бардошти худро намедонад ду қадаҳ нӯшад аз худ бехабар мешавад, се қадаҳ нӯшад фикри ҳамаро рад кардан мегирад.

Баҳром ӯро чанд бор насиҳат кард, насиҳат кард, ки дӯсти одам ҳам забон, душмани одам ҳам забон. Одам ҳар чӣ бинад, аз забони худ мебинад – оқибати кори ҳамон ҳарирбофи машҳур барин. Он ҳарирбоф матое мебофт, ки дар ҳафт иқлим назир надошт ва агар он матоъро ба қабули шоҳ мебурд, аз сараш тангаву тилло мерехт. Вале аз бурдан метарсид – хавф аз забони худ дошт – забон ҳамеша хости худро мегӯяд, дар ҳолате ки хости дигаронро бояд гӯяд. Бояд тавре

сухан гуфт, ки ба табъи латифи ҳазрати шоҳ мувофиқ бошад, табъи худи ӯ ба кӣ даркор?! Бинобар он ба умеди дастхарҷе ёфтан дебое барои шоҳ мебофт ва мунтазам – шинад ҳам, хезад ҳам, бо итлиҷо мегуфт; «Эй забон, сарамро нигоҳ дор!» Рӯзе ки дебо тайёр шуд ва ба қабули ҳазрати шоҳ мебурд, дар роҳ ҳам мегуфт: «Эй забон, сарамро нигоҳ дор». Дебо ба шоҳи олам ғояти санъату нафосат намуд, шод шуд ва аз бофанда пурсид: «Бо ин хушӣ ба чӣ кор ояд?» Забони марди ҳарирбоф ҷавоб дод: «Рӯзи мавлуди аълоҳазрат ин дебо муҳайё набуд, ҳоло бифармоед дар хазина нигоҳ доранд, ба сари тобуташон меандозанд». Натиҷа ҳамин шуд, ки ба ҷои дастхарҷие ёфтан сарашро барҳам дод. Вале писараш то алҳол аз насиҳатҳои ӯ панд нагирифтааст.

Бо таъсири шароб ба рӯи заҳирнамои Баҳром сурхӣ дамид. Деҳқонов ҳам нисбатан оромии ботинӣ ёфт ва ба ёддоштгӯӣ гузашт. Вай дар рафти сухан, зимни зикри корномаи сарбозони инқилоб ва таърифи фидокориҳои Исому Неъмат хизматҳои Баҳромро ҳам ном бурда, дар охири гапаш ба тариқи мукоиса чунин хулоса баровард, ки «ҷавонони ҳозира, бо вуҷуди муҳайё будани ҳама шароит, бо он шавқу бо ин фидокорӣ амал карданро ёд нагирифтаанд».

– Ҷавонони имрӯза ҳарчӣ шуданд, бо шарофати тарбияҳои шумоён шуданд, – луқма партофт Ислом.

– Мо ҳар коре ки метавонистем, кардем. – ҷавоб гардонид Деҳқонов бо зарда.

– Мо ҳам ҳар чӣ медонем, аз асарҳои шумо ёд гирифтем. Дувоздаҳ-сездаҳсола будем, китоби шуморо мехондем, ба чил даромадем, ҳоло ҳам китоби шуморо мехонем, – гуфт Ислом иддиоомез.

– Китоби нағз ҳамин хел хизмат мекунад, – ҳам ба фахр ва ҳам талх гуфт Деҳқонов.

– Албатта! Лекин мо китобҳои дигарро ҳам хондаем ва пас аз хондан, ҳангоми муқоиса, мебахшед-ку, таассуроте ҳосил шуд, ки шумо асарҳоятонро бо услуби афсонаҳо менависед. Дар афсонаҳо одамон ё хуби хубанд ва ё бади бад. Шумо ҳам, мебахшед албатта, хоҳед, боло мебардоред, ба фалакҳо мебардоред, хоҳед паст мезанед, ба хоки сиёҳ яксон мекунед.

– Ҳа, ҳа-ҳа! – калонгирона ва нописандона хандид Деҳқонов – Мулло Баҳром, писаратон моро боб кардку? Ҳа-ҳа-ҳа! Охир, одам бояд мавридшинос бошад, ҳоло шумо

ҷавон, ба ман бовар кунд, ки мавридшиносӣ дар зиндагӣ бисёр зарур аст.

Исломи Баҳром дар кадом як гӯшаи дилаш ҳис мекард, ки ин ҷо ҷои баҳс нест. Ҳис мекард, ки забонро бояд нигоҳ дошт: ё хомӯш бояд шуд ва ё мавзӯъро дигар бояд кард. вале чун одаме ки фикр накарда, худро ба об партофтааст ва акнун ноилоҷ шино бояд кунад, дигар худро дошта наметавонист:

– Маврид ҳолати гузаранда, агар мо тобеи маврид бошем, пас таърих ҳам тобеи маврид аст? – савол дод Ислом.

– Худи маврид таърих, ҳа-ҳа-ҳа! – боз бо ҳамон оҳанг хандид Деҳқонов.

– Яъне маврид тақозо кунад, ҳар чӣ хоҳед, навиштан мумкин? – боз савол дод Ислом.

Баҳром дилтангона дар ҷояш ҷунбид.

– Зарур бошад, раво бошад, ҳа-ҳа-ҳа!

– Зарур бошад ҳам, раво набошад, чунки барои манфиати маврид дар назди зиндаву мурда тамаллуқ задан ҳақиқати ҳолро вайрон мекунад.

– Сари дастархону ҳузури меҳмон ҷои баҳс нест, – гуфт Баҳром.

– Аз худ наравед, писар, - қаҳролуд хитоб кард Деҳқонов. – Луқмаро мувофиқи даҳонатон гиред, писар! Шумо ҳоло сафеду сиёҳро фарқ карда наметавонед, писар, мана, мулло Баҳром гӯянд.

Мулло Баҳром чӣ мегӯянд? Он кас медонанд, ки Деҳқонов «сафеду сиёҳ»-ро ба таври худ мефаҳмад, чунон ки худаш гуфт, ба маврид нигариста фарқ мекунад. Агар ба шахси худаш манфиате расад, сафедро сиёҳ ва сиёҳро сафед гӯён мешиносонад. Лекин забонашон намегардад, ки рости гапро фошофош ба рӯи вай гӯянд – рӯи одам ширин, пардадарӣ гуноҳ. Бинобар он Мулло Баҳром ба ҷои ҷавоб як силсила сурфаи сохта карданд, то ки хуни ҳаёи ба рӯ давидаро пинҳон доранд Барои Баҳром барин одамон, одамоне, ки на танҳо аз кори нодурусти кардаи худ, балки аз ҳар як рафтору ҳаракати ноҷою безеби ҳар касу нокас, дар ҳар ҷо-дар роҳ ки рулнишине қоидаи ҳаракати мошинҳоро вайрон мекунад; дар сӯҳбат, ки ягон оқилтарош ба дигарон навбати сухан намедиҳад; дар корхона, ки роҳбарашро корафтодаҳо рӯзи дароз интизор ҳастанду дида наметавонанд; дар маҷлисҳо, ки одамони бефаъолият аз боби фаъолӣ нутқҳои аз ҳад зиёд оқилона мекунанд, хулоса, дар ҳама мавридҳое ки услубу одоби инсонӣ вайрон мешавад –

азоби ботинӣ мекашанду хуни солимашон вайрон мешавад, зиндагӣ кардан аз корҳои осон нест. Ин қабил одамон доим гирифтори азоби ботинанд ва азобашонро фурӯ бурда, дарун-дарун ғам хӯрда мегарданд.

Баҳром нофорам дар ҷояш ҷунбид ва бо ишораи чашму ваҷоҳат чизе гуфт, ки писараш аз сари миз хест ва бо латтае дастпоккунон ҷониби дар рафт. Ба остона расид ва якбора баргашта паҳлуи мизи таом рафту рост истода гуфт;

– Дар урфият омадааст, ки «гапи ҳақ гуфта беҳ, шунаванда хоҳ панд гирад, хоҳ малол!» Ҳаққи гапро гӯем, он чизе ки Шумоён бо номи таърих манзури мардуму миллат кардеду мекунед, бунёд ба се ҷумла дорад. Якӯм, мо, тоҷикон дар гузашта чизе надоштем. Дуюм, ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна бо Россия. Сеюм, капитализмро аз сар нагузаронида, аз феодализм якбора ба социализм гузаштем. Ана ҳамаи илми таърихатон иборат аз ҳамин се ҷумла аст, ки барои манфиати шахсиатон бофта баровардаед ва бо сад рангу бор шарҳ баста, худатонро нағз нишон дода, унвонҳо гирифтед, мақом ёфтед, сарвари илм шудед ва ба ростӣ ки бад набуд зиндагиатон, зиндагии хӯрдану пӯшидану ошомиданатон албатта, ҳар чанд ки мардуму халқро гумроҳ кардед, илмро хор кардед.

Ислом ин суханҳоро дар як нафас гуфт ва ҷавоби Деҳқоновро мунтазир нашуда бо шаст ақиб гашту аз дар бадар рафт. Берун он қадар салқин не, вале ба ҳар ҳол, рӯзона барин гарм набуд. Исломи Баҳром ба кӯча баромад ва ҳис кард, ки ҳамин ҳозир ба ӯ як ҳамсӯҳбат даркор, ҳамроҳе даркор, ки дар кӯчаҳо гардад ва ё ягон ҷо рафта сӯҳбаткунон нишинанд.

Ҷавоби Деҳқонов дар даҳонаш монд, фурсат наёфт, ки гапашро гӯяд ва рӯи фарбеҳи ӯ аз ғазаб кабуд гашт, лабони ғафсаш пир-пир парид. Баҳромро хиҷолат пахш кард. сукунати вазнине ба миён омад. Оқибат Баҳром чӣ гуфтану чи хел нишастанашро надониста аз ҷо хест, ба ошхона гузашт ва чойники чойро бардошта омад.

– Ҷои гапро намедонанд, – ба Деҳқонов нигоҳ накарда, ба оҳанги узр гуфт вай. – Одобу услубро намедонанд.

Онҳо боз хомӯш шуданд. Деҳқонов даҳон пур кард гӯяд, ки «писар гуфтаҳои падарашро» такрор мекунад, вале мавридро мувофиқ наёфт – ҳамкорӣ дар пеш буд ва он корро асосан Баҳром мекарду вай фақат имзо мемонд. Бинобар он гапи даҳонашро фурӯ бурд ва ҳатто ваҷоҳати бепарвоёна гирифт. Баҳром хомӯшона ба қадаҳчаҳо коняк рехт.

– Ҷавон-дия, – гуфт Деҳқонов бо оҳанге, ки аз суханҳои Ислом ба унвони худаш хафа нашудааст. – Дар ҷавонӣ ҳама кор осон менамояд. Худамон ҳам дар вақташ ҳамин хел будем.

«Лафзи ҷамъ кор нафармо! Охир, ман медонам, ки ту ин хел набудӣ, ту аз азал ана ҳамин хел будӣ, чунон ки ҳозир ҳастӣ, чунон ки ҳамаи ин солҳо будӣ. Ин гапро дар ягон ҷои дигар гӯй, ки туро нашиносанд, тору пудатро надонанд. Наход дар ҳузури ман гӯӣ?! Ту фоидаи худатро нағз медидӣ, нағз мебинӣ. Пӯстат азиз буд, азиз аст».

Баҳром аз рӯи инсоф бояд чунин ҷавоб медод, вале вай лаб накафонида табассум кард ва он ҳаракати пурқароҳати пӯсти кунҷи лабҳоро Деҳқонов чун заҳрханда не, балки чун аломати ҳамфикрӣ ва нишонаи тасдиқи фикраш қабул кард.

Гап ҳам тоб дорад, чунон ки пистачинӣ – яке шох ба шох гашта писта мечинад, дигаре тоб хӯрда меояду халтаи пурро муфт бардошта мебарад. Гап ки аз давраҳои навонӣ рафт.

Деҳқонов бо таъсири шароб, ба рағми даъвоҳои Илом, ки намедонаду намефаҳмаду даҳонкалонӣ мекунад ва бо ҳавои вохӯриҳояш бо пионерон – вай дар вохӯриҳо воқиаҳои он солҳоро нақлкунон худро ташаббускори бисёр масъалаҳо нишон медод ва дар он лаҳзаҳо худаш дар ҳақиқат ҳам «ба қаҳрамони миллӣ» буданаш бовар мекард – дар рӯ ба рӯяш истодани шоҳиди зиндаро фаромӯш карда, балки «ёдатон ҳаст?» гӯён ӯро шафеъ оварда ба нақли дуру дарозе даромада рафт. Вай ҷадидонро ёд овард, ҷанҷолу кашокашҳои алифбои нав, душвориҳои мактабу матбуот ва нарасидани кадрҳоро ёд овард ва хулосааш ҳамеша чунин мешуд, ки агар вай намебуд, ҳалли дурусти ин масъалаҳо даст намедод – ягон мушки лбе дахолати оқилонаи ӯ осон намегашт.

– Менӯшем ба ёди он рӯзҳо, – қадаҳро баробари пешониаш бардошт Деҳқонов. – Барои ғалабаҳои мо! Охир, мо ҳақ дорем, мо саҳм дорем, дӯстам!

– Ман, ки хизмати шоистае накардаам ба хотири шаҳидони роҳи озодӣ менӯшем. – Баҳром қадаҳашро ҳавоӣ бо қадаҳи Деҳқонов «ҷанг» андохт.

– Хоксорӣ кори хуб, вале ба ин дараҷа не, шумо бештар аз дигарон ҳақ доред. Фақат хизматҳои Ислом ба даҳ пуштатон мерасад.

Қадаҳҳоро холӣ карданд. Дили танги Баҳром тангтар шуд. Кай аз ин азоб халос мешавам?!

Ҳавсалаи Деҳқонов ҳам аз афташ пир шуд, ки ба сари мақсад омад.

Вай гуфт, ки Комиссияи ҷашн, худатон медонед, навиштани китоби «Қаҳрамонони ҷанги гражданӣ ва муваффақиятҳои Тоҷикистон дар давраи Ҳокимияти Советӣ»-ро ба ман супорид. Гап-гапи ин китоб пештар дар Комитети Марказӣ ҳам баромада буд ва ҳамон вақт ҳам гуфта буданд, ки ин корро бояд ки ман кунам. Комиссия низ ҳамон фикрро тарафдориву тасдиқ кард, худатон медонед, ки ман ҳам як пои малах, аъзои президиуми ҳамон комиссия. Вақте ки ба чунин қарор омаданд, ман гуфтам, ки хуб шудааст, ҳамин хел китобро менависем, вале як шарташ ҳаст. Шарт ҳамин ки Баҳром Холиқзода ҳам ба ин рӯйхат дохил шавад. Ҳардуи мо менависем ин китобро. Худатон медонед, ки комиссия розӣ шуд. Ба шумо ҳам хабар доданд. Ман медонам ки материалҳои шумо бисёр. Шумо фактҳое доред, ки то ҳол дар ҳеҷ куҷо чоп нашудааст. Ман ҳам материалҳои даркориро асосан ҷамъ овардам, папка кардам. Акнун барои маслиҳат омадам, ки агар кор аз як даст барояд, нағз мешавад. Хусусан, ки қувваи қалами шумо ба ҳама маълум. Ман чизҳои дастамро биёрам, ба шумо диҳам, шумо ба тартиб андозед, хомнавис кунед, баъд ҳардуямон нишаста аз таҳрир барорем.

Баҳром суханҳои Деҳқоновро бо азоби алиме мешунид ва аз шарм сурх мешуд. Ба ҷои ӯ худро гузошта, гаҳи талаффузи ин гапҳо ба чӣ ҳол афтоданашро тасаввур мекарду боз бештар ба гирдоби ҳаё меғӯтид. Вай сарашро хам гирифта, пешониашро сахт-сахт молида, хомӯш истод: гап занӣ, забон месӯзад, гап назанӣ, мағзи устухон!

– Фактҳои наве, ки шумо доред, - гуфт Деҳқонов, - бисёр ҷиҳатҳои торики он даврро равшан мекунад. Ин ҳам далел бар он аст, ки таҳрири аввал аз дасти шумо барояд, беҳтар мешавад.

Дили Баҳром моҳичаи аз об дур афтод барин бозӣ мекард, ҷавоби талхе дар кадом як гӯшаи шуураш давр мезад, вале ҳоло аниқ намедонист, ки он ҷавоб чӣ хоҳад буд.

Чӣ ҷавоб медиҳад, алҳол аниқ намедонист, лекин дар давоми ҳамин сӯҳбат аниқ донист, ки дар навиштани ин китоб бо Деҳқонов ҳамкор намешавад. Ҳеҷ вақт ҳамкорӣ намекунад бо ӯ. Агар ободии ҷаҳон вобаста ба ҳамин ҳамкорӣ бошад, бигзор обод нашавад, намекунад ин корро. Сад қарор баророанд, намекунад.

Вуҷуди Баҳром дар ҳамин ҳолат як ғунчаи эътироз буд. Эътироз дар Баҳрому Баҳром дар худ намеғунҷид.

– Ба назарам китоби хубе мешавад, китобе мешавад, ки даст ба даст мегардад, – ин садо аз ҷои дуре ба гӯши Баҳром мерасид. – Он воқиаҳоро касе аз ману шумо беҳтар намедонад ва беҳтар навишта наметавонад.

– Беҳтар аз мо як одами дигар медонист, - ин ҷавоб беихтиёр ба забони Баҳром омад ва Баҳром ба Деҳқонов не ба ҳамон овозе, ки аз дуриҳои дур мешунид, ҷавоб дод. – Модари ман нағз медонист, бисёр нағз медонист!

– Ба ҳар навъ, ҳоло он воқиаҳоро аз шумо беҳтар медонистагӣ кам, - такрор шуд ҳамон овоз. Ҳамон овозе, ки Баҳромро «каждуми таги бӯрё» гуфта буд. Ҳамон овозе, ки рӯзи муҳокимаи рисолаи Баҳром «ин олим аз роҳи ҳақиқати таърих берун рафтааст, бародарашро идеализасия кардааст, гӯё ғайр аз бародари ӯ касе ба инқилоб хизмат накардааст» гуфта буд. Ва Баҳром ба ҳамон овоз ҷавоб дод:

– Модарам беҳтар медонист, раҳматӣ аз ҳамаи мо беҳтар медонист, вале афсӯс, ки аз ӯ дигар материал гирифта намешавад.

Деҳқонов дамхӯр шуд, як дамакак дам кард, ба монанди дам партофтани ош пас аз пухтан – агар зиёдтар истад, ланҷ мешавад. Вале ҳиссиёташро зоҳир накард. Вай гапашро баъд мегӯяд, дар ҷое мегӯяд, ки натиҷааш ба фоидаи худаш бошад. Бинобар он озореро ки аз ин сухани Баҳром ба дилаш расид ва боиси ранҷиши хотираш шуд, талх фурӯ бурд, то мавриди муайян албатта!

– Хеле нишаста мондем, маъзур ки ташвиш додам, акнун ман равам ҳам мешавад, – гуфт Деҳқонов ва аз ҷояш хест.

Баҳром «хайр» гӯён ҳамроҳи ӯ то сари кӯчаи калон баромад. Дар сари кӯча онҳо ду бору се бор ба ҳамдигар даст дода, «хайрухуш» карданд ва пас аз ҷудо шудан Баҳром худро хеле сабук ва озод ҳис кард. Кас пас аз маҷлисе, ки матни маърӯзаи онро худаш навиштаасту дар минбар дигаре мехонад ва аз оғоз то анҷоми нутқ ташвишу таҳлукае дар дил дорад, ки аз бехабарии нотиқ саҳве дар маъно ва талаффуз нагузарад, худро ҳамин хел сабук ҳис мекунад: хайрият ки тамом шуд!

Деҳқонов то хонааш хурсанд рафт – ҳавои шаб хуш ва форам буд, - вале баъди ба хона даромадан кайфаш баланд ва аламаш тоза шуд. Вақте ки ба девони маҷории озода ни-

шаст ва беихтиёр асбобҳои хонаи худро ба анҷоми хонаи Баҳром муқоиса кард, равшан шуд ки зиндагии онҳо фарқе дорад ба монанди шабу рӯз, ки онро кӯр ҳам мебинад. Ва ҳамин қадар фарқ байни шахсияти онҳо низ ҳаст. «Баҳром кист, ки ба ӯ хандад? Модарам аз ҳамаи мо зиёд медониста-аст? Ту худат кистӣ, ки модарат бошад?! Деҳотии даҳонкалон! Дар кисааш муш бозӣ мекунаду аз дами нафа-саш бели оҳан мекафад. Пояшро ба пои ман мондани? Маро ҳама мешиносанд, тамоми Тоҷикистон мешиносад, тамоми мамлакат мешиносад. Туро кӣ мешиносад? Кадом олим ба ҳурматат аз ҷой хестааст? Гӯё ман мӯҳтоҷи ӯ бошам?! Ман хонаи ту барои манфиати ту рафтам, ки ду-се кас бинад ва обрӯй гирӣ! Фахр намекунӣ, шараф намедонӣ, ки ба хоначаи заҳат даромадам, дар дивани пӯсидаат нишастам?!»

Вай либосҳояшро кашида, мақоми худашу Баҳромро муқоисакунон рӯ-рӯи қолини калони хонаи калон пасу пеш рафт ва ғазабаш торафт ғалаён мекард: «Ба писараш ҳам ин гапҳоро худаш ёд додагӣ!» Вай дар назди ҷевони барқади як девори хона рост истод, дастонашро ба миёнаш монда ваҷоҳати ҷангҷӯёна гирифт, лабҳои ғафсашро макид ва «хайр»! гӯён ҷевонро кушод. Лаҳзае ба шишаҳои рангоранг нигарист, сипас аз байни шишаҳо як шиша коняки арманӣ бароварду як қадаҳ рехта нӯшид ва баргашта ба диван ни-шаст. Нишасту дилаш сих зад. Вай бо даст дилашро дошта, оҳиставу дароз-дароз ду-се бор нафас кашид ва аз тарси он ки мемурад, аз гапҳои дар ҳаққи Баҳром гуфтааш пушаймон шуд. Вай аз марг бисёр метарсид ва ҳар вақте ки ин ҳиссиёт пайдо шавад, аз кирдорҳояш пушаймон шуда, аҳд мекард, ки минбаъд ба кори бад роҳ намедиҳад.

Боре дар мақолае хонда буд, ки одамони ба фармондиҳӣ ҳарис вақти мурдан сахт азоб мекашанд. Баъд аҳд кард, ки хушмуомила шавад, вале зуд аз ёдаш баромад. Ҳамин хел ҳолатҳо ба вай бисёр рӯй медод. Дар ҷое мехонд, ки ҳар амал мукофот дорад: некӣ кунӣ, некӣ мебинӣ, бадӣ кунӣ, бадӣ! Дар дил мегуфт, ки «ба касе бадӣ намекунам», вале боз фаромӯш мекард. Ҳоло ҳам ки дилаш сих зад, аз кардааш пушаймон шуд, дарди дилаш андаке таскин ёбад, аҳдашро фаромӯш мекунад.

Баҳром бошад шаб ором хоб карда натавонист. Як нафас ғанаб барад, даҳ нафаси дигар хобаш мепарид. Сараш гӯё, ки варам карда бошад, вазнин буд. Хаёлаш парвози беохире

дошт ва дар он фазои бевақту бемасофа, ба ҳар тарафе нигоҳ кунад, худашу Деҳқонов ва Мираливу Мирвалиро медид. Медиду фикре дар сараш чарх мезад, ки: «одам, ба ҳар ҳол, худпараст аст. Фарз кардем, ки хушбахтии мардуми олам вобастаи муносибати ӯст, дар ҳамон вақт ҳам вай кулли фарзанди инсоро як хел, ба як дараҷа дӯст дошта наметавонад, чунки панҷ ангушт бародаранд, вале баробар не. Охир дар кӯча мегардӣ, пур-пури одам, вале ту онҳоро мебинию намебинӣ, ҳамин ки шиноси нағзат вохӯрд, чашмат чароғ барин равшан мешавад».

Аз ин фикр гурехтан лозим буд, дилу майнаро ба ҳолати оромтаре овардан лозим буд, ки ё хобаш барад ва ё ба ягон кор машғул шавад. Бинобар он вай берун саҳни ҳавлӣ баромада дасту рӯяшро шуст ва қариб ним соат дар рӯи ҳавлӣ гашт. Сипас ба хона даромада сари миз нишаст ва ба монанди ҳамон рӯзҳое, ки аз ҳабсу бадарға баргашт ва дар озодӣ ҷои коре наёфт, ки қути лоямуте ба даст ояд, мусаввадаи қоғазҳои наву кӯҳнаро варақ зад. Дар бекориҳо кораш ҳамин! Ҳамон вақтҳо дурудароз кор наёфт – аниқ «не» ҳам намегуфтанд дар идораҳо, вале кор ҳам намедоданд. Оқибат вай аз ёфтани ҷои кор ноумед шуд ва дар хона нишаста, аз «бекорӣ кадукорӣ» гӯён ба умеде ки чизе менависад, дафтарҳои кӯҳнаашро варақ мезад. Рӯзу шаб ба назараш дароз менамуд. Дар он ҷо дар бадарға вақт тез мегузашт. Як лаҳза вақти холӣ набуд. Як лаҳза вақти холӣ ёфт шавад, дарров дароз мекашид ва зуд хобаш мебурд – ҳамин қадар мондаву шалпар мешуд. Дар ин ҷо, дар озодӣ вақт гӯё меъёри дигаре дошт, сӯҳбати одами шилқин барин кашол меёфту кашол меёфт.

Як рӯз ҳамин хел аз оҳиста гузаштани вақт дилтанг менишаст, ки ногаҳон Академик ба хонааш омад.

Академик ҳамон Мансури Умрӣ аст, ки ҳанӯз давраҳои ҷавонӣ, давраҳое ки тақсимоти синфҳои ҷамъият хеле равшану возеҳ буд, давраҳое ки одамонро аз ҷиҳати баромади иҷтимоӣ бехато ба синфҳо ҷудо кардан ягон душворие надошт, давраҳое ки онҳо дар редаксияи газетаи «Овози тоҷик» дар шаҳри Самарқанд дар як шӯъба кор мекарданд ва он давраҳо одамоне дошт, ки ба пои паша дар ҳаво наъл мезаданд, ӯ ғайр аз хизмати холис ба халқ тарафи дигаре накалавид. Доим якмарому якрӯ буд ва доим мегуфт, ки «Мо ходимони матбуот ба фикру хулосаҳои саросема ва соддалавҳона ҳақ надорем». Такрор ба такрор мегуфт, ки

«Ба мо фақат як ҳуқуқ дода шудааст, ин ҳам ҳуқуқи ҳалол кор кардан, ба манфиати халқ кор кардан».

Ва умре аз ин роҳ берун набаромад – ҳамеша гуфтораш бо кирдораш ва кирдораш бо гуфтор якест. Ин ҳамон Мансур аст, ки пургӯиро намеписандид, кори нокардаро кардам намегуфт ва маҳз бо ҳамин сабаб ба назари ҳамкорон одами дарундор менамуд. Вай дар маъракаҳои айшу нӯш қариб иштирок намекард: «Умр кӯтоҳ ва сарфи беҳудаи он гуноҳ аст», мегуфт.

Мисли Кавкабӣ аз идора ба идораву аз дари маъмуре ба дари маъмуре дарову баро намекард, саланг-саланг дар роҳравҳо намегашт; аз оғози рӯзи кор то анҷоми вақти кор дар хоначаи кунҷакии редаксия аз дастнависҳо сар набардошта менишасту ҳар бор луғат медид, ки калимаҳои туфайлӣ дар саҳифаҳои рӯзнома чоп нашаванд, ба хатои ом табдил наёбанд. Ва агар ягон мақолаи хом ба дасташ афтад, хона ба хона гашта, на танҳо ба ҳамсолон, балки ба калонсолон ҳам «аз пухтакорӣ то ҳол касе зарар надидааст, пухтакор шудан даркор», мегуфт ва бо ҳамин сабаб ҳамкорон бо тамасхур ба ӯ Академик лақаб дода буданд. Ба ин тамасхур Баҳром низ шарик буд. Вай Мансурро эҳтиром мекард, вале хислатҳояшро намеписандид. Баҳром медонист, ки Мансур одамони хабаркаш, лаганбардор, даҳонкалони беамал ва умуман онҳоеро, ки худ ягон кори хуб накардаанду кори дигаронро наҳ мезананд, бад мебинад ва «инҳо марази замон ҳастанд» мегӯяд, вале дар муомила бо онҳо рӯи хуш дорад – дӯстбор сӯҳбат мекунад ва ҳатто ҳамкорӣ нишон медиҳад, ки барои Баҳром хушоянд нест – беақидагӣ барин менамояд. Ҳамон вақтҳо чунин фикр мекард Баҳром, фикр мекард ки Мансур даъвои ҳалоливу холисӣ дорад, вале дар амал ҳалолу холис нест. Одами ҳалолу холис ҳар чӣ ки дар дил дорад, ҳамонро ба забон меорад.

Баҳром сари ин ақида устувор буд, чунки худаш дар муомила муросову мадороро намедонист, намедонист, ки агар кас дар ҳаёт муросову мадоро карда натавонад, як худаш ба ҷое намерасад ва оқибат ба ҷое ҳам нарасид. Ба ҳар навъ он вақтҳо Баҳрому Мансур дӯстони наздик набуданд, дӯсти ҷонии Баҳром ва ҳамнишини доимии ӯ Лутфулло Кавкабӣ буд, ки дар зоҳир бе Баҳром аз гулӯяш об намегузашт.

Вақте ки Баҳром ба муддати тӯлонӣ аз ин муҳит дур афтод ва аз ҳамон дуриҳои дур он рӯзҳову он рафтору кирдорҳои рафиқони ҳамкору ҳаммаслакро бисёр ба ёд овард, дар атро-

фии он воқеаҳои печдарпеч бисёр фикр кард ба хулосае омад, ки Академик на танҳо дар кор, балки дар муомила ба одамон ҳам пухта будааст. Ҳа, – гуфт дар дилаш, - агар кас хизмати шоистае ба халқ кардан хоҳад ва барои иҷрои ин мақсад иқтидоре дошта бошад, бояд аз Мансур ибрат гирад. Мансур ҳама балоҳои сари роҳро паси сар карда тавонист, хизмати ҳалол ҳам карда тавонист. Аз дасти маърифатшиносҳои чаласавод – аз доно натарс, аз нимчадоно битарс! – вале даъвояшон комил, сиҳат-саломат халос шуд; дар замонҳое ки ҳама чизи аз давраҳои гузашта боқимондаро сирф никор карданд, вай аз омӯхтану андӯхтани илму маърифати гузашта рӯй нагардонид;дар лаҳзаҳое ки гунаҳкор ба даст афтад, дар тамоми гӯшаву канорҳо думрави ӯро меҷустанд, ба монанди Деҳқонов қӯтбнамо нашуд. «Инро гиред, инро нагиред», нагуфт; ҳақиқат завол надорад, гӯён аз роҳи асили илм берун набаромад, – ҳарчанд ки бо беилмон муросо мекард! – ва охиру оқибат ба унвонҳои Академики ҳақиқии чндин академия ва профессори ифтихории университетҳо мушарраф гардид. Пас аз фароҳам омадани шароити мусоид, пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ, пиёдаву савора, хӯрҷин ба китфу ҷомадон ба даст деҳа ба деҳа, шаҳр ба шаҳр гашт, одамони китобхону китобдорро суроғкунон ба дару дарвозаҳо рафт, чун меҳмонӣ нохонда ба он хонаҳо даромад, бо нишони онҳо ба хафолҳои нокушода, ба ғори кӯҳҳо сар халонид, деворҳои андова кардаи токчаҳоро кушод, ҳикоятҳои ба ҳавзу дарёҳо афкандани китобҳоро шунид ва баёзу китобу куллиётҳои қариб ба нестӣ расидаи тамоми асру замонҳоро, ки дастрас буд, ҷамъ овард: ба рағми одат, ки ғолибан ҳунарро не, балки мартобаи аҷдодро қадр мекунанд, вай духтари олимансаберо ба кор қабул накард, – «Ба мо насаб не, дониш даркор!» – ва барои ин густохӣ сарашро, албатта, сила накарданд, шогирдони ҳавлакии ба шӯҳрат ташнааш ҳафтае як шикояти беимзо аз болояш менависанд.

Академик дар ҳамон рӯзҳои ноилоҷӣ ва руҳафтодагӣ бехабар баногоҳ хонаи Баҳром омад ва гуфт, ки «ман барои ту кор ёфтам». Вай дар диван нишаста сумкаи кӯҳнаашро сари зону монда кушоду аз дарунаш як китоб баровард:

– Ҳамин китобро тарҷума мекунӣ, лекин бо номи Ҳурмат чоп мешавад. Алҳол дигар илоҷ нест.

Барои Баҳром ҳамин ҳам як ризқу рӯзие буд. Қабул кард. бахосият омад паи қадами Академик. Аз ҳамои рӯз эътиборан гиреҳи мушкилиҳои кори Баҳром кушода шуд. Ҳатто кори

муқимӣ ёфт. Ҳамон корро низ Академик ёфт. Баҳромро бурда дар шӯъбаи дастхатҳо ба кор монд, ки дар таҳхонаи китобхона воқеъ буд. Баҳром ба кор баромад. Таҳхона нимравшану нимторик ва ҷевонҳои пур-пури дастхат ва Баҳром он дастхатҳоро варақ зада феҳрист тартиб медиҳад. Чашму хушаш ба ҳамин кор банд аст, вале чанд рӯз боз – баъди ба қабули Деҳқонов рафтан, баъди ба хонааш омадани Академик – сурати Миралию Мирвалӣ аз пеши назараш дур намеравад.

Ин ду одам дар тӯли умр гӯё ҳамеша ҳамроҳи ӯянд, гӯё ҳамеша дар паҳлӯяш ҳастанд. Дар ҳар マврид бо ҳар сабаб онҳо ба хотираш мерасанд, пеши назараш пайдо мешаванд ва Баҳром аз онҳо гурехтан мехоҳаду гурехта наметавонад – сад бор аҳд мекард, ки дар хусуси онҳо фикр намекунад ва сад бор аҳдашро мешикаст. Бо вуҷуди ҳамаи ин Баҳром онҳоро ягон бор дар хобаш надидааст. Дигарон ба хобаш медаромаданд, вале онҳо ҳеҷ гоҳ надаромадаанд. Онҳо фақат рӯзонаҳо пайдо мешаванд…

Онҳо Миралию Мирвалӣ, одамони машҳур ва қаҳрамонони ягон китоби хубе нестанд, ки одам доим онҳоро ёд кунад ва ё дар ҳаёти Баҳром мавқеи калоне ҳам надоранд, ки вай некӣ ё бадии онҳоро фаромӯш карда натавонад. Не, онҳоро худи зиндагӣ бо кору бораш, бо муомилаю муколимааш такрор ба такрор ба ёди Баҳром меовард, ҳар лаҳзаву ҳар доим хотиррасон мекард. Баҳром онҳоро дар ҳама ҷо медид, аз таҷриба ва ба гумони вай, дар ҳар ҷое ки ҳафт-ҳашт ва бештар аз он одам бошад, дар он ҷо ҳатман Миралию Мирвалиҳо ҳастанд. Дар он ҷое ки рафтору кирдор ва муносибату муомилаи як ё якчанд гурӯҳи одамон сар ба сар меоянд, ҳатман Миралию Мирвалӣ вуҷуд доранд. Бо ҳамон хислатҳо, бо ҳамон рафтору кирдорҳо.

Онҳо, албатта, ба як сурат нестанд, як шаклу шамоил надоранд – яке фарбеҳ, дигаре хароб, яке дароз, дигаре кӯтоҳ, яке хушрӯ, дигаре безеб, вале моҳияти амалашон чун як себи дукафон ба ҳамдигар шабеҳ ҳастанд. Онҳо бо қаду басти дигар, бо оҳанги рафтору тарзи раҳгардии дигар ва бо номҳои дигар дар ҳама ҷамъиятҳои одамӣ, дар ҳама гӯшаҳои олам ҳозиру нозиранд – ҳам дар Ҳамакон, ҳам дар Самарқанд, ҳам дар Душанбе ва ҳам дар кишварҳои дур, ки Баҳром дар солҳои бадарға дидааст.

Ва дар ҳама ҷоҳое ки Баҳром дидаасту корафтод шудааст, одамон бо онҳо, бо Миралию Мирвалиҳо қариб як хел муо-

мила мекунанд. Бо Миралиҳо соддатар, бепарвотар ва ҳатто андаке нописандона, ки ҳар гапе гӯӣ мебардоранд. Бо Мирвалиҳо мураккабтар, боэҳтиётгар ва ҳарчанд ки нӯгизабонист, як навъ эҳтиромкорона ки дилмонда нашаванд. Миралиро дар ғайбаш таъриф мекунанд, ғоибона нағз мебинанд, вале дар рӯяш соддагиҳояшро гуфта механданду озор медиҳанд. Дар рӯ ба рӯи Мирвалӣ бошад бо эҳтиёт, кебида-кебида гап мезананд, кирдорҳояшро дилу бедилон маъқул мешуморанд, вале дар ғайбаш бад мебинанд, кору рафторашро забонӣ маҳкум мекунанд.

Ҳамаи ин ба Баҳром намефорад ва ҳеҷ сарфаҳм рафта наметавонад, ки одамон чаро ин хел? Чаро дар дилашон як гапу дар забонашон гапи дигар. Ба тарзи ибтидоӣ бошад ҳам, боз ҳамон рафторҳои Шогадо маъқул. Ҳаётгузаронии худи Шогадо як муаммост, вале зимистонҳо дар офтобрӯяи паси ягон девор нишаста, асояшро байни лингҳо гирифта, бо ваҷоҳате ки гӯё неку бади дунёро беҳтар аз ӯ касе намедониста бошад, бо дили пур хулоса мебаровард, ки: «ҳар дуяш ҳам одамони ковоки беҳуда, аз инҳо ягон фоида нест, фақат зарар. Миралӣ ҳақи худашро рӯёнида наметавонад. Миравлӣ бошад, як фалокати ҳаққи мардумхӯр».

Табиати Мираливу Мирвалӣ ба мисли табиати равғану об аз ҳам фарқ дорад, чунки «пашму қасаби» онҳоро бофандаҳои дигар-дигар бофтанд, чунки қолаби онҳо дар корхонаҳое рехта шудаанд, ки соҳибонашон ба якдигар ҳеҷ монанд нестанд. Миралӣ ба касе ё чизе ҳасад намебарад, бо мақсади рӯшириникунӣ дурӯғ намегӯяд, ба фоидаи худаш шуда, дар ҳаққи дигарон тӯҳмат намебофанд. Мирвалӣ, ба фоидаи худаш бошад, ҳасад ҳам мебарад, дурӯғ ҳам мегӯяд, тӯҳмат ҳам мекунад. Миралӣ ҳоҷати дигаронро мебарорад, вале ҳоҷати худаш ба каси дигаре афтад, илтимос карда наметавонад – шармаш меояд. Бинобар ин вай доим дар қафо меистад: дар ёфтани асбоби рӯзгор, дар маъракаҳо, дар сӯҳбатҳои гапгузаронӣ ва ҳатто дар савор шудан ба мошин.

Он вақтҳо мошин кам буд ва мардуми Ҳамакон ба мошини боркаши кони ангишт савор шуда, ба шаҳр мерафтанд, ки рӯзи бозор хариду фурӯш кунанд. Вақте ки мошин меомад, ҳама баробар аз чор тарафи мошин часпида, тӯрбаву хӯрҷинҳояшонро даруни мошин партофта, кашу паркашкунон мебаромаданд, ки тезтар савор шаванд ва аз пештар ҷой гиранд. Миралӣ аз ин рафтори онҳо шарм карда, дар як тараф меистод, то ки кашу

паркаш тамом шавад ва пас аз ҳама ба мошин савор мешуд ва маълум, ки дар қафо ҷой мегирифт.

Мирвалӣ ҳамон вақт ҳоҷати касро мебарорад, ки аз он фоидаи нақде ба худаш расад. Вай ба ҳаё коре надорад ва бинобар он доим дар сафи пеш меистод ва ҳатто дар савор шудани мошин ҳам. Дигаронро ақиб тела дода, пеш аз ҳама хез зада ба мошин медарояд ва аз пеш ҷой мегирад.

Миралӣ бо вуҷуди серҳаёӣ, шояд аз соддагӣ бошад, гоҳо сахтгап ҳам мешавад. Рӯзи дафнии падари Баҳром онҳо аз қабристон ҳамроҳ баргаштанд. Паҳлу ба паҳлу хеле хомӯш омаданд ва Миралӣ ин не, он не, бе ҳеҷ муқаддима, ҳамчун ҷамъбасти баҳси дарозе гуфт:

– Худаш ҳам халос шуду шуморо ҳам халос кард. Худо раҳмат кунад, одами савобҷӯ буд.

Ин гапро бо оҳанге гуфт, ки гӯё ҳолати мотам не, балки, ба масал, ҳолати алафдаравӣ бошад ва ин гапаш ба дили Баҳром бисёр сахт расид. Барои он сахт расид, ки вай наздиктарин ҳамсоя ва дӯсти падараш аст. Қариб ҳар рӯз касалбинӣ меомад вай. Аз дур сулфаҳои сохта карда меомад, ки рӯпӯше бошад ғофил намонад. Ба дари хона расида, калӯши маҳсиашро дар беруни остона кашида, дарун медаромад ва рост рафта сари болин дар паҳлӯи бемор менишаст.

– Иштиҳо читу?

– Иштиҳо нағз, бад мешуд, беҳтар буд. Аз ин иштиҳо фақат дарди сар зиёд мешавад.

– Иштиҳо нағз бошад, он тарафаш саҳл гап. Як бори дигар чилёсин накардед?

– Ба дили ҳамон муллоҳо ҳам зад, бечораҳо хуб ёсин хонданд. Рости гап, ба дили худам ҳам зад. Шабу рӯз худо мегӯям, ки амонаташро гирад, охир, ин чӣ зиндагӣ? Беруну дарун рафтанат малол, ҷунбиданат малол, ба худат ҳам малол, ба дигарон ҳам.

– Бачу кач дар ҳамин рӯзҳо даркор, камтар хизмат кунанд, ҳеҷ қисса не, боз об ба лаби ҷӯ баробар мешаваду мемонад.

Сӯҳбаташон одатан ҳамин тавр оғоз мегирифт ва ҳамеша ба азоби гӯру қиёмат ва роҳати ҷаннату азоби дӯзах мегузашт, ки «зинда гардонидани баъд аз миронидан ҳақ асту рост» ва одам бояд тавре умр гузаронад, ки он дунёш обод бошад. Баҳром ки ҷой кашида менишаст, аз шунидани азоби гӯр – гурзҳои садмании Мункару Накар, чун мӯй борику чун

шамшер тез будани пули сирот, ки одамон аз болояш мегузаранд ва мору аждарҳои оташнафаси дӯзах ба даҳшат меомад ва ҳатман ҳаёти худро пеши назар меовард: «канӣ, дар зиндагӣ кори савобаш бештар аст ё гуноҳаш?» Дар ин ҳолати таъзиқовар рӯҳаш коста, баданаш фушурда мешуд. Вай ба рӯи ин одамони ришу фашдор, ки корҳои он дунёро ин қадар хуб медонанд, боилтиҷо менигарист: беҳтар нест, ки одам намирад?

Аммо дар ваҷоҳати онҳо нишоне аз ҳаросва ноумедӣ намедид оҳи боҳасрате низ намекашиданд. Сӯҳбаташон ба худашон он қадар хушоянд буд, ки чеҳраашон аз будаш равшантар ва чашмонашон пурнуртар мешуд ва чунин намуд гирифтани ваҷоҳати онҳо ба дили Баҳром як сардии ваҳмолуд ҷой мекард: мурдан чӣ хушӣ дорад? Наход тамоми умеди одам аз ҳаёт ин бошад, ки як рӯз осонакак, бе ҳеҷ азоб бимирад ва шод бимирад, ки он дунёш обод аст?!

Мирвалӣ ҳам ба хонаи онҳо касалбинӣ меомад, то Исломро баста бурдани одамони Нурулло меомад. Меомаду аз дар надаромада мегуфт:

– Янга, ягон зиёфат ҳаст, ё не!

Бигзор мардум донад, ки вай дар ин хона одами бегона нест, балки як нафар аъзои ҳамин оила аст ва ҳатто аз он ҳам зиёдтар.

Вай ба хона даромада чорзону зада менишасту ба нон даст нарасонида, фақат мағзу мавиз мехӯрд. Мағзу мавизро дона карда аз навигариҳои рӯз ҳикоят мекард. Ҳикояташро чунон тартиб медод, ки агар ба гапи ӯ бовар кунед, дар ин гирду атроф аз Ислом ғаюртару боақлтар одам нест. Сипас, дар фароварди нақлҳояш дӯсти ҷонӣ будани худашу Исломро пеш оварда, гӯё фурӯтанона ба ҳар хизмат тайёр буданашро изҳор мекард:

– Рӯи хотири ҳамин дӯстӣ ҳар чизе ки даркор шавад, ба ман гӯед, ман ёфта биёрам.

Вале баъди баста бурдани Ислом ягон бор қадамаш ин остонаро надидааст. Ҳатто рӯзи ҷаноза ҳам наомад ва боре Неъматро дар роҳ дида гуфт, ки:

– Ҳар рӯз ният мекунам, ки хонаи шумо даромада як фотиҳа хонам, лекин сабилмонда, аз серкорӣ ҳеҷ дастам намерасад.

– Ҳамин дастат нарасиданаш беҳтар, – гуфт дар ҷавоб Неъмат. – Аз фотиҳаи ту ба касе савоб намерасад.

Ҳамин шуду ҳамин – ӯ дигар ба он тарафҳо чарх назад.

Баҳром ҳамон вақтҳо, дар гармогармии он ҳодисаҳо аз ин хусусҳо, аз хусуси муқоиса кардани хислати Миралию Мирвалӣ ва рафтору кирдори онҳо бо одамони дигар фикре накардааст. Чунин фикр дар ягон гӯшаи хотираш ҳам набуд. Вай вақт ҳам надошт, ки ба омӯхтани феълу атвори одамоне машғул шавад, ки ба кору бори ӯ ҳеҷ даҳле надоранд. Дар сари вай фикру хаёлҳои дигар, орзуву омоли дигар чарх мезад ва мағзи сараш аз он хаёлу орзуҳои ширин чунон лабрез буд, ки дигар ягон фикри бегона, ҳатто фикри зан гирифтану хонаву дар кардан намеғунҷид, чӣ ҷои корҳои Миралию Мирвалӣ?!

Ин фикр, фикри муқоисаи хислати Мираливу Мирвалӣ ва дар рафтору кирдори дигарон дидани рафтору кирдори онҳо, худ ба худ дар як маҷлис пайдо шуд.

Як рӯзи баҳор, рӯзи баҳси «забони адабии тоҷик», дурустараш, баъди итмоми маҷлиси баҳс, дар роҳ, ҳангоми аз мадрасаи Тиллокорӣ баромада сӯи бинои редаксия рафтан фикре дар сараш барқ зад, ки кирдорҳои он ду нафар намояндае ки аз вилояти Бухоро омаданд, ба кирдори Мираливу Мирвалӣ хеле монананд. Муҳит дигар, масъала дигар вале хислатҳо хеле монанд, балки тамоман монанд. Якеи онҳо дар гӯшае хомӯш нишастааст, ноаён нишастааст ва бо ҷону дил мехоҳад, ки ба чашми дигарон наафтад, боиси таваҷҷӯҳи маҷлисиён набошад. Гӯё як зарурати ногузире ӯро маҷбуран нигоҳ медорад ва агар ҳамин «зарурати ногузир» намебуд, кайҳо гурехта ба ягон ҷои дури беташвишу беғавғо мерафту ҷони дар азоб мондаашро халос мекард. Вай ба ҷӯши ин баҳси шадид афтода буд – ба деги калоне, ки каллаҳои бисёре андохта меҷӯшониданд, вале ӯ қатори ин каллаҳо пухтаи намехост. Мехост ки навъе карда аз ин дег берун монад. Ва кас намедонист, ки дар дили вай чӣ дардҳост, дар сари вай чӣ фикрҳост? Аз ин баҳсҳои доманадор, ки масъаларо гоҳо ниҳоят одилона ба миён мегузоштанд ва гоҳи дигар ба дараҷаи ифрот мерасониданд, вай кадомеро маъқул медонаду кадомеро номаъқул – фаҳмидан ҳеҷ имкон надошт, ҳарчанд ки дар танаффусҳо вай ягон одамро ба гӯшае бурда, бо ӯ хеле бо ваҷд гап мезад ва дар ҳамин лаҳзаҳо ба ваҷоҳати вай нигариста пайхас рафтан душвор набуд, ки «фикре дар сар доштааст-ку? Тамоман гӯлу гаранги бепарво набудааст-ку?»

Шахси дигари бошад дар як ҷо нишаста наметавонист – гоҳ дар раёсат пайдо шуда бо касе гӯшакӣ мекард, гоҳе ба

толор фаромада дар гӯши ягон кас чизе мегуфт ва даст пеши бар гирифта ҷавоби ӯро гӯш мекард, балки бо нафасаш якҷоя фурӯ мебурд. Дар танаффусҳо гирд-гирди аъзоёни раёсат гашта ба онҳо хизмат мерасонд. Ҳарчанд аз суханрониҳояш (вай ду бор ба сухан баромад) маълум шуд, ки дониши казоие надорад ва ҳамаи илмаш иборат аз онаст, ки: «олими мӯҳтарам, донишманди маъруф фалонӣ дӯруст қайд карданд», гӯён ба рӯи мухотаб нигоҳ мекунад. Бо вуҷуди ин дар хулосабароридҳо номи ӯро бо эҳтиром зикр мекарданд.

Баҳром аз кӯчаи сангфарш, аз байни иморати хиштиву чӯбкорӣ, аз паҳлӯи дӯкончаҳои газвор, ки аз ягона дари қуббадораш одамон беист дарову баро доштанд, аз пеши дӯконҳои қассобӣ, ки гӯсфандҳоро яклухт овехта мондаанд ва қассоб бо нӯги корди дарозаш занбӯрҳои зардро оҳиста ва бо як ҳаракати даст luним карда мепартофт, аз байни одаму аробаҳое, ки рафту омадашон гӯё аввалу охир надошт, бо ҷадал қадам партофта мегузашту сараш банди ҳамин фикрҳо буд. Ва ӯ то ба бинои редаксия расидан, бори аввал дар умраш худ ба худ хулоса баровард, ки Миралию Мирвалӣ, аз афти кор, дар ҳама ҷо ҳастанд. Бори аввал возеҳ сарфаҳм рафт, ки вай, Баҳром, Мираливу Мирвалиро на фақат дар Ҳамакон, балки дар интернат, дар дорулмуаллимин ва дар редаксия ҳам дидааст.

Баҳром паси мизи редаксия нишаста, ахбори мухтасари маҷлиси баҳсро навишт ва пайваста фикр мекард, ки кадоми онҳо хубу кадомашон бад? Кадомашон ба ҷамъият фоида мерасонаду кадомаш зарар? Ин фикр чунон часпак буд, ки ду сол ӯро азоб дод. Ду сол вай пайваста барои рӯзнома мақолаҳо навишт, мақолаҳо таҳрир кард ва гоҳи кор мактабҳои Дарвозро медид, муҳоҷирони Вахшро медид, деҳқонони Ҳисорро медид, каналбарориву пахтакории Хуҷандро медид. Ҳамаи инро медиду фикр мекард, ки дар ҳамаи ин корҳо Мираливу Мирвалиҳо чӣ саҳм доранд? Ва ҳамеша гапи Шогадо ба ёдаш меомад: «ҳар дуяш одамони ковоки беҳуда, аз инҳо фоида нест, Миралӣ ҳаққи худашро рӯёнда наметавонад, Мирвалӣ бошад ҳаққи мардумхӯр».

Чашми Баҳром дар дастнавис буд, лекин хушаш ба сафар баромад – ба Самарқанд, ба кишварҳои дур ва, албата, ба Ҳамакон бурд. Ҳушаш ӯро ба сайри ҷоҳои дида, роҳҳои тайшуда мебурд ва дар ҳамаи он ҷойҳову он роҳҳо Миралию

Мирвалиро медид. Бо суратҳои гуногун, бо унвонҳои гуногун, бо мансабҳои гуногун, дар ҳолатҳои гуногун медид. Дар як радиф медид, ки Деҳқонов аз ҷойҳои дур, аз паси саф пайдо шуда меомад. Меомад, меомад ва оқибат шикаму рӯйҳои ғафсаш ба дарҷае калон мешуд, ки Миралиро пахш мекард... Ана ин бегоҳ боз ҳамон Деҳқонов омаду хотирашро парешон карду рафт.

Баҳром аз сари миз хест, назди тиреза рафт. Берун сипсиёҳ торик буд. Хоб ба чашмаш ҳамсоягӣ надошт. Боз ба сари миз баргашт ва боз дастонаш тарафи варақҳои анбӯҳ дароз шуд. Дар ин варақҳо қайдҳои наву кӯҳнаи ӯ буд, ки мебоист асоси асари аз ҳама муҳимтарини вай мешуд. Ин асар таърихи нимасраи афкори зиёиёни ҳамсоли ӯро бояд дар бар мегирифт. Вай кайҳо боз чунин мақсад дорад. Академик ҳам чанд бор ишора кард, ки ин мақсадро иҷро кардан даркор, вале кораш бо ниҳояти сустӣ пеш меравад. Материал бисёр, қайдҳо ҳам бисёр, аммо то ҳол услуби баёни мувофиқ наёфтааст, ки ҳамаи онро ғунҷонида тавонад.

Вай шаб ҳама шаб ин варақҳоро тагурӯ кард – пеш гирифт, ақиб монд дар ҳошияаш навишт, калима ё ҷумлаеро хат зада, таҳрири нав даровард ва ҳар коре ки кунад, як риштаи фикр ӯро ба шаҳраки Ҳамакон мебурд. Ҳар воқиае ки ӯ дидаасту медонад, аз он ҷо оғоз мегирифт ва баъд ба дигар ҷоҳо паҳн шуда мерафт.

Қарибӣ субҳ вай худро хеле хаста ҳис кард ва ҳарчанд ки дар чашмаш аз хоб осоре набуд, чароғро кушту дар рӯи диван дароз кашид. Аввал як муддат бо чашмони кушода ба шифт нигарист, пас ба китфи рост паҳлу гашта ба пояҳои миз, ки дар торикӣ хеле ғафс менамуд чашм дӯхта ва... номаълум хобаш бурд. Аммо ин хоби нооромe буд, ки касро аз бедорӣ зиёдтар хаста мекард – чашмонаш хобу мағзи сараш бедор Гӯё мағзи сари вай шаҳраки Ҳамкон буд ва дар он ҷо Ислом аспсавор мегашт, Шомансур чӯпонӣ мекард, модараш гаҳвора меҷунбонд ва ба ҷои суруди алла достони Исломро мехонд.

## VII

Агар ҳамон рӯз Ислом ҳамроҳи Шомансур меомад, ин воқиаи хунин рӯй намедод. Нозира ин гапро ҳазор бор гуфтааст. Аламу армони бисёре дорад вай, лекин яке аз ҷонсӯзтарин аламҳояш ва ормони бетасаллояш ҳамин аст, ки «чаро Ислом ҳамроҳи Шомансур наомад? Чаро аз вай ҷудо

шуд? Хости худо буд ин ё кори душманон?! Тақдири бадаш буд ин ё макру ҳияли замон?!

Ислом ҳамроҳи Шомансур ба роҳ мебаромад, шояд воқиа ранги дигар мегирифт ва дертар сабаби каҷфаҳмиҳо низ намешуд. Чунки онҳо ду нафар мебуданд, «тезтар ба хона расем» гӯён бо роҳи нимдоираи қад-қади дарё не, балки миёнабур карда бо роҳи ағба мерафтанд. Чунки Ислом танҳо намебуд, аз роҳ бераҳа намешуд ва шаб дар работи говҳо хоб намекард. Боз кӣ медонад? Дар он солҳо ҳодисаҳои тасодуфӣ ва ғайри чамшдошт чунон бисёр воқеъ мегардид, ки кас аз куҷо ва чӣ тавр расиданашро нафаҳмида мемонд.

Шомансурро соати даҳ озод карданд ва Ислом «ба бачаҳо дастовез мебарӣ», гӯён аз бозор барои ӯ як ҷуфт калӯши авратона, ҳашт метр чит ва як халтача парвардаву набот харид кард ва хари саройбонро талабида ба ӯ доду «ман бегоҳ, ё фардо саҳар меравам», гӯён гусел кард ва пас аз паи корҳои худ шуд. Аввал ба гарнизон назди Шорохов – комиссари ҳарбии дивизия рафт. Ин дивизия шаш моҳ дар Ҳамакон истод ва Ислом ҳашари умумӣ карда дар байни се ҳафта барои он як госпитали калон сохт, ки қариб 200 бистар дошт, илова ба он клуб ва боз барои отряди муҳофиза, ходимони маъмурию хизматрасон, барои анборҳои хоҷагию нақлиёт хонаҳои даркорӣ дошт.

Шорохов рӯзи қабули госпитал дар митинг фаъолияти раиси ревком ва фаъолона иштирок кардани аҳолиро «хизмати бузург», гуфт ва ба шанбегиҳои ленинӣ монанд кард. Баъд бо сабабҳои озуқа, ҷав, беда, ҳезум ва роҳбалад ёфтан онҳо тез-тез вохӯрда меистоданд. Сипас гарнизон кӯчида ба ин ҷо омад.

– Хабари навро шунидӣ – гуфт Шорохов баъди истиқболи дӯстона. – Нурулло худашро додхоҳ эълон кардааст ва даъво дорад, ки он кореро ки Иброҳиму Анвар карда натавонистанд, вай мекунад.

– Не, нашунидаам, лекин даъвояш калон-ку?!

– Ҳа, даъвояш калон. Кӯҳ ба кӯҳ гурехта гаштааст ва мегуфтааст, ки то халқро ба по нахезонам, ба ҷанг намедароям. Боз мактуб навишта ба чанде аз фаъолон таҳдид карда, онҳоро ба ҳамкорӣ даъват кардааст.

Ҳамин хел мактуб ба Ислом ҳам расида буд, вале дар вақташ ки ба он эътибор надод, ҳоло ҳам гуфтани онро лозим надонист – як хаёли хом, Нурулло ба киву ба чӣ умед мебандад?

– Вай такягоҳ надорад, як сари пурбод, – гуфт Ислом.

– Ба ҳар ҳол, моро хеле ташвиш медиҳад.

– Мо аз ташвиш наметарсем.

Ислом ба Шорохов латифаи соҳиби рама шудани кӯкнориро ҳикоят кард. Кӯкнорӣ дар паси деворе нишаста роғ мерафт. Вай ба хаёл рафт ва фикр кард, ки агар як мурғ харад ва ҳар рӯз тухми онро як танга фурӯшад, дар даҳ рӯз даҳ танга мешавад, дар сад рӯз сад танга. Ба сад танга меш мехарад, меш бара мекунад, барраро фурӯхта боз меш мехараду ду меш ду бара мекунад... Баъд чор меш чор бара мекунад... Ҳашт меш ҳашт бара мекунад... Шонздаҳ меш шонздаҳ бара мекунад... Сиву ду меш сиву ду бара мекунад.. Ҳамин хел дар хаёлаш соҳиби рама шуд ва рамаро ба чаро мебурд. Аз пеш ҷӯ баромад. Рама аз ҷӯй мегузашт, ки як гӯсфанди думбакалон ҷаҳида натавонист, вай аз дунбаи гӯсфанд дудаста бардошта тела дод.. ва чашм кушод, ки косаи кӯкнори пешашро чапа кардааст.. Ҳа-ҳа-ҳа! Хаёлҳои Нурулло барин, ҳа-ҳа-ҳа!.

Онҳо сӯҳбаткунону хандон-хандон то ба дарвоза омаданд.

– Ба ҳар ҳол агар хабаре шунавед, зуд ба мо расонед, – гуфт ҳангоми хайру хуш Шорохов.

Ислом аз гарнизон баромада, як кӯчаи серчангро миёнбур карда гузашт ва бо кӯчаи калони сангфарш рост рафта ба идораи ревкоми вилоят даромад.

Котиб баробари аз дар даромадани Ислом – вай дар ҳамон лаҳза ба ду шахси ба Ислом ношинос аз кадом хусусе сӯҳбат мекард – парида аз ҷо хест ва чини куртаашро бо як ҳаракати тунд аз зери тасма ба ақиб кашид дасти рост ба чакка бурда, салом дод ва арз кард, ки раис дар идора нестанд, ҳамин саҳар баромада ба маркази республика рафтанд. Ман ҳамин саҳар ба шумо телефон кардам, вале шуморо наёфта, супоришро ба котибатон гуфтам рӯзи чоршанбе маҷлиси президиуми ревком мешавад.

Ислом сар ҷунбонд, ки «фаҳмидам» ва бо котиб даст дода вохӯрдӣ кард, аҳволашро пурсид ва баромада рафт.

– Ин кас кӣ буданд? – пурсид баъди рафтани Ислом яке аз он ду нафар, ки бо котиб сӯҳбат мекард ва баробари котиб ба ҳурмати Ислом аз ҷо хеста буд.

– Ин кас аъзои президиуми ревком, раиси ревкоми яке аз калонтарин туманҳо, одами хеле машҳур, қаҳрамон, Исломи

Холиқ, – гуфт котиб. – Бояд шунида бошед, дар бораи ин кас газетаҳо бисёр навиштагӣ.

– Ҳа, шунидаам, бисёр шунидаам, кист кӣ ин номро нашунида бошад, - гуфт он шахс. – Худашонро акнун дидам.

Дар газетаҳо – газетаи «По босмачеству»-и гарнизон, «Ҳақиқат»-и вилоят ва «Тоҷикистони Сурх»-и республика аз хусуси корномаҳои Ислом чанд мақолаву очерк чоп шуда буд ки баъзеяш сурат ҳам дошт. Муаллифони ин мақолаву очеркҳо, ки ҷумлаҳои солимаш зарбулмасалу мақолҳо буданд, ҳолу аъмоли Исломро аз кӯдакӣ то ба давраҳои шаъну шӯҳрат тасвир мекарданд. Аниқтараш, тасвир не, балки паи ҳам сол ба сол номбар мекарданд, ки Ислом дар хурдӣ ба як пора нон зор буд, барои нони шикам шабу рӯз дар дари бой ятимӣ мекард. Хабар медоданд, ки дар Ҳамакон барои роҳи оҳан одамгирӣ сар шуд ва бой ба ҳоким ҳафт гӯсфанд пораю Исломро сарборӣ дод, то ки писари худашро халос карда гирад. Хабар медоданд ки Ислом дар роҳи оҳан болшевик шуд, дар ҷанг бо мири Масчо иштирок кард, дар ҷанг бо босмачиёни Ӯротеппа ярадор шуд, дар госпитали Самарқанд табобат карданд ва пас аз сиҳат ёфтан дар Революцияи халқии Бухоро иштирок кард. Аз он ҷо ҳамчун командири сурх тарафи Душанбе рафт, ба муқобили Фузайл Махсум ва Иброҳимбек ҷангид, орденҳо гирифт. Вай ҳамчун намояндаи Комитети Иҷроияи Марказӣ дар анҷумани Панҷуми умумииттифоқии Республикаи Халқии Бухоро иштирок кард, ба музокира баромад ва дар ҳамон анҷуман Бухоро Республикаи Советии Сотсиалистӣ эълон шуд. Хабар медоданд ки баъд дар органҳои роҳбарикунандаи вилоят кор кард ва ҳоло раиси ревкоми яке аз калонтарин туманҳо – тумани Ҳамакон аст, ки ҳафтод деҳаи калону хурдро муттаҳид мекунад ва аз ин туман дар ду соли охир яксаду ҳафтоду нӯҳ хонаводаи кулак ва душманони ошкору ниҳон бадарға шуданд; хабар медоданд ки ҳоло дар ин туман ҳафт чойхонаи сурх кор мекунад ва ҳафтод фоизи аҳолӣ дар хоҷагиҳои коллективӣ муттаҳид шудаанд ва ҳамаи ин ахбор бо оҳанге хабар дода мешуд, ки гӯё ин корҳо худ аз худ буд шудаанд. Ислом ҳам гӯё як воситаи хабар аст, дар сари роҳ саде нест, гӯё номи Исломро ба забон гиранд кифоя, ғалаба таъмин мешавад; ва ҳамеша, ҳар як муаллиф дар хотимаи мақола ё очеркаш тақрибан ба ин маънӣ таъкид мекард: бизгор дар дохилу хориҷ донанд, ки аз омиҳо ва ятимони дирӯзаи сохти амирӣ ва гӯшаҳои қафомондаи Россияи подшоҳӣ имрӯз дар як

муддати кӯтоҳ, чи гуна роҳбарон ва ходимони давлат ба воя расидаанд. Роҳи инҳо роҳи ҳамвор нест, нишебу фарозҳо дорад, барору бебарориҳо дорад, дар баъзе мавридҳо бетадбириҳо дида мешавад, ки зарарҳои моддиву ғоявӣ мерасонад, вале ҳамаи ин дар таҷрибаҳои нахустин як амри табиист ва дар рафти кор ба ислоҳ мерасад. Дар ин хабарҳое, ки рӯзномаҳо чоп кардаанд, фақат як лавҳаи фаъолияти Ислом, лавҳаи дар яке аз дастаҳои босмачӣ имомӣ кардани ӯ номбар нашуда буд. Ин лавҳа ҳоло сири ҳарбӣ буд.

Ислом дар кӯчаҳои шаҳр бо салобат, бо қомати рост ва дили пур мегашт, чунон мегашт, ки ордени сари синааш гӯё аз ҳама ҷо намоён буд ва одамон ӯро аз дур дида, ба якдигар мегуфтанд: «Ислом ҳамин! Ҳамин кас Ислом!».

Вай ба қароргоҳи дастаи ихтиёрӣ рафт, ки додараш Неъматро бинад, вале ӯро наёфт. Гуфтанд, ки аз паи иҷрои супорише рафтагӣ. Дар раҳи бозгашт ба сарой бо комиссари тафтиши шӯъбаи муҳофиза Попов рӯбарӯ омад ва Попов баъди пурсупоси муқаррарӣ ба ӯ гуфт, ки:

– Медонед, Ғирри Биё боз пайдо шудааст. Подабонҳои тумани шумо дидаанд. Аз шумо хоҳиш ҳамин ки мардумро огоҳ карда монед, ҳар касе ӯро дар куҷое бинад, фавран ба шумо ва ё мо хабар диҳад. Ба шунидам, вай ҳоло дар хизмати Нурулло будааст.

Ғирри Биё чашм, яъне ҷосуси Раҳимдодхоҳ буд. Ҳамон Раҳимдодхоҳе, ки боре Исломро қариб асир гирифта буд. Баъд дастаи ӯ торумор шуд ва Ислом гумон дошт, ки Ғирри Биё, як одами майдаяки нимҷони бадафти дандонпӯсида, дар ягон гӯшаи аз назар дур мурда рафтагист.

– Дар тарафҳои мо бошад, аз таги замин ҳам меёбем, – дилпурона ваъда дод Ислом ва онҳо хайру хуш карда ҷудо шуданд.

Ислом бозорро чарх зада майда-чуйда харид ва ба сарой омада аспашро, ки саройбон нағз нигоҳубин кардааст – алафу об додааст, зинашро гирифтааст, – зин зад ва бо саройбон миннатдорӣ карда, ба роҳ баромад.

Даме ки вай аз шаҳр баромад, вақти хушу димоғи чоқ дошт. Шомансур сиҳат-саломат назди бачаҳояш рафт. Ҳаёти нав рӯз то рӯз нуфуз пайдо мекунад, устувор шудааст. Туман аз ҳар ҷабҳа дар республика пешқадам ва кордории онҳоро ба дигарон намунаи ибрат нишон медиҳанд: «дур рафтан даркор не, ана аз Ҳамакониҳо ибрат гиред!» – мегӯянд. Онҳо

ҳар навовариро аҳлона ба ҳаёт татбиқ мекунанд ва плонҳояшон ҳамеша иҷро, ҳам плони гӯшт, ҳам плони пашм, ҳам плони ширу равған ва ҳам плони ғалладона!..

Мактабҳо хуб кор мекунанд, бачаҳоро ташвиқот карда ба ҳар гӯшаи мамлакат ба хондан мефиристонанд. Таъминоти магазинҳо нағз – ширинӣ, либосворӣ, собун, намак, равған, карасин ва риштаву сӯзан ҳамеша ёфт мешавад. Чойхонаҳои сурх маркази ташвиқоту тарғибот шудааст. Ҳосил ҳам ҷамъ шуда истодааст, шартномаҳо барзиёд иҷро мешаванд, ҳамаи корҳо рӯ ба беҳбудӣ доранд…

Хурсанд буд Ислом ва аспро ба майли худаш монда бофароғат рафту рафт – аз чандин деҳа гузашт, аз чандин селраҳаву адир гузашт, аз чандин ҳамворию даштакҳо гузашт. Ҳангоме, ки сояи асп аз қади асп ду-се баробар дароз шуд ва ғафсиашро гум карда рангаш парид, вай ба работи говон наздик омад. Асп якзайл бо ҳоли худ мерафт. Роҳ то Ҳамкон ҳанӯз дур буд, вале ӯ шитоб надошт, ҳарчанд ки рӯз бегоҳ мешуд ва ӯ бояд таъҷил мекард, ки зудтар ба манзил бирасад.

Ҳанӯз аз шаҳр набаромада, балки ҳанӯз баъди гусел кардани Шомансур, дар дилаш як хоҳиш, як майли на он қадар гӯё пайдо шуда буд, ки вақтро ақиб партояд, роҳро кашол диҳад, вале ба он хоҳиш тан додан, ба худ иқрор кардан намехост, балки аз равшан тасаввур кардани он мегурехт. Ҳоло он хоҳиш ва он майли дидани Гулҷон, пас аз наздик расидан ба манзили ӯ, ба ҳукми дил табдил ёфт. Дар дил қарор дод, ки як сари қадам Гулҷонро хабар мегирад, аҳвол мепурсад, хайр бисёр ҳаял кунад, як пиёла чой менӯшад ва баъд роҳашро давом медиҳад. Бинобар он ҳар қадар торик шавад, ҳамон қадар беҳтар! Чашми бегона намеафтад.

Вале ҳамон ҳангом чашми бегонае сар то сари роҳи дара ӯро таъқиб мекард. Соҳиби он чашм дар адири сурххок байни тобаҳои бодхӯрдаву ба хок яксон шуда менишаст ва интизорӣ мекашид, ки «сайд ҷониби дом меравад ё не?!» Ҳамон лаҳзае ки Ислом лаҷоми аспро ҷониби работ гардонид, дидбон аз байни тобаҳо лағжида нарм фуромад ва аспашро, ки паси харсанг бастагӣ буд, савор шуда ба роҳ даромад.

Вай аз одамони Нурулло ҷосуси ботаҷриба Ғирри Биё буд.

Як рӯз пеш, вақте Ғирри Биё хабар расонид, ки «ҳамин рӯз Ислом худаш яккаву танҳо аз роҳи ағба гузашта тарафи вилоят рафт». Нурулло аз дастааш дувоздаҳ нафар ғаюртаринашро ҳамроҳ гирифта ба роҳ баромад ва аз

бераҳаҳо – аз байни селкандаву адирҳои беодам гузашта, дар баромад-баромади ағбаи Ҳамакон дар як новаи серсангу сербутта камин гирифт ва ба Ғирри Биё фармуд, ки роҳи пойн, роҳи калонро дидбонӣ кунад, дар ҳамон качгардие посбонӣ кунад, ки работи подабон намоён аст.

– Дар работ дом ҳаст, – гуфт Нурулло ба Ғирри Биё. – Агар сайд бо роҳи поён баргардад, шояд майли дона кунад.

Ғирри Биё, ки номи худашро дар панҷ-шаш соли охир касе ба забон нагирифта буд, бо вуҷуди он ки ба назар нимҷон менамуд – як нимҷоне ки биниашро гирӣ, ҷонаш мебарояд; бо вуҷуди он ки як андоми пуркароҳат – рӯи хурд, манаҳи маҷақ дандонҳои пӯсида ва чашмони зароки хилмине дошт, ба таври ҳайратовар чолок ва аз корҳои олам бохабар буд. Корҳоеро ки дигарон дар ду-се рӯз иҷро мекарданд, вай дар ним рӯз ё дер монад, дар як рӯз ба сомон мерасонид ва барои тезкор буданаш ӯро Ғирри Биё мегуфтанд.

Ду мактуби ба Ислом фиристодаи Нуруллоро низ ҳамин Ғирри Биё оварда буд. Он вақтҳо Нурулло дар иҳотаи кӯҳҳои дур меистод ва қароргоҳашро зуд-зуд дигар мекард. Вай нияти халқро ба по хезонидан дошт ва бо ҳамин мақсад ба одамони бонуфузи вилояту туманҳо мактуб мефиристонид, ки: «биёед, тифоқ шавем ва якҷоя ватанро муҳофизат кунем». Мактубҳоро Ғирри Биё ба шайхи мазори Морон мерасонид, одамони шайх ба Ҳамакон бурда, ба мулло Мирзо медоданд ва мулло Мирзо номаълум карда ба қутии почтаи ревком мепартофт.

Ғирри Биё шабро дар адири сурххок, байни тобасангҳо гузаронид. Рӯзи дигар ҳам то қарибиҳои фурӯ рафтани офтоб аз роҳ ва работи пода чашм наканд ва фақат ҳангоми офтобшинам, ҳангоме ки Ислом сари аспашро тарафи работ гардонида дар назди кулбаи Гулҷон аз асп фуромад, вай ҳам шориду худро поён ба қаъри селканда гирифт ва кишани аспашро кушода савор шуду қад-қади нова ҷониби дастаи Нурулло раҳсипор шуд. Як нова, як адир, боз як новаю як адирро гузашт ва сар-сари ёли адирҳои қатор ба камингоҳи Нурулло расида хабар дод, ки «сайд донхӯрӣ фуромад».

Нурулло фармон дод, ки аспҳоро аз кишан бароварда, савор шаванд. Вақте ки ҳама ба аспҳо савор шуданд. Нурулло гуфт:

– Сайд дар дом аст, вазифаи мо онро сари вақт ва сиҳат-саломат гирифтан. Барои гирифтани сайд мергани пухтакор Абдурашид мераванд... ва боз се каси дигар ҳамроҳашон. Худо хоҳад, фардо теғи офтоб дар гулӯи ағбаи Шер ба ҳам

вомехӯрем. Дар ин тарафи ағба не, дар он тарафаш, аз тарафи Шаҳри Сабз. Шумоён аз ин тараф меравед, мо аз он тараф мебароем. Ҳама умед ба худатон Абдурашид. Роҳи сафед, барори кор, омин, оллоҳу акбар!

Абдурашид ва се савори дигар тарафи работи пода фуромаданд. Нурулло бо дигарон ба ағба рост шуданд. Сар-сари ағба рафта, аз регрези дарозу сахти бехи як шахи калон гузашта, ба ағбаи дигаре баромаданд ва аз он ағба поён фуромада, қад-қади дарёчае роҳ паймуда, пои як силсила шахҳоро давр зада, сипас қад-қади рӯди серғавғои дигаре боло рафта, боз ба ағба рост шуданд ва тамоми шаб роҳ гашта, сари субҳ ба ҷои таъиншуда, ба косагии гулӯи он тарафи ағбаи Шер расида қӯш партофтанд.

Исломро дар работ як саги сиёҳ пешвоз гирифт ва акоси сагро шунида Гулҷон аз хона баромад. Онҳо фақат бо нигоҳ салому аҳволпурсӣ карданд.

Гулҷон хӯрҷинро аз дасти Ислом гирифта ба хона даровард ва назди оташдон пӯстак партофт. Оташдон алови нимсӯз дошт. Гулҷон аз лаби сатил ба чойҷӯш об андохта дар як гӯшаи оташдон гузошт ва ба гулхан ду-се тапак монда пуф карда даргиронд.

Ислом ба хона даромада дар рӯ ба рӯи Гулҷон дар болои пӯстак нишаст.

– Амакам сиҳат-саломат ҳастанд? – бо сар тарафи кулбаи назди коҳдон ишора кард Ислом, ки падари Гулҷонро дар назар дошт ва дар айни замон ба ҳамон восита худи ӯро низ ҳолпурсӣ мекард.

– Худоро шукр, гаштаанд. Умедашонро канда буданд, ки шумо дигар намебиёед. Доим ғур-ғур мекунанд, ки чӣ замонҳое шуд? Фарзанди кас ба гапи одам гӯш намекунад.

– Худат чӣ? Худат ҳам умедата кандӣ?

– Ман чӣ? Ман як мушти пар, тақдир будааст, ба як баҳона ҳамин хел шуд. Аз ман зиёдтар додом ғам мехӯранд. Он касро ғам пеш аз вақт пир кард.

Ислом ҷавобе надод, вай шаш моҳ боз «гум шуда» рафт, ягон бор ба ин роҳ нагузашт ва ҳоло барои ҳимояи худ сухани гуфтание надошт. Чӣ мегӯяд? Мегӯяд ки кораш бисёр, дасташ нарасид? Фурсат ёфт мешуд, вале аз тарси таънаи мардум наомад, то нагӯянд, ки «зан наёфта беваро гирифт».

Ҳамин буд сабаби асосӣ, лекин мардака ҳикааш чунон баланд, ки айбашро ба гардан гирифтан намехоҳад, ҳарчанд

ки аз Гулҷон ҳам дил канда наметавонист! Бева бошад ҳам зани оличаноб аст Гулҷон – бофаҳм, бофаросат, ғаюр, боҳимат. Зан аз ин беҳтар намешавад албатта.

Исломро хизмати ГПУ ба ӯ пайваст.

Работи пода дар сари роҳи калон воқеъ гардидааст, ки таъминоти чорворо ҳам аз тарафи дашт ва ҳам аз тарафи кӯҳсор осон мекунад, вале дар замонҳои нотинҷ маҳз ҳамин мавқеи географияш ба сари подабон бало шуд, балои азим шуд, ки ҷои гурез нест. Дӯсту душман бо тиру туфанг аз ҳамин роҳ мегузаштанд ва гоҳо кӯш партофта, ба аспҳояшон аз подабон алафу ем мегирифтанд. Аз ин тараф оянд ҳам «те» мегӯянд, аз он тараф оянд ҳам «те» мегӯянд. Инаш ҳам ғорат мекунад, ваяш ҳам ғорат мекунад. Бечора подабон дар байни ғоратгарон мондааст. Дар сари роҳи калон воқеъ будани работ сабаб шуд, ки Ислому Гулҷон ба ҳам расанд: байни Ислому ГПУ миёнарави боэътимоде лозим буд, ки касе аз ӯ гумонбар нашавад. Он вақт Ислом имоми дастаи босмачиёни Раҳим-додхоҳ буд. Раҳим як дастаи сесаднафара дошт ва худро ҳокими баҳру бар мепиндошт. Он солҳо гӯё замин кафида «ҳокимони баҳру бар» баромада буданд: дар ҳар дара як кас худро мир эълон карда буд ва ҳар кадоме даъво дошт, ки дар ин атроф ҳокими мутлақ худаш аст. Ва бадбахтиву боиси заволашон низ ҳамин даъво буд. Сурхҳо нағз омӯхта буданд хислати онҳоро ки ҳар кадоме худро дар мақоми мирӣ мебинад ва ин даъворо моҳирона истифода мебурданд – ба хатҳои сохта байнашон низоъ андохта муттаҳид шудан намемонданд. Раҳим-додхоҳ яке аз онҳо буд ва дар тобеи округ ҷангҳои duздона карда мегашт, ки «ин мулки ман аст». Ислом бо фармоиши ГПУ имом шуда ба хизмати ӯ даромад. Вазифаи ӯ барои якбора несту нобуд кардани даста шароити мувофиқе муҳайё кардан буд ва ӯ хабарҳояшро ба воситаи Гулҷон мефиристонид. Гулҷон бо кӣ алоқа дошт Ислом намедонист. Баъдҳо фаҳмид, ки «марказ» Нурулло будааст. Гулҷонро ҳам баъдтар дӯст дошт. Он шаби торики серабру сербарф, он шаби охирини ҳукмдории Раҳим-додхоҳ, ки Ислом нисфи шаб ба кулбаи Гулҷон даромаду аз он ҷо рӯзи дигар қариби пешин баромад, ҳанӯз меҳре дар дил ба ӯ надошт; гарм буд, нарм буд Гулҷон, лекин дар он шаби таҳлуқа фақат паногоҳ ва як воситаи дилхушӣ, ҳавасу қонеъ гардонидани нафси аммора буд, ки чанд лаҳза аз ғаму ғурбати дунё фароғат кунад.

Ҳамон шаб балки ҳанӯз шом нашуда, Ислом аз қароргоҳи охирини Раҳим-додхоҳ, аз деҳаи дурдасти Сина, ки дар синаи кӯҳи тарафи офтоббаро, дар байни кӯҳҳои баланд воқеъ аст ва Раҳим-додхоҳро вай ҳидоят карда ба ин деҳа оварда буд, «таваккал нару андеша мода» гӯён фирор кард.

– Ҳоло зимистон, барф баланд, болшевикон то баҳор ғайрати ба ин тарафҳо омадан намекунанд, – гуфт вай ба Додхоҳ. – Бинобар он тадбир он аст, тақсирам, дар ягон деҳа қарор гирем. Агар ҳамин хел аз камар ба камар гаштан гирем, ҳам сарбозон аз кор мебароянд ҳам аспҳояшон. Боз худашон беҳтар медонанд, тақсирам, аз мо як маслиҳат.

Додхоҳ ришашро молида-молида хуб фикр карду ҳамин деҳаи Синаро мувофиқ донист: роҳашт сахт, дар баландӣ, то наздиктарин деҳа ҳашт санг роҳ аст, ҳар ҳодисае рӯи диҳад, сари вақт хабардор шудан мумкин; хабардор ки шудӣ, чораашро ҳам меёбӣ. Додхоҳ дар дил чунин қарор дод ва даста барои фиреби назари душман як рӯз, як шаб ва боз ним рӯзи дигар роҳ гашта, чанд бор гирди кӯҳу адирҳо давр зада ба деҳаи Сина расиду намози пешинро дар масҷиди ҳамин ҷо хонд. Баъди намоз ба сарбозон қӯш доданд. Раҳимдодхоҳ бо аҳли рикобаш дар меҳмонхонаи бои деҳа ҷой гирифт. Қариб қариби офтобнишин Ислом бетоқатона ин тараф, он тараф, рӯи ҳавлӣ гашт – ҳамин шаб ё дами субҳ аскарони сурху фидоиён бояд ба дастаи Додхоҳ ҳуҷум кунад ва ҳамин шаб Ислом набояд дар ин ҷо бошад. Вай чораҷӯён ба ҳар тарафи ҳавлӣ нигоҳ мекард ва оқибат илоҷе гӯё ёфт шуд, ки бо нимхандаву нимтанбеҳ ба соҳиби хона гуфт:

– Шумо чӣ хел мусулмон, ки ҳоҷатхона надоред?!

– Ҳоҷатхона чӣ даркор, ана дашт васеъ, – гуфт дар ҷавоб соҳибхона ва бо browse дасташ сою адирҳоро нишон дод.

Ва Ислом, қазои ҳоҷат гӯё бисёр тангаш карда бошад, дар ҷустуҷӯи ягон пастхамӣ ва ҷои хилват афтод. Аввал як сад-саду панҷоҳ қадам уреб рафт ва баргашта ба ақиб нигоҳ кард, ки ҳанӯз ба чашми одамон намоён аст; сипас, нишеб фаромад, хеле поён фаромаду боз баргашта ба ақиб нигоҳ кард ва боз дид, ки одамон намоён; ин дафъа уребу нишеб тарафи селраҳа рафт.

– Имом ҷо наёфта истодааст, гуфт Ғирри Биё – боз эзорашро бенамоз накарда бошад?

Ва дар айвонбудагон чунон баланд хандиданд, ки садои хандаашонро Ислом шунид; шуниду хурсанд шуд, «масхара карда истодаанд, ҳаминаш нағз, ҳаминаш нағз…»

Ислом номаълум ба ақиб, ба боло нигоҳ кард, касе наменамуд. Дар ҷояш истода як нафаси озоди баҳузур кашид. Баъд дар паси буттае, гӯй ки дастбахок мекарда бошад, бари домани ҷомаашро паҳн ақиб партофта, дар ҷояш нишаст. Як дақиқа, ду дақиқа, се дақиқа нишаст. Як бор, ду бор, се бор ба садою шарфаҳои атроф гӯш дод ва бо имони комил, ки касе аз дунболи ӯ назорат намекунад, касе ӯро намебинад, сабук ҷасту давид. То нафасгардон шуданаш давид, нафас рост карду боз давид. Бо як дав аз селраҳа гузашт, давида ба буттазор даромад, давида ба ҷангал расид ва дарун-даруни ҷангал ҳам боз хеле давид: уф! Акнун кофтуков кунанд ҳам, намеёбанд.

Ҳаво зуд торик мешуд – дар кӯҳистон нури офтоб аз қуллаи кӯҳ парад, шаб фаро мерасад. Ислом гоҳ уреб, гоҳ рост, вале ҳамеша тарафи боло тарафи гарданаи адир, бо шасту ҷадал роҳ мепаймуд ва ҳамеша дарун-даруни ҷангал мерафт, ба ҳамон гарданаи бехи шах расад, дигар хавф нест!

Барфи даруни ҷангал баланд буд ва калӯшу маҳсӣ рохи бе ин ҳам душворро боз душвортар мекард. Вай калӯшҳояшро, ки ба барф ғӯтида аз по мебаромад, чанд бор бароварда пӯшид ва ин андармони зиёдатӣ ба дилаш зад; вақт беҳуда сарф мешавад, бе ҳамин калӯш роҳ рафтан осонтар аст! Ва ин дафъа ки калӯши пои чапаш ба барф ғӯтида аз по баромад, гашташро суст накард – хам шуда набардошт.

Ҳарчанд ки дилаш бозӣ мекард, ҳарчанд ки нафасаш торафт кӯтоҳ мешуд, ҳар чанд ки дар поҳош дигар мадори роҳгардӣ набуд, то сари ҷангал дам нагирифт. Фақат баъди сари ҷангал баромадан худро дароз рӯи барф партофта дам рост кард. Дароз, парӯ, сарашро ба пушти дастонаш монда дам гирифт. Нафас накашида, чашмонашро маҳкам пӯшида дам гирифт ва якбора ба дилаш хавф даромад – вақти бисёре гузашт!

Вале дар асл ҳафт-ҳашт дақиқа бештар дам нагирифтааст. Вай хесту ба гарданаи адир нигоҳ карда рафтан гирифт – каҷ-каҷ, даҳ қадам ба тарафи рост, даҳ қадам ба тарафи чап роҳ паймуда боло мебаромад. Барф ба роҳгардӣ халал мерасонид. Як бор истода нафас рост карду ба ақиб нигарист, ки ҷондоре аз дунболаш меояд... Гург! Вай хастагиашро фаромӯш кард, аз тарс фаромӯш кард: «Танҳо бошад-дия, як худаш танҳо бошад...»

Гург тораф ба ӯ наздиктар мешуд ва пайт меҷуст ки ҳуҷум кунад – як зайл фукашро пеш бароварда, ёлашро фахонида, нигоҳҳои тез мекард. Ислом рӯ тарафи гург гардонида, дар

ҷояш нишаст. Гург ҳам истод. Ислом маҳсиҳояшро кашид ва акнун фаҳмид, ки калӯши пои росташ ҳам дар кучҷое даруни барф мондааст. Вай аз гург чашм наканда, саллашро аз сар гирифт ва ҳарду пои маҳсиро якҷоя карда, ба як нӯги салла бо кӯргиреҳ сахт баст. Пайтобаҳоро аз нав ба по печонида дар бучғалаки по гиреҳ кард, печи салларо бо кафи даст со-виш дода кушод ва маҳсиро дар ҷояш монда, нӯги дигари салларо ба даст гирифта аз ҷо хест.

Вақте ки вай панҷ-шаш қадам дур рафт, гург ба маҳси ра-сид ва даҳон кушод, ки луқмаи тайёрро фурӯ барад. Ҳамин вақт Ислом салларо бо шаст кашид ва гург як қад парида ба ақиб ҳавола хӯрд – хеле дур шуд.

Ислом барфро чун сипор чок карда пеш мерафт. Гург дунболагир буд. Гург боз ба «луқма» расид, даҳон кушод, ки гирад, «луқмаи тайёре», ки бӯи равғани гӯсфанд мекард, боз гурехт ва гург бо аз тарс худро ақиб партофт…

Ҳамин тавр онҳо – Исломy гург ба гардани адир барома-данд. Ислом дар сари теға, гург андаке поёнтар. Ислом ис-тод, ки гург ба маҳсӣ наздик шавад. Гург гарданашро ёзони-да, фукашро дароз карда, бо эҳтиёт ба «луқмаи хушбӯ» на-здик овард ва «луқмаи хушбӯ» ба як ногоҳ ба часту хез да-ромад ва гург аз ҳарос гурехт.

Ва ҳамон лаҳзае ки гург гурехт, Ислом чорхезкунон аз теға хам хӯрд ва то дарахтзори новаи он тараф фуромадан ба ақиб нигоҳ накард. Ба дарахтзор расида ба ақиб нигоҳ кард, ки гург дар сари теға чизеро бо ду даст зер карда, кан-да-канда мегирад. «Маҳсию салларо пора мекунад», гуфт Ислом дар дил ва як шохи хушки зарангро шикаста асо кард. Асо ба дилаш қувват бахшид ва фақат акнун фаҳмид, ки пайтобаҳо кайҳо кушода шуда афтидаанд ва ӯ пойлуч аст.

Боқимондаи роҳро дар як-якуним соат бе ҳеҷ ҳодиса тай кард ва аз сангпул гузашта, саги сиёҳро бо асо пеш карда, ба дари кулбаи Гулҷон расиду дарро оҳиста кӯфт. Дар боз шуд ва ӯ худро даруни кулба гирифт.

Падари Гулҷон аз ак-аки саг бедор шуда, берун баромад ва ба хонаи духтараш даромадани касеро дид ва аввалин чизи ба дасташ омада – шохҷорӯбро гирифта омаду дарро тела дода кушод ва дар равшании чароғи сиёҳе, ки Гулҷон нав даргиро-нида буд, Исломро дид. Диду лаб накафонда, ба духтараш як заҳри чашм партофту баромада рафт. Ҳамон шаб ва бақияи умраш ҳама шабҳо хобаш ҳаром шуд. Вай табар гирифта чанд

бор ба дари кулба омад, ки «ин ҳаромиҳоро дар ҷои хобашон қима-қима карда партояд», вале ҳар бор чароғи фурӯзонро дида, таҳдиди Нуруллоро ба ёд оварда дандонхоён ақиб мегашт. Нурулло як дили шаб, чун балои осмонӣ, аз куҷое пайдо шуду подабонро даруни пода даровардa гуфт, ки «Гулҷон одами ҳукумат аст, ман намояндаи ҳукумат, ҳар коре кунад, халал намерасонӣ, як зарра халал расонӣ, ба кори ҳукумат халал расондагӣ мешавӣ, ба гӯшат гир ва аз даҳонат набарор».

Ҳоло он суханон дар гӯшаш буд, аз даҳон набаровардааст, вале «ин чӣ бешарафӣ, ки як марди номаҳрам дар хона бо зани бегонае шаб ба рӯз барад? Э, гӯшти онро порча-порча бурида партоӣ, боз ҳақат меравад, боз кам аст!» Лекин ҳукумат очаи кас намешавад, хости ҳукумат барои подабон хости худи тақдир аст!

Подабон ҳамон шаб то ба рӯз хоб карда натавонист, вале чорае ҳам надид – ба кулба надаромад ва онҳоро накушт, фақат рӯзи дигар ба рӯи духтараш нигоҳ накарда – наҳс аст, ҷанахс аст! – гуфт:

– Дасти модарат як умр аз гӯр берун монд.

– Мо никоҳ дорем, - дурӯғ гуфт Гулҷон.

Ин дуруғ хашми подабонро андаке фурӯ нишонид, вале алами ин шармандагӣ якумр дар дилаш монд. Он аламро оқибат бо худ ба гӯр бурд. То охири умр бо сари хам зиндагӣ кард. азбаски ҳеҷ тоқати гапбардорӣ надошт, одамгурезу одамбезор шуд ва аз ҷаҳон чашм пӯшид.

Гулҷон ҳоли ӯро мефаҳмид, медид ки падараш дарун-дарун азоби алим мекашад. Ҳоли ӯро ҳис мекарду аз худаш нафраташ меомад, - фарзанд душмани ширин, марги ҳамин хел фарзанд! – вале Ислом, ин душмани ҷон ва сӯҳони умр пайдо шавад, аз ҷон хуштар қабул мекард. О бечора Гулҷон чӣ кунад, ки фақат бо Ислом лаззати ҳаёт мечашад? Бе ӯ ҷаҳон дар назараш холист ва ҳеҷ чизи дигар ба дилаш намеғунҷад!

Гулҷон аз аввалин дидан, дар нахустин нигоҳ дил бой дод: рӯи камгӯшти сабзина, дандонҳои сафеди мустаҳкам, чашмони аловдори уқобӣ, андоми хушрехт, ки аз ҳамааш ҳаври ғайрат медамид ва дар сӯҳбат соҳиби ин рӯю чашм ин қадар боназокату бофаросат буд, ӯро яку якбора ва доимӣ шайдо карданд. Аз ҳамон рӯз ин ҷониб, хоҳ ҳозир бошад ва хоҳ ғоиб, Ислом ҳамеша дар паҳлуву дар ёди Гулҷон аст. Аз пеши назарашу аз мағзи сараш як лаҳза дур намеравад. Хезаду шинад ӯро мебинад.

Гулҷон он шаби торик ба ин ҳоли табоҳ омадани Исломро интизор набуд ва ногаҳон ӯро сарлуч, пойлуч, банди по ва панҷаҳо хунҷӯш дида дилаш фиғон баровард. Вай аз берун барфи тоза оварда ба поҳои Ислом молид ва китфонашро молида-молида меҳрубонӣ кард. Ва ҳамон шаби пуртаҳлука, ки Ислом фақат барои қонеъ гардонидани нафси амора ҳаваси оғӯши ӯ дошт, Гулҷон бо таъсири орзуву хаёлҳои бардавом, ки ягон рӯзе дами висол муяссар мешуда бошад, ё не, бо тамоми ҳастӣ, хоҳони ӯ буд ва бе ҳеҷ ибо, бе ҳеҷ ваъдаву ваид ҷону танашро бахшид, бедареғ бахшид.

Ҳоло ҳам онҳо дар хона, мисли ҳамон шаби талху ширин, танҳо буданд. Ва дидорбиниҳои талху ширинашон, ки ба шумор буд, дар лавҳи хотирашон зинда мешуд – бесухан, дар дилашон.

Ислом ба алови тапак чашм дӯхта буд. Гулҷон ҷунбу ҷӯл дошт. Вай дастархон кушод. Як коса қайла монд ва ҷой дам карда чойникро пеши Ислом гузошт.

– Дар хӯрҷин нони бозорӣ ҳаст, – гуфт Ислом. – Боз майда-чуйда.

Гулҷон аз хӯрҷин нону наботу мавизу чой бароварда рӯи дастархон гузошт.

Онҳо дар ду кунҷи оташдон рӯ ба рӯ менишастанд.

– Хайр зиндагӣ чӣ хел мегузарад? – пурсид Ислом.

– Зиндагии чӣ? – бо озор ҷавоб дод Гулҷон. – Сарсахти бадбахт будаам ман. Як рӯзи некро надидам. Таънаи сари падарам. Ман дар байни обу оташ. Аз падар гузар карда наметавонам, аз шумо ҳам безору ҳам зор.

– Росташро гӯям, шамшер задан осонтар будааст, назар ба он ки аз урфу одат халос шавӣ, – гуфт Ислом. – Сахт коре будааст ин. Саду як андеша ки ғайбат накунанд, таъна надиҳанд. Лекин ман халос мешавам аз ин урфу одатҳо.

– Мо бошем ба ғайбатгарон дастак медиҳем.

– Ҳа, барои бадгумонҳо ва ғайбатгарон дастак додем. Беэҳтиётӣ шуд. Ҳамон шаб ман мебоист ба кулбаи ту намедаромадам. Мебоист ба хонаи падарат мерафтам. Лекин бачу качро безобита накунам гуфтам. Баъд… Баъд одам дар лаҳзаҳои таҳлука одами ба дил наздикашро суроғ мекунад…

Ислом ба рӯи Гулҷон нигоҳ кард. Гулҷон ҷавобе надод.

– Бадгумонҳо ҳар чӣ хоҳанд, гумон кардан гиранд, - суханашро давом дод Ислом. – Мо медонем-ку? Медонем, ки муносибатамон соф аст. Аз шӯълаи ҳамин алов ҳам софтар.

– Вале мардум намедонанд, – гуфт Гулҷон.

– Ба қарибӣ мефаҳманд. Лекин амакам азоб мекашанд. Аз ғайбати мардум азоб мекашанд.

– Ман ба он кас гуфтам, ки мо никоҳ дорем.

– Хуб кардӣ. Ҳоло ҳам ба амакам гӯй ки, – аз пиёлаи чой чашм наканда гуфт Ислом, – ман аҳдамро вайрон накардаам. Як маврид шавад, нону оши мардумро дода туро ба хона мебарам, ҳамааш хуб мешавад.

Аз чой бӯи чалма меомад, як бӯи ғализи шинос, ки Ислом кайҳо боз нашамидааст. Ислом дам ба дам чой менӯшид ва гӯё бо чашм медид, ки кӯфти роҳ қабат-қабат аз баданаш берун мешавад – ҳаловат мебурд.

– Дар умрам ин хел чои бомазза нахӯрдаам, чой ҳам ин қадар форам мешудааст?! – гуфт Ислом ва ёнбош кашид.

Чашмони сиёҳи Гулҷон хумор шуданд – вай ҳама дарду алам ва қаҳру ғазабашро фаромӯш кард, фаромӯш кард, ки шабҳои дароз ба фикр фурӯ мерафт ва хаёлаи Исломро сад бор дӯсттар медошт, сад бори дигар бад медид. Сад бор ҳузури ӯро мехост, сад бор аз баҳраш мегузашт, тамоман мегузашт ва фикран гузаштаро пок-покиза ба оғӯши фаромӯшӣ месупорид, ки дигар вайро ба обу оташи фироқ наандозаду оҳиста-оҳиста кабоб накунад. Вай ҳоло аз дидори ӯ шод аст, вале ба овози баланд намегӯяд, ки шод аст, чунки ба гуфтани чанд калимаи бисёр оддӣ ва дар айни ҳол бисёр азиз «ман туро дӯст медорам, бе ту зиндагӣ карда наметавонам» – маҷол надорад. Аз гуфтанаш метарсад, гӯё ки он калимаҳоро ба забон биёрад, як ҷиҳати муҳиммаш, асрори дилошӯбаш гум мешавад. Ин ҳиссиёт ин ҳолати миёни мастиву ҳушёрӣ, ки роҳати зиндагонӣ он аст, дар дил ниҳон бошад, беҳтар! Нагуфта ҳам маълум, аз рафтору кирдор маълум. Баъд магар беҳтарин ҳиссиётро бо сухан ифода кардан мумкин аст? Аз гуфтани ин маъниҳо ҳисси одам зарар мебинад. Онро бе сухан фаҳмидан ва бо тамоми вуҷуд ҳис кардан ширин аст, чунон ки дар шаби нахуст буд.

Он шаб лабу дандон, чашму абрӯ ва дастонашон ҷудо-ҷудо гап мезад. Бисёр расо ва фаҳмо гап мезаданд узвҳои бадан ва он тарзи ширини такаллуми бесухан дигар ҳаргиз такрор нахоҳад шуд, ба мисли бакорат. Ҳоло Гулҷон он Гулҷон нест, ҳар чанд ки аз чашмаш меҳр меборад. Ислом ҳам дигар шудааст.

«Зани бева гирифтааст, нагӯянд. Ҳе, ҳамин ҳам гап шуд? – дар дил ба худ писханд зад Ислом, - Ҳамин ҳам кирои гап дорад?!»

– Агар ту розӣ бошӣ, – Ислом, ки ба рӯи Гулҷон менигарист, чашм гурезонда ба алови оташдон нигоҳкунон гуфт, – ман пагоҳ модарамро ба хонаи шумоён мефиристонам?

Ислом баъди андаке таваққуф илова кард:

– Ҳамин ки ба Ҳамакон расидам, модарамро мефиристам. Омада бо макам гуфтугӯ карда равад, баъд хостгорҳо меоянд.

Ба рӯи Гулҷон хуни ҳаё давид. Вай даҳон кушод, ки чизе гӯяд, вале ҳарфе нагуфта, сарашро хам кард.

– Рӯзи тӯйро худат муайян мекунӣ, – гуфт Ислом. – Муносибати мо ба як тарзи наве буд, тӯямон ҳам ба тарзи нав мегузарад. Охир, корҳои навро мо ба расмият надарорем, кӣ медарорад?

– Мо аллакай ба расмият даровардем, - бо завқ ҷавоб дод Гулҷон. – Боз чой дам кунам?

– Не, даркор не.

Гулҷон хеста дастархонро ғундошта дар токча монд ва ҳангоми нишастан бо оҳанги таҳлука гуфт:

– Ҳа, қариб буд, ки фаромӯш кунам, одамони Нурулло омада шуморо пурсиданд, ман гуфтам, ки он кас дигар ин ҷоҳо намеоянд. Худатонро эҳтиёт карда гардед.

Дар пешонии Ислом чин пайдо шуд: боз Нурулло! Вай аз ман чӣ мехоҳад?!

– Кӣ омада буд? – пурсид Ислом.

– Ман нашинохтам. Парер бегоҳ ду кас аз ҳамин роҳ гузаштанд. Як хари сабукбор доштанд. Як мардаки калтаи ғафс аз ман шуморо пурсид ва гуфт, ки агар шумо мабодо ҳамин ҷоҳо биёед, ба шумо аз номи Нурулло салому паём расонам.

Гулҷон ба ваҷоҳати Ислом нигариста хомӯш монд ва сипас илова кард:

– Боз подабонҳо дирӯз дар дашт Ғирри Биёро дидаанд.

Ба дили Ислом хавфу ҳаросе даромад, ки дар қаъраш сиёҳӣ дошт. То ба ҳамин қарибиҳо онҳо, ваю Нурулло, дӯст буданд. Дӯсте ки аз байнашон мӯ намегузашт. Дӯсти ҳамкор, ҳамфикр ва сирдону роздон буданд. Акнун душман, Нурулло душман шудааст.

Гирдоби ҳаёт онҳоро аз кадом гӯшаҳо оварда дар Самарқанд – ин шаҳри азим, шаҳри қадим, шаҳре ки пулат бошад, ҳар чӣ дилат хоҳад, мееёбӣ ва агар дар киса пуле на-

дошта бошӣ, ҳамеша коре ёфта чанд пул пайдо карда метавонӣ – ба ҳам расонид ва онҳо зуд унс гирифтанд. Ду ҷавонмарди ҳузарб ду дили озодиталаб дар он рӯзҳои мутеиву дастнигарӣ зуд бо ҳам унс гирифтанд ва то дараҷае пушти паноҳи ҳамдигар ва бечораву бенавоёни дигар шуданд.

Нурулло аз Бухоро, аз баҳри илму мадраса ва амиру қозии он гузашта фирор карда буд ва чун коргари «конторашин» дар казарама не, дар шаҳр, дар ҳавлии як дӯсти падараш менишаст ва баъзан шабҳо Ислом аз казарма гурехта назди ӯ меомад. Онҳо баъзан то қарибиҳои рӯз саргузаштӯиву орзуҳои ширин карда менишастанд.

– Дар Бухоро орзу кардан ҳам манъ шудааст, - мегуфт Нурулло. – Барои ҳамин ман гурехтам.

Ислом хандакунон мегуфт, ки:

– Бек маро барои он ин ҷо фиристонид, ки дуои ҷонашро кунам, чунки дуои марди ғариб мустаҷоб будааст.

Саргузашти онҳо зоҳиран фарқ дошт ва моҳиятан як буд: ҳукми мулк ба дасти як гурӯҳ танпарвару муттаҳам даромадааст ва онҳо мулкро не, фуқараро не, балки молу маноли худу авлоди худро пушту паноҳ шудаанд. Онҳо сари беномусон ва хушомадгӯёнро сила мекунанд, аҳли номусу шарафро мӯҳтоҷи як бурда нони қоқ нигоҳ медоранд, ки «намуру мурда-мурда гард». Орзуҳояшон низ як буд: одам Исмат паҳлавон барин бошад, ки адаби ҳамаи инҳоро диҳад, мегуфт Ислом. Нурулло аз бузургони фарҳангу адаб, аз Фирдавсию Саъдӣ ва Ҳофизу Ҷомӣ қатор-қатор байтҳову порчаҳо мехонд ва хулоса мебаровард, ки:

– Баробарии шоҳу гадо ва зиндагии хуши фарзанди инсон талошу орзуи чандин пушт одамон аст. Ҳоло дар мамолики пешдасти олам кӯшиш ба кор мебаранд, ки он орзуҳо рӯи об бароянд, амалӣ шаванд, суд диҳанд. Агар хабарҳои матбуот рост бошанд, агар дар ҳақиқат ҳокимият ба дасти коргару деҳқон гузарад, он гоҳ майдону минбаре муҳайё хоҳад шуд, ки мо ҳам дар заминаи болшевизм бошем.

Он майдону минбар барои Ислому Нурулло дар як рӯзи баҳор фаро расид. Ба Ислом муждаро Нурулло овард ва ба он майдону он минбар рахнамунаш низ ӯ шуд. Ҳанӯз замонҳои Дуҳокимиятӣ онҳо пояи устувор дар заминаи болшевизм доштанд.

Ва дар мактаби ГПУ ки Исломро бо тавсияи Нурулло қабул карданд, аҳкоми шариатро худи Нурулло таълим ме-

дод; он омӯзишҳо баъд дар пинҳонкориҳои Ислом дар ӯрдуи душман бисёрҳо ба кор омад – вай дар «аморати» мири бефуқарову бемарказ чунон имомӣ кард, ки аз навкарони Раҳим-додхоҳ нисфаш ба тарафи Ҳокимияти Советӣ гузашт ва сари Раҳимро он шаби зимистон, ки Ислом қариб тӯъмаи гург шуда буд, Нурулло сари найза гирифта ба маркази округ овард; баъд дар арафаи революцияи халқи Бухоро Нурулло барои мардуми меҳнаткаш хитобаву даъватномаҳо менавишт, ки: «Эй ситамдидагон! Бархезед, даври интиқом ва озодӣ расид» ва Ислом халқро ба по мехезонд. Онҳо ҳар кадоме бо силоҳи худ баҳри беҳбудии халқ хизмат мекарданд – яке бо қалам ва суханҳои оташбор, дигаре бо шамшер, дар майдони корзор. Акнун ҳамон Нурулло душман, ба муқобили кори халқ сар бардоштааст ва ба унвони Ислом таҳдидномаҳо мефиристад.

– Ҳавосатон парешон, монда шуда бошед, ҷо андозам. – Гулҷон ҳаракати аз ҷо хестан кард.

–Кори савоб мекардӣ, – розӣ шуд Ислом.

Палоси рӯи хона пахоли арзану намад буд, ки Гулҷон дар пешгаҳаш пӯстак ва ду қабат кӯрпа андохт ва ба чойҷӯшу офтоба об гирифта пеши алов монду худаш дар кунҷак нишаст; оташ луху бедуд ва рӯяш андак гарди хокистар гирифтааст; рӯи Гулҷон ба оташ монанд аст ва гӯё мижгонҳои дарозаш гард доранд; вай об монд, ки гарм шавад, барои ғусл… Исломро фикри Нурулло аз сар парид, ӯ аз ҷо хест, як дам рост истод ва паҳлуи Гулҷон рафту сари китфашро дастмол кард, дасташ ба тахтапушти ӯ лағжид, аз зери бағал гузашт, ба синаҳо расид.. ва оғӯш карда ӯро озод бардошту бурда рӯи бистар хобонид – ӯ дами оҳангарон барин нафас мекашид.

– Дарро маҳкам накардем, дарро маҳкам накардем, – нозук-нозук метапид Гулҷон ва дастонашро ба гардани Ислом мепечид.

– Баъд… баъд…

Баъд онҳо ором шуданд, фақат сандуқи дилашон шину хез дошт. Боз баъдтар Гулҷон як қисм хеста рафту калиддонаи дарро андохт. Онҳо дуру дароз хоб накарданд, кай хобашон бурд, хабар надоштанд. Як вақт ҳар ду баробар як қад парида хестанд – саг бо тарсу ларз нимиринҷос баровар-да, паноҳҷӯён худро ба дар мезад; шартаси ба сари саг расидани камчин шунида шуд. Ислом бо ҳавои даст либосашро ёфтанӣ буд, вале дар торикӣ ҳанӯз дасташ ба чизҳои

меҷустааш нарасида турми дар қарсос шикаст ва ду сиёҳии дароз ба хона даромада Исломро дар ҷои хобаш пахш карда, дастонашро ба пушт гардонида бастанд; Гулҷон гӯгирд зад, ки чароғ даргиронад, гӯгирд задан баробар «оҳ» гӯён дасташро ба даҳонаш бурд – бо шаст ба дасташ қамчин заданд.

Ислом дар берун дид, ки онҳо чаҳор нафаранд. Ӯро бо дастони баста ба асп шинониданд ва пойҳояшро аз таги шиками асп бастанд. Вай таги куртаву эзор ва сару пояш луч буд.

Садои суми аспҳо аз гӯш рафтан пас Гулҷон саросема дар паси дар танашро об гардониду ба роҳ баромад. Падараш шиддат кард:

– Куҷо меравӣ?

– Он касро баста бурданд, – гуфт Гулҷон ва аз оби чашм гулӯгир шуда гӯшаи рӯймолашро газид.

– Бар падари ҳамаашон лаънат, ҳамаашон аз як охур ем хӯрдагӣ. Рав, хона шин!

Подабон мехост Гулҷонро дилдорӣ кунад ва гӯяд, ки худаш деҳаро хабар медиҳад, вале аз зуъмӣ забонаш нагашт.

Замин аз нури моҳ ранги хирмани коҳ дошт, подабон ришашро қабза карда як ба осмон нигарист ва аз паси девор асо гирифта роҳи Ҳамаконро пеш гирифт: «Ин замину замон аз сари киҳо ки монд? Аз сари мо ҳам мемонад, одамон ки аҳл нестанд, заминро пургуноҳ карданд; чашмонашонро хун гирифтааст; на парвои бандаи мӯъмин доранд, на парвои дигараш; зормондаҳо дӯст буданд, акнун сагу гурба, одамвор зиндагӣ карда гарданд, осмон ба сарашон меғалтида бошад? Ин тарафаш ҳам бало; ҷони одам дар сари мӯ. Худоё, худовандо, ин балоҳо кай аз сари мо дур мешавад?!»

Подабон бо бероҳа, бо адирҳо ва ҷару ҷӯ роҳ паймуда, ба Ҳамакон рафт, то ки ин хабарро ба Холиқ расонад. Даме ки подабон аз дари хонаи Холиқ даромад, рӯзи равшан шуда буд ва назди Холиқ се-чор мард менишастанд. Яке аз нишастагон осиёбон буд, ки бо оҳанги ранҷиш овозашро қадре баланд карда мегуфт:

– Ман кӯр не-ку? Сари ҷӯ таҳорат мекардам, ки онҳо гузаштанд. Чор аспакӣ, Ислом таги курта, сараш луч. Байн гирифта бо шаст асп монда рафтанд. Бо чашми худам дидам.

– Рост мегӯяд, – гуфт подабон, ки ногаҳон аз дар даромада омад ва рост пешгаҳи хона гузашта ба Холиқ, ки дар бистар дароз хобида буд, дудаста вохӯрӣ кард. – Баста бурданд, одамони Нурулло бурданд.

Холиқ аз дасти подабон дошта рост шуд, худро баландтар болои болишт кашид ва бандҳои сермӯи дасташро молида-молида гуфт:

– Ғазаби худоро бинед, ман дар чӣ ҳолу…

Ҳама дар вазъияти ногуворе як сония, ки як аср тӯл дошт, хомӯш монданд.

– Аз дунболашон рафтан даркор, - гуфт оқибат Саъдулло, писари аммаи Холиқ, ки дар пеши остона ба девор такя карда менишаст.

– Ту ба муқобили он хукҳо чӣ кор мекунӣ? – гуфт Холиқ бо ҳасрат ва дандон хоид. – Дасту пои ман ба ин аҳвол…

Ҳамон ҳангоме ки Холиқи соф «худоё худовандо, касди душманонро паст кун» гӯён фотиҳа дод ва Миралию Саъдулло ба роҳ бароmаданд, чаҳор савори «шабхунзада» аз деҳоти қади обу сари роҳ гузашта андаруни шаххҳои баланд мерафтанд. Пояи шаххо аз ду тараф ҳам қариб ба лаби дарё мерасид ва роҳ танг буд. Ва ин тангнои жарфу дароз фақат шах, санг, рег ва як дарёча об дошт. Қади об ҷо-ҷо бута ва нишебии кӯҳҳо низ буттаҳо рӯидаанд. Онҳо аз работи говҳо, аз ҳамон ҷое ки Исломро баста бароварданд, як зайл қад-қади об роҳ мепаймуданд. Шаххҳои баланд дар торикӣ сутуни осмон барин менамоянд. Дараҳо даҳони сиёҳи ҳавлангез доштанд ва қаърашон торики торик, вале холӣ ба назар мерасад. Чоҳи бетаг барин.

Муҳит, табиат ва таъсири роҳ ба роҳакиҳо дар ҳар як-яку ним фарсах тағйир меёфт – рангу намуди нав мегирифт. Ислом гӯё аз дидани ин манзараҳо ҳаловате мегирифт, ҳарчанд ки дар дил ҳавле дошт. Вай бо як ҳасрати мағшуш аз дил гузаронид, ки «файзи саҳаре ки мегӯянд, ҳамин будагист; оромие ато мекунад… ва субҳ медамад… ва кас намедонад, ки рӯзи нав бахосият мешавад, ё бехосият. Тангно пури садои об, дигар садои аз он баланд нест. Ҳаловатбахш аст. Одам ҳузур мекунад… Ҳузур мекунад ба шарте ки озод бошад, córяш аз таги шикамы асп бастагӣ набошад. Ба шарте ки лаҷоми аспаш ба дасти каси дигар набошад».

Лаҷоми аспи ӯ ба аспи пеш бастагиву пойҳояш дар таги шиками асп. Аспҳои онҳо ҷуфт-ҷуфт, дуто пеш-пешу дутои дигар аз дунбол меравад. Ислом дар байн. Байн гирифта бурда истоданд ва касе хабар надорад.

Мунодие набуд, ки хабари ин воқеаро ба одамони деҳоти сари роҳ расонад, вале мардум, кӣ медонад ки аз куҷо ва чӣ тавр, бохабар мешуданд. Дар ҳар деҳа пас аз гузашта рафта-

ни саворахо овоза пахн мешуд, ки: «Исломро баста бурданд», ва хурду калони деҳа рӯи бомҳо мебаромаданд, ки тамошо кунанд.

Рӯз равшан шуд, вале тангии дараву байни кӯҳҳо ҳанӯз нимторик аст. Ба ҳар навъ андоми одамонро баръало дидан мумкин. Бандҳои пои Ислом ба сӯзиш даромаданд. Ҳозир даст бурда, банди поро молӣ хеле мефорад, вале дастҳо низ бастагӣ. Ислом ба рӯи ҳамроҳонаш нигарист – ҳама бадҷаҳл, ҳама бегона ва ҳама хомӯш.

Аз ҳамон лаҳзае ки Исломро баста аз хона бароварданд, ба дилаш як ғаш даромад. Тамоми роҳ он ғаш ба як гӯшаи дилаш сиёҳӣ андохта талвоса ва ҳатто кароҳате ба шахси худаш бедор мекард, гӯё ба чизи ифлосе даст зада бошад ва ё луқмаи ҳароме хӯрда бошад. Ҳоло дар ин хилватӣ, дар қади об якбора равшан фаҳмид, ки сабаби он ҳама ноҳинҷориҳои ботинӣ он аст ки ӯро мекушанд. Ҷасадашро ба аспҳо баста, чордарон карда мепартоянд ва ё ношуста таги хок мекунанд, ҳаром мемурад ва дар дили ӯ хоҳиш пайдо шуд, ки шустушӯ кунад, – ба тавре мурдашӯи мурдаи эҳтимолии худ бошад. Боз ба ҳамин баҳона, агар дасту пояшро кушоянд, андак фароғат ҳам мекунад.

Бо ҳамин ният Ислом ба рӯи он шахсе нигарист, ки аспаш ба аспи ӯ бастагист. Вай нигоҳи Исломро ҳис кард ва рӯяшро ақиб гардонид. Онҳо чашм ба чашм шуданд.

– Ҳамин ҷо як дам истем, – гуфт Ислом.

– Барои чӣ? – ӯ абрӯ гиреҳ кард ва бурутҳои базебашро як молида монд.

– Ман бадaнамро як бор об гардонам.

Ғайр аз хушбурут дигарон баланд хандиданд.

Яке аз дунбол гуфт:

– Туро об ҳалол намекунад!

Хушбурут муддате ҳарф назад – хомӯш рафт, бо андеша рафт ва даме ки теғи офтоб теғаи шаххоро оғӯш гирифта оҳиста-оҳиста ба поён, ҷониби дара лағжида истода буд, дар регзоре дар як ҳамворичаи байни харсангҳо, ки оби рӯд лаби роҳро лесида мегузашт, бегап аспашро нигоҳ дошт ва бо шаст аз асп фуромад.

– Ягон ҳаракати беҷо накунед, – гуфт дар ҳолате ки пои Исломро мекушод.

– Чӣ даркор Абдурашид, ӯро об ҳалол намекунад, – гуфт ҳамон каси дунбол, дар ҳолате ки лаҷоми аспашро сахт кашида, қамчинро ба соқи мӯзааш мезад.

Абдурашид ба ӯ ҷавобе надод. Хомӯшона дастони Исломро низ кушод.

– Ана, таги ин санг гузаред. Ҳаял накунед!

Ислом дер накард, зуд таги санг гузашта луч шуд. Ба дилаш омад, ки гурезад. Ба атроф чашм партофт. Роҳи гурез нест. Об кам ва пурсанг, ғӯта зада дур рафтан имкон надорад. Аз ду сар ё медоранд ва ё мепаронанд. Ислом худро бечора ҳис кард.

Вай дар умраш худро ин хел бечораву дармонда ҳис накарда буд. Вай дар ҳафтоду ҳафт муҳориба иштирок дошт, ҳафтоду ҳафт деҳу маҳалро муттаҳид карда хоҷагиҳои коллективӣ сохт, вале ёд надорад ки боре ноилоҷ монда, ба мушкиле дармонда бошад. Дар ҳарбу зарбҳо силоҳ дошт – асп дошт, туфанг дошт, шамшер дошт. Силоҳ ғайрату қувваташро даҳ чанд, сад чанд зиёд мекард ва ӯ бедареғ ҳамла меовард, сафи душманро мешикаст ва ғолиб меомад. Акнун чанд соат шудааст, ки на силоҳ дорад ва на ҳукм, фақат аспаш мондааст, ки лаҷоми он ҳам ба дасти душман.

Ислом куртаашро кашиду эзорашро накашида, оҳиста ба об даромад. Оби каб-кабуд ва ях барин сард ба буғумҳои озордидаи дасту пояш марҳамвор форам мерасид…

Дар охири такоб, дар он ҷое ки аз рӯдҳои сероб фақат чашмаҳо боқӣ мемонанд, аниқтараш, дар ҷое ки рӯдҳо аз чашмаҳо фароҳам меоянд, дар он ҷое ки чандин дара аз ду тараф омада ба ағба мерасанд ва аз ағба ба кадом тарафе, ки фаройӣ боз чандин дараву дарачаҳо оғоз мегиранд, дар як косагии калони чашмасори бебутта ва сералаф Нурулло интизори онҳо буд.

## VII

Аввал Баҳром ба раиси Комиссияи ҷашн вохӯрда гуфт, ки дар навиштани китобе ки онҳо, ваю Деҳқонов бояд таълиф кунанд, иқтидор надорад ва ин масъулиятро аз сари ӯ соқит бикунанд. Пир шудааст, аз ӯҳдаи ин корҳо намебарояд. Раиси Комиссия гӯё интизори омадану ҳамин гапро гуфтани Баҳром буд, ки зуд арзи ӯро бе ҳеҷ пурсу ҷӯ қабул кард ва ҳатто ба назари Баҳром чунин намуд, ки хурсанд ҳам шуд. «Шумо нахоҳед, одами дигар меёбем, талабгорон бисёр» гуфт. Баҳром сидқан бо Деҳқонов шарикмуаллиф шудан намехост, илова ба он дасту нияташ ҳам намерафт, ки дар ин коре ки рости гапро гуфтан имкон надорад, шарик бошад, бо вуҷуди ин рафтори

раис ба иззати нафсаш сахт расид. Писанд накард дониши ӯро. Пас донистану надонистан баробар аст назди ӯ. Пас росту дурӯғ фарқ надорад назди ӯ! Ва Баҳром зиқ шуд. Ва пирона қадамзанон тарафи бозор рафт, ки одатан аз дидану шамидани бӯи меваҳои ранго ба ранг ва пештахтаҳои пур аз мавизу ғулинг, донашӯраку мағзи дона, себу анору ноку шафтолую ангуру анҷир ва сабзавот дилаш кушода мешуд. Аз тамошои бозор андаке сабукӣ ҳис кард, вале заҳри дилаш осуда нашуд. Аз он ҷо баромада ба магазинҳои сари роҳ сар халонд. Ҳар як магазини хӯрокворӣ шӯъба ё гӯшае дошт, ки дар девораш «ба ветеранҳо бенавбат хизмат мерасонем» навиштаанд, вале он шӯъбаву гӯшаҳо чизи хӯрданиву хариданӣ надошт – хоп-холӣ буд. Аз Майдони калон садои мутантани оркестр меомад. Мардум ливою шиору суратҳои калон-калон бардошта, ба дастаҳо тақсим шуда машқ мекарданд, ки дар рӯзи Ҷашн бо чӣ тартиб аз назди минбар мегузаранд. Мавҷ-мавҷ мегузаштанд. Мавҷ мезад одам, мавҷ мезад ливо, мавҷ мезад сурати роҳбарон, ва мавҷ мезад шиорҳое ки ҳар як ҳарфаш баробари як хона ва рамзи бахти безавол буд. Бо шукӯҳ буд машқашон.

Баҳром пас аз дарову барои дунимсоата ба магазинҳо ба хона дасти холӣ баргашт, вале сараш сербор шуд ва ин бори гарон, ки аз дидаву шунида, кардаву накарда ва ҳақиқату хаёлҳои шаст сол яку якбора фароҳам омад, дар як ҷумлаи вазнин ва талх ғунҷид: бахт ҷустему бадбахтӣ ёфтем! Он вақтҳо, замонҳои ҷавонии Баҳром ва солҳои ҷавонии тартиботи нав, аз ин хусус, аз бобати бахт ва хушбахтӣ бисёр гап мезаданд. Вуҷуди Баҳром он вақтҳо моломоли ҳиссиёте буд, ки мурғи бахт ҳамон мурғе, ки шабҳои дарози зимистон дар кунҷи аловхона нишаста, дар афсонаҳо аз забони кампиракҳо шунидааст ва он мурғ ба сари касе ки нишинад бахти безавол меорад – ба муроду мақсадаш мерасад – имрӯз дигар афсона нест. Имрӯз он мурғ ба сари ҳама кулфаткашидагон нишастааст, имрӯз оғози ҳаёти нави таърих аст. Роҳ нав, канал нав, кору бор нав, одаму муомила нав, ҳамааш нав, ҳамааш барои одам ва худи одам ҳам ба маънии томи одамиаш нав таваллуд шудааст.

Магар таърих ёд дорад, ки як камбағали сарлучу пойлуҷро ба мактаб биёваранд, сару либос диҳанд, китобу дафтар диҳанд, илму маърифат диҳанд ва гӯянд, ки соҳиби мулк, соҳиби неку бади оламу одам ту ва ту баринҳост! Барои ободии чунин ҳаёт як ҷон не, сад ҷон дошта бошӣ ва ҳамаашро

фидо кунӣ меарзад. Чунки ободии як мулк ба мулки дигар қувват мешавад ва ин дунёи равшан, ки аз мулкҳои куҳан иборат аст, охиру оқибат ҷавонӣ хоҳад ёфт.

«Мо одами нави давраи нав ҳастем, – навишта буд дертар дар як мақолааш Баҳром. – Ягона мақсад ва масалаки мо хидмат кардан аст дар роҳи истеҳкоми инқилоб ва ҳукумати шӯроӣ. Мубориза намудан аст дар роҳи пойдории салтанати одилонаи иштирокиюн. Мо қалам меронем барои озодӣ ва осоиши ранҷбарон. Мо сухан мегӯем барои беҳбудӣ ва хайрияти ҳоли ситамкашон. Мо ҳарф мезанем ба ҷиҳати ба даст омадани ҳуқуқи помолшудаи мазлумон, барои расидан ба мақсади муқаддаси худ. Мо қалами худро тир карда бо душманон ва мухолифон то охирин нафасамон мубориза ва ҷиҳод менамоем ва дар ин роҳ аз ҳеҷ гуна мавонеъ ва таҳдид заррае намеҳаросем. Мақсади мо ҳақ ва мо фидои ҳақ ҳастем».

Қабл аз иншои ин сатрҳо низ дили Баҳром гум мезад, ки вассофи ин давру ин замон бошад, арзи сипосгузорӣ кунад, чунон арзи муддао кунад, ки маъноҳои аз дили ӯ барҷаста ба дилҳои дигар рафта расад ва абадӣ ҷойгир шавад. «Одина»-и Айнӣ барин, шеърҳои Лоҳутӣ барин.

Бо ҳамин ният мехонд, ҳифз мекард ва бо ҳамин ният шеър менавишт. Шабону рӯзон мехонду менавишт. Аз дарс баргашта дар хобгоҳи дорулмуаллимин дасташ ба нону чашмаш ба китоб буд. Варақ-варақ насри Айниро аз ёд мекард, қатор-қатор шеърҳои Лоҳутиро аз ёд мекард.

Худаш ҳам чашми ҳамдарсонро ғофил ёфта, пинҳон-пинҳон шеър менавишт. Менавишту гашта-баргашта мехонд ва ба гирдоби яъсу ноумедӣ меафтод, чунки он шеърҳо на фақат ба шеъри Лоҳутӣ монанд набуданд, балки ба дили худаш ҳам таъсире намегузоштанд.

Вай сахт хафа мешуд ва ҳайрон мемонд: чаро ин тавр? Ҳамон гапҳо, ҳамон суханҳо, вале он таъсиру он сеҳр нест.

Боз мехонд, боз менавишт ва ғолибан қарибиҳои субҳ дар сари китоб ва ё сари дафтар хобаш мебурд.

... Баҳром шеър аз ёд мекард, дар як рӯзи хушҳаво дар як мавзеи фарохи пешкушода ва сабзу хуррам болои сабзаҳо ғел зада, шеър аз ёд мекард ва суханҳои дилафрӯзу мардонаи мисраъҳои шеър табъи бе ин ҳам хуши ӯро боз хуштар намуда, ба дил ва ба рагу пайҳояш фараҳ дамида, қувваю ҷасорати беандоза мебахшид ва баданаш моломоли чунин

ҳиссиёте буд, ки агар санги хоро ба кафи дасташ афтад, бо як фишор орд-орд карда мепартояд.

Вай ҳамин хел як кайфият дошт ва бо завраќи хаёл дар фазои олам шино мекард, ки ба ногаҳ замину замон ларзид. Гӯё кӯҳҳои азим ба як бор чаппагардон шуда, ба замин фурӯ рехтанд ва ғавғое ба гӯшаш расид:

– Сел! Сел омад!

Сел гӯё аз дараи Булбулон меомад, дар айни замон аз адирҳои ношиносе меомад… Аниқ набуд, ки аз куҷо меояд, вале меомад, Сели калон, сели дамон, сели бадвоҳима, офат! Сел сангу чӯбро рӯфта меомад, замину замонро ларзонда меомад.

Баҳромро воҳима пахш кард. Замин монанди латтаи офтобхӯрда медарид, лахт-лахт ҷудо мешуд. Дашт аз кӯҳ ҷудо мешуду кӯҳ аз дашт… ҷудо мешуду ҷудо мешуд. Аспи Ислом тарафи кӯҳ медавид, балки шиҳакашон парвоз мекард, вале ба ҳар ҷо ки по монад, хок лахта-лахта меламид. Масофаи байни Ислому Баҳром, ки дар ду соҳил, яке дар тарафи кӯҳу дигаре дар дашт монда буданд, дуртару дуртар мешуд. Ислом Баҳромро ҷеғ мезад, Баҳром Исломро – онҳо аз ду тараф дастонро карнай сохта, номи якдигарро гирифта, бо тамоми овоз фарёд мекашиданд, вале овозашон ба гӯши каси дигаре намерасид.

Сел дамону хурӯшон меомад, санги осиёро бо ҳавояш бодбарак барин фиррос давр занонида меовард. Бобокалон, ҳамон Бобокалонеро, ки Нурулло дар хонаи ӯ менишасту Ислом ба туфайли Нурулло ба он ҳавли рафту омад дошт ва баъдҳо ҳавлиашро партофта аз шаҳр ба ҷои номаълуме ғайб зад, бо китобу китобхонааш бардошта меовард. Ва Баҳром на ба Ислом ёрӣ дода метавонист ва на ба Бобокалон…

Баҳром баъдҳо, дар давоми умр хобҳои бисёре дидааст, хобҳои гуногун, дар шаҳру кишварҳои гуногун, дар ҳолатҳои рӯҳии гуногун, вале дар ҳамаи ин хобҳо фақат як чиз бетағйир буд – макон. Воқиаву ҳодисаҳои хоб ҳамеша дар Ҳамакон мегузашт. Хоб медид ки дар вайронаҳои Қалъаи Ҳамакон бо Деҳқонов, бо дӯсти ҷонии собиқаш, рӯбарӯ омад ва онҳо расми дӯстиро фаромӯш карда, дар болои масъалаи одамгарӣ ба баҳси шадид даромаданд ва он баҳс ба ҷанги даст ба гиребону муштзанӣ гузашт.

Баҳром кашидаву кушода муштҳои обдор мезад, вале зарбаҳояш кора намекард – сахт мерафту суст мерасид, гӯё

ки ба пахта ё латта мерасид ва гӯё мушташ ҳам пахтагӣ буд. Ва ҳайрон мемонд ки чаро ин тавр аст?

Хоб медид ки Ҳамакон майдони ҷанг аст, душман ҳуҷум карда омада истодааст, вай камон бардошт, нишон гирифт, паронд, вале… камон оташ нагирифт – тир надорад, зеҳаш вайрон ва ё ягон балои дигар.

Хоб медид ки боми хонаи Неъматро канда истодаанд, чанги хок ба сару рӯи акош қабат ба қабат менишинад, вале Неъмат хомӯш аст, аз ғазаб сип-сиёҳ дуд кардааст, аммо ҳарфе намезанад. Хоб медид ки як хари кабуди калоне бо як чӯткаи дароз работ сафед карда истодааст ва он работ гӯё дар селраҳаи Ҳамакон воқеъ будааст.

Вай ҳамин хел хобҳои кобус ва гоҳо гӯё воқеӣ медид ва ҳарчанд ки ба хоббинию таъбири он эътиқоде надошт – хурофот аст ҳамаи ин! – гоҳо бо таъсири ҳамон хобҳо ду-се рӯз хурсанд ва ё хафа шуда мегашт. Вале ҳеҷ кадоме аз он хобҳо такроран ба хобаш надаромадааст, ғайри сели дамону хурӯшон. Сели дамону хурӯшон ва балои бедармон се бор ба хобаш даромад ва ҳар се маротиба ҳам айнан як хел – заминро даронида, водиро аз кӯҳсор ва кӯҳсорро аз водӣ ҷудо карда меомад. Санги осиёр бо ҳавояш бодбарак барин фирос чарх занонида меоварад. Аспи Ислом чароғпоя шуда шиҳа мекашид ва ҷое намеёфт, ки чор дасту пояшро устувор гузорад, чунки сел замини таги поро лахта-лахта канда мебурд… Ва Баҳром даҳшат мекашид ва дар тӯли хоббинӣ лаҳза ба лаҳза худро тасалло медод, ки: «Хайрият, хайрият, ки ҳамаи ин хоб аст!»

Калонтарин сели табиие, ки шаҳраки Ҳамаконро қариб тамоман вайрон кард, соли зилзилаи Ҳоит омад. Бало танҳо намеояд – заминҳои Ҳамаконро сел аз кор баровард, Ҳоитро заминҷунбӣ зери хок кард.

– Сел не, даҳшат буд он, – ҳикоят кард Шомансур ба Баҳром вақте ки онҳо ба тамошои шахи Садо рафтанд. Ва ба ҷаркандаҳо ишора карда суханашро давом дод. – Об панҷ метр баланд хест. Ним километр пештар аз сел бо шасти ҳавояш хонаву дарахтҳо аз беху бун мехестанд. Санги осиё монанди фирфирак аз дари осиё баромад ва «рақскунон» то дарёи калон рафт. Ҳеҷ тасаввур мекунем?!

Мегӯянд ки балое ояд, пеш аз ҳама асп, саг ва мор бохабар мешаванд, вале омадани ин селро, бино ба нақли худаш, ним рӯз пеш Шомансур ҳис кард. Вай албатта намедонист,

ки сел меояд, ё ягон балои дигар мешавад. Аммо субҳи содиқ бо ваҳму ҳарос аз хоб бедор шуд ва фол гирифт, ки «ягон бало рӯй медиҳад».

Шомансурро ҳамон сабоҳ садои суми хар бедор кард. Аз роҳи нишебии пушти хонааш садои ба сангҳо бархӯрдани суми харҳо баромад ва ӯ хоболуд аз дил гузаронид, ки боз Мирзоалӣ дара рафта истодааст.

Соли дароз касбаш ҳамин мардака. Ду хар пеш-пешаш дара мераваду меояд, мераваду меояд. Бо табар ва як даста ресмон мераваду ҳезум, ё васса бор карда меояд. Оғилаш, каҳдонаш таги дарвозааш пур-пури чӯбу ҳезуму васса шудааст. Боз мераваду меорад, мераваду меорад…

Хосият надорад ҳамин корҳо – кас ба чизе ҳарис шавад, оқибат касофат меорад. Раҳматӣ падари Мирзоалӣ ба сангғундорӣ ҳарис шуда буд – дар гирду пеш аз дасташ ягон санг намонд – ҳамаашро ба сари замин кашонид. Як путку як мисрон ба дасташ санг мекофт, санг мешикаст, санг мекашонд, санг мефурӯхт. Ҳамон тирамоҳ таги санг монд.

Чашмонашон сер намешавад ин мардума, мурданро ба хотир намеоранд, сутуни дунё шудан мехоҳанд. Зиндагиро ҳамин ҳарисҳо вайрон мекунанд, душвор мекунанд – яке ҳариси чӯб, дигаре ҳариси тилло, яки дигараш ҳариси шӯҳрат…

Дилаш сиёҳ шуда аз ҷогаҳ хест, худе ки ягон хоби бад дида бошад. Ба як кампири барҷомонда садақа фиристод ва баъди баромадани офтоб дар суфаи масҷид нишаста, ба дусе нафар аз ҳамсолонаш гуфт:

– Субҳ боз ба дилам як сиёҳӣ, як таҳлука даромадааст, метарсам ки ягон бало рӯй диҳад.

Онҳо хандиданд.

– Ягон таоми нобоб хӯрдаӣ, - гуфтанд.

Ҳамон рӯз қариби пешин сел омад. Мирзоалиро бо харҳояш овард. Хонаи бисёре вайрон ва даруни хонаҳои боқимонда пури регу хок шуд. Ҳукумат комиссия ташкил кард, дар шаш моҳ Ҳамакон аз нав обод шуд, аз асли қадимаш ҳам ободтар.

– Дар ин дунё ғайр аз ҷароҳати дил дигар ҳама ҷароҳатҳо шифо мeёбанд, – фаласуфона хулоса баровард Шомансур. – Аз он сели калон, ки ба сари мардум он қадар бало овард, ҳоло фақат дар саргаҳҳо ду-се ҷарканда боқӣ мондааст, ки ҳамон ҳам роҳи гузар дорад, дигар ҳама ҷоҳо обод шуда

рафт, дидагӣ медонад, надидагӣ ба хаёлаш ҳам намебиёрад.

Ҳамон шабе ки Баҳром бори нахуст сели дамонро хоб дид, китоб ба даст рӯи кат дароз кашида шеър мехонд. Вай шефтаи шеърҳои Абулқосими Лоҳутӣ буд ва фурсати холӣ ёбад китоби ӯро мехонд ва орзу дошт, ки худаш ҳам ҳамин хел шеърҳо нависад: ҳамин хел мардона, ҳамин хел гӯёву шево, ҳамин хел хушоҳанги муассир…

Ба ҳамон шавқу бо ҳамон орзу хобаш бурд ва хоб дид. Хоб дид, ки дар мавзеи хушманзарае рӯи сабза ғел зада шеър мехонд, ки ба ногаҳ замину замон ларзид ва ғавғое ба гӯшаш расид:

– Сел! Сел омад.

Сел дамону хурӯшон меомад ва ӯ аз дами сел гурехтан мехосту гурехта наметавонист, чунки пояш ба замин намерасид – таги пояш холӣ буд, замину замон меҷунбид… Бо даҳшат бедор шуд, ки касе кати оҳанинашро сахт-сахт мечунбонад. Хест ва чанд лаҳза гаранг монд. Хаёлаш парешон буд. Сарфаҳм намерафт, ки дар куҷост ва чӣ ҳодиса рӯй додааст. Оқибат ба шуураш расид, ки он каси катро меҷунбондагӣ мегӯяд:

– Ҳушат дар сарат ҳаст? Ба ту мегӯянд, ки хез акот омад.

Баҳром хест ва саросема либосҳояшро пӯшида берун баромад. Раҳораҳ як дараҷа даҳшати хобро фаромӯш кард ва ҳатто дар таги дилаш хурсанд буд, ки акош омада бошад, хоҳ Ислом бошад хоҳ Неъмат, албатта, камтар кисахарҷӣ медиҳад. Вай берун рӯи ҳавлии хобгоҳ баромада дид, ки Неъмат омадаасту лекин ҳар дафъа барин хурсанд не-аз асп нафуромада, бедимоғ дар рӯи зин нишастааст.

Неъмат ланҷона бо Баҳром салому алейк кард ва гӯё ки бо пурсу поси бисёр ҳавсала надошт. Ва баъди андаке сукут ба Баҳром гуфт:

– Рав, се-чор рӯз ҷавоб гир, хона меравем.

Дили Баҳром шуввӣ карда рафт.

– Натарс, ҳеҷ воқиа не, – паридани ранги рӯи Баҳромро дида гуфт Неъмат. – Ҳеҷ воқиа нашудааст, ман рафтанӣ, асп ҳаст, ҳамроҳ меравем.

Баҳром аз ваҷҳи падараш хавотир шуд – касали бистарӣ буд. Лекин забонаш нагашт, ки шубҳаи ба дилаш омадаро аз Неъмат пурсида равшан кунад. Агар мепурсид ҳам, аз ду сар ҷавоби аниқ намегирифт, чунки худи Неъмат аз асли гап хабар надошт.

Неъмат фидоии дастаи ихтиёриён аст ва даста фармон гирифта буд ки ба сафар тайёр шавад. Вале ин саҳар ӯро ногаҳон командир ҷеғ зад…

– Ҳамин рӯз баромада ба Ҳамакон равед, – гуфт вай ба Неъмат. – Давоми супоришро дар Ҳамакон мегиред.

– Дар хонаи мо ягон ҳодиса рӯй додааст, – гуфт Неъмат. Вай гумон кард, ки падараш…

– Парешон нашавед, падаратон сиҳат саломат, – гуфт командир ба ӯ, гӯё ки фикрашро хонда бошад. – Лекин рафтани шумо зарур, раиси ревком талаб кардааст.

Бо вуҷуди ин «шарҳу эзоҳ» гумони дили Неъмат бардошта нашуд ва ӯ ба ҳар эҳтимол додараш Баҳромро ҳамроҳаш гирифта бурд.

Онҳо аспро дукаса савор шуда ба роҳ баромаданд ва ҳарчанд ки ҳар дуяшон ҳам одамони чандон вазнин набуданд, қарибиҳои пешин асп ки дам нагирифта мерафт, арақ кард, роҳгардиаш суст шуд.

– Ҷонварро хуб азоб додем, – гуфт Неъмат ва онҳо дар сарое фуромаданд, ки аспро камтар дам диҳанду худҳошон ҳам як чойник чой нӯшида, кӯфти роҳро бароранд. Ва фақат дар ҳамин ҷо фаҳмиданд ки босмачиён шаб Исломро аз ҷои хобаш доштаанду дасту пояшро баста бурдаанд.

– Мо ҳам ин хабарро як-ду соат пештар аз омадани шумоён шунидем, - гуфт саройбон. – Отряд гузашта рафт, аз ҳамонҳо шунидем.

Чой нанӯшида монд ва бародарон хари саройбонро талабида, яке аспсавору дигаре харсавор, ба таъҷил ҷониби Ҳамакон равон шуданд.

Холиқи соф дар Ҳамакон чашм ба роҳ буд, ки писаронаш Неъмату Баҳром чаро дер омаданд? Калониашро-ку бандӣ кардаанд, барои чӣ аз хурдиҳояш дарак не? Онҳоро ҳам бандӣ карда бошанд?..

Он касе ки бо фармонаш писари калони ӯро бандӣ карданд, аз тарафи Шаҳрисабз дар гулӯӣ ағбаи Шер мунтазири Абдурашиди мерган буд, ки «сайдро ба даст оварда бошад ё не?» Вай зоҳиран ором менишаст, вале дилаш туғён дошт: дӯст буданд, охир дӯстони нонӣ не, дӯстони ҷонӣ буданд. Акнун душман шудаанд, замона онҳоро душман кардааст. Душмани нон не, душмани ҷон! Як бор рӯбару истода сӯҳбат кардан шарт аст бо ӯ. Лекин ҳамин хел сӯҳбат муяссар мешавад, ё не? Ҳамааш ба ҳунари Абдурашид вобаста.

Ва Нурулло барои таскини изтироби ботин аз сояи санг хесту сарчашма рафт ва кафҳояшро пур карда, пур карда оби хунуки мусаффо нӯшид ва ба он ҷое, ки аз таги замин об ҷӯшида мебаромад, дурудароз нигоҳ кард. Вай дар шаҳри Бухоро ба дунё омада, дар муҳити зисти ҳамин шаҳр ба воя расидааст, бо вуҷуди ин мардуми шаҳр ӯро деҳотӣ мегӯянд, чунки зодгоҳи бобояш як деҳаи дурдасти кӯҳистон будааст ва бо он деҳа аз сабаби душворгузар будани роҳ ва бемуросову мадоро будани мардумаш, аз замонҳои Куруши Кабир то ҳоло пои шоҳу лашкари бегонае нарасидааст – на Искандари мақдунӣ фатҳ карда тавонистааст ин дараро, на Чингизиён ва на Темури Ланг. Бобои Нурулло бо ҳавои ҳамон ғурур, ки тобеи бегонае набудасту минбаъд ҳам тобеъ намешавад, дӯғу даранг карда ба Бухоро омадааст, ки сулолаи манғитиёнро аз беху бун барҳам медиҳад, вале тарафдорон наёфта аз танҳоӣ сари худро ба дор додаасту аҳли оилааш бесарпаноҳу саргардону сарсон шудааст. Нурулло, набераи ӯ, толибилми мадраса, нияти аз беху бун барҳам задании аморатро надошт, валеислоҳи тартиботи онро мехост. Мехост ки ин мулк, мулки Бухоро аз ғафлат барояд. Худаш ба Ислом ҳамин хел мегуфт. Мегуфт ки ин харкаллаҳои аморат аз худ дониста кори неке ба манфиати мардум намекунанд. Инҳо ақли маърифат надоранд. Инҳоро маҷбур кардан даркор ки ғами ободии мулкро бихӯранд. Барои ҳамин, мегуфт вай ба Ислом, ман зери таъқиб монда фирорӣ шудам. Ба Самарқанд омадам, табааи урус шудам. Иншооллоҳ, гиреҳи кори мо бо дасти урус кушоиш меёбад, мегуфт вай.

Ва баъд ҳамин тавр ҳам шуд. Тартиботи навро русҳо оварданд ба Самарқанд. Ва Исломро Нурулло ёри русҳо кард, Нурулло ба хизмати тартиботи нав овард. Ва шиору даъватҳои тартиботи нав ба муроди дили онҳо буд, ба нияту мақсадҳои ҳардуяшон муносибу мувофиқ буд. Ва онҳо аз сидқи дил хизмати тартиботи навро мекарданд. «Барои тартиботи нав фидокорони роҳи нав лозим, фаҳмишу биниши нав лозим аст, то ки ба муроду мақсад расем», мегуфтанд ҳардуяшон.

Ислом дӯст медошт Нуруллоро. Ақлу фаросаташро меписандид, ҳушёрӣ, зиракӣ ва ботадбириашро меписандид. Вай ҳам гӯё меҳре ба Ислом дошт. Шӯъбадабозиҳои чархи гардунро бинед, ки акнун бо фармони Нурулло дасту пои Исломро баста мебаранд. Ва Ислом дар роҳи ағба рӯзҳои охирини ҳамкориашонро ёд овард. Нурулло сардори дастаи ми-

лисаи округ буд ва ин округ дар дами нафаси босмачиҳо меистод. Ва дастаи милисаи Нурулло қариб дар ҳама муҳорибаҳо ҳамроҳи эскадрон мегашт, ки Ислом аввал командири взвод буд ва баъдтар командири ҳамон эскадрон шуд. Ислом маҳз дар ҳамон вақтҳо пайхас рафт, ки дар рӯҳияи Нурулло тағйироте ҳаст. Вай гӯё аз мартабааш норизост. Гӯё пушаймоние дорад дар дилаш. Ва гӯё маврид меҷӯяд, ки лаҷоми ғазабашро сар диҳад. Боре фармоне аз ГПУ омад ва Нурулло онро хонда абрӯ дарҳам кашид ва ба Ислом гуфт: «Адолат ин аст, ки онҳо ёри беғаразй мо бошанд, вале дунёи чаппаро бинед, ки фақат манфиати худро мебинанд». Ва ин гапро гоҳо бо заҳрханда, гоҳо бо тамасхур, дар ҳолатҳои чойнӯшӣ, рӯзномахонӣ ва сафоройӣ чанд бор такрор кард. Вале Ислом ба суханҳои ӯ эътибор надод – як ҳазл ва як лутфгӯии дами истироҳат мешуморид. Дар айни замон ягон-ягон ба дилаш гумоне пайдо мешуд, ки содиқона хизмат кардани Нурулло аз таҳти дил, аз табиату мақсадаш барнамеояд, балки зоҳирист, дар замираш бе даъво нест, гӯё он садоқат ғарази ниҳоне дорад. Гӯё маҳз барои он аст, ки худнамоӣ кунад ва бо ин восита қадр ёбад.

Ҳа, ҳамаи ин нишонаҳои он будааст, ки вай ҳукмрон шудан мехостааст, ҳукмрони яккаву ягона. Дар вақташ ҳам табиати яккаҳукмронӣ дар кирдорҳояш борҳо зоҳир шуда буд. Ӯро чанд бор ба ташкилотҳои дахлдор ҷеғ зада огоҳ карданд, танбеҳ ҳам доданд, ки рафторҳои феодалонаашро партояд, лекин напартофт: худсарона одамонро ҷазо додани мешуд ва ҳатто як босмачии таслимшударо пешдасти худ қамчинкорӣ кард. Даъфаи охир худсарона риши як муллоро бо табар бурид. Баъди ҳамин масъалаи ӯро ба муҳокимаи маҷлиси умумӣ гузоштанд. Эълони маҷлисро дар дари даромадгоҳ часпонданд ва ҳамон рӯз вай гурехт. Ғайб зад ва панҷ моҳ аз вай ҳеҷ хабаре набуд. Ҳатто овоза шуд, ки гурехта хориҷа рафтааст. Баъди панҷ моҳ, охирҳои баҳор дар ҷанги ағбаи Оббурдон маълум шуд, ки вай як муддат дар тарафҳои Фарғона сар паноҳ карда, «ҳамдардон» ёфта, бо дастаи калоне ба босмачиёни Масчоҳ ҳамроҳ шудааст ва пас аз ҷанги дурӯзаи ағба, ки ярадоронро ба намадҳо печонида саломат аз тармазор гузаронид, назди онҳо эътибор ёфтааст.

Вай дар мактубҳое ки барои Ислом фиристонид, даъват мекард, ки «ба арвоҳи ҷавонмардони гузашта нанг наорад, манфиати худро аз манфиати мулк боло нагузорад, мисли

Испитамен фидокор бошад». Ва монанди ҳамин даъвоҳо, ки ба назари Ислом маҳсули фикри як нафар шахси аламзада намуд ва бе ҳеҷ мулоҳиза даронида партофт.

Ислом дар иҳотаи саворон аз ағба фуромад ва косагиеро дид, ки оби чашма байнашро бурида мегузашт ва дар шибару катакзори зерхӯрдаи қади об аспҳои пуштлуч мечариданд. Дар сарчашма, паҳлуи харсанги тарқидаи кабуд як гурӯҳ одам давра гирифта нишастаанд. Ислом аз дур Нуруллоро шинохт. Вай болои зину абзоли асп нишаста буд ва ба ин сабаб аз дигарон як ваҷаб баландтар менамуд.

Вақте ки саворон ба сарчашма расиданд. Нурулло аз ҷо хеста чанд қадам пеш баромад ва банди дасту пои Исломро худаш кушода ба фуромаданаш аз асп ёрӣ дод.

– Мулло Ислом хуш омаданд, – гуфт Нурулло, – аз боло гузаред, ана аз ин тараф, - вай аз паҳлуи «тахти» худаш ҷо нишон дод.

Ислом гап назада аз поён нишаст ва сарсарӣ ҳамаи нишастагонро аз назар гузаронид.

Нурулло аз бағал як дастрӯмоли калон бароварда ба Ислом дароз кард.

– Саратонро бандед.

Одами мусулмон сари дастархон сари луч намешинад – убол аст. Ислом ин қоидаро медонад, вай дастрӯмолро гирифт, вале ба сар набаст, дар паҳлӯяш монд.

Дастархон мирона буд – нонҳои ширмол, пораҳои калон-калон гӯшти яхнӣ ва ҳафтмеваю хӯришҳо, ҳатто намаки нарм. Онҳо бо иштиҳои том таом мехӯрданд, ки ҳаваси бинанда меомад.

Ислом ба дастархон даст набурд.

– Хӯред, ҳаром нест, – гуфт Абдурашиди хушбурут.

Вай хушқомат ва хушандом ҳам буд, ки ба дили Ислом нишаст. Маъқулаш афтод, ки бояд одами бад набошад. Шояд барои он маъқул бошад, ки дар роҳ иҷозати аз асп фаромадану дар рӯд шустушӯ кардан дод. Ба ҳар навъ чеҳраи ӯ гармие дошт, ки касро хуш меомад.

– Ин ба ҳаромаш одат кардагӣ, – хандид Ғирри Биё.

Ислом тарафи вай нигоҳ накард, вале аз дил гузаронид, ки «ин сагҷони палид ҳамон шаб чӣ хел халос шудааст?»

Пас аз тановули баҳузур ба ҳурмати дастархон «омин» карданд як шахси гарданкӯтоҳ, ки гаҳи хандидан манаҳаш ба сандуқи дилаш мерасид, аз офтобаи биринҷӣ ба дасти

Нурулло об рехт. Нурулло дастонашро шуста, хуб тоза кард ва ба Ислом рӯ оварда гуфт:

– Дилтанг шудед, Мулло Ислом?

– Не, аз дидоратон ниҳоят шодам!

– Ман ҳам шод! Мактубҳои ман ба шумо расид?

– Расида буд!

– Пас мақсадро медонед. Ҳозир мавриди таҳқиқ нест, ки чаро ҷавоб нагардонидед, ба гузашта саловот. Баъд ҷои талху пичинггӯӣ ҳам нест. Дар шароите ки тақдири мулку миллат сари мӯ истодааст, мо набояд майдагапию зудранҷӣ кунем. Дар овардани шумо чораи дигар надоштем, чунки шумо ба даъвати мо ҷавоб надодед. Акнун оем ба сари мақсад. Ба тавре ки ман медонам, мову шумо як мақсад дорем – мулкамонро мустақил, озод ва обод дидан мехоҳем, вале дар вақтҳои охир якеи мо ба хизмати ғайр гузашт ва сабаби заҳмат дода оварданӣ шумо ҳамин буд, ки рӯ ба рӯ нишаста, ба як қарори қатъӣ биёем ва худо тавфиқ диҳаду шумо ба роҳи соиб дароед.

Ислом дар дил хандид, ки: «ин мардак аз номи кадом мулк гап мезанад? Боз бо чунин эътимод, бо чунин дилпурӣ?!»

Ба фикри шумо роҳи соиб кадом аст? – пурсид Ислом.

– Роҳи соиб роҳи Исмат, орзуҳои Акбари Абрӯ ва умеду орзуи деринаи халқ аст, – гуфт дар ҷавоб Нурулло. – Роҳи соиб мулкро аз ғайр пок дидан, ғосибонро шинохтан соҳибихтиёр будан ва барои ободии макон кӯшидан аст.

– Алҳақ ҳеҷ зоғе «бачаи ман сиёҳ» намегуфтааст. Ҳар шахс дар дили худ эътимод доштааст, ки кори хайре мекунад. Кирдорҳои шумо ба назаратон ба ниятҳои Исмат шабоҳате дорад? Ё байни ниятҳои шумо ва орзуҳои Акбари Абрӯ умумияте ҳаст?

– Бале, мақсадҳо якест, яке аз дигаре ҷудоӣ надорад, вале шароит дигар аст, вазъият дигар аст. Онҳо фақат як душман доштанд – беадолатии синфи ҳукмронӣ дохилӣ. Вазъи мо душвортар аст. Мо бояд ҳам бо душманони хориҷӣ мубориза барем, ҳам бо душманони дохилӣ.

– Кистанд онҳо, душманони хориҷию дохилӣ?

– Дохилиаш Шумо ва шумо баринҳо. Лекин шумоён душманҳое ҳастед, ки бо ниқоби дӯст байни мардум баромадаед. Ва ин ниқоб низ ориятист. Душманони хориҷӣ бо ҳамин ниқоб омадаанд ва бо шумоён ҳамон ниқобро пӯшонидаанд, ки худатон ғофил мондаед.

– Пас мо ғофилу шумо бедор?! Мо душману шумо дӯст?! Мо ки ҷон ба каф гирифта манфиати мардумро ҳимоя мекунем; мо ки ҳуқуқи халқро ба дасти худаш додаем; мо ки мардумро аз асорати асрҳо озод кардаем, то дар мулки худ соҳиби бахту тахти худ бошанд, душман ҳастем ва шумо ки дасту пои кушодаи мардумро аз нав бастан мехоҳед, дӯст ҳастед? Акнун як мулоҳиза кунед, ки ғофил кисту бедор кист?

– Мулло Ислом, ман ҳамаи ин гапҳоро медонам. Ба Шумо ҳам ин гапҳоро аввал ман гуфтаам. Худам ҳам дар оғози кор бовар мекарам, ки инқилоб озодиву ободӣ меоварад. Лекин он хаёли хоме будааст, сароб будааст. Ниқоб будааст! Як ба атроф назари ибрат андозед! Магар намебинед, ки зери шиори озодию ободӣ аз мардум талаб мекунанд, ки мутеъ бошанд ва ободиҳоро вайрон бикунанд.

– Инқилоб вайрон мекунад ба мақсади обод намудан. Инро касе пинҳон надоштааст. Аз ин хусус ошкоро мегӯянд. Мегӯянд ки то кӯҳнаро нашиканед, навашро сохта наметавонед. Ва ин роҳи дуруст аст. Ягона роҳест, ки мардуми заҳматкаши дар гузашта беҳуқуқро дар оянда ба манзили мурод мерасонад. Аҳли заҳмат ба орзуяш мерасад. Ва ҳар касе ин маъниро намефаҳмад, душмани мардуми заҳматкаш аст ва мантиқан душмани озодӣ, душмани ободӣ ва душмани мулку миллат аст!

– Мулло Ислом маълум ки таҷрибаи рӯзгор алҳол ба шумо панд нашудааст. Аз ин хусус гап бисёр, вале вақт танг. Мо барои баҳс кардану заҳр задан фурсат надорем. Ман медонам, ки ҳамаи чӯпону подабонҳо хабаркашони шумо ҳастанд ва онҳо аллакай хабар бурданд. Хабар ки расид, отрядҳо барои дастгир кардани мо мебароянд. Чунон ки мебинед, алҳол олам ба мо танг аст. Бинобар он мо бояд мухтасар ва равшан гап занем. Шумо ба кӣ хизмат карда истодаед?

– Ба манфиати ҷаҳолат не, албатта.

– Яъне ба манфиати адолат! Мулкро бо дасти худ ба дигарон додан, халқро гирифтори асорат кардан, ҳамин аст адолати шумо?!

– Мулк то ин вақт дар асорат буд, дастнигари дастнигарон буд. Нав аз асорат баромад, дасту पояш кушода шуд.

– Ман имони комил доштам, ки мо ҳамфикрем. Дуруст фармудед, ки барои озодӣ шароит акнун муҳайё шуд ва мо бояд ғофил намонем, аз он истифода барем, то ки мамлакат аз як асо-

рат раҳо ёфта ба дигараш гирифтор нашавад. Як ҷаҳолатро ба ҷаҳолати дигар иваз кардан роҳи халосӣ нест, фикр кунед, имом!

– Шумо гузаштаро хеле зуд фаромӯш кардед. Он рӯзҳо ҳанӯз ба тамом «гузашта» нашудааст. Одамони безамин замин гиранд, одамони беҳуқуқ ҳуқуқ гиранд, одамони бесавод савод бароранд, соҳиби тақдири худ шаванд... Магар ҳамаи ин иваз кардани як ҷаҳолат ба ҷаҳолати дигар аст?!

– Гуфтам ба шумо ки ҳамаи ин ниқоб аст. Масалан, заминро аз кӣ гирифта ба кӣ медиҳанд? Аз як хӯҷаин мегиранд ба хӯҷаини дигар медиҳанд. Фақат фарқаш ҳамин ки хӯҷаини пештара одами худашон буд, хӯҷаини нав одамони бегона ва лагандбардорони он мешаванд.

– Худатон мегуфтед, ки гиреҳи кори моро ҳамон «бегонаҳо» мекушоянд. Онҳо дар ҳақиқат ҳам гирҳкушо шуданд. Ҷон дареғ намедоранд ки мо озод шавем.

– Сода будаам он вақтҳо. Ва шумо ҳам сода нашавед, Мулло Ислом. Озодиро касе ба касе намедиҳад. Ин як риё, як ниқоб, як авомфиребиест барои ба мақсадҳои худ расидан. Озодиро ҳар касу ҳар халқ бо баҳои хуни худ гирифта метавонад. Дигар роҳ надорад. Масъалаи замину ҳуқуқ, масъалаи дигар аст, ин ба ӯҳдабароию фаросати одамон вобаста. Фарқи байни одамон ҳам ҳамин ки яке доно, дигаре нодон, яке ӯҳдабаро, дигаре танбал. То одам ҳаст ин фарқ боқӣ мемонад.

– Озодии одамон кори дастҷамъист. То халқҳо даст ба даст нагиранд, то одамон ба ҳамдигар ёрӣ надиҳанд, ба озодию ободӣ намерасанд. Фарқи байни одамон бошад, ин ба муҳит вобаста аст. Муҳити мо он фарқҳоро барҳам медиҳад.

– Читур барҳам медиҳед? Инро ҳеҷ кас, ғайр аз марг, барҳам дода наметавонад. Ин ташвиқотҳоро бисёр ба дил наздик қабул накунед. Инҳо ҳамааш гап, ба фоидаи гӯяндаҳояш аст.

– Амал ҳам аз сухан сар мешавад. Ҷамъияте ки мо месозем, ба табиати худ, бо мақсади худ, истисмори одам аз тарафи одамро нест мекунад ва ҳамаи фарқҳои одам аз одам низ барҳам мехӯрад.

– Ман аминам, ки барҳам намехӯрад, фарзанди инсон худпараст аст, ин як. Баъд шумо инкор намекунед, ки то истиқлол ба даст наояд, озодӣ таъмин намегардад?

– Мо озод шудем. Як озодие ки Исмат тасаввур карда наметавонист. Як озодие ки Акбари Абрӯ хаёл намекард. Озодие ки халқ дар хаёлаш не, дар ҳаёташ дидаву баҳра мебардорад.

– Ҳамаи ин дар назари аввал дуруст барин менамояд, вале чанд соли охир, масалан, аз солҳои шинос шуданамон то имрӯзро пеши назар оред ва мулоҳиза давонед. Мо ба онҳо ҳамчун восита даркор. Ба воситаи мо корашонро буд мекунанд. Корашон буд ки шуд, ба асфаласофилин мефиристанд. Баҳонаашон тайёр: феодал, буржу, миллатчӣ, думани халқ… Бо ин айбҳо дар ин чанд сол чи қадар одамон сиёҳ шуданд, чи қадар сарҳо барбод рафт. Ҳамин хел ҳамаро нест кардан гиранд кӣ мемонад?!

– Халқ мемонад, ин мубориза синфӣ!

– Гапамон намепухтагӣ барин, Мулло Ислом. Аслан ба шумо мӯҳлат додан даркор ки барҳаёт бошед ва бо гузашти айём фаҳмед, ки роҳгум задаед, лекин… Агар ба халқатон хизмат карданӣ хоҳед, ба ихтиёратон алҳол сад навкар медиҳам. Агар не гӯед, мову шумо душман ва ман намехоҳам, ки чунин душмане мисли шумо зинда бошад.

– Ман дар хизмати халқам!

– Ин тавр бошад, васият кунед…

Вақте ки Мираливу Саъдуллою Шомансур ба фарози охирин, ба фарози сахти рустаниҳояш дурушт ва пур аз пайраҳаҳои уреби молгузар рост шуданд ва ҳамин фарозро бароянд ба ёлӣ ағба мерасиданд, аз пушти ағба садои тир ба гӯшашон расид. Ин садои яккатир, ки ногаҳон оромии одатии кӯҳистони дурро шикасту фазоро гирифт, онҳоро як лаҳза гаранг кард ва онҳо то ба худ омаданд, ки боз чаҳор бори дигар пай дар пай садои тир баромад. Чаҳор бор пай дар пай садои тир баромада аз дили онҳо гузашт, ба фазо рафт ва акси садояш ҳама кӯҳу дараҳои атрофро пур кард.

– Дер мондем! – аз алам овози Шомансур базӯр баромад ва ӯ аспашро як қамчин зад.

Шомансур пас аз ба роҳ даромадани Мираливу Саъдулло хабардор шуд, ки Исломро баста бурдаанд. Хабардор шуду ҳамон дам хеста миёнашро баст ва барои аз дунболи онҳо рафтан аз Мирвалӣ асп пурсид. Мирвалӣ ҳамон Мирвалие, ки «ба Ислом ҷон даркор шавад, ман ҷоамро медиҳам» гуфта мегашт, аспашро надод. Ба Шомансур гуфт, ки: «дар хона орд нест ба осиё ғалла мебарам». Шомансур аспи Мулло Мирзоро талабида ба роҳ даромад ва ҳанӯз Миралию Саъдулло аз роҳи калон набаромада ба онҳо расида гирифт ва онҳо се нафар шуда, паи пою саргинҳои тозаи аспро нишона гирифта то гулӯи ағба расиданд.

– Дареғ, сад дареғ! – дандон хоид Саъдулло.

– Акнун ба Холиқ чӣ мегӯем? – оби чашмашро пок кард Миралӣ.

Онҳо аспҳояшонро маҳмеззанон сари ёли ағба баромаданд ва диданд, ки як даста савора чанги роҳро бароварда, ба дара фуромада рафтанд.

Дар косагии калони чашмасор як асои шикастаро ба замини бӯз халонида, куртаи хунолуди Исломро дар сари он овехта буданд.

Неъмату Баҳром як-якуним соат пештар аз баргаштани Миралию ҳамроҳонаш ба Ҳамакон расиданд ва Неъмат дар идораи ревком нишаста дам ба дам бо телефон гап мезад ва доим як ибораро такрор мекард:

– Ҳоло ҳеҷ хабар нест.

Хабарро ба Ҳамакон Миралию ёронаш оварданд. Онҳо хомӯшона хабар оварданд, зеро сухани лоиқе надоштанд, ки бо овози баланд гӯянд. Онҳо на рӯи гарми Исломро дида тавонистанд ва на ҷасадашро ёфта.

Мотам ҳам пас аз баргаштани Миралӣ, Саъдулло ва Шомансур сар шуд. То омадани онҳо низ дар хонаи Холиқ зану дутаронаш паст-паст нолида рӯканиву ашкрезиҳо мекарданд, вале баробари аз боғот намоён шудани онҳо фиғони Нозира ба осмонҳо печид.

Миралӣ, Саъдулло ва Шомансур дар боғот аз аспҳо фуромада, сари аспҳоро хам дошта худҳошон ҳам сарҳоро хам гирифта, ба кӯча даромаданд ва хомӯшона рост рафта ба ҳавлии Холиқ даромаданд ва мардум аз ваҷоҳати онҳо – аз рӯйҳои хунпарида, биниҳои теғкашида ва лабҳои хушки сахт ба ҳам фушурда фаҳмиданд, ки чӣ ҳодиса рӯй додааст.

Ба фиғони Нозира, ки дар рӯи ҳавлӣ бо миёни бастаю мӯи парешон даврзанон мушт ба сина мезад, аввал занҳои ҳамсоя, баъд занҳои деҳа, баъд мардҳо ва оқибат паи ҳам хурду калон ба ҳавлии Холиқ омадан гирифтанд. Занҳо бо занҳо гардан гирифта мегиристанд, мардҳо бо мардҳо.

Хоҷар гоҳ гардани Нозира ва гоҳ гардани Шарифаю Азизаро гирифта худашу феъли бадашро дашномборон карда, аз ҳама баландтар фиғон мекашид ва аз ҳама бештар оби дида мерехт.

Оби чашми Баҳром, ки дар айвон рост меистод, бесадо фурӯ мерехт ва ба ҷои «Вой алам, вой аком» гуфтан фақат

фиқ-фиқ бинӣ мекашид. Кадоме аз китфаш гирифта ба хона, ба ҳамон хонае даровард, ки падараш мехобид.

– Ин ҷо шин, писарам, – Холиқ бо дасту чашм ба паҳлӯяш ишора кард.

Баҳром нишаст ва падараш даст ба китфи ӯ монд:

– Корҳои худо, писарам, дилатро бақувват гир, умри Ислом вафо накард.

Ҳамон рӯз, шаб ва рӯзи дигар хонаҳо, рӯи ҳавлӣ ва кӯча пури одам буд, ҳама серҳаракату серташвиш буданд.

Оби муқаррариро, ки одатан занҳо аз чашмаву дарё бо кӯзаву сатилҳо дар сар меоварданд, бо девкӯзаҳо дар харҳо мекашониданд. Ба харҳои пуштлуч гандум бор карда мебурданду аз осиё орд меоварданд. Ҷавонмардҳо хару ресмону табар ҷамъ оварда ба дара мерафтанд, ки ҳезум биёранд. Қассоб гов мекушт. Дар танӯри худашон ва танӯри ҳамсоя беист алов мекарданд ва занҳо рост истода нон мечаспониданду нон мекананд. Дар миёнаҷои ҳавлӣ гулхани калоне афрӯхта буданд ва дар гирди гулхан офтобаҳои қатори пуроб меистод.

Аз вилоят намояндаҳо омаданд ва ҳамроҳи фаъолони тумани Ҳамакон бо роҳкашии Мирвалӣ ба сандалихона даромада ба Холиқ ки он ҷо дар бистар мехобид, таъзия баён карданд ва дилбардорӣ доданд.

– Мо як бор не, сад бор қасоси Исломро мегирем, – гуфтаанд.

Баъди аз хона баромада рафтани намояндаҳо Мирвалӣ бо ташаббуси худаш, вале ба муроди дили намояндаҳо паҳлуи Холиқ нишаста гуфт:

– Ислом сарбози ҳаёти нав буд ва мотами ӯ бояд ба тарзи нав гузаронида шавад.

Вай дар сари болини Холиқ нишаста қариб ним соат гап зад. Гуфт ки шумо медонед, Ислом аъзои фирқа буд, ходими давлатӣ буд ва ӯро чун эшон бо қоидаҳои динӣ дафн кардан мумкин нест, чунки ба мардум таъсири бад мерасонад. Вай гуфту гуфт ва Холиқ гӯш карду гӯш кард, вале чизе нафаҳмид ва бинобар он ҷавобе ҳам надод, ба шифт нигоҳ карда хомӯш истод.

Мирвалӣ оқибат дар дил «аз ин пиракии майнааш хушкида чӣ мегирӣ?!» гуфту ба ҷустуҷӯи Неъмат афтод. Неъматро дар роҳи магазин ёфт ва ин мақсадро гуфт. Неъмат бо тамоми масъулият зарурат ва оқибати ин супоришро фаҳмид,

ҳатто ҳис кард ва ба хаёл рафта сахт ҳайрон монд: дуруст ба тариқи нав мотам гирифтан даркор, аммо чӣ хел? Кадом аст он тарзи нав? Ва ҳарчанд майна об кард, ягон тарзи наве ба хаёлаш нарасид, ки ба мардум пешниҳод кунад. Вай аз пешниҳод кардани тарзи нави мотам наметарсид, ҳарчанд, ки хавфҳо дошт, вале намедонист, ки чиро пешниҳод кунад. Ягона коре ки аз дасташ меомад, митинг буд ва ӯ одамонро ғун оварда, дар саҳни идораи ревком митинг гузаронид.

Давоми кор ба раводиди халқ монд ва халқ он расму одатеро кард ки медонист.

Ба видои ғоибонаи Ислом аз дуру наздик одами бисёре омад. Чунон одам бисёр буд, ки ҷанозахонҳо дар хирманҷо нағунҷиданд.

Холиқ маҷоли рост истодан надошт. Вай дар ёна рӯи алафҳои хушк паҳлу зада ба омадану рафтани мардум нигоҳи хирае афканда роғ мерафт. Баҳром ба ҳар эҳтимол дар паҳлӯи ӯ менишаст.

Одамон тобути холиро даст ба даст бурданд. Мувофиқи анъана тунду тез набурданд, қариб давон-давон набурданд, балки оҳиста-оҳиставу солорона бурданд. Миралӣ баъди ҷаноза омада пеши Холиқ нишаст ва оҳе кашида ӯро таскин дод.

– Ислом мартабаи баланд ёфт, - гуфт бо даст мавҷи одамиро нишон дода ва зуд хесту давон-давон рафт, ки пояи тобутро бардорад.

Холиқ ҷавоб надод – вай нигоҳ мекарду намедид, вай гӯш мекарду намешунид.

Баъди нӯҳ рӯз худашро ҳам ба асп, ба ҳамон аспи чӯбин савор карда бардошта бурданд.

## IX

Кайҳо боз ба Ҳамакон нарафтааст Баҳром. Дар ҳамин даҳ-дувоздаҳ соли охир се ё чор бор рафт ва он ҳам ба ягон муносибату боя гон зарурат. Рафту зуд баргашт. Раҳгузар барин. Бори охир ба шарофати маҷлиси солонаи Рӯдакӣ рафта буд. Балки не, бори охирин ҳамроҳи Академик рафта буд.

Академик аз сафари Ҳиндустон баргашт. Баъди баргаштан вай як рӯзи истироҳат ба хонаи Баҳром омад, вале ба хона надаромад.

– Биё, камтар дар кӯчаҳо гардем, - гуфт.

Онҳо бо роҳи калони шаҳр, ба кӯчаи Ленин баромаданд ва аз назди театри ба номи Лоҳутӣ то вокзали роҳи оҳан пиёда рафтанд. Аввал то ба кӯчаи калон баромадан, Академик аз таассуроти сафараш, аз зебу ҳашами қасрҳои бемислу монанд, ки фақат диданаш ақли касро медуздад, аз шароити меҳмонсароҳои навбунёд, ки Боғи Ирами ривоятҳои қадимро ба ёд меорад, аз кӯчаҳои васеву танг, ки мошину хароба паҳлу ба паҳлу мегарданд, аз қисмати бехонумонҳое, ки дар кӯчаҳо зиндагӣ мекунанд, баъзе лавҳаҳо нақл кард ва дар байни сухан якбора мавзӯъро дигар кард.

– Медонӣ, душманони синфии мо ҳанӯз ҳам тамоман несту нобуд нашудаанд, – гуфт вай. – Онҳо дар кадом як гӯшаҳои дунё ҳанӯз ҳам лонаҳо доранд ва бо ҳамонҳое хизмат мекунанд, ки ба онҳо лона доданд.

Академик пушти лабашро хорида-хорида, заҳрханда кард:

– Як шаб дар меҳмонхона нишаста будам, ки касе бо забони фасеҳи тоҷикӣ, «салому алайкум», гӯён аз дари ҳуҷраам даромад. Ман дар лаҳзаҳои аввал хурсанд шудам, ки ҳамдиёре пайдо кардам, вале баъди чанд дақиқа фаҳмидам, ки вай бо нияти нек назди ман наомадааст. Медонӣ, вай аз чӣ гап сар кард? Ист не, бист не, гуфт, ки «шумоён худфиребӣ карда гаштаетон. Даъво мекунед, ки маданият доред, адабиёт доред, санъат доред, дар асл агар дурусттар мулоҳиза кунем, шумо бо маданияти қадимаатон ҳеҷ алоқа надоред, чунки марказҳои маданиятатон, шаҳрҳоятон ба ихтиёри худатон нест, чунки шумоён алифборо дигар кардед ва бо ҳамин аз илму маърифати аҷдодон ҷудо шудаед».

Академик боз пушти лабашро хорида-хорида табассум кард, вале ин дафъа табассумаш заҳр надошт – кушодтару фарохтар буд.

– Ман ба вай майда карда фаҳмондам, ки – суханашро давом дод ӯ, - Мо аз шаҳрҳои қадимамон ҳеҷ гоҳ ҷудо нашудаем ва он шаҳрҳо, баракс акнун бо деҳот робитаи наздиктар доранд. Алифбо бошад барои он дигар шуд, ки халқ тезтар хондану навиштанро ёд гирад. Имрӯз нашриёти мо он қадар қуввате дорад, ки осори классиконамонро бо ҳуруфоти нав чоп мекунад ва одамоне ки асарҳои он классиконро мехонанд садҳо бор зиёдтар шудаанд.

– Табиати одамӣ чунин аст, ки рӯирост эроде расонанд, хуш қабул намекунад, ҳарчанд ки он эрод дуруст аст, – гуфт

Баҳром. – Баъд дар хориҷа, хоса дар ҳузури одаме, ки нисбати мо душмани дорад, кас паст омадан намехоҳад, баракс мехоҳад ки он одамро мулзам кунад ва ҳамеша дар чунин мавридҳо далелу бурҳон ёфт мешавад. Худи ман ҳам чунин айбе дорам ва ҳолати шуморо дар он маврид хуб эҳсос мекунам. Вале зарбулмасале ҳаст: гапи ростро за душман шунав.

– Ростие дар даъвои ӯ мебинед?

– Дурӯғе намебинам дар даъвои ӯ. Ман медонам ки ҳақиқат талх аст, вале чи илоҷ ки аз ҳақиқат ҷои гурез нест. Дар ҳақиқат мо берешаем, решаамонро буриданд. Бо табари кунд буриданд. Ва мисоли равшан ин аст, ки шастсолагиамонро ҷашн мегирем.

Академик хомӯш монд. Кайфаш парид. Баҳром дар ин мавзӯъ гапи гуфтании бисёре дошт, вале ваҷоҳати ӯро дида давоми суханашро, чун як луқмаи нофорам, фурӯ бурд. Ва онҳо чанд дақиқа бо сари хам, ҳар кадоме банди фикри худ қадам заданд.

– Алҳол мо бояд ба ҳамин чизе ки дорем, шукр бикунем, - гуфт оқибат Академик. – Бояд ки шукр бикунем ва ғами ояндаро бихурем.

– Ба чияш шукр гӯем? – савол дод Баҳром.

– Лоақл ба ҳаминаш шукр гӯем, ки тамоман пантуркист нашудем. Охир, намоёнтарин зиёиҳоямон пантурист шуданд, мавҷудияти ҳалқи тоҷикро ғирт мункир шуданд Худашон тоҷик буданд, вале аз тоҷик буданашон мункир шуданд!

– Давраи торик ҳамин давраи таърихамон, – гуфт Баҳром.

Онҳо аз тангкӯча ба роҳи калони шаҳр, ба кӯчаи ба номи Ленин баромаданд. Ба назар чунин менамуд, ки дар кӯча аз одам мошин бештар аст; тороллейбусҳои дарози хушранг, автобусҳои дарози зард, мошинҳои «Волга»-ю «Жугули» роҳро пур карда, шувосзанон ба ду самт гузашта мерафтанд. Одамон дар истгоҳҳо ба мошинҳо савор мешуданд ва ё мефуромаданд, вале дар роҳи пиёдагард одам кам ба назар мерасид.

Академику Баҳром ба роҳи пиёдагард тарафи вокзали роҳи оҳан раҳсипор шуданд. Оҳиста-оҳиста, ботамкин қадам зада мерафтанд ва дар байни давоми сӯҳбаташон, ки аз ахлоқ то сиёсати байналхалқиро фаро мегирифт, ба ободии кӯчаҳову иморату гулгашту фавораҳои ду тарафи роҳ нигоҳ карда, айёми гузаштаро ёд меоварданд:

«Ёдат ҳаст, дар он ҷо ду чойхонаи пастак буд. Дарунаш пури дуд буд ва чанд кату палосҳои чиркин дошт. Ҳо, ана

дар он ҷо як чанор буд ва дар атрофии он хар мебастанд. Акнун бин, иморатҳои озода, равшан, панҷ-шаш ошёна, гулгашт, фавора…»

«Сурати чойхонаи «Роҳат»-ро сайёҳон ҳамчун ёдгорӣ ба мамлакатҳояшон мебаранд».

«Роҳро гӯй, роҳро. Ароба гузашта наметавонист, Ҳоло шаш қатор мошин мегардад ва поят гард намегирад».

«Ҳо дар он ҷо як иморати дарози сароймонанд буд, рӯзҳои борон аз найҳои бомаш шилдир-шилдир об мерехт. Дар он бино аппарати комиссариати ҳарбӣ меистод».

«Ҳа, касе ки онро надидааст, бовар намекунад. Худи ман ҳам ба ин бинои мӯҳташам, ба ин фавораҳо ба ин майдони гулпӯш нигоҳ карда боварам намеояд, ки як вақтҳо дар ин ҷоҳо чанд кулбаи фақиронае буд».

«Дар хотир дорӣ, аэропорти шаҳр дар ҳамин ҷо буд ва ба назар чунин менамуд, ки роҳаш бисёр дур аст. Акнун ин ҷо маркази шаҳр.»

Онҳо ҳамин тавр таърихи шаҳрро варақзанон то ба вокзали роҳи оҳан рафтанд ҳамчунон варақзанон баргашта, то майдони ба номи Ленин расиданд ва он таърих – таърихи аз деҳаи кулбаҳояш похсаву хас ба шаҳри азим табдил ёфтани ин макон дар чашму сари онҳо зинда шуд. Чашмонашон, сарашон, аз он табаддулот пур шуд, худро ҷавон ҳис карданд ва бехабар аз худ қадаммониашон бақуваттару бақувваттар мешуд – онҳо сад соли дигар роҳ гарданд ҳам монда намешавад, афтода намешаванд, қувваи дилу қуввати пояшон кифоя мекунад.

– Ҳа, шаҳри обод шудааст, – гуфт Баҳром. – Шаҳри азим шудааст. Вале ин Шаҳр то Бухоро ё Самарқанд мешавад, чанд умр даркор. Ба ҳар ҳол ману шумо намебинем.

Вақте ки онҳо ҷудо шуда ба хонаҳои худ рафтанӣ буданд, Академик якбора аз тақдири китобҳои қадима ва зарурати ҳифзу ҷамъоварди он китобҳо гап зад.

– Китоб ҳам мисли одам, – гуфт ӯ. – Якеро қисмати нек насиб гардад, дигаре ба ҳукми маврид номгуму сияҳрӯз мешавад. Вале китоб аз муаллифаш як имтиёз дорад – умраш дароз аст ва як рӯз не як рӯз хонандаву ношир меёбад ва ҳамчун хишти афтодаи мақбараи Исмоили Сомонӣ бо дасти устои накӯкоре дар ҷои худаш гузошта мешавад.

– Вақтҳое ки ман дар ҳабсхонаи Самарқанд будам ва ба допрос ҷеғ мезаданд печкаи идораи ГПУ-ро бо китоб гарм мекарданд – гуфт Баҳром. – Китоб ҳезум буд.

Академик суханашро давом дод ва Баҳром ба овози форами ӯ гӯш дода, хаёлан ганҷинаи дастахатҳоро пеши назар меовард, ки умри дубораи чанд бузурги адабиёт ва умри абад ёфтани садҳо ҷилд китоб натиҷаи саъю кӯшиши ана ҳамин одами дағаландом ва дилаш нозук аст. Ҳамин одаме ки дар назар лаванд менамояд, вале сар то сари мулки тоҷикнишинро қадам ба қадам гаштааст, пиёдаву савора гаштааст. Вай гоҳ пиёдаву гоҳ савора, хӯрҷин ба китфу ҷомадон ба даст, деҳа, ба деҳа, шаҳр ба шаҳр гашт. Одамони китобхону китобдорро суроғкунон ба дару дарвозаҳо рафт. Бедаъват рафт бедаъват ба хонаҳо даромад, бо нишони онҳо ба хафолҳои накушода, ба ғори кӯҳҳо сар халонид, деворҳои андовакардаи токчаҳоро кушод, ҳикоятҳои ба ҳавзу дарёҳо афкандани китобҳоро шунид ва баёзу китобу куллиётҳои қариб ба нестӣ расидаи тамоми асру замонҳоро ки дастрас буд, ҷамъ овард. Ҷамъ оварду ҷамъ овард ва боз чӣ қадарҳо вақту қуват лозим аст, ки ҳамаи он дастрас шаванду ба як ганҷина ҷамъ ояд. Ва ба ҳоли ӯ раҳми Баҳром омад, дилаш ба аҳволи ӯ сӯхт: чӣ азобе дорад дар дил! Кореро тавонию ба муроди дил карда натавонӣ, чӣ рӯзи сахтест?! Ҳам аз роҳи ҳақ набарой ва ҳам гиребонатро аз дасти Қӯзиевҳо ки идораҳоро пур карда нишастаанд, халос кунӣ, осон аст магар?

– Мо як экспедисия ташкил кардем, – гуфт Академик дар поении суханаш. – Ба шаҳру деҳот баромада, китобҳои қадимаро ёфта, харида мегирем. Ту ҳамроҳи мо меравӣ. Рӯзи ҷумъа ба роҳ мебароем.

Даъвати ба ҷустуҷӯи китобҳои қадим баромадан хотироти гузашта ва пайваста ба он ёди китобхонаи Бобокалонро зинда кард:

– Дар Самарқанд Бобокалон ном як одам буд, ки китобхонаи калоне дошт. Соли рӯихат кардани аҳолӣ ман хонааш рафта будам. Як одами соҳибэътиборе, соҳибкитобу соҳибзавқ барин намуд ба назарам ва ҳамин одам аз ман илтимос кард, ки миллаташро ӯзбак нависам. О, шумо тоҷик, чаро ман ӯзбак нависам, гуфтам. Гуфт ки тоҷик нависед, маро аз шаҳр пеш мекунанд, баромада рав ба кӯҳистонат мегӯянд, ҳамин хел қоида маъмул шудааст. Монед, бе дарди сар гардем, ӯзбак нависеду монед. Аҷаб одам буд. Ҳоло кӣ медонад, ки он китобҳо дар куҷост?

Сипас, Баҳром ҳакоят кард, ки Бобокалон байни мардум эътиборе дошт, Нуруллоро солҳои фирорӣ буданаш «аҳли

мадраса» гӯён дар ҳавлиаш сарпаноҳ дода будааст. Ислом ҳам ба хонааш рафтуомад доштааст, чунки ваю Нурулло дӯст буданд. Худи Баҳром баъди ҳамон воқиаи рӯихатгирӣ Бобокалонро чанд бор дар кӯчаҳо дид, вале ҳамсӯҳбат шуда натавонист. Ният дошт, ки вақт ёфта ба хонааш меравад, аз бобби миллату китобҳо сӯҳбат мекунад, вале ба умеди фардою, пасфардо рафта натавонист. Зеро ки он вақтҳо ниҳоят серкор буд. Барои он серкор буд, ки ҳам кори редаксияро мекард, ҳам бо супориш китобҳои дарсӣ барои мактабҳои ибтидоӣ ва мактабҳои маҳви бесаводӣ менавишт, ҳам барои нашриёт тарҷумонӣ мекард ва ҳам барои шеър навиштани худаш вақт даркор буд. Барои он шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта аз кор сар намебардошт ва ба худ аҳд карда буд: вай бояд бори ду кас, бори ду фидоии роҳи озодӣ, бори ду сарбозеро, ки аз ҳама муқаддасоти олам, фақат «наҷоти фаълаву деҳқонро мепарастанд», бори Ислом ва худашро ба дӯш бардошта ба манзили мақсад расонад. Ин роҳ душвор аст, ин бор вазнин аст, вале ӯ бояд ин роҳи душворро осон ва ин бори вазнинро сабук гардонад, ба хотири хуни Ислом, ба хотири он ҳама нуру зиёе, ки Ҳокимияти Советҳо ба халқ ва ба ӯ дод, ба хотири он ҳама хунҳое, ки рехтанд, ба хотири он ҳама орзуҳое, ки дар ояндаи назик ба амал мепайванданд.

Ва Баҳром бо ҳамин роҳ мерафт, қаламашро шамшер карда мерафт, душманони ошкору ниҳонро маҳкуму фош карда мерафт, комёбиҳои ранҷбаронро васфкунон мерафт, кори мактабу муаллимро осонкунон мерафт, шабу рӯз нагуфта мерафт, бо майли хоҳишу муроди дил мерафт ва шоду масрур мерафт, ки хайрият сӣ-чиҳил сол пештар таваллуд нашудааст. Зеро он вақт қисмате медошт ба мисли Одина ё Дохунда: қарздор мешуд, ятими дари нокасе мешуд, барои нони ишкам гурбати ғарибӣ мекашид, ҳазор фалокат меомад ба сараш. Чунин фикр мекард вай дар оғози роҳ ва ин роҳ, худи Мансур медонад, ки Баҳромро сӯи манзили мурод набурд, аз пеш ҷари жарфе баромад ва ӯро аз ин ҷар таг партофтанд. Хору залил карданд. Хайр ин мавзӯи дигар. Баҳром аз куҷо медонист, ки чунин мешавад. Вай бо шавқ дар давоми кори редаксия кор ёд мегирифт ва ба сар бардоштан вақти холӣ намеёфт, дар айни замон орзуи дидани китобхонаи Бобокалон ҳам ягон лаҳза аз сараш дур намешуд: «як фурсат ёфта меравам!» Вақте ки фурсати рафтан ёфт, он ҳавлиро ки дарвозахонаву ҳавлии даруну беруни чӯбкорӣ дошт, холӣ дид.

– Дигар надидед ӯро? – пурсид Академик.

– Не, надидам.

Ду рӯз пас онҳо ба сафар баромаданд ва дар охири сафар, дар рӯзи бисту якуми шаҳр ба шаҳру деҳа ба деҳа гаштанашон тасодуфе рӯй дод, ки онҳоро бо Ҳамакон бурд.

Академику Баҳром сараввал ба вилояти Бухоро рафтанд. Рафтанду дар ба дар гашта китоб суроғ карданд, китоб ёфтанд, китоб хариданд. Баъд аз Бухоро ба вилояти Самарқанд гузаштанд, дар ин ҷо ҳавлӣ ба ҳавлӣ гашта китоб кофтанду китоб ёфтанду китоб хариданд ва аз забони пири китобдоре фаҳмиданд, ки дар деҳаи дурдасте Бобокалон ном одаме ҳаст, як одами хеле пир умраш аз сад ҳам гузаштагӣ ва ӯ ҳуҷрае дорад, ки сохташ мақбараи Исмоили Сомониро пеши назар меоварад ва он ҳуҷра китобхонаи ӯст ва он китобхона тартиби китобхонаи «Саввон-ул-ҳикмат»-ро дорад.

Баробари шунидани ин хабар пеши назари Баҳром симои Бобокалон пайдо шуд. «Бобокалон, агар ҳамон Бобокалон бошад, ин мӯъҷиза, - гуфт Баҳром ба Академик. – Ман сифати китобхонаи ӯро гуфта будам ба шумо. Аклам намерасад, лекин ҳамон одам бошад, ин як мӯъҷиза, як инояти ғайбист». Ва онҳо ба ҳамон деҳаи дур рафтанд. Харсавор рафтанд. Дар фарозҳояш нафасгардон шуда, дар сари ҳар каҷии роҳ дам гирифтаву нафас рост карда, аз роҳи борики ҷару шах бо душворӣ, бо тарсу ваҳм гузашта рафтанд. Рафтанду бе ҳеҷ душворӣ хонаи Бобокалонро ёфтанд. Ӯро дар ин деҳа ҳама – аз яксола то садсола мешинохтанд. Бобокалон онҳоро дар китобхонааш, дар ҳамон ҳуҷрае ки нусхаи хурдакаки мақбараи Исмоил Сомонист, қабул кард.

– Хуш омаданд, меҳмонон, сафо оварданд, – гуфт Бобокалон. – Аз куҷо пурсем?

Ва Баҳром ӯро ҳам нашинохту ҳам шинохт. Вай ҳам он Бобокалон буд ва ҳам он Бобокалон набуд. Каду баст, тарҳи рӯяш ва овозаш шабоҳате дошт ба он Бобокалоне, ки Баҳром дидааст ва дар айни замон аз қаду басту чашму рӯи ин Бобокалон як нур меборид, дилро равшан мекард ва он Бобокалон чунин нуронӣ набуд. Ва Баҳром ин гапро ба Академик гуфт ва Академик ҷавоб дод, ки мардуми мо дар ду маврид нуронӣ мешаванд – дар кӯдакӣ ва дар пирӣ, боқии умрашон дар азоб мегузарад.

– Ин кас аз Душанбе, Мансур Умрӣ, Академик, ман ҳамсоя аз Ҳамакон, - муаррифӣ кард Баҳром. – овозаи шумову китобхонаатонро шунида, ба зиёрат омадем.

– Хуб кардед ки омадед, – гуфт Бобокалон. – Нағз кардед ки омадед. Ин китобҳо аз баҳр қатра. Баҳрро сӯзонданд, хокистар карданд.

– Ҳамин қатра ҳам имрӯз дар назари мо баҳр, – гуфт Академик.

– Хуш омадетон, – гуфт Бобокалон ва риши сапсафеди калонашро қабза кардан гирифт. – Ман якчанд китоб дорам ана ҳаминҳо, – ҷевонҳои бари деворро нишон дод. – Лекин ин китобҳо ба шумоён даркор не, ҳамааш таъриху баёзҳои кӯҳна… Шумо аз Ҳамакон бошед, писари кӣ мешавед?

– Писари Холиқ.

– Дар Ҳамакон се-чор Холиқ буд писари кадомашон?

– Писари Холиқи Соф.

– Ҳа, додари Ислом мешавам, гӯед. Ман дар ҷанозаи Ислом рафта будам. Аз вай ягон кас мондааст?

– Не, фарзанд надорад.

Бобокалон шаб онҳоро бо гӯшти оҳу зиёфат кард. Дар бистарҳои нарм хобонид. Рӯзи дигар Академик аз дур даромад карда ба сари матлаб омад.

– Мо китобхонаи дастнависҳо кушодем, – гуфт ӯ. – Китобҳои кӯҳнаро ҷамъ карда гаштаем, мехарем. Ба назди шумо ҳам бо ҳамин ният омадем.

– Китобҳои кӯҳнаро ҷамъ кунед, кори хайр мекунед,–гуфт Бобокалон.

– Ин кори хайр бобаракат мешавад, агар шумо ёри расонед, – хандид Академик.

– Сарвати ман ҳамин, ман бо ҳамин китобҳо зинда, - узр пеш овард Бобокалон.

– Ин китбоҳо дар китобхонаи шаҳр бошанд, ба тартиб медароянд,– гуфт Академик. – Олимон мехонанд, аз рӯи инҳо кори илмӣ мекунанд, ба халқ дастрас мешавад фоида мерасонад.

– Шумо аз ман хафа нашавед, ман китоби мефурӯхтагӣ надорам – гуфт Бобокалон. – Наберахо чанд бор аспу ароба карда омаданд, ба онҳо ҳам надодам… Ёри ман ҳамин китобҳо, бе инҳо маро ҳарос пахш мекунад.

Ва Бобокалон гуфт, ки меросхӯрӣ бисёре дорад – аз фарзанд то набераву абераву чабера қариб навад кас, ки дар ҳар куҷо зиндагӣ мекунанд. Тухми одам парешон – баъзеяш дар Самарқанд баъзеяш дар Бухорою Тошканд баъзеяш дар Душанбею Ҳисор. Як рӯз кадоме аз набераҳо ҳисоб кардааст,

ки аз навад каси авлоди мо дар рӯйхати ҳукумат даҳ-понздаҳ нафараш тоҷик гузаштаасту дигаронашон ӯзбак. Лекин ҳамаашон тоҷикиро медонанд.

– Ҳамаашон дар хона тоҷикӣ гап мезананд, – гуфт Академик, - вале дар идора ӯзбекӣ. Ман бисёр дидам ҳамин хел одамҳоро. Ва ҳамеша ҳайрон мешавам, ки одамро ба ин дараҷаҳо расондан мумкин будааст, вале бо кадом роҳҳо ба ин дараҷа расонидаанд, амиқ сарфаҳм рафта наметавонам.

– Бо зӯрӣ, – гуфт Бобокалон. – Дар вақташ ман маҷбур шудам, ки худамро ӯзбак нависам.

– Ҳамон одаме, шуморо дар рӯихат ӯзбак навишт, ман будам, – гуфт Баҳром. – Худатон илтимос кардед.

– Наход?! – ҳайрон мон Бобокалон. – Тақдирро бинед-а? Боз дидор дидем. Як ҷавони навхат будед, пир шудаед.

Дар ҳамон сафар роҳи гузар, як шаб аз рафтану як шаби дигар аз баргаштан, онҳо дар Ҳамакон хоб карданд, меҳмони ҳамакониҳо шуданд ва ҳамон вақт Баҳром дид, ки намуди зоҳирии Ҳамакон дигар шудааст, вале ботинан ҳамон аст, ки ҳамон, Феълу хӯи мардум дигар нашудааст, сират беҳбудие надорад. Мисоли равшанаш Миралию Мирвалӣ. Рафтору кирдорашон на беҳтар шудааст ва на бадтар. Мадду ҷазрҳои зиндагӣ ба онҳо мутлақо нақше нагузоштааст, аз болои сарашон, аз ҳаво гузашта рафтааст гӯем, аз рӯи ҳақиқат нест, албатта. Ин чархи гардон пойҳои худро бефарқу бепарво гузоштан мегирад, ҳатто ба Миралию Мирвалӣ ҳам. Вале он таъсирҳо аз қабили либосу палос, хонаву дар ва келину домоду набераҳо ҳамагӣ тағироти моддӣ ва зоҳирӣ. Дар он чизе ки сиришти одамро муайян мекунад, дар табиати одамон Баҳром табаддулоти ҷиддӣ надид. Шояд барои ҳамин, ба сабаби дерзӣ ва камтағйирин рӯҳи инсон бошад, ки шодию ғами одамони асри даҳ дар асри бист ҳам ба мо наздик ва фаҳмост?

Ҳузнангез буд ин хулоса ва Баҳром, ки одатан ба ҳикоят кардани саргузашти худ ҳавасе надошт, шояд бо таъсири ҳамин ҳузн бошад, ки умедҳо аз доираи умед берун набаромад, шабона дар сари дастархони пурнеъмати Саъдулло нишаста мотами Ислому падарашро қисса кард. Қисса кард, ки пасу пеш аз хонаашон ду тобут бароварданд ва Баҳром чил рӯз дер монда ба дорулмуаллим баргашт ва таассуроти равшане, ки дар хотираш боқӣ монд, тартиботи мотамдорӣ буд, ки рӯҳашро таъзиқ медод ва гӯё дар он маъракаҳо нисбат ба

сидқият худнамоиро бештар дид. Эҳсоси ботиниаш бешак амиқтару мураккабтар буд, вале ӯ барои фаҳму ифодаи ҳолу дилаш он вақтҳо кӯшише накард ва барои ин кор шавқ ҳам надошт. Ҳисро умуман пурра ифода карда намешавад ва барои ҳамин ҳам онро ҳис гуфтаанд. Ҳис ба монанди санъат ва мусиқист – ҳарчанд шарҳ диҳӣ, боз ноқистар аз нусхаву оҳанги асл аст.

Баъд маъракаи мотам аз ҷумлаи таассуроте нест, ки кас дар рӯзҳои хуш ба хотир оварад. Лекин корҳои ҷаҳон яксон намеистад ва зиндагӣ танҳо аз хушиҳо иборат нест, мавридҳои дигар ҳам дорад. Маврид бошад ҳиссиётро тағир медиҳад, ба маврид нигоҳ карда эҳсос нисбат ба ягон ҷиҳати ҳаёт гиро ва ба тарафи дигараш бепарво мешавад, чунки дар рӯзҳои нек хушиҳои ҳаёт пеш мебарояд, дар рӯзҳои бад нохушиҳояш. Монанди он ки стадион равед, гӯё ҳама одамон дӯстдори спортанд. Гузоратон ба касалхона афтад, чунин менамояд, ки ҳама касал.

Дертар Баҳром ба вазъияте гирифтор шуд, ки рӯзҳои талхи ҳаёташро бо ҳавасу ҳасад ёд мекард. Ба сараш рӯзи сахте омад ва бо худ гуфт, ки «рӯзи бад аз ин батар набошад». Вале маълум шуд, ки бадтараш ҳам мешудааст, ба масал қиссаи «Каллаи хушк» барин, Каллаи хушке дар рӯй-рӯи об мерафт ва мувофиқи ҳол мегуфт, ки «рӯзи кас аз ин бадтар мешавад?!» Тифоқо ҳамин лаҳза ба харсанге зада пош хурд ва гуфт: «батараш ҳам будааст».

Ҳамин аҳвол ба сари Баҳром низ омад. Вақте ки маҳбус карданд, гумон дошт, ки рӯзи бад аз ин батар набудагист. Вақте ки ба ҷои бадарға бурданд ва дар он ҷо харак инвентар ҳисоб мешуду одам ҳеҷ чиз не, ба худ гуфт, ки тақдири бад аз ин батар нест. Ва дар ҳамон ҷои дур, дар ҳамон шароити нобоб ва обу ҳавои номувофиқ касал шуд. Нафаси сарди ҳаво аз ҷавшани ҷон мегузашт. Дар ҳамин хел ҳаво, ки нафас дар даҳон ях мебаст рӯзе чорсад грамм нон медоданд ва кор мефармуданд, ки «чаҳор кубаметр чӯб бурида, сарчин карда мон!» Баҳром ҷисман одами он қадар чурук набуд, вале дере нагузашта аз дасту по монд, - иштиҳояш тамоман гирифт, чашмонаш хира шуду дасту пояш ларзонак ва фикри шуме ки «мемирам» як лаҳза аз сараш дур намерафт ва бо алам фикр мекард, ки агар дар ин ғарибиҳо бимирад, дар сари тобуташ кӣ мотам мегирад? Ана ҳамон вақт ба тарзи мотамдорие, ки дар азои падару акош дида буд, ҳавасаш рафт, ҳатто ҳасад бурд;

ҳамон вақт фаҳмид, ки собиқ насиҳатҳояш ба ҳамсолон дар гармогармии он воқиаҳо ҳавои даҳони як нафар ҷавони рӯзгорнодида ва аз ҳад зиёд саросема будааст; он вақт вай дар ҳақиқат мотам гирифта буд, ба ногаҳон канда шудани риштаи ҳаёти Ислом ҷигараш об шуд, дар ғами марги падар об аз гулӯяш намегузашт, вале дар айни замон, дар таки дил шаккокона фикр мекард, ки барои ғами худро изҳор кардан, бо фиғон навҳа кашидан ҳеҷ шарт нест; либосҳои раҳматиро рӯи хона паҳн карда, овозандозӣ кардан зарурат надорад; гардани якдигарро гирифта гиристан, нишонаи паст будани маданият аст, зеро ки онҳо гиряндаҳо, аз дарду алами фавтидани раҳматӣ не балки ба фироқӣ аҷдоду авлоди бемаҳал рафтаи худ месӯзанду мегирянд. Вале ҳангоми ки ваҳми дар ғарибиҳо мурдан ба дилаш даромад, ширинтарин орзуяш он буд, ки дар сари тобуташ як каси дилсӯзе бошаду бо фиғон навҳагарӣ кунад; касе бошад, ки либосҳояшро рӯи хона паҳн партофта бо эҳтиёт рӯи даст бардошта бӯяду бӯсаду ба дида молад, дар куртаву салла, дар корду банд соҳиби онро зинда бинаду овоз андозад; шиносоне бошанд, ки гардани якдигарро гирифта гирянд, хешони номуроди худро ёд оварда гирянд, ба доғи фарзанду пайвандҳои худ бигирянд.

Дар он рӯзҳое ки фикри «мемирам» як дам аз сараш дур намерафт, ҳаваси он маъракаҳои мотамро мекард ва аз тасаввури он ки дар бекасиҳо бимирад, кӣ куртаи сиёҳ хоҳад пӯшид, кӣ либосашро бӯ хоҳад кард, дилаш таҳ кашида ба пушташ рафта мечаспид; чунки одам дар ватани худ фавтад, мурдааш ҳам обрӯе дорад! Чунки одам ғамшарик набошад, дар ғами дигаре намегиряд; барои ҳамин одамони Ҳамакон маврид мувофиқ афтад, ғаму кулфати худро ёд меоранд, ҳатто эҳтимолиашро мадди назар медоранд ва ба мотами каси дигаре навҳагарӣ мекунанд; барои ҳамааш якҷояву якбора мегирянд онҳо. Дар ин ҷо уро кӣ медонад? Кӣ се сари субҳ пай дар пай сари қабраш меравад ва баргашта болои бом баромада «аком-е во алами аком-е-е!» гӯён бо тамоми овоз фарёд мекашад, то ҳама донанд, ки Баҳром бекас ва беқадр набудааст.

Ҳа, он вақт эҳтироми раҳматиҳоро хуб пос доштанд; фақат оилаи худашон не, ҳамаи деҳа поси хотирашонро нигоҳ дошт; дере нагузашта дар ҳаққи Ислом марсияву таронаҳо гуфтанд ва исмҳои хосе ба монанди дашти Ислом садаи Ислом ва ҳатто говхонаи Ислом пайдо шуд; он марсияву таронаҳо даҳон ба даҳон гашта интишор ёфт ва

оқибат достон шуд; сари Нуруллоро сари найза бардошта аз кӯчаи калон вилоят гузаштани Неъмат низ ба ҳамин достон даромад, ки: «Неъмат ба хуни бародараш хун гирифт». Баъдтар ҷанги хонагии мардум барои мансабу барои гапгузаронӣ ҳам достон шуд, ки қурбониаш Неъмат буд.

Неъмат баъди чору ним моҳи воқиаи Ислом, аввали баҳори соли нав ба ҷанги Нурулло рафт, ҳарчанд ки нақшаи нест кардани дастаи Нуруллоро дар штаби гарнизон дафъатан пас аз дастгир шудани Ислом кашида буданд.

Аввали баҳор ду отряд – яке аз роҳи қади дарё ва дигаре аз роҳи ағба ба поҳо намад баста дар як вақт ба ҳуҷум гузаштанд ва дастаи Нуруллоро танг карда, то пиряхи азамати касногузар бурда, дар ҳамон тармазор несту нобуд карданд. Каллаи Нуруллоро аз ҳамон ҷо Неъмат сари найза бардошта пеш-пеши отряд то маркази вилоят овард ва дар бозори шаҳр он калларо ба даҳони кӯзаи сафоли гардандарозе монда митинг карданд, ки он митинг дар охир ба тӯи ғалаба табдил ёфт. Ҳамаи ин ба достон даромад ва боз дертар дар маҷлиси умумии колхоз Неъматро кӯрмушт зада куштани як гурӯҳи муқобил низ ба достон даромад.

Навҳаҳои Нозира ҳам достон шуд; вале Баҳромро рӯзгор чунон омад, ки ба модараш ва ба акааш, на дар вақти зиндагиашон хизмат карда тавонист ва на дар мотамашон – вай дур афтода буд ва ҳар чи аз хусуси рӯзҳои охири ҳаёти модару акааш медонад, аз забони апаш Шарифа шунидааст. Шарифа ин воқиаҳоро ҳамон вақт дар мактубҳояш ба Баҳром навишта буд ва вақте ки ба дидор расиданд, боз гаштаву баргашта нақл кард: вай гуфт, ки «Хабари дурафтодани шуморо шунида очам хавос шуд, парешон шуд. Акнун якта такягоҳаш монда буд, нури чашму қуввати дилаш Неъмат буд. Неъмат ҳама эътибору обрӯяшро ба кор бурд, ки шуморо халос карда гирад, натавонист; қариб буд, ки пои худаш лағжад. Гулҷон, илоҳи ҷояш ҷаннат шавад, то марказ даъво карда рафт, ки: «Неъмат душмани ниқобпӯш бошад, пас ин халқ умуман дӯст надорад». Баъди ҳамин воқиа ҳар ҷо кори душвор барояд, аком довталаб шуда мерафтанд, ки садоқаташоро исбот кунанд, хизмат нишон диҳанд. – Дилашон аз афташ, ба марги ногаҳонӣ гувоҳӣ медод, ки доим дар бағал як оршин суф гирифта мегаштанд. Як бор намедонам ба чӣ муносибат, чашми ман ба он порча афтиду пурсидам: «Ако, инро чӣ кор мекунед?» Бо нимханда гуфтанд, ки: «агар

дар раҳу рӯ нохост кушта партоянд, ягон раҳгузар бо ҳамин манаҳамро мебандад». Аком дар роҳи Помир кор карданд, дар роҳи Анзоб кор карданд ва аз кори канали Чӯбак орден гирифта омаданд. Очам умед дошт, ки дар охири умр соябони сараш мешавад. Як моҳ аз шодии ӯ нагузашт, ки акои Неъматам ҳам монанди акои Ислом шаҳид шуданд; дар пеши чашми халқ дар рӯзи равшан, дар маҷлиси ҳисоботу интихоботи колхоз куштанд акаамро.

Маҷлис дар ҳавои кушод, дар саҳни калони идораи колхоз гузашт. Ҳамон солҳо колхозҳоро калон карда буданд – пештар ҳар деҳа як колхоз буд, баъд чандин деҳа ба як колхоз муттаҳид шуд ва одамони ҳар деҳа гурӯҳ – гурӯҳ дар рӯи замин менишастанд. Ҳар гурӯҳ дар дил ба раисӣ номзади худро дошт. Неъмат аз рӯи таҷрибае, ки дар сохтмонҳои ба меъёри ҳамонвақта ҳақиқатан ҳам бузург, мисли роҳи мошингарди Помиру ағбаи Анзоб ва канали Чӯбак ҳосил карда буд, ба ягон гурӯҳи ҳамроҳ нашуд ва талаботаш ҳамин буд, ки дар сари хоҷагӣ одами соф ва ӯҳдабаро истад, ки ободии онро таъмин карда тавонад.

Вай дар нутқи муфассалаш вазъияти имрӯзаи колхозро таҳлил карда гуфт, ки «мо шиори бандаи дирӯза имрӯз ҳокимият мекунад»-ро дуруст нафаҳмидем, мо гумон кардаем, ки ҳокимият ба дастат расид, даврата рон! Барои ҳамин ба моликияти ҷамъиятӣ, ба боигирии халқ гоҳо чунин муносибат мекунем, ки гӯё ҳамаи он моли шахсии худамон бошад ва он ҳам моле ки бедардимиён, бе заҳмати дуру дароз, яку якбора аз ҳаво рост ба бағаламон афтодааст. Ин раво нест, рафиқон! Бандаи дирӯза барои он ҳокимият мекунад, ки дигар соҳибу банда ва хоҷаву хизматгор набошад. Ҳар касе ки дониставу надониста нияти соҳиб шудану хоҷа шудан дорад, ҳеҷ раво нест ки роҳбарӣ халқ бошад, ҳеҷ раво нест, ки молу мулки халқро ба онҳо супорем. Имрӯз маҷлиси интихоб аст ва шароитро дурусттар ба назар гирифта, чаҳор ишкелашро зарбу тарҳ карда бинед ва касеро роҳбари худ бардоред, ки ҳоҷати шуморо бароварда миннат накунад, бо шумо чунон муомила накунад, ки гӯё ба дари ӯ талабидан омадаед, балки донад, фаҳмад ва ҳис кунад, ки ҳоҷати аъзои колхозро баровардан вазифаи ӯст, барои ҳамин дар сари кор истодааст ки хизмат кунад, на миннат».

Баъди аз минбар фуромадани ӯ як тӯда тарафдорони Раис якбора дар як ҷо, дар паҳлӯи минбар ғун омаданд, ки чунин

тӯдашавии бетартибро Шарифа фақат дар гӯштобаки бачаҳо дида буд. Сипас, одами бисёре ба сари тӯда фурӯ рехт. Фаъолон ба байн даромада халос карданд, вале Неъмат аз ҷо хеста натавонист. Бардошта бурданд ва ду рӯз хун партофту аз олам чашм пӯшид.

Баъди ин воқиа модар якбора пир шуд, якбора афтодаву абгор шуд. Бари ҷомаашро бардошта миёнашро мебасту аз хона баромада сари адиру дунгиҳо мерафт; дар ҳамон ҷо сари санге ё кундае нишаста мӯягарӣ мекард ва дарди дилашро як-як бо овози баланд мегуфту мегуфт, то ки хешони он тарафи дарё низ шунаванд. Мегуфту мегирист, аз гиря оби чашмаш хушк шуда буд ва дар охирҳо фақат дилаш мегирист.

Дар бомгӯшаи чойхона сутунча зада репродукторе устувор карда буданд, ки вақту бевақт концерту мусиқӣ мешунавонид ва бо тамоми қувват аррос мезад. Садои баланди мусиқӣ ба гӯши модар намефорид, балки дилу рӯҳашро мехарошид. Як бегоҳӣ ҷумъа ин беғамии радио ба дилаш бисёр сахт расид ва тоқаташ тоқ шуду асо гирифта ба сари радио омад:

– Ту бегоҳи душанбеву ҷумъаро медонӣ ё не?! – гӯён бо асояш таҳдид кард. – Дар дунё дуову фотиҳа гуфтани гап ҳаст! Модар дорӣ ё не? Модарат ба ту услубу адаб ёд додааст ё не?

Ин воқиа низ достон шуд, як қисми мазҳакавии достон шуд. Ба кори милиция даромадани Гулҷон, тасма бастану туфангча гирифтани Гулҷон, аз рӯи шариат шавҳар надоштану фарзандор шудани Гулҷон, бо авбошон даст ба гиребон шудани Гулҷон, дар маъракаҳо қатори мардон нишастану қофия гуфтанҳои Гулҷон, аспсавор деҳа ба деҳа гаштану ятимҳоро аз роҳу рӯ ғундошта ба бари домани пушти асп бардошта овардан ва дар сағирахонаҳо ҷо кардани Гулҷон ҳам ба достони Ислом дохил шуд. Баҳром бошад ба ҷое рафт, ки он ба достон надаромад; ҷои ин хел гапҳо не, албатта достон.

Вай ба он ҷо, ба он сафари дурудароз бо ихтиёри худ нарафта буд ва гумон мекард, ки роҳ «роҳи раву набиё» аст. Вале умраш дароз будааст ки боз ба дидор расид. Ба зинда монданаш, ҳарчанд Ҳурматбибӣ мегӯяд, ки «аввал худоюю охир худо нигаҳ дошт», дар асл аввал Нусрат ва баъд посилкаҳои Ҳурматбибию Шарифа сабаб шуданд.

Рӯзе ҳангоми кор дар ҷангал рагҳои дасту пояш кашида шуд, бемадорона ба дарахт такя дода ғеҷида нишаст ва дигар маҷоли хестан надошт. Вақти чошт Нусрат ӯро пуштора

карда ба пункти тиббӣ овард, аввал рӯи нар-тахтаи камбари қабулгоҳ хобонида дасту пояшро хуб молид ва пас ба духтур супурда рафт. Вай то сари по шудани Баҳром боз ду-се бори дигар омада хабар гирифт ва ҳамеша як даҳон гап мезад: «дилро бой надиҳед».

Посилкаи нахустинро низ ба табобатхона Нусрат оварда, дар ҳузури Баҳром ва духтур кушод.

– Бо ҳам бинетон, – гуфту баромада рафт.

Минбаъд ҳар посилкае ки ояд – дар посилкаҳо доим ягон либос, мағзу мавиз ва ҳар гуна мева буд, – Баҳрому дутур бо ҳам медиданд ва духтур Баҳромро аввал фаррош, дертар тарҷумон карда дар табобатхона нигаҳ дошт.

Баъди як соли тарҷумон шудани Бахром Нусратро бо занбар бардошта ба табобатхона оварданд. Вақти чӯббурӣ дарахт ба болояш афтода, сутунмӯҳраашро шикастааст. Нусрат даҳ рӯз ноҷунбон хобид. Баҳром даҳ рӯз ба ҳалқи ӯ об чаконд. Дар шаби даҳум аҳволи Нусрат хеле бад шуд – таб гӯё аъзои баданашро месӯзонд, вале хунук буд. Арақи сару гарданаш ҳеҷ хушк намешуд ва Баҳром дастрӯмол гирифта дар болои сараш нишаста, доим арақи пешониву рӯи ӯро пок мекард. Ҳамон шаб Нусратро ягон дақиқа ғанаб набурд ва тамоми шаб пичиросзанон рубоиҳои ғарибӣ хонд. Қарибиҳои саҳар Нусрат як байти кадом рубоиро се бор такрор ба такрор хонд:

*Ку модару ку додар, ку хеши қариб?*
*Бегона чӣ донад, ки куҷо мурд ғариб?*

Ва ба Баҳром гуфт:

– Маро хоки ҳамин ҷо кашида будааст. Ба ҷои васият ба шумо мегӯям, ки ман дар Самарқанд косиб будам. Зинда монед, ба ҳавлии мо равед…

– Дилро бой надиҳед, – гапи Нусратро такрор кард Баҳром.

– Гап, дар дил… не, – гуфт Нусрат ва ин охирин сухани ӯ буд.

Нусрат аз Баҳром се баробар бақувваттар буд, вале умри Баҳром аз умри Нусрат се баробар дарозтар будааст, ки баргашта омад. Як субҳи моҳи апрел, ки барфҳо ҳам обу замин аз асорати зимистон халос шуда буд; як сабоҳе, ки замин ҳаёти нави навбатиашро сар карда ба рагу паи зироату на-

ботот шира медавонид ва кӣ медонад, ки ин замин ва ин зироату набототи бори чандум бордор мешуданд, вай дар вокзали роҳи оҳан аз вагони умумӣ фуромаду як лаҳза рост истод ва қафаси синаашро пур карда-пур карда нафас гирифт; китфҳояш бардошта шуд ва ӯ то дари хонааш дилпуру бақувват омад, омада ба таги дари ҳавлӣ расид ва ҳис кард ки баданаш ниҳоят кӯфта асту пойҳояш мадор надоранд – зонуҳояш меларзид.

Вай дарро кӯфт, мисли як одами бегонаи роҳгумзада, ки намедонад аз дарун чӣ касе мебарояду чӣ сухане мегӯяд, оҳиставу беҷуръат кӯфт. Дарро як ҷавони бистуду – бистусесола кушод, ва ба рӯи ӯ бо ҳайрат нигарист – яъне ки ту кистӣ ва дар ин сари субҳ чӣ матлабе дорӣ? Баробари дидани қаду басти ҷавон дили вай ширин гум зад.

– Падарат дар хона? – пурсид ӯ.

– Мо падар надорем, – гуфт ҷавон ва сурх шуд, чунки ба як ваҷҳи номаълуму нофаҳмо сар то пояшро ҳаё пахш кард.

– Модарат чӣ?

– Модарам дар хона.

– Рав, ба модарат гӯй, ки як мардак омадааст ва... ва мегӯяд ки ман падари шумоён.

Ҳурматбибӣ ва духтараш садои оғӯшкашиву бӯсо-бӯсро шунида баромаданд: ба гардани якдигар овехтанд; нидоҳои бисёре баровcovaрданд. Нидоҳое ки ба сари худ ҳеҷ маънӣ надошт ва дар айни замон ҳоло дар дунё аз он нидоҳо пурмаънотар сухане набуд. Хона равшан шуд, пури хурсандӣ шуд, ҳатто дару деворҳо хурсанд шуданд – нур гирифтанд. Баҳром як ҳафтаи тамом чунон шод буд, ки гӯё заррае ғам надошт, барои аз ягон ҷиҳат фикр кардану ғам хӯрдан фурсат ҳам намеёфт – хона серодаму серханда буд, бо вуҷуди ин вай саҳариҳо аз хоб бод или сиёҳ бедор мешуд, як лаҳза ҳайрон мемонд, ки чаро ӯро «хез» намегӯянд?

Вай бо чунин ҳиси ногувор аз хоб мехест ва муддате карахтона банди дастҳояшро молида меистод – интизор буд, ки фармонҳои одатиро шунавад. Баъди муддате хушёр мешуд зану бачаҳояшро дида баҳри дилаш мекушод, табассум мекард ва сипас, меҳмонон меомаданду он табассум то вақти хоб аз лабону аз чашмони ӯ дур намешуд.

Ба дидорбинии вай гурӯҳ-гурӯҳ одамон меомаданд – аз шаҳр ҳам омаданд, аз деҳа ҳам. Аз Ҳамакон Шарифаю шавҳараш Саъдулло, Миралию Шомансуру Абӯшаҳид ома-

данд; аз шаҳр Академик омад, писарони Шариф, хоҳарзодаҳои мактабхонаш омаданд. Баъд меҳмонию дидорбинӣ пир шуд, одамон боз аз паи корҳои худ рафтанд: академик ба Эрон сафар кард, ки дар он ҷо симпозиуми шарқшиносон мешудааст, Шарифаю Саъдулло ва Миралию Шомансуру Абӯшаҳид ду рӯз паи ҳам Баҳромро таклиф карданд, ки: хезед, рафтем! Ба ҳар кас ҷои хуни нофаш рехтагӣ азиз, чароғи хонаи падаратонро равшан мекунед, хешу табор ҳама дар ҳамон ҷо ҳар чи ҳам бошад, ҷигар ҷигару дигар дигар». Баҳром номуайян «обу насиб кашида бошад, меравем» гуфту монд. Оқибат онҳо ҳам ба Ҳамакон баргаштанд, то ки корҳои рӯзгорашонро сомон кунанд; ин рӯзгораш сабил як чизест, ки агар ду-се рӯз аз пояш нашавӣ, як тарафаш фурӯ меравад – ба монанди аспи парвоӣ нигоҳубин ва хору молро нағз мебинад. Баҳромро ҳам лозим буд, ки ҷои коре ёбад, вале ҳанӯз ӯ намедонист, ки ба куҷо равад.

Мураххасие, ки Ҳурмат аз ҷои кор ба ҳисоби худаш гирифта буд, тамом шуд ва вай ба кор баромад; ҳар се фарзандаш сари субҳ китобу дафтар гирифта ба мактабу донишкадаҳо мерафтанд ва хона ба Баҳром мемонд. Рӯзи авале, ки Баҳром дар хона танҳо монд, бисёр бошавқ дафтару қалам гирифта сари миз нишаст, вале пас аз нисоат шавқаш пир шуда, кори дилхоҳе карда натавонист. Вай муштоқи чунин рӯзе буд, ки бо фароғати дил сари миз нишинад ва нависаду нависад: ҳоло он рӯз расид ва ӯ дар хона бо дафтару қалам танҳост вале чизе навишта натавонист, гӯё ки сараш холӣ буд ва ҷумлаи солиме ба хотираш намерасид. Ҳол он ки вай гапи гуфтании бисёр дошт ва гумон мекард, ки фақат вақту коғазу қалам намерасад – ҳамаи ин муҳайё бошад, нишаста менависаду менависад ва чизҳои бисёр хуб менависад. Аммо соатҳо нишаст, чанд варақро аз хатҳои чоркунҷаву секунҷа пур кард, ҳатто ба таври худ сурати дарахту самолёт кашид ва барои чӣ бошад, ки самолёт ба шохи дарахт руст монда буд, вале ягон сатр – на ба назм ва на ба наср – навишта натавонист. Ҳамин тавр нишасту нишаст ва аз куҷо сар кардану чӣ навиштанашро надонист, аз ҷо хесту бастаҳои кӯҳнаи китобу дафтарҳояшро аз ҷевон гирифта рӯи миз монд. Ҳашт папка – дар ду папка китобҳои дарсӣ, дар се папка тарҷумаҳо, дар ду папка мақола ва шеърҳо, дар як папка тақризҳое, ки ба китобҳои ӯ навиштанд ва мактубҳои Айниву Лоҳутӣ. Вай он папкаҳоро аз як лаб кушода варақ

задан гирифт ва дар қаъри дил як умеди мубҳаме дошт ки маҳз ҳамин варақҳои зардшуда мушкилӣ ӯро осон мекунанд.

Баҳром дар замонаш ин варақҳоро ҷамъ намекард, ҳамаашро баъдтар Ҳурмат ҷамъ оварда даста-даста баста мондааст, ки имрӯз Баҳромро машғул медошт. Вай як ҳафта – даҳ рӯз аввал ба рӯзномаҳо чаш медавонд, ки ба кадом идораҳо коргар даркор аст ва кори мувофиқе наёфта, сипас тамоми рӯз ҳамон коғазҳоро варақ мезад, варақ мезаду аз ваҷҳи маош фикр мекард ва андоми аз вақт пеш пиршудаи Ҳурмат аз пеши назараш дур намерафт: «Ман бояд хизмати туро мекардам Ҳурмат, аммо ман натавонистам; ман дар ҳузури шоҳидон, дар ҳузури мардум қавл дода будам, ки туро танҳо намегузорам ва нафақаатро таъмин мекунам. Вале туро танҳо гузоштам, дуру дароз танҳо гузоштам; ман нафақаи туро не, ту нафақаи маро таъмин кардӣ; бачаҳо ҳам бе ман, бепадар калон шуданд, ман қарзи падарироо иҷро карда натавонистам Ҳурмат!

Рӯзҳо ба душворӣ, ба сахтӣ кӯтоҳ мешуд. Азоби Баҳром гӯё анҷом надошт ва такрор ба такрор оғозашро ёд меовард, ки чӣ тавр буду чӣ тавр шуд? Оғозаш ин тавр буд, ки ҳар касе изҳори ҳамфикрӣ кунад, дӯст мепиндошт ва дӯсташ медошт. Кавкабӣ ҳам дӯсташ буд ва ӯ ҳам дар ҳузури Баҳром фақат аз дӯстӣ гап мезад. Онҳо гӯё одамони ба якдигар он қадар наздик буданд, ки дар сӯҳбат ва нишасту хез аз ҳамдигар ибое намекарданд – гӯё баробар буданд, бародар буданд; гӯё аз як забон гап мезаданду як мақсад доштанд; баробар соғари шодмонӣ ба сар мекашиданд, ки: «мо ҳам соҳиби давлату миллат шудем, мо сарбозони шамшерқаламии ин роҳу маслак ҳастем», баробар дар ҷамъомадҳои ридаксия нутқҳо мекарданд, ки: «Мо бояд, классиконамонро нашр ва дастрас гардонем, мо бояд на танҳо дар шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, балки дар дурдасттарин деҳот нури маърифат расонем». Ва аз ин хусусҳо соатҳои дароз, шабҳои дароз гап мезаданду монда намешуданд – домани орзу фарох ва ниятҳо бисёр буданд. Он қадаҳҳо зуд шикастанд, он сӯҳбатҳоро об бурд, кайҳо бурд, бурд хоби бачагӣ барин; ҳамон шабе бурд, ки се кас ба хонаи Баҳром омаданд, чизу чораашро титу-пит карданд ва худашро гирифта бурданд.

Бист рӯз пас аз маҳбусии Баҳром «Ба муқобили унсурони феодалӣ – буржуазӣ» ном мақолае бо имзои Деҳқонов дар рӯзнома чоп шуд. Он мақоларо муфаттиш ба Баҳром нишон

дод ва сатрҳои дар зераш бо қалами сурх хат кашидаро хонд: «Баҳром Холиқзода мақолаҳои моро хонда, ҳама калимаҳои интернасионалиро хат зада, ба ҷояш калимаҳои архаистиро менавишт ва миллатчӣ буданаш ҳамон вақтҳо маълум буд… Холиқзода шоирони сӯфиро идеализасия мекунад ва аз шеърҳои худаш бӯи псимистӣ меояд…»

Муфаттиш сатрҳои даркориро буро ва бо таъкид хонд, ки сипас рӯзномаро ба Баҳром дод.

– Инкор кардан фоида надорад, – гуфт. – Беҳтараш ки иқрор шавед. Аз таҳти дил иқрор шавед, фоидаи худатон, гуноҳатон сабук мешавад.

Баҳром рӯномаро гирифт ва мақолаеро, ки муфаттиш нишон дод бо диққат хонд. Муаллиф дар мақолааш вазъи ҳолро таҳлилу тадқиқ накунад ҳам, паси истилоҳ ва ширoҳои машҳур рӯ панаҳ карда, ба қавли худаш, «симои ҳақиқии каждумони таги бурёро ба оммаҳо нишон медод» ва афсӯсхӯриҳо мекард, ки «гург» дар ҷомаи барра будани Баҳром Холиқзода барин касҳоро нафаҳмида, аз кам будани хушёрии сиёсию синфии худ бо онҳо нишасту хез кардааст, ки ин албатта, барои оянда сабақ хоҳад шуд». Вале муаллифро нашинохт.

Дертар, хеле дертар фаҳмид, ки муаллифи мақола, яъне Деҳқонов, ҳамон дӯсти ҷонияш Лутфулло Кавкабӣ будааст; боз фаҳмид, ки падари Лутфулло Кавкабӣ низ он рӯзҳо зери шубҳа мондааст ва Лутфулло ба идораҳои дахлдор ариза навишта аз номи худашу падараш рӯ гардонидааст:» ман ба оллоҳу лутфи ӯ ҳеҷ муносибат надорам, – гуфтааст дар аризааш, - манро партияи болшевикон тарбия кард, ба воя расонд, роҳ нишон дод ва ман ҳар лутфе интизор бошам, фақат аз партияи болшевикон интизорам. Номи душмани халқро низ гирифта гашта наметавонам, виҷдонам тоқат намекунад, аз ин соат иборатан ман Деҳқонов ҳастам».

Ҳами хел ҳодисаҳо шуд ва Баҳромро гирифтанду пурсиданду заданду иқрор кунониданду бурда дар ҷангали бедоде партофтанд ки одамон аз гуруснагӣ арамайдаи чӯбро мехӯрданд. Ва Кавкабиҳо-Деҳқоновҳо сари кор омаданд, реша давонданд, ҳоким шуданд. Ва ин Ҳокимҳо дар озодӣ ба Баҳром кор надоданд…

Ҳозирони сари дастархон қиссаи Баҳромро хомӯшона гӯш карданд, вале бедардона гӯш карданд, мисли як афсона гӯш карданд. Ва Баҳром зиқ шуд. Зиқ шуд ки ин воқиаи пур-

дардро ба дард ҳикоя карда натавонист. Ва аз гуфтаҳояш пушаймон шуд, гӯё дидаву дониста дурӯғе гуфта бошад.

Баъди ҳамон сафар дигар ба Ҳамкон нарафтааст Баҳром. Ёд кардааст Ҳамаконро. Пазмон шудааст. Умр боқӣ бошад ба Ҳамакон рафта иморат мекунад, зиндагии осуда мекунад ва асар менависад. Бо фароғат мешинаду менависад, бо супориши касе, не, бо тақозои дил менависад.

X

Ғавғои шаҳр ба мисли ғавғои бозор аст – касе дод намегӯяд, касе фарёд намекашад, вале ҳамеша дар фазо ғалмағале ҳаст, ки занбӯрхонаро ёд меорад ва ин ғавғо ба кори Баҳром халал мерасонад, фикрашро парешон мекунад. Пештар, то вақти ба нафақа баромадан, Баҳром гӯё ин ғалмағалро ҳис намекард, ё ҳис кунад ҳам эътиборе намедод, чунки ба кораш халал намерасонид. Он вақтҳо кораш бисёр буд – рӯз дар институт бо дастнависҳо шаб дар хона бо мусавадаҳо.

Як кори назарногир ва бисёр заҳматталаб аст тартиб додани феҳрист, хусусан феҳристи адабиёти классикии тоҷик – адибони ҳамном бисёр, достонҳои ҳамном бисёр, образҳои муштарак бисёр, китобҳои ҳамном бисёр боз котибони бисёре осори шоиронро китобат кардаанд – гоҳ аз рӯи маъхазе, гоҳи дигар бино ба шунидаашон. Илова ба он шоиртарошони бисёре баёз навиштаанд. Дар натиҷа дар тӯли асрҳо аз тазкира ба тазкира он қадар норавшанӣ ва номуайяне ба миён омадааст, ки барои аниқ кардани нусхаи асли як ғазал, як асар ва осори муаллиф садҳо саҳифа матни баднавиштаро кӯр шуда хондан лозим аст.

Баҳром паси миз нишаста, ба чашм айнак монда рӯзи дароз матн мехонд, матн медид ва матн муқоиса мекард.

Вақте ки ҷилди якуми феҳрист тайёр шуд, ҳамон вақт фикре ба сараш омад, ки барои амиқ таҳқиқ кардани мероси классикон, чопи интиқодии осори онҳо, хеле зарур аст. Ва вай ба ҳамин кор машғул шуд.

Вақте, ки чопи интиқодии осори як адиби гумноми асри миёнаро тайёр кард, вақте, ки шеъри классиконро пай дар пай ва такрор ба такрор хонд, то ки мисраи як шоир ба номи шоири дигаре нагузарад, вақте ки образҳои барҷастаи шеър дар зеҳнаш нишаст, ҳамон вақт кори дигар пеш баромад. Фикре пайдо шуд, ки барои муайян кардани мақоми ин ё он шоир, аввал тартиби образҳои шеъри классикиро муайян

кардан даркор аст. Ҳамин ки ин тартиб муайян шуд, ҳар як шоир дар таърихи адабиёт мувофиқи мақоми худ ҷой мегирад ва кӣ муҳаққиқу кӣ муқаллид ҷои баҳс намемонад.

Вақте ки вай рисолаи «Образҳои шеъри классикӣ» навишт Академик он рисоларо хонда бисёр хурсанд шуд.

– Ташаккур ба ту барои ин корат, – гуфт гаҳи папкаро баргардонидан. – Боз ба ду-се каси дигар хононед, дар шӯро дида ба чоп тавсия кунанд. Ба Деҳқонов ҳам диҳед, вай раиси шӯро, бе вай кор буд намешавад, халал мерасонад.

Ва Баҳром дастхатро бурда ба Деҳқонов дод. Ва Деҳқонов, ки баъди ҳо ҳамон сӯҳбати маълум дар хонаи Баҳром, дар кучое ки бо ӯ рӯ ба рӯ ояд, рӯяшро тарафи дигар гардонида мегузашт, ё дар маҷлисҳову ҷамъомадҳои илмӣ ва ҷашнҳо, ки бисёр буданду ногузир онҳо вомехӯрданд, Баҳромро дида худро нодид вонамуд мекард ва агар ҳеҷ илоҷ набошад, як дасташро аз кисааш набароварда нӯги дасти дигарашро барои салом дароз мекард, папка зери бағал меҳмони нохонда шуда омад. Маълум ки муносибати Баҳром низ нисбати вай сардакаку базӯрӣ буд, вале ягон одамро дар кӯчаву идора дидан дигару дар хонаи худ дидан тамоман дигар. Дар кӯча бубинӣ ӯҳдадорие дар гарданат нест – дилат кашад ба рӯяш нигоҳ мекунӣ, дилат накашад, нодида мегузарӣ! Ҳеҷ душворие надорад ин кор. Лекин як одам ба хонаат биёяд, бигзор бехабар омада бошад, бигзор меҳмони нохонда ва дилнокаш бошад, дилат мекашад ё не, ба рӯят ниқоб кашида пешвоз мегирӣ, рӯи хуши ночорона нишон медиҳӣ ва иззату икром мекунӣ. Баҳром ба ҳамин тариқ қабулу гусел кард Деҳқоновро.

– Офарин ба шумо, – гуфт Деҳқонов ба Баҳром баробари ба хона даромадан. – Бисёр хуб навиштаед ва шумо бояд ҳамин хел ҳам менавиштед, дигар хелаш ба шумо намезебад.

Ҳангоми аз хонаи Баҳром баромада рафтан боз ҳамон гапро гуфт. Гуфт ки «Офарин ба шумо. Бисёр хуб навиштаед ва шумо бояд ҳамин хел ҳам менавиштед, дигар хелаш ба шумо намезебад».

Дар рӯи Баҳром чунин гуфт, вале дар ақибаш, аз эътибор ва қувваи «шогирдонаш» истифода бурда, чунон як баҳси шадиде барпо кард, ки агар президенти академияи улум дахолат намекард, он рисола рӯи чопро намедид ва Баҳром, на танҳо унвони илмӣ намегирифт, балки умран бадном мешуд, ки: «дар адабиёт романтизми хушку холӣ ва суханбозии маҳзро тарғиб мекунад».

Баъди гузаштани ин маърака, баъди ходими калони илм шудани Баҳром, мавриде мувофиқ афтод ки онҳо, ваю Деҳқоновро дар шаҳри Тифлис дар як меҳмонхона дар як ҳуҷра ҷой доданд.

Дар ин шаҳр конференсияи илмии «Анъана ва навоварӣ дар адабиёт» мегузашт.

Рӯзи аввали кори конференсия ба охир расид ва бегоҳ баъди тамошои музей мизбонон ба меҳмонон зиёфат доданд. Зиёфат то як поси шаб давом кард ва тартиби хоби Баҳром вайрон шуд.

Вай одатан соати бисту се хоб мекард, зиёфат бошад то соати яки шаб дароз кашид. Расо соати бисту се хобаш ғалаба кард – чашмонаш дам ба дам пӯшида мешуданд ва ӯ бо азоби алиме чашмонашро кушода аз боби дӯстию бародарии халқҳо лофҳои мастонаи мизбонону меҳмононро гӯш мекард ва дар сараш танҳо як фикр давр мезад: «зудтар ба меҳмонхона раваду худро даруни ҷогаҳ гирад».

Вале вақте ки ба меҳмонхона омад дигар аз хоб асаре набуд. Бо вуҷуди ин ваю Деҳқонов либосҳояшонро кашида чароғро кушта, ба ҷогаҳ даромаданд. Лекин хоби Баҳром парида буд, ҳеҷ хобаш набурд ва ба сараш фикрҳои парешон ва беитиҳое даромада мағзашро гиҷ мекарданд.

Деҳқонов намеҷунбид ва Баҳром аз дил гузаронид, ки «кайҳо хобаш бурдааст». Баъд фикр кард, ки агар ба айвонча баромада камтар ҳавои тоза гирад шояд хобаш барад. Вай, барои он ки шириқ-шириқи кат ба хоби Деҳқонов халал нарасонад, нармак аз ҷо хест ва нӯг-нӯги по аз хона баромаданӣ шуд. Акнун даст дароз карда дари айвончаро кушоданӣ буд, ки Деҳқонов парида аз ҷояш хест ва бо талвоса гуфт:

– Мулло Баҳром, Мулло Баҳром, дар ин торикӣ чӣ кор карда истодаед?!

– Ҳеҷ, ҳавои тоза гирам, гуфтам.

Деҳқонов гӯё нафаси сабуке кашид ва баргашта хобид.

Баҳром ба айвонча баромад ва аз ҳавои сарднамою тозаи шаби аввали тирамоҳ дароз-дароз нафасгирон аз кори кардаи худ пушаймон шуд: «хоби мардака ҳаром кардам».

Вай дониста дар айвонча дурударoз истод, ки хоби Деҳқонов сахттар бараду гаҳи ба хона даромадан боз бедор нашавад. Лекин ин эҳтиёти вай ҳеҷ зарурат надошт, чунки Деҳқонов бедор буд. Ӯ шарфаи пои Баҳромро шунида тарсида бедор шуд ва дигар мақсади хоб рафтан надошт. Аз хобидан

ҳарос мекашид. Метарсид, ки агар Баҳром аз он ҳама айбномаҳои навиштаи ӯ бохабар шуда бошад, ҳатман дар дил кина дорад ва дар ин ҷои хилват, дар ин дали шаб… Ҳа, албатта, ин дар дилаш ягон гап дорад, ягон қасди бад дорад, набошад, чаро нӯг-нӯги по роҳ меравад?! – пайваста фикр мекард ӯ. Бо вуҷуди ин чашмони Деҳқонов – Кавкабиро гармӣ бурд ва гаҳи ба хона даромадани Баҳром боз як қад парида хест:

– Муло Баҳром… э мулло Баҳром, шумо чӣ кор карда истодаед?

– Хобам намебарад… хоби шумо ҳам ҳаром шуд, бубахшед.

Баҳром дар дилаш қарор дод, ки дигар то рӯз намеҷунбад, ҳатто аз паҳлӯ ба паҳлӯ ҳам намегардад. Ҳар қадар душвор бошад ҳам, тоқат мекунад то ки ба хоби Деҳқонов халал нарасонад. Лекин тоқат карда натавонист. Дар зиёфат об бисёр хӯрда будааст, ё таъсири сарди ҳавои айвонча аст, ки боз хестан лозим омад.

Баҳром оҳиста сар бардошта ба кати Деҳқонов нигарист: ором, хобаш бурдааст! Оҳиста хеста берун баромадан мумкин… Вай секин, аввал поҳояшро аз ҷогаҳ баровард ва сипас нимхез шуда аз кат фуромад ва туфлиҳояшро ба даст гирифта – шарфа нашавад – duздона ҷониби дар рафт. Ду қадам монда буд, ки Деҳқонов бо талвоса пурсид:

– Мулло Баҳром, дар ин торикӣ чӣ кор карда истодаед?

– Як берун бароям. Сабил танг кард.

Баҳром баъди сабук шудан, баъди омада дар ҷояш хобидан, баъди ҳузур кардан, ба ногоҳ сарфаҳм рафт, ки Деҳқонов аз хестану оҳиста гаштанҳои ӯ метарсад. Метарсад, ки дар ин шаби торик, дар ин хонаи танҳо, ягон бало кунад.

– Домулло, хобед ё бедор? – пурсид Баҳром.

– Э, хоб канӣ!

– Натарсед, ман ба шумо коре надорам. Баҳузур хоб кунед.

Деҳқонов ҷавоб надод.

Аз роҳрав садои по баромад, аз тиреза ғурроси яккаи мошине даромад, дар хонаи ҳамсоя кат шиқирос зад ва ҳамаи ин садоҳо ба гӯши Баҳром нафорид, асабашро вайрон кард. Аз ҳамон шаб инҷониб ғавғои шаҳрро ҳис мекардагӣ шуд, бо тамоми рагу пояш ҳис мекард ва ин ғавғо ба кори ӯ халал мерасонид. Бинобарон баъде ки ба нафақа баромад, тартиби корашро дигар кард. барвақт хоб мекунаду соати сеи шаб

мехезад ва то дамидани субҳ сари миз менишинад. Ҳамин ки мошинҳо ба роҳ баромаданд боз хоб меравад.

Ин шаб ҳам то дами субҳ кор кард. вай, ба ақидаи худаш, беҳтарин асарашро менавишт. То ин дам асарҳои бисёре навиштааст; рисолаи номзадӣ навишт, рисолаи докторӣ навишт, ду ҷилд феҳрист тартиб дод, ба чопи интиқодии осори классикон машғул шуд, драма тарҷума кард, мақолаи бисёре дар мавридҳои ҷашн навишт ба навиштани китобҳои дарсӣ ва луғат ширкат кард шеърҳо навишт ва ҳоло ҳамаи онро пеши назар оварда, фикран худро маломат мекард, ки ҳамакора шудааст – нимчаолим, нимчашоир, нимчатарҷумон…

Вале як нияте, ки чандин сол боз дар дил дорад – чандин сол боз мехоҳад, ки як асари комиле аз ҳаёти Аввалинҳо нависад ва ин асар бояд таҳаввули фикрии нимасраи зиёиёни даврони нав ва оқибатҳои онро фаро гирад – ҳеҷ не ки ба як қолаб дарояд. Вай гӯё ҳамеша аз паси иҷрои ҳамин мақсад аст – ҳам дар бедорӣ ва ҳам дар хоб. Фикр мекунад, тарзи баён меҷӯянд, менависад, медаронад, аз нав менависад боз мехонад ва боз мебинад, ки он воқиаҳоро пурраву дилнишин ифода карда натавонистааст.

Боре аз ин хусус ба Академик шикоят кард, гуфт ки ҳама гапе, ки дар дил дорад ба як шакли мақбул рӯи қоғаз баровcovarда наметавонад.

– Дар дил ҳаст, дар сар ҳаст, вале вақти навиштан пурра намебарояд, - гуфт вай. – Кадом як ҷиҳаташ берун мемонад ва одам аз кори кардаи худ қаноатманд намешавад.

– Аз ҳад зиёд серталаб шудаед, - ҷавоб дод Академик, - Серталабӣ хуб аст вале ба ҳаддаш. Чунки одам ҳамаи фикру ақидаашро якбора ифода карда наметавонад. Агар якбора ифода карда метавонист, бо навиштани як китоб қаноат мекард. Ҳол он ки ин тавр нест. Кас як умр менависад ва боз ҳис мекунад, ки ҳанӯз асари асосӣ, асари беҳтаринашро нанавиштааст.

Баҳром як варақи дирӯз навиштаашро рӯбардор кард, бо ҳамон шаст боз як варақи дигар навишт. Бо ҳамон равиш боз чанд саҳифаи дигарро сиёҳ карда метавонист, вале коғазу қаламро монда, аз паси миз бархост ва назди тиреза рафт. Вай медонад, ки агар ҷумлаҳо безаҳмат паи ҳам омадан гирад, нишонаи он қадар хуб нест, нишонаи навиштани гапҳои нӯгизабонист. Дар чунин мавридҳо фақат зоҳири чизҳо пеш мебарояд ва дафтар аз суханҳои нӯгиостинӣ пур мешавад. Ба-

рои ҳамин ҳар вақте ҳис кунад, ки бемалол навишта истодааст, фавран коғазу қаламро як тараф ғундошта мемонад.

Ҳоло ҳам дид ки бе ҳеҷ душворӣ саҳифаҳоро пур мекунад, қаламро партофту аз паси миз хест ва рафта тирезаро калон кушод. Баробари кушодани тиреза фавҷи ҳавои сард ба рӯяш зад ва бӯи барф ба машомаш расид. Аз нишастани дурудароз буд, ё аз расидани фавораи ҳавои тоза ки сараш чарх зад ва ӯ оринҷашро дар пештиреза такя монда ба берун нигарист. Замини рӯиҳавлӣ ду ранг дошт – сиёҳ ва сафед ва ин рангҳо дар ҷое як тасмаи дарози каҷукилебро ташкил диҳанд, дар ҷоҳои дигар хол-хол буданд. Гирдогирди ҳота сафед ва шерозаи ин сафедӣ сиёҳ. Байни ҳота хол-хол сафед, хол-хол сиёҳ.

Ҳаво ором ва дар ин оромӣ нури моҳ гӯё мелиппад, ноаён, вале мелиппад – як мавҷи нозуке дорад, ки кас гӯё намебинад, вале ҳис мекунад. Ҳис мекунад, ки дар куҷоҳои дур, дар сари қуллаҳо, ё паси қуллаҳо субҳ медамад ва таъсири нурҳои рӯзи навтулӯъ аст, ки ин равшании нимранги ширмонандро ба ларзиш даровардааст.

Баҳром боз ба сари миз омад. Варақҳои нав навиштаашро болои як даста варақҳои дигар монд, дафтарҳои парешонро ғундошт ва берун баромад. Дар берун, дар рӯи ҳавлӣ, аз дари хона то дари дарвоза рафту омад, рафту омад, то он даме рафту омад, ки хунук хӯрд. Банди поҳош, шонаҳош ва гӯшҳош хунук хӯрд.

Сипас баргашта ба хона даромад, чароғро кушт ва худро таги кӯрпа гирифт. Баданаш роҳат кард ва аз дил гузаронид, ки: «ҳаво хуб шавад, ба Ҳамакон меравад. Ҳурматро дар Ҳамакон, дар хонаи Шарифа мемонад ва худаш аз Ҳамакон баромада, ҳамон роҳи тайкардаашро боз як бор тай мекунад. Боз як бор ба ҳамон шаҳрҳо, ба ҳамон кӯчаҳо, ба ҳамон идораҳо меравад ва дидани он чойҳо бояд ба кори ӯ ёрӣ расонад…»

Вай бофароғат хоб кард Вақте ки бедор шуд овози Ҳайдари Шомансур ба гӯшаш расид.

– Кӣ намегирад, ту ба ман гӯй, ки кӣ намегирад?! – мегуфт Ҳайдар ба мусоҳибаш. – Одамоне ки ман мешиносам, ҳамаашон мегиранд.

– Ту ҳамаро ба як қатор намон, – гуфт мусоҳиби Ҳайдар ва Баҳром овози Исломро шинохт.

Ҳайдар барои он омада буд, ки Исломи Баҳромро ҳамроҳ гирифта ба зиёфат барад. Вай дар як ҳафта даҳ ҳазор сӯм

фоида гирифт ва мехост ҷӯраҳояш ва ҷӯраи ҷӯраҳояшро меҳмон бикунад, то онҳо бидонанд, ки ҷавонмард аст ин бача ва аз тарафи дигар ба ҳамсояҳо нишон диҳад, ки дӯстони бисёре дорад аз қабили одамони машҳури вақт.

– Ту шоирону ҳофизони шиносатро гиру бегоҳ хона биё, – гуфт вай ба Ислом.

– Ба кадом муносибат? – пурсид Ислом.

– Ҳеҷ муносибате нест – гуфт Ҳайдар. – Ҷамъ мешавему мешинем, дам ғанимат, одам ғанимат. Ман барои ҳамин маврид як гӯсфандро чор моҳ боз охурӣ бастаам.

– Хайр, махфӣ набошад, ба кадом маврид? – боз пурсид Ислом.

Ва Ҳайдар рости гапро гуфт. Гуфт ки ба муносибати ҷашни республика бору либосу атриёти хориҷӣ омад. Вагон вагон мол омад ба анбор. Маълум ки ҳар вақт бор биёяд аввал ба калонҳо нишон медиҳанд – аз КМ омада мебинанду ҳарчи хуш ояд ҷудо карда мегиранд, аз шӯрои вазирон меоянду ҷудо карда мегиранд, аз вазоратҳо меоянду хуш карда мегиранд. Баъд мансабдорони шаҳр ба ҳамин тартибот меоянду хуш карда мегиранд, баъд мансабдорони район ҳам меоянду ба ҳамин тартиб мегиранду мераванд. Ҳарчи боқӣ монад ба ихтиёри мо анбордорҳо.

– Дар бозори сиёҳ обу лой мекунед боқимондаашро.

– Ҳа, аз рӯи бардошташ. Бардорад, зам мекунем, набардорад, кам мекунем. Фоидаи он ҳам боз чанд тақсим мешавад. Умедвори бисёре ҳаст. даҳони ҳамаи онҳоро равған карда наистӣ, рӯзат сиёҳ мешавад. Осон-осон муяссар намешавад ин фоида. Ин дафъа мол бисёр буд. Барои ҷашн мол бисёр омад. Закоташ ҳам муносиби худаш, ёру рафиқонро гуфтаам, мешинем, чақ-чақ мекунем.

– Гумон мекунӣ ки закот диҳӣ, моли ҳаром ҳалол мешавад?

– Ман ҳам қатори дигарон. Ҳама ҳамин хел карда гаштаанд. Ман ҳам мекунам. О гуфтаанд-ку, хар аз хар монад, гӯшашро мебуранд.

– Ту ҳамаро ба як қатор намон, - такрор кард Ислом. – Аввал ин ки ҳама ҳаромхӯр нестанд. Баъд ин ки як кас худро аз ҷар партояд, ту ҳам мепартоӣ?

– Чӣ, ман девона шудаам?

– Дидӣ, аз ҷар партофтан ба фоидаи худат ки нест, намепартоӣ. Лекин аз даромади муфт ва ҳаром рӯй

намегардонӣ ва боз худатро сафед мекунӣ, ки дигарон мегиранд, ман ҳам мегирам. Гап дар дигарон не, ҷӯра, гап дар он ки худат пулдӯст шудаӣ.

– Пулро кӣ дӯст намедорад? Ҳама дӯст медоранд, пулро ту ҳам дӯст медорӣ.

– Ҳаваси одам бисёр аст. Умуман одам каноат накунад, чашмаш серӣ надорад. Аммо ин чунин маъно надорад, ки бо ҳар раҳе бошад пул ёфтан даркор гӯиву ҳалолу ҳаромро фаромӯш бикунӣ. Ту бошӣ ҳалолу ҳаромро фарқ намекунӣ. Ту хафа нашав ман ҳамчун дӯст ба ту ин гапро мегӯям. Чунки оқибаташ хуб нест. Як рӯз не, як рӯз пушаймон мешавӣ, баъд суд надорад…

Баҳром либосҳояшро пӯшида ба хонаи берун баромад. Ҳайдару Ислом, ки дар диван нишаста буданд, аз ҷо хеста ба ӯ салом доданд ва баъди пурсупос Ҳайдар гарди набудаи гиребони пиҷаки Баҳромро тозакунон гуфт:

– Сафари шумо ҳам ақиб монд. Ҳаво вайрон шуд. Ин хел шуданашро кӣ медонист? Ман як мошини нағз ёфта будам, кайф карда рафта меомадед, лекин барф халал расонид. Акнун бо самолёт мерафтагистед? Он ҷо ҳам ошноҳои нағз ҳастанд, ман телефон мекунам, шуморо пешвоз гирифта, то Ҳамакон бурда мемонанд. Бачаҳои нағз, бо ман ёру бародар.

Баҳром нимтабассум кард: дар ягон шароит мулзам намешавад ин бача! Ҳаё надорад ин бача. Беҳаё, дурӯғгӯ ва сарбории ҳамаи ин даъвои ҷавонмардӣ дорад. Одамгариро хариду фурӯш мекунанд ин хел одамҳо Сухани нек намедарояд ба гӯши инҳо.

– Баҳор, баҳор телефон мекунӣ, – талх гуфт Баҳром то ки ба ин гап хотима бидиҳад, - Акнун то баҳор аз хона баромада намешавад.

Баҳром дар дил барои худ чунин қарор дода буд, то рӯи баҳор ҳамин кори саркардаашро як бор пурра аз даст мебарорад ва дасташ ки холӣ шуд, баъд ба Ҳамакон меравад. Дурӯғ набуд гапаш.

– Худам шуморо бурда ба Ҳамакон мерасонаму баргашта омад. – гуфт Ҳайдар. Ва Баҳром дид, ки вай қобилияти фаҳми нозукии гапро надорад. Ва Баҳром ба хонаи дигар гузашт. Ҳайдар таъкид кард, ки Ислому ҳамроҳонашро мунтазир мешавад ва калиди мошинро сари панҷа бозӣ доронида аз хона баромад.

Ислом ба зиёфати Ҳайдар нарафт, вале барои чӣ бошад, ки дилаш зиқ шуд. Хотираш парешон ва нооромии ботиние дошт. На дар ҷое баҳузур нишаста метавонад ва на хуше дорад, ки ба коре машғул шавад. Шояд сабаб ин буд, ки «меравам» гуфту нарафт ба зиёфати Ҳайдар, ё барои ин буд, ки ҳаромхӯре зиёфат медиҳаду одамони дупадуруст рафта мехӯранду ҷавонмардиашро таъриф мекунанд? Кӣ медонад? Баъд чӣ фарқ дорад, ки барои чӣ? аниқаш ҳамин ки дилаш зиқ, дасташ ба коре намеравад. Ва ӯ кӯча баромад, ки ҳамсӯҳбате ёбаду вақт кӯр кунад. Лекин ҳамсӯҳбати дилхоҳе ба зудӣ пайдо нашуд. Хеле дертар пайдо шуд ва баъди пайдо шудан як тӯда одам ғун омад, ки Ислом дар охир аз онҳо ҷои гурез наёфт. Аввал, баъди дар кӯчаҳо хеле вақт ҳел-ҳел гаштан Вафоро дид. «Имрӯз ҳамсӯҳбатҳои ман фақат лофакиҳо ва дурӯғгӯйҳо будаанд», гуфт дар дил. Хуш надорад вай ҳузури Вафоро. Аёшаст, берӯст. Ва Ислом мӯътақид аст, ки аз одамони берӯ, ҳарчанд ки корчалону доираи амалашон бо мардум васеъ аст, ҳеҷ вақт одамигарӣ намебарояд. Илова ба ин Вафо хабаркашу мунофиқ аст. Гап бурда, гап мебиёрад, вайронкорӣ мекунад. Мавриди дигар мебуд, Ислом ҳатман роҳашро дигар мекард, ки бо Вафо рӯ ба рӯ нашавад, аммо дар ҳолати ҳозирааш, ки каси беҳтаре дучор наомад, - дар беамакиҳо бузро амак гуфтаанд! – ва пеш баромадани ҳамсӯҳбате чун Вафо низ як давлат буд. Вай садо дода Вафоро ки аз он тарафи кӯча мерафт, аз роҳаш нигоҳ дошт:

– Чӣ ин қадар саросема? Ба куҷо шитоб дорӣ?

– Ман кори заруре надорам. Ба мо ҳам корат меафтидааст? Як одам аз сафари хориҷа баргашт, бинам, ки чӣ савғо овардааст? Хоҳӣ биё, ҳамроҳ равем, ҷигарӣ маст шудан ҳам мумкин, вай ҳама вақт коняк дорад.

– Рафтем, ягон ҷо нишаста чорта сӯҳбат кунем! Савғоро баъд мегирӣ, чӣ гуфтӣ?

– Ту ки Ҳотам шуда бошӣ зиёфатро хӯрдан даркор. Хайр гӯӣ, ресторан меравем, директораш ошиои ман, хизмати нағз мекунад.

Онҳо аз кӯчаи Путовский баромада ҷониби кӯчаи Свириденко роҳ кашиданд ва то ба ресторан расидан сафашон дусаду панҷоҳ фоиз афзуд, - ду нафар буланд, панҷ нафар шуданд. Маълум, ки хоҳишу таклифҳо низ бисёр шуда рафт, оқибат ба як қарор омаданд ки шашлик мехӯранд. Дар ҷустуҷӯи шашлик қариб нисфи шаҳрро давр заданд. Сипас,

ба ресторани «Душанбе» рафтанд, ин ҷо ҳам корашон омад накард, слёти зарбдорон будааст ва меҳмонхона бо ресторанаш ба хизмати ҳамонҳо банд.

Дар ресторане ки ба қавли Вафо, директораш шиноси нағзи ӯ будааст, дар ин бегоҳӣ шанбе ба сабаби бисёр будани одам, онҳо даромада натавонистанд. Дари ресторан аз дарун баста буд ва дар коғазе «ҷой нест» навишта мондаанд. Ошно доштани Вафо кор дод: пас аз чанд дақиқаи ғайб задан, бо чӣ сурате бошад ки вай аз даруни дар пайдо шуд ва ба «генерали ресторан», ки ба пештахта такя карда рӯзнома мехонд, ду-се даҳон гап зада бо дасташ ишораҳо карда буд, ки вай омада дарро кушод. Як пешахизмат боодобона истиқболашон кард ва бурда ҷои нишаст нишон дод. Вафо чун қаҳрамон дар пуштаки курсӣ такя дода, сари синаашро дамонида менишаст. Дастаи мусиқии ресторан ба карнайҳо чунон пуф мекарданд, ба таблҳо чунон мезаданд, ки садояш пардаҳои гӯшро медарид ва шунидан мумкин набуд, ки ҳамроҳат чӣ гуфта истодааст. Як даме, ки машшоқон дам гирифтанд, Вафо гуфт:

– Як вақтҳо ошхонаҳо пастаки назарногир буданд. – Вай ба сақфи баланду гулкории ресторан нигоҳ кард, - лекин қатор-қатор кӯраҳои кабоб меистод.

– Офисиантка! – аз дунболи яке аз пешхизматҳо ҷеғ зад Салим ки дар байни панҷ сол, – аз бетоқатӣ албатта, – се бор ҷои корашро дигар кард. Худаш мегӯяд, ки «муҳит маъқул нашуд, ман ки онро тағйир дода наметавонистам, ҷои корамро тағйир додам». Хайр, кӣ мегӯяд, ки дӯғи ман туруш! Рафиқон медонанд, ки худаш на тоқати гармӣ дорад ва на тоқати сардӣ. Ба вай гӯянд, ки: «ниҳол дар як ҷо сабз мешавад», ӯ низ бо ҳикмат ҷавоб медиҳад, ки:» дар кӯи некномӣ моро гузар надоданд, гар ту намеписандӣ тағийир кун қазоро».

– Ресторан ошхона не. Дар ресторан бо овози баланд ҷеғ намезананд, истироҳат карда мешинанд, пешхизмат худаш меояд. – Салимро насиҳат кард Ҳалим. Пурсабру батоқат аст худи Ҳалим, Танбеҳе ки аслаш ба дигаре тааллуқ дорад, бо сабабе ба ӯ диҳанд, он қадар тоқат дорад, ки лаб намекушояд. Дар маҷлисе, ки ба кори ӯ дахле надорад, бовиқор ва соҳибкор барин менишинад ва заррае зоҳир намекунад, ки маъқулаш нест. Барои ҳамин хислатҳояш ӯро нағз мебинанд: «одами гапдаро» мегӯянд ва ҳар штате холӣ шавад, пеш аз ҳама номзадии ӯро фаромӯш намекунанд.

Ислом пакар шуд – аз он шавқи сӯҳбате ки чанд муддат пештар дошт, осоре намонд. Болои сӯхта намакоб, пешхизмат ҳам гӯё ба осмон ғайб задааст, ки ҷамолашро нишон намедиҳал. Ӯ бо нигоҳ дар зал офисианткаро ёфтанӣ шуд. Мусиқӣ на танҳо гӯшкафон, балки саркафон шуда буд. Як тӯда мастон дар таги бинии машшоқон ҷасту хез доштанд, «Дам гиред, истироҳат кунед», гуфта монд дар дилаш…

Ниҳоят офисиантка омад.

Онҳо таому арақ фармуданд. Арақ дар шиша гунг аст, ба шикам ки даромад, забон мебарорад. Аввал забони Вафо кушода шуд.

Ҳар панҷи онҳо як факултети як мактаби олиро пасу пеш тамом кардаанд ва якдигарро хуб мешиносанд. Ҳама бадии кор низ дар ҳамин ки якдигарро нағз медонанд ва нағз воқиф буданд аз қобилияту дониши ҳамдигар ва мақоми ёфта сабаби бисёр ранҷиш, нописандӣ ва дигар балоҳост; вақте ки манфиатҳо ба ҳам бархӯрданд, бахиливу ғайбат сар мешавад, ки ба фалон мартабаву фалон мансаб сазовор буд ё не.

Аз он дӯстии холису беғарази давраи студентӣ дар ин мавридҳо осоре боқӣ намемонад. Ягона ёдгории он айём хотироти хуш ва ҳамин шиносоист, ки ҳамчун як бори нодаркор, вале ногузир бардошта мегарданд. Агар рӯ ба рӯ оянд пурсу пос мекунанд ягон латифа гуфта механданд, вале дар таҳи дил фикру зикри тамоман дигар доранд, ки ба забон намеоранд. Арақ бошад қуфли забонро, ки тарҷумони дил аст, мекушояд ва бо рамзу ишораҳо асли ботин бар забон меояд. Вафо бошад он қадар бомаърифат нест, ки лутфомез гапзада тавонад, хоса баъди як-ду ҷуръа нӯшидан.

Вафо аз ҳар бобат, часпону ночаспон, гап мезад:

– Шаб мо дар хонаи Қобил будем. Қандаша занад, мард аст. Худаш телефон кард, ки биё ош тайёр. Шикамсерӣ задем!.. Назар ҳам мард, як бор илтимос кардам, телефона гирифту занг зад, панҷсад сӯми ҷароққосӣ дар кисаи ман… Кадом рӯз район рафтем, ман раиса гуфтам, ки раис, як багажники ман пур нашавад, баъд ин чӣ хел колхоз?.. Ҳоло зиндагӣ ҳамин хел шудааст, ҳар кас тавонаду дар намонад… Ҳошим фақат ҳамшаҳриҳои худаша ба кор қабул мекунад ба ман «ҷой нест» гуфт… Вай худаш чӣ хел одам? Сад бор зиёфат додем, як бор чеғ назад. Мо аз худашон не-дия, набошад, ба мо ҳам ягон вазифа мерасид… Ҳасан акнун соҳиби адабиёт шудагӣ, як вақт аз ман хафа шуда буд, як сол боз

шеърамро чоп намекунад, Мана ҳамин шеър, шеъри ганда аст, - вай аз кисабағал коғаз баровард ва ба он нигоҳ карда шеър хонд, ки се-чаҳор сухани обшуста дар васфи баҳор буд: «дар баҳор яххо об мешаванд, дар баҳор сабза медамад, баҳор арӯси сол»... Шеърашро кайф карда ҳамчу як кашфиёт дар адабиёт хонд ва дар фуровард хитоб кард: «Э намур, Вафо, ба ҳамин шеърат! Ман шоир! Шоири хуб. Парвои инҳо надорам. Ҳамин сол китобам дар Маскав мебарояд. Дар диёри мо сухан арзонтар аст аз шалғам».

Дигарон гапи ӯро гӯшкунон бо ҳар қиёфа ва бо ҳар маъно – бепарво, дилтанг, ночор менишастанд. Ҳалим ба умеде, ки лаҷоми гапро тарафи дигар гардонад, бо тамасхур гуфт:

– Кор ҳамин кори худат, ҳамин хел зада гард!

– Дигар чӣ кор мекунӣ-зиндагӣ ҳамин!

– Ман ҳар саҳар аз хоб ки хестам, – гуфт Ислом, – аввал фикре ба сарам меояд, ки дирӯз чӣ кардам ва чӣ гуфтам. Агар кори нодурусте карда бошам, сухани беҷое гуфта бошам, дилам сиёҳ мешавад. Ба шумоён ҳам чунин ҳолат рӯй медиҳад?

– Гоҳ-гоҳ мешавад, – тасдиқ кард Салим. – Ман ҳам ҳамин хел.

– Ту чӣ, Вафо?

– Ман?! Дили ман ҳамеша сафед.

– Дилат сафед, ки ба ҳама баҳо медиҳӣ. Боз фақат аз рӯи ченакҳои худат баҳо медиҳӣ! Ба ваҷабат рост ояд, хуб, наояд, бад.

– Ҳама ҳамин хел, ту ҳам!

– Не, ман дигар хел. Масалан, барои ман ғайбат кардан гуноҳ, хабаркашӣ хислати бади бад, фикр накарда гап задан бефаросатист. Барои ман бо илтимосу таваллову зорӣ буд кардани ягон кор аз азоби ҷаҳаннам сахттар. Ту бошӣ парвои айбу шарм надорӣ ва чунон одат кардаӣ, ки дигар хел рафтор карда наметавонӣ. Барои ту ин як меъёр шудааст ва ба одамон аз рӯи ҳамин меъёр баҳо медиҳӣ.

– Кадом корамонро бо илтимос буд кардем, ки ту мондӣ?!

– Ҳамаашро! Ба институт бо илтимос дохил шудӣ, ҷои корат бо илтимос, хонаат бо илтимос... Вайрониҳои фикрат, аз таҷрибаи худат. Солҳост, ки ман туро мешиносам, ҳамеша менолӣ. Ман ҳайрон, ки аз киву чӣ менолӣ. Ҳамеша фикр карда, фикр карда ба чунин ақида меоям, ки нолишу айбмониҳои ту аз камкорист. «Одами бекор ақли чил вазир-

ро дорад», гуфтаанд дар зарбулмасал, ту ҳам аз камкорӣ ба назари худат хеле боақл менамоӣ. Бештар кор кунӣ, бештар фикр кунӣ, ба дигарон камтар эрод мегирӣ, воситабозӣ ҳам камтар мешавад, арзиши суханат ҳам аз шалғам зиёдтар. Аз ин хусусҳо фикр кардан даркор. Ҳар саҳар аз хоб хестан баробар як бор фикр кардан даркор.

– Худат ҳам шикоят карда мегардӣ, мо гап намезанем-ку! – ҷавоб дод Вафо, аммо бо шасти аввала не. Дамаш хеле паст шуда буд ва аз ранҷиш ранги гирди чашмонаш канд. – Ҳоло зиндагӣ ҳамин хел.

– Не, зиндагӣ ҳамин хел не, худат ҳамин хел…

Ва Ислом баъди аз ресторан баромадан дар роҳ аз хусуси ҳамин сӯҳбаташон фикр кард ва худ ба худ гуфт: «вақташро дар ғайбату шикоят беҳуда мегузаронад, ноаҳл! Ҳайфи умр, ҳайфи вақт!»

Ислом ба хона нисфи шаб сархуш баргашт ва ҷомадону сумкаҳои пурро дида ҳайрон шуд:

– Инҳо чӣ, оча? – пурсид вай.

– Фардо Ҳамакон меравем, бачам.

– Баҳор меравем гуфта буданд додом?

– Корҳои додои туро ғайр аз худаш дигар кас намедонад, – бо зарда гуфт Ҳурматбибӣ.

Ҳа, ҳамин хел ният дошт Баҳром. Ният дошт ки то баҳор аз ҷояш намеҷунбад. Лекин одам дар чӣ хаёлу фалак дар чӣ хаёл? Аз Ҳамакон хабар омад, ки набераи Шогадо Раҳматулло қасди одамкушӣ кардааст. Хабар омад, ки муаллима Латифа худашро сӯзондааст ва сабабгори ин фоҷиа Раҳматулло будааст. Хабар омад ки Раҳматулло гуноҳе надорад, вале наметавонад исбот бикунад, ки бегуноҳ аст, чунки масъала ҳам нозук ва ҳам чигил аст, чунки одам бесабаб қасди худкушӣ намекунад. Ва Баҳром ин дафъа ба касе маслиҳат накарда, ба кассаи Аэрофлот рафту ба самолёт билет гирифта омад – барои худаш ва Ҳурматбибӣ билет гирифт. Онҳо одамони нафақахӯр, вақташон ба ихтиёри худашон, ҳар хел хоҳанд, ҳамон хел сарф мекунанд, касе аз онҳо ҳисобот намепурсад.

Сафар албатта, душвориҳо дошт: самолёт то Ҳамакон намерафт ва қариб ҳаштоду панҷ километр роҳро бо мошин тай кардан лозим меомад. Сарбории ин Ҳурматбибӣ ҷомадону тӯрхалтаҳои бисёре дорад, ки ҳамаи онро бардоштану баровардану фаровардан лозим аст.

– Ба кӣ даркор ҳамин лашу лушҳои ту, – гуфт Баҳром ба ӯ. – Сару либоси худатро гирӣ, бас нест?!

– Шумо як гапҳо мезанед, ки кӯдак барин, – ранҷид Ҳурматбибӣ. – Ман баъди ин қадар сол ба Ҳамакон меравам, ҳама умедвор, ҳама ба дасти кас нигоҳ мекунанд... Ҷӯгӣ барин даромада равам, мардум чӣ мегӯянд?

– Ҳа, чашми мардум ба ҳамин тӯҳфаи ту чор! – гуфт Баҳром, вале ҳамаи он чизҳо – як ҷомадон китобу дафтарҳои худаш, ду ҷомадону се тӯрхалтаи пур аз либосу матоу ширавори Ҳурматбибиро кашолу молон гирифта бурд. Сафар ки кардӣ, азобашро ҳам мекашӣ.

Ва онҳо, Баҳрому завҷааш нохост ба Ҳамакон омаданд ва онҳоро чунон ки як вақтҳо дар айёми ҷавонии Баҳром, ҳар каси аз сафари дуру дароз баргаштаро хурду калони шаҳрак пешвоз мегирифтанд, ҳамол хел истиқбол накарданд, ё дидор пир шудааст, ё феълу хӯи мардум ва ё натиҷаи бисёру осон шудани рафту омад. Ҳоло ҳар рӯз аз ин лаби дунё ба он лаби дунё самолётҳо мепаранд ва рафту омади мардум ба дуру наздик чунон бисёр шудааст, ки муштакбарии камбағалон ба осиё дар солҳои ҷанг барин. Касоне ҳам ҳастанд, ки дар меҳмонхонаи шаҳрҳои калон хобиданро назар ба хонаи худ афзалтар медонанд. Аз рафтану омадани онҳо ду кас бохабар бошад, се каси дигар хабар надорад. Мераванду меоянд мераванду меоянду намераванд. Ҳар кас ҳар хел – олами гирдгардоне, ки одамони саргардони бисёре дорад.

Ин дафъа низ мардум ба саломи Баҳром омаданд – расми ватандорӣ ҳамин – ягон кас аз ҷои дурояд, сари қадам даромада хабар мегиранд. Меоянд, салом гуфта аз дар медароянд, дар гӯшае амонат нишаста ду-се даҳон пурсупос мекунанд ва оҳистекак хеста мераванд. Корашон бисёр, аз афташ, мардума. Дар назари аввал гӯё худи ҳамон одоб, вале боз он не, ба монанди оҳанги халқие ки аз нав кор кардаанд – ҳам ҳамон оҳанг дар айни замон он оҳанг не.

Чӣ ҷои гап? Одам шароитро дигар мекунад, шароит одамро. Ҳамакон ҳам он Ҳамакони пештара нест, тамоман дигар шудааст – шаҳр барин. Ҳамакони қадима, бо вуҷуди ҳафт гузари калон доштан, бо вуҷуди одамони ҳар гузар, ба эътибори аксарият аз як авлод будан, бо вуҷуди он ки байни авлодҳо аз барои замину об аз барои доду гирифт, аз барои иззатхоҳӣ, ки боиси хархаша ва ҷангу ҷидолҳои доимӣ мешуд, аз кадом як замонҳои доқиёнусӣ одобу ахлоқи ягона дошт. Мардум маъра-

кашарик буданд ва аз ҳафтсола то ҳафтодсола додову бобои якдигарро зану писари якдигар ва кору бори якдигарро медонистанд. Ҳоло ба ин ҷо аз ҳар гӯшаву канор – аз ҷойҳои наздик ва дур одамон омадаанд, ҳоло фахр мекунанд, ки ҳаёти шаҳраки мо намунаи олии дӯстии халқҳост – дар ин ҷо намояндаи чилу чор миллат аҳлона паҳлӯ ба паҳлӯ кору зиндагӣ мекунанд ва табиист, ки маърака ва услубу одобашон низ аз чилу чор манбаъ оғоз меёбад, лекин аз ин бобат касе фикр намекунад, ки чӣ оқибате дорад.

Ба ҳар ҳол аз рӯзе ки Баҳрому Ҳурматбибӣ омаданд, ҳавлии Саъдулло тӯйхона барин сердарову баро ва серрафту омад шуд. Пешу қафо қариб ҳама шиносҳои кӯҳна омаданд, фақат Раҳматулло наомад. Баҳром омадани ӯро ду рӯз интизор буд ва рӯзи сеюм пурсид:

– Чаро Раҳматулло наменамояд?

– Бечора аз шарм сар аз хона берун намебарорад, - ҷавоб дод Шарифа.

– Ягон одам фиристед, ҷеғ зада биёрад.

Раҳматулло бо вуҷуди он ки хабар доданд, шабро торик карда баъд омад: «Ба рӯи одамон нигоҳ карда наметавонам», гуфт. Ранги рӯи ӯ парида, чашмонаш фурӯрафта буд. «Гуноҳи ман ҳамин ки ба хонаи Латифа тез-тез мерафтам, – гуфт вай. – Мо дӯст будем, вале ҳеҷ кас бовар намекунад. Мегӯянд, ки дӯстиатон ба ҳамин рӯзҳо оварда расонд».

Латифа дар паҳлӯи мактаб як ҳуҷра дошт ва Раҳматулло гоҳо бегоҳӣ ва гоҳи дигар сари субҳ, рафта ӯро хабар мегирифт. Онҳо ҳанӯз аз солҳои студентӣ дӯст буданд ва Раҳматулло чун дӯст ба хонаи Латифа даробаро мекард, ки вай зиқ нашавад. Одамон ин дарову барои доимии ӯро дида овозаҳои бад паҳн карданд: гӯё Раҳматулло ҳамхобаи Латифа бошад. Латифа ба ин овозаҳо тоқат карда натавонист ва ҳамон фоҷиа рӯй дод.

– Тӯҳмат, – гуфт Раҳматулло, – вале ман тӯҳмат буданашро исбот карда наметавонам. Ба хонаи ӯ рафту омад доштанам рост охир!

– Ман ба ту бовар мекунам! – Баҳром даст ба китфи Раҳматулло гузошт.

Раҳматулло баъди рӯй додани он фоҷиа бори аввал қоматашро рост гирифт, ба чашмонаш нур даромад.

Баҳром боз ду рӯзи дигар дар Ҳамакон истод. Бо директори мактаб сӯҳбат кард, бо муаллимон сӯҳбат кард, бо Ла-

тифа вохӯрд ва дар дил қарор дод, ки ба район меравад ва ба ин кор дахолат мекунад.

Он рӯз Шарифа бо ёрии Ҳурматбибӣ меҳр монда каллаву поча ва шаҳлут пухтанд ва боз хонаи калони Саъдулло серодам шуд.

Саъдулло почои Баҳром аст, вале ба «почо» гуфтан забонашон намегардад. Ба назараш, ки як шарме дар талаффузи ин калима ниҳон бошад.

Ҳавлии Саъдулло васеъ – се самташ иморати чӯбкорӣ ва ба ғайр аз бинои нишасти оила боз хонаҳои холии хуб дорад. Шарифа, апаи Баҳрому зани Саъдулло, бисёр мехоҳад, ки акааш баргашта ба шаҳри дур наравад, дар ҳамин ҷо истад. «Ман хона надорам, дар куҷо меистам?», бо ханда ҷавоб медиҳад Баҳром то ки апаш ба хаёлҳои ширинаш бовар накунад, чунки умед бандаду баъд умедаш барбод равад боз сахттару душвортар аст. Вале ин ҷавоб баракси чашмдошти Баҳром ба дили Шарифа умед меандозад: «шумо ҳамин ҷо истед, хона қаҳт назадааст, мана бинед чӣ қадар иморат. Хонаи дигар чӣ даркор? Аввалаш ки якҷоя зиндагӣ карда мегардем, агар не гӯед, ҳо хонаи пушти танӯр се сол боз холӣ. Ба умед барои писарамон сохта будем, вай наомад, дар Ленинград хонду ҳамон ҷо монд – бачаҳои ҳозира аз деҳа мегурезанд! – шумо дар ҳамин хона ҷойгир шавед, ақаллан дар охири умр аз дидор сер шавем, ин парешони мо охир дорад ё не?!» «Мо парешон нестем, хотирамон доим ҷамъ аст», «Э гӯра, мо як умр зиндаҷудову мурдаҷудо».

Саъдуллову Миралӣ ҳам тарафдори Шарифа, «Хайр, кӯчида набиёед, ин кори маҷбурӣ не, – гуфт Саъдулло, - лекин як хона сохта монед, магар ягон зарар дорад? Иморати калон не, як даҳлезу як дар хона, ақаллан тобистонҳо омада дам мегиред-ку?» «Шумо не негӯед мулло Баҳром, - маслиҳати Саъдуллоро қувват дод Миралӣ. – Шумо хайр гӯед, он тарафаш кори душвор не, Саъдулло ба чӯб ҷон медарорад». «Иморат одамро муқимӣ мекунад, - чашмони Шарифа нур гирифтанд. – Вай хонаҳои шумо менишастагӣ амонат».

– Хайр, ин маслиҳатҳо баъд, – гуфт Баҳром. – Шаҳлут ҳақиқатан шоҳона шудааст. Ба пазандааш ҳам ташаккуру ба хӯрандааш ҳам. Акнун дар ҳаққи дастархон омин гӯед, ман дар район як кори зарур дорам.

Вақте ки вай тарафи маркази район мерафт аз оғози роҳ ба дил фоли нек гирифт. Аввал ин ки ҳаво аз нав кушод – софи

соф ҳавои Наврӯз барин. Дар осмон ягон порча абр намондааст. Баъд вай ба истгоҳи автобус нарасида як «Жигули» омада дар паҳлӯяш истод ва аз даруни он як одами танағафси дасту поҳош кӯтоҳ баромада бо ӯ гарм аҳволпурсӣ кард ва даме фаҳмид, ки вай маркази район рафтанист, аз оринҷаш дошта ба мошин даровард у гирифта бурд.

Вале оғози кор осон омаду анҷомаш душвор шуд. Вай се рӯз идора ба идора гашт; ба қабули прокурор рафт, ба қабули раиси исполком рафт, ба қабули котиби райкому раиси суд рафт; боз дар қабулгоҳи прокурор навбат истод, боз дар қабулгоҳи раиси исполкому раиси суд навбат истод. Дар ҳама ҷо ӯро хуш қабул карданд. «Мо тафтишро тамом кардем, он тарафашро суд медонад», гуфт прокурор. «Натиҷааш рӯзи суд маълум мешавад», – гуфт раиси суд. Раиси исполком гуфт, ки «худатон медонед, қонун ҳаст, ҳар чи шавад, мувофиқи қонун мешавад». Дар ин байн суд барпо гардид ва Раҳматуллоро шартан як сол аз ҳуқуқ маҳрум карда, ҷои дигар ба кор фиристониданд. «Рости гапро гӯем, - гуфтанд доварони район, – сабаби фоҷиа муҳит аст. Муҳити рӯҳӣ носолим аст дар Ҳамакон ва маншаи фоҷиа ба тағйири муҳит барҳам мехӯрад. Лекин чӣ илоҷ, муҳитро суд карда нашавад, ҳабс карда нашавад. Лекин ҷиноятро беоқибат мондан ҳам мумкин не. Ба мо гап мерасад. Бинобар он Раҳматуллоро суд кардем, аз ҳуқуқ маҳрум кардем».

Баҳром афтодаву кӯфта ба Ҳамакон баргашт ва ду рӯз аз хона набаромада хоб рафт. Хоб ба ин маъно ки сар аз болин набардошт ва доим аз паҳлу ба паҳлу мегашту худ ба худ мегуфт: ҳамаи мо бандӣ ҳастем. Кӯчаҳо пур аз шоири озодӣ, китобҳо пуропури каломи Озодӣ, вале дар зиндагӣ кулли мо Бандӣ, Бандиҳои озод ҳастем мо. Дар банд бошем ҳам Бандӣ, дар озодӣ бошем ҳам Бандӣ. Дигар ҳамааш хобу хаёл!

Дар ин муддат Мираливу Саъдулло маслиҳат карданд, ки барои Баҳром ягон машғулӣ ёфтан даркор, ки вай кам фикр кунад, набошад тамоман бистарӣ мешавад. Ва онҳо қариб зӯран ӯро розӣ кунониданд, ки ариза дода замин гирад ва иморат андозад. Оқибат вай таку дав карда замин гирифт ва ҳоло рӯзе як бор сари заминаш рафта меояд. Вале чунин ранг гирифтани кор ба Шарифа маъқул не. Ин саҳар низ тараддуди рафтани ӯро дида Шарифа норозиёна гуфт: «ба сари худатон ташвиш харидед, ҳамин ҷою ҳамин хона чӣ бадӣ дошт?» «Ин ҳам як машғулӣ, вай ҷоша дидӣ? Ёна, ҳозир дар

хушкӣ ҳамвор карда таҳкурсӣ партоем мустаҳкам шуда меистад». «Ин қадар дилатон кашоли хонасозӣ бошад, аз ҳамин қарибиҳои мо участка нагирифтед? Вай Ҳайкал барои шумо аз даруни шаҳр ҷой наёфт, ки ба адир баровард?».

Ҳайкал раиси колхоз аст, сару гардани фарбеҳ, ки дорад, дар ғоибаш Ҳайкал мегӯянд. Ӯро ду сол пеш калонҳои район аз як ҷои дур даъват карда оварданд, ки аз ҷанҷоли бошандагони ин колхоз халос шаванд. Чунки одамони ин колхоз аз ҳар дара ҷамъ омадаанд ва ҳамеша даъво мекарданд, ки «чаро сардор аз мо не.» Даъвогарии онҳо ба сари роҳбарони район ташвиши зиёде овард: ҳар гурӯҳ дар аризаву маълумотномаҳошон, албатта мақсади худро рӯирост наменавиштанд, балки манфиати ҷамъиятро ниқоб мекарданд, ки: «сардорамон хешу таборашро вазифа медиҳад, моликияти ҷамъиятиро моли шахсии худаш барин сарф мекунад, аз пули колхоз барои худаш хона пӯшонд, мошин харид». Нотифоқӣ ду шохаи нифоқ аст ҳар ҷо нифоқ бошад осудагиву пешрафт нест. Аз рӯи ҳамаи гурӯҳҳо дар идораҳои район, вилоят, марказ ва ҳатто Москав папкаҳои ғафси бисёре ҷамъ шудаст, ки пури арзу додҳои имзодор ва беимзост. Аз ҳамин дарди сар халос шавем, гуфтанду як одами бегонаро раис карда фиристоданд, ки шахси беғараз, ба ҳамаашон як хел муомила мекунад, Тадбире, ки аъзоёни бюро андешида буданд, натиҷаи дилхоҳ дод: ҷанҷолҳои байни худашон пасанда шуд, чунки Ҳайкал ба сабаби дар ин колхоз муқимӣ набуданаш на ҳавлӣ месозад, на мошин мехарад ва на хеша дорад, ки мансаб диҳад. Ҳар чӣ пасандоз кунад, ба мошин, ба поезд ва ё ба самолёт бор карда мефиристонад ва дар кашондани он борҳо аз намояндаи ҳамаи гурӯҳҳо баробар истифода мебарад – як бор инашро кор фармояд, бори дигар ваяшро кор мефармояд ва дар натиҷа ҳама аз ӯ хурсанд, ки «одами ҳалол будааст».

Замине ки ба Баҳром доданд, дар он тарафи селраҳа, дар адири офтобрӯя воқеъ аст. Ин адир дар айёми бачагии Баҳром фақат аввали баҳор сабз мешуд ва аз беобӣ зуд супсурх мевағид; аз ҷинси алаф танҳо ҷорӯб боқӣ мемонд, ки ғайр аз хар дигар ҳайвон ба вай даҳон намезад; харҳо то танги тирамоҳ дар он ёнаҳо ҳайдав гарданхоию лагадҷанг карда мегаштанд.

Баҳром бо кӯчаҳои каҷмакаҷ ҷониби селраҳа раҳсипор шуд ва роҳравон фикр мекард, ки булдозер омада бошад ё

не. Вай аз таги ҳар дарвозае гузарад ба машомаш бӯи тамоку мерасид ва худ ба худ ҳайрон мемонд: чаро ҷои ҳама зироату обчакориро тамоку гирифтааст? Пештар дар ин фасли сол аз кӯчаю ҳавлиҳо бӯи коҳи гандум, бӯи пахоли зағир ва бӯи себу нок ба машом мерасид. Ҳоло аз ҳама ҷо–аз боғ, аз кӯча аз ҳавлӣ, ҳатто аз дасти бачаҳо бӯи тамоку меояд. Хурду калон ба тамоку часидаанд, ки «даромадаш нағз» Ҳатто Ҳурмат рафтааст, ки барои кашондани ҳамели тамоку ба Саъдулло ёрӣ диҳад. Тамоку ба ин занак чӣ муносибат дорад?

Умуман пас аз ба Ҳамакон омадан хеле чолок шудааст вай. Дар шаҳр аз хона набаромада ҳама корашро буд мекард – ташвиши ҳезуму обу алов набуд, вале доим нолида мегашт. Гоҳ аз заъфи дил шикоят мекард, гоҳи дигар аз дарди сар. Дар ин ҷо ҳезуму обро кашонидан лозим, алову асбоби тамом на ҳамеша муҳайёст, бо вуҷуди ин нолишу шикоят надорад ва илова ба корҳои худаш боз кор кофта мегардад. «Дар кор одам чӣ тавр гузаштани рӯзро нафаҳмида мемонад», мегӯяд. Одам чӣ тавр гузаштани рӯзро нафаҳмад, барои чӣ будааст он рӯзгузаронӣ?

Баҳром пирона, мутафаккирона қадам мезад, офтоб баланд баромада бошад ҳам ҳанӯз он қадар гарм набуд. Кӯчаҳо холӣ буданд – мардум аз паи корашон рафтаанд. Лашкари доимӣ ва серғавғои кӯча – бачаҳо дар мактабанд. Фақат дар лаби ҷӯ Баҳром як занро дид, ки яктак ба сар дошт ва дегу табақ рег мезад. Баҳром ӯро нашинохт, вай ҳоло бисёр касонро намешиносад, яксолаҳо сисола шудаанд, даҳсолаҳо чилсола, боз одамони аз ҳар тараф омада. Бо вуҷуди нашинохтан тахмин кард, ки ин заифа бояд аз авлоди Мулло Мирзо бошад. Дар Ҳамакон фақат аҳли ҳамин авлод пас аз гусели меҳмон табақу косаашонро ба об тар карда мемонданд – қатрон мекарданд ки ҳалол шавад.

Вай аз ду кӯчаи кӯтоҳ гузашта назди масҷид баромад. Дар суфаи рӯфтаю обзада Шомансур бо ду-се мӯйсафед рӯи шол нишаста чой менӯшиданд. Баҳром ба онҳо салом дод ва ҳолу аҳволпурсӣ кард ва ба бинои масҷид зеҳн монд: таъмир карданд, саҳнаш ҳам ободу озода, фақат ҳавзаш нест. Як вақтҳо ин биноро тамоман фатарот карданд, ки дар ин кор саҳми Баҳром низ ҳаст. Аввал анбори ғалла карданд, мушхона шуд. Баъд тамоман бенигоҳубин монд; андоваҳо ва кошинкориҳояш фурӯ рехт, бо таъсири боду борон пардабомҳо афтод, болору вассаҳо пӯсиданд. Акнун чун ёдгори меъмории асри XVII

таъмиру тармим кардаанд. Гирдаш панҷара, атрофаш рӯбу чин кардагӣ, ба сайёҳон нишон медиҳанд ва ба Шомансур маоши назорат медиҳанд. Дуруст-дия. Бино чӣ гуноҳ дорад?! Зараровар хурофот аст, на ёдгори меъморӣ. Хубаст ки мурури замон сараву носара, даркору нодаркорро ғалбер мекунад. Ва боз бадтар аст, ки мардум на ҳамеша ибрат мегиранд ва на ҳамеша ақл аз ҷаҳолат муқаддам аст.

Баҳром аз паҳлуи масҷид гузашта тарафи увивермаг фуромад. Ҳамин ҷои универмаг ҳавлии онҳо буд. Вай медонад ки аз ҳавлии падараш ному нишоне намондааст. Ҳоло ҳам ба чашмаш дида истодааст, вале дилаш бовар намекунад. Ба дилаш ки он ҳавлиро боз як бор мебинад, дар кӯҷаи ҳамин ҷоҳост, ҳатман мебинад... Дар пушти магазин комбинати маданию маишӣ, (аҷаб таъбири бемаънӣ!) боз ин тараф як бинои дигар.

Дар айёми наврасии Баҳром панҷоҳ-шаст қадам дуртар аз ҳавлии онҳо буттазори анбӯҳе сар мешуд, ки то бехи шаххо рафта мечаспид. Танга барин ҷои холӣ надошт, як ваҷаб заминаш наменамуд, сар то сар бута ва алаф буд. Зирку хорчаву гулхору вағничу хома анбӯҳу гардан ба гардан буданд. Фасли зимистон ва аввалҳои баҳор аз ин буттазор ба сари оилаи онҳо ташвиши зиёде меомад – гургҳои гурусна ғофил аз даруни буттаҳо баромада ба меш ё бузи онҳо ҳуҷум мекарданд. Барои ҳамин раҳматии падараш доим ду саг нигоҳ медошт. Шогадо бошад дар кӯчаҳо айб карда мегашт, ки: «саги Холиқ аз молаш бисёр».

Ҳоло он буттазор сар то сар, то охираш, то бехи шах чунон холӣ ва чунон луч шудааст, ки гӯё аз рӯзи азал дар он ҳеҷ буттаи хурду калоне набуд. Борон чак гӯяд, ҷои андармон шудан надорад. Андак шамол шавад, чанги хок ба осмон мехезад.

Саъдулло мегӯяд ки ҳама ҷоро қатаған карданд, дар дараҳои дур ҳам ягон дарахти болорбоб ёфт намешавад – ҳамаашро буриданд.

Баъди Сели Калон ҳамин хел як маъраки умумии буробурии дарахтҳо сар шуд. Мирвалӣ сар кард. Вай мардикор киро карда як моҳ дар дараҳо чӯбу сутуну васса бурид ва ҳашт дар хонаи чӯбкорӣ сохт. Баъди ҳамин баҳс ба баҳс шуда рафт – барои имораташон буриданд, барои фурӯш буриданд – қади дарё супсурх пури чӯб шуд. То Самарқанд Бухоро бурда фурӯхтанд. Дар гирду пеш дарахт намонд. Ҳатто

оғилҳо, ки пештар лойдевору сангдевор буданд, чорсинчу чӯбкорӣ шуда рафт.

Баъд Мирвалӣ гирди ҳавлиашро девори баланд бардошта сархор гирифт. Боз маракаи «Ман аз вай чӣ камӣ дорам?» сар шуд. Буттаҳоро решакан карданд. Як бута ки намонд боз ихтироъкорҳое пайдо шуданд, ки – аз кучое дида омадаанд! – шишаҳои холи аракро шикаста ба ҷои сархор сари девор мечинанд. Инаш ҳам кӯҳна шавад, боз ягон мақоми нав мебаровардагистанд. Э, ин одам гуфтагеш ҳеҷ ором намеистодааст – ба ягон кор ки часпид, то охир даст намекашад – тамом мекунаду баъд дилаш қарор мегирад.

Баҳром оҳиста-оҳиста қадамзанон ба алам ва таассуф аз дил гузаронд, ки одамонро таъсуб ба якдигар вайрон мекунад аз афташ.

Баҳром аз қисми қадими шаҳрак гузашта ба селраҳа фуромад ва аз пули он гузашта ба қисми нави он даромад. Ҳамин вақт аз тарафи идораҳои колхоз овози Мирвалӣ баромад:

– Мондаҳо, мулло Баҳром! Тану ҷон, дилу ҷигар, бачу кач, хурду реза, ҳама сиҳат саломат ҳастанд?

– Шукр, шукр, мешавад.

– Ягон бор ҳой ҳам намегӯед, тарафҳои мо намеоед?

– Насиб, меоем.

Ҷорубзори хушку бефайзи қадима ҳоло пури иморат шудааст, ки як ду тасмаи поёнаш дарахт ҳам дорад. Ёнагиро дар масофаҳои муайян рах-рах бурида, ба одамон участка додаанд. Иморатҳо саф кашидаанд ва як намуд доранд, ки хонаҳои типи нав мегӯянд.

Баҳром ба ҳамин манзара нигоҳкунон мерафт ва аз хусуси Мирвалӣ фикр мекард: «Мирвалӣ ҳоло ҳам ҷавон. Дар андомаш тағирот ҳаст, албатта – мӯи сараш сафед, лунҷҳояш фурӯ рафтагӣ ва дар сари биниаш ду-се тора мӯи гардакдор, лекин феълу хӯяш ҳамон ки буд. Ҳамон вақтҳо дар идораи колхоз бо пул сару кор ошт ҳоло ҳам. Ҳамон вақтҳо дар зиёфати фаъолону меҳмонҳои онҳо баковулию латифагӯӣ, мекард, ҳоло ҳам. Мардум нақл мекунанд, ки падари Мирвалӣ дасти қалбе дошт ва ба ҷазои гуноҳаш дар охири умр рӯи офтобро надид. Ҳама ҷо офтоб, вале нураш ба ӯ намерасад. Дар сари ӯ доим абри сиёҳ. «Офтоб, офтоб!» - гӯён ҷон дод. Мирвалӣ ҳаққи одамонро бебаркаш мехӯрад, пас чаро Офтоб аз ӯ ҳазар намекунад? Мазмун, подоши кирдорҳои одам ҳам бо мурури замон тағйир ёфта меистад – дар ҳар давру даврон ҳар хел.

## XI

Ҳурматбибию Шарифа ду-се рӯзи охир ба муҳайё кардани асбоби зиёфат банданд. Хамир мекунанд, нон мепазанд, биринҷ тоза мекунанд, табақу коса ҷамъ меоранд.

Як рӯз пеш гӯсфанд куштанд ва Ҳурматбибӣ каллаву почаю шикамбаю рӯдаро бардошта, лаби ҷӯ шустан бурд. Вай сараш ҳам корде ба даст машғули кори худ буд, ки ҷавонзане боодобона салом дода дар паҳлӯяш нишаст. Ҷавонзан ҳомила буд. Аз афташ дар хона нишаста зиқ шудааст, ёри гапе меҷӯяд, ки рӯзи дарозро кӯтоҳ кунад. Ӯ дар паҳлуи Ҳурматбибӣ нишаст ва бе он ки рухсате пурсад ё интизори ишорае шавад, аз худ дониста як почаи гӯсфандро гирифту тоза кардан гирифт ва даҳонаш ҳам баробари дастоаш меҷунбид. Вай беист гап мезад: дар шаҳр Ҳурматбибӣ чӣ корҳо мекард? Боғ доштанд, ё не? Аз шаҳр хуб пули бисёр захира карда овардаанд? Вай ҳам медонад, ки дар шаҳр пул ёфтан осон, лекин ба қарибӣ додараш рухсатӣ гирифта омад ва мегӯяд, ки пули меёфтагиаш моҳ ба моҳ сар ба сар базӯр мерасад. Гуфтам ки «пулат бисёр, ин қадар пул ҷамъ карда чӣ кор мекунӣ? Сад сӯм ба ман те», хандида мегӯяд, ки «канӣ, пул? Моҳе дусаду бист сӯм даромад дорем». «Моҳе дусаду бист – дар як сол ду ҳазору шашсаду чил сӯм мешавад, ин пули кам аст? Ту бошӣ, ҳашт сол боз кор мекунӣ, дилам намешавад гӯю мон». «Ба назари ту ҳамин хел менамояд, дар асл як сӯм пасандоз карда намешавад аз ин пул бисту шаш сӯм андоз нигоҳ медоранд боз хонапулӣ чароғпулӣ, аловпулӣ додан даркор. Он чӣ боқӣ мемонад ба хӯрду хӯрок нӯг ба нӯг мерасад. Охир, дар шаҳр ҳама чизро мехарӣ. Масалан, як пиёла чака як сӯм, як банча гашнич бист тин, боз ягон либос гирӣ – кастуми дуруст саду ҳаштод-дӯсад сӯм меистад, як ҷуфт туфлӣ чил-панҷоҳ сӯм, бояд аз хӯрдани каму тум зада истӣ, ки баъд сар ба сар расад». «Ин хел бошад, чӣ кор мекунӣ дар он ҷойҳо, ҳамин ҷо биёи намешавад? Аз он пулат нисфаш сарфа мешавад ва як гӯшаи рӯзгоратро обод мекунӣ…»

Ҳурматбибӣ ба ҷавонзан бо завқ менигарист, суханашро бо завқ гӯш мекард ва додарат рост гуфтааст, гӯён ҳар ҷумлаи ӯро тасдиққунон бо завқ механдид.

Секору серханда шудааст Ҳурматбибӣ. Ҳар кас ҳар чи мегӯяд, лекин сабаби аслиаш он аст, ки дар дили ӯ завқи давраҳои ҷавониаш бедор шудааст. Албатта айнан ҳамон

шавқу завқ не, лекин ба ҳамон монанд. Ҳамон лаҳзаҳоро ба ёд меорад, тамошои сурати давраҳои ҷавонӣ барин. Ба ҳавои ҳамон шавқу завқ вай серҳаракат, серханда ва serкор шудааст.

Вай аз бетоқатӣ аз паси ҳар кор давида мегардад, кори набудагиро кофта меёбаду бечора Шарифа ба азобу хиҷолат мондааст. Охир, мардум намегӯянд, ки бори рӯзгорро ба гардани янгааш партофтааст, шарму ҳаёро фаромӯш кардааст. Худо ҳозир ки ӯ, Шарифа, тоқати неши забони мардум надорад ва боре ҳам ба янгааш нагуфтааст, ки аз ин ҷо хезеду он ҷо шинед. Ягон бор даҳон накушодааст, ки хамир кунад ё нон пазад. Баракс, доим пеши дасташро медорад, ки шинед, як нафас дам гиред, вале ӯ гӯш намекунад.

Обу ҳавои Ҳамакон ба Ҳурматбибӣ форидааст – ба рӯяш сурхӣ давидааст ва чунон ки ҳамсояҳо мегӯянд, баданаш об давондааст. Вай сатил ба сар монда ба чашма барои об меравад, ба дараҳо рафта дар пуштора ҳезуму шоху шапа меорад. Айб аст ин корҳо ва одамон ӯро не, Шарифаро айб мекунанд. Айб мекунанд, «обашро оварда хӯрда наметавонад, ҳезумкаш наёфтааст, ки як зани пирро ба ҳезум мефиристонад». Шарифа ноилоҷ мондааст, намедонад чӣ кор кунад. На Хурматбибиро аз раъяш гардонида метавонад ва на даҳони мардумро баста.

– Ман ба мардум коре надорам, – мегӯяд Ҳурматбибӣ, – онҳо ҳам ба ман кордор нашаванд. Ман аз ночорӣ не, аз ҳавас мекунам ин корҳоро, пазмон шудам ин корҳоро, боз ба шохи бурс арғамчин партофта бод рафтанро пазмон шудаам.

Ҳамин хел корҳо ба ӯ маъқул, чунон ки пухтану хӯрдани ҳамон таомҳое, ки дар шаҳр лаззаташро фаромӯш карда буд. Он таомҳоро ҳоло дар деҳот ҳам касе намехӯрад, ҳатто айб мекунанд. Наход дар ҳамин солу замони сериву пурӣ кас мушунгу боқило ва наску ғомуқ хӯрад? Ҳучаю атолаи кочӣ хӯрад?! Дар солҳои гуруснагӣ аз ночорӣ мехӯрданд ин таомҳоро!

Ҳурматбибӣ бошад бо ҳавас мепазад ин таомҳоро ва бо ҳавас мехӯрад.

– Ба мо шираи ҳамин таомҳо намерасид, – мегӯяд.

Баҳром тасдиқ мекунад гапи ӯро. Дуруст, мегӯяд дар ҳақиқат шираи ҳамин таомҳо намерасад ба мо.

Ҳамин тавр шираи баданашонро зиёд карда, дар ҷунбуҷӯли рӯзгор ва ташвиши иморатсозӣ вақт гузаронида

гаштанд онҳо дар Ҳамакон. Ва ҳавои хушк чил рӯз зиёдтар давом кард – барфҳо ҳама об шуданд, ҳатто дар сари кӯҳҳо барф намонд. Аз гармӣ дар қади ҷӯйҳо сабза дамид, як сабзаи тару тозае, ки гову гӯсфанд бо ҳавас мехӯранд, вале баъди хӯрдан дурунраву беҳол мешаванд.

Гӯё зимистон гузашта рафт! Вале ҳаққаш монда будааст, ки боз омад, як шаби нимаи дуйӯми моҳи январ пафпуфкунон омад. Бо шамолу барфи майдаи сахташ омад ва дар як шабонарӯз ҳама ҷоро фатҳ кард.

Ҳоло берун чунон хунук аст, ки нафас дар даҳон ях мебандад.

Дар ҳамин хунукӣ Баҳром рӯи хараки почтахона нишастааст ва ба занаш, ки ба девори пешгаҳ тақя дода рост истодааст, гоҳ-гоҳ вале норозиёна менигарад: Одам ба гапи зан медарояд!?

Вай либосҳои гарм дорад, вале баданаш ҳеҷ гарм намешавад.

Ҳурматбибӣ ба дарбача сар халонид:

– Духтарам, вай омадагист?

– Интизор шавед, худам ҷеғ мезанам.

Ҳурматбибӣ рӯймоли ғафсашро дурусткунон аз дарбача дур шуд. Баҳром дар ҷои нишастааш бо надомат ҷунбида монд. Як ҷавонмарди нимпӯстиндори пеши бараш кушода бо ҷадал дарро кушода, дар фарш холҳои сафедгузарон то дарбача рафт. Фарш сементист ва барфи аз пйоафзолҳо афтида рӯи он ях мебандад. Аз ҳамин хел хунукӣ ва ҳамин хел яхбандӣ ба бадани Баҳром доим мурғак медамад ва аз тарс тахтапушташ шах мешавад. Бадарға ва азобҳои бадарға ёдаш меояд. Дар ҳавои хунук ҷинҷак шуда афтидану дигар абадан аз ҷо нахестани одамон ёдаш меояд. Одамро хунук занад, сӯхта барин сип-сиёҳ ва хушк мешудааст! Вай бо чашми худ дидааст.

Бадани Баҳром фушурда шуд. Аз харак хеста пешу қафо қадам задан гирифт: «Шогадо шабону рӯзони зимистонро дар айвон бо чӣ ҳоле мегузаронд? Аз ҷавшани ҷони одам мегузарад ин хунук. Ҳамааш айби ҳамин занак – телефон кунем, телефон кунем, гуфта гӯшу майнаи касро мехӯрад. Вай кӯдак набошад, дар ҷангал мондааст, ки гург хӯрад? Қатори мардум гаштааст-дия!»

Нодир бачаи хурд нест, албатта, аз университетро тамом карданаш се сол гузашт. Соҳиби хонаву дар, зану бача, вале

писари хурдӣ, писари кенҷа, бинобар он Ҳурматбибӣ бовар надорад, ки вай одами калони мустақил шуда бошад. Одаме шуда бошад, ки зиндагии худро саришта карда тавонад. Ба назари ӯ Нодир ҳанӯз кӯдакаст, кӯдаки қаддарози нодон ва бетаҷриба, ҳоло вай ақли чӣ дорад? Як одам даркор, ки доим роҳ нишон дода истад. То даме ки худаш дар шаҳр буд, лаҷоми ӯро кашида меистод. Акнун ба сари худ, ҳар номаъқулие хоҳад карда мегардад. Вай бачаи нодон, надонад ки таънаи фарзанд ба падару модар мерасад? Дирӯз ба телефон наомад, кӣ медонад, ки чӣ ҳодиса шуд?

– Духтарам, - боз ба дарбача сар халонд ӯ – боз дирӯза барин нашавад? Дирӯз ҳамон қадар интизор шуда истодему истодем…

– О ман чӣ кор кунам?! Ҳоло бачаатон наомадааст.

– Ё ҳамон хат нарасидааст…

– Инашро ман намедонам. Интизор шавед.

Хати даъват сари вақт ба унвон расида буд, вале Нодир хабар надошт. Вай рӯз ба шабаш гум шуда рафт, ки аз интизорӣ кӯки чшми завҷааш канда шуд: «ин мардаки хонабезор куҷоҳо мегашта бошад?»

Моҳрӯ ба гум шудану пайдо шуданҳои ӯ одат кардааст, гоҳо парво ҳам надорад; гашта-гашта боз ҳамин ҷо меояд! Гоҳи дигар бисёр қаҳраш мекунад: ёру ҷӯрабозӣ ҳам ба эбаш-дия! Ҷӯрабозӣ ҳам кунад, Моҳрӯ муқобил нест, вале дар вақту соаташ. Мард гуфтагӣ кору бори рӯзгорро ҳам мебинад, аз хонаву дараш хабар мегирад. Як ҳафта боз Моҳрӯ мегӯянд, ки обрезаи ванна вайрон, батареяҳои хона гарм намешаванд, охир, ин хона ягон рӯз обод мешавад ё не? Вай бошад гап назада баромада меравад, парво надорад, ки об болорӯ меравад ё тагрӯ!

Нодир, ба ақидаи худаш он қадар бепарвою фориғмасла нест, ба ӯ танбалиаш не, балки ақидаю эътиқодаш ба ҳалолкорӣ, ки одам вазифаашро бояд бегуфт ва ё бо як ишора иҷро кунад – охир барои ҳамин вазифа гуфтаанд – халал мерасонад. Дар ҳамин ҳафта ду бор ба управленияи хонаҳо рафт, ваъда доданд, вале иҷро накарданд, вай чӣ кор кунад? Аз гиребонашон гирад?! Монанди вай сад кас арзу дод карда омадаанд: хона гарм намешавад, аз турба об мечакад, раковин шикастааст ҳамаи ин ба худи кас вобаста набошад, ки як

номаъқулии медонистагиатро кунӣ? Як тарафаш ба дасти як ташкилот, тарафи дигараш ба ихтиёрӣ дигаре, то сарҳисобашро мeёбӣ, ки хӯрдагиат аз биниат меояд... Вай ҳамин хел мегӯяд ба Моҳрӯ. Бо ҳамин гапҳо худро сафед мекунад, вале Моҳрӯ медонад, ки худи вай ба кори хоҷагӣ бепарво. Айби ноӯҳдабароӣ ва чашми кори рӯзгорро надонистанаш аст. Ба осону тайёраш одат кардааст; ба дили ӯ ки ҳама кори хона бо як ишора буд шудан гирад, вақти беҳуда сарф кардан чӣ даркор? Барои вақтгузаронӣ корҳои муҳимтар дорад вай! Чашмаш бечо, гашташ бечо.

Нодир дирӯз саҳар аз хона баромада рафта буд, имрӯз соати ҳафт пайдо шуд. Омад ки хобашро гирад, шаб агар бисёр хоб карда бошад, як соат зиёдтар нахобидааст. Ин хел шабҳо ҳар вақт муяссар намешаванд: ончунон фароғат, ончунон ғарқи ишрат, ки на худро мешиносӣ на оламро! Вай шабро пазонда, чашми мардумро ғофил карда ба қабули Он Пари омад. Вақ те ки дарро оҳиста тела дода кушод – ҳамин тавр пешакӣ гуфтугӯ карда буданд: ӯ дарро қулф намекунад ва Нодир бе тақ-тақ медарояд – роҳрав нимравшану холӣ буд. Нодир туфлиҳояшро кашид, ду қадам пеш монда буд, ки баногоҳ аз паси дар Он Парӣ либосҳои ҳарири гулобӣ дар тан пайдо шуд. Ногаҳон пайдо шуду бо чашму лабони хандон ва ишваи ҷаҳонсӯз ӯро ба оғӯш кашид: дер омадӣ? Гӯё ӯ шоҳдухтарест, ки аз китоби «Ҳазору як шаб» берун омадааст ва Нодир бозургонест шикаста, ки аз ғайб дасти марҳамат ба сӯяш дароз шуда. Онҳо аз даҳлез рост ба рахти хоб рафтанд. Ҳама ҷо ҳарирпӯш, ҳама ҷо атрбор, либосҳои оҳарӣ, муаттар ва шаб ҳама шаб ҳол ҳамин аст: бӯсу канор, хуфту хез ва шаробу таом. Намоише аз телевизор тамошо мекунанд, он маъқул набошад магнитофон тайёр аст, суруд мешунаванд. Ҳамааш хандаолуд, бӯсаолуд, завқолуд. Шавқашон ҳеҷ пир намешавад, чунон ки рӯпӯшҳои аҳорӣ тамом шудан надоранд. Он Парӣ аз рӯи эҳтиёт ва тамомияти айш сари зонувони Нодир нишаста ба шавҳараш, ки ба шаҳри дуре сафар кардааст, занг зад: «азизам, шуморо ёд кардам, зудтар биёед, чашми маро дар роҳатон чор накунед. Шабатон хуш, хобҳои нағз бинед, бо телефон шуморо мебӯсам»? Ва ба гардани Нодир ҳамоил шуда ӯро бӯсиду бӯсид, то суст шудани аъзои баданаш бӯсид: «вой, очаҷон!»... Сипас, пичирос зад: «Ман

шавҳарамро дӯст медорам». Нодир низ пичирос зад: меарзад, вай одами хуб аст.

Шавҳари ӯ дар ҳақиқат ҳам одами хуб аст – ҳеҷ вақт ҷангу ҷанҷол накардааст. Онҳо якдигаро худашон ёфтанд – се соли дароз дидорбиниву ишқбозӣ карданд ва пас ба ақди никоҳи ҳамдигар даромаданд. Ҳоло ҳам ки аз хонадориашон ҳаф сол гузаштааст, зоҳиран ва забонӣ чунон меҳрубони часпонанд, ки ҳар бинанда ҳавас мебарад ва ҳасад мебурдагиҳо низ ёфт мешаванд. Вале бо ягон таъсири бегона мавридҳое мешавад, ки дилакӣ муноқиша мекунанд ва бесухан ҳамдигарро хуб мефаҳманду бо мулоҳизаҳои сипоҳигарӣ сир бой намедиҳанд. Дар чунин лаҳзаҳои ҷушидани қаҳру ғазаби ботинӣ, ки ками андар кам воқеъ мегардад, узвҳои онҳо муколима мекунанд: қадам монданашон, таом хӯрданашон, нишасту хестанашон гап мезанад. Шавҳар ба зан бе сухан мегӯяд, ки: «ту дилбари дилозор ба сари ман бало шудӣ. Аз бозе ки ҳаёт бо ту пайвастам, пас аз моҳи шодмонӣ, дигар ҳамеша пушаймонат мебинам. Ман аз ту ситамгор ҷабру ҷафои бисёре кашидам. Хор шудам, хоре ки худам медонаму худо, вале ба доми ту гирифорам, метарсам, ки обрӯям нарезӣ. Фанду фиребҳои бисёрат, гумон накун, ки намедонам! Медонам, вале «сар кафад, таги тоқӣ» гуфта гаштаам, ки аз эътиборе, ки назди мардум дорам, аз мансабу ҷоҳам гирифта напартоянд. Зан фикри ӯро аз чини пешониаш мехонад ва бо гиреҳи абрӯ ҷавоб медиҳад: «Ҳоло ҳам аз ман ор накун! Дар хизматат шарикам, дар кӯчаву маъракаҳо чун гул дар паҳлӯят мешинам, ба дигараш чӣ кор дорӣ? Ҷонам бо ту пайваст аст, фарзанд додамат, ту ношукр, ҳоло ҳам бовар надорӣ? Ту ба ҳар ҷои дуру наздик меравӣ, масту аласт меоӣ, касби ман интизорӣ, ки кай ба дидор расем, бо вуҷуди ин ба сидқам бепарвоӣ». Шавҳар гиреҳи абрӯвони зан дида заҳрханда мезанад: «Ман дар назди мардум, ҳарчанд ки худро сарбаланду аз ҳаёт розӣ вонамуд мекунам, дар дилам аз ту ор дорам, чунки ба аҳду вафоят эътибор надорам. Агар ба ман вафо мекардӣ, ҷонро нисорат медоштам, ҳазорон бор бештар хотиратро пос медоштам, буду шудамро пеши поят мепартофтам, ки дили осуда дошта бошам ва донам, ки дар ғайбам касе бар номи ман ҳақорат расонида наметавонад. Аммо, эй зан, ту бевафоӣ – зани мард, аспи мард, душмани мард аст». Зан лаб каҷ мекунад: «эй мардаки бетоқати хуштабиат! Ман ки насибат гаштам, шукрона ба ҷой ор. Дар кӯча ҳама мардон дар

ҳаваси дидани мананд, он чунон гаштаву баргашта нигоҳ мекунанд, ки қариб гарданашон шиканад? Ту бошӣ дар пешам, ман ба ту қарибам, биё, чандсола умрро ғанимат донем, ба асал қаланфур напошем, ба коҳиши замона гирифтор нашавем, ки ҳам обрӯи ту мерезад, ҳам обрӯи ман». Шавҳар лабҳоро дӯл мекунад: «дар назди ман чунин менамоӣ, вақти набудани ман бо дигарон қаринӣ, номи ман ба забону лаб бо даҳони дигаре мемонӣ, дилҷӯиву дилнавозиҳо мекунӣ, ҷавонони навхат ба оғӯш мекашӣ». Зан табассум мекунад. «Ба хушрӯён душман бисёр мешавад, ҳасудон ҳар гапи нораво паҳн мекунанд, ту медонӣ, ки ба кӯи дигаре гузар надорам. Майли туст фақат бар дилам, тӯҳмат мазан ва ба тӯҳмат бовар макун!»

Аҳён-аҳён рӯй медиҳанд чунин ҳолатҳо ва дар ботин тавлид шуда, боз дар ботин мемиранд – ҳеҷ кадоми онҳо ин ғалаёни дилро бо забон намеоранд, то ки дар назди дӯсту душман сархам набошанд.

Дидорбинҳои Нодиру Он Парӣ дар ғоти пинҳонӣ ва ба ниҳояти ширинист. Ин шаб яке аз он шабҳо буд. Ҳаловате дошт Нодир, ҳаловати пуртаҳалука ва ширин. Субҳ надамида бо Он Парӣ видоъ кард:

*Барам имшаб, ки он сарви сиҳӣ буд,*
*Ҳама шаб кори ман фармондиҳӣ буд.*
*Височе буд безаҳмат шаби дӯш,*
*Ту гӯӣ олам аз одам тиҳӣ буд.*
*Гаҳе нӯшу гаҳе бӯсу гаҳе рақс.*
*Чӣ гӯям? айби ин шаб кӯтаҳӣ буд.*

Нодир муддате бо чунин хиссиёту таассурот дар кӯчаҳои алҳол аз мошину одам холӣ ва беғавғо қадам зад ва ҳар қадар ба хонааш наздик мешуд, ба дилаш ҳамон қадар бештар пушаймонӣ медаромад: «корҳои беҳудаанд ҳамин корҳо». Дар танҳоӣ худ ба худ Нодир аз кардааш пушаймон мешавад, сахт пушаймон мешавад ва дар дил аҳд мекунад, ки дигар аз паси ин номаъқулиҳо намегардад, вале ҳамин ки маврид мувофиқ афтод, он аҳду паймонҳо фаромӯш мешаванд, чунон фаромӯш мешаванд, ки гӯё дар асл ҳеҷ вуҷуд надоштанд. Ана ҳамин хел хислаташ! Балки аз ин мураккабтар, чунки дар ҳар маврид як одами дигар аст. Дар идора ҳалолкор аст, фаразан, бо зарурате дар муносибат ба кори

идора ва одамоне, ки ба ӯ корафтода мешаванд, дурӯягӣ ва ҳаромкорӣ кардан хоҳад ҳам, дасту дилаш намеравад: не, раво нест! Аммо дар оила, дар ҳиссиёти шахсӣ ва дар эътиқод ба мавҳумот кирдору рафторҳояш пур аз ихтилофанд. Чунон тазодҳо чунон печ дар печиҳо дорад, ки худаш ҳам сарфаҳм рафта ба умқаш расида наметавонад. Худаш мефаҳмад, ки як шадда феълу хӯи мухталиф дорад, вале магар ҳамаи онро маънидод кардану сабабҳояшро возеҳ фаҳмидан осон аст! Аз дур, чун мушоҳидагари беғараз ба худ нигарад, мебинад ки ӯ як одам не, чандин одам аст: яке пок-покиза чун насими субҳи баҳор, дигаре, ғуборолуд чун тирамоҳи Душанбе, саввуми мунофиқи гузаро, чунончи дар муносибати худаш ба оила.

Вай одамонеро, ки аз дари қафои базаву анборҳо даромада корашонро буд мекунанд, ё дар магазин бенавбат аз пеши ҳама гузашта харид мекунанд, аз таҳти дил бад мебинад. Бад мебинад, ки «онҳо аз дигарон чӣ фарқ доранд, чаро қатори ҳама намеистанд». Вале якеи онҳо бо худи ҳамон роҳҳо кори ӯро буд кунад, рӯ намегардонад, ҳазар намекунад, балки миннатдор мешавад. Вай аз одамоне ки мунофиқӣ мекунанд, сахт нафрат дорад, аммо ҳамроҳи ҳамон мунофиқ нишаста, суханҳои мунофиқонаашро шунида, сари тасдиқ меҷунбонад, бале мегӯяд. Вай медонад ки сухани рост гуфта беҳ, вале на ҳамеша ва на ҳама вақт мегӯяд. Вай аз ягон кас зарар дида ба худ меандешад, ки ӯро ба кирдору рафтори дигарон чӣ кор?! Маъқул аст ё номаъқул, ҳаром аст ё ҳалол, дуруст аст ё нодуруст, кори вай чӣ? як вай намебинад-ку? Ҳама мебинанду медонанд, вале паи кори худ ба хотири ҷамъ гаштаанд, пас вай барои чӣ ба худ дарди сари зиёдатӣ мехарад? Бас, тамом! Аммо ба ин аҳдаш гоҳ вафо мекунад – лаб газида меистад, гоҳи дигар не – худро нигаҳ дошта наметавонад, ба монанди чораҳо ба муқобили ришвагирию порахӯрӣ, ки гоҳо таъсир мебахшад ва гоҳи дигар не. Ана ҳисобашро ёбу гир! Дар худи мо, дар сиришти мо, дар хуни мо бошад он сабабҳо? Дар ботини мо бошад сабаби кашокашҳои дунё, ки аз як тараф месозанд, аз як тараф месӯзанд, аз як тараф умри ҷовид умед доранд, аз як тараф имрӯзро ғанимат медонанд, ки дунё гузарон аст, хӯрдану дидан мемонад.

Нодир дирӯз қарибиҳои чошт медонист, ки имшаб ба дидор меравад. Вай дафъаи гузашта ба худ гуфта буд, ки дигар

пояшро ба ин остона намегузорад. Вале баробари аз гӯшаки телефон шунидани овози Он Парӣ худу оламро фаромӯш кард ва боқимондаи рӯзи корро дар интизории ҳаваси шамидани бӯи гулпероҳани Он Парӣ, дар иштиёқи дидор гузаронид.

Баробари итмоми кор он ҷо рафтан мумкин нест, аз ҷониби Он Парӣ чунин фармоиш шудааст ва ризои маъшуқ бар ошиқ фарз аст. Агар хона равад, баргашта баромадан душвор – Моҳрӯ ягон ғурунгос мезанад ва дилсиёҳӣ мешавад. Беҳтараш ки вақтро дар ягон ҷои дигар гузаронад, масалан, дар ресторан ва ё чойхона…

Моҳрӯ ӯро бо андоми турш ва суханони нимғурмаи ношунаво истиқбол кард.

– Ҳа, боз чӣ ғур-ғур?

– Одам ягон ҷо равад, гуфта меравад, ки кас донад.

Агар хати даъват ба телефон намебуд, Моҳрӯ шояд ин қадар бадҷаҳл намешуд. Вай медонад ки ба Нодир ҳар қадар бештар гап занад, оқибаташ бадтар мешаваду беҳтар не, бинобар он ба ҳоли худаш мондааст, кае, ки пешониаш ба девор бархӯраду ақлаш ба сараш ояд. Лекин баъди омадани коғаз, – о зарур набошад, ба телефон чеғ намезананд! – аз интизорӣ дилаш хун шуд. Оқибат кӯдакашро хонаи ҳамсоя монда худаш давида почта рафт. Дер монд ва аламаш боз тозатар шуд: он тараф хотири одамон парешон мешавад, ки чӣ воқеа бошад?

– Хайр чӣ?! Магар ту намедонӣ, ки ман ба ҷое ки зарур набошад, намеравам! Кор буд – рафтам!

…

– Гап бисёр нашавад, гапи бисёр ҳамеша вайронӣ меорад. Як оши турш тайёр кун, сарам дард карда истодааст.

– Аз куҷое омада бошед, ҳамон ҷо рафта оши турш хуред! Ман хизматгор не!

Нодир бовар дорад, ки ин гапҳо рост бошад ҳам, аз тахти дил не, аз нӯги забон. Моҳрӯ гапи ӯро ду намекунад.

– Ман хоб мервам, ош тайёр шавад, бедор кун.

– Ин ҷо барои шумо меҳмонхона не.

Нодир ҷомаро ба рӯяш кашида дар кунҷе лӯнда шуда хоб рафт. Нав сарашро ба болин монда буд, ки як варақ коғаз пеши биниаш афтид. Моҳрӯ партофту бе гап чапа гашта охшона рафт. Нодир коғази почтаро зуд шинохт ва бардошта хонд. Ӯро даъват карда буданд, ки соати 15 ба вақти Москва

барои гуфтугӯ ба телефонхона ояд. Вай фаҳмид ки дирӯз рафтан даркор буд, бо вуҷуди ин ба соаташ нигоҳ кард: соат ҳашту даҳ дақиқа. Кӯдакро модараш аз хоб бедор карда истодааст. Аз хонаи дигар овозаш меояд, инҷиқӣ карда истодааст, ки: «боғча намервам». «Намеравӣ, намеравӣ, ҷони очаш имрӯз истироҳат», – дӯстдорӣ мекунад Моҳрӯ... Чаро ба телефон ҷеғ зада бошанд? Дар ҳамин хел мавридҳо як телефон бисёр зарур!...

Нодир он қадар бароҳат набошад ҳам андак хобашро гирифта, бо хотири парешон бедор шуд. Касе дарро мекӯфт. Хаткашон будааст, боз хати даъват овард. Боз Моҳрӯ коғазро оварда болои сараш партофт.

Баҳром баъди интизории зиёде бо Нодир ду даҳон гап зад, ки аз «салому алек» ва «хуш бош» иборат буд. Ҳурматбибӣ бошад гапро дароз кард. Аҳли оиларо ном ба номи пурсид, ғоибона бӯса кард, ном ба ном хешони келинро ёд овард. Ҳамсояҳоро пурсид, ки ҳоло ҳам дар ҷояшон ҳастанд ё кӯчиданд? Аз шиносҳо киҳо хабаргирӣ омаданду киҳо не, Обу газ ҳар рӯз ҳаст ё ҳафтае як бору ду бор намешавад? Ҳамин барин таҳпурсиҳои зиёде, ки ба назари Баҳром, беҳудаву лаққигӣ намуданд.

Дар роҳи хона Ҳурматбибӣ ба ҷои ба шавҳар узру маънӣ гуфтан ки: «даҳонам тафсид, гӯр пирӣ шавад, гапро дароз кардам», ба насиҳату сарзаниш даромад. «шумо чӣ хел мард? Пир шуда бошед ҳам муомилаю муколимаро ёд нагирифтед. Наход ду даҳан гапи дуруст наёфтед, ки ба писаратон гӯед? Нинаки бачаҳои ҳозира сахт шудагӣ, гапи модар барои онҳо гап не. Ба онҳо сиёсати падар намерасад. Одамон бо гап ҷаҳонгир шуданд, аз даҳони шумо гап меафтад. камтар ҷанг карда мондан даркор буд, ки ба пасу пешаш нигоҳ карда гардад. «Вай кӯдак не, худаш мефаҳмад!» «Кӯдак набуда чӣ буд? Вақтҳои охир тез-тез ба хобам медарояд...». «Эҳа, ана оби чашми тайёр-ку? Хайр бас! Бас!»

Шаб ҳама шаб Ҳурматбибӣ аз Нодир гап заду дар бораи рӯзгори Нодир фикр кард; «бе ман чӣ аҳвол дошта бошад вай бедасту по?».

Худоҳошон, Баҳрому Ҳурматбибӣ, зимистонро дар ҳавлии Саъдулло гузарониданд, дар сандалихона. Сандалишинӣ рӯзҳои аввал Баҳромро сусту муст мекард, вале оҳиста-оҳиста фаҳмид, ки сандалӣ роҳати ҷон, хусусан

давои дарди поҳои хунукзадаи ӯ будааст. Дар рӯзҳои нахуст поҳош ба хориш даромад ва Баҳром чунон рӯи пою панҷаҳояшро мехорид, ки дилаш гум зада мерафт. Баъд хориш гумм шуд ва ҳаловате ки ӯ аз алови сандалӣ мегирифт, дигар на алова оташдон дошт ва на алови бухорӣ. Қариб тамоми рӯз ва то нисфҳои шаб дар кодоки сандалӣ нишаста, китоб мехонд ва китобат мекард. На маҷлис буд на истимосгарҳо. Фақат як чиз халал мерасонд – маъракаву маросим. Яке фотиҳаи тӯй дорад, дигаре ягон маврид, ё меҳмоне омадааст ва ҳамаи онҳо барои ҳурматаш аввал Баҳромро ҷеғ мезананд. Баҳром ҳам барои нигоҳ доштани ҳурмати онҳо ба маъракаҳояшон меравад, вале дер нишаста наметавонад – дилтанг мешавад. Фақат дар ин ҷо, дар кунҷи сандалӣ, байни китобҳо ва варақҳои кӯҳнаи зардшуда баҳри дилаш мекушояд, осоишу қаноатмандӣ меёбад.

Гоҳ аз рӯи ҳавас ба молпоии Саъдулло ёрӣ медиҳад. Саъдулло се гӯсфанди хароби дарозхонаро аз рамаҳои роҳгузар харида дар як оғилчаи торик охурӣ бастааст. Ба қавли ӯ, оғил ҳар қадар торик бошад, гӯсфандҳо ҳамон қадар тез гӯшт мегирад.

Оғилча аз коҳдон саду панҷоҳ-дусад қадам дуртар аст. Баҳром ягон-ягон ба оғилча даромада таги молҳоро тоза мекунад, нешхӯрдҳои таги охурро рӯфта мегирад, гардҳои хушкашро зери пои гӯсфандҳо мечошад ва сипас ба каҳдон рафта алаф меорад, бо гули коҳ омехта мекунаду ба тӯрба андохта оварда ба охури молҳо мерезад.

Дар пушти дари каҳдон ду арра – арраи дастӣ ва арраи ҷоду истодааст. Бо арраи дастӣ кор кардан дилгир аст алафро як мушт – як мушт гирифтан даркор. Бинобар он Баҳром душвор бошад ҳам – кори ду кас аст, яке банди алафро медорад, дигаре мебурад – бо арраи калон кор мекунад, ки бобаракат аст.

Як рӯзи офтобӣ Баҳром ба кохдон даромада алаф арра кард. дастаи арраи ҷоду аз кӯҳнагӣ бошад, ё аз занг задан, ки гаҳи алаф арра кардан ғичирос мезанад. Ин ғичирос аввал ғижжакбозии тобистонҳои бачагиашро ёд овард, – як чӯбро яккамех барин шинонида, аз нӯги тези он комаи чӯби дарозеро, ки дар ҷои ғафсиаш кандаанд, ҷойгир мекарданд. Ду-се кас аз ҳамин тараф савор мешуд ва як каси дигар дар нӯги чӯб шикам партофта бод медод. Давр мегаштанду давр мегаштанд ва ғиж-ғижи он ҳаворо пур мекард, сари кас ба як

таври гуворо чарх мезад. Баъд ба ёдаш омад, ки боре бо Неъмат дар остона нишаста, даставу чилик месохтанд. Модарашон дар берун ба танӯр алов мемонд. Вай асои эрғаи хушрехтро дар дасти инҳо дида шиддат кард; «асоро вайрон накунед, дастатонро зада мешиканам, аз остона хезед! Аз дасти шумо ягон асбоби сиҳат намонд…»

Баҳром алафи майдакардаашро ба коҳ омехта, ба тӯрба гирифт ва рӯи ҳавлӣ баромада модарашро дид. Аз танӯр забонаҳои сердуди оташ мебаромад ва модараш остинча ба даст рост истода, осӯхтаҳоро пеш мезад. Модар ҳамеша дар ҳамин ҷост, ҳамеша нони гарм мепазад, вале чаро дар ҳавлии Саъдулло? Чаро ӯ ба Ҳурматбибӣ ин қадар монанд?

Онҳо то ҷашни Наврӯз дар Ҳамакон истоданд. Наврӯз ҳам даромад. Ба зиндаҳо баҳор омад, ҳоли мурдаҳо чӣ бошад? Ҳар баҳор мардуми Ҳамакон ба шукри рӯзи Наврӯз либосу палос нав мекунанд, либосҳои дарида, дарбеҳдор ва косаву пиёлаҳои лабшикастаю дарздорро дар хона намемонанд – бароварда мепартоянд. Ҳар баҳор, ҳар рӯзи Наврӯз табиати пир як давои комили умрашро ба охир расонида, умри дигар сар мекунад ва дар Ҳамакон расми деринаст, ки ҳар баҳор, дар арафаи рӯзи Наврӯз зиндаҳо аз ҳоли мурдаҳо хабар мегиранд. Дидорбинӣ мераванд, хотираҳоро нав мекунанд. Ҷавонон ба ин маросим андак ҳавобаландона нигоҳ мекунанд, чунки дар ин синну сол одам ба худ аз будаш зиёдтар эътимод дорад, вале пирон ба истиқболи ин рӯз хеле пешакӣ тайёрӣ мебинанд. Онҳо ки ба қавли худашон, «як по дар лаби гӯр истодаанд», дар арафаи иди Наврӯз додову бобо, очаву момо ва хешу ақрабояшонро пеши назар зинда мебинанд, ҳасрату ормонҳои худро мегӯянд, насиҳату панди онҳоро мешунаванд. Ва Баҳром дар роҳи қабристон ёд овард ки ҳамон соли оғози фоҷиа дар оилаи онҳо, Миралию Саъдуллою Шомансур ҷасади Исломро наёфта омаданд. Тамоми косагиро, ҳар ҷои сералаф ва пасу пеши ҳар сангу харсангро диданд, вале нишонае наёфтанд. Ин ҳам ба достон даромад.

Одамони Нурулло панҷоҳ-шаст қадам болотар аз харсанги таркидаи кабуд реги равонро ҳачча монда баробари қади Ислом чоҳ кофтанд ва Исломро ба ҳамон чоҳ даровварда, паронданду ҳаччаро кашида гирифтанд ва реги равон рехта, чоҳро чунон пур кард, ки гӯё дар ин ҷо ҳеҷ ҳодисае рӯй надода бошад.

Пас аз гузаштани солҳо, дар солҳои Ҷангӣ Бузурги Ватанӣ, ки мардуми гурусна меъдаи худро бо хӯрдани решаи гиёҳҳо медоданд, устухонҳои Исломро тотинчинҳо[1] ёфтанд – оби борону тармаҳо регро шуста устухонҳоро рӯ бароварда буд ва тотинчинҳо ҷамъ карда ба Ҳамакон оварданду ба даруни қабраш рехтанд. Баҳром зимистони дароз фикр кард ки дар сари қабри падарашу акош сағонае созад ё не? Як азм мекард, ки месозад ва чанде нагузашта боз фикраш бармегашт: рӯҳи Ислом розӣ набуд.

Ислом фарқ гузоштан байни одамонро бад медид. Мегуфт ки «ҳамин фарқҳое ки зиндаҳо бофтаву сохтаанд, кифоя аст, ақаллан мурдаҳоро ба ҳоли худ монед, ки баробар бошанд». Баҳром соғона созад, байни қабрҳо фарқ пайдо мешавад, нағз намешавад – арвоҳи Ислом меранҷад. Ҳама соғона созанд, баъд ягон фикр мекунем.

Баҳром як рӯзи арафаи ҷашни Наврӯз бо белу каланд дар қабристон кор кард, ҷойҳои чӯкидаю фурӯрафтаи гӯрҳои падараш ва Исломро чӯбу санг монда бардошт, ба гирдашон хоки нав кашид.

## XI

Толори театри калон пур-пури одам. Қандилҳои шифт ҳама фурӯзон ва илова ба он студияи телевизион аз чор тараф нурафканҳо гузоштааст, ки равшанӣ чашми касро мебарад. Дар саҳна, дар паси мизҳои қатор ходимони илм ва адабиёт нишастаанд, ки Баҳром дар байни онҳост. Вай соҳибҷашн аст – ҳафтодсолагии рӯзи таваллуд ва панҷоҳсолагии фаъолияти эҷодиашро ҷашн мегиранд.

Ҳоло профессор Деҳқонов дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти ӯ маърӯза хонда истодааст: «Ходими фаъоли матбуот, олим ва адиби дӯстдоштаи халқ Баҳром Холиқзода бародари қаҳрамони ҷанги гражданӣ Ислом Холиқзода аст. Вай аз ҷумлаи аввалин муборизони роҳи озодӣ аст ки...»

Баҳром худро бисёр нороҳат ҳис кард ва дастрӯмол бароварда бо баҳонаи пок кардани араҳи пешонӣ, рӯяшро пинҳон намуд. Вай медонист, ки ҳафтодсола шудани ӯро

---

[1] Тотин – растаниест, ки решааш ба женшен хеле шабоҳат дорад ва онро солҳои гуруснагӣ ҷӯшонда мехӯрданд.

қайд мекунанд, вале ба ин дараҷа бодабдаба гузаронидани шаби ҷашнро чашмдор набуд.

Вақте ки аз китобхонаи давлатии ба номи Фирдавсӣ назди вай одам омад ва гуфт, ки «мо феҳристи асарҳои шуморо мебардорем, барои пурра шуданаш маслиҳати худатон даркор аст», вай ҳарчи аз дасташ омад, ба онҳо ёрӣ расонид ва аз ҳамонҳо – коргарони шӯъбаи китобшиносии китобхона фаҳмид, ки ин кор барои қайд кардани ҳафтодумин солгарди таваллуди ӯ даркор аст.

Баъд парерӯз Академик ба хонаи Баҳром омад, сечор рӯзнома ба дасташ омад ва чунон хурсанд буд, ки лабонаш бо гӯшҳош ҳарифона мехӯрданд. Мансур табиатан одами ҷиддисимост, ниҳоят кам механдад ва аз ваҷоҳати ӯ бо як нигоҳ шод ё хафа буданашро фаҳмидан душвор. Бинобар он ҳар боре ки ин тавр сар то по ғарқи ханда пайдо мешавад, Баҳром медонад, ки ягон ҳодисаи фавқулодда хуше рӯй додааст, он ҳам ҳодисае ки ба худи Академик не, балки ба Баҳром тааллуқ дорад. Чунки рӯзи дар мавзӯи «Образҳои наву кӯҳнаи шеър» диссертацияи доктори ҳимоя кардани Баҳром вай ана ҳамин хел шод буд. Чунки рӯзи премераи драмаи Баҳром «Аввалинҳо» вай айнан ҳамин барин лабҳои ба ханда моилашро ҳеҷ ғун оварда наметавонист. Чунки рӯзи мактуби Бобокалонро хондан ӯро ҳамин хел ғарқи шодӣ дида буд.

Бобокалон ҳамон соле, ки Академику Баҳром дар ҷустуҷӯи китоб ба хонааш рафтанд, ба фурӯхтани китобҳояш розӣ нашуд ва ба онҳо фақат як «Таърихи Табарӣ» дод, ки «аз роҳи дур омадед, дасти холӣ наравед.» Вале баъди якуним сол худаш ба номи Академик мактуб фиристонид, ки: «рӯзи ман акнун буд шуд, аз умрам чанд ҳафтаи дигар боқӣ мондааст ё не? Дилам бисёр мехоҳад, ки пеш аз чашм пӯшидан боз як бори дигар ба дидори шумо Мушарраф шавам».

Академик тамоми кору борашро партофта худи ҳамон рӯз роҳи деҳаро пеш гирифт ва пас аз як ҳафта ҳамин ҳозира барин пурнуру пурсурур аз дари хонаи Баҳром даромад.

– Бобокалон китобхонаашро дод, бе пул дод, – гуфт вай. – Ганҷ ба ганҷина баргашт. Дар китобхонаи институт ба номи худаш як шӯъба мекушоем... Хонаашро ба кино гирифтем. Мӯйсафед охир розӣ шуд, худаш ҳам пеши камера истод.

Боз вақте ки Баҳром аз Ҳамакон баргашт ва дастнависи

китобаш «Пирони имрӯз ҷавон буданд»-ро барои хондан ба Академик дод, вай ҳамин хел шод буд.

Ин сар субҳ ҳам Академик монанди ҳамон рӯзҳо шод омаду чанд нусхаи як рӯзномаро ҳарфе назада рӯи мизи Баҳром монд. Дар рӯзнома як мақолаи калон бо сурати Баҳром чоп шуда буд…

Баҳром бо нигоҳ Академикро ёфтанӣ шуд, вале дар минбар Деҳқоновро дид. Деҳқонов аз истакон як қулт чои ширгарм нӯшид, айнакашро аз чашм гирифта пок кард, боз ба рӯи биниаш монд ва хондани маърӯзаашро давом дод: «… Хизматҳои Баҳром Холиқ чӣ дар драматургия ва чӣ дар соҳаи публицистикаи сиёсию китобҳои дарсӣ ниҳоят бузурганд ва номи ин олим дар ҳар ҷабҳа дар ҷои аввал меистад…»

Баҳром зуд чашм гурезонид – ба пеш, ба толори пури одам нигарист ва дид, ки Академик дар қатори якум нишастааст ва дафтар сари зону монда чизе менависад. Баҳром ба Академик, ба сари хам ва дасти қаламдору серҳаракати вай нигоҳ кард – нигоҳ карду беихтиёр хаёлаш ба сафар баромад. Аввал шаҳрро дид, дар ҳамон намуде дид, ки рӯзи аз Ҳамакон баргаштанаш дида буд: аз оинбандие ки дар арафаи Ҷашни Республикаи буд, ғайр аз чанд шиори рангпаридаи пештоқи биноҳои баланд, нишоне намондааст. Вай аз рӯзномаҳо ва аз гуфторҳои радио медонист, ки Ҷашн ба ғоят мутантан гузаштааст. Намояндаҳое, ки аз Москов омада буданд, ба парад баҳои аъло додаанд. Роҳбарон аз ин баҳои баланд хурсанд шуда хизмати одамони бисёреро қадр кардаанд – ордену медал додаанд. Режиссёри парад унвони Артисти Халқии СССР гирифтааст. Котиби Якуми КМ ПК Тоҷикистон Қаҳрамони Меҳнати Социалистӣ шудааст. Лекин шаҳр ва зиндагии мардум беҳбудие надидааст, аз ин Ҷашн. Пас Ҷашн ба пои худу зиндагӣ ба пои худ? Пас рӯзи Ҷашн одам қадр дораду дигар рӯзҳо не?...

Ва Баҳром дилтангона ба толор нигоҳ кард: аксари ин мардумро маҷбуран ба ин ҷо овардаанд, ки толор пур шавад, – аз дил гузаронид вай. – Одамоне ки бо хоҳиши худ омадаанд, чихил-панҷоҳ кас бештар нест. Дар ҳамин ҷо ҳам сохтакорӣ, намоиши бардурӯғ. Ба хотири киву чӣ? Ва бо ин аҳвол мо то куҷоҳо меравем?»…

Деҳқонов-Кавкабӣ ягон сухани бамаънӣ гуфт магар ки аҳли толор каф кӯфтанд. Баҳром нашунид, ки вай чӣ гуфт. Ин

аҳамият ҳам надошт барои ӯ. Баъд мардум даркору нодаркор каф мекӯбанд фаҳмидан душвор, ки за таҳти дил мекунанд ин корро, ё аз рӯи одат. Гумони ғолиб ин аст, ки одат кардаанд ба кафкӯбӣ. Ба ҳар ҳол аз шунидану нашунидани суханҳои Деҳқонов – Кавкабӣ вай на бурд мекунад ва на бой медиҳад.

Ва Баҳром сафари хаёлиашро давом дод. Хаёлан сафар карду сафар кард, роҳи ҳафтодсоларо тай зад – сафараш аз Ҳамакон оғоз гирифта ва гашта-гашта боз ба Ҳамакон омад. Омаду дар дараи Булбулон сари харсанге баромада нишаст.

Соли аз хонаи Бобокалон баргаштан онҳо, ваю Академик, рӯи ҳамин харсанг нишаста дам гирифтанд ва Баҳром ба Академик ҳикоят кард, ки айёми наврасӣ мо – Исложу Неъмату ман баҳору тобистон дар ҳамин дара бисёр мегаштем. Барраву бузғола мечаронидем, ҳезум мегирифтем, бозӣ мекардем. Он замонҳо дара гӯё ки ин қадар васеъ набуд. Анбӯҳи дарахтони фарку заранг ва ғӯшу муша чунон шох ба шох печида буданд, ки ҳатто нури офтобро намегузарониданд ва каси танҳо аз ин ҷо гузарад, ба ваҳм меафтод. Аз ин тараф, аз ҷое, ки мо нишастем, ҳо ана он шах, шахи Садо наменамуд, овоз ҳам намегузашт. Мо номгӯяк карданӣ шавем, он тараф, таги шах мегузаштем. Номи якдигарро гирифта ҷеғ мезадем ва шах ҷавоб медод.

– Ба шах ҳар чӣ гӯӣ ҳамонро мешунавӣ, – гуфта буд Академик.

Чашмони Баҳром аз манзараи дараи Булбулон ва шахи Овоз пур шуд. Шахи Овоз ба мисли як оинаи азими зангзада, ки чанд ҷояш дароз-дароз кафидааст, рӯ ба рӯяш истодааст. Дар дара як дарахт, як бута нест, аз Булбулон ном мондааст… Ҳамвор, санглох… Ҳо, дар боло се-чор дарахт сиёҳӣ мекунад. Дигар ҳамаашро сел бурдааст – сели нафс.

– Ислом! – ҷеғ зад хаёлан Баҳром, чунон ки дар айёми хурдсолӣ бо бачаҳо номгиракбозӣ мекарданд.

– Исло-о-ом! – садо дод шах.

– Неъмат! – ҷеғ зад Баҳром.

– Неъма-а-ат! – садо дод шах.

– Мансур – ҷеғ зад Баҳром.

– Мансур! – садо дод шах.

Ин шахро сел намебарад, ҳеҷ селе бурда наметавонад – на сели кӯҳ ва на сели нафс. То ин шах ҳаст, мулку мақсадҳои Исломy Неъмату Мансур ҳам ҳаст!

… Раиси маҷлис эълон кард, ки қисми аввали ҷашн тамом шуд, дар қисми дуюм, баъди понздаҳ дақиқа, асари соҳибҷашн «Аввалинҳо» намоиш дода мешавад.

Одамони толор аз ҷо хеста каф кӯфтанд.

Деҳқонов пеш баромада Баҳромро ба оғӯш кашида бӯсид, дуру дароз бӯсид, чунки ин лаҳзаҳоро ба навори кино мегирифтанд.

Аз толор ба саҳна даста-даста гул мебаровარданд. Ҳайдар як даста не як сабад гул баровард…

Баҳром бо бағали пургул оҳиста-оҳиста аз саҳна ба толор фуромад ва гулҳоро дар бағали Академик монд.

– Танҳо бардошта намешавад, – гуфту дар паҳлуяш нишаст.

# ТАҚВИМИ РАҲГУМ

I

Ин хелашро ёд надорад вай. Дигар ҳама он воқеоте, ки аз сар гузаронидааст, дар ёдаш ҳаст – тумани тунуки давони қади дарё, ки ҳам шавқи диданашро дошту ҳам метарсид; трактор оварда афтонидани хонаи Абулфайз, ки «аз қатори мардум намонад»; касалии варача, ки хонаи мардумро иҷора гирифта буд; ботлоқхушконӣ, заминкушоӣ; безориҳои сари бозор, ки бозориҳо аз дасти онҳо ба дод меомаданд; каромоти эшони Абдурозиқу шӯҳрати Набии Бакавул; гандумбирёне, ки модари Фозила рӯи пӯстак мепошид ва кӯдаконаш мурғвор мечинданд, ҳамааш бо куллу ҷузъ дар ёдаш ҳаст. Аз давру даврони Султон воқиаҳоеро ёд дорад, ки имрӯз ба касе гӯӣ, бовар намекунад; нонро таги по монда, қасам хӯрӣ ҳам, бовар намекунад. Вале ин хелашро ёд надорад. Ёд надорад, ки фаслҳои солро фарқ карда нашавад; ёд надорад, ки одам аз нарасидани ҳавои соф ва оби тоза шикоят бикунад; ёд надорад, ки корчаллониро кордониву бешарафиро шарафу ҳаромхӯрриро ҳунар ва мояи фахр шуморанд.

Не, ин хелашро ёд надорад! Кай боз фиребу найранг ҳунар шудааст?! Касе ҳаққи касеро хӯрад, муттаҳам мешуд, ба маъракаҳо намеомад, шарм медошт. Аз шарм сарашро даруни гиребон кашида мегашт. Ҳоло баръакс – дуздиву ғариашонро намоиш медиҳанд, фахр мекунанд. Касе ки дуздидаву хӯрда тавонад, эътибораш ҳамон қадар баланд. На шарм, на ҳаё. Дар маҷлису маъракаҳо аз ҳама боло мешинад Алиқул, ба дигарон гап ёд медиҳад Алиқул… Ақли кӯтоҳи ман намерасад ба ин корҳо!

Суми хар то буҷулаки по ба хоки нарм ғӯтида, чанг мебаровард ва чанги пасте ки аз замин мехест, дунболи хару савор давида, ба канорҳои роҳ баромада, паҳну парешон гашта, зарра-зарра ба шоху барги дарахтони тути мутта ва найҳои шикастаи қади ҷӯ менишаст – дарахтони тут барои он муттаанд, ки ҳар баҳор каллак карда, баргашро ба кирми пила медиҳанд, вале ин дарахтҳои сахтҷон – ба монанди фарзанди инсон баъди ҳар як ҷангу ғоратгарӣ, боз навда давонида барг мекунад; найҳоро бачаҳо ва пода поймол кардаанд – бачаҳо барои алафдаравӣ, говҳо барои алафхӯрӣ.

Савор, Расули Якзарб, халачӯби суфтае ба даст дошт, поҳош дар узангу буд, вале харро на хала мекард ва на них-

та: чӣ даркор ҷонвари безабонро азоб додан? Худаш ба куҷо рафтанашро медонад. Ва хар ба ихтиёри худ мерафту савор ба фикрҳои худ андармон буд. Шаб боз, балки пештар, баъди аз маҷлис баромадан, ҳамин як саволи беҷавоб дар нӯги забонаш чарх мезанад; чаро ин тавр шуд? Набояд ин тавр мешуд, аммо ҳамин тавр шуд, чаро?

Аслаш ба маҷлис ҳам бо гардани баста рафт. Бисёр дидааст чунин маҷлисҳоро, чунон бисёр дидааст, ки чӣ хел сар шудану чӣ хел анҷом ёфтанашро аз ёд медонад. Аз ёд медонад, ки киҳо ба минбар мебароянд, чиҳо мегӯянд, бо кадом оҳанг ва чӣ ваҷоҳате мегӯянд. Киҳоро таърифу киҳоро танқид мекунанд, - инаш ҳам пешакӣ маълум, ки гапи ҳақ занӣ, худат ба назари мардум ганда мешавӣ, гап назанӣ дилат тоқат намекунад. «Гӯям, забон месӯзад, нагӯям, мағзи устухон». Хап нишаставу гапҳои батакрори нотиқони доимиро гӯш кардан азобест алим. Бо вуҷуди ин Расул ба маҷлис рафту дилашро холӣ кард. дигарон ҳам гуфтанд. Гуфтанд, ки Алиқул муфтхӯр аст, коре ки мекунад, фақат вайронкорист, қаллобист, аз ин хел одам як шахси кордону ӯҳдабаро сохтан ба монанди он аст, ки кӯзашиканро сари минбар барориву оббиёрро таҳқир бикунӣ. Гуфтанд, ки Алиқул аз қабристон гузарад, устухон медуздад; хоҷагии колхозро тороҷ кард – ҳаққи одамонро медуздад, ҳаққи мошину тракторро медуздад, ҳаққи гову гӯсола ва бузу бузғоларо медуздад... Аз ҳамаи он одамоне, ки сухан гирифтанду сухан гуфтанд, ягон кас як гапи нек нагуфт дар ҳаққи ӯ. Баъди ҳамин қадар гап Алиқулро аз экспедиторӣ гирифта, агрономии этимолог таъин карданд. Бояд ин хел намешуд, аммо ҳамин хел шуд, чаро?

Расул ҳайрон буд ба корҳои дунё. Ҳайрон буд, ки ҳама ба як забон тарафдори хулқи неку нек, вале дар амал корҳое мекунанд, ки масъала тамоман ранги дигар мегирад. Сабаб чист? Сабабе нест гӯё. Ё гапамон дигару корамон дигар?

Вай танҳо мерафт, савора мерафт, бо роҳи ошнову осуда мерафт, вале дилашу хотираш осуда набуд. Ин қитъаи роҳ, ки аз сарбанди ҷӯи бригада, аз ҳамон ҷое ки оби каналро байни деворҳои ғафси бетонӣ гирифта, дарғоти оҳанин шинонидаанд, аз роҳи калон ҷудо шуда рост ба шипанги бригада мебарад ва дар рӯзҳои барфу борон лояш ҳамири расида барин ғоздори часпаку дар рӯзҳои гарму хушк хокаш сурмавор нарм мешавад. Аз фаровонии нури офтоб роҳ сафед метобад ва ин тасмаи сафед замини ҳамвору сабзи пахтазорро

рост буридааст. Солҳои охир ҳамин хел расм шудааст: роҳҳоро росту васеъ месозанд. Техника корро осон кардааст – каҷиашро мебурад, ҷӯву ҷарашро мебурад, талу теппаашро мебурад… Каҷии роҳҳо рост шуд, вале одамони каҷдил ҳоло ҳам бисёр; ба рост кардани дили онҳо, аз афташ, зӯри техника ҳам намерасад. Корро ки осон кард ин техника, эҳтимол, роҳи фиребро ҳам осон карда бошад! Пештар ин хел набуд: ба замин зӯроварӣ намекарданд, ба замин муросо мекарданд; акнун на ба замин муросо мекунанд ва на ба одам.

Расули Якзарб ба атроф – ба тутҳои мутта ва найҳои шикастаи қади ҷӯ, ба заминҳои пахтазор, ба симчӯбҳои қатор нигоҳ намекард. Ҳазор бор дидааст ҳамаи инро. Вай дар рафту омади ин раҳ – аз хона то шипанг ва аз шипанг то хона – ду харро пир карда, аз кор баровард ва зимистони гузашта, вақте ки дасташ аз кори колхоз андаке холӣ шуд, бо мошини кироя ба як райони дурдасти кӯҳистон рафт, аз бозори ҳамон ҷо ҳамин хари таги пояшро харид ва ба ҳамон мошини кироя бор карда овард, чунки дар ин ҷоҳо хар ёфт намешавад ва харидор ҳам надорад. Бе хар вай бе дасту по барин. Мошин бошад, албатта, беҳтар, лекин ба пули ҳалол мошин харида намешавад.даромади муфт, пули бедардимиён даркор барои мошин харидан.

Расули Якзарб ба қоши зин нигариста мерафт, бо ваҷоҳати пурандеша мерафт ва гоҳ-гоҳ сарашро боло бардошта, ба осмон ва ба уфуқҳо менигарист ва ҳар бор офтоби тобон ва нурҳои фаровонаш чашми ӯро мебурд; аз аввали рӯз ин хел тафсонад, дар чоштгоҳ ҳамаро месӯзонад! Ҳаво гарм буд ва нафаси гармо аз ду тараф меомад – ҳам аз болои сар, аз қурси офтоб ва ҳам аз таги по, аз замин. Ақалан насимаке намевазид ва умеде ҳам набуд, ки аз ягон тараф бодаки серуне бархезад. То пахтакор шудан, то сарфаҳм рафтан ба тарзи кори пахтакорӣ Расули Якзарб парво надошт, ки обу ҳаво имрӯз чӣ хел асту фардо чӣ хел мешавад; парво надошт, ки офтоб мешавад, ё борон меборад; ҳеҷ вақт ба ҳисоб ҳам нагирифтааст, ки кадом моҳи сол бебориш буд ва кадомаш серборчш. Акнун ба ин чизҳо эътибор медодагӣ шудааст. Ҳатто ба вазъи обу ҳаво нигоҳ карда, ҳоли рӯҳ ва танаш тағйир меёбад. Авзои ҳавои имрӯзу фардоро ҳар сари субҳ ва ҳар шаб радиову телевизион мегӯяд. Расули Якзарб гӯш мекунад, вале боз дилаш қарор намегирад; боз ҳар шаб пеш аз хоб ва ҳар субҳ баробари бедор шудан, рӯи ҳавлӣ баромада ба осмон, ба уфтуқҳо ва агар ша-

мол бошад, ба рафти шамол нигоҳ мекунад; ба ҳавои одати дерина, ба ҳавои одати кӯҳани аҷдодон нигоҳ мекунад, ки гуфтаанд: агар бегоҳ абр сӯзад, фардо офтоб мешавад; агар пагоҳ абр сӯзад, бегоҳ борон меборад… Фақат баъди ҳамин, баъди бо чашми худ дидан, дилаш қарор мегирад. Агар ҳаво нағз бошад, хотираш ҷамъ мешавад ва агар ҳаво бад бошад, ба таҳлука меафтад.

Аз ақиб ғурроси мошин баромад. Ғуррос аз каҷгардии сари дарғот баромад ва ба гӯши Расул бад расид. Гӯшхарош буд овозаш. Маълум, ки куҷои мошин вайрон, лекин ронанда намедонад, ки мошин вайрон ва ё донад ҳам, ба сиҳат кардан ҳавсала надорад. Одами бепарво будааст. Садои мошин баланд, ғафс ва берабт буд, гӯё ки бори ниҳоят вазнине дошт ва фарози дарозеро бо душворӣ мебаромад. Ба ваҷҳи наздик омадани он ғурроси нофорам ҳар, ки аз миёнаи роҳ мерафт, гарданиҳамашро бардошт, гӯшҳояшро чур кард ва ба як канори роҳ баромада, ба марза ҷафс шуд. Мошин аз худи сарбанди ҷӯ, монанди он ки аз оби тунук мегузарад, хоки хушку нармро дударон карда, фахосзанон боло бардошта меомад ва ҳангоми ки ба савор баробар шуд, бо мақсади худнамоӣ бошад, ё сӯздодани Расулу хараш, - газ дод, суръаташро зиёд кард ва ғубори анбӯҳе ба ҳаво бардошта гузашта рафт. Расул як назар дид, ки дар сари рул Файзии ҳофиз нишастааст: ба афту андомаш, ба сару либосаш нигоҳ кунӣ, одами дуппа-дуруст барин менамояд, лекин фаросат надорад. Фақат бо сару либоси нағз одам одам намешудааст. Ин ҳам як Алиқули дигар. – Алиқул ҳам олуфта. Ҳар кас ҳамдилу ҳамранги худро меёбад – хар гардани хар гирад, ғар гардани ғар.

Хар поҳояшро паҳн монда, дар канори роҳ ноҷунбон истод. Фақат пӯсти гардан, пӯти шонаҳо ва пӯсти ҳар ду сари косаш пир-пир мепарид ва дам ба дам гӯшак мезад – гарди ғуборро нишастан намемонд ва нишастаашро меафшонд. Расул ҳам ба хар кордор нашуд – их нагуфт, хала накард. Вай бо чашмони нимкоф ба ҷанги сафеди қади роҳ менигарист, хеле оҳиставу бо дили нохоҳам паҳн шуданашро медид ва мунтазир меистод, ки кай фурӯ менишинад. Чанги анбӯҳ ҳар қадар аз ӯ дуртар равад, ҳамон қадар тунуктар мешуд ва тумани тунуки давони қади дарёи Оби Сафед ба ёдаш омад… Ба машоми Расул бӯи хок, бӯи нами хаёлии тумани тунуки давони қади дарёи Оби Сафед ва бӯи хаёлии оби сард расид. Одам ҳозир дар ҳамон ҷоҳо бошад!... Вай ду барии ҷомаашро бо навбат бардошта таконд,

баргашта таги ронҳо гирифт ва ба пеш, ҷониби шипанги бригада, ки дар деворҳои сафедаш бо ранги сурх шиорҳо навиштаанд; ба замини васеи ҳамвори пахтазор, ки ҷо-ҷо марзаҳои дароз дорад ва то домани адирҳо рафта мечаспад; ба пӯсти аз тафси офтоб хушкидаву кафидаи адирҳои дур, ки аз паси ғубор хира метофт ва ба осмони паси он адирҳо нигарист. Осмон заррае абр надошт, дар айни замон кааб-кабуди соф ҳам набуд. Гӯё аз он ҷо, аз роҳи осмонӣ, ҳоло ҳозир подаи бесаробоне гузаштааст, подаи бисёре ва чанги бар ҳаво бардоштаи он ҳанӯз фурӯ нанишастааст.

Анбӯҳи пасти ғубор оҳиставу секин паҳну парешон шуд, ба зарраҳо табдил ёфт ва дар роҳ, дар барги дарахту алафҳои ду тарафи роҳ ва ба сару гардани савору савориаш нишаст, аз назар нопадид гашт. Баробари фурӯ нишастани чангу ғубор хар гӯшак зада, бе дахолати Расул, бо майли худ ба роҳ даромад… «Харро беҳуда бадном кардаанд, – гуфт дар дил Расул. – Ҳар касе ки хар аҳмақ гуфта бошад, худаш аҳмақ!» Чанге, ки мошини Файзӣ аз роҳи нармхоки байни палҳои пахта ва байни шипангҳо ба ҳаво мебардошт, гоҳ аз як каҷгардии роҳ ва гоҳе аз каҷгардии дигар намоён мешуд. «Бо чунин шитоб ба куҷо мерафта бошад?» – аз дил гузаронид Расул ва ӯ намедонист, ки Файзӣ дар ҳақиқат шитоб дорад; аз рӯи одат шитоб дорад, ки чашми одамонро фиреб диҳад; шитоб дорад, ки тартиби рӯзи корро фиреб диҳад; шитоб дорад, ки вақтро фиреб диҳад ва аз ҳисоби ин ҳама фиреб фоидаи дучанду сечанд гирад. Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад – вонамуд кунад, ки ба иҷрои вазифа дилсӯз аст ва дар айни ҳол аз манфиате, ки аз дӯстии Алиқул ва дӯстони ӯ ба вай мерасад, бенасиб намонад. Файзӣ бо ҳамон шасте, ки мерафт, дар ду шипанг таваққуф карда, ҷониби шипанги сеюм метохт. Ҳамчунон ғурросзанон ва чангхезонон метохт. Ҳайати маймунаке, ки бо занҷири тилло дар оинаи рӯ ба рӯ овезон буд, аз бардору зани мошин рақси берабте мекард – ба монанди рақосаҳое, ки нафосату назокати рақсро дар ҷастухез дидаанд ва Файзӣ дар сари ҳар хамгашти роҳ қаноатмандона табассумкунон ҷониби он чашмак мезад: читу? Бад не-я корҳои акаат!

«Акои» маймунак як солҳо дар фестивали ҳавасмандони созу суруд ҷоизаву диплом гирифта буд ва ин қадршиносие, ки аъзоёни жюрӣ нисбати овози софи беғубори ӯ холисона раво дида буданд, барои вай оғози ҳаёти иззатхоҳиву эътиборхарии хеле барвақт шуд: муаллимон ба ситораи навтулӯи мактаба-

шон, донад надонад, баҳои аъло монданд; роҳбарони колхоз, кор кунаду накунад, музд доданд; мардум барои ба тӯй хабар кардани ӯ навбат истоданд. Даст ба даст намерасид Файзӣ. Аҳли рикоб пайдо кард Файзӣ, ки шабу рӯз аз дунболаш кашола шуда мегаштанд, байни ӯву тӯйдорон миёнарав мешуданд, дар консертҳояш аз ҳама баландтару аз ҳама зиёдтар каф мекӯфтанд… Ва бачаҳои наврас ба ӯ тақлид карданд. Деҳа пури рубоб, пури ҳофиз ва пур аз ҷавонони иззаталаб шуд – ҷавони наврасе, ки васвасаи зуд доро шудану пул ёфтан ва ҳарҷӣ зудтар эътибор пайдо кардан ба сараш афтод, аз баҳри ҳама корҳои дигар гузашт, чунон ки Файзӣ гузашта буд; рубобу магнитофон харид, чунон ки Файзӣ харида буд; туйгардиву зиёфатхӯрӣ кард, чунон ки Файзӣ карда буд. Ҳар чӣ ки бисёр шуд, хор шуд, вале баъди азиз шудан ба хорӣ тан додан кори ҳар кас не. Ва Файзӣ ки дар ин се-чор сол рубобаш се-чор бор нав, се-чор бор гулкорӣ шуд, вале сурудҳояшро боре ҳам нав накард, ҳамаи вақту қувваташро ба ёфтани ҷои наву талабгорони наву даромадҳои нав ба нави камзаҳмат ва ё безаҳмат сарф менамуд, барои сайқали ҳунар, барои камол додани касб на вақташ мерасид, на ҳавсала дошт ва на зарураташро маърифат мекард, чунки як мухлис гурезад, ба ҷои ӯ дуто наваш пайдо мешуд; чунки дар як деҳа талабгор набошад, дар деҳаи дигар ёфт мешуд. Бад набуд корҳояш дар ҳақиқат ва ӯ ба ҳайати маймунак чашмак зада, лаззат мегирифт.

Ҳоло бо таъҷил мерафт, чанги роҳро ба ҳаво хезонида мерафт, аз тадбири андешидааш қаноатманду дилпур мерафт ва кайфияташ ҳамон кайфияте буд, ки дар оғози роҳ ҳангоми ба шипанги якум расидан дошт. Вай мошинро бо шаст то остонаи шипанг овард, бо шаст нигоҳ дошт, алавашро накушта дарро кушод як пову сарашро берун баровварда, бемуқаддима, бо овози баланд, бо оҳанги лоқайдонаи каси роздону ҳазлбозе ба посбону фаррошу чойҷӯшон – як марди солхӯрдаи пои росташ ланг, ки ҳезум мешикаст, гуфт:

– Ҳо, акаи ширин, агар Сабур пурсад, гӯед, ки Файзӣ омада буд. Фаромӯш накунед, акаи ширин, ҳар касе пурсад, гӯед, ки омада буд. – Ва як дасташро болои сараш бардошт, яъне ки гап тамом, ман рафтам!

Файзӣ сару пояшро даруни мошин гирифт, газро баланд кард, рулро сахт тофт ва мошинро тунд баргардонида, ба роҳ даромад. Бо ҳамин шасту бо ҳамин кайфият ба шипанги дигар рафт ва бо ҳамин тариқ сару як пояшро берун бароварда гуфт:

– Ҳо, акаи ширин, агар Сабур пурсад, гӯед, ки Файзӣ омада буд. Фаромӯш накунед, акаи ширин, ҳар кас пурсад, гӯед, ки омада буд.

Бо ҳамин минво ба чаҳор шипанг рафт, дар ҳама шипангҳо ҳамин як гапро гуфт, дар ҳама шипангҳо мошинро тунду тез баргардонида хоки зерхӯрда, рӯфта ва обзадаи саҳнро кандаву изҳои амиқ гузошта, ба таъҷил роҳашро давом дод, ки каҷмакаҷ аз байни палҳои васеи пахта мегузашт ва чанги анбӯҳ ҳам каҷмакаҷ бархеста, каҷмакаҷ фурӯ менишаст; анбӯҳ-анбӯҳ боло хеста, андак-андак фурӯ менишаст…

Ҳаво дим буд.

Ду кондесионери ду тирезаи барқади кабинети калони оростаи директории зовуди пахта бетавaққуф кор мекард ва ҳавои кабинет аз ҳавои рӯи ҳавлӣ он қадар фарқ дошт, ки ҳавои лаби дарё аз ҳавои биёбон.

Директории зовуд, як одами қаду басташ миёна, сунбазадагӣ барин сергӯшт ва нигоҳ, нишасту хесту қадаммониҳояш калонгирона, як рӯз пеш ба Алиқул телефон карда гуфта буд, ки «ҳамон ҳофизи ҷӯраатро гирифта биё, як маслиҳат ҳаст». ҳоло Алиқул дар диван нишаста, латифа мегуфт ва директор дар курсии гардон нишаста ба хушгӯиҳои ӯ механдид ва дар айни замон курсиро чарх занонида ба занги телефонҳо ҷавоб медод, ё худаш ба ҷое занг мезад. Ҳамин вақт Файзӣ аз дар даромад, хандон-хандон салом дода даромад:

– Узр, узр, ки дер мондам.

Директор ба селектор гуфт:

– Назокат, ҳамон гуфтагиам чӣ шуд?

– Одами дастнигар мо, ака, – ҳамчунон хандон суханашро давом дод Файзӣ. – Баъзе корҳоро буд карда омадам, ки аз ҳар сангу кулӯх гап нашунавам. Андаке дер шуд, узр.

– Номи акаамро мегирифтӣ, худа ҷавоб медод, - луқма партофт Алиқул.

– Гапатон дурусту, лекин шумо, ако, Сабурро нағз намедонед. Вай баҳона кофта мегардад, ки ба одам захр занад. Ман калобаро чунон чигил карда омадам, ки ба кушодан вақташ намерасад.

– Ақлаш намерасад гӯю мон, – хандид Алиқул.

Назокат як лаълии калон бардошта омад ва дар гӯшае рӯи мизи пастак монду зуд баромада рафт. Алиқул сабук аз диван хест, дар курсии паси мизча нишаст, бари пиҷакашро ақиб бурда, аз ғилофи нуқракӯб корди дастааш шоҳи оҳуву

гулбандҳояш зарҳалкориро баровард, гӯшти яхниро порапора бурид ва шишаи коняку ду шишаи обро кушод, ба се қадаҳ коняк ва ба се истакон об рехт.

Директор боз тугмаи селекторро зер кард:

– Назокат!

– Лаббай!

– Ҳар кас пурсад, ман нестам!

– Хуб шудааст!

Директор бо виқор аз таги чашм ба дари даромад нигоҳ кард.

–Як дами оромӣ нест. Сари одамро гаранг мекунанд бо илтимосҳояшон.

Алиқул дастмоли гӯшаи лаълиро гирифта, дами кордашро баҳузур пок кард ва онро ба ғилоф андохта, аз ҷояш хест.

– Рӯи шуморо бинам, вақтам хуш мешавад, – гӯён як қадаҳро бурда ба дасти директор дод. – Одамон барои дамгирӣ курорт мераванд, ман, ҳар вақте ки дилгир шавам, ҳамин ҷо меоям, шуморо мебинам ва роҳат мекунам. Саломат бошед ва мо ҳам дар сояи давлати шумо ҷунбида гардем.

Директор ҷавобе надод, вай дар ин зовуду дар ин вазифа ба хушомаду хушомадгӯйҳо он қадар одат кардааст, ки чунин муомила ба назараш як чизи оддӣ, ҳатто ба нисбати вай фарзу қарз менамояд. Бинобар ин ваҷоҳаташ ғайр аз виқор ифодаи дигаре надошт – на хуни ҳаё давид аз таърифҳои пурмуболиға ва на ҳисси миннатдорӣ зоҳир кард. Онҳо нӯшиданд, гӯшт хӯрданд.

Барои хизмат даъват карда буд онҳоро директории зовуд. Писари вай таътил баромада, ба хона омадааст ва ба ин муносибат, ба қавли худаш, ёру дӯстро ҷамъ оварда ҳаққи намак кардан мехост ва ин «ҳаққи намак» мебоист, ки мувофиқи ном ва мартабаи ӯ бошад – ҳам тартиби меҳмондорӣ ва ҳам тартиби дастархондорӣ. Шукри давру замон, вай одами хурд не, ҳамаи ёру ошно шунаванд, бехабар ҳам меоянд, онҳоро муносиби мақомашон қабулу гусел кардан лозим, ки хурсанд раванд. Алиқул барин одами чолоки маъракадида даркор, ки ҳамаашро саришта бикунад. Вай Алиқулро ба ҳамин мақсад даъват кард ва пешакӣ медонист, ки Алиқул не намегӯяд, чунки вай ба ӯ хизмати бисёре кардааст ва илова ба он медонад, ки боз Алиқул илтимосҳои бисёре дастовез карда меояд. Набиёяду рӯзашро бинад! Ҳоло маъракаи пахтасупорӣ дар пеш – сорти якум даркор мешавад, фоиз даркор мешавад… Алиқул ҳам ин-

ро медонист ва ниятҳои зиёде дошт, ки фақат ба воситаи директор ба амал овардан мумкин буд. Бинобар ин шаб ба хонаи Файзӣ рафта хабар дод, ки фардо саҳар ба ин ҷо биёяд. Онҳо «не» нагуфта омаданд, пешу қафо бошад ҳам, омаданд ва ин гапгирии онҳо ба вай форид. Эътибораш дар назди худаш боз ҳам афзуд, аз ин рӯ бори дигар такрор кардани мақсадашро як кори зиёдатӣ донист.

– Маслиҳат ҳамин, – дасту лабашро пок кард директор. – Он тарафаш ба дасти худатон, мулло Алиқул. Маро калонҳо ҷеғ задагӣ.

Аз кабинет баробар баромаданд ва директор қади долони дарози паҳни нимторик рафту Алиқул ва Файзӣ поён ба қабати якуми бино фуромада аз он ҷо, аз байни чангу ғубори пахта ва одамони сертараддуд гузашта, ба рӯи ҳавлӣ баромаданд. Рӯи ҳавлӣ мошини бисёре буд – мошинҳои сабукрав дар сояи дарахтон меистоданд, мошинҳои боркаш дарову баро доштанд, ё ки навбат мепоиданд.

– Вақташро аниқ накардем, – гуфт Файзӣ бо табъи хира ва калидро аз киса бароварда, дари мошинро кушод.

– Вақташ ҳамин ки ба тӯи Ниёз намеравем, – дар курсии ақиб нишаста, ҷавоб дод Алиқул.

Оҳанги сухани Алиқул қатъӣ ва омирона буд. Файзӣ борҳо мушоҳида кардааст, ки Алиқул аз мулзам намудан, паст задан, ҳатто таҳқири нафси каси дигар гӯё лаззат мегирад, гӯё бо ҳамин қадру қиммати худашро боло мебардорад. Вале он мушоҳидаҳо ба ҳоли дигарон буд, ба худи Файзӣ дахл надошт ва аз ин рӯ нофорам бошам ҳам, осон мегузашт. Ҳоло бо ин дилпурӣ аз ҷониби ӯ хулоса баровардани Алиқул ба Файзӣ сахт расид – нописандӣ мекунад, гӯё Файзӣ ягон шогирдчаи думгардаки ӯ бошад. Табъи Файзӣ хира шуд. Кайфаш парид. Сухани мувофиқе ҳам ба забонаш наомад, ки ҷавоб диҳад. Як дил кард, ки гапи ӯро ношунида пиндорад, – аз паи кори худ равад. Бо ҳамин ният, хомӯшу карахт алови мошинро даргиронд, лекин мулоҳиза ғолиб омад – андешае, ки муносибатам бо ин одами манфиаташ мерасидагӣ вайрон нашавад, он ниятаки норасидаву нопухтаро дар замири дил пахшу буғӣ кард. вай мошинро коҳилона ба роҳ даровард ва бо эҳтиёт аз дарвозаи рангаш дар офтоб паридаи зовуд баровард. Ҳавсалааш якбора пир шуд ва хуши хушгӯиву ҳазлбозиаш намонд. Ба даҳон об гирифтагӣ барин хомӯш меронд ва ба ҷастухези ҳайати маймунак эътиборе намедод

ва ба ӯ чашмак намезад. Фақат баъди ба роҳи калон баромадан нимғурмаву бо нимовоз гуфт:

– Мардак ба умед. Тӯяш вайрон нашавад?

– Падарам мегуфт, ки тарафи камбағалро нагир, - ҷавоб дод Алиқул. – Тарафи камбағалро гирӣ, худат ҳам камбағал мешавӣ.

– Ҳамту-куя, боз одам рӯ ба рӯ мешавад. Як соат ним соат худамонро нишон медодем, баъд баҳузур хизмати ин касро мекардем.

– Ба ин хел одам хизмат намесӯзад, аз Ниёз чӣ фоида? Ин кас ҳар вақт даркор.

– Сабур хабар дошт-дия, гап бисёр мешавад.

– Вазифаи Сабур гуфтан, ҳа, гӯю кори худатро кардан гир.

Ва онҳо кори худашонро карданд – ҷониби ҳавлии директори зовуди пахта ба хизмати директор рафтанд, ки ин хизмат ду шабу ду рӯз давом хоҳад кард.

Ҳамон ҳангоме ки онҳо роҳи ҳавлии директорро кӯтоҳ мекарданд, Сабур арақшор дар толори маҷлисгоҳи шаҳр менишаст. Толор аз одам лаб мезад – слёти пешқадамон буд. Пеш аз оғози маҷлис ба ҳар як пешқадам, ки шарафи ширкат ба слёт насибаш гаштааст, якто блокноти сурхи хушрӯ, якто ручкаи истеҳсоли кадом як фирмаи хориҷӣ ва якто талон барои магазини хоса доданд, ки чизҳои камёфт харид бикунанд. Сомеон он блокнотҳоро дар лабаи курсиҳои пеш монда, ручкаҳоро болои блокнот гузошта, чашм ба даҳони нотиқон дӯхта, ба умеди хариди чизҳои камёб босаброна арақ пок мекарданд. Аз минбар дар хусуси боз ҳам бештар кардани ҳосили пахта ҳарф мезаданд – ҳар кас мувофиқ ба таҷриба ва супориши гирифтааш ба ҳозирон маслиҳат медод, ки бо кадом роҳҳо ҳосили пахтаро зиёд кардан даркор; ҳар нотиқ мувофиқи маком ва мавқее ки дар доираҳои маълум дошт, ваъда медоду ӯҳдадорӣ мегирифт, ки аз ҳар як гектар замини пахта чанд сентнер ҳосил мегирад. Раиси Тозиёна бо даҳони пур ва бо дили пур ваъда дод, ки имсол аз ҳар як гектар панҷоҳ сентнер «тиллои сафед» мегирад ва ин ваъа ба Сабур нафорид. Вай арақи гарданашро поккунон ба тарафи ҳампаҳлуяш андаке хам шуда, бо оҳанги норозиёна гуфт:

– Ман порсол бо бригадаи тафтиши байни якдигар ба колхози ҳамин раис рафта будам. Замини кишташро дидам, ниҳоли пахтаашро дидам, аз замину ниҳоли мо беҳтар нест,

агар бадтар набошад. Ҳосили баланди мо аз як гектар сиву чор-сиву панҷ сентнер. Вай панҷоҳ сентнерро аз куҷо мегирад?

– Дили ман ба ҳоли касе месӯзад, ки баъди Тозиёна раиси ҳамин колхоз мешавад, – ҷавоб дод ҳампаҳлуяш бо нимовоз. – Алҳол, ки ин дар сари кор ҳаст, бо ҳар росту дурӯғ ва бо шасти эътибору шӯҳрате, ки дорад, ҳамин хел ваъдаву ҳамин хел ҳисобот дода мегардад. Вале одам сутуни дунё намешавад. Як рӯз не, як рӯз аз саф мебарояд ва ҳамаи фиребу найрангашро ҳамроҳаш мебарад, ана баъд касе ки ба ҷои ӯ меояд, ҳай дар азоб мемонад, ҳай душвор мешавад кораш. Ба ростӣ, дилам месӯзад ба ҳоли ҳамон одам, хусусан, ки одами ҳалол бошад.

– Ҳа, корчаллониро кордонӣ шинохтани мо ҳоло аз биниамон мебарояд, - оҳ кашид Сабур.

Ва дар деҳа, дар ҳавлии похсадевораш андованакарда Ниёз дар як шабонарӯз чанд бор мурда, чанд бор зинда шуд. Вақт мегузашт, тӯйхӯрон меомаданд, аммо аз ҳофиз дараке нест. «Ҳофиз набиёяд, – бо алам фикр мекард вай, – тӯям ба худойи монанд мешавад». Ниёз ҷои нишаст намеёфт аз тилтангӣ. Китфонаш афтиданд, баданаш фушурда шуд ва ӯ ҳар дам бари ҷомаро ғундошта, ба роҳ менигарист.

– Ниёз ҳушат парешон барин, – гуфт Набии Баковул, – Нохушие рӯй додааст?

Баковул пешдоман баста, ош мепухт. Ду деги маърака шинондагӣ – дар яктааш биринҷ андохтааст, дар дигараш зирбак меҷӯшад.

– Файзӣ наомад, - хаста баромад овози Ниёз.

– Гуфта будӣ?

– Ҳа, қавл гирифта будам. Сабур гуфта буд.

– Сабур гуфта бошад, мебиёд.

Вале Файзӣ наомад. Дили Ниёз, ки аз гапи Баковул бардошта шуда буд, боз ба таҳлука афтод: мардум мегӯянд, ки ин тӯй аст, ё оши худойӣ! Аммо мардум ин хел нагуфтанд. Фозила рӯймолашро сари китф фаровард ва байни маърака даромад.

– Тӯй барои ҳофиз не, барои ҳама, - лабонашро накушода хандид вай. – Карсак занед.

Ва хиромон рақс кард. одамон ба ҷунбиш омаданд, аз ҷойҳо хестанд, дар атрофии Фозила ҳалқа гирифтанд, қарс заданд, Фозила боназокат мерақсид – маҳин-маҳин меларзид баданаш ва рӯю чашмонаш механдид, механдиду вуҷудаш шодмонӣ илқо мекад. Ба дили одамон шодӣ даромад, ба сав-

ти кафкӯбӣ шодӣ даромад, чеҳраи Ниёз кушода шуд. Баковул як лаълиро бурда, ба дасти Сабур дод. Сабур пеш баромад, ашӯла хонд.

Хонаи Ниёз тӯйхона шуд ва ин тӯй то қарибиҳои субҳ давом кард.

Фозила занҳоро бо навбат ба рақс мебаровард; мардҳо, ҷавонмардҳо ва бачаҳо аз худ донистa ба рақс мебаромаданд. Сурнаю ғижжак пайдо шуд, таблак пайдо шуд, масхарабоз пайдо шуд…

Ҳама шарик шуданд ба тӯй, ҳама баробар хурсандӣ мекарданд.

– Ин хел тӯйро кайҳо боз надида будам, – гуфт Расул ба Ниёз. – Ин хел тӯйҳо мурда буд, ба шарофати ту зинда шуд.

– Ба касофати ману ба шарофати Фозила, – ҷавоб дод Ниёз, ки аз шодӣ лабулунҷашро ҷамъ оварда наметавонист.

## II

Ҳамон сол, соли якҳазору нӯҳсаду хаштоду дуюм, баҳор аз вақти муқаррариаш пештар омад – ҳанӯз фасли зимистон тахтаву тиракашро нағундошта, баҳор домани пироҳани сабз, дилрабо ва гулбӯяшро паҳн кардан гирифт. Аввал дар косагиҳои офтобрӯяи дашт сабза дамид, баъд ҳавзаҳои гарм, қади ҷӯйбор, пушти оғилҳо ва гирди хирманҷоҳо сабз шуд, баъдтар дар марзаҳо, боғот, талҳо ва адирҳо майса дамида, хазони порсоларо пинҳон кард ва замин ҳусну таровати нав гирифт. Гулҳо шукуфтанд, дарахтон муғча карданд. Водӣ чунон сабзпӯшу гулбасар шуд, ки гӯё чӯби хушку санги сахт ҳам хосияти ҳар тирамоҳ мурдану ҳар баҳор зинда шудан дошт.

Оғози сол ба ҳар фол нек омад ва деҳқони пахтакор низ дар дил нахли умеди нек мепарварид, ки имсол, насиб бошад, ҳосили пахта фаровон мешавад; имсол, насиб бошад, ба мисли порсола аз худу аз давлат қарздор намешаванд, дар хиҷолат намемонанд ва ҳар сари сӯҳбат ҳикмати кӯҳанро ёд меоварданд: соле ки накӯст, аз баҳораш пайдост!

Нишоте ки баҳор ато карда буд, ба воситаи ҳаври замин, ба воситаи насими хуш, ба воситаи сабзаву гул ба дили мардум ҷо мегирифт.

Расули Якзарб хеле пеш аз фаро расидани баҳор, ҳанӯз дар чиллаи зимистон, вақте ки ду бор паи ҳам барф борид, барфи бисёр борид ва рӯи заминро кӯрпаи серпахта барин баҳузур пӯшид, дар таки дил хурсанд шуд, ки барфи имсола

қусури сияҳзимистонҳои пешинаро мебарорад: хок роҳат мекунад, кирму чирмаш мемурад ва ҳам кишт нағз мерасад, ҳам алаф; ҳам инсон сер мешавад ва ҳам ҳайвон. Ва ӯ, ҳарчанд ки дар каҳдон коҳу алафи зиёде надошт, ҳарчанд ки як гӯсфанд, як така ва як хари оғилаш нимсеру нимгурусна буд, – бе ҳеҷ дудилагӣ боз як модагов харид. Гов дар бозор қимат буд, аз нархе, ки тирамоҳ мефурӯхтанд, якуним баробар зиёдтар, вале ӯ гаронии нархро дидаву дониста, гӯсфандро бурда фурӯхту ба пули пасандозаш илова карда, ба умед як модагови алои калон, вале харобро харид, ки қабурғаҳояшро баҳузур шумурдан мумкин буд. Бо андешае харид, ки гови асил барояд, дар андак муддат дахл харҷро мепӯшонад. Як ташвиш зиёд мешавад, албатта – гов буз не, ки бо як баргу ду барг алаф қаноат кунад. Барои вай алаф ёфтан даркор, ба чаро бурдан даркор, таги пояшро тоза кардан даркор. Доим як чашм бояд аз паси он бошад, ки ба ҳотаи ягон кас надарояд, замини касеро зер накунад, ниҳоли касеро нашиканад, либоси касеро нахояд. Ташвиш зиёд мешавад, ин аниқ, лекин канӣ кори беташвиш? Ҳама кор ташвиш дорад, одам фақат дар он ҷо, дар води хомӯшон беташвиш мешавад; барои он беташвиш мешавад, ки дар он ҷо хӯрдан нест, пӯшидан нест. Нафс нест дар он ҷо. Гов ба ивази ин ташвишҳо шир медиҳад, оила аз ширковию ширхарӣ халос мешавад – пулат дар дастат, лекин гоҳ шир меёбӣ, гоҳо не; гов гӯсола мекунад, гӯсола тӯрпӣ мешавад – як тӯрпиро фурӯшӣ, ба пулаш як коҳдон коҳу алаф харидан мумкин, ки ҳам ба гов мерасад ва ҳам ба хару така. Гов осиёи дари хона. Расули Якзарб харсавор аз бозор ҷониби деҳа меомад, шохбанди гов ба пордуми ҳар бастагӣ буд, фаш-фаш нафас кашидани он ба гӯшаш мерасид, ҳаловат мегириф ва аз ҳамин хусусҳо фикр мекард, вале дар байни фикр як пешгӯии Набии Баковул низ ҳар вақт ба ёдаш мерасид.

Шаби фотиҳаи дутари Фозила буд ин гап. Нон шикастанд, фотиҳа доданд ва зиёфатхӯрон аз ҳар боб сӯҳбат кушоданд. Дар омади гап кадоме аз нарасидани ему хошок шикоят кард ва гуфт, ки имсол хошок бисёр мешавад, чунки зимистон сербарф омад ва, иншоолоҳ, баҳораш бафайз аст. Набии Баковул дасти чарбашро аввал ба абрувонаш молид, баъд ба бурутҳо ва сипас баҳузур ба маҳсӣ молида-молида, худе ки худаш чанд бор дар таҷриба дида бошад, бо тамкин ва дилпурона гуфт:

– Дар чиллаи зимистон дар паи гов об бинӣ, баҳори хубро интизор нашав! Ман ҳамин зимистон чанд бор дар паи гов об дидам.

– Аз даҳонатон шамол барад, – гуфт Фозила, вале ба лаҳни хушу бо лабу даҳони пуртабассум, ки ба гӯши кас сахт нарасад; ба монанди, он ки модар кӯдакашро коҳиш мекунад: ту як нафас дамгир мешудӣ, ки ман нафаси озод мекашидам, вале дуои бадаш ба гӯши кӯдак хашмолуд не, балки мусиқии форам барин мерасад.

– Бо як даҳон гапи ман сол неку бад шавад, ман ҳамеша ба муроди шумо гап мезанам. – Баковул низ табассуми дандоннамое кард. – Аммо гардиши обу ҳаво ба хоҳиши одам коре недорад. Ман фақат ҳикматеро ёд овардам, ки гузаштагон гуфтаанд.

– Хайру хайрияти замину осмон ва ҳама мавҷудот аст, ки ихтиёри обу ҳаворо ба дасти ҳар кас надодааст, - гуфт бо ҳамон назокат Фозила. – Агар ба дасти ҳар кас медод, мову шумо ҳаворо ҳам аз Алиқул мехаридем.

Ин ҳикмати Баковул ба Расул нафорид, чанд вақт дудила шуда гашт, ки модагов харад, ё не. Хайрият, ки ҳама гапҳо рост намебароянд – чӣ гапҳое гуфтанду фаромӯш карданд дар ин солҳо! – вагарна сари калобаи корҳои ҷаҳон гум мешуд. Расул дар дил хурсанд буд, ҳатто шамотате нисбат ба худбовариҳои Баковул эҳсос мекард, ки ба рағми ӯ, ба муроди дили худаш оғози баҳор бисёр хуррам, бисёр форам ва хеле умедбахш омад. Вай говро аз дарвоза даровarda, шохбандро ба занаш дод;

– Эҳтиёт кун, гов буғӯз!

Шобибӣ гардан ва сару косҳои говро хору мол кард.

– Ин қадар хароб ин ҷонвар!

– Дар ин бехошокӣ ҳамин қадар мешавад, нағз нигоҳубин кардан даркор.

Шобибӣ аз шохбанд кашола карда, говро ҷониби оғил бурд, чунон оҳиста ва боэҳтиёт қадам мемонд, ки гӯё гов не, балки худи ӯ ҳомила бошад. Вай говро бурда дар мехи пеши оғил, ки барои така устувор карда буданд, баст ва пистонҳояшро даст-даст кард: ба наздикӣ мезояд, хабардор шудан даркор; як лампочка гузаронида, шабҳо даргирон мондан даркор.

Расул аз роғи девори айвон дос гирифт ва харро аз дарвоза баровarda савор шуд. Аз кӯчаҳои ноҳамвор, ки ҷое чуқур, ҷое

дӯнгӣ ва ҷое лой, ҷое сангреза дошт; аз байни иморате, ки ғайр аз чанд таҳкурсии бетонӣ, дигар ҳамааш ним қади одам нам кашида, фӯла шуда андоваашрехтааст, гузашт; аз деҳа баромад, сар-сари канал рафт, сар-сари марзаи заминҳои корам рафт ва фақат баъди ба хонаи дарё расидан харро нигоҳ дошт, досро гирифта байни буттаҳои газ даромад. Алаф тарак буд, ба қабза базӯр меомад – ҷое як ваҷаб, ҷое якуним ваҷаб қад кашидааст. Алафро ӯ ба хӯрҷин андохта оварду як пои хӯрҷинро пеши гов холӣ кард. Як пои дигарашро шаб медиҳам, гуфт дар дил. Гов чунон бо ҳарисӣ алаф мехӯрд, ки гӯё якумр гушна бошад. Фаш-фаш алаф мехӯрд ва бо думи чашм ба Расул менигарист: метарсид, ки алафро баргашта нагирад. «Чашмаш гурусна, – аз дил гузаронд Расул ва ҳамаи алафро пеши гов рехт. – Чашмаш сер шавад».

Расул як чойник чой хӯрд ва сипас бел гирифта, сари ҷӯи замини ҳавлияш рафт, ки лою хазони порсоларо тоза кунад. Ва аз ҳамон рӯз эътиборан Расули Якзарб фароғатро фаромӯш кард: кору кор. Баробари кафидани чашми рӯз аз хоб мехезад ва то шоми торик, то дидани чашм ҷунбуҷӯл – ҳам кори колхоз, ҳам кори хона. Ҷӯи калонеро, ки бригада аз канал об мегирад, сарҷӯи киштзору боғот ва ҷӯи замини рӯи ҳавлиро канданду тоза карданд, то ки об беҳуда сарф нашавад; дағарбуғури роҳҳоро ҳамвор карданд, то ки нақлиёт аз бардору зани бисёр пеш аз мӯҳлат фарсуда нагардад; гирди симҷӯбҳо, бурчакҳои замин ва лаб-лаби марзаҳоро каланду побел карданд, то ки замин холӣ намонад; ба адиру хонаи дарё рафта, чим буриданд ва чим ҷамъ оварданд, ки вақти обдиҳии кишт чим кофта нагарданд; шоххҳои хушки порсоларо аз ҳезумхона бароварданд, шоххҳои бегули дарахтонро буриданд ва барои кирми пила даста тайёр карданд. Ва ҳама рӯзҳо Расули Якзарб субҳи содиқ аз хона баромада мерафту бегоҳӣ қариби офтобшинам ба хона бармегашт. Бармегашту як-ду соат дар ҳотаи худаш меҷунбид. Соли гузашта дарахтҳои рӯи ҳавлӣ ҳосил надод – на себ, на анор ва на нок. Ангур дар шохи дарахт обила кард, пӯсид; себ, нисфи гулаш рехт, боқимондааш нарасид – бодрезак, пармуч шуд; анор майда-майдаи сахт ва турш; дарахти нок дурага – ними танааш тар, ними танааш хушк. Расул дору пошид, баъзе шоххҳоро бурид, решаи дарахтҳоро кофта пору рехт, вале фоидае накард. Аз агроном маслиҳат пурсид.

– Заминатон аз канал паст, – гуфт ӯ. – Оби зери замин бисёр шудагӣ. Дар ин хел замин дарахти солим намемонад. Заҳбур канед.

Ба заҳбур кандан дилаш нашуд – аз як тараф дар ҳавлӣ, дар байни хонаҳои мардум заҳбур кандан душвор буд; аз тарафи дигар заҳбур канад, хона аз оғилу каҳдон аз хона ҷудо мемонд – ин тарафи ҷару он тарафи ҷар. Расул ҳамон тирамоҳ ба ҷои заҳбур дарахтҳоро аз реша канд, гирдогирд чуқур кофта, аз решаашон канда партофт. Решаи дарахтҳо, гӯё ки даруни ботлоқ бошад, обкутта шудааст, лухсидааст – сиёҳи нимҷон, решаи обсабзҳои хушкида барин: Э бале ба ҷонатон! Ҳалолатон бод ба ин тоқат!.. Вай ба замин хоки девори кӯҳна кашонд, пору рехт. Побел кард ва рафта аз совхози боғдорӣ ниҳол харида овард. Ҳамон рӯзе, ки ниҳол меовард, харро дар назди ҳавлии Аликул нигоҳ дошт. Ҳеҷ вақт пояш намекашид, ки ба ин ҳавлӣ дарояд, вале рӯи хотири Сунбул нигоҳ дошт; сияҳмила духтари гурзу бурз буд, вале бахт надид. Доим ғурбат дар сараш, доим мушт дар сараш, доим об дар чашмаш. Аликули гарданғафс аврати бечораро ҳафтае ҳафт бор таҳқир мекунад, дашном медиҳад, мушт мебардорад. Ҷанҷолашон қисса шудааст дар байни мардум. Хӯрдагиву пӯшидагии занак дар баданаш заҳр. Ту безурёт мегӯяду ҷанҷол мекунад. Ту сари маро паст кардӣ, ту душмани ман мегӯяду хархаша мекунад. Чӣ гуноҳ дорад ин занак? Ранги рӯяш заб-зард, гӯё ки дар умраш нон нахӯрда бошад. Ҳар боре ки Расул оби чашми ӯро бинад, дилаш реш мешавад. Ин сарсахт ҳам хуб пурбардошт будааст. Дигар одам мешуд, кайҳо аз баҳри ин хонаву дар мебаромад ва ягон беҳбудии корашро медид. Кӣ медонад боз? Кори ҳар кас ба худаш маълум. Гиря мекунад, нола мекунад, боз тоқат мекунад. Гоҳо гирёну нолон ба ҳавлии Расул паноҳ мебарад. Аз Расул не, аз ҳамсари вай, аз Шобибӣ имдод металабад: «Вай ҷаллодро насиҳат кунед!» Содда набошӣ! Одам бо насиҳат одам мешавад? Агар одам бо насиҳат одам мешуд, сад сол пеш, ҳазор сол пеш, даҳ ҳазор сол пеш дар рӯи замин ягон бадкирдор намемонд. Худи одам инсоф надошта бошад, худаш фаросат накунад, ҳазор насиҳат як пул. Насиҳат ҳам ба одами хушгавҳар, ба одами аҳл таъсир мекунад, «ноаҳлро тарбия чун гирдакон дар гунбад аст». Бо вуҷуди ин Расул як-ду бор Аликулро насиҳат кард, ки «одам гапи хонаро кӯча намебарорад. Зан рафиқи умри одам аст ва мард занашро ҳурмат кунад, ҳурмати худашро ба ҷо меоварад». Бори аввал Аликул сар

ҷунбонид ва ҳатто гуфт, ки: «рост мегӯед, ака!» Лекин рафторашро дигар накард. Баракс, дар сӯҳбати дуюм суп-сурх шуд ва қаҳролуд гуфт, ки: «Ака, ҳар қадар насиҳат карданӣ бошед, дар хона ба бачаҳотон насиҳат кардан гиред. Мо худамо, шукр, соҳиби ришу фаш». Ҳамон шуду ҳамон, дигар Расул байни ҷанҷоли онҳо надаромад ва дар дилаш аҳд кард, ки ба кори онҳо ҳеҷ гоҳ шарик намешавад: қаҳри зану шӯ то остона! Ҳар тавре ки хоҳанд, ҳамон тавр зиндагӣ кунанд.

Ҳоло тадбире ба хотираш расид ва ҳарчанд аз дидори Алиқул хушаш намеомад, рӯи хотири Сунбул харро дар таги дарвоза нигоҳ дошт, аз хар фуромад ва бандинаро кушода, ду ниҳол гирифту овоз дод:

– Алиқул, ҳо Алиқул!

Овоз доду ҳамон замон пушаймон шуд; боз ягон гапи хунук назанад! Ва дар ин лаҳза аз таки дил мехост, ки Алиқул дар хона набошад. Аммо Алиқул дар хона буд. Дарбачаи дарвозаи оҳанинро Сунбул кушод:

– Биёед, дароед, амак!

– Алиқул дар хона?

– Дар хона, дар хона, дароед.

Алиқул, Файзӣ ва боз се-чор одами дигар дар рӯи кати лаби ҳавзчаи сементӣ, гирди дастархон нишаста буданд ва баробари аз дарвоза даромадани Расул ҳама ба эҳтироми ӯ аз ҷо хеста, аз кат фаромада, бо ӯ дудаста вохӯрӣ карданд, пурсу пос карданд, аз боло гузаред, гуфтанд; аз ин тараф, рӯи кӯрпача шинед, гуфтанд; шинед, як пиёла чой гиред, гуфтанд, лекин Расул ба кат набаромад, нанишаст, ниҳолҳо дар даст рост истод: фурсат нест. Як бел бароред, инҳолҳоро шинонем, гуфт. Чойро ҳар вақт хӯрдан мумкин, ҳозир ҳамин корро бинем, гуфт.

Дастархони рӯи кат кабобу шароб дошт. Дар гӯшаи дигари ҳавлӣ буқаи зотӣ, буқаи азамате аз по ба по гашта меистод, ки бо ресмон не, бо занҷир бастаанд. Буқаҳои ҷойдорӣ дар назди ин буқа гӯсола барин менамуд. «Фақат гарданаш баробари як гов», - аз дил гузаронид Расул. Ин буқаро Алиқул аз кадом совхози зотпарварии Кострома харида оварда буд ва ду сол боз дар ҳавлии як ошнои фоидашарикаш дар деҳаи райони дигаре меистод, ки мардумаш чорводор ва модаговашон бисёр аст ва ҳар мавсими буқамонӣ Алиқул фоидаи зиёде мегирифт – як бор паридани буқа панҷоҳ сӯм нарх дошт. Баъд дар он район ва дар он деҳаи ошнояш аз ҷинси ин буқа чандтои дигар

пайдо шуду нарх паст фуромад ва онҳо бо маслиҳат, ки фоидаи бештаре гиранд, мошин киро карда, буқаро ба ҳавлии Алиқул оварданд, ки дар ин ҷо он хел буқа нест. Ҳоло ба ҳамин муносибат арақ менӯшиданд.

– Тағо, – гуфт яке аз онҳо, аз гардани ду шиша дошта, – ба шумо сурхаш, маъқул ё сафедаш?

– Ба ман ҳарсеяш маъқул не.

Рӯи он шахсе, ки дар даст шиша дошт, дароз ва кунҷҳои лабаш кашола шуд.

– Сеюмаш чӣ? Вино?! Мо винохӯр не! Ин қадар паст нафуромадем, ки вино хӯрем.

– Сеюмаш одами маст, – танаффурашро пинҳон дошта натавонист Расул.

– Бачаҳо, шинетон, – гуфт Алиқул. – Ин кас ба ин корҳо шавқ надоранд.

Ва ба Расул рӯ овард:

– Ака, ташвиш кашидед, дар ҳавлӣ ҷои ниҳолшинонӣ нест. Ана бинед, – вай бо дасташ рӯи ҳавлиро нишон дод.

Расул рӯи ҳавлиро аз назар гузаронид: бехи ҳавлӣ, қади девор қатор дарахти ар-ар. Сипас дарахтони себ. Дар болорӯя як тасма замини холӣ. Побел ҳам накардаанд.

– Бел биёред, ҷо меёбем, – гуфт Расул ва ба ҳамон тарафи замини холӣ рафт. Алиқул бо дили нохоҳам, вале аз рӯи одоби базӯрӣ ҷониби оғил рафт ва аз он ҷо бел гирифта назди Расул омад.

– Дарахт бисёр, хайр, агар шумо мешинонам гӯед…

Расул ҷомаашро кашид ва белро гирифта, ба кандани замин сар кард. Вай хок меканду ниҳолҳои овардаашро таъриф мекард, ки ин хел шафтолу, шафтолуи гурдаи гов дар ин водӣ дигар нест; заб-зарди калон-калон мешавад; серширa, на ширин ва на турш, нордон, даҳон мебояд, ки хӯрӣ ва чунон хуштаъму гуворост, ки одам ҳам ҳузур мекунад ва ҳам дилаш равшан мешавад. Ана, тайёр шуд, ним сатил пору биёред… Резед нисфаша. Акнун ним сатил об. Об резед… – Вай лойоба, поруоба кард... – Ниҳолро биёред. Ана ҳамту нигоҳ доред… – Вай хок гардонд:

– Ин ниҳол ба номи шумо. Дигарашро ба номи келии мешинонем. Ба нияти нек мешинонем. Ба нияти мурод. Ба ҳар кор як чиз сабаб мешавад. Шояд ҳамин ниҳолҳо сабаб шаваду ба шумо кушоиш диҳад, як шоҳписар диҳад, як шоҳдухтар диҳад, соҳиби бачу качи бисёре шаветон.

– Дари муроди мо баста, ака. Келинатон зунг[1]. Духтурҳо гуфтанд, ки аз ин фарзанд намешавад.

– Ҳар кас ҳар чӣ гӯяд, гуфтан гирад. Коратон афтад, насиҳатгар бисёр мешавад. Лекин гуфтаанд, ки «нияти нек – ними давлат». Ниятро нек гиред, дилу гурдаро пур гиред, ба муродатон мерасед.

– Дилу гурдаи мо доимо пур, ака.

– Дар ҳар кор дилу гурдаи пур даркор, лекин ҳавасакӣ не, аз сидқ. Ба нияти неку дили пур даҳ рӯзи расо, ҳар саҳар аз хоб ки хестед, шумо дар бехи ниҳоли худатон ва келин дар бехи ниҳоли худаш, заҳр кунетон. Насиб бошад, кушоиш мешавад.

Ниҳолҳоро дасти ба даст шинониданд. Расул ҷомаашро пӯшида, тарафи дарвоза рафт.

– Як пиёла чой ҳам намегиред? – гуфт Алиқул.

– Дафъаи дигар, хар дар таги бор, нами ниҳолҳо напарад, – ҷавоб дод Расул.

– Ҳамту акнун ҳамроҳи мо як қулт нанӯшида меравед, – гуфт яке аз онҳое ки рӯи кат менишастанд.

Расул ба рӯи ӯ нигарист: ранги рӯяш кандагӣ, лабҳояш каҷу кашидаву безеб. Ба дили Расул кароҳате даромад – нофорам ва дар айни ҳол раҳмовар буд андомаш. Нофорамӣ далолат мекард, ки ӯро танбеҳе диҳад, то ки қадри худро шиносад; дар айни вақт ба ҳоли ӯ дили кас месӯхт, ки ба чунин табоҳӣ афтодааст. Расул дар дил даст афшонд ва ҷавобе надода, аз ҳавлӣ баромад. Дар беруни дарвоза хар гӯшак зада меистод ва Расул савор шуду роҳ кашид. Ҳавои гарм буд. Бо ҳамон гарм шудан гарм карду гарм кард. Ягон рӯз серун нашуд, ягон бор абре дар осмон пайда нагашт, ягон чакра борон наборид. Доим гарму хушк, доим диму чанг – рӯи барги дарахтон ва алафи саҳро он қадар чанг нишастааст, ки гӯё хок борида бошад, гӯё аввали баҳор нею охири тирамоҳ бошад. Фозила, сардори бригада, мурғи посӯхта барин як нафас орому қарор надошт – як дам ба сари механизаторон, мерафт, дами дигар аз барои овардани ҷигит ба идора медавид; як дам аз аҳволи ҷимбурон хабар мегирифт, дами дигар ба сари замини кишт пайдо мешуд; як дам кори ҳалоли касеро дида, аз хурсандӣ дар курта намеғунҷид, дами дигар ҳаромкориву танбалии дигареро дида, дуд аз димоғаш мебаромад. Мавсими кишт, маъракаи кори бетанаф-

---

[1] Зунг – безурёт.

фуси деҳқон сар шуд ва дар даҳони ҳама гапи кишти пахта буд. Дар хона, дар мактаб, дар саҳро деҳқону деҳқонзода аз ваҷҳи кишту ҳосили пахта гап мезаданд. Дар идораҳо, дар маҷлису машваратҳо, дар чойхонаву бозор аз рафти кишти пахта ва оқибатҳои он хулосаҳо мебароварданду пешгӯиҳо мекарданд. Масъулону мутахассисон ба кишт назорат мекарданд, дастурҳо менавиштанд, дастурҳо мефиристониданд; рӯзномаҳо аз ҳамин хусус хабар медоданд, ки дар куҷо кишт сар шуд, дар куҷо кишт ба охир расид; пешқадамонро таъриф мекарданд, қафомондаҳоро шарм медорониданду даъват мекарданд, ки аз пешқадамон ибрат гиранд.

Ва меҳмони роҳи дуре, ки ба вазорати маданият омада буд, ба раҳбаладаш гуфт:

– Хушбахт мардуме мезистанд дар ин кишвар. Ғайр аз ҳосили пахта дигар ҳама масъалаҳои ҳаётро ҳал карда буданд.

Хулоса, ки дар даҳони ҳама гап-гапи кишти пахта буд ва Набии Бакавул гуфтору консертеро, ки радио ҳар рӯз дар соати чаҳордаҳ барои пахтакорон мешунавонад, аз дур гӯш карда, ходачаҳояшро аз ҷое ба ҷое мекӯчонд.

Вай аз давраҳое ки радио ба ин тарафҳо омад, медонад, ки ҳар рӯз дар ҳамин вақт консерт мешунавонанд. Гуфтору консерт. Аввал ягон колхоз ё ягон одамро таъриф мекунанд, баъд ҳофизе ё ҳофизон суруд мехонанд… ҳамин тавр то соати понздаҳ. Ин гуфтору консерт бо маълумот хотима меёбад. – кишт бошад, номи районҳову фоизи кишт: пахтачинӣ бошад, боз номи районҳову боз фоизи пахта. Ва фақат номҳо тағйир меёбад ё иваз мешавад, вале мазмуни гап тағйир намеёбад, ҷумлаҳо иваз намешаванд. Ҳамон як гапро тӯтӣ барин такрор мекунад радио. Дилгир аст, вале одат шудааст, гӯш мекунаду гӯш намекунад, аммо ҳамон овоз набошаду нашунавад, гӯё ки чизе намерасад ва дилаш хоҳаду нахоҳад, ҳамеша интизор аст, бештар барои маълумот аз афташ.

Замин кишти бригадаро ҳамвор мекарданд ва Набии Бакавул, пири ошпазони деҳа барои маъракаҳои калон ва пири обмонҳои бригада, ду ходачаро, ки дар сари якеаш латтаи сурху дар сари дигараш латтаи сарфед бастааст, бо навбат аз ҷое ба ҷое мекӯчонд. Латтаи сурх нишони он буд, ки дар ин ҷо пастӣ ҳаст, об кӯл мешавад ва дар рӯзҳои гарм буғи об ғӯзаи шохи поении ниҳолҳоро мепӯсонад. Латтаи сафед нишон медод, ки дар ин ҷо аз хок дида регаш бештар аст – обро фурӯ

мекашад ва решаи ниҳолҳо баҳра намегираду месӯзад. Набии Бакавул, чун табибе ки дарди касалро бехато медонад, ходачаҳоро аз ҷое ба ҷое бурда устувор мекард ва дигарон, зану мард, ба ҷои нишон додаи ӯ хок мекашонданд. Хокро аз тал мегирифтанд, аз ҳамон тале ки нишонаи охирини талҳои ин ҳамворӣ буд – дигар ҳама талҳоро ба замин яксон карданд; аз ҳамон тале ки ба қавли бостоншиносон, дар замонҳои қадим, дар давраҳои ободии нахустини ин ноҳия қалъаи дидбоние доштааст ва дидбонҳо – чашми бедори бошандагон – мулку молашонро аз ҳуҷуми ногаҳони ғайр ҳифз медоштаанд; аз ҳамон тале, ки ба ривояти эшони Абдурозиқ, мазори шифобахше будааст ва ҳар касе ки ба он мазор назр барад, ба муроду мақсадаш мерасидааст; аз ҳамон тале ки ба шарофати як дарахти туғи куҳансол, ки шохҳои пири пӯкаш латтапораҳои рангоранг дошт, одаме ёфт намешуд, ки ёрон кандани хокаш бикунад; аз ҳамон тале ки дар солҳои охир, дар солҳое ки насли Фозила, насли наврас ёд дорад, ягона чарогоҳи моли майда буд. Хоки ин талро чанд со ласт, ки мекананду мекашонанд – ба заминҳои корам мекашонанд, барои андоваи иморат мекашонанд, барои танӯрсозӣ мекашонанд…

– Ин талро ҳам хӯрда тамом мекунем, – гуфта буд порсол Расул ба Набӣ.

Хокро меканданду мекашониданд, меканданду мекашониданд ва хоки як паҳлуи тали баланде, ки байни ҳамвории васеи ҷуфтдидаву киштдида қалъаи дидбонон барин меистод, хӯрда мешуду хӯрда мешуд – чарогоҳ ба ҷарӣ табдил меёфт, намуди аслиашро гум мекард. Одамон мерафтанду меомаданд – аз тал то ходачаҳо ва аз ходачаҳо то тал. Роҳи рафтуомади онҳо зери по пахш хӯрда, тасма-тасма пайраҳа мешуд. Замин мулоим буд. Мулоим буд замин ба мисли фаллаи гов. Ҳаво ҳам мулоиму мусоид буд. Ҳусни духтароне, ки либосҳои ғафси зимистониро кашида, куртаҳои нафис пӯшидаанд, бо ҳусни табиати баҳор ҷанг мекард. На фақат дар замин, балки дар дили одамон ҳам гули баҳор мешукуфт. Рӯ, чашм ва лаби ҷавонон механдид – ҳам барои ҳама механдид ва ҳам барои он касе, ки ёри дилаш ҳаст. Калонсолон шукуфтанҳо, чашм ба чашм шуданҳо ва бо имову ишораи лабу абрӯ роз гуфтанҳои онҳоро дида, худро нодида вонамуд мекарданд ва ҷавониро ёд меоварданд: аҷаб зуд гузашт!.. Ҳа, ба умед гузашт ва минбаъд ҳам ба умед мегузарад. Ҳамин хел будааст қонуни зиндагӣ, - барои яке гузашт, барои дигаре сар мешавад; ва ҳар кас ба тарзу тариқе ҳаёт ба

сар мебарад, ки ҳосилаш дар ҳар ҳолат яке аз ин ду калима мешавад: нек ё бад! Ё номи нек боқӣ мемонад аз одам, ё номи бад. Анҷоми дигаре нест, андеша мекард Расули Якзарб, ва аз ҳама муҳиммаш он аст, ки одам ба ин анҷом аз кадом дарича нигоҳ мекунад.

– Бригадир канӣ, бригадирро надидетон? – пурсид ҷавоне, ки сатили холӣ ба даст, аз тарафи палҳои кишт омад.

– Бригадир ба куҷое рафт, - ҷавоб дод зане.

Ҳамон вақте ки хоккашонҳо бригадирро суроғ карданд, Фозила дар саҳни замину осмонаш серчанги зовуди пахта мунтазири мошин буд. Ғубори зовуд, ки дару девору тирезаро зер карда, ба атроф як ранги хокистарии сиёҳча додааст ва пағаҳои пахтаи порсола, ки ҷо-ҷо парешон афтодааст, намуди дилгире дорад, ки ба суръати кор, ба ҳаҷми кор ва ба шавқу завқи одамони сертараддуд ва рафтуомади мошинҳои гуногунтамғаи бисёре ба як тavри фавқулода номувофиқу ночаспон аст. Маҳсии Фозила, то он ҷои сарӣ, ки бари курта мерасиду мерӯбад, чанг гирифтааст. Ӯ аз кабинет ба кабинет, аз анбор ба лаборатория даромадаву баромад, пунбадона гирифт, сифаташро дид ва ба мошин бор карда, ба бригада фиристонид. Мӯи сараш ба арақи ҳар ду чака ва куртааш ба шонаҳо часпидааст.

Саду панҷоҳ километр дуртар аз ин ҷо, дар шохи дарахт нимтанаи гӯсфанд аз пояш овезон – нимтанаи дигарашро майда карда ба дег андохтанд. Шокир, по луч, эзор барзадагӣ, таки майка гирди дег гаштааст – алов мекунад, намак меандозад, гӯштро ғел мегардонад. Дег балақ-балақ меҷӯшад, чанд қадам дуртар аз оташдону дег рӯдаки шӯхе байни сангҳои хурду калон медавад. Дар як канори рӯдак, зери дарахтони анбӯҳ палос партофта, дастархони васее густурдаанд. Рӯи дастархон пури нон, сабза, ҷазза, ҷигарбирён ва шишаҳои қатор. Дар гирди дастархон чор-панҷ нафар одами фарбеҳи тару тоза сари синаҳоро луч карда нишастаанд, ё паҳлу задаанд. Инҳо меҳмони Алиқул ҳастанд ва Алиқул латифа гуфта онҳоро механдонад. Вай дирӯз як мошин себу анору лимӯ бор карда ба бозорҳои дури дур фиристонид ва имрӯз барои ҳамон одамоне, ки меваи анбору дӯконро ба ӯ доданд ва ё барои гирифтанаш ёрӣ расониданд, зиёфат оростааст: даст дастро мешӯяд!

– Ҳамин обу ҳамин манзара дар водӣ бошад, – гуфт марди рӯғафсу шикамғафсе, ки дар паҳлуи директории зовуди пахта менишаст. – Ҷаннат ҳам бошад, ҳамин қадар будагист.

– Биҳишт он ҷо, озораш набошад, – луқма партофт Алиқул, дар ҳолате ки аз даруни об шишаи арақ мегирифт. – Ана ҳамон хел ҷо, ҳамин сояи дарахту лаби об. Ҷо аз ин беҳтар намешавад. Чӣ гуфтед, ака?

– Ба завқи шумо ман тан додагӣ, – ҷавоб дод марди тоссар, ки каҷпаҳлу зада буд. – Ба ман аз ҳама маъқулаш ин ки, ягон паша нест! Ҳар тавре ки хоҳӣ, шин, ҳар номаъқуле ки хоҳӣ, кун; касе намебинад.

Аз боло аз қади об садои тақар-туқур баромад.

– Ана, паша пайдо шуд,–аз ҷо нахеста, ба ақиб нигоҳ кард шикамғафс.

Ҳама ба ҳамон тараф, ба боло нигоҳ карданд. Аз он тараф, аз байни дарахтони анбӯҳ ва харсангҳо аввал сару гӯши хар, баъд ду сутуне, ки ба хар бор кардаанду нӯгҳош дар замин кашола ва сипас, одами салладоре, намоён шуд.

– Э, ин Ниёз-ку! – садои шикамие баровард Шокир. – Кадом шамол паронд? Аз куҷо пурсем? Аз куҷо меоию ба куҷо меравӣ?

– Мешҳоро бурда ба моли як чӯпон қатӣ кардам, – гуфт баъди салому алек Ниёз. – Ин хару чӯби ҳамон чӯпон. Сари роҳ ба хонааш дода меравам.

Ниёз чӯпон буд. Ҳар сари ду-се моҳ бор ба хонааш меомад ва бачаҳои деҳа омаданҳои ӯро бо шавқу завқ мунтазир мешуданд. Мунтазир буданд бачаҳо ва тахминан медонистанд, ки кай меояд ва рӯзи омаданашро мепоиданд. Хусусан баҳор, ки омадани ӯ тӯл мекашид ва маҳз бо ҳамин сабаб шавқи онҳо ҳам бештару нашъаи тамошо зӯртар мешуд. Онҳо медонистанд, ки дар баҳор то тӯлгирӣ тамом нашавад ва мавсими рамаро аз чӯл ба кӯҳистон ҳай кардан нарасад, Ниёз ба деҳа намеояд. Ҳар вақте меояд, дар куҷо аз мошин фуромада, ба деҳа пиёда медарояд ва бо кадом як қонуни нонавишта, бо кадом тасадуфе, ки шарҳ надорад, ҳамон рӯзу ҳамон соат завҷааш, ду сатил ба ду даст, сари канал обгирӣ мебарояд. Ниёз аз таги деҳа сар мезанад ва аввалин чизе ки ба чашмаш мерасад, пайкари хушрехти занаш аст. Вай аз ҳамон ҷое ки занашро дид, хӯрҷини китфашро ба замин партофта, як даст холиву ба як даст асо, оғӯш кушода медавад ва ба сари канал расида, занашро бо сатилҳои дасташ якҷоя бағал гирифта, озод бардошта, ба ҳавлӣ мебарад, ки тамошояш барои бачаҳо завқи беандозае дошт. Ин баҳор бачаҳо аз ҳамин хел тамошои шавқовару бепул бенасиб монданд. Чунки Ниёз ин баҳор бедимоғ омад;

хӯрҷин ба китф, сари ҳам ва лоҳазона омада, ба ҳавлиаш даромад ва дигар ба чӯпонӣ нарафт. Ба хона даромаду чанд рӯз аз он ҷо набаромад ва баъди хабар фиристонидани чӯпонҳо, ки «омада молашро барад, набошад, ҷудо карда мепартоем», сари мол рафт ва понздаҳ-бист мешу бузашро ҷудо карда бурду ба як чӯпони шиносаш супорида омад ва дар ин дара ба Алиқулу меҳмононаш вохӯрд – паша шуд.

Хар чӯбҳои нимтарошро калокунон бо пайроҳаи серсанг тарақо-туруққунон мерафт ва Ниёз низ таваққуф накард.

Файзии ҳофиз мошинсавор бо таъҷил аз бригада ба бригада мерафт – вай ба фестивалу конкурси «Бӯстон» тайёрӣ медид. Ҳавасмандону хоҳишмандонро ба рӯйхат гирад, чунон ки пешакӣ ваъда додааст, ба ҷои зиёфат, ба лаби рӯдаки шӯх меравад, барои меҳмонони Алиқул суруд мехонад.

Дар водӣ, дар майдони кишт, Набии Бакавул ходачаҳояшро аз ҷое ба ҷое мекӯчонд, одамон хок мекашонданд, пайраҳаҳо сахтар мешуд. Расули Якзарб хок меканду хок бор мекард. Вай дами белро то даста ба замин ғӯтонида пуропур мебардошт ва як бел хоки гирифтаи ӯ як сатилро пур мекард. Замин мулоим ва серхок буд. На фақат серхок буд, балки ягон санг надошт. Расул хок меканду хок бор мекард ва ёд надорад, ки боре пеши белаш ба санг расида бошад – хоки лахт, дунбаи карт барин. «Ҳатто ҳамин хоку санг ҳам баробар тақсим нашуда будааст! Каму зиёд будааст. Зиёду кам додааст обу хокро, сангу чӯбро, ақлу фаросатро. Ба замин ҳам, ба инсон ҳам, ба ҳайвон ҳам. Як ҷо серҳосил, як ҷо беҳосил, яке бофаҳм, дигаре бефаҳм, яке даранда, дигаре луқма… Дар ин ҷо фақат хок ҳаст ва дар зарурат санге намеёбӣ, ки ба сарат занӣ! Дар ҷои дигар фақат санг ҳаст ва барои андоваи хона хок пайдо намешавад, чунон ки дар Сафедоб». Дар он ҷо, дар зодгоҳи Расул, деҳаи Сафедоб хокро аввал бехта, баъд лои андова мехобонданд ва кори деҳқон ҳам ҳар баҳор аз чидани санги замини корам сар мешуд. Дар ин ҷо баракс – хоку хоку хок ва санги таҳкурсии иморатро мошин киро карда, аз дарёбод мекашонӣ… Дар ҳамон сангзори Сафедоб мардум дарахт сабз мекарданд, боғ доштанд, ҳосил мегирифтанд. Чӣ хел месабзид дарахт, аз куҷо ғизо мегирифт ва муттако бар чӣ дошт. – Расул то ҳол дар ҳайрат аст, истодаистода ҳайрон мемонад, ки решаи дарахтҳо намоён буд, решаҳо ҳар ковокӣ дошт, ки гӯсфанд ё бузи кирмзада аз дасти пашшаҳо дар он ҷо паноҳ мебурд ва ҳатто бачаҳо ба он ковокиҳо даромада руст мешуданд, бо вуҷуди ин дарахт усту-

вор меистод, барг мекард, гул мекард, ҳосил медод, гӯё ки решаи он низ аз санг бошад. Ҷони мардум ҳам аз санг сахттар будааст ҳамон вақтҳо. Одамо ҳозир нозук шудагӣ. Ҷонашон азиз. Аз ҷои кор то дари хонаашон пиёда намераванд… Ҳамин мошинаш неъмати бебаҳокуя, лекин осон кард дуздиву тозиро. Хеле осон кард кори одамони беинсофро!

Замини корам бисёр бақадр буд дар Сафедоб. Барои он қадраш баланд буд, ки осон-осон муяссар намешуд ба ҳар кас замин доштан. Порча-порчаву малофа-малофа аз даҳони ҷару ҷӯ кашида мегирифтанд. Аз ҳамин хел замин як порча онҳо низ доштанд. Ҳавлиашон дар ин тарафи дарё буду заминашон дар он тарафи дарё. Дарё аз кӯҳи Бобои Об меояд, кӯҳи Бобои Об аз як силсила шаххои баланд иборат аст, ки пешу қафо ва паҳлу ба паҳлу истодаанд, муттакои якдигаранд ва шиками ҳар кадомаш пирях дорад, қуллаи ҳар кадомаш ҳар рӯз бо курси офтоб ва ҳар шаб бо курси маҳтоб сӯҳбати маҳрамонае мекунад. Обҳои рӯи олам аз ҳамин кӯҳҳо меравад, мардуми рӯи дунё ҳамин обҳоро мехӯранд. Ҳамин хел мегуфтанд мардуми Сафедоб. Осмонашон танг буд, заминашон танг буд, барои ҳамин мегуфтанд ин гапҳоро.

Сафедоб аз ин дашти фарохе ки пахта мекоранд, аз тале ки Расул хок меканад, дур аст, дар дуриҳои дур воқеъ аст ва кӯҳнавардон, агар ба яке аз қуллаҳои кӯҳи Бобои Об бароянд, ба он қулла ном мемонанд ва номи мондаашонро ба воситаи радиову рӯзномаҳо эълон мекунанд, гӯё он қулла пеш соҳиб надошту ном надошт, акнун соҳибу ном пайдо кард. Ҷисми Расул дар дашти ҳамвор буд, дасташ дар кор буд, вале хаёлаш ба сафар баромад; хаёлаш ба Сафедоб рафт, ки бачагиву беғамии гумкардаашро дарёбад. Барои Сафедоб рафтан аз ду ағба мегузарӣ ва ҳар боре ки ба ағба бароиву аз ағба фароӣ, роҳ қади дарё ба равиши об каҷмакаҷ медавад, мори дар гурез барин. Қад-қади об меравӣ, андаруни тангноҳо меравӣ, лаб-лаби ҷар меравӣ. Сари шаххо ба осмон мерасад. Аз ду тараф, ҳам аз тарафи рост ва ҳам аз тарафи чап, баланд шуда ба осмон часпидаанд кӯҳҳо, аз ин сабаб тасмаи осмони болои сар, таносубан ба вазъи шаххо, дар ҷое борик асту дар ҷое пахн, дар ҷое сегӯша мешаваду дар ҷое панҷгӯша… Меравию меравӣ ва роҳи зери пову осмони болои сар борик мешаваду паҳн, паҳн мешаваду борик… ва доим аз паҳлу – гоҳ аз паҳлуи росту гоҳ аз паҳлуи чап, гоҳе андаруни харсангу ҷарҳои жарф, гаҳе лаби роҳро лесида – оби пуртуғён, кафкбасар ва тезгузаре давон асту

давон; мераваду ба ақиб нигоҳ намекунад, одами бекору беандеша барин.

Гоҳ ба рафти об меравӣ, гоҳи дигар ба муқобили об. Сероб аст Сафедоб. Обҳои мусаффо, сард ва бамаза шаххҳоро ҷӯ-ҷӯ шуста, сайқал дода, кафк карда, чанг бароварда мефуроянд ва дар поён чунон ҷарҳои азиме кандааст, ки аз боло ба паст нигоҳ бикунӣ, чашмат сиёҳӣ мезанад ва сарат чарх. Барои ҳамин об дар пастию замин дар баландӣ. Барои ҳамин об фаровону замин камоб ва ё беоб. Барои ҳамин сероб, серсанг ва камхок аст Сафедоб. Барои ҳамин ҳар баҳор, пеш аз кишт, сангги заминро мечиниданд. Бачу кач сари заминашон баромада, санг мечиниданду санг мекашониданд – бо сатил, бо тағора, бо ғалтак ва дар бари доман. Кӣ медонад, ки чанд пушти одамон, чандин солҳо санги он заминҳои порча-порчаву малофа-малофаро чинда бошанд? Чиндаанду парч задаанд, чиндаанду девор кардаанд, чиндаанду данба партофтаанд, чиндаанду тӯда кардаанд… Абулфайз мегӯяд, ки агар сангҳои чиндаву кашондаи мардуми Сафедобро дар як ҷо ғун кунанд, баробари як саду чиҳил Манори Калони шаҳри Бухоро мешавад. Кӣ медонад, шояд рост бошад?! Расул онро намедонад, аниқ гуфта наметавонад, вале гуфта метавонад, ки хоке ки мо кандем ва талҳое ки мо ҳамвор кардем, агар мумкин бошаду дар як ҷо ҷамъ оваранд, аз қуллаи «Коммунизм» дар кӯҳистони Бадахшон баланд набошад, паст ҳам намешавад…

Офтоб метафсонд, дили Расул як қулт оби дарёи Оби Сафед металабид. Гӯё якумр дар Сафедоб зиндагӣ карда бошад, гӯё якумр оби дарёи Оби Сафедро хӯрда бошад. Он обу он мавзеъ, ки дар бачагӣ дидааст, он қадар меҳре дорад, он қадар ба дилу дидааш нишастааст, ки гӯё шири модар бошад; гӯё онро тамоми умр, аз рӯзе ки ба дунёи равшан омадааст, балки пеш аз тавлид, аз пушт ба пушт, пеш аз вуҷуди падару модар дӯсташ дошта бошад. Ҳар гоҳ ки ҳавои тозаро пазмон шавад, бӯи хаёлии ҳавои Сафедоб ба машомаш мерасад; ҳар вақте ки аз об хӯрдан ташнагиаш нашиканад, дар комаш мазаи хаёлии оби Сафедобро ҳис мекунад…

## III

Дили Сабур дар саҳро кушода шуд. Вай шаб хоб карда натавонист. Рӯзи дароз сари по буд ва мебоист, ки бароҳат хобаш барад, вале баракси ҳоли маъмулиаш шуд: на хоби дуруст ва на бедори сиҳат. Бадан фароғат мехост, лекин

майна осоиш намедод. Бегоҳ, ҳангоми ба хона баргаштан, дар сари кӯча писари ҷангалбони Расулро дид, ҳолу аҳвол пурсид ва ӯ ҳикоят ки як меҳмон дар Хирсдара касал шуд. Ҳамонро ба касалхонаи район бурдам.

– Чи хел меҳмон, дар Хирсдара чӣ кор мекардааст? – тааҷҷуб кард Сабур.

– Онҳо чор нафар, - ҷавоб дод ӯ. – Омаданашона як ҳафта шуд. Ҳар кадомаш аз ҳар тараф – аз институтҳои гуногун. Растаниҳои Хирсдараро меомӯхтаанд. Ситораашон ба якдигар нафорида аст ва яктоашон савдоинамо шуд. Духтур ҳамин хел гуфт – сабаби касалияш носозгории рӯҳӣ, гуфт.

– Ҳамин хел ҳам мешудааст?

– Ҳамин хел шудааст.

Ин воқиаро Сабур дар роҳ фаромӯш кард, вале дар хона боз ба ёдаш омад: аз носозгории рӯҳӣ дар як ҳафта дардманд шудааст. Чӣ хел одам будааст? Ман як умр дар муҳити носозгории рӯхӣ зистан дорам, лекин ҳеҷ дев намезанад. Фаҳмиши занам, масалан тамоман зидди фаҳмиши ман, вале зиндагӣ карда гаштаем. Дар як хона боз бачу кач.

Вай дар сари таом ин фикрро, чун як гапи беасос хаёлан рад кард, аз баҳраш гузашт ва гумон дошт, ки дигар ҳеҷ вақт ба ин масъала барнамегардад. Аммо дар ҷогаҳ, баъди як ғанаб кардан бедор шуду боз аз ҳамин бобат ба андеша рафт: ба ғаври ин воқиа расида наметавонам ман. Мардак як ҳафта дошт надодааст, маро бошад, дар ҳама ин муддате, ки худшиносу коргар ҳастам, ҳамон ҳолат, ҳолати носозгории рӯҳӣ домангир ҳасту ҳеҷ бало назадааст. Дар оила носогории рӯҳӣ, дар ҷои кор носозгории рӯҳӣ, вале аз ҳамаи ин ба ман осебе нарасидааст. Сабаб чист? Ё ин хулоса, ки носозгории рӯҳӣ одамро аз одамгарӣ мебарорад, асоси илмиву ҳаётӣ надорад ва ё ман ба дараҷае носуфтаву нотарошида ва сахтҷону пӯстғафс ҳастам, ки носозгории психологӣ гуфтани гапро эҳсос намекунам. Азоби рӯҳӣ мекашам, ин аниқ, худам ҳам медонам, дигарон ҳам медонанд, вале девонаавзоъ шудан… аз шиносон касеро ёд надорам, ки бо ҳамин сабаб бистарӣ шуда бошад. Агар дар ҳақиқат одаме бошад, ки маҳз носозгории рӯҳӣ ӯро дар як ҳафта савдоӣ кардааст, пас ман ба ин носозгорӣ унс гирифтаам, одат кардаам, ба ман таъсире надорад. Ё таъсир кардаасту худам бехабар? Ё ман кунда, беҳис, бе… намедонам боз бе кадом «бе»-ҳо. Он мард чӣ мард, чӣ марде будааст, ки як ҳафта тоқат карда натавонистааст ва ман чӣ марде ҳастам, ки умре

тоқат карда тавонистаам? Кадоме аз мо мард? Эҳсоси одамӣ дар кадомамон бештар? Муаммо! Кӣ мекушояд ин муамморо?

Бедор мешавад, ки баданаш вазнин, сараш вазнин, дилаш сиёҳ. Худе ки калтаккӯб карда бошанд; худе, ки ягон ҷинояти сахт карда бошад. Боз ғанаби нооромe мебарад ва боз бедор мешавад бо табъи хираву гирифта. Сари субҳ ҳам бо ҳамин ҳоли нобоб аз ҷогаҳ хест ва димоғи гирифтае дошт.

Баъди дидани кори ду бригада, бо таъсири дарову баро ба мошин, бо таъсири гуфтугӯ бо мардум ва ё бо таъсири ҳавои саҳро, номаълум табъаш хуш ва димоғаш равшан шуд: Ҳалол кор мекунанд падарраҳматҳо!

Падарраҳматҳо аз сари субҳ то фаро расидани шом дар ҳаракат буданд – мерафтанд, меомаданд, мебурданд, меоварданд; медоданд, мегирифтанд; хам мешуданд, рост мешуданд; менишастанд, мехестанд, арақ мекарданд, арақашон дар танашон хушк мешуд, боз арақ мекарданд ва боз арақ дар танашон хушк мешуд:

– Об нахӯр!

– Ҳалқам қоқ шуд!

– Тоқат кун, тоқат кунӣ баъд одат мешавад.

– То одат мешавад, ки ҷигарам месӯзад.

– Ба обхӯрӣ одат кунӣ, обкута мешавӣ…

Онҳо, падараҳматҳо, пунбадона тар мекарданд, ба мошинҳо бор мекарданд, аз мошинҳо мефуроварданд, гирди тухмипошакҳо гашта, ё пеш-пеш он давида, хасу хошоки рӯи заминро ғундошта мегирифтанд; пунбадонаро бо дору омехта ба бордон меандохтанд, тухмипошак меронданд ва чорчашма назорат мекарданд, ки тухм дар ҳама ҷӯякҳо як хел резад.

Мошинҳо дар рафтуомад, тракторҳо саф дар саф кишт мекунанд. Ғурроси мошину тракторҳо ҳаворо гӯё тела медиҳад, ки лапише дорад ва кас замини рондаву кишти пошидаро дида худро аз будаш бақувваттар ҳис мекард, ба рагу пояш қувваи тоза медамид ва ба шарофати ҳамин кашокашҳои майда, ҷангу ҷидолҳои рӯзмарраеро, ки гоҳо санги сари дил мешаванд, чанд лаҳза фаромӯш менамуд. Одамон ҳама ба коре машғул, ҳама чусту чолок: Ҳо, гир! Ҳо, мон! Ҳо биё! Ҳо, рав!..

Аз замин ҳаври ноаёне мехезад, аз ҳаво бӯи замин ба машом мерасад. Замин ҷома бадал мекунад, ҳусни дигаре мегирад ва аз таровате ки замини кишт дорад, рӯҳи кас меболад… Як

олами серсадо, серҳаракат ва серташвиш, як олами пури умед… Сабур, котиби ташкилоти партиявии колхоз, ҳар касеро бинад, «Монда нашавед! Ҳа, бале!» мегуфт ва шипангҳоро хабар мегирифт: шиорҳои муносибт ба маврид ҳаст!, китобу рӯзнома мегиранд?, тозагиву тартиб читу?, чӣ намерасад!.. Фозила аз дур, аз пеши тухмпошаке, ки чанги ғафс, вале пасте бароварда тухм мекошт ва колхозчие ки дар болои позаҳо истода, бо як чашм ба бордону бо чашми дигар ба ҷӯякҳо менигарист ва дар айни замон бо овози баланд бо бригадир гап мезад, аз ҳамон ҷо мошини Сабурро шинохт ва бо таъҷил тарафи шипанг омад. Набии Бакавул, миёнаш аз болои ҷома бастагӣ, сараш хам, миёнаш дуқат, доруву пунбадонаро омезиш медод ва бо дастёраш, ки имрӯз гаранг буд, бо оҳанги нарм мегуфт:

– Ба китфат коҳилӣ савор шудааст, ба кор ҳавсала надорӣ.

– Коҳилӣ не, ҳаво гарм. Баданам лоҳаз.

– Лоҳаз! Инту китфатро сахтар ҷунбон, коҳилия шипонда парто. Дупа-дуруст мешавӣ.

– Шумо дар ҳамин хел ҳаво лоҳаз намешавед?

– Тани одам ҳамеша майл ба роҳат дорад, заҳмат кашиданро нағз намебинад. Агар танро ба майли худаш монӣ, дар ҳар хел боду ҳаво ҳам лоҳаз шудан мегирӣ – дар гармо ҳам, дар сармо ҳам. Танро маҷбур кардан даркор ба кор. Ин кори одат. Одат ё роҳати ҷон мешавад, ё балои ҷон. Агар танро риёзат диҳӣ, заҳматкаширо ёд мегирад, аз кор лаззат мегирӣ, роҳати ҷонаш ҳамин. Агар бо фароғат танро парвариш кунӣ, аз кор метарсад, танбал мешавад, балои ҷонаш ҳамин.

Сабур чанд шиореро, ки оварда буд, ҳамроҳи Фозила ва марди андаке ланг, мӯи сару ришаш расидагӣ – фаррошу посбону ҷойҷӯшони шипанг, ба ҷойҳои намоёни девор часпонданд. Марди ланг ба алови самавор ҳезум партофт. Сабур дар гӯшаи сурхи шипанг, ки як миз, се курсӣ ва чанд рисолаву як даста рӯзнома дошт, хеле нигоҳ карда истод. Сипас алвони рӯи мизро бо кафи дасташ молиш дода, ҷинҳояшро ҳамвор кард ва ба Фозила нигоҳ накарда, гӯё худ ба худ гап мезада бошад, гуфт:

– Чанд рӯз пеш ман дар як семинар иштирок кардам. Семинар дар клуби як колхози номдор гузашт. Вақте ки ман рафтам, одамон ҳанӯз ҷамъ нашуда буданд ва ман андак муддат дар кабинети раис интизор шудам. Пешгаҳи кабинет ҷевони калоне буд, ки китоби бисёре дошт. Аз бекорӣ-

кадукорӣ, рухсат пурсида китобҳоро варақ задам. Ҳар китобе ки ба даст мегирифтам, медидам, ки касе боре ҳам накушодааст. Ҳатто муқоваашро накушодааст.

Сабур тарафи Фозила нигарист:

– Акнун шумо ба ман гӯед, ки ин қадар китобро барои чӣ ҷамъ овардаанд? Барои чӣ, барои тамошо? Барои намоиш?

– Ҳамин саволро ба раис надодед?

– Не, рӯям нашуд.

– Додан даркор буд, канӣ, чӣ ҷавоб медод. То кай мулоҳиза карда мегардед? Айби худамон ҳамааш. Китоб харидасту муқоваашро накушодааст, рӯямон намешавад пурсем, ки барои чӣ? мансаб дораду кор намекунад, рӯямон намешавад пурсем, ки барои чӣ? Одоби кӯчаву хонаро вайрон мекунад, рӯямон намешавад пурсем, ки барои чӣ? Муфтхӯрӣ мекунад, рӯямон намешавад, пурсем, ки барои чӣ?.. Ҳамин қадар баодоб мо.

– Одоби чӣ? Одат кардаем ба бепарвоӣ. Ё метарсем аз гуфтан? – Сабур андаке хомӯш истод ва илова кард:

– Медонед чӣ, ман ба ҳамин хулоса омадам, ки мардуми мо ба гуфтугӯи рӯирости рӯ ба рӯ одат накардаанд. Дар дилашон як гап, дар забонашон гапи дигар. Рости гапро дар ғайби кас мегӯянд, дар рӯбаруяш не. Ман ҳам аз он ҷумла. Мехоҳам, ки бигӯям, вале чизе халал мерасонад – ҳаё, тарс, одоб, мулоҳиза, аниқ намедонам, ки чӣ?

– Мо ҳамаамон ҳамин хел, – гуфт бо алам Фозила. – Тарбияамон ҳамин хел аз афташ. Гапхӯр тарбия мекунанд моро. Барои ҳамин мо дамдузд.

Онҳо пасу пеш аз хона берун баромаданд ва Сабур дар ҳолате ки тарафи мошин мерафт, аз Фозила пурсид:

– Киштро кай тамом мекунед?

– Фардо – пасфардо тамом мекунем.

– Нағз. Ҳаракат кунетон.

– Мо ҳаракат мекунем, лекин баъзеҳо халал мерасонанд.

– Киҳо масалан?

– Як механизатора Алиқул ба дараҳо фиристонидаст. Чанд занак ба кор набаромаданд.

– Боз Алиқул? Дар дара чӣ кори зарур доштааст?

– Килои ревоҷ чор-панҷ сӯм дар бозор. Килои занбурӯғ шаш сӯм.

– Авратҳо чаро набаромаданд?

– Таъсуб мекунанд. Мо аз зани Алиқул кам нестем, мегӯянд.

– Ба ягон кори хуб таъсуб кунанд намешавад?

– Ҳамсоя аз ҳамсоя панд мегирад. Гапи маълумку.

– Ҳа, гапи маълум, - тасдиқ кард Сабур…

Ҳамин «гапҳои маълум» шаб хобашро ҳаром кард. Барои он ҳаром кард, ки «маълум», ба ҳама маълум, вале ҳеҷ не ки ислоҳ шавад. Гӯё касе қудрат надорад, ки ислоҳ кунад! Медонем, ки касе заҳмат кашад, бояд роҳаташро бинад, вале заҳматро Валӣ мекашаду роҳатро Алӣ мебинад. Чаро? Медонем, ки агар гуфтор ба кирдор мувофиқ набошад, як пули пучак қурб надорад, вале аз ҳалолкорӣ бо овози баланд гап мезанему худамон вазифаамонро ҳалол иҷро намекунем. Чаро?!. Саду як «чаро» ва даме ки ин чароҳо қатор-қатор ҳамел шуда, мағзи сари Сабурро пур мекунанд, хоби ӯ мепарад ва ҳамеша – баъди андешаҳои бисёр, баъди сабаб ҷустанҳо, баъди таҳлил карданҳо ва баъди донаҳои ин ҳамелро як-як шуморида сару нӯги онро ёфтан, гаштаву баргашта ба як хулоса меояд; ба хулосае меояд, ки сари ин занҷир, мо иқрор кардан мехоҳем ё не, ба дасти онҳоест, ки мансаб доранд. Мансаб манбаи имтиёз шудааст барои баъзеҳо. Бинобар ин кордонҳо не, корчаллонҳо дар талоши мансабанд. Решаи носозгории рӯҳӣ низ дар ҳамин аст. Фидокорӣ агар меъёри ягонаи мансаб мебуд, ҳамаи корчаллонҳо мегурехтанд, майдону минбар тоза мешуд…то даме ки мансабро манбаи имтиёз медонанд, мо ба мақсад намерасем. Мансаб аз худ гузашта ба дигарон расидан аст дар замони мо, мароми мо. Лекин афсӯс…

– Тарбия дар куҷое мелангад, сахт мелангад, - гуфт Сабур ва маълум набуд, ки худ ба худ гап мезанад, ё бо Фозила.

– Ваъда диҳему ба ваъда вафо накунем, албатта тарбия мелангад, - бо оҳанги эътирозолуд ҷавоб дод Фозила.

Онҳо, Сабуру Фозила, паҳлу ба паҳлу, оҳиста-оҳиста тарафи мошин мерафтанд. Сабур ният дошт, ки Расулро ҷеғ занад ва дар ҳузури Фозила бо ӯ сӯҳбат кунад. Гӯяд, ки чунину чунон шикоятномаҳо ба идораҳои боло рафтааст. Ман медонам, ки ҳамаи ин дар ҳаққи шумо тӯҳмат, вале қоида ҳамин ки ҷавоб гардонидан даркор. Вале ҳоло аз раъяш гашт: аз барои як-ду ҳароме ки мактуби беимзо менависанд, миёни корро шикастан ва дили як одами ҳалолро сиёҳ кардан чӣ даркор?

Ҳангоме ки ба мошин наздик рафтанд, Фозила гуфт:

– Ҳаммом гӯшти уштур хӯрд, маълум… лекин душ ҳаммом не-ку…

– Ин масъала ҳал шудагӣ, месозанд. Асбобу анҷом ёбанд, месозанд.

Мошин рафт. Фозила дар пеши титан рост истода як пиёла чой нӯшид. Деҳқонон чоштхӯрӣ меомаданд. Гурӯҳ-гурӯҳ ва якта-якта меомаданд. Меомаданду дар ҷӯ дастурӯ шуста, дар шипанг ва ё дар сарҳавз дастархон мекушоданд – дастархон барои се кас, дастархон барои панҷ кас, дастархон барои шаш кас ва ҳар кас ҳар хӯрдание, ки аз хона дар сумка андохта, ё дар латтае печонида овардааст, бароварда рӯи дастархон мемонд. Ҳеҷ кас аз иштиҳо шикоят надошт ва ҳеҷ кас аз гуфтани гапи дилаш ибое намекард.

Овозҳо, ханда, табассум. Айвони шипанг пури овозу ханда, сарҳавз пури овозу ханда…

Расули Якзарб дар лаби ҷӯ истода, бо миёнбандаш оби рӯву гардан, ришу бурут ва дасту оринҷашро бо ҳаловате баҳузур пок кард ва ба Набии Бакавул, ки се сангро сар ба сар монда, оташдон сохтааст ва ҳоло дар он оташдон алов даргиронда чой меҷӯшонд, муроҷиат карда гуфт:

– Имсол, насиб бошад, пахта дар хирманҳо намеғунҷад.

Ҳаво ҳақиқатан ҳам мулоим ва ба кишту кор мувофиқ буд. Вале ин обу ҳавои мувофиқу мусоид рӯз то рӯз гарм мешуду гарм мешуд. Гармо нами заминро мемакиду мемакид; имрӯз аз дирӯза бештар ва фардо аз имрӯза зиёдтар метафсониду зиёдтар мемакид ва хок аз рӯз ба рӯз хушктар мешуд. То даме ки нами барфи зимистон дар таркиби хок боқӣ буд, рустаниҳои талу адирҳо авҷ дошт – қад кашида шоху барг меёзонд ва намудаш ҳам мисли кӯдаки серу пур таровати дилрабои махмуркунандае дошт, вале он тароват рӯз то рӯз коста ва оқибат бефайз шуд. Наботот фурсати ба воя расидан наёфта, ба монанди кӯдаки ятиме, ки аз шир бенасиб монда, иликаш пур нашудааст, пакар, пажмурда ва ба хок яксон гардид.

Пахта дубарга нашуда, замин сафолак баст, сарбории он ҷо-ҷо холӣ монд – пунбадона ҳатто неш накашид ва дар ҷойҳои шӯрхок намак шӯша зад.

Фозила бо аъзоёни бригадааш аз сари субҳ то шоми торик аз пал ба палу аз ҷӯяк ба ҷӯяк мегашт. Деҳқон каландча, хорак, теша ва хаскаш ба даст сафолак мешикаст – заминро мулоим мекард, ки реша аз қафаси танг озод шавад, ҳавою ғизо гирифта тавонад, нахушкад. Деҳқон – зану мард, пиру ҷавон рӯзи дароз сархам, миён хам, дастҳо дар ҳаракат – каланду тешаашро

мебардораду мезанад, мебардораду мезанад... Баданаш арақ мекунаду хушк мешавад, арақ мекунаду хушк мешавад. Тахтаи пушташ тахта барин шах, рагу буғуми дастҳо латта барин суст мешавад, вале миёнаш дук барин хам, сараш кунда барин вазнин ва вақти дамгирӣ, вақти фароғат, вақти каланду тешаро як тараф монда, рӯи замин афтида баҳузур дароз кашида, нафаси озоде гирифтан нест; чунки мавсим гузарад, аз заҳматаш роҳате намебинад; чунки вақтам рафт – нақдам рафт. Домани ҷомаи Расул пури пунбадонаи тар ва домани ҷомаи Набӣ пур аз пунбадонаи тар – онҳо дар ҷоҳое ки холӣ мондаст, пунбадона мешинонанд.

Дар мубориза бо хушкиву сафолак деҳқон ғолиб омад – пахта саросар дубарга шуд.

– Ҳамин шабу рӯз як панҷа борон меборид, - орзу кард Фозила.

Вале аз борон дараке набуд. Решаи нами ҳаво сӯхта буд гӯё. Ҳаво хушк, замин хушк, осмон хушк ва ин хушкӣ тафе мебаровард дуди наҳиф барин ва ин таф нами бадани одаму ҳайвону дарахту рустаниро мемакид.

Ва, азбаски борон наборид, зарур бошад – раво бошад, гуфтанду ба кишт пеш аз вақт об доданд.

Майдони пахта, боғот ва обчакорӣ фақат бо зарби об зинда буд ва обмонҳои бригада Набии Бакавулу Расули Якзарб шабро шабу рӯзро рӯз нагуфта, заҳмат мекашиданд. Набии Бакавул ҳанӯз соли гузашта аз дарди устухонҳои по ва миён шикоят дошт, вале ӯро аз обмонӣ озод накарданд.

– Шумо таҷриба доред, имсол умеди мо асосан ба обмонҳо, – гуфтанд.

Набии Бакавул, ҳангоме ки поруоба мекард, ба Расули Якзарб гуфт:

– Пул теву гап шунав, Якзарб! Ту таҷриба дорӣ, ту кор кардан гир! Вай таҷриба надорад, мон, миёни яла гаштан гирад! Кадом одами баақл фикр карда баровардааст ҳамин гапа?

Кадом одам фикр карда баровардааст чунин муомилаву кордориро Расули Якзарб намедонад, албатта. Вале аниқ медонад, ки ҳамин хел як муносибату ҳамин хел корҳо ҳаст. Ҳар рӯз дида гаштаанд дар гирду атроф. Як кас як корро нағз буд кунад, он одамро кор мефармоянду кор мефармоянд ва он одам оқибат дилбазан шуда мегурезад, ё ки муғамбиру фиребгар мешавад. Лекин ин хел корҳо дар дои-

раи мансабдорҳо маълум. Ба кори деҳқон дахл надорад. Бинобар ин вай дар ҷавоб гуфт:

– Гапи дуруст-ку, Бакавул?!

– Куҷояш дуруст? Мо дар шиками модар таҷриба гирифтаем?! Кор кунад, баъд таҷриба ҳосил мешавад. Намешавад, ки якеро кор фармудан гирию дигаре кайф карда гардад.

– Ҳамту, ҳамту, вале корро яку якбора аз душвораш сар намекунанд. Ба оҳистагӣ корҳои дунё. Дар мавридҳои душвор таҷрибадор дар сари кор меистад, бетаҷриба аз вай кор ёд мегирад.

– Ман дар мавридҳои душвор ба ёди онҳо мерасам. Дар дигар мавридҳо номи Набӣ ба хотири касе намерасад. Ягонтои онҳо боре намепурсад, ки Набӣ, ту зиндаӣ ё мурда?

Расул табассум кард, табассуми таҳдору заҳролуде:

– Ягон вақт дарди дандон шудаӣ, Бакавул?

– Чанд бор, - ҷавоб дод Набӣ ва бо ҳайрат ба Расул нигарист: ин ба сӯҳбати мо чӣ дахл дорад?

– Дандонат дард кунад, фикру зикрат ба ҳамон дандони дардманд банд. Чунки дандони солим азоб намедиҳад, вазифаашро бе дахолати ту иҷро мекунад ва ту парво надорӣ, ки он дандон ҳаст ё не. Лекин дандони дардманд азоб медиҳад, вазифаашро бе дахолату табобати ту иҷро карда наметавонад ва он дандон бештар ба хотират меояд, ба он дандон бештар эътибор медиҳӣ. Ба мисли ҳамин коргари нағз ҳам вазифаашро аз худ дониста иҷро мекунад ва хоҷат нест, ки роҳбар ӯро ҳардам ба хотир биёрад. Коргар бад бошад, аз худ дониста кор намекунад, бинобар ин ба вай бештар аҳамият медиҳанд.

– Лекин фаромӯш кардан даркор не, ки он дандони касал охир мешиканад. Мепӯсад ё кандан лозим меояд. Пас, беҳтараш ба қадри дандони сиҳат бирасем.

– Ана барои ҳамин кори душворро ба коргари нағз мефармоянд.

– Ман тут гӯям, ту бед мегӯӣ, Якзарб. Ман аз душвории кор шикоят накардаам, ба қадрам дилам месӯзад. Аламам мекунад, ки одамро мувофиқи кораш қадр намекунанд. Мо ҳам сардор будем дар вақташ, ёдат ҳаст? Мо одамро мувофиқи кораш қадр мекардем. Ҳоло чӣ? Ҳоло думликонӣ ҳунар шудааст.

Расул дарди дили Набиро медонад, ба ақидаи ӯ ҳамфикр ҳам ҳаст: вуҷуд доранд ҳамин хел зотҳову ҳамин хел кирдорҳо. Аз ин хусус онҳо бисёр гап задаанд, лекин ислоҳи

кор, ки ба дасти онҳо нест, аз гуфтану шунидан чӣ фоида? Бинобар ин ӯ гуфт:

– Бакавул, кори ҳалолу зиндагии ҳалол вазифаи муқаддаси одам аст. Барои ин аз каси дигар умедвори таъриф шудан шарт не. Инсон бояд вазифаи инсониашро иҷро кунад.

– Бедардҳо барин гап мезанӣ, Якзарб. Ту ин хел набудӣ. Тоқати дидан надоштӣ ин хел корҳоя. Ё пир шудӣ?! Дардат набошад, кори душвор. Рост мегӯянд, ки одами бедард дарди каси дигарро намефаҳмад. Боз ҳамон масали кӯҳна: сер чӣ парвои гурусна дорад; савор азоби пиёдаро аз куҷо медонад?

– Э, Бакавул, одами зинда бедард мешавад магар? Фақат фарқаш ҳамин, ки баъзеҳо нолида мегарданд, баъзеи дигар фурӯ мебаранд дардашонро.

Худи Расули Якзарб дарди дилашро ҳамеша фурӯ мебарад, ба монанди оби дарё, ки ҳар лашу луше афтад, фурӯ мебарад. Хислаташ ҳамин. Гапу кори як ҷоро баҳудаву беҳуда, ба мавриду бемаврид дар ҳар куҷо гуфта намегардад. Хислати паст аст ин. Дар муомилаи байни одамон корҳое ҳасту гапҳое мешавад, ки дар ҳар ҷо гуфта намегарданд. Агар ба ҳар касу ҳар ҷо гуфта гарданд, дупула гап, ё як кирдори беандеша ва гузароне, ки дар мавриде, дар ҳолати муайяни рӯҳия гуфтаву шунидааст, як гапи калон, як масъалаи муҳим мешавад, ин хел кирдорҳоро нагуфтан беҳтар. Албатта, ҳар кас барои худ бояд хулоса барорад аз он гуфтору он рафторҳо. Бояд дар мавридаш гӯяду шунавад, вале заифнолӣ карда гаштан ба шаъни мард намезебад. Баъдҳо Расули Якзарб Ақлро борҳо дар паҳлуяш шинонида, аз ин хусус маслиҳату машварат кардааст ва ҳар бор ба хулосае омадааст, ки гапбариву гапбиёрӣ ва шикояту заифнолӣ асоси ҳама бадиҳост. Охир, беҳуда нагуфтаанд, ки «коҳи кӯҳнаро бод накун!» Беҳуда нагуфтаанд, ки «Заминро об вайрон мекунад, одамро одам!» Ҳамон бачаҳое, ки гапу кори ёрони бозиро дар ҷоҳон дигар – дар хонаву дар куча ба тариқи шикоят ба калонсолон мегуфтанд, оқибат хабаркаш шуданд – ҳар коре, ки дар ҷои корашон шавад, рафта дар хонаашон мегӯянд; ҳар коре ки дар колхоз шавад, ба ҷои дигар хабар мебаранд. Дар мавридҳои душвор силоҳи душмананд ин хел одамҳо, ёри рӯзи сахт нестанд онҳо.

... Шаб чунон торик буд, ки одам пеши пояшро намедид. Вақте ки онҳо – Расулу Набӣ аз шипанг баромаданд, якбора чашмашон сиёҳ зад: баъди равшании чароғи электр берун –

замину осмон типторик буд ва одам роҳро аз бероҳа фарқ намекард.

– Ситораҳо ҳам наменамоянд-е! – гуфт Набӣ.

Ҳанӯз торикӣ нафуромада, онҳо ба палҳо об сар доданд, ба ҷӯяҳо тақсим карданд ва як ҷӯ оби калон ба риштаҳои борик табдил шуд, ки наҳифу бесадо байни ниҳоли пахта мерафт. Баъд барои таомхӯрӣ ба шипанг омаданд. То чой ҷӯшид, то дастархон кушоданду нони обаш паридаро тар карда хӯрданд, ки дар берун торикӣ ҳукмрон шуд. Ҳама чиз ба оғӯши шаб даромад ва шаклашро гум кард; роҳи байни палҳои пахта, пахтазор, дарахтони туту санҷиду марзаҳо ва умуман замину фазо гӯё паҳнои яклухти ҳамворе иборат буд, ки пасту баландие надошт. Дар назари аввал чунин менамуд ва онҳо як муддат бо ҳавои по роҳ гаштанд; дар ҷойҳое ки хокаш мулоим аст, то зону ғӯтиданд, дар пастиву баландиҳо пешпо хӯрданд. Онҳо фонус доштанд, вале онро ҳамроҳ нагирифтанд: бе фонус беҳтар, чашм ба торикӣ одат мекунад ва кор осон мешавад, вусъати назар меафзояд. Нури чароғи шипангҳо ва сари симчӯби хирману роҳи калон аз байни ғубор сафедча метофт ва вусъати дашту вусъати торикиро гӯё зиёдтару боҳашамтару асрормезтар мекард.

То ба сари даҳанаҳои об расидан чашми онҳо ба торикӣ одат кард ва акнун марзаву замин, ҷӯи обдору беобро фарқ кардан мумкин буд. Расулу Набӣ аз ҷӯяк ба ҷӯяк гашта, дар ҷое ба лой ғӯтида, дар ҷои дигаре пеши обро кушода, дар ҷое чим монда, дар ҷое чимро ковок карда, дар ҷое пеши обро баста, дар ҷое роҳи обро дигар карда, гоҳе хам шуда, гоҳе рост шуда, аз боло ба поён рафтанд, аз поён ба боло омаданд. Риштаҳои маҳини об баробар тақсим мешуд, ҷӯяҳо баробар нам мекашид, хок фалла мешуд, ниҳолҳои ташнаи баргаш сиёҳча хушёру сабз мегардид.

Поҳои Расул то зону тар шуд. Зону, миён, тахтапушташ ба дард даромад. Устухонҳои баданаш зириқ-зириқ менолид. Нафас рост кардан даркор буд ва ӯ дар поёни пал, дар охири як ҷӯяке, ки дар мобайнаш об кӯл шудааст, ба дастаи каланд такя карда дам гирифт ва ба хотираш расид, ки гов ин бегоҳ беалаф монд. Подабони доимӣ нест, молу ҳол гӯё ки ҳайдав. Навбатқати ба чаро мебаранд, аксаран бачаҳо мебаранд, ба ин аҳвол мол мол мешавад? Бачаро кор фармову аз ақибаш дав. Гов бошад, дар соботи пеши дарвоза хобида баҳузур кавша мекард. Бачаҳо рӯзона ба чаро бурдаанд, бегоҳ ним тӯрба алаф

чинда оварданд. Гови ало дар ду соли охир чунин ҳузур накарда буд, чунон ки дар ҳавлии Расул. Гӯсолааш чаппа омад имсол – азоби гӯра кашид. Дар зоидан ҳама он дардро кашид – дилу ҷигараш чаппа шуда, ба ҳалқаш омад, чашмонаш давида аз хонааш баромад ва баъди ҳамин кадар азоб мурда зоид. Шобибӣ як ҳафта атолла дода, базӯр ба ҳол овардаш. Ҳар субҳу ҳар шом атолла медод ва хӯсаи гӯсола – пӯсти дарунаш пури коҳро пеши гов мемонд. Дар болои хӯса як лахт намак гузошта пеши гов мемонд ва паст-пасту ҳузнангез замзама мекард: бештар бесухан, фақат бо садову оҳанг зам-зама мекард. Гов рӯзҳои аввал аз хӯса мехӯсид, бо чашмони чор ба атроф менигарист – гӯсолаашро меҷуст, маос мезад, бачаашро ҷеғ мезад ва оҳиста-оҳиста одат кард, меҳраш фуромад, дилаш об хӯрд, шираш хушк нашуд. Ҳоло ҳаловате дорад, ки ногуфтанӣ. Пеш рӯзи дароз ғам мехӯрд, ки чору ночор вақти ширдӯшӣ фаро мерасад ва даҳони оҳанини мошини шалақи аз давраҳои дақиюнус монда, ки як дам кор мекунаду як дам меистад, пистони ӯро мегазад, фишор медиҳаду мехояду ҷонашро аз нӯги пистонаш кашида мегирад. Ҳар рӯз ғам, ки чӣ тавр тоқат мекунад, дар сарашу дилаш буд ва ҳар боре ки аз дӯшидан халос меёфт, оҳи сабук мекашид: хайрият, тамом шуд! Вале дере нагузашта, боз ба дилаш ваҳм медаромад ва боз ғам мехӯрд, ки ҳамаи он кулфат пагоҳ, фардо ва кӣ медонад, ки боз чанд рӯзу чанд сол давом мекунад. Барои ҳамин гови ало аз Расул, аз ин даргоҳ миннатдор буд, ба монанди мазлуме ки аз дасти золим раҳоӣ ёфтааст. Дастони Шобибӣ мулоим, гарм, нарм. Шобибӣ каф зада пистонро намефишорад, мушт намекунад. Вай аз дур ҳеш-ҳеш мегӯяд, дар таки ширдӯша камтар шир мебиёрад, сурудаке хонда нӯги пистонҳоро нарм мекунад, ки пӯст озор наёбад ва баъд «говаки алои ман, ризқи бачаҳои ман» гӯён дӯшидан мегираду дӯшидан мегирад; бадан роҳат мекунад, шир худ ба худ равон мешавад, ба аъзои бадан, гӯё бори зиёдатиеро партофта бошад, сабукӣ медавад ва такрор омадани ин ҳол дигар бори гарон нест, балки роҳати ҷон аст. Кайф дорад гови ало, вале Расул ҳар боре ки алафи виғидаи адирҳоро бинад, кайфаш мепарад: имсол ёфтани эму хошок душвор мешавад!

Ҳарчанд ки вақти алафдаравӣ нарасидааст, ҳарчанд ки хоҷагиҳо чорвои кироие надоранд – чарогоҳ намонд дар ин дашт, ҳамаашро кишт карданд ва ҷои бузу гӯсфандро мурғи марҷон гирифт – фикри зимистон, фикри эму хошоку хару гов

як гӯшаи дили деҳқонро сиёҳ мекард. Ду моҳи расо шуд, ки аз файзи баҳор бенасибанд онҳо. Ду моҳ боз, моҳҳои марту апрел, як қатра борон наборид, ки замини ташна ҳалқашро тар бикунад. Алафи адирҳо пок-покиза сӯхт, кишти лалмӣ дуруст қад накашид, мутта шуд, ки коҳу хасаш низ мувофиқ ба худаш баракае надорад. Дар осмон ягон паға абр нест. Гармо ҳар рӯз дараҷа ба дараҷа не, балки даҳ дараҷаву понздаҳ дараҷа зиёд мешавад, гӯё фасли баҳор не, балки фасли тобистон бошад. Ин хелашро ёд надорад Расул. «Ҳаво дар куҷое ба ракетаву киштиҳо пешпо хӯрд, – мегӯяд Набии Бакавул. – Пешпо хӯрду роҳгум зад. Сарҳисоби вақтро гум кард. Бинобар ин фаслҳои солро фарқ кардан душвор». Фозила ин дафъа ҳам ба ҳикматгӯиҳои Бакавул хандид: «Ҳаво хар буд, ки пешпо мехӯрад?! Нохонда мулло шумо, акаи Набӣ!» Кӣ медонад, ки баро чӣ, вале ҳамин қадараш барои Расул об барин равшан, ки имсол гармо бемаврид омад; ба мисли одами бекорхӯҷаву бепарвофалак, ки бо маслиҳату насиҳату аҳволпурсиаш миёни кори дигаронро мешиканад, вале худаш ҳамин қадар фаҳм намекунад, ки халал мерасонад.

Расул як даста шӯраку печакеро, ки аз қади ҷӯ дастдарав карда буд, пеши хар партофт ва омада ба девори шӯразадаву андоваҳояш варақ-варақ хестаи хирман пушт монда нишаст. Пӯсти сару рӯ, пӯсти гардан ва дастонаш сурхчаи сиёҳнамо, пӯсти ранг додаву дар офтоб қоқ шудаи така барин. Се-чор ваҷаб дуртар аз ӯ ҷомаро яккад партофта, Набӣ дароз кашид. Пӯсти ӯро низ офтоб бардоштааст.

– Устухонҳом зириқос мезанад. – гуфт Набӣ. – Хаёлам, ки раваму дар офтоб хоб равам.

Расул ҷавобе надод ва фикр кард, ки аслаш гапи Бакавул дуруст – обмонӣ кори ҷавонмардони бақувват. Дасту пояшон дард намекунад, ба нам тоқат мекунанд ва бехобиро низ осон мегузаронанд. Вақти яхоб мондан ҳамин хел буд; пеш аз кишт хам заминро ҳамонҳо об доданд. Нағз об мондаанд шаҳбозҳо. Замин ҳамвор нишастааст, кафи даст барин. Ҳамон падарраҳматҳо корро то охир мебурданд, хеле хуб мешуд.

– Якзарб, ма, ҳалқата тар кун.

– Чанд бор чой хӯрам, боз ҳалқам қоқ, – дароз шуда пиёлаи дасти Набиро гирифт Расул.

– Чои самавор маза надорад, ташнагия намешиканад.

Набӣ як чойҷӯши миси дудхӯрда – чунон дудзада, ки асли рангаш маълум нест ва як пиёлаи дарзоварда дорад, ки доим

ҳамроҳ гирифта мегардад. Пиёлаи ӯ, дар ин солҳое ки Расул ёд дорад – аз ҳамон соле ки говҳо аз шир монданд ва мудири ферма Набиро қариб ба ҳабс гирифта буданд – то имрӯз чанд бор дигар шуд, вале чойҷӯш ҳамон чойҷӯши меросиест, ки падараш замоне аз мисгарони Самарқанд харида будааст.

– Обаш аз ҳамин ҷӯ, ҳезумаш ҳам аз лаби ҳезуми самавор, – гуфт Набӣ, – лекин маззаи чояш дигар. Ман дар ҳамин чойҷӯш, дар оташдон чой ҷӯшонда нахӯрам, ташнашикан намешавам. Вай, Набии Бакавул, хислатҳои аҷоибе дорад, ки мардум дар ғайбаш гуфтаву хандида мегарданд. Хандаовар аст охир кирдорҳое, ки ба кору бори маъмуливу рӯзмарраи дигарон монанд набошад! Қатори ҳама гардад намешавад? Не, фарқ карда меистад! Ва забони мардумро мехоронад. Ордро оварда дар магазин ғарам зада мондаанд, ба ҷони ғанимат як тӯрбаашро бару хӯрда гард! Ҳама, ҳамин ордро мехаранд, аз ҳамин орд нон пухта мехӯранд, вале ба вай маъқул не. Ба вай орди осиё даркор! Орди гандуми замини бедору даркор. Замини бедору дар ин давру замон нест – ҳатто дар Арктика нишонаҳои доруро ёфтаанд. Гандуми бедору ҳам нест – ба ҷанини ҳама зироатҳо даромадааст дору. Лекин Набӣ бо ин ҳол муросо карда наметавонад ва ё ки намехоҳад. Барои таскини дилаш гандумро аз як райони дурдасти Ӯзбекистон мехарад, ки одамон барои худашон кишт мекунанд ва модом ки барои хӯрду хӯроки худашон аст, ба ақидаи вай, ҳар хел доруҳои заҳрдори химиёвӣ намеандозанд. Чанд рӯз саргардон шуда, дар ҷӯлҳо гашта ҳамин хел гандум ёфта мехарад ва боз чанд рӯзи дигар вақту қувва сарф карда, ба ягон осиё, ки дар кӯҳистони Фалғар чун ашёи мӯзей боқӣ мондааст, бурда орд карда меоварад, ки ин орд аз тилло ҳам қимат меафтад ва фақат аз ҳамон орд нон пухта мехӯрад. Ба ҳоли ӯ нахандӣ, ба ҳоли кӣ механдӣ? Гӯшти магазинро намехӯрад, ки дар яхдонҳо хобида, таъму мазаашро гум кардааст – латта барин; онро хӯрию нахӯрӣ – баробар. Ягон мол дошта бошад, кушта мехӯрад. Моли куштанӣ надошта бошад, ягон гӯсфанд ё серкаи харобро аз бозор харида, поида фарбеҳ карда, баъд мекушад. Ҳеҷ илоҷи дигар наёбад, рафта аз бозор, аз қассоб гӯшт мехарад. Аз харбузаву тарбуз фақат лалмиашро мегирад, ки дору надорад. Ҳамаи ин барои ҳамдеҳагон кафшери гап. Одами ғалатӣ, мегӯянд онҳо Набии Бакавулро ва дар ғайбаш масхара мекунанд: корҳое мекунад, ки дар қуттии аттор нест! Ё ақлаша хӯрдааст, ё худашро доно мегирад…

Набӣ ҳамаи инро медонад, медонад, ки дар ғайбаш ба ӯ механдад, гоҳо зарофатомез карда дар ҳузури худаш ҳам мегӯянду механданд, гӯё вай ширинкори сирк бошад, вале на қаҳр мекунад ва на баҳс. Баракс, бо чунин ваҷоҳате гӯш мекунад, ки «медонистагии маро шумо намедонед. Таъму маззаро фаромӯш кардаед шумо. Байни бамаззаву бемазза фарқе намебинед. Фарқ намекунед, ки орди осиё ғозу шира дорад; гӯшти моле, ки нав куштаанд, таъму қувва дорад. Харбузаву тарбузи оби раббаноро фаш-фаш мехӯред ва гумон доред, ки таъми харбуза ҳамин. Аз ин беҳтарашро нахӯрда бошед, лаззаташро начашида бошед… Чӣ гӯям, ба шумо?»

Хайр, ғайбат карда гаштан гиранд! Аз ғайбат гуноҳи кас мерезад.

Набии Бакавул латтаи болои чойҷӯшро гирифт ва ба пиёла чой рехта ба Расул дод. Расул ба пиёлаи чой андак-андак пуф-пуф карда, як қулт, як қулт менӯшид.

– Лаззати ин чой дигар. Кому гулӯи кас роҳат мекунад. Бадан ҳам роҳат мекунад. Мефорад ба бадан…

Дигар аъзоёни бригада се касу чор кас дар ҳар гӯшаи сарҳавз нишаста чошт мехӯранд. Мехӯранду арақ пок мекарданд. Хезанду шинанд арақ пок мекарданд, гӯё ки дар пешхонаи ҳаммом нишаста бошанд ва ё ҳозир аз ҳаммом баромадаанд. Ҳамин қадар гарм ҳаво.

– Як тахта абр пайдо мешуд! Як панҷа борон меборид!

Лекин дар ҳаво абре набуд. Фақат дар уфуқҳои дуродур пағаҳои парешони ба абр монанде сайр менамуд, ки хокистари пошдодаро ба хотир меовард. Хоки раҳ, девору боми шипанг, адирҳои беоб, умуман замин гӯё ранги хокистар гирифта буд, балки ранг надошт – рангпарида буд. Барги дарахтон, ки ғубор зер кардааст, нафас намекашид – таровате надошт. Ҳатто курси офтоб ранг бадал кардааст – оташрангу тиллоранг не, балки гили сӯхта барин сафедчаи шаффоф, вале паси пардаи ғубору сароб. Дар заминаи ин ҳама ранги хокистарӣ палҳои паҳни пахта сабз метофт, ниҳолҳо бо зарби обу шарофати обмонҳо қад кашдиа шона мезад, бордор мешуд ва ба ҳашароте ки ширaи онро мемакад, ғизо медод.

Чанд дақиқа пеш, вақте ки мардум даруни пахтазор ҳаракат ва кор мекарданд, гӯё баробари гашташон як шамолаки серуне низ мевазид, ки гармо он қадар асар намекард ва гӯё намесӯзонд. Ҳоло ки ба фароғат баромада буданду дам мегирифтанд, он шамолаки наҷотбахш низ гӯё дамгирӣ рафт

ва тафси ҳаво чунон баланд шуд, ки баробари нафас кашидан ба шуши одам ба ҷои ҳавои ҳаловатбахш, ҳаври гарми нафасгардоне медаромад. Иқлими ин водӣ аслаш иқлими биёбон аст – гарму хушк. Зимистонаш, агар бисёр дароз биёяд, аз ду моҳ зиёд давом намекунад. Боқӣ ҳама моҳҳои сол ба кишт, ба обчакорӣ, ба боғдорӣ имкон ҳаст. вале гармие ки ин баҳор омад, аз гармои тобистон ҳам гузаронд. Фозила роҳравон гиребони куртаашро бардошта бод дод. Ба хирман расида, дар паҳлуи Набӣ нишаст ва ба Расул муроҷиат кард:

– Зимистон сербарф шавад, баҳораш нағз меояд мегуфтанд. О ин баракс шуд-ку?

– Пеш ҳамин хел мегуфтанд, аз таҷриба. Ҳамин хел ҳам мешуд. Ҳозир замон дигар, обу ҳаво ҳам дигар шудагист. Тахминҳои кӯҳна дигар ба кор намеояд.

– Тахмин не, аниқ, – луқма партофт Набӣ. – Ман дар паи гов зимистон об дида будам. Маълум буд, ки баҳори хуб намешавад.

Ин дафъа Фозила ба ҳикматгӯии Набӣ нахандид. Фикр кард, ки одатан дар ин водӣ барф меҳмони дурӯзаву серӯза аст. Мебораду об мешавад, бақо надорад. Вале имсол заминро кӯрпа барин пӯшонд ва як ҳафта-даҳ рӯз об нашуд. Бинобар ин Фозила фоли нек гирифта буд, ки ҳосил фаровон мешавад. Чунки замин дар зери барф баҳузур дам мегирад, кирму ҳашарот, ки ҳар сол ба ҳосил зарар мерасонад, аз хунукӣ мемирад. Ва дар ҳақиқат ҳам заминҳои шудгор дар оғози баҳор хамири расида барин дамиду фахид ва зери нури фаровону беғубори офтоб ҳавои кабудчае баровард, ки аз дур ба чашми бинанда монанди баҳр менамуд – баҳри ороме, ки баъди тӯфон фароғат дорад. Фозила умед дошт, ки ни хел замин ҳосили ба маротиб зиёд медиҳад ва ҳосил хуб шавад, хона обод аст.

Вай чунин умед дошт, вале масали кӯҳнае ҳаст, ки: «мо дар чӣ хаёлему фалак дар чӣ хаёл!» Умеди Фозила пуч баромад. Пуч баромад ба мисли он ки мансабдори бемасъулияте ваъдаҳои ширин диҳаду ба ваъдааш вафо накунад. Раҳгум задании тақвим ва раҳгум задании обу ҳаво барбод дод умеди ӯро.

– Борон бисёр шавад, – гуфт хаёломез Фозила – абрҳоро паронда пароканда мекунанд, ки наборад. Ҳоло ки борон даркор аст, абрҳоро аз ҷойҳои дигар паронда овардан мумкин набошад?

Касе ҷавоб надод ва Фозила, ҳамин хаёли хуш дар сараш, тарафи сарҳавз рафт. Пас аз рафтани ӯ Расулу Набӣ муддате хомӯш монданд, худе ки дигар гапи гуфтанӣ надоштанд ва ё ки аз гуфтугӯ ҳавсалаашон пир шуда бошад.

– Мумкин будагист, – гуфт оқибат Набӣ, гӯё ки фикр карда ба хулосае омадааст. – Модом ки боронро гурезондан мумкин аст, овarданаш ҳам мумкин будагист. А, Якзарб. Чӣ гуфтӣ?

– Шояд мумкин бошад. Фикр накардагистанд ин тарафаша. Ба мушоҳидаи ман одамизод доим яктарафа фикр мекунад; ҳам дар корҳои майда-чӯйда ва ҳам дар корҳои калон. Аввал фоидааша мебинад, зарараша намебинад, шираи фоида пеши чашмашро мегирад. Дур наравем, медонистагии худамонро гирем. Дар ягон ҷо ҷуворимака фоида додааст, дар ҳама ҷо ҷуворӣ кориданд, дигар киштҳо фаромӯш шуд. Касе аз фурӯши раевоҷ, рова ва пиёзи анзур фоидаи калон гирифтааст, ҳама ба ҳамин кор часпиданд ва ба хотири касе нарасид, ки тухми ин гиёҳҳо напазаду нарезад, дигар намерӯяд. Тиру доруро баровардандy бароварданд, нав ба навашро, зӯру зӯртарашро бароварданд, дар вақташ аз оқибати он фикр накарданд. Акнун ба сарашон зад: э, сабил, тарафи дигараш ҳам будааст-ку! Ба табиат раҳм кунед! Тиру дору насозед, тиру дору замину замонро вайрон мекунад!.. Ана баъд илоҷ меҷӯем, ҳол он ки худамон фаромӯш кардем, ки «илоҷи воқиа пеш аз вуқӯъ бояд кард». Баъди вайрон шудани саргаҳи об, илоҷе баъзан ёфт мешавад, баъзан ёфт намешавад. Худат аз ман беҳтар медонӣ, Бакавул! Аз сарат гузаштагӣ!

Набӣ хиҷолат кашид, сарашро хам гирифта хандаи бесадои безебе кард ва дар зери пӯсти офтоббардоштаи пуроҷинги гирди чашмонаш сурхӣ дамид – хуни ҳаё давид. Он вақтҳо, вақтҳое ки ҳанӯз хоҷагиҳоро соҳавӣ накарда буданд – ту фақат пахта кор, ба дигараш корат набошад; ту фақат боғдорӣ кун, ба дигараш кордор нашав; касби ту фақат чорводорӣ… - колхоз фермаи гов дошт ва Набӣ мудири ферма буд. Рӯзе аз рӯзҳо ба ӯ хабар доданд, ки Ситора назар ба рӯзҳои пеш ду баробар зиёд шир ҷӯшид. «Дар фермаи мо ҳам пешқадам пайдо шуд, пешқадамро қаҳрамон кардан даркор», гуфт Набӣ ва ҳамон замон ба ферма рафт, ҳамон замон ба фаъолон вохӯрд, сӯҳбат орост ва худи ҳамон рӯз маҷлис даъват кард, ки усули нави ширҷӯширо ҷорӣ намоянд. Дар маҷлис Ситораро дар паҳлуи худаш, дар раёсат ҷой дод. Аввал худаш фаъолияти кор ва ибратбахш будани иқдоми Ситораро таърифу тавсиф кард. Ба мо

ана ҳамин хел одамон даркор, гуфт. Одамони ба кори ҷамъияти дилсӯз даркор, гуфт. Аз ҳаминҳо бояд ибрат гирем, ба ҳаминҳо баробар шавем, гуфт. Баъд ба дигарон муроҷиат намуд, ки фикрашонро гӯянд. Аз фаъолоне ки ӯ қаблан сӯҳбат дошт, як-ду нафар сухан гирифта гуфтанд, ки фаъолияти Ситора дар ҳақиқат шоёни таҳсин аст, боиси фахру сарбаландии ферма аст, мо бояд аз ӯ ибрат гирем ва ба ӯ баробар шавем. Ба ақибмондаҳо ҷо нест дар сафи мо!.. Сипас қарор карданд, ки ҳамаи говҷӯшон таҷрибаи Ситораро ҳарчӣ зудтар омӯзанд ва бояд, ки дар ҳамин рӯзҳои наздик ҳама бо усули пешқадами Ситора кор кунанду фермаро ба фермаи намуна табдил диҳанд. Ситора, ки ба таъриф одат накарда буд, аз шарм чӣ тавр истодану ба куҷо нигоҳ карданашро намедонист: лаби рӯймолашро газид, тугмаи камзӯлашро кушоду боз гузаронид ва бо нохун лаби мизро харошида-харошида гуфт;

– Намедонам, чӣ бигӯям. Ҳаррӯза барин шир ҷӯшидам… Ҳама барин… Ягон гапи нав надорам ман. Фақат… фақат шаб куштани чароға фаромӯш кардаам.

– Ана ҳамин усули нав, – хурсанд шуд Набӣ.

Ва якдилона қарор доданд, ки имшаб ва шабҳои минбаъда чароғи оғилҳоро накушанд, чароғҳо то рӯз даргирон истад. Аз ҳамон рӯз эътиборан усули нави пешқадам ба амал омад. Шаб ҳама шаб чароғи оғил месӯхт, шаб ҳама шаб модаговҳо хоб нарафта алаф мехӯрданд, бештар аз пештар шир медоданд; ҳар рӯз ферма шири барзиёде месупорид ва шӯҳраташ овоза шуду ба забонҳо афтид – аввал дар колхоз, баъд дар району вилоят, сипас дар доираҳои васеъ. Дар маҷлисҳо ва дар машваратҳои пешқадамони деҳот таъриф карданду намунаи ибрат нишон доданд онҳоро. Сурати Ситораро дар лавҳаҳои фахрӣ часпониданд ва дар рӯзномаву маҷаллаҳо чоп карданд. Ҳар қадар ки шӯҳраташон меафзуд, ташвиш бештар мешуд; аз ҷоҳои дигар таҷрибаомӯзӣ меомаданд, худашон ба ҷоҳои дигар мерафтанд. Мутахассисон меомаданд, мухбирон меомадаанд… ва аз рӯи таомул меҳмононро мувофиқи мартабаашон бо иззату икром қабулу гусел кардан ба ҳукми зарурат даромад. «Хуш қабул кунед, хуш гуселонед», мегуфтанд ба онҳо ба воситаи телефон. Набии Бакавул, чун мудир ва чун мизбон, доим дар ташвишу тараддуд буд, ки меҳмононро шоистаи мақомашон қабул бикунад, ва чунон ки фермаи пешқадамро мебояд, амалан нишон бидиҳад, ки шароити корро чӣ тавр ташкил кардаанд

ва муваффақият чӣ гуна ёрашон гаштааст. Вай, Набии Бакавул, чунон серкор шуд, ки дар ҳавлии худаш меҳмон барин зиндагӣ мекард. Ҳамаи оғилҳои майдаро шикаста, як работи серсутун ва калоне сохтанд; даруну беруни работро сафед карданд; ба роҳ ва саҳни работ асфалт хобониданд; барои говҷӯшон хилъатҳои оҳарӣ дӯзонданд; флагҳои кӯҳнаву пачақро кӯрхат карда, ба ҷояш флагҳои нав хариданд; ӯҳдадории илова гирифтанд…

Душвории ҳамаи ин ташвишҳо як тараф шуду ташвиши чароғон кардани работи говон – як тараф. Аввал ин ки, лампочкаҳо зуд-зуд сӯхта аз кор мебаромаданд; сониян дар магазинҳо лампочка камёфт буд ва лампочкаҳои работ тез-тез гум мешуд. Набӣ фикр кард, ки чӣ илоҷ ёбад ва оқибат илоҷ ёфт. Дар ферма нонҳои баширу фатирҳои равғанӣ фармуд. Як табақ қаймоқу як сатил ҷурғот гирифт ва ҳамаи онро ба мошин бар карда равон шуд. Роҳи ноҳамвор, дағар-буғур ва серчанг, ки мошинҳои калон-калон пурбор мерафтанду холӣ бармегаштанд, дар домани адир, дар як нимҳамвории заминаш хушку сахт ба охир мерасид. Дар он ҷо, дар охири роҳ колоннаи сайёри сохтмон барои колхози ҳамсоя фермаи комплексӣ бино мекард. Ин фермаро дар тақлиди фермаи Набӣ месохтанд, вале ба умеде, ки аз вай беҳтар бошаду овозаву дабдабааш зиёдтар. Набӣ бо сардори колонна дар хона-вагон ба мулоқот нишаст ва ҳарчанд ки ду сол боз аракро ба даҳонаш набурда буд, ба ин муносибат бо истакони калон хӯрд ва фақат ҳангоми баргаштан ба сари мақсад омад:

– Аз қадим расм ҳаст, ки дар рӯзҳои душвор душвор ҳамсоя ба ҳамсоя дасти ёрӣ дароз мекунад. Ҳозир мо корафтода, шумо соҳиби кор. Ба работи мо чароғи маҳтобӣ гузаронед, мо ҳам қарздор намемонем.

Онҳо аҳду паймон карданд. Коргарони колонна дар як ҳафта ба работ чароғҳои моҳтобӣ шинониданд; чароғҳои дароз-дароз, ширранг, ки дуздиданаш осон нест ва на ҳар кас метавонад. Шаб дармегиронанд, работ рӯз барии равшан мешавад ва говон гумон мекунанд, ки дар ҳақиқат рӯз аст – мехӯранду мехӯранд. Хобро фаромӯш карданд говон. Барои онҳо шаби фароғат ҳеҷ фаро намерасид, вақт фақат аз рӯ иборат буд… Ферма плони ширро зиёду барзиёд иҷро мекард, пайваста иҷро мекард ва Ситора ё Набиро қариб ҳар ҳафта ё даҳ рӯз ба маҷлиси фаъолон, ба машварат ва слёти зарбдорон даъват менамуданд; дар пешгоҳ мешинониданд,

усули корашонро таърифмекарданд, ки дигарон ибрат гиранд, муносибати дилсӯзонаву эҷодкорона ба вазифаро ёд гиранд ва ҳамаи ин Набиро бисёр хуш меомад. Колоннаи сайёр низ манфиат бардошт: бори аввал дар муддати кори ин сохтмон аз ҳисоби пуле, ки ферма дод, плани корашро иҷро кард ва ҳарчанд ки бино қомат рост накарда буд, коргаронаш мукофот гирифтанд.

Говон мехӯрданду шир медоданд…

Як сол давом кард шӯҳрати ферма ва шӯҳрати мудири он. Баъди як сол говҳо, гуё маслиҳат карда бошанд, баробар аз шир монданд. Пистонашон палтар шуд, ширашон хушк шуд; гӯсолаҳои сепоя, гӯсолаҳои якгӯша ва гӯсолаҳои нимҷони поҳояшон бемадор зоиданд; акнун маълум гардид, ки чашми говон ба косахонаи сарашон фурӯ рафтааст; сутунмӯҳра, қабурға ва коси говҳо, монанди каркаси оҳанини заводи кимё намоён аст ва ҳарчанд бисёр хӯранд, шикамашон ҳеҷ пур намешавад, худе ки рӯдаву шикамбаашон аз кардон бошад. Пир ва фартут шуда буданд говҳо… Говҳоро ба гӯшт супориданд ва колхоз плони солонаи гӯштро пештар аз ҳама хоҷагиҳо иҷро кард… Набӣ товон дода халос шуд…

– Ҳа, ҳамин хел як нофаҳмӣ шуду гузашта рафт, – гуфт Набӣ.

– Кӣ медонад, ки гузашт ё не, – аз ҷояш хест Расул. – Кори беоқибат нест дар дунё. Неку бад натиҷа дорад, оқибат дорад ва шарофату касофаташ ба имрӯзу фардо мерасад. Хусусан, ба фардо!

## IV

Ҳангоси харро шунида табассуми Файзӣ дар рӯяш ях баст. Вай мошинро қади роҳ монда, дар сари вот бо чанд нафар ҷавоне, ки аз пахтазор ҷеғ зада бароварда буд, хандон-хандон сӯҳбат мекард.

– Расули баддаҳан омад, – бо талвоса тарафи шипанг нигарист вай ва бесаранҷом шуд. – Ҳоло моро дар ин ҷо бинад, албатта ягон гапи хунук мезанад. Шумо бегоҳ биёед, дар клуб гапзанон мекунем.

Ва зуд мошинашро савор шуда ба дигар тараф рафт.

Хари Расул хари ором аст, ҳатто бафаҳм аст, вале ҳар вақте ки аз хона ба шипанг ва ё аз шипанг ба хона ояд, ҳатман ҳанг мезанад, баланду бепарво ҳангос мезанад; аз хурсандӣ ҳангос мезанад, ки кор тамом шуд, ё шикоят меку-

над, ки танҳо мемонаду зиқ мешавад. Кӣ медонад забони ин ҳайвони безабонро!

Файзӣ одами омада дар ин колхоз. Мегӯянд, ки калонҳо чанд касро миёнарав кардаанд, ӯ розӣ нашудааст ба омадан, вале Алиқул ба байн даромада, розӣ кардаасту овардааст. Вай, аз рӯи гапи мардум, пештар дар кадом районе роҳбари дастаи ҳаваскорон будааст ва дар фестивалу конкурси гузаштаи «Бӯстон» он даста ҷои якумро гирифта будааст. Бинобар ин ӯро ба гап дароварда, розӣ кунонида ба колхоз овардаанд, ки имсол дар «Бӯстон» ҷои якумро гиранд. Ӯро овардан баробар хона доданд. Дар колхоз ба колхозчиён хона додан расм нест – ҳар кас илоҷе ёбаду хона пӯшонад! – вале ба ӯ хона доданд.

– Дойраву рубобро ба мо ёд надоданд дар вақташ, - гуфт Набӣ ба Расул, ҳамон рӯзе ки Файзӣ кӯч мекашонд. – Аз ташвиши иморат фориғ мешудем.

Ҳавлие ки ба Файзӣ доданд, панҷ дар хона, замини васеъ, водопроводу ҳавз дорад ва чанд сол боз бесоҳиб меистод. Ҳавлиро замоне Султон сохта буд. Ҳамон Султоне ки агар ба касе рӯи хуш нишон диҳад, он кас худро хушбахт ҳисоб мекард, дар ҳамон солҳое сохта буд, ки мардум барои нони шикам кор мекарданд; ҳамон солҳое ки модари Фозила як мушт гандумро бирён карда, рӯи пӯстак мепошиду кӯдаконаш мурғвор мечиданд, то нафсро фиреб диҳанд, вале дар оилаи Султон нони қоқу ҷаззаи чарбуро берун баровар-да мепартофтанд; ҳамон солҳое ки Султон худро аз дигарон калон мегирифт ва қатори мардуму монанди мардум будан-ро ор медонист; ҳамон солҳое, ки аз ҷумлаи лаганбардорон навҳагари кироя дошт, ки рӯзи мотами хешон ба ҷои ӯ гиря мекард; саломгӯи кироя дошт, ки аз ҷониби ӯ салом медод; адиби кироя дошт, ки аз номи ӯ сафарнома менавишт…

Иморатро барои номаш, ба зебаш, ки «ҳавлии Султон» гӯянд сохта буд, вагарна худаш эҳтиёҷе ба иқоматгоҳ надошт – дар шаҳр, дар хонаҳои чор ишкелаш буд зиндагӣ мекард. Баъди мусодираи молу мулки Султон ин ҳавлӣ ба ихтиёри кол-хоз гузашт. Аввал гап-гап шуд, ки ин ҳавлиро ҳаммом меку-нанд. Ҳатто устоҳо омаданд, мошинҳо масолеҳ оварданд ва чанд муддат коргарон дар даруну беруни ҳавлӣ кор карданд: деворҳоро шикастанд, деворҳои нав бардоштанд, қубур гуза-рониданд, ҷои дарҳоро дигар карданд, хандаққҳои дароз кан-данд, асбобу анҷоми бисёре оварда, ба таххона даровcovарданд ва кор бо ҳамин хоб рафт. Дурудароз хоб рафт кор ва асбобу

анҷом занг зад – як қисмашро одамони баҳавсалаи эҳтиёткор бурданд, ки дар ягон рӯзи мабод даркор мешавад, як қисмашро хонандагони ҳушёри мактаб кашонда, плони супоридани оҳанкӯҳнаро аз ҳама пеш ва аз ҳама зиёд иҷро карданду таъриф шуниданд; қисми дигараш гуму нест шуд. Баъд боз рафтуомади одамону мошинҳо авҷ гирифт; боз ба кор сар карданд ва боз шикастанду канданду сохтанд; боз кофтанду пур карданд ва ниҳоят дар даромадгоҳи ҳавлӣ лавҳаи чоргӯшаи оинабандии зарнавишт часпониданд: «Яслӣ-боғчаи колхоз». Вале ҳавлӣ, чунон ки холӣ буд, ҳамон тавр холӣ монд: касе аз мардуми деҳа фарзандашро надод ба ин яслӣ-боғча. Ҳама ҳазар карданд: ин ҳавлӣ аз пули ҳаром, гуфтанд; мо фарзандонги дар роҳ мондагӣ надорем, ки ба ҳар ҷое рост ояд, партофтан гирем, гуфтанд.

– Агар ҳамин ҳавлиро ба ту медоданд, мегирифтӣ? – таҳдор карда аз Набӣ пурсид Расул.

– Чаро ба ман? Ба ягон мӯҳтоҷ диҳанд буд. Худам намегирифтам.

– Барои чӣ намегирифтӣ?

Набӣ як муддат хомӯш истод, аз афташ, фикр мекард, ки чӣ хел ҷавоб диҳад ва оқибат гуфт:

– Агар аз кӣ буданашро намедонистам, шояд мегирифтам. Лекин медонам, бинобар ин дилам намебардорад, поям намекашад. Душвор дар ин хел ҳавлӣ зиндагӣ кардан. Ҳаром барин. Доим дар пеши чашмат соҳибаш меистад. Доимо муттаҳам барин мегардӣ. Не, намегирифтам.

– Аз одамони деҳа ҳеҷ кас намегирифт, - риш хилол кард Расул. – Ҳамин хел холӣ меистод. Ҳавлии бесоҳиб соҳибдор шавад, нағз.

Ва аз рӯзи аввал, ки Файзӣ кӯчида ба ин ҳавлӣ омад, Расул белу каланд гирифта, девори ҳамвори хушрӯяшро шикофта дарича кушод, ки дарову барои ҳамосягӣ осон шавад. Ба кушодан дарича кушод, вале пас аз як-ду ҳафта аз кори кардааш пушаймон шуд. Файзӣ ҳар асбоберо, ки барад, баргашта намеовард. Худаш омада ва ё аксаран яке аз думгираконашро, ки доим ҳамроҳаш мегарданд, фиристонида белу каланд, сатилу теша, занбару мисрон ва анбӯру болға мепурсад, гирифта мебарад, корашро буд мекунад, аммо боре ба хотираш намерасид, ки чизи касеро ки овардӣ, боз бурда додан ҳам фарзу ҳам суннат. Расул як бор гап назад, ду бор гап назад, панҷ бор, даҳ бор худдорӣ кард; асбобе даркор шавад, ҷустуҷӯ карда аз

ҳавлии Файзӣ ёфта меомад ва ҳар бор гумон мекард, ки минбаъд ин хел намекардагист. Лекин Файзӣ аз хомӯш рафтану хомӯшона асбоб ғундоштанҳои ӯ хулосае набаровард, одоби муомилааш тағйир наёфт, гӯё Расул мудири хоҷагии вай бошад, гӯё Расул хизматгори дари хонаи вай бошад ва ниҳоят Расул гӯё аз вай муттаҳам бошад… Дафъаи охирин Расул, чун ҳамеша, аз дарича хомӯшона ба ҳавлии Файзӣ гузашт, хомӯшона белу каланд, сатилу замбарро аз ин гӯшаву он гӯша ёфт, ки ҳамааш лойолуду хоколуд буд; ҳамаашро дар пеши ҷумаки водопровод ғун овард ва баъд Файзиро, ки дар хонаи дарун машшоқӣ мекард, ҷеғ зада берун баровард:

– Ҳамин асбобҳо ҳамин хел буд вақти оварданатон?

– Не, тоза буд, ба назарам.

– Набошад, тоза кунед!

Ва дар сараш рост истода, ҳама асбобҳоро топ-тоза шӯёнд. Сипас, ба ҳавлиаш гузашту худи ҳамон замон даричаро канд ва хишту кулӯх оварда девор кард, андова кард, асли қадим кард.

– Ҳасуд будааст, ҳасад мебарад ба барори кори ман, - ҷавоб медод Файзӣ ба ҳар касе, ки сababи арози ҳамсояашро пурсад, вале худаш агар бо Расул рӯ ба рӯ ояд, роҳашро дигар мекард ва ҳамеша кӯшиш дошт, ки ба чашми ӯ нанамояд. На фақат Файзӣ, балки ҳар одаме ки дар деҳа миёни яла дар кӯчаҳо мегардад ва ё дар сояҳо менишинад, омадани Расулро бинад, мегурезад: «баддаҳон омад, ягон гапи бӯин мезанад!»

Гап назада наметавонад Расул ба ин хел одамҳо. Худаш мегӯяд, ки агар фаҳму фаросат набошад, бо гап одамро одам карда намешавад, вале бинад, ки Ҳасан, як одами супсурхи бақувват, айни кор таги дарвоза палос партофта, дар соя чорзону нишаста чой менӯшад, чӣ хел гап назанад?

– Ҳасан, – мегӯяд вай салом надода, аз хар нафуромада, - то бекор нишастана ҳамин деворҳои рехтаро андова кунӣ, даба мешавӣ?! Вай шикамата бин, ба дастархон мерасад. Ё занат туро поида, ба гӯшт месупорад?

Феълаш ҳамин, орому бепарво гузашта наметавонад. Дар сари роҳаш одами бекору беҳудагарду фориғболро бинад ҳатман сухани нешдоре мегӯяд; ба тарданғафстарҳо гапҳои сахттар, обдортар мегӯяд. Ҳар боре ки вай харсавор аз дарвозаи ҳавлиаш барояд ва ё аз тарафи шипанг ояд, аз ҳамдеҳагон касе агар таги дарвоза бекор нишаста бошад, ҳадаҳа баргашта медарояду дарро аз дарун мепӯшад; агар дар кӯча бошад, ба

кӯчаи дигар мегузарад; агар дар чойхона нишаста бошад, дастархонашро ғундошта, ба ягон ҷои панаҳ меравад; агар дар назди идораи колхоз бошад, зуд ба ягон кабинет медарояд, гӯё ки беҳуда нагаштааст, балки бо коре омадааст. Метарсанд аз захми забони Расул ва ҳамаи онҳое, ки майли фароғату бекорхӯҷагӣ доранд, ӯро ғайбат мекунанд.

– Хайрият, ки ба Расул мансаб намедиҳанд, – гуфт дар шипанг байни мардум Ҳасан. – Ин мансаб медошт, одамро як дам нафаси бофароғат гирифтан намемонд.

– Барои ҳамин ба хар шоху ба гурба пар надоданд, - заҳр зад Ҳусейн ва ташбеҳаш ба худаш хуш омаду бо завқ хандид, хандиду оби чашмашро пок кард ва даме ки ба рӯи ҳозирон нигоҳ кард, дид ки дигар касе намехандад, тарбузаш аз бағалаш афтид, яку якбора латтаи ба об тар кардагӣ барин шуд.

– Устухони Расул дар кор шах шудагӣ, - бо таъкид тарафи Ҳасан нигоҳ карда гуфт Набии Бакавул. – Одами бекорро бинад, дилаш ба вай месӯзад. Ҳайфаш мебиёяд, ки одами дупа-дуруст бекор мегардад, вақташро беҳуда сарф мекунад, умрашро беҳуда мегузаронад, ба қадри зиндагӣ намерасад. Аз дилсӯзӣ мегӯяд вай, ҳар чӣ гӯяд. Малол шудан даркор не, панд гирифтан даркор аз гапҳои вай.

– Дилсӯзи-я, - заҳрханда кард Ҳасан. – Ба худаш дилаш намесӯзаду ба дигарон месӯзад? Ҳамон гапи Файзӣ рост, вай ҳасад мебарад. Бахилӣ мекунад ба хурсандиву роҳати дигарон.

– Ба чии туву Файзӣ ҳасад мебарад Расул? Ба кадом ҳунаратон? – савол дод Набӣ ва худаш ҷавоб гардонд. – Расул ҳасуд нест, чунон ки ту мегӯӣ, чунон ки Файзӣ гуфтааст. Касе ҳасад мехӯрад, ки аз дасташ кор намеояд; касе ҳасуд аст, ки умеди манфиат аз дигаре дорад, миннат мешунаваду тоқат мекунад ва ҳасад мебарад, ки фалон ҷой муносиби ман буд, вале ба тасодуф дигаре соҳиб шуд; ҳасад мехӯрад, ки ба фалонӣ ҳамкоса мешуд, фоидаи бисёре медид, аммо дигаре пешдастӣ карду пули муфт ба кисаи вай даромад. Расул мӯҳтоҷи касе набошад, ба хӯрдани моли касон одат накарда бошад, чашми умед ба дасти дигаре надӯхта бошад, касе бар ӯ ҳаққи миннат надошта бошад, барои чӣ ҳасад барад? Барои чӣ?!.

Одамонеро, ки бекор менишинанду бекор мегарданд, одамонеро, ки корчаллонӣ ба назарашон ҳунар аст ва одамонеро, ки бо роҳҳои бешарафона дорой меғундоранд ва лофи бошарафӣ мезананд, бад мебинад Расул. Дидорашон

нофорам аст барои ӯ – рӯяшонро бинад, дилаш бухс мекунад, рӯҳаш мекоҳад, ки ба номи одам иснод оварданд ва беихтиёр хоҳиши рафънопазире вуҷудашро фаро мегирад, ки ба унвонаш ду-се сухани талхе гӯяд, чунон суханҳои талхе гӯяд, ки аз мағзи устухонаш гузарад ва минбаъд кирдорҳои ба шаъни одам ношоиста накунад. Мегӯяд ҳам. Бериоя мегӯяд. Одаме ки ҳадаф аст, сурх мешавад, сафед мешавад, мегурезад, вале боз ҳамон кирдорҳояшро мекунад. Бинобар ин Расул дар танҳоӣ шишта-шишта, худ ба худ хулоса мебарорад, ки одам худаш фаҳму фаросат надошта бошад, ба гуфти каси дигар одам намешавад. Боз чӣ медонад? Шояд сухан бетаъсир шуда бошад, ё сухан одаме ки мансаб надорад, бетаъсир аст. Кӣ медонад?

Алиқул дар байни мардум гуфта мегардад, ки табиати Расул монанди табиати мор – то заҳр назанад, дилаш қарор намегирад. Вай аз ҳамин бадгӯиҳош лаззат мегирад, агар ҳар рӯз дили ду-се касро сиёҳ накунад, хобаш намебарад. Дуруст, ки гоҳ-гоҳе хоби Расул мепарад, вале на ба он сабабе ки Алиқул мегӯяд. Балки барои он хобпар мешавад, ки фикр мекунад; фикр мекунад, ки одами бадкирдор чаро аз кирдори бадаш пушаймон намешавад, чаро аз мардум шарм намедорад; ба рӯи одамоне ки фиреб додааст, ё ба мақсади бадаш истифода бурда, баъди иҷрои кор фаромӯш кардааст, чӣ хел нигоҳ мекунад, ва умуман чӣ хел дар байни мардум мегардад?..

Парерӯз аз бехобӣ ба Набӣ шикоят кард. Дарди дил кард, ки шаб аз ин хусусу аз ин бобатҳо фикр кардам, хобам парид… Вуҷуди пурмуммо ва пурихтилофе будааст ин одамаш. Набиву Расул мақсад аз зиндагӣ чист ва одам дар ҷамъият чӣ мақом дорад, якхел мефаҳманд, вале ҳангоме ки яке шикоят мекунад, дигаре тасалло медиҳад, «парво накун, аз паи кори худ бош» мегӯяд, ҳарчанд ки бо ӯ ҳамфикр аст. Худ ба худ – шояд бо таъсири анъана, шояд бо таъсири ибрати рафтори аксарият, шояд бо таъсири хислати халқ ҳамин як насиҳате ки ба ягон дард даво намешавад, ба нӯки забонаш меояд.

Ҳоло ҳам Набӣ ҷавобе дод, ки агар каси дигаре ҳамин ҷавобро ба худи ӯ медод, дар дилаш дар ҳаққи он одам фикри баде пайдо мешуд ба монанди «бефаҳм», «беғам», «бедард!».

– Корат чӣ ба ҳамонҳо? Чӣ кор карданду чӣ кор накарданд, ба ту чӣ? одами содда, хап кори худатро карда гард. Ба ту чӣ, фикр накун, хобат баҳузур мебарад. Чӣ даркор фикри бисёр?!

– Фикр накун! Ба гуфтан осон. Баъд ман фикр накунам, ту фикр накунӣ, кӣ фикр мекунад?

– Ёфт мешавад фикр мекардагӣ. Аз онҳо ба ту зараре нарасидааст. Сарашону равғанашон, ба ту чӣ?

Ҳамон рӯзи аз идораи колхоз бадқаҳру дилтанг омадани Расул ҳам айнан ҳамин гапро гуфта буд Набӣ.

– Чӣ кор дорӣ? Кирдорашон нодуруст бошад, як рӯз не, як рӯз ҷазояшро мекашанд.

– Худам ҳам медонам. Медонам, ки охиру оқибат пешониашон ба девор мезанад. Хислати бад – ҷазои соҳибаш. Лекин ҳамин хел кирдорҳоро бинам, худдорӣ карда наметавонам. Тоқатам тоқ мешавад, худам бехабар мемонам, ки шарик шудаам.

Тоқ шудани тоқати ӯро Набӣ дидааст. Бори аввал дар бозор дида буд. Он вақтҳо Расулу Набиву Султон, ҷавонони муҷаррад, ба кори канал рафтанд. Як шавқе дошт ин кор – дур аз хона гаштан ва бо хоҳиши худ зиндагӣ кардан. Ҳарсеяшон аз як деҳа буданд ва дар як ҳуҷра хоб мерафтанд. Хӯру хӯрокашон низ якҷоя буд – бо навбат хона мерӯфтанду таом мепухтанд ва рӯзҳои истироҳат шаҳр мерафтанд, бозоршро тамошо мекарданд, шашлику мева мехӯрданд. Дар даромадгоҳи ҳар ду дарвозаи бозор аз ду тараф чойхона, дар саҳни чойхонаҳо кӯраи шашлик, дар лаълиҳои калони мис буғкабоб, дар дегҳои маърака палав дам кардагӣ; растаҳои дароз аз ин дарвоза то он дарвоза ва ҳамааш пури сабзавот; дар майдонҳои кушод хирман-хирман харбузаву тарбуз. Бӯи хуше дошт харбузаҳои ҳамонвақта, ҳанӯз ба бозор нарасида, ба машом бӯи хуши харбуза мерасид. Харбуза акнун бебӯ шудааст, ба даст гирифта бӯ кашӣ ҳам, бӯ надорад. Умуман мева бебӯ шудааст; на нок бӯ дорад, на себ.

Як даста наврасу ҷавонони сарҳуй, ки аз ҳар тараф ғун омадаанд, вақташонро доим дар бозор мегузарониданд – тухмҷанг мекарданд, қартабозӣ мекарданд; сари синаҳо луч, лоқайдона пасу пеш мегаштанд, ба бозориён нописандона муомила мекарданд, меваашонро бепарво аз пешашон гирифта мегазиданд, мехӯрданд ва ё мепартофтанд; чунон рафторе мекарданд, ки гӯё соҳиби бозор бошанду дигар ҳама хизматгори онҳо. Бозориён аз онҳо ҳазар доштанд ва дар айни замон ҳарос мекашиданд; бинобар ин бо онҳо як навъ муомилаи муросокорна доштанд, ки ҳам молашонро эҳтиёт бикунанд ва ҳам ҷонашонро. Аз дидани онҳо авзои Расул

тағйир меёфт, ранг бадал мекард – аз ҳад зиёд нофорам буд рафтору кирдорашон.

Он дафъа Набӣ аз як тӯда харбузаеро гирифта вазн зада медид, ки ширини ширинашро ҷудо кунад. Расул рост истода, ба харбузафарорӣ нигоҳ мекард. Безориёне, ки ба соҳиби харбуза ёрӣ медоданд, фосила гирифта, чашми соҳиби молро хато карда, аз байни по ё бо пошнаи по харбузаро ақиб мeғелонданд ва ёрони ба ишора маътали онҳо каргас барин бардошта мебурданд, ки харбузафурӯш бехабар мемонд.

– Ҳаминро гирем, – як харбузаи тӯр-тӯрро бардошта, пурсид Набӣ. – Аммо ҷавобе нашунида ба ақиб нигоҳ кард. Расул рост меистод, вале чашму ҳушаш ба ҷои дигар буд. Набӣ харбузаро ба ӯ нишон дода саволашро такрор кард. Расул ҷавобе надода, бо андоми ҷангҷӯёна бо таъҷил қадам партофта, тарафи ҳамон мошин рафт, ки бор мефуроварданд. Рафту аз гӯши яке аз он безориён, ки аз ҳама бешармтару аз ҳамашон бақувватар менамуд, чанг зада дошт;

– Харбузаҳоро оварда ба ҷояш мон!

Безорӣ нописандона ба ӯ нигоҳе партофт, заҳрханда кард ва кулоч кашид, ки ба рӯи Расул занад. Даст бардошт, вале мушт назада, ба замин парчин шуд. Зуд хест, туф кард ва рӯбарӯи Расул рост истод.

– Ҳоло ҳамту! Вай бо дасту пову сар якбора ҳуҷум кард, вале боз ба пушт болои хасу хок афтид. Боз хест. Бо пушти даст лабу биниашро пок кард ва ин дафъа ду нафар аз ёронаш низ баробари ӯ ба ҷанг даромаданд. Лаҳзае нагузашта, «зӯрашон» ба замин фарш шуду он ду нафар давида ба канор баромаданд.

Ҳангоматалаби бисёре ҷамъ омад. Мардуми тамошобин ҳалқа зад, издиҳом шуд. Безориҳои дигар дар аторфи ҳамроҳонашон ғун омаданд. Як саҳнае барпо шуд, ки Расул, кунҷи лабаш хунҷӯш, гиребонаш даридагӣ, дар байн рост меистод. Андомаш ҷиддӣ, лабҳояш сахт фушурда, дар рӯяш хун нест.

– Шермард якзарб будааст, - гуфт касе аз бозориён.

Безорӣ дашноми қабеҳе дод ва дӯғ зад:

– Ман ҳоло ба ту нишон медиҳам!

Шашлик нохӯрда монд, харбуза ҳам нахӯрданд.

Султон гуфт, ки «дар як ҷо кори заруре дорам, ман тез баргашта меоям» ва ҷудо шуда рафт. Ҳамин ҷудо шудан аз онҳо ҷудо шуд, ҷисман не, рӯҳан ҷудо шуд. Ҳамроҳашон дар

як хона хоб мерафт, ҳамроҳашон аз як дастархон нону таом мехӯрд, вале худро ҷудо нигоҳ медошт – нимгарму нимхунук, на дӯст ва на душман.

Аммо мардуми бозор аз як дарди сар халос шуданд: агар безорие ба корашон халал, ё ба молашон даст расонад, мегутанд ки «рост бо роҳат рав, ки ба Расули Якзарб мегӯям!»

Расули Якзарб ҳоло даруни пали пахта, даруни замини сабз, ки бо дастони худ офардиааст, гӯё чун модар дар сари гаҳвора шабҳои дароз бедорхобӣ кашида кӯдакашро ба воя расонидааст, рост истода пояшро аз лои даруни ҷӯ накашида, миёни дардмандашро бо як дасташ дошта, бо дасти дигар ба ҷониби офтобнишин ишора намуда, ба Набии Бакавул, ки ба дастаи календ такя дода буд, нигариста гуфт:

– Бакавул, авзои ҳаво беҷо шуд.

Бакавул ба осмон нигоҳ кард. Аз он тараф аз тарафи офтобнишин, гарди ғуборе намоён буд, ки нури офтобро шикаста хира мекард, ғубори сафедча осмонро баробар фаро гирифт, вале ба назар чунин менамуд, ки дар гирдогирд анбӯҳ ҳасту байнаш тунук. Ҳамон шаб ва рӯзи дигар ҳаво тира шуд. Ҳама ҷо – ҳам замину ҳам осмонро ғубор пахш кард. Шуои офтоб ба замин намерасид – қабати ғафси ғубор пешашро мегирифт ва вақт гӯё фақат аз бегоҳирӯзии шомолуду шаби тира иборат буд. Хокборон гӯё ҳаракате намекард, ноҷунбон буд, вале зарраҳои он мунтазам ба барги дарахтон, рӯи бомҳо, қади кӯчаҳо ба дару тирезаҳо менишаст. Нафас кашидан барои одамон, барои ҳайвоноту наботот душвор буд. Гарди ғубор ба гӯшу бинии одамон медаромад, таги дандон ғиҷирос мезад. Деҳқон лой туф мекард, вале аз майдони кор намебаромад. Ба машоми деҳқон бӯи хок ва бӯи доруҳои заҳролуд мерасид, вале чашмашу дилашу дасташ кор мекард. Замини сабзи дилрабои пахтазор ба тақлиди фазо ранги хокистаролуди дилгире гирифт, вале деҳқон кор мекард; кор мекард, вале таки дилаш осуда набуд, гӯё сараш ҳам ғуборолуд бошад. Мардуме ки ду рӯз пеш аз тафси ҷонгудози офтоб ҷои гурез намеёфтанд ва дар ҷӯяки тари пахта менишастанд, ки дами сарде ба баданашон расад; мардуме ки тоқӣ ё рӯмолро болои абрӯ мефаровარданд, то нури бағоят равшан чашмонашонро набарад, ҳоло муштоқи дидори офтоб ва харидори равшанӣ буданд... ва ҳамон бегоҳ то шаб ва рӯзи дигар то нисфи шаб тӯйхона чароғон буд – аз таги дарвоза то пешгаҳи ҳавлӣ, аз сари оташдон то ҳезумхона сим кашида, ҳамел барин лампочка овехтанд. Одамон ҳаваси дӯғро ба

маҳтоб мешикастагӣ барин, ба ин ҳавлии чароғон меомаданду мерафтанд, меомаданду мерафтанд. Тӯйдор – азбаски дар тӯйҳои ҳозира бузкашиву гӯштингириву қӯшхонашиниву базмҳои чорзарб нест – буду шуди ҳимматашро ба зебу орои ҳавливу дастархон, фаровони таому ширавору мева ва артисту навори магнитофон сарф карда буд. Вай шоху навдаи пасти дарахтони рӯи ҳавлиашро бурид, пасту баланди заминро ҳамвор кад, гирдогирд гилему қолин кашид; дар саҳн барқади гилемдевор аз ду тараф палосу дастархонҳои дароз партофт ва дар пешгаҳ чор кати чӯбин монд, ки дар яке аз он катҳо дастаи ҳофизон бо сардории Файзӣ менишастанд. Дар пеши онҳо хонтахта ва дар рӯи хонтахта дастархону микрофон буд. Тӯйхӯрон даста-даста меоянду гирди дастархон менишинанду мехӯранду мераванд. Тӯйдорон сари по истодаанд, пешвоз мегиранд, хуш омадед мегӯянд, чои нишаст нишон медиҳанд, табақҳои ош мебиёранд, табақҳои холиро мебаранд ва гусел мекунанд. Ҳофизон мехонанд – гоҳ навор мехонад, гоҳ дастаи Файзӣ, чунон зӯр зада мехонанд, ки рагҳои гарданашон ҷаста мебарояд.

Расули Якзарб ба тӯйхона ду бор омад – як бор саҳарӣ вақти ба кор рафтан, бори дигар шомҳангом вақти аз кор баргаштан. Пояш намекашид, вале бо дили нохоҳам омад. Расми деҳадорӣ ҳамин – ба тӯяш наравӣ, ба тӯят намеояд. Ин тарафашро хеле хуб ба ҳисоб мегиранд, то мурдана фаромӯш намекунанд, вале тарафи дигарашро, вақту соати тӯйро ба ҳисоб намегиранд, зуд фаромӯш мекунанд. Ҳар сол ҷамъ омада бо маслиҳат, бо салоҳидиди якдигар қарор медиҳанд, ки дар вақти авҷи кор не, ҳангоми холӣ будани дасти мардум тӯй кардан даркор... ва ҳар сол фаромӯш мекунанд. Наравӣ, аз маърака мебароӣ, равӣ, аз корат мемонӣ. Дар гарданат қарз барин. Чору ночор расмиятро ба ҷо овардан даркор. Саҳарӣ вай сари дастархон нишаста, як пиёла чой гирифт ва зуд хеста аз паи кораш рафт. Вале бегоҳ баҳузур нишаста ош хӯрд ва сипас таги дар қатори пешвозгирону гуселкунандагон рост истода, «хуш омадед» гуфт. Ҳама ин муддат чароғҳо фурӯзон буд, ҳама ин муддат тӯйхӯрон меомаданду мерафтанд ва ҳамаи ин муддат садои созу суруд мебаромад – гоҳ навор мемонданд, гоҳ ҳофизон мехонданд... ва навор ҳам аррос мезаду ҳофизон ҳам. Лекин аз ин мутрибиву овозхонӣ ба дили Расул шавқу сурур надаромад, баракс табъаш хира шуд, авзояш коҳид. Аввал маъюс шуд, ки аз афташ, шавқи дилаш мурдааст, ки аз шунидани мусиқӣ ва суруд ба ваҷд намеояд, баҳри дилаш кушода

намешавад, пару бол намебарорад. Нишонаи пирӣ бошад? Мурғи дилаш мурда бошад?.. Аз ин фикри нохуш, ки ба сараш омад хузне ба дилаш даромад ва ӯ ҳазинона ба ояндаву равандагон, ба одамоне ки сари по дар хизмат истодаанд, ба чанд нафаре ки дар гирди мутрибон гашта,ҳар сари чанд вақт «шод бош», «сарат дардро набинад» гӯён фарёд мекашанд ва ба дастаи ҳофизон нигарист ва дид, ки тӯйхӯрон ҳам ба савту суруд бепарвоянд – бепарво меоянду бепарво меравант, гӯё хизмати маҷбуриашонро навъе ба иҷро мерасонанд, гӯё оҳангу суруд барои онҳо ҳеҷ аҳамият надорад, фақат садои рубобу доира ва овози ҳофиз барояд ва ҳар қадаре баландтар бошад, ҳаминаш кифоя; гӯё буду шуди фарзу қарз ҳамин аст, дигар ҳеҷ чиз даркор нест. Дид, ки онҳое ҳам, ки дар хизмат истодаанд, ба савту суруд эътибор намедиҳанд – мешунаванду намешунаванд, мефаҳманду намефаҳманд; садое, ҷарангосе мебарояд ва худи ҳамин шоҳиди ҳол аст, ки ин ҷо тӯйхона. Дид, ки мухлисони ашаддиву доимӣ, ки гирди ҳофизон мегарданду ҳой боракалло ва аҳсанту офарин мегӯянд, аз таги дил не, бо муроди дил не, аз рӯи шавқ не, балки аз рӯи одат, ки дар чунин мавридҳо изҳори миннатдорие бояд кард, рӯи хотири тӯйдор мегӯянд ин суханҳоро. Дид, ки ҳофизон гулӯ даронида суруд мехонанд, мавқеи ғазалу сурудро надониста мехонанд, ғазалу марсияро фарқ накарда мехонанд, зарбу вазни суханро вайрон карда мехонанд; дид, ки фақат пардаи гулӯи ҳофизон заҳмат мекашад, ҷоғу лабҳо заҳмат мекашад, вале дил шарик нест, дил бетарафу бепарвост, аз дил намеояд ин суруд, дил ҳис намекунад; кӣ медонад, шояд дар ғами пул бошад дил. Ва Расули Якзарб ҳис кард, ки хеле хаста аст, гӯё як ҳафта боз шабу рӯз дам нагирифта бошад, аъзои баданаш сусту муст, дилаш гирифтагӣ.

Гоҳ-гоҳ чунин ҳол рӯй медиҳад ба ӯ. Дар мавридҳое рӯй медиҳад, ки талабаҳо доираву дунбак зада, бо рақсу суруди ночорӣ меҳмонеро истиқбол гиранд; дар мавридҳое ба чунин ҳол гирифтор мешавад, ки барои ҳалли масъалаи муҳимме одамони бисёре дар клуб, дар толор ва дар студияи телевизион ҷамъ оянду ба ҷои кушодани гиреҳҳои чигили мавзӯи баҳс, яке хеста дигареро ном бурда, ба ӯ сухан диҳад ва он суханвар муҳим будани масъалаи рӯзномаро таъкидкунон чанд ҷумлаи маъмуливу туфайлӣ гӯяд ва бо ҳамин саҳнаро ба ихтиёри рубобу дойрадастон бидиҳад, то ки сухани аниқу муфид гуфта натавонистанашонро пинҳон доранд ва ҷои холии вақт пур шавад.

Расули Якзарб аз тӯйхона баромад.

«Аз таҳти дил намехонанд, – раҳораҳ андеша меронд Расул. – Аз дил, ки намебарояд, ба диле наменишинад. Тӯй ҳам, ки як воситаи хурсандии мардум буд, як сабабе буд, ки бачу кач шодмонӣ мекарданд, ба намоиши гилем табдил ёфт, баҳонаи худнамоӣ ва мавриди худситоӣ шуд: кӣ бештар одам хабар кард, кӣ чанд дег ош пухт… Эҳ, зудтар гузарад ҳамин хокборрон!»

Вай пеш аз он ки ба хона даромада хоб равад, дар рӯи ҳавлӣ истода, ба осмон нигоҳ кард. осмон хираву тира буд. Ғубори сафедча ба бому сари дарахтҳо фаромадааст, оламро печонида гирифтааст, як шикамбаи бениҳоят бузурги аз давраҳои дақиюнус мондаи фарсуда барин: Таровати ҳама чизро мемакад!

Расул ба хона даромада, дар ҷогаҳи тайёр хоб рафт. Ҳарчанд ки табъаш хира, дилаш зиқ ва ҳатто андаке сиёҳу таҳлукадор буд, боз зуд хобаш бурд. Худаш бехабар монд, ки кай хобаш бурдаасту чӣ тавр ҳама фикру зикрашро фаромӯш кардааст. Сахт бурдааст хобаш бофароғат, ҷурғоти гӯсфанд барин. Вале ба ногоҳ ва пуртаҳлука бедор шуд, аз гуп-гуп задании дилаш бедор шуд. Дар даҳ бистари дигар, дар даҳ гӯшаи мулк – дар козаи ҷангалбон, ки андаруни дарае, лаби чашмае воқеъ буд; дар хонаҳои похса, хишти хом, хишти пухта, чӯбин ва оҳану бетон, ки дар ҳамин деҳа, дар ҳамин водӣ ва дар дигар деҳаву шаҳрҳои дур бино шудаанд; дар кати оҳании дуошёнаи казармаи аскарон, ки дуҳазору панҷсад километр дуртар аз ин ҷост, даҳ дили дигар – дили фарзандони ӯ сих зад ва хобашон парид. Расули Якзарб бедор шуду дасташро сари сина болои дилаш монд. Дилаш аз одат берун сахт-сахт мезад, худи кафтаре ки ба дом афтодааст. Аз берун, аз таги остона шарфае баромад. Дар пӯшида буд, вале ӯ дид, ки саг аз таги остона, ки ҳалқа зада мехобид, бо изтироб хест, баданашро афшонд ва як садои норозиёнаву бетоқатонаву ҳаросолуд баровард, гӯё ҳам имдод металабид ва ҳам огоҳ мекард. Сипас гови ало хест, саросема хест, чашмонашро калон кушода, аз косахонаи сар баровarда, бо садои хиросие, ки гӯё гулӯяшро балғам гирифта бошад, ду-се бор маос зад ва худе ки балоеро аз сараш дур меандохта бошад, баданашро афшонд, чунон афшонд, ки мӯйҳои сиёҳу сафедаш тор-тор ва пистонаш ларзон-ларзон фушурда шуд. Айнан дар ҳамин лаҳза буқаи зотии Алиқул, ки ҷои васеъ гӯён дар ҳавлии Файзӣ нигоҳ медошт, уроси паст, вале

бадвоҳима бароварда, фукашро чунон бо шаст боло бардошт, ки занҷир канда шуд… Ба ҷигаргоҳи замин, аз кадом ҷои умқи он мехи азиме кӯфтанд ва замин такон хӯрд, ҷумлаи мавҷудот такон хӯрд, дили Расул такон хӯрд… Замин ҷунбид, тавре ҷунбид, ки гӯё орд мебезад. Расул рӯболо дар ҷогаҳ хобида ба шифт, ба торикӣ нигоҳ мекард, чизеро намедид, баданаш ларзидани заминро ҳис мекард. Болорҳои хона зириқос мезад, лаълии миси калон, ки дар девор ба мех овехтагӣ буд, маҳинмаҳин динг-динг садо медод, дари пӯшида роғ шуд, чизе дар айвон гурсӣ афтид… Расул нафас накашида, ба шифт менигарист, ягон рагаш намеҷунбид, гӯё салоҳияти оламу одам ба ҷунбидану наҷунбидани ӯ вобаста буд ва агар меҷунбид, ҳама ҷо фатарот мешуд: оқибаташ ба хайр шавад!.. Чанд сония ҷунбид замин, вале ин чанд сония ба чанд умр баробар буд. Дар ин чанд сония Расули Якзарб харобаҳои Қаратоғро дид, ки соли вуқӯи он зилзила на фақат ба дунё наомада буд, балки падару модараш ҳанӯз издивоҷ накарда буданд: фурӯ рехтани кӯҳҳои Ҳоит, валувайрон шудани иморатҳо, сарлучу пойлуч, кӯдак дар бағал давидани мардум, зери кӯҳи хоку санг мондани деҳот, банд шудани пеши обро дид… ва дастаҳои халосгарро дид: оқибаташ ба хайр шавад!

Дили Расули Якзарб дар даруни синааш ях баст, баданаш карахт шуд ва сару рӯяшро арақи сард пахш кард, чунон сард, ки санги таги тарма барин ва дар ҳамин лаҳза, дар гӯшаи дигари ин мулк ҷисми азамате, як кӯҳе, ки дар батни замин буд, як шахсе, ки дар таги синаи модар меистод, ба талоши дидани рӯи рӯзи равшан хоку сангу обро чордаррон кард ва сар баровард – тавлид шуд ва дарди заминро беҳтар аз дигарон ҳамсари Расул Шобибӣ ҳис кард. Вай низ монанди Расул бедор шуда буд, монанди ӯ дар таги ҷогаҳ ноҷунбон дам ба дарун кашида, дандон ба дандон монда тоқат мекард, вале аз ҳарос чашмонашро намекушод; намекушод чашмонашро ба монанди он рӯзҳое, ки худаш фарзанд таваллуд карда буд: даҳ бор чунин азоби алимро кашидааст худаш даҳ одамро аз адам ба дунёи равшан баровардааст, даҳ бор ба марг рӯ ба рӯ шуда, ба даҳ кас ҳаёт бахшидааст; ва ӯ дарди заминро ки кӯҳ тавлид мекард, бо тамоми вуҷудаш эҳсос намуд.

– Сабук шуд! – гуфт вай ва чашмонашро кушод.

– Чӣ сабук шуд? – таги гапро нафаҳмид Расул.

–Замин сабук шуд, – гуфт ва аз ҷогаҳ хеста, сари бистари фарзандонаш рафт; се бистар қатор, се ҷигарбандаш ором

хобидаанд; ҳафтаи дигараш парончак – ҳар кадомаш дар лонаи худ, ҳар кадомаш дар ғами рӯзгори худ ва ҳар яки онҳо медонад, ки… не, ҳар кадомаш не, фақат ду духтараш медонад, ки «сабук шудан» чӣ маъно дорад.

Замин ором шуд. Расул ҳам ором шуд. Хурӯсҳо ҷеғи бемаҳал заданд, харҳо ҳангоси бевақт заданд, сагҳо акоси бевақт заданд, Шобибӣ аз сатил як дӯлча об гирифта, ба як дамкашидан ошомид ва баргашта ба бистар даромад. «Сабук шуд» дар дил такрор кард Расул ва шояд бори аввал дар тӯли умр амиқ фаҳмид, дақиқ дарёфт ва равшан ҳис кард, ки зан ҳангоми таваллуд кардан ба чӣ ҳоле гирифтор мешавад, чӣ дарде мекашад, чӣ азобе мебинад, чӣ фикрҳое ба сараш меояд… «Сабук шуд»… «Сабук шуд»… ва Расул бо тамоми вуҷуд хост ҳоло ба Шобибӣ сухани хуше гӯяд, ки ҳамвазни ҳимин ду калима бошад, ҳамон таъсирро дошта бошад. Вале ҳамвазн ба он ду калима сухан наёфт. Бесухан, хомӯшона дастони шахшӯли ӯро молид, байни зулфони мӯяш тунук ва сабуки ӯ панҷа зад, пешонӣ ва гирди чашмони ӯро палмосид, чунон ки як вақтҳо, вақтҳои ҷавонӣ ва навхонадорӣ мекард… Фавҷи нур аз ду тиреза ба хона даромад, гӯё поида истода будааст, ки якбора даромад.

Расул хесту ҷомаро ба китфаш партофта, берун баромад. Шамоли сахте ғубори анбӯҳр ба тарафи офтоббаро мебурд. Ҳаво ба як таври аз тасаввур берун равшан буд, вале шамол чунон шиддат дошт, ки гӯё дарахтонро аз бунаш ва боми хонаҳоро аз бунёдаш канда бурдан мехост.

– Шамол ғуборро рӯфта мебарад. Насиб бошад, фардо ҳавои хуб мешавад, – гуфт Расул ва баргашта хоб рафт. Чунон баҳузур хоб кард, ки гӯё ҳама ғаму ташвишашро шамол рӯфта бурда бошад.

Дар берун резаборон сар шуд. Оҳиставу маҳин борид. Бо ҳамин боридан, худе ки таги осмон шикоф шуда бошад, боридан гирифт – гоҳ маҳин, гоҳ чакра-чакра ва гоҳи дигар аз сатил рехтагӣ барин борид. Ду моҳи расо, моҳҳои маю июн, ки мувофиқтарин моҳҳо барои расидани ҳосили пахта аст, борону борон. Рӯзҳое ки офтоб рухашро ду соату се соат нишон медод, мардум умед мекарданд, ки ниҳоят ҳаво кушода мешавад, вале фардо ҳол боз ҳамон буд: борон, наму лой. Молу ҳол ҷои гурез наёфт аз тарӣ. Барои алаф доруи баъд аз дармон шуд ин боронгарӣ: сабз шуд, вале алафи ба дарав не. Замин аз об сер шуд, меъдааш пуроб шуд, дигар

қабул намекард ва оби борон кӯчаҳо, роҳҳо ва ҳамвориҳоро ҷӯ карда мерафт. Пали пахта лойдонро мемонд, по монӣ, то зону фурӯ мерафт, вале барои деҳқон кор ёфт мешуд. Обраҳа меканд, ниҳолҳои пахтаро аз даруни лой мебардошт... Аз баландиҳо, аз сари теппаҳо гумбуроси тӯпҳо мебаромад – бо гулӯлаҳо абрро паронида пароканда мекарданд, ки аз осмони замини пахта дуртар равад.

Обу ҳаво бемаврид гарм шуд имсол, боронаш ҳам бемаврид омад. Дар баҳор тобистон даромад, дар тобистон борон – дар тобистон морон борад беҳ аз борон! Чӣ ҳодиса шудааст дар он болоҳо? Савор ҳам ҳайрон аст ба ин табдили ғайримуқаррари ҳаво, савориаш ҳам.

Суми хар то буҷулаки по ба лой меғӯтад ва савор дилтангона харро хала мезанад, ки зудтар ба роҳи калон, ба роҳи асфалт, ба роҳи белой барояд.

V

Сабур ба Алиқул рӯи хуш надод – сардакак қабулу гусел кард.

– Шумо ахлоқу одоби ҷамъият барин суханҳоро гоҳ-гоҳ ба хотир оварда истед, - гуфт ҳангоми гусел. – Ба хонаатон раведу тоқиро аз сар гирифта, дар пешатон монед ва ба маънии ин гап дурустакак фикр кунед.

Алиқул ба ин умед наодама буд. Баракс вай бо дили пур омада буд, чунон ки дар ин хел мавридҳо мекард. Вай ба ҳар дару ҳар кас кораш афтад, ба иҷрои он бовари комил дошт ва чун ҳамеша бо як хушодобии лоқайдона, бо як хушмуомилагии бепарда, ки бояд ба Сабур хуш меомад, аз дар даромад, гарм вохӯрдӣ кард. гарм аҳвол пурсид: «рангу рӯятон нағз, доим ҳамин хел бошед, доим солиму сарбаланд бошед», гуфт. Сипас, бо чеҳраи кушод, бо чашму лаби хандон ва чун маҳраму ҳолдон аз ваҷҳи хешу табору аҳли хонадон суханҳои хуши ба гӯшу дил форам гуфт ва нозғунҷона чанд воқиаи латифамонанд ҳикоя карда Сабурро хандонд ва гӯё дар омади гап ба сари мақсад омад.

– Мо дар ин ҷо себу шафтолуро ба гов медиҳем, вале дар ҷоҳои дигар одамоне ҳастанд, ки ба як себ зоранд. Камтар себу нок ҷамъ шудааст, бо раиси калон маслиҳат карда будем, ки беҳуда напӯсад. Як роҳхату як фотиҳаи шумо даркор.

– Боратон чӣ қадар? – бе муқаддима пурсид Сабур.

– Кирои не, чор-чоруним тон мебарояд, ё не.

- Дар рӯи ҳавлиатон чанд бех дарахт доред?

Алиқул чунин саволро мунтазир набуд, ҳамин қадар сол мевафурӯшӣ кард, вале касе аз ӯ чанд дарахт доштанашро напурсидааст, лекин зуд ҷавоб ёфт.

– Меваи хешу таборро ҳам гирифтем.

– Аз хешу табор? – рост ба чашми ӯ нигарист Сабур. – Ё аз колхозу анбору дӯкон?

Алиқул чашм гурезонд, як лаҳза мулзам барин лол монд ва сипас гапро ба ҳазл гардонданӣ шуд:

– Чӣ фарқ дорад, дар куҷое ки бошад, мепӯсад. Фурӯхта пул кунем, нағз не?

– Фарқ дорад. Барои шумо бефарқ бошад, барои дигарон фарқ дорад.

Баъд Сабур як-як шумурд, ки вай, Алиқул, аз киҳо ва аз куҷо, бо кадом роҳҳо мева мегирад; бо кӣ ба куҷоҳо мефиристонад ва ба ҳаққи чӣ қадар одамон зомин мешавад ва ба тартиби кори савдо чӣ хел зарар мерасонад ва чӣ қадар ташкилотҳоро бадном мекунад ва дар хотима ҳамон гапро гуфт – гуфт, ки ба хона раведу тоқиатонро аз сар гирифта, дар пешатон монда дурустакак фикр кунед». То имрӯз касе ба ӯ бо чунин забон гап назада буд; на дар колхоз на дар район ва на дар ҷоҳои аз ин калонтар. Бинобар ин аламаш ҳам зиёдтар буд, сахттар буд: аз куҷо пайдо шуд ин бало ба сари мо? Монед буд ин хел одам дар ҳамон мактабаш пӯсида гардад!

Алиқул ранг бадал кард, хуни рӯяш гурехт, гӯшҳо ва теғи биниаш сафед шуд, бо вуҷуди ин сир бой надод. Бо Сабур хушодобона ва дӯстона хайру хуш кард, аз идора баромада, дар саҳн ба мошинаш савор шуд, лекин алови мошинро дарнагиронд, як муддате ба андеша рафт: чашм расид ба ман!.. Дар ҳақиқат чӣ шуд ба вай?

Ҳеҷ вақт ин хел бебарор нашудааст кораш. Ҳамеша забон меёфт, корашро буд мекард ва эътимод дошт, ки толеаш ёрӣ мерасонад, толеи вай аз азал нек аст, ба ин шубҳа надорад вай. Дар оғози кор гоҳо шубҳа мекард, вале ҳоло шубҳа надорад – дар таҷриба исбот шудааст некии толеаш.

Аввалҳо, вақтҳое ки Султон восита шуда, дар колхоз барои Алиқул вазифа ёфт, одамон айб карданд, ки «иззати нафс надоштааст, аз паси каси дигар каттагӣ мекунад». Худаш ҳам як навъ муттаҳам барин мегашт. Баъдтар кам-кам ба ин ҳол одат кард – одат кард, ки «ман туро дастгирӣ мекунам, ту маро дастгирӣ мекунӣ. Ман барои ту восита меша-

вам, ту барои ман восита мешавӣ». Вай восита шуда, завҷаи як мансабдорро мудири китобхона таъин кард; он мансабдор восита шуда, калиди кассаи колхозро ба дасти ӯ дод. Ҳамин тариқ ин ба вай, вай ба ин восита шуд ва Алиқул фаҳмиду ба инобат гирифт, ки ягона роҳи дурусти зиндагии одами дуруст ҳамин будааст.

Минбаъд бо ёрии Алиқул писари фалонӣ маълумоти олӣ ва мансабе гирифт; бо ёрии фалонӣ фалониҳо Алиқулро аз ҳабс халос карданд…

Ба мурури замон инҳо бисёр шуданд дар духтурхона, дар комитети иҷроия, дар вазорат ҷою мақом гирифтанд ва он рафтору он кирдоре, ки дар назди мардум, дар урфу одати одамӣ айб буд, оҳиста-оҳиста мақом ёфт ва шоистаи эҳтирому таъриф шуд. Ба фарзанди инсон таърифу эҳтиром хуш меояд ва ҳозирбинҳо ба оқибаташ коре надоранд. Муҳимаш ҳамин хел шуд, ки ҳозирбинҳо аз паи ёфтани роҳи осони зиндагӣ афтоданд; ҳар яке кӯшиш мекард, ки ҷои гарми равғанӣ ёбад ва то метавонад, бигирад, муфт бигирад, тайёрашро бигираду чизе надиҳад. Ва азбаски ҷои даромади муфт каму талабгори муфтхӯрӣ афзуду афзуд, ҳар чапдасте ки он ҷоро мегирифт, яку якбора, гаҳворааш аз осмон афтодагӣ барин, соҳиби иззату обрӯву эътибори муфт мешуд ва он касе ки бенасиб мондааст ҳасад мебурд.

Алиқул, ҳоло калид дар даст, даруни мошин нишаста фикр мекард, ки ҳама ҳасад хӯрда мегарданд ба ӯ. Ҳасади кордониву корбудкуниашро мехӯранд; ҳасади савлату давлаташро мехӯранд; ба ӯ тақлид мекунанд. Раги замин ҷунбад, Алиқул медонад, мегӯянд. Мегӯянд, ки дар дунё коре нест, ки Алиқул карда натавонад, дар дунё мушкиле нест, ки Алиқул осон карда натавонад.

Аслаш одамон ин сифатҳоро тамасхуромез ба ӯ нисбат медоданд, бо танаффур, ки аз ҳеҷ кори бад рӯ намегардонад. Вале ӯ ба маънои аслии сухан ба оҳанги талаффузи он эътибор намедод, ин гапҳоро ҳамчун зари холис қабул менамуд ва оқибат эътимоди комил ҳосил кард, ки ӯ ба дигарон монанд нест, аз дигарон фарқ дорад, корҳое, ки дигарон карда наметавонанд, вай карда метавонад.

Як алами Алиқул сад алам шуд.

Гапҳое, ки Сабур гуфт барои Алиқул нав набуд – вай чунин насиҳату таънаро бисёр шунидааст, аз одамони мартабаашон калонтар ҳам шунидааст. Лекин онҳо дар омади гап мегуфтанду

мерафтанд ва ӯ паси гӯш карда, кори худро давом медод. Аз гап кӣ зарар дидааст? Зараре надидааст Алиқул аз он гапҳо! «Лекин ин муаллиме ки палтои дуруст ёфта наметавонист, акнун ба ман насиҳатгару роҳбар??» Алиқул то ҳол умедвор буд, балки эътимоди комил дошт, ки забони ӯро меёбад. О вай забони як одамоя ёфт… бо ҳар одамо муомила карда, дилашонро ба даст овард, ки… Наход, омада-омада дар ҳамин ҷо дар монад?

Вай бо шаст калидор пеш кард, тоб дод, мошинро даргиронд ва равон шуд. Рост ба ҳавлии Файзии ҳофиз рафт ва ӯро дар мошин шинонида, ба деҳаи дурдасти кӯҳистон бурд ва дар он ҷо сайёдеро, ки Файзӣ дар тӯяш хизмат карда, додару бародар шуда будааст, ёфта дар хонааш меҳмон шуд.

Мизбони меҳмондӯст баъди иззату икроми меҳмонон – «ғофил даромада омадетон, сарамро ба осмон расондетон»; баъди обу зиёфат – «ман гов кушам, шумо намеомадед, суроғ карда омадед, одам ба хонаи бародараш ҳамин хел меояд»; баъди илтимосу илтиҷо: «зуд хеста нараветон, як шаб истетон»; баъди бӯсобӯсу оғӯшгириҳову гусел, - дастёреро ҳамроҳ гирифта бо тиру туфанг ба кӯҳ баромад ва аҒба ба аҒбаву тола ба тола гашта, пас аз се рӯз, чунон ки аҳду паймон буд, як такаи оҳуро бо шоху сумаш ба хар бор карда овард ва ҳамон бегоҳ мошин ба хонаи Алиқул расонд. Алиқул шабошаб такаи охуро бо шоху сумаш бурда аз дари ақиб – аз ҳамон даре, ки баъди шому пеш аз субҳ дарову барояш бисёр мешавад; аз ҳамон даре, ки ба ин ҳавлӣ хӯрданиву нӯшиданӣ, пӯшиданиву густурданӣ ва ороишиву хазинагӣ меояд, – даруни хонаи Он кас[1] даровард ва ба дасти завҷаашон супорида, дилпур шуд: канӣ, корди кӣ буро, канӣ, гапи кӣ гузаро!

Рӯзи дигар он кас ба раиси калон телефон карданд ва дар байни гап чолокиву кордонии Алиқулро таърифкунон гуфтанд:

– Ин хел кадрҳоро эҳтиёт кардан даркор, онҳо бисёр нестанд.

Ва Алиқул боз ҳамон кору кирдорашро кард. Кору кирдори ӯ як мақсад, вале саду як роҳ дошт – роҳи анбори колхоз, роҳи базаи ҷамъияти матлубот, роҳи боғ, роҳи роғ, роҳи зовуд; умуман ҳама роҳҳое, ки расман барои ҳама кушода аст, лекин амалан корчаллону ҷаллобон соҳиб шудаанд.

---

[1] Он кас – Образи лафзӣ, киноя аз ҳокими мутлақ. Дар ин ҷо котиби якуми комитети партиявии район дар назар аст.

Баъди оҳуро сиҳат, пӯст наканда ба ҳавлии Он кас бурдан, Алиқул аз боғ фоидаи зиёде гирифт. Аз боғи худаш не, худаш боғи дурусте надорад – дар рӯи ҳавлиаш чанд бех дарахт, он ҳам барои фиреби назар; аз боғи дигарон, аз боғи колхозу совхоз. Ин дафъа Шокир меваро ба бозорҳои дур бурд. «Себ, себи сурх, ба сад дард даво», ҷор мекашид вай дар бозори Красноводск. «Нок, ноки хушбӯ, роҳати ҷон, қуввати миён» фарёд мезад ӯ дар бозори Иркутск. «Анор, обаш дору, пӯсташ дору, хунро тоза мекунад», мегуфт дар бозори Ростов… Себу ноку анорро Алиқул ба воситаи ёрони ҳамкосаву ҳамкисааш, ки дар анбору дӯконҳо мудиранд, ба нархи давлат гирифту Шокир бурда, бо нархи бозор даҳ-бист баробар қимат, ба қавли худаш, обул ой кард ва баъд соли дароз Алиқулро дашном дод: муфтхӯр, ноинсоф, фиребгар!.. Лекин соли оянда боз ҳамин корро мекунад. Ҳамин хел одам аст Шокир – на марди саҳро ва на лашкари шоҳ. Ҳаммолхислат, доим чашмаш ба даҳони дигарон, гӯшаш ба фармони дигарон, вале дӯғаш бели оҳанро мекафонад – дар маҷлисҳо ба касе навбати гап намедиҳад, дар маъракаҳо ба ҳама ақл ёд медиҳад. «Э шому калла доред, одами калладор калларо кор фармуда аз пеши худ кор кардан мегирад, ба даҳони дигарон нигоҳ карда намеистад. Чанд бор гӯям ба Шумо! Аз гуфтана даҳонам мӯ баровард». Дар гуфтан мегуфт, вале худаш аз пеши худ ягон кор намекард. Ҳатто харидуфурӯш ва духтарбарориву арӯсбиёриаш ба хости Алиқул вобаста буд. Алиқул «ҳа» гӯяд, мебароварду меовард, Алиқул «не» гӯяд, намебароварду намеовард. Мардум «лӯхтак» мегуфтанд ӯро. Лӯхтак имсол аз кӯҳу дара дасти холӣ баргашт. Як ҳафта ғам хӯрд, ки ба Алиқул чӣ ҷавоб медиҳад, чӣ хел дасти холӣ бармегардад, чунки дар он мавзеъҳое ки медонист, ягон бута растании бозоргир наёфт – на ревоҷ, на пиёзи анзур, на рова ва на зира. Мавзеъ ҳамон мавзеъе, ки вай солҳои пеш дар як рӯз чанд халтаро пур мекард; об ҳамон об, ҳаво ҳамон ҳаво, лекин аз он гиёҳҳое ки харидор дорад, ному нишоне нест. Шокири лӯхтак аз ин дара ба он дара гузашт, аз ин адир ба он адир баромад, лабонаш парсин баст, мадораш хушк шуд ва оқибат дар говхобрави гардани шахчае, ки порсол аз ҳамин ҷо сесад кило пиёз канда буд, тӯрбаро партофта дароз хобид. Беҳолона хобид ва тарсе дар дилаш буд, ки Алиқул ҷанг мекунад, алафи саҳроро канда оварда натавонистӣ, мегӯяд. Вай ба подаҷо, ба он ҷоҳое нигоҳ кард. ки як сол пеш пур-пури пиёзи анзур буд ва ҳоло фақат шӯраву хор рӯидааст. Аламаш

омад: ба ҷои ҳамин хори нодаркор пиёзи анзур мерӯид, намешуд! Ва ӯ аламашро аз замину аз шӯраву аз хор гирифт. Алами саргардониҳои беҳуда, алами кӯфтагӣ ва алами аз Алиқул расидаву мерасидагиро аз замину растанӣ гирифт: бел ба даст, алафро қима ва заминро шудгор кард; хук барин шудгор кард ва ба ақибаш нигоҳ накарда гурехт. Ба ҳамин гурехтан як ҳафта аз мардум рӯ панаҳ карда гашт ва баъд аз як ҳафта бо даъвати Алиқул аз хона баромад ва чунин ҷавоб дод:

– Чашмгуруснаҳои нодида ҳама чизро аз реша кандаанд, дигар намерӯяд.

– Нарӯида бошад, нарӯяд, – даст афшонд Алиқул. – Қусурашро аз ҷои дигар мебарорем.

Ва барои баровардани қусури он зарар Алиқул мошинсавор ба ҷойҳои даркорӣ рафту одамони даркориро ёфта, ба меҳмонӣ даъват кард.

– Ба одамони даркорӣ додан даркор ва аз одамони нодаркор гирифтан, - гуфт вай ба Файзӣ. – Дастро даст мешӯяд, пулро пул меёбад.

Фоидаҳои бисёр дидааст вай аз меҳмонҳову зиёфатҳо. Аз таҷриба медонад, ки ошу гӯшту арақ додан ба ӯ чӣ манфиатҳо расонидааст – обрӯяш ҳам аз пушти ҳамин, эътибораш ҳам ва ҳама ҳунараш низ ҳамин. Ба ҳамин кор имон овардааст ва маҳораташро мунтазам такмил медиҳад. Меҳмононро хушомадгӯёна, вале сарбаландона қабул кард, то ба назар чунин намояд, ки тамаъе надорад, ғаразе нест, балки онҳоро аз сидқи дил эҳтиром мекунад ва ин зиёфат соф аз рӯи одамгарии холисона аст – ба ҷо овардани расми дӯстиву рафоқат, на бештар аз ин. Дастархон неъмати фаровон дошт ва ба ҳар хизмат – себ пӯст кандан, анор кафондан, гӯшт пора кардан, помидору бодиринг реза кардан, сабзавоту чака овардан ва арақу коняк рехтан як одам масъул буд. Меҳмонон ба муроди дил, муддаои табъ нӯшиданду хӯрданд; хӯрданду нушиданд ва ҳар қадаре ки аз таъсири май ақлашон хираву чашмашон тира шавад, аз Алиқул ҳамон қадар бештар минтадор мешуданду ҳамон қадар бештар таъриф мекарданду ҳамон қадар бештар лофи бародарӣ мезаданду ҳамон қадар бештар ваъда медоданд: «ёру рафиқ бисёр, аммо Алиқул барин дӯст, рости гап, дар дунё кам ёфт мешавад»; «дасти кушоду дили кушоде, ки Алиқул дорад, пӯсткандаи гап ҳамин, ки ба ҳар кас насиб намешавад, аз дасти ҳар кас намеояд, барои ин дилу ҷигар доштан даркор, ҳиммати баланд доштан даркор, мард будан даркор»; «мову Алиқул ба-

родар ҳастем, бародарони ҷонӣ, барои якдигар ҷонамонро дареғ намедорем, пулу моламонро дареғ намедорем, ба ман ягон гап шавад, медонам, ки аз ҳама пеш Алиқул ҳозир мешавад ва ба сари Алиқул коре ояд, мо ҳамеша тайёр»; «Алиқул ба чизе мӯҳтоҷ нест, худаш ҳоҷатбарор аст, лекин рафту чизе даркор шавад, бародар, як ишора кунед, шуд, ҳарчӣ аз дастамон ояд, мекунем!»

«Даҳони хӯрда – шарманда» ва онҳо дар ҳушёрӣ хоҳу нохоҳ илтимоси Алиқулро рад карда наметавонистанд. Алиқул ҳам бебаркаш илтимос мекард, мегирифт, ба ҷаллоб медод, ба байн медаромад, кори ғайриқонуниеро бо ёрии онҳо қонунӣ мекард. Бинобар ин одами кордону ӯҳдабаро ба ҳисоб мерафт ва мардум дар лаҳзаҳои душвор ҳоҷат ба ӯ мебурданд, ки қадрашро хеле баланд мебардошт.

Азобро Шокиру Сунбул мекашиданд, қадру кайфро Алиқул медид – дастархони Алибою обрӯи Валибой.

Сунбул дасту оринҷ барзада, ба меҳмонон таом тайёр мекард: каллаву поча меандохт, кабоб мепухт, палав дам мекард, угро мебурид, хамир меҷӯлонд, дегу табақ мешуст, об меовард, об меҷӯшонд… ва ҳама он муддате ки меҳмонон мехӯрданду менӯшиданду хандаҳои мастона мезаданд, Сунбул, бо вуҷуди он ки як дами бофароғат надошт, худро осуда ҳис мекард – ба дилаш равшанӣ медаромад, вақташ хуш мешуд ва зиндагӣ ба назараш ширину гуворо менамуд, ҳарчанд медонист, ки дар хотимаи ин ҳама ташвишу хушгӯиву хушбошҳо, баъди хона ба хона рафтани меҳмонони Алиқул, ки мастона барои шоҳписарҳои ояндаи ӯ қадаҳ мебардоштанд ва ин нӯшбоду орзуҳои меҳмонони хушрӯву хушлибос, ки «хонаи вай пури бача шавад» ҳашт сол боз давом мекард, вале то ҳол муроде аз он ҳосил нашудааст – вай рӯ ба болин фурӯ мемонад ва талх мегиряд, ки: «ман чаро ин қадар шӯрбахтам? Зеро Алиқул, ҳар қадаре ки ба меҳмонон меҳрубон бошад – ба монанди Димна дар назди шер, - пас аз гусели онҳо ҳамон қадар бо Сунбул номеҳрубон хоҳад буд, ҳамчунон ки Димна нисбат ба ҷонварони макрашон камтар. Ҳа, вай аламашро аз Сунбул мегирад; аз Сунбуле, ки як вақтҳо хоки пояшро тӯтиёи чашм мекард; аз Сунбуле ки хушомадҳои бардурӯғи ӯро хислатҳои аслии ботин дониста, фарефтаи суханҳои хуш, муомилаи хуш ва ҷоҳу ҷалолаш шуда буд. Худоё, чӣ қадар вақт гузашт аз он рӯзҳо?! Ҳашт сол боз Алиқул аламашро аз Сунбул мегирад. Набошад чӣ?! Барои чӣ Алиқул ин қадар ҷои мекоҳонад? Ба-

рои Сунбул, барои хонаву дар, барои фарзандон. Аммо ҳамин махлуқаке, ки ӯ ҳам мехӯронад, ҳам мепӯшонад, ба ҷои он ки хоки пояшро лесида гардад, ба ҷои он ки фарзанд таваллуд карда диҳад, ба Расули харбози даҳонкалони бебарори кисахоливу бедастархон, ки аз ҳасад дарун-дарун дуд карда месӯзад, шикоят мекунад. Баъд қаҳрат намебиёяд? Баъд аламат намекунад?! Ман инро безурёт гуфтам? Зунг гуфтам? О ту безурёт бошӣ, ман чӣ гӯм? Очаи бачаҳо гӯм? Ту, аввал бача зой! Якта зой ақаллан. Бин, ки ман чӣ хел тарбия мекунам! Ман ин Расули харбоз барин беҳунар не, бепул ҳам не, бе ёру рафиқ ҳам не, ки бачаҳоямро тарбия карда натавонам, ба онҳо маълумоти нағз дода натавонам, онҳоро ба қатори одамони беҳтарини даври замон даровarda натавонам. Худоро шукр дар роҳ намондам, қувватам ба ҳама кор мерасад – ҳар ёру рафиқ дорам, ки агар хоҳанд, харро одам мекунанд; ту мӯдарози кӯтоҳақл аз куҷо медонӣ ин гапҳоя?! Онҳо ба писари ман аз фарзанди худашон зиёдтар ёрӣ мерасонанд, чунки маро ҳурмат мекунанд! Фақат ту ҳурмат намекунӣ, Расули харбз ҳурмат намекунад. Туф кардам ба ҳурмати Расули харбоз! Вай худаш чӣ, ки ҳурматаш бошад?!

Дар гуфтан ҳамин хел мегуфт вай, сари ҷаҳл, барои таҳқири Сунбулу Расул чунин мегуфт; аз алам, аз ночорӣ мегуфт, ки «ман ба ҳурмати шумо туф кардам», аз нӯги забонаш мебаромад ин ҳарфҳо, аммо дарун-дарун месӯхт, балки аз рӯбарӯ шудан бо Расул ҳарос мекашид ва то метавонист қассос мегирифт. Дилаш бисёр мехост, ки Расулро мулзам кунад; орзуи шабонарӯзааш ҳамин буд, ки Расул шарманда шавад, ба балое гирифтор гардад ва ӯ дида ба ҳолаш хандад ва назди дӯсту душман сарбаланд бошад, ки: «дидед, гуфти ман шуд!»

Вай пайваста дар фикри он буд, ки илоҷе ёбад, баҳонае ёбад, фурсате даст диҳад, то ки ба бадбахтии ӯ хандад. Сунбул дар ихтиёри худаш аст, бо ӯ ҳисобро баробар кардан душворие надорад. Аммо Расули Якзарб, бепарвоиҳои ӯ нисбат ба дову дастгоҳе ки вай дорад, маслиҳату ниҳолшинониаш, алалхусус ба ночориву бечорагие наафтоданаш доим пеши назараш меистод, доим айшашро талх мекард. доим ғазабашро меовард, доим девонааш мекард, ки: «Ин худаш кӣ, ки маро назараш намегирад, маро писанд намекунад ба ҳамин ҳолаш? Ҳа, ҳоло ист! Ман дар ҳар ду олам рӯятро сиёҳ накунам, номамро мегардонам!» Вале дар амал, рӯи Расули Якзарбро сиёҳ кардан алҳол ба ӯ муяссар нашудааст ва ӯ ҳама заҳрашро ба сари Сун-

бул мерезад, ба монанди он ки калони калон аламашро аз калони хурдтар ва калони худртар аламашро аз калони боз хурдтар мегирад. Ҳар забардасте зердасте дорад.

Сунбул, гӯё забон надошта бошад, ба Алиқул ҷавобе намедиҳад, аз хонаи вай баромада намеравад, чунки дили худаш кашида буд, худаш бо ихтиёри худ ҳамин Алиқулро ёри аввалу охир интихоб кард ва акнун рӯяш намешавад, ки аз қавлаш гардад, ӯро тарк кунад. Шармандагӣ, мардум чӣ мегӯянд?! Ҳамин андеша, ки мардум айб мекунанд, занҷири пояш буд, ӯро дар ин ҳавлӣ нигоҳ медошт ва ӯ дандон ба дандон монда тоқат мекард – шабҳо, баъди таънаи бисёре шунидан, рӯ ба болишт пахш карда мегирист. Гоҳо ба ҳавлии Расул гузашта, ба Шобибӣ дарди дил мегуфт, ҳасрат мекард. Вале баъди воқиаҳои ниҳолшинонӣ ва хушк шудани ниҳоле, ки Алиқул зери он заҳр мекард ва шикояти Алиқул ба сардорон, ки Расул ҷодугарӣ мекунад, – байни зану шавҳар ҷудоӣ меандозад, Расул ба зиндагии серу пури онҳо ҳасад мебарад ва мақсад дорад, ки номи неки моро доғдор кунад – баъди ҳамаи ин гапҳо пояш намекашид, ки пеши Шобибӣ раваду заҳри дилашро барорад. Дигар ҷои рафтан надорад, маҳрами розе нест, падару модараш дар ҷоҳои дур, дар он тарафи ағбаҳо.

## VI

Кишт некии яксола.
Боғ некии даҳсола.
Тарбия барои асрҳост.

Сабур вақтҳои охир, алалхусус баъди котиби ташкилоти партия интихоб шудан, ҳамин ҳикмати кӯҳнаи мардумро, ки аз таҷрибаи рӯзгор дар давоми ҳазорҳо сол сайқал ёфта бо чунин соддагии ҳайратбахшу ғунҷоиши бетаг дар чанд калима ифода гардидааст, ҳамчун як маромномаи ҳаёт бисёр такрор мекунад – дар дил такрор мекунад, дар сӯҳбатҳо такрор мекунад ва ҳар қадар бисёртар такрор кунад, маънои ин ҷумлаҳо зиёдтару зиёдтар мешавад. Ва гаштаву баргашта маълумаш мешавад, ки дар ин олами васеъ муқаддамтарин ва муқаддастарин коре ки одам мекунад, тарбияи одам аст, ҳарчанд ки барои зиндагии одамвор ҳам кишт даркор, ҳам боғ. Санади аниқ ва вақти муайяне надорад тарбия то дар ҳисобот бинависӣ, ки тарбияи фалонӣ масалан, якуми сентябри соли 1980 сар шуд ва моҳи июли соли 1982 итмом ёфт. Тарбияи одам кори мунтазам аст, аз насл ба насл мегузарад,

бо шир ба хун медарояд… Кӯдаконе ки бо шири харида калон шудаанд, ба ин ҳисоб намедароянд. Ба кадом ҳисоб медароянд онҳо?

Сабур шарфаи по ва ғаҷирроси дарро шунида, дафтари ғафси чоррахи қату фити пешашро пӯшонд ва ручкаро рӯи дафтар партофт.

– Аз роҳ мегузаштам, дидам, ки чароғ даргирон, – узру маънӣ кард Набӣ. – Гуфтам, ки бинам ин шаббедор кист ва чӣ ғам дорад?

– Хуб кардед, ки даромадед. Биёед, наздиктар шинед. Ман аз маҷлис омадам, хобам парид, ба хона нарафтам. Хоби кӯдако вайрон нашавад гуфтам.

– Маҷлиси калон кардетон мегӯянд, чӣ гапҳо шуд? – Набӣ паси миз дар яке аз курсиҳо нишаст. Вай аз обдории шабона омад ва ҳавлиаш, ки аз идораи колхоз он қадар дур набуд, равшании чароғро дида ба кабинети Сабур даромад. – Ягон чизи хӯрданӣ биёрам?

– Ташакур, ҳеҷ чиз даркор не. Шинед, чорта сӯҳбат кунем.

– Дар ҳамин дили шаб?

– Медонед, ҷое нест, ки гапи дилатро гӯӣ, буду шудашро беибо гӯӣ, мулоҳиза накунӣ.

– Ҳар рӯз маҷлис мекунед, ё ба маҷлис меравед, гапатон тамом нашудааст?

– Гапи бисёр мегӯем дар ҳақиқат. Сергап шудаем. Ана ҳамин рӯз ҳам чор соат гап задему гап шунидем ва медонед, ба сари ман чӣ фикр омад? О ҳамон корҳое, ки иҷро нашуд, бо айби кӣ иҷро нашуд? Мо дар сари кор будем, иҷрояш вазифаи мо буд, лекин аз паси минбар истода, ба овози баланд кадом каси номаълумро танқид мекунем, ки ин кор нашуд ва дар натиҷа маълум не, ки бо айби кӣ.

– Ҳамин гапҳоро мегуфтед дар маҷлис, дилатон холӣ мешуд, хобатон намепарид.

– Гуфтан даркор, ҳама мегӯянд, ки гуфтан даркор, ҳама тарафдори гуфтан; ман то ҳол касеро надидаам, ки дар сухан тарафдори гапи рост набошад, вале ба вақти гуфтан ё хомӯш меистанд ва ё ба минбар баромада, тамоман гапи дигар мегӯянд. Ва ҳосил чунин мешавад, ки мегӯем ва дар айни ҳол намегӯем. Душвор аст ин.

– Одати мансабдор ҳамин. Мансабдор ҳамон гаперо мегӯяд, ки аз мансабдори калонтар шунидааст. Ин чизи

маълум. Ин одат ҳамин рӯз пайдо нашудааст ва шумо онро бекор карда наметавонед.

– Аз куҷо пайдо шудааст ин одат ва кӣ бекор мекунад онро?

– Табиати мансабдорӣ ҳамин. Одаме ки ба мансаб расид, якбора имтиёзи бисёре мегирад – мошин, ҳавлӣ, таъминот, обрӯ… Ҳама чиз барои ӯ осон-осон муҳайё мешавад ва ӯ курсии мансабашро сахт нигоҳ медорад, чунон ки кӯр дорад, дигар сар намедиҳад. Барои бекор кардани ин одат имтиёзҳоро бекор кардан даркор, ки ин кори хеле душвор.

Сабур аз он рӯзе ки нияти дар ин хусус мақола навиштан дар сараш пайдо шуд, ба ҳамин хулоса омада буд, ки ҳоло Набии Бакавул гуфт. Ба ҳамин мақсад сари дафтар нишаста буд, ки мақола нависад. Вай ба навиштан шурӯъ кард, вале дар як гӯшаи майнааш фикраке чарх мезад, ки сабаби вайронкорӣ фақат бо ҳамин маҳдуд намешавад, чунки ин рафторҳо ҳам дар навбати худ сабабе дорад… ва ӯ ба ҳар ҷумлаи навиштааш бо шубҳа менигарист.

– Фикр мекунам, фикр мекунаму ҳеҷ ба ғавраш расида наметавонам. Охир, анъана як, тарбия як, агар ба забони деҳқонӣ бигӯем, об як, ҳаво як, кишт як, вале чаро натиҷа як не? Чаро ин хел? Барои чӣ ҳосил фарқ дорад?

– Ҳамин хел шуданаш даркор, – гуфт Набӣ бо эътимод, ки гӯё як умр аз ин бобат фикр карда ба хулосаи қатъие омада бошад. – Чунки одам ҳар хел!

Одам ҳар хел, ин гапи маълум. Сабур ҳам медонад – ҳар касу як шакл, ҳар касу як хислат. Вале талаботе аз қабили неку бад, равою нораво ва ахлоқу одоб ҳаст, ки ба кулли фарзанди инсон баробар дахл дорад. Ва ин талаботро падару модарон, муалимони мактаб ва воситаҳои ташвиқу тарғиб аз як забон бо як мақсад мегӯянд. Мегӯянд, ки «Одам азиз аст, вале одобаш аз вай азизтар».

– Не, амаки Набӣ, гап фақат дар ҳар хел будани одам не. Боз сабабе дорад, ки ман сарфаҳм намеравам.

– Чӣ сарфаҳм рафтан дорад? – бо ҳамон эътимод гуфт Набӣ. – Фақат одобу ҳалолкорӣ не, беодобиву фиребгарӣ ҳам анъана дорад. – Набӣ бо пушти даст доҳонашро пинҳон дошта, хамёза кашид. – Хурӯсбонг ҳам наздик шуд. Сари хобро гирифтан даркор. Лекин, ман ҳаққи гапро мегӯям, гуфта гапи дилатонро ба ҳар кас нагӯед. Шумо ҳоло ҷавон, мавридшиносӣ кори хуб аст. Мисолаш Расул. Одами пок, ба

касе ғараз надорад, лекин дилу забонаш як. Маъқулро маъқул мегӯяд, номаъқулро номаъқул. Оқибаташ ҳамин ки ҳеҷ кас ӯро нағз намебинад – на роҳбар, на коргар. Дӯсташ кам, душманаш бисёр.

– Аз рӯи ақида бояд баракс бошад. Бояд ки Расул барин одамонро бештар аз дигарон ҳурмат бикунем, эҳтиромашонро дар ҳама мавридҳо ба ҷой оварем, на ин ки Алиқулҳоро…

– Нияти нек. Қувват диҳад ба шумо. Лекин эҳтиёт кунед, ки шохатонро нашиканананд.

Дар кабинети Сабур чунин сӯҳбат рӯзи дигар ҳам давом кард; дар он ҷо хислатҳои Расулро мисол меоварданд ва худи Расул дар саҳро бо Ниёз паҳлу ба паҳлу истода, пахта каланд мекард. Аз рӯзе ки Ниёз чӯпониро партофт, дар шарҳи сабаби ин рафтораш гапу калочаи бисёре аз забон ба забон мегашт. Мегуфтанд, ки дасти қалб доштааст, безор шудаанд, пеш кардаанд; мегуфтанд, ки товон дода ҷонашро ба азобе халос кардааст; мегуфтанд, ки танҳохӯр будааст, гулӯи дигаронро равған накардааст ва онҳо ӯро танг кардаанд. Лекин худи Ниёз аз ин бобат, барои чӣ бошад, гап намекушод. Намегуфт, ки барои чӣ чӯпониро партофт. Ҳоло вай каланд мезад. Ҷуяки пахта сафолак баста буд, деҳқон бехи ниҳолҳоро нарм, зиёдатиашро решакан ва якбора алафҳои гирдашро тоза мекард – ҳам чобуқ, ҳам ягона ва ҳам хишова. Рӯи хок ба монанди замини кӯлмакҳои хушкида сафолакҳои кафидаву мӯякрафта дошт, вале қабатҳои тагаш наму мулоим буд. Ниёз бардам-бардам каланд мезад ва ҳар боре ки Ниёз каландашро бардошта ба замин занад, дили Расул меларзид: одами якумр дар ҳавои тоза гаштагӣ, бақувват, лекин дар кори пахта бетаҷриба, ҳамаи ниҳолҳоро решакан накунад?! Ва ҳар боре ки Ниёз каланд мезад. Расул беихтиёр ба пеши каланди ӯ нигоҳ мекард… Бо ҳамин аҳвол онҳо аз ин сари ҷӯяк ба он сараш ва аз он сараш ба ин сараш мерафтанду меомаданд. Хаму рост шуда, ба кафи дастҳо туф карда, пӯсти обилаҳои хушкидаро канда, ба кафидани обилаҳои нав эътибор надода, мерафтанду меомаданд. Ва ҳар ҷӯяке ки аз дасти онҳо мебаромад, ба монанди одаме, ки нав аз ҳаммом баромадааст, ҳусни нав мегирифт.

– Ниёз, чӯпонӣ осон, ё пахтакорӣ?

– Чӣ гӯям ба шумо? Ҳар заҳмат як роҳат дорад, лекин ба назари ман, дар дунё кори осон нест. Кори осон фақат бекорӣ будагист. Ҳамон ҳам, ба назари ман, азоб дорад.

Рӯзи дароз бекор гаштан кори осон аст? Ба назари ман, кор кардан, аз бекор гаштан осонтар. Лекин, ба назари ман, кори одам ба худаш маъқул бошад, нағз. Чӯпонӣ ба ман маъқул буд.

– Маъқул бошад, барои чӣ партофтӣ?

– Ҳамин хел шуд. Гӯям, ки барои чӣ партофтам, ба назари ман, бовар намекунед.

– Чаро бовар намекунам?

– Ба чанд кас гуфтам, бовар накардад.

– Аҷаб, одамон ба фоли ҷӯгӣ бовар мекунанду?!

– Ба ман бовар накарданд. Ба назари ман, гумонкарданд, ки дурӯғ мегӯям. Баъд, ба назари ман, худи он воқиа ҳам як воқиа, ки ҳар касе надида бошад, бовар намекунад. Хайр, ба шумо мегӯям. Одамон дарди дилашона ба об мегӯянду ман чаро ба шумо нагӯям? Вақти тӯлгирӣ ба ман мудир гуфтанд, ки як мошини «Жигули» мукофот баромадагӣ барои чӯпонҳо, ҳамина ба ту медиҳем, ба шарте ки аз сад сар меш саду бист саду бисту панҷ бара гирӣ. Ба назари ман, ин кори нашуданӣ. Ман гуфтам, ки аз сад сар меш сад бара гирем, худаш давлати калон. Мудир гуфтанд, ки ягон илоҷ ёб, ман ба ту некӣ карда истодаам, ба некӣ бо некӣ ҷавоб додан даркор. Ман чӯт зада дидам, ба назари ман, кори нашуданӣ. Ҳарчанд фикр кардам, илоҷе ба назарам нанамуд. Гуфтам, ки ин кори ношуданӣ. Мудир гуфтанд, ки кори ношуданӣ нест, барраҳои худата, барраҳои дигар хешу ақработа қатӣ кун. Он тарафаш кори худат, як рама ба ихтиёрат. Ба назари ман чунин намуд, ки маро бо либосҳоям озод бардоштанду даруни ахлот партофтанд. Молро санад карда додаму асоямро гирифтаму омадам. Омадаму ин воқиаро ба раиси тафтишот нарезондаву начаконда гуфтам, вале вай ба ман бовар накард. Баракс, ба назари ман, маро тарсонидан хоста, худамро муттаҳам кард. Гуфт, ки мо туро одам мегуфтем, ту одами хуб набудаӣ, ту обрӯи одамони мӯътабарро резондан мехоҳӣ, ту мехоҳӣ, ки колхозро бадном бикунӣ. Баъди ҳамин, ба назари ман, дилам аз одам каме хунук шуд, аз чӯпонӣ ҳам…

– Аз одам дилхунук шуданат нағз не, – гуфт Расул. – Одам бо одам зинда.

– Медонам, лекин дилам монд.

– Ту дилмонда нашав. Дилата гарм гир. Одам фақат бадкирдориҳоро бинад ва фақат аз хусуси бадӣ фикр кунад, дилсахт мешавад, раҳму шафқатро фаромӯш мекунад.

Хубиҳои зиндагиро ҳам дидан даркор. Фикри хубу кирдори хубу рафтори хубу хулқи хуб дили касро нарм мекунад.

– Агар он кирдорҳо ноҳақона бошанд чӣ?

– Ноҳақона бошад, ба ҳақ мерасад.

– Ба назари ман ҳам, як рӯз не, як рӯз ба ҳақ мерасад, вале то ба ҳақ мерасад, ки одам дилшикаста мешавад. Ба назари ман, сари вақт ба ҳақ расад, беҳтар, чунки дилшикастагӣ бисёр чизи ганда.

Мошин омад, мошини боркаши холӣ, ки одамонро баъди кор бор карда мебарад, омада дар пеши шипанг истод. Мардум пешу қафо аз кор баромаданд. Расул ҳам харашро зин зад, хӯрҷини пуралафро ба болояш партофт ва савор шуд. Мошин чанги роҳро ба ҳаво бардошта рафт ва Расул фикр кард, ки замин аллакай хушк шудааст. Дуним ҳафта пеш ҷои хушке набуд, ки ҳар сум монад, ҳоло чанги замин ба ҳаво мебарояд. На фақат замин, балки осмон ҳам хушк шудааст, хира шудааст. Каб-кабуд буд, оинаи нав шуста ва ҳанӯз намаш напарида барин. Ҳаво ҳам софи соф буд, чунон шаффоф, ки ҳам адирҳои ин тарафи водӣ менамуд, ҳам адирҳои он тарафи водӣ. Адирҳои тару тоза, об задагӣ барин... Бист рӯз нагузашта боз ғубор пахш кардааст – осмон пури ғубор, адирҳо наменамояд, ҳатто нисфи боғоти он тарафи роҳи калон намоён не. Ҳама ҷо ғубор, вақте ки алаф даравид, ба даҳону биниаш чангу хок даромад. Ба ҳар навъ, аз афташ, шамолаке мевазад, чунки чанг аз думи мошин медавад, худи тумани тунуки давони қади дарёи Оби Сафед дар баҳорон барин. Баъди сангашро чидан ва тоза кардан ба замин пору мекашониданду пору мерехтанду пору паҳн мекарданд. Поруи пушти оғилро, ки тирамоҳу зимистон аз саргини гову хару бузу гӯсфанд ҷамъ меомад, падараш бо каланд лахталахта канда, паҳну парешон карда мепартофт, ки шамол занад, офтоб хӯрад, намаш парад. Як ҳафта – даҳ рӯз аз пору ҳавр мебаромад, хушк мешуд. Баъд бо каҷова, бо ғалтак ва агар ин чизҳо муҳайё набошад, бо ҷувол ба замин мекашониданд. Падараш каҷоваро аз хар фуроварда пур мекард, агар каҷова набошад, ҷуволро нимпур мекард, даҳонашро бо сардӯз мебаст, сипас ба пушти хар партофта мегуфт:

– Бару аз болорӯяи замин қатор рез.

Мефорид ба Расул ин фармоишу ин бовар. Вай ҳис мекард, ки одами калон шудааст, ӯҳдаборову кордон шудааст. Ва аз ин тараф харро пеш-пеш ронда, пиёда мерафту аз он

тараф харсавор меомад. Тумани давони қади дарёро ҳамон солҳо дида буд. Дар навбати аввали пору бурдан, ки нури офтоб ҳанӯз ба даруни дара надаромадаасту ба маҷрои дарё нарасидааст, ҳам аз рафтан ва ҳам дар бозгашт тумани тунуки давони қади дарёро медид. Туман, монанди пахтае ки шада задаанд, аз хонаи дарё, аз рӯи об ғоз дода, ба ҳаво мехест ва фаҳӯлу кашолаву ҷулин қад-қади маҷрои об медавид; мисли як махлуқи аз афсонаи кампирҳо баромада, ки на номи анике дорад ва на шакли дақиқе. Расул аз даруни ин туман гузаштану лаҳзае андаруни он ғарқ шудан ва шамидани бӯи нами онро нағз медид; нағз медид, дилаш мекашид, пояш мерафт ва дар айни замон аз дидани он метарсид, гӯё маҳз барои он нағз медид, ки тарсро пахш карда, фурӯ нишонда, дохили бало мешуд ва сиҳату саломат аз он бало берун меомад. Туман, ки дастонаш гоҳо аз танаш ҷудо ва гоҳо ба шикамаш ҷо мешавад, поҳои зиёди рӯдамонандаш гоҳо ба ҳам мепечаду гоҳи дигар тарафи ҷару ҷӯ меёзад, сарҳои бешуморашро баровардаву фурӯ кашида медавад, тамошое дошт, вале сояҳои гулдораш, дами нафасаш ва ҳаракатҳои ваҳмангезаш дар дили Расул ҳаросро бедор мекард, гӯё ки ин тумани ғоз-ғози давону шитобон сароғози ягон балое бошад; балое, ки ҳамин ҳозир бояд рӯй диҳад. Ин ҳис даргузар ва дар айни ҳол доимӣ буд: туманро бинаду ёд кунад, пайдо мешуд, набинаду ба ёд наоварад, фаромӯш мекард. оқибат ин ҳисси қалбиро дар дил ғунҷонида натавонист ва боре харсавор аз даруни туман гузашта омаду ба модараш гуфт:

– Оча, ҳамин туман ягон бало дорад.

– Тарсидӣ?

Вай ҷавоб надод. Модараш остинҳои васе куртаро барзада, ҳавучҳояшро пур карда аз ҷувол ба корсон орд гирифт:

– Натарс, писарам, туман ҳеҷ балое надорад, ташна монда обхӯрӣ фуромадааст, сер шавад, боз ба хонааш меравад.

Расул, ба гапи модараш бовар кард, лекин дилу бедилон бовар кард ва ҳарчанд ки дар давоми он се чор сол аз он туман ба ӯ осебе нарасид, бо вуҷуди ин ҳамон ҳиссиёти фараҳдори ноустувори ҳаросолуд дар замири дилаш боқӣ монд. Аммо дар амал ҳеҷ ҳодисаи фавқулоддае рӯй надод, ба ҷои он ҳодисаи муқаррарие шуд. Як баҳор, вақте ки тумани тунук қад-қади дарё медавид, ба деҳаи онҳо мошини бисёр омад, ба дарди ҳар хона як мошин омад ва мардум кӯч бор карданд. Ҳама ба тараддуди кӯчбардориву кӯчборкунӣ бу-

данд вале Абулфайз маҳсиҳояшро напӯшида, дар лаби оташдон баҳузур чорзону менишаст.

– Раванд, ба ҳар ҷое ки хоҳанд раванд, ман аз ҷоям намеҷунбам.

Деҳа талотӯб, одамо серташвиш, молу ҳол дар кӯчаҳо парешон. Аз идораи колхоз ба хонаи Абулфайз ва аз хонаи Абулфайз ба идораи колхоз рафтуомад бисёр шуд. Намояндае ки ҳамроҳи қофилаи мошинҳо омада буд, рафта омад; роҳбарони колхоз рафта омаданд, одамони бообрӯю боэътибори деҳа рафта омаданд. Ҳар касе ки ояд, ӯро аввал саги зарди калони гӯшу думаш бурида бо ғуру фиш истиқбол мекард ва баъд Абулфайз баромада, сагро дар яккамехе, ки замоне аспи охуриро хунук мекард, бо занҷир баст, то ки ҳар дафъа хеста берун баромадану ояндаву равандагонро пешвоз гирифтан ва гуселонидан лозим нашавад:

– Бигузор, омада бемалол гапашонро гуфта, дилашонро хунук карда раванд.

Ояндаву равандагон, айбу эрод мегирифтанд, ки: акаи Абулфайз, шумо кӯдак барин якравӣ накунед; шумо одами баришу фаш, пасту баланди зиндагиро дидагӣ; охир, масъалаи кӯч кайҳо ҳал шуда буд; дар маҷлис худатон будед, розӣ шудед, даст бардоштед, акнун худро ба ҷамъият муқобил нагузоред, ба кори умум халал нарасонед, қатори ҳама боратонро бор кунед; охир, ҳамаи ҳаминҳо шумо барин одам! Ҳазл накунед ба ин хел корҳо, вайронӣ наандозед, оқибаташро фикр кунед!...

Аммо Абулфайз ба ҳамаи ин гапҳо кар буд. Вай бо поҳои луч дар лаби оташдон нишаста дам ба дам ба оташе, ки бе ин ҳам аланга зада месӯхт, ҳезум мепартофт, гӯё ҳама аламашро аз ҳезуму аз алов мегирифт:

– Намеравам, ба ҳеҷ куҷо намервам!

Тумани тунук давон ин дафъа дар сурати чангу ғубор гӯё аз хонаи дарё баромада, деҳаро печонда гирифт. Қисме аз хонаҳоро соҳибонаш вайрон карданд – болору васса, синҷу сутунҳояшро кашиданд. Як қисми хонаҳоро, ки ба вайрон кардан дасту дили соҳибонаш намерафт, трактор вайрон кард. чанги сафеди ғафс фазои деҳаро фаро гирифт ва оҳиста тарафи боғот мерафт. Аз байни анбӯҳи чанг ғурроси трактор мебаромад ва фармондори трактор аз се тараф ба бомгӯшаҳои хона Абулфайз трос мебаст.

Баъд ҳамсояҳо ёрӣ дода, зану фарзандони Абулфайзро ба мошин савор карданд. Аз ҳама охир худи Абулфайз савор

шуд. Як хас аз хонааш нагирифта савор шуд ва ҳангоме ки мошин аз гӯристони деҳа гузаро буд, Абулфайз фотиҳа хонда даст ба рӯ кашиду оби чашмонашро бо кафҳо пинҳон кард, ки ягон дӯсту душман набинад. Гиряи ӯро дида дили Расул ганда шуд ва оби чашмаш баромад. Ин аввалин гиряи ӯ ба ғами дигарон буд. Аз ҳамон вақт ин ҷониб, ҳар вақте ки туман хезад, ҳар вақте ки чангу анбӯҳи туманмонандро бинад, ҳамон манзара пеши назараш меояд: чанге ки тарафи боғот медавад, хонаҳои ободе, ки дар байн ду-се соат вайрон шуд ва як марди солими бақуввати соҳиби ришу буруте, ки ба қавли мардум, пушташ заминро надидааст, ба гӯристон нигариста оби чашм пок мекунад…

«Рафта Абулфайзро дидан даркор», гуфт худ ба худ Расул ва ин дам хар ба роҳи калон баромада аз як канораш мерафт. То вақте ки Абулфайз дар хонааш буд, Расул ҳар ҳафта ба аёдати бемор мерафт. Баъд ӯро ба касалхонаи шаҳр бурданд ва ӯ фурсат наёфт, ки касалбинӣ равад. Дар касалхона понздаҳ-бист рӯз нигоҳ доштанд ва дирӯз писараш рафта, ба мошин бор карда овард. Ҳоло вай дар хона, рӯи бистар мехобид. Мехобиду нафас гирифта наметавонист – ҳаво намерасид. Ҷонаш дар қафаси синааш тангӣ мекард. гулӯяш хушк буд,нафасгардон мешуд, зӯр мезад, ки нафас кашад, аммо нафасаш на берун мебаромад ва на дарун мерафт – ҳаво набуд дар хона. Ҳаворо Алиқул мефурӯхт. Дар як мошини ба мисли мошинҳое, ки карасин меоварданд, вале бисёр дарози резинӣ, ки аз ин сар то он сари кӯчаро банд кардааст, Алиқул дасту оринҷ барзада ҳаво мефурӯшад. Шлангаш якта, одами бисёре тӯда шуданд, Абулфайз андаруни тӯда мондааст, ҳарчанд дасту по зада, тела дода пеш меравад, ҳеҷ ба шланг наздик рафта наметавонад… Писарашро чеғ зад, вале овозаш набаромад… Писараш, як оҳани дарози тафсон ба даст, оҳани суп-сурх тафта, аз дур омад, пушти мошин гузашт ва бо як зарби задан ҷуволи резинро кафонад, ҳаво баромад ва ӯ нафас гирифт:

– Об!

Вақте ки Расул ба хона даромад, писари Абулфайз ба падараш оби лимӯ медод. Расул дар паҳлуи бемор нишаст. Абулфайз хушк шудааст, майдаяк шудааст ва Расул ба чашмаш бовар намекард, ки ҳамин як мушт пӯсту устухон ҳамон Абулфайзи ҳузарб аст, ки як огард ҷуфташ баробари се огард ҷуфти дигарон меомад. Як моҳ пеш аз ин ҳам ин хел

харобу абгор набуд. Дар байни як моҳ одам ба ин дараҷа дигар мешудааст.

– Духтурҳо чӣ гуфтанд?

– Дарди ман бедаво, – ҷавоб дод Абулфайз ва кӯшиш мекард, ки ҷавобаш оҳанги бардамӣ дошта бошад, вале маълум буд, ки ҳаракате дар баданаш намондааст.

– Даво ҳаст, – гуфт писараш, – лекин ин кас розӣ нашуданд. Ба ҷарроҳӣ розӣ нашуданд.

Духтур чанд рӯз тафтиш кард, муоина кард, санҷид ва хулоса баровард, ки ғайр аз ҷарроҳӣ илоҷи дигар нест. Лекин Абулфайз розӣ нашуд. Тоқати ҷарроҳӣ надорам, гуфт; ман умрама дидагӣ, гуфт; ин тараф ҳар чӣ шавад, аз пешонӣ, гуфт ва ҳоло писараш гилаомез ба падараш шунавонида, ба Расул гуфт:

– Беҳуда розӣ нашуданд. Ҷарроҳӣ мекарданд, аҳволашон беҳтар мешуд, ин қадар азоб намекашиданд.

– Хайр, ҷарроҳӣ мекардам, боз чанд сол умр медидам?

– Духтурҳо гуфтанд, ки боз даҳ-дувоздаҳ сол саломат мегарданд, - ҷавоб дод писараш ва аз гапи дурӯғ худаш шарм дошт, чунки духтур гуфта буд, ки мӯсафед саратон шудааст, ҷарроҳӣ як ду сол фоида мерасонад.

– Э, даҳ соли дигар рӯи ҳамон Алиқулро надиданам беҳтар, - гуфт Абулфайз бо нимханда.

Расул хайру хуш карда, аз ҳавлии Абулфайз баромад. Дар деҳа мардум байни худ навбат тақсим мекарданд – навбати тӯй ва навбати говро буқа мондан. Бинобар ин ҳавлии Файзии ҳофиз дарову барои зиёде дошт. Одамон омада аз Файзӣ қавл мегирифтанд, ки кай вақти холӣ дорад, то ки рӯзи тӯйро ба ҳамон вақт мувофиқ кунанд. Онҳо омада фаҳмида мерафтанд, ки модговро кадом вақт биёранду буқа монанд. Онҳо шартнома мебастанд, ки Файзӣ барои хизмати якшаба чанд сӯм музд мегирад ва музди буқаи зотии Алиқул, ки дар ҳавлии ӯст, барои як модагов ва як бор буқа мондан чанд сӯм аст. Онҳо меомаданду навбаташонро муайян карда мерафтанд. Шобибӣ низ навбат гирифта буд.

– Фардо баъди нисфи рӯз навбати мо, – гуфт вай ба Расул. – Шумо барвақттар биёеду говро баред, набошад, қисир мемонад.

– Қисир монад, мондан гирад, – гуфт Расул ва ҷомаашро кашида бо иддио лӯнда карда, ба кунҷи хона партофт. – Ман аз дидори Алиқул ҳам безору аз буқааш ҳам.

## VII

– Дар ҳамин гармо арақ мехӯрем? – гуфт директори зводи пахта, вале пиёлаи пурро аз дасти Файзӣ гирифт.

Меҳмонон рӯи кӯрпачаҳои дуқабата ба болиштҳо такя карда, баҳузур менишастанд ва нозу неъмати дастархони васеи дароз аз хӯрдани онҳо зиёд мешуду кам не – ҳарчанд бештар хӯранд, ҳамон қадар зиёдтар хӯрданиву ошомиданию газак меомад.

– Гармиро гармӣ мебурад, – луқма партофт мудири базаи ҷамъияти матлубот.

Онҳо барои чоштхӯрӣ як соат вақт доштанд, вале аз соати дувоздаҳ то соати шонздаҳ дар болохонаи салқини Аліқул нишаста, хӯрданду нӯшиданд, видеомагнитофон тамошо карданд ва маслиҳатро пухтанд, ки имсол аз колхози «Шафақ» дар пахтачинӣ кӣ пешқадам мешавад.

Баъд Алиқул ба мошини меҳмонҳо савор шуда, ҳамроҳи ҳамонҳо рафт. Дастархон ноғундошта, кӯрпачаҳо ғиҷидаву маҷак, болштҳо дуқату сеқат, косаву табақҳо пуру нимпуру холӣ, меваҳо пораву пӯст кандагиву газидагӣ… Сунбул ғуну чинро аз ҳамин хона сар кард. Аз сарқутҳо ду сатили сирдор пур шуд ва сатилҳоро вай бурда дар охури калони тунука, ки Алиқул аз кадом сохтмоне ба тариқи ошноӣ оварда буд, оҳиста чапа кард. Буқа то ҳамин рӯзако дар ҳавлии Файзӣ меистод, вале ду рӯз пеш Файзӣ як даста ҷавонмардонро ҷеғ зада, зиёфат дода, бо ёрии онҳо ба ҳавлии Алиқул овард, чунки худаш ба фестивали «Бӯстон»-и район, аз он ҷо ба вилоят ва аз он ҷо ба республика рафтанӣ буд ва дар ҳавлӣ дигар одами калон набуд, ки буқаро нигоҳубин кунад. Кӯдакон аз надик шудан ба ин «деви сиёҳ» матарсиданд ва Сунбул ҳам метарсид, ҳарчанд ки буқа занҷирбанд аст ва ҳоло Алиқул дар тараддуд буд, ки барои он оғиле аз панҷараҳои оҳанин созад. Вақте ки Сунбул сатилҳоро ба охур чаппа мекард, буқа фукашро тарафи ӯ гардонид ва аз ҳайбаташ поҳои Сунбул бемадор шуд, зонувонаш ларзид: «чашмонашро хун гирифтааст. Хунталаб шудааст ин ҳайвон!»

Сунбул зуд ақиб гашт ва ба ақибаш нигоҳ накарда, саросемаву ноустуворона боз ба ҳамон болохона баромад. Гӯштҳои дастнарасида ва меваи бутунро дар яхдон монд. Кӯрпачаҳоро берун бароварда афшонд, болштҳоро зада-зада ба ҳолати аваллааш оварда, дар таҳмон гузошт ва ҳама ин муддат чашмони

бадвоҳимаи буқа аз пеши назараш дур намешуд: «Алиқул бисёр арақ хӯрад, чашмонашро ҳамин хел хун мегирад!» Ба дили Сунбул ваҳме даромад, ваҳме ки сабабашро ҳам медонист ва ҳам намедонист. Гиряаш омад ва бисёр мехост, ки як одам ҳамроҳаш бошад, вале дар ин ҳавлии калон, ки ҳар хонаашро бо ҳар ранг оро дода гулпартоиҳо кардаанд, алҳол танҳо буд. Вай барои он ки гиря накунад, худро ба ҳар кор андармон медошт, лекин гиреҳи дилаш ҳеҷ кушода намешуд.

Сунбул баъди шустани дегу табақ, баъди рӯфтани хонаву рӯи ҳавлӣ, баъди тоза кардани охури гӯсфандҳо, баъди шустани девори сементин ҳавзча, дар айвон рост истода, дудаста мӯи сарашро «шона» зад ва барои он ки афти буқаро набинад, ба дарахтҳои рӯи ҳавлӣ нигарист ва ниҳоли хушкро дид. Дилаш фушурда шуд, дард кард: чӣ қадар азобҳо овард ин ниҳол ба сари вай. Аслаш, бе ин ниҳол ҳам доим ғуру фиши Алиқул буд, доим ӯро азоб медод, доим таъна мезад, ки ту безурёт, ту ҳаёти маро сӯхтӣ, аз барои ту ман аз ин дунё беному нишон меравам, вале ҳеҷ вақт аз хона барою рав нагуфта буд; гоҳ-гоҳе меҳрубон ҳам мешуд, дилдорӣ медод, ки бисёр ғам нахӯр, қисматамон чунин будааст, корҳои дунё ҳамин хел, ки аз як тараф диҳад, аз тарафи дигар мегирад. Вай ба духтурҳо нишон дод ӯро, ба табибҳо нишон дод, ҳатто пеши мулло бурд. Ҳа, вай ба тарзу тариқи худ дӯст медорад ӯро. Сунбул ҳам дӯст медошт вайро, аз афти кор, ҳоло ҳам дӯст медорад, ки дил канда наметавонад. Пас аз ниҳолшинонии Расулу маслиҳати ӯ, пас аз хушк шудани ниҳоли Алиқул ва пас аз он ки ин воқиа дар байни мардум овоза шуд – овоза шуд, ки Сунбул не, Алиқул безурёт будааст, вай тамоман сангдил гашт. Сунбул ҳоло ғайри он ниҳол чизи дигареро намедид. Ниҳоли хушк, ки пӯстлохи танаш ҷо-ҷо кафидааст ва панҷ шаш навдае, ки ягон барг надорад. Муғчаҳое ки як вақтҳо майли шукуфтану гул шудан доштанд ва аз диданаш дили кас ҳам гул мекард, ҳавасаш меомад, чашм нур мегирифт, акнун мисли сабзаи наврустае, ки аз об бебаҳра бошад, дар ҳамон ҳолати нимдунбулӣ хушкидааст. Ҳамин вақт аз куҷо зоғе пайдо шуд ва дар шохи хушки ниҳоли хушкида нишаста, гӯё ҳаросе дар дил дошта бошад, бо ҳавлу саросема ба чор тараф сар тофта нигоҳҳои ваҳмолуд партофт ва қар-қар… кард… Ниҳоли хушк, зоғи сиёҳ ва садои қар-қар.. Қар-қар!.. Ниҳоли хушк..

Сунбул дасташро алвонҷ дода, хаму рост шуд, худе ки аз замин санг ва ё кулӯхе гирифта, зоғро мезада бошад:

– Дафъ шав-е, шумнафас!

Баъд гиря кард. Сари по нишаста, рӯяшро ба кафи ду досташ монда гиря кард ва ҳама ҷо торик шуд. Тип-торик ва фақат ниҳоли хушку қар-қари зоғи шумхабар, ки ҳар ду ҳам ба вуҷуди ӯ фишор меоварданд, дилашро мушт карда озор медоданд. Оби чашмаш мерехту мерехт, парраҳои биниро мешуст, болои лабонаш мефаромад ва даҳонашро шӯр мекард. Вақте ки аз ҷо хест, оби чашм ғами дилро шуста буд ва ниҳоли хушк бо решаҳои фарсудааш дуртар аз ӯ рӯи сабзаи навруста, чун як чӯби тасодуфан афтода, меистод; зоғ набуд, гӯё умуман вуҷуд надошт ва нури офтоб чашмро мебурд. Сунбул ба ҷои холии ниҳоли кандааш нигоҳ кард ва аранге садои ношиносе ба гӯшаш расид, ки «шумнафас, шумнафас» - гӯён такрор мешуд ва ин акси садои худаш буд ва дар айни замон овози ношиносе ба гӯш мерасид, ки давон-давон омаду ниҳолро аз решааш канда партофт. Канда партофт! Ва худро сабук ҳис кард, дилаш равшан шуд, равшан шуд ба монанди дили кӯдак ки дар як лаҳза ҳам гириставу ҳам беғамона хандида метавонад… Вай сабук роҳ мегашт, барои роҳ рафтан қуввае сарф намекард; вайро поҳояш ва боз як қувваи номаълуме, қувваи осмоние ба кӯча баровард. Вай мехост, ки ба хона дарояд: ба хона дарояду ба кору бори беоғозу беанҷоми рӯзгор машғул шавад – дар ин ҳавлӣ ҳама шароит муҳайё бояд бошад, то ки меҳмоне ва ё як гурӯҳ меҳмонҳо биёянд, норасоие ба чашм нарасад ва ягон чизро ҷустуҷӯ кардану аз ҳамсояҳо пурсидан лозим наояд.

Алиқул аз ҳамсоя чиз пурсиданро бад мебинад. Бояд ҳама чиз аз хонаи худаш барояд. Барои ҳамин фақат аз табақи тунука сесадто оварда мондааст, ки маъракае шавад, аз касе табақ напурсад. Чойнику пиёла ҳам қутӣ-қутӣ. Худо паноҳ диҳад аз он рӯзе ки вай чизе талаб кунаду Сунбул ҳамон замон бароварда надиҳад. Не, не, ҳамааш бояд ҳамеша тайёр бошад, ҳама чиз ҳамеша аз хонаи худашон барояд, дар акси ҳол Алиқул Алиқул нест! Дилаш чунин мегуфт, дилаш кашоли кори хона буд, вале поҳо ӯро тарафи кӯча кашола карданд, сабук-сабук мерафтанд. Вай вазн надошт, шарфаи пояш намебаромад, худаш роҳ намегашт, ӯро ҳавои насиме ба ҳаво бардошта мебурд, ҳарчанд ки боде намевазид, ҳарчанд ки ҳаво серғубор, дам ва гарм буд. Вай ба куҷо рафтанашро намедонист, дар айни замон медонист, ки тарафи идораи колхоз меравад; намедонист, ки барои чӣ, пеши кӣ меравад ва дар айни замон медонист, ки ба суроғи Фозила баромадааст. Фозила девор сафед мекард, дурустараш,

ба як гурӯҳ одамон, ки қад-қади роҳи калон, сатилҳо ба даст, ходаҳо сари китф ва дорупошак ба тахтапушт бастагӣ, девори иморат ва ҳотаҳои тарафи роҳро сафед мекунанд, роҳбар буду тартиби корро нишон медод. Вай бо таъҷил аз ин тараф ба он тараф мерафт, аз он тараф ба ин тараф меомад, оҳак меҷӯлонд... Ҳамон рӯзҳо маъракаи «маданияти деҳот» мегузашт. Ҳамин хел маърака эълон карда буданд: моҳи маданияти деҳот! Дар давоми ҳамин моҳ маданияти деҳаро бояд баланд мебардоштанд ва комисияҳо тафтиш мекарданд, ки иҷрояш читуст. Як ҳайати комиссия аз ҳамин роҳ мегузашт. Ин хабар ба раиси колхоз расид ва ӯ фавран ҳамин дастаро ташкил карда, бо сардори Фозила ба кор фиристонид, ки то омадани комиссия ба анҷом расонанд.

Сунбул бо ҳамон сабукие ки меомад, ба кори онҳо ширик шуд: оҳаки як дегир калонро ҷӯлондан гирифт, ба сатилҳо оби оҳак андохтан гирифт, сатилро бурда дар таҳи девор мондан гирифт ва оқибат бо Фозила ҳамгап шуд. Гуфт, ки: «умедам ба шумо, Алиқулро як насиҳат кунед». Ҳамин гапро гуфту дар бало монд. Фозила ҳезуми хушк барин дар гирифт. Аслаш ба вағӣ даргирифтан тайёр буд. Кайҳо боз, аз ҳамон лаҳзае ки Сабур ба шипанг омад ва аз номи раис гуфт, ки одам ёбаду деворҳои роҳрӯяи деҳаро сафед кунад, тайёр буд, ки маддаи дилашро ба сари касе кафонад. Мавриди деворсафедкунӣ набуд охир ҳамин маврид барои кори пахта дасти кор намерасид, барои хишова вақт намерасид, лекин ту одам ёбу ба иҷрои кори дигар рав; ба коре рав, ки ҳар вақт кардан мумкин. Наход ки ҳамин як чизи оддиро фаҳмидан ҳамин қадар душвор бошад? Сабур ҳам ба фикри ӯ розӣ шуд, вале гуфт, ки ин масъала нозук ва таъхирнопазир аст, бинобар ин биёед, баҳс карда нашинему аз паи кор шавем, ки ба шаъни колхоз гап нарасад. Алам дар дили Фозила ғунча шуда меистод, мадда карда буд ва як даҳон сухани Сунбул онро кафонд. Фозила мӯйҳои фатилаи аз арақ тарашро панҷа зад, ба ваҷд ва эҳтирос омад: «одам як умр ба умеди насиҳати дигарон зиндагӣ, карда метавонад? Магар ин мумкин аст? Магар ту фикри мустақил надорӣ?» Баъд ба ҳамин шаст гуфтан гирифту гуфтан гирифт. Гуфт, ки ту, зане ки дар давру замони мо калон шудаӣ, медонӣ, ки озодӣ чист? Боре фикр кардаӣ, ки озодӣ, умуман, ва озодии занон хусусан, чӣ маънӣ дорад? Надонӣ дониста мон, ки ин озодӣ осон-осон ба даст наомадааст, ин нони тайёри Алиқул нест, ки худо медонад, бо чӣ роҳҳо ёфтаасту ту пухта ба меҳмонон медиҳӣ;

куртаҳои рангоранг нест, ки ту мепӯшиву намедонӣ аз куҷо омадааст?! Фаҳмидӣ?! Барои он ки зан озод шавад, занҳо ҷон нисор кардаанд, сар барбод додаанд! Як сол не, сад сол мубориза бурданд. Барои озод гап задан, барои озод гаштан, барои озод кор кардан мубориза бурдаанд. Барои ту ҳама шароит муҳайё, ба ту ғайр аз ҳуқуқи ғуломӣ, дигар ҳама ҳуқуқҳоро доданд, ту бошӣ зиндагии шахси худатро ӯҳда карда наметавонӣ! Ту мехоҳӣ, ки ҳамаи коратро дигарон кунанд, дигарон нон хоида ба даҳонат монанд, дигарон аз номи ту гап зананд, дигарон ба шавҳарат гӯянд, ки Сунбулро азоб надеҳ, Сунбулро эҳтиром бикун, Сунбулро оғӯш бикун… ва боз иборае илова кард, ки Сунбул бо кафи ҳар ду даст чашму рӯяшро пинҳон намуд – вай шарми ба рӯяш давидаро пинҳон кард – ин занак чунон бепарда гап мезанад, ки замин намекафад, ки даройӣ! Вай, Сунбул, дар ҳамон ҳолтае ки бо кафи ду даст рӯяшро пинҳон кард, ноустувор қадам монда аз Фозила дур шуд, дур рафт, поҳош сурб рехтагӣ барин вазнин буд. Вақте ки ба худ омад, дар таги дарвозаи Расули Якзарб рост меистод ва Шобибӣ ӯро дилбардорӣ мекард;

– Бисёр худатро азоб нате, ҷони ҷавонатро хазон накун. Зиндагӣ пасту баланд дорад, баду нек дорад… Одам ба умед зиндагӣ мекунад.

– Ҳама умедам барбод рафт, дигар умед нест, - гуфт гиряолуд Сунбул – Тоқатам нест. Даромада наметавонам ба ин хона…

Ва Сунбул дигар ба хонаи Алиқул барнагашт.

Сар додани зан аз тарафи мард дар деҳа воқеъ гардида буд, дида буданду медонистанд ва айб ҳисоб намешуд, балки ба қатори корҳои муқаррари рӯзгор медаромад, ҳарчанд ки он мард эътибори собиқашро гум мекард – номаш доғдор мемонд, ки чароғи оиларо фурӯзон нигоҳ дошта натавонист. Вале чунин ҳодиса, ки зан шавҳарашро партофта равад, бори аввал воқеъ гардид ва бинобар ин чунон айбе буд, ки кори айб аз он зиёдтар намешавад. Файзии ҳофиз, вақте ки ба ҳавлии Алиқул мерафт, аз ҳамин хусус фикр мекард ва пеши хаёли назар Алиқулро сарпасту зери бори шармандагӣ афтодаву пажмурда медид ва раҳораҳ худ ба худ меандешид, ки чӣ суханҳои таскинбахше ба ӯ гӯяд, чӣ гуна тасаллояш бидиҳад. Ҳангоме ки ба ҳавлӣ даромад, Алиқул дар айвон сари миз нишаста буд ва арақ мехӯрд. Файзӣ дами рӯбарӯи ӯ нишастан бо гӯшаи чашм дид, ки ҳоҷати тасалло додан нест. Алиқул хеле хурсанд мена-

муд ва ҳаяҷонашро пинҳон медошт, ҳарчанд ки аз даст соидану зуд-зуд хеста нишастанаш маълум буд, ки изтироб азобаш медиҳад. Вай як бор хеста рафту ручкаи ғафси фулузие овард, ки бо шаш ранг менавишт; бори дигар хеста рафту дафтари ғафсе овард; боз рафту омад, боз рафту омад: як шиша арақ овард, пиёлаи балғамӣ овард, як коса қайла овард.

– Аввалин аст ин хел ҳодиса дар деҳаи мо, – гуфт Алиқул ва сари шишаро бо даҳон кушод. – Хай, ҳеҷ гап не, ман дар ҳар кор аввалин будам, ин ҳодиса ҳам аввал ба сари ман омад. Аввалин телевизори рангаро кӣ овард, ман! Аввалин буқаи зотиро кӣ овард, ман!

Дар мактаб вай аввалин талабае буд, ки барои донишаш не, балки ба хотири падараш баҳои аъло мемонданд. Баъд, ба мурури замон, ин хел корҳо бисёр шуд, вале ӯ аввалин буд. Аз ҷавонони деҳа вай аввалин касест, ки ба хизмати ҳарбӣ нарафт – падараш ба воситаи ошнобозӣ нигоҳ дошт ва бо ҳамон роҳ ҳуҷҷат гирифта дод, ки ӯ дардманд аст, аз ӯҳдаи хизмат намебарояд. Баъд ин хел корҳо ҳам авҷ гирифт, лекин вай аввалин буд. Аввалин касе ки ришваи андаке доду ҷои гарм ва даромади зиёди бедардимиён гирифт вай буд ва баъд чунин рафторҳо бисёр шуд…

Алиқул ба пиёлаҳо пур-пур арақ рехт.

– Ин кори душманони ман. Душманҳо карданд, лекин ман кӣ буданамро ба онҳо нишон медиҳам. Хай, нӯшидем. Сари дӯстон баланду сари душманон паст шавад.

– Дӯстон тоҷи сар, душманон зери по, – тақвият дод Файзӣ.

– Ман назаркардаи ҳақ, – лоф зад Алиқул. – Ҳар кас ба ман қасд кунад, қасдаш паст мешавад. Худо мезанад. Раиси исполком барин, муффатиши.. ҳо, омада буд-ку![1]

Файзӣ сари тасдиқ ҷунбонд.

– Ман хоҳам, - гапашро давом дод Алиқул. – Сунбула худи падараш оварда дар хона мемонад. Аз дастам меояд… Вая Расули харбоз бебода кард. Бад одам вай.

– Хоҳед, метавонед – гуфт Файзӣ.

– Ман аввалин будам, аввалин мемонам, - такрор кард Алиқул ва лабашро лесид. – Ман ба инҳо нишон додагӣ, боз нишон медиҳам.

[1] Раиси комитети иҷроияи халқии район дар фалокати роҳ маҷрӯҳ шуд, муфаттиш сактаи дил буд.

Файзӣ «ҳа, ҳу» гӯён гапи ӯро тасдиқ мекард ва аз дил мегузаронд, ки «кори ман ақиб монд», вале аз ин хусус гап кушоданро эб намедид. Аз ин хусус худи Алиқул гап кушод:

– Тӯй кори хайр аст. Тӯи туро ақибмон намекунем. Дар стадион мегузаронем. Чӣ гуфтӣ?

- Обрӯи мо, обрӯи шумо, чӣ ҳам мегуфтем?!

- Ин аввалин тӯй дар стадион мешавад.

Аввалин будан кори душвор аст, ҳатто дар чунин рафтори баифрот монанди тӯй додан дар стадион. Душвориаш ҳангоми маслиҳатошӣ маълум шуд. Маълум шуд, ки ҳама одамони номдори водӣ, ҳама овозхонҳои машҳури водӣ, ҳама раққосаҳои овозадори водӣ дар ин ё он тӯй банд буданд.

– Не, инҳоро даъват намекунем, – гуфт Алиқул ба Файзӣ. – Мо одамҳоеро даъват мекунем, ки мардум номи онҳоро шунида, даҳонашон яла монад. Ягон кас аз республикаи дигар ҳофизу раққоса овардааст? Не! Мо мебиёрем. Ба тӯи ягон кас генерал омадааст? Не! Мо мебиёрем!..

Дар дунё чӣ бисёр, одами муқаллид! Онҳо, масалан, баҳсмабаҳс шаҳр ба шаҳр суроғ карда мегаштанд, ки ягон одами машҳур ёбанд ва он одами машҳуре, ки ба тӯяшон соқӣ мешавад, бояд аз соқии тӯе, ки то ҳол мардум таъриф мекунанд, обрӯву эътибори зиёдтаре дошта бошад. Тӯй як орзушиканӣ, як воситаи дастҷамъиву ҳамраъии одамон буд, ба як воситаи мусобиқаи бемаънии кӣ аз кӣ мегузаронад, кӣ ҳамаро ба ҳайрат меандозад; як воситаи низоу гапгузарони зоҳириву ботинии одамон, як дарди бедармони одамони ҳалол шуд ва гӯё дар ҷаҳон дигар шуғле намонд барои нишон додани ҳунару мавқеу мақом; ҷои ҳамаашро тӯй гирифт ва Алиқул аз тарафи Файзӣ ба идораҳои маъмурии район муроҷиат кард:

– Иҷозат диҳед. Тӯйро дар стадион гузаронем…

«Ба вай стадион даркор будааст?! Стадион даркор будааст?!» Фозила тамоми роҳ, аз шипанги бригада то идораи колхоз, ҳамин ҷумларо такрор кард. Дар дилаш такрор кард, пичиросзанон такрор кард, бо овози баланд такрор кард ва аз дари кабинети котиби ташкилоти партия даромада буд, ки боз ҳамин ҷумла аз даҳонаш баромад:

– Ба вай стадион даркор будааст?!

– Ба кӣ, барои чӣ?

– Ба Алиқул. Ба Файзӣ. Дигар ҷоҳо танг будааст, стадион мехостааст дилашон!

Сабур фаҳмид, ки Фозила чиро дар назар дорад. Вай лабханде кард, курсиашро андаке қафо кашида, аз ҷояш хест ва барои вохӯрӣ даст дароз намуд.

– Сиҳат-саломат ҳастӣ? Биё, биё бинишин. Ин овоза ба гӯши ту ҳам расид?

– Одамон шарму ҳаёро фаромӯш кардаанд. Наход касе лаҷоми онҳоро кашида натавонад?

– Ҳама не, якта-нимтаҳо.

Фозила дар курсии паси миз нишаст, рӯймолашро аз сараш гирифт, чорқат карда рӯи зонуяш монд.

– Лаҷоми ҳамин якта-нимтаҳоро кӣ бояд кашад?

– Мову шумо, фаъолони колхоз, сардорони деҳа, мӯсафедони кордида.

– Номгӯ бисёр, вале кори аниқе нест. Роҳи онҳо баста не, баракс кушода. Кор ба ҷое расидааст, ки дилашон стадион кашидааст! Медонед, сабабаш чӣ! Сабабаш ҳамин ки шумо ҳам ба ин корҳо шарик, ҳамин хел рафторҳоро тарафдорӣ мекунед. Ана сабабаш!

Сабур чашмони сиёҳи калон-калонашро аз коғази пешаш канда, бо ҳайрат ба Фозила нигарист. Рӯи сафеди базебаш ранг бадал кард – хуни лабону парраҳои биниаш гурехт ва нармаи гӯшҳояш сурх шуд. Вай даҳон кушод, ки ҷавобе гӯяд, вале Фозила фурсати гап задан надод:

– Не, нагӯед, шумо ҳам шарик.

– Ту фикр карда гап занӣ, беҳтар мешавад.

– Ман бисёр фикр кардам дар ин хусусҳо. Ҳоло биёед якҷоя фикр кунем. Дар хотиратон бошад, мо се сол маъсала мегузорем, ки дар назди шипанги бригада як душ созем. Душ бо оби гарму хунукаш. Вале ҳамеша ақиб мепартоетон, ки маблағ нест. Масолеҳ нест. Дуруст мегӯям? Лекин шумо боре фикр кардед, ки Алиқулу Файзӣ ин қадар маблағу масолеҳро аз куҷо ёфтанд? Чанд сӯм маош мегиранд? Фақат тахтае ки барои мизу курсии шаби тӯй тайёр кардаанд, ба якта не, ба панҷоҳ душ мерасад. Онҳо ҳамаи инро ёфта тавонистанд, пас чаро колхоз иқтидор надорад, ки панҷяки он, ё шашяки онро ёбад? Канӣ, ба ман гӯед, чаро аз дасти, масалан Алиқул, аз дасти як одами кору вазифааш номаълум, ҳама кор меояду правленияи колхоз барин ташкилоте, ки ҳам хоҷагии калон дорад, ҳам мутахассисони бомаълумот, барои сохтани як душ дасташ кӯтоҳ?

– Ту чанд маъсаларо якҷоя кардӣ, ҳар кадомаш ба ҷои худаш, бо сабабу натиҷаҳои худаш. Алиқул як қаллобу ҷаллоб.

Файзӣ ҳофизи тӯйгард, колхоз аз касааш ба онҳо пул надодааст, ин як. Баъд, ман дар кори онҳо миёнарав нестам, чаро ман шарики вай бошам? Маънии гапи гуфтаатро мефаҳмӣ? Одам гапаша баркашида мегӯяд!

– Саросема нашавед, ҳамааш баркашидагӣ! Худатон гуфтед, ки Алиқул қаллоб, ҷаллоб, Файзӣ ҳофизи туйгард. Пас чаро онҳо ин қадар азизу авлиё дар назди шумо? Чаро ин қадар эрка кардаед, ҳа, гӯянд, ма, мегӯед? Барои чӣ дасти онҳоро нигоҳ намедоред? Барои чӣ рафта сари дастархонаш менишинед, нӯшбод мегӯед, таъриф мекунед? Барои чӣ дар ҳузураш таъриф мекунеду дар ғайбаш қаллоб мегӯяд? Чаро дар рӯяш, дар байни мардум бо овози баланд намегӯед, ки нони онҳо ҳаром, нахӯред наонашонро! Магар ҳамаи инҳо ҳамин маъно надорад, ки шумо рафтору кирдори онҳоро дастгирӣ мекунед, хомӯшона тарафдор ҳастед? Шарик будан боз чӣ хел мешавад? Шарик будан боз шоху дум дорад? Баъд, вай он ҳама номаъқулиашро танҳо мекунад? Не, танҳо намекунад! Шарик дорад, шарикони ҳаромхӯр, шарикони дузд, шарикони… боз намедонам чихела…

Сабур арақ кард. Аз гармии ҳаво не – бодбез муттасил кор мекард, - аз гармии нафас ва ҳарорати сухани Фозила арақ кард.

Ҳаққи гапро мегӯяд Фозила. Лекин ҳамчун мушоҳидагар мегӯяд. Сабур ҳам дар аввалҳо – вақтҳое ки дар даруни кор набуд, гумон мекард, ки ҳалли ин масъалаҳо осон аст. Ва вақте, ки ба сари кор омад, аввал ба ислоҳаш машғул шуд. Ба раиси калон гуфт, ки баъзе мутахассисон, масалан Алиқул, вазифаашонро иҷро намекунанд. На танҳо иҷро намекунанд, балки вазифаашонро аниқ намедонанд. Ва ин қабил коргарон ба ҷавонон ибрати бад мешаванд. Мабод рӯзе, ки ҳама ба онҳо тақлид кунанд – он вақт ахлоқ ҳам вайрон мешаваду хоҷагӣ ҳам. Дафъаи якуми ин гапро бароварданаш раиси калон ором гӯш кард, вале ҷавобе надод. Дафъаи дуюм то охир гӯш накард – ба дигар тараф гардонд гапа. Бори охирин Сабур сахт омад, ки «намедонам барои чӣ нигоҳ медоред ӯро». Вай рӯ турш кард:

– Масалан, ҳамин рӯз се тонна пахта даркор мешавад, шумо ёфта метавонед?

– Дар хирман бошад, меёбам.

– Дар хирман набошад, чӣ?

– Набошад аз куҷо меёбам?

– Ана дидед, Алиқул меёбад!..

Сабур донист, ки фикрашро ба раиси калон маъқул кунонида наметавонад. Ба дигар ҷо муроҷиат кардан даркор. Ва ӯ ба Он кас муроҷиат кард. «Дар колхози мо кор ба ҷое расидааст, ки, – гуфт ба ӯ, - агар касе вазифаи ӯҳдаашро иҷро кунад, сифаташро дар маҷлисҳо мегӯянд. Ин нишонаи хуб нест. Балки нишонаи он аст, ки бекорӣ ба ҳукми одат медарояд». «Шумо ислоҳ кунед, – ҷавоб дод Он кас. – Шуморо барои чӣ интихоб кардand!!»

– Албатта танҳо не, – бо алам ҷавоб дод Сабур. – Душвории кор ҳам дар ҳамин ки, вай танҳо не. Лекин шарикаш ман не, ин гапро фикр накарда гуфтӣ.

– Не, ман фикр карда гуфтам. Боз мегӯям, ки дидаву донистa муросо кардан, ё дида худро нодид вонамуд кардан аз шарик будан фарқи казоӣ надорад. Балки чунин маъно дорад, ки «ҳар номаъқулие ки аз дастат ояд, карда гаштан гир, ман тарафдори ту».

– Ба ихтиёри ман мебуд, ин корҳоро дар як ҳафта-даҳ рӯз ба тартиб медаровардам. Вале ихтиёраш ба дасти ман нест. Корҳои ҷаҳон дар назар осон менамояд, ба назари тамошобин. Дар асл осон нест, сахт душвор аст. Зинаву зинапояаш бисёр.

– Кори осон нест дар ҷаҳон. Ҳамаи кор, агар ҳалол кор кунед, душвор. Вақте ки иҷрои як корро ба гардан мегиред, ё ба душворӣ тан дода, ҳамон корро ҳалол ба субут расондан даркор, ё мардона эътироф кардан, ки ман аз ӯҳдаи ин кор намебароям. Дигар сабабҳову далелҳое, ки барои сафед кардани худ меоваранд, ҳамааш як баҳонаест. Баҳонаёбӣ кори осон. Дар дунё чӣ бисёр, баҳона.

Сабур ба фикр фурӯ рафт, ки чӣ ҷавоб гӯяд ва чӣ хел гӯяд, ки Фозила ба вай бовар кунад. Фозила фикр мекард, ки боз чӣ суханҳои талхе ёбад...

## VIII

Дар оғози сол мардум хурсанд буданд, ки кишти пахтаро барвақт анҷом доданд, ба муроди дилашон пунбадона нағз неш зад. Ҳама аз ҳамин бобат гап мезаданд – ҳам деҳқонҳо, ҳам роҳбарон, ҳам матбуот ва ҳам радиову телевизион.

Мушкилиҳо баъд сар шуд: вақте ки борон даркор буд, як қатра наборид, вале вақте ки даркор набуд, борид. Абрҳои боронӣ, ба қавли Набии Бакавул, дар куҷое ба ракетаҳо пешпо хӯрда роҳгум зада будааст, ки дар моҳи май расида омад, пай

дар пай омад ва борон бориду борид. Борони аввал, гуруснаи саросема барин якбора, сахт ҳуҷум кард ва замини сахт фурсати фурӯкашидан наёфт; оби борон рӯрӯи замин давиду шориду ҷӯ шуду канду бурд. Сипас, хок нам гирифт, обро ҷабид, сер шуд ва дигар фурӯ накашид; об кӯл шуд, дарё шуд ва замину замонро обул ой зер кад. Борон гоҳ сим-сим ва гоҳ шар-шар дам нагирифта борид, аз аввали моҳи май қариб то охири моҳи июн беист борид, гӯё таки осмон шикоф шуда бошад. Ин хелашро Расули Якзарб надидааст. Ҳар хел воқиаву ҳодисаро дид дар умраш – дид, ки вазифаҳои интихобӣ меросӣ шуданд; дид, ки беодобиро ғайрат гуфтанд; дид, ки доноро нодон ба бефаҳмӣ муттаҳам кард; дид, ки дурӯғгӯ маснаднишину ростгӯ беқадр шуд, вале ин хелашро надидааст, ки ба ҷои баҳор тобистон бошаду ба ҷои тобистон баҳор. Ҳамаи ин ҳарҷу марҷи обу ҳавои роҳгум кори деҳқонро душвор кард: кори якрӯзаи деҳқон се рӯз ва кори якмоҳааш се моҳ тӯл кашид. Техника занг зад, шикаст; ҷони деҳқон ба азоб монд, лабонаш парсин баст, аммо ҷони пахтаро харид, ниҳоли пахтаро аз коми бало – аз даҳони лой, аз дили сафолак кашида баровард, сабзонд, гул кунонд. Акнун дигар офате гӯё таҳдид намекард, акнун бо дили пур гаштан мумкин буд, ки ҳама он заҳмат барҳадар намеравад, вале одам дар чӣ хаёлӯ фалак дар чӣ хаёл? Гармое ки пахтаву пахтазор пазмонаш буданд, зуд ба дил зад. Ҳамин ки боронгарӣ ба охир расид, гармо сар шуд, якуякбора сар шуд; ҳокими мутлақи замину осмон шуд ин гармо ва наму насими шамолро макид, хушконид, нест кард. деҳқоне ки то дина «дар тобистон морон борад, беҳ аз борон» гӯён шикояту норизоӣ мекард, акнун аз дасти гармои тоқатфарсо бадод омад; безор шуд аз ин боду ҳаво деҳқон.

Фозила аз мошин фуромад, нанишаста рӯмолашро кушод, аз нав таранг баст ва як пиёла чои нимсардеро, ки қаровули шипанг дод, росторост бо як нафас ошомиду ба сари кор рафт. Аз замин ҳавр мебаромад, ҳаври дами танӯр барин: борони думоҳа куҷо рафт?

Ҳамон қадар нами аросот дар бадали чор-панҷ рӯз бухор шуд ва бухори анбӯҳе, ки аз рӯи замин дуд барин мехест, соат ба соат каму кам мешуд. Ҳама ин бухори анбӯҳ ба фазо рафт, бухори андак-андакаш низ ба фазо рафт, бухори ба чашм ноаёнаш ҳам ба фазо рафт ва бино ба қоидаҳои маъмули табиат ҳамаи он бухори рафта мебоист борон шуда, боз ба замин фуруд ояд, вале ин дафъа рафту наомад. Роҳи баргашти онро

гармо баст, решаашро хушк кард. Ба дараҷае хушконд, ки аз нафаси бодакои шабонаву насимакои дами субҳ ба машом серунӣ не, гармсел мерасид. Замини кишт, бо вуҷуди ба қадри кифоя пору доштан, дар як шаб сафолак баст ва нафасгирии ниҳоли пахта душвор шуду нафас гирифтани шӯраву заҳрпечаку аҷирик осон. Ин алафҳо решаи дароз давонида, ғизои ниҳолони пахтаро ҷабидаву хӯрда, қад ёзонида, худнамоӣ мекарданд. Колхозчиён, каландчаю сихмола ба даст, аз субҳи содиқ то сари шом, чун аскарони низомӣ дар ҷӯякҳо саф кашида, аз ин сари замин то ба он сари замин, аз он сари замин то ба ин сари замин бо сари хам, бо миёни хам, бо дасту пои доим дар ҳаракат сафолак мешикастанд, хоки бехи ниҳолҳоро мулоим мекарданд, шӯраку заҳрпечаку аҷирикро аз реша канда, дар ҳар ҷо-ҳар ҷо тӯб карда, сипас берун, сари вотҳо мебароварданд. Сарҳо, ба ваҷҳи доим хам будану дар офтоб тафсидан, гарангнамо ва гӯё карахт шуд. Миёнҳо аз ҳаму рост шуданҳои мунтазам ба дард омад. Аз тахтапушт то думғоза зириқ-зириқ дард мекард ва як даме коматро рост гирифта, баҳузур озод нафас кашидан, устухонҳоро шарақос занонида ҷо ба ҷо кардан ҳаловате дошт, ки ғайри деҳқон каси дигаре аз он баҳра набардоштааст. Кафи дастон, ки ҳанӯз аввали баҳор, ҳангоми ҷӯй кандану чим буридану ҳамвор кардани замини буни симчӯбҳову вотҳо обила зада, кафида, пӯст партофта, монанди пашизи моҳӣ сахт шуда буд, лаввас мезад; зонуҳо меларзид ва рагҳои по таранг шуда, ёзидану оромиданро орзу мекард. муборизаи доими Одам бо табиат давом дошт, чунон ки асрҳои аср вуҷуд доштааст, фақат фарқаш ҳамин ки собиқан олоти заҳмату мубориза оддитар буда, ҳоло мураккабтару пуриқтидортар шудааст; собиқан камтар ҳосил мегирифтанду қаноат мекарданд, ҳоло бисёртар ҳосил гирифтан мехоҳанд ва қонеъ нестанд.

– Якзарб, хона меравӣ, ё дар сарҳавз дам мегирем? – гуфт Набӣ ба Расул.

Онҳо шаб хоб накардаанд ва обдориашон баъди дамидани субҳ ҳам давом кард. фақат бахди тафсидани замин аз пал баромаданд – дар гармои рӯз пахтаро об диҳӣ, тафбод мезанад, гулаш мерезад ва ҳосилаш кам мешавад.

Расул ба Набӣ ҷавоб надод, саволи ӯро ҳам шунавид ва ҳам нашунавид. Танаш дар паҳлуи Набӣ қадам мезад, вале ҳушаш дар ҷои дигар буд. Хотираш мушавваш буд, ки садои чуғзро дар бедори шунид, ё дар хоб. Аввал садои чуғзро шу-

нид, аниқ шунавид, баъд андоми Алиқулро дид, ки Алиқул чуғз барин садо мебарорад.

Хобаш набурдааст, дар бедорӣ надидааст, чӣ ҳол аст ин? Ин ҳол қариби субҳ, дар поении пали пахта рӯй дод. Вай ба дастаи каланд такя карда, сарашро болои муштонаш монда дам гирифт, ва... пеши чашмонашро ғубор пахш кард. Ғубори сафедчаи тунук, ғубори тумани тунуки давони қади дарёи Оби Сафед. Тумани тунук лангар дода – лангар дода, сарҳои бешуморашро пеш бароварда, рӯдапоҳои бешумо-рашро кашидаву ёзонда уштулумкунон медавид, қад-қади об медавид ва Расул ҳам баробари тумани тунуки давом меда-виду медавид, ки овози чуғзро нашунавад, андоми Алиқулро набинад. Вале ҷои гурез набуд – садои шуми чуғз ба гӯшаш мерасид, андоми Алиқул аз пеши назараш дур намешуд. Ту-ман медавид, баробари туман Расул ҳам медавид, чуғз ба шаклу шамоили Аликул ӯро таъқиб мекард ва ӯ намедонист, ки аз дасти ин бало куҷо гурезад ва намедонист, ки давида куҷо меравад. Аз ҳамон дам, аз даме ки ин ҳодиса рӯй дод, табъи Расул хираву хотираш парешон шуд. Шумхабар аст ни ҷондор, дар вайрона пайдо мешавад ин ҷонвар! Ба дили вай сиёҳии маъшуме даромад – ягон воқиаи нохуш шуд ва ё ки мешавад. Дилаш ба ҳамин гувоҳӣ медиҳад. Чанд бор худро тасалло дод, ки «ғанабам бурдааст, гӯшам садо дод», вале сиёҳии дилаш бардошта нашуд. Пешомади нохуше, ки кас чӣ буданашро намедонад, аммо таҳлукааш ба дил даромадааст, рӯҳи ӯро карахт ва вуҷудашро ланҷ карда буд.

Вай ба ҷои ҷавоб аз Набӣ пурсид:

– Бакавул, ҳамин шаб, қарибиҳои субҳ, ба гӯшат ягон са-до расид?

– Не-ку. Чӣ буд?

– Ҳамту пурсидам.

Дар шипанг Расул ҷомаашро аз мехи сутун гирифту ба суфаи сарҳавз рафта дар сояи бедҳо, ки ба қавли Набӣ, аз халачӯбу говронаи муҳоҷирони аввалин сабзидааст, ба му-роди дил дароз кашид. Дар шипанг ва дар сарҳавз касе на-буд. Атроф низ хомӯшист, ҳатто садои парандаву хазанда намебарояд. Ҳамаи ҷондорҳо аз дами нафаси ҳавои тафсон гурехтанд – ба лаби дарё рафтаанд, ё ки зери хок даромада-анд. Одам дар соя ҳам арақ мекунанд. Аз замин ҳаври гарм, балки дуди маҳине мебарояд, ки сароб барин биҷир-биҷир мекунад, гӯё таги замини водиро сар то сар кофта, танӯр

кандаанд ва дар он танӯрҳои қатор, монанди танӯрҳои эшони Абдурозиқ, шабу рӯз беист кундаалав месӯзад. Ҳа, ёд дорад вай танӯрҳои эшони Абдурозиқро. Баҳори нахустини ба кори колхоз даромадани Расул буд.

Аслаш аъзои колхоз буд Расул, вале як муддат аз колхоз дур шуд. Ҳавои мустақилӣ ба сараш афтод ва орзуи пули нақди киса ба васваса андохту ба кори канал рафт. Набиву Султон ба ӯ ҳамроҳ шуданд. Дертар ҳавас шикасту ба колхоз баргашт.

– Дар ягон ҷо муқим шав, – гуфт падараш. – Одам бояд реша дошта бошад.

Расул ҳам «не» нагуфт. Рӯи хотири падар не, рӯи хотири духтари ҳамсояи Абулфайз «не» нагуфт. Ҳусну ҷамоли духтари ҳамсояи Абулфайз буд, ки дилашро рабуд, вале худи духтар хабаре аз сӯзи дили ӯ надошт.

Ҳамин хел вонамуд мекард Шобибӣ, бисёр устокорона вонамуд мекард, ки аз дарди дили Расул хабар надорад, ба омадану рафтанҳояш бепарвост. Ҳамин тавр бепарвонамо ба ҳавлии Расулино меомад, бо хоҳарони ӯ сӯҳбат мекард, ё яке аз онҳоро ҷеғ зада мебурд, вале дилаш мекашид, ки рӯи Расулро серӣ бинад, овозашро шунавад. Мехосту нигоҳ намекард, гӯё вай вуҷуд надошт, вале роҳгардиаш дигар мешуд – хиром пайдо мекард, қадаш меёзид, тахтапушташ ҳамвор мешуд, аз изтироб дам ба дам миллашро сари сина партофта мекушду мебофт, мекушоду мебофт. Расул фақат як бор, он ҳам дар дидори нахустин, бо ӯ чашм ба чашм шуд. Аз дарвоза мебаромад, ки бо ӯ рӯбарӯ омад ва онҳо «чашмбарак» карданд. Як лаҳза чашм ба чаш шуданд ва сурати ӯ дар дили Расул сика задагӣ барин нақш баст. Ба дилаш оташ афтод ва акнун рӯз мешуморид, ки кай рӯзи истироҳат фаро мерасад, ки вай ба деҳа баргардад, рӯю мӯи Шобибиро бинад, duздида-дуздида ба қаду қоматаш нигоҳ кунад, ёзидани пайкарашро бинад, ҳангоми мила кушодану мила бофтан дастонашро бинад.

Ҳамон баҳор, ба қавли Набӣ, кори колхоз бобарор омад. Аъзоёни хоҷагии коллективӣ нисбат ба солҳои гузашта аҳлона ва бо дили гарм ба кор мебаромаданд – ҷӯй тоза мекарданд, ҷӯи нав меканданд, замин ҳамвор мекарданд; патазореро сӯзонда ва ё ботлоқеро хушконда замини нав мекушоданд; роҳҳо ва хирманро ба тартиб меоварданд. Хулоса кор аз сар боло буд, вале касе заифнолӣ намекард. Ҳар субоҳ Набӣ сари кӯча баромада бо оҳандаста ба оҳани кӯҳнаи чархи мошин, ки

дар дарахти беди наврас бо сим овехтагӣ буд, панҷ-шаш бор мезад ва мардум садои занги онро шунида, ба ҷои кор мерафтанд ва қариби шом аз кор бармегаштанд. Ба кор рафтан, кор кардан ва аз кор баргаштани онҳо намуди мутантани сурурбахше дошт. Гӯё ҳар рӯзи кор Наврӯз буд ва мардум ҳар субҳ ба сайри иди Наврӯз мерафтанду бегоҳ шоду хуррам ба хонаҳошон бармегаштанд. Лекин дар рӯзи Наврӯз, дар рӯзе ки кори асосии деҳқонон – кишт сар мешуд, касе ба саҳро набаромад.

Набӣ бригадир буд он солҳо. Вай, чунон ки мебоист, сари субҳ ба сари кӯча баромад, чанд зарби мукаррариро зад, ки садои данг-данги он фазоро пур кард ва сипас наҳор хӯрда, ба саҳро рафт. Дар роҳ касеро надид ва гумон кард, ки ҳама рафтанду вай ақиб мондааст. Кори хуб нашудааст. Дар чунин рӯз вай мебоист пеш аз ҳама ҳозир мешуд. Ва ӯ калон-калону зуд-зуд қадам монд. Вале ба сари замин расида фаҳмид ки таъҷил карданаш ҳеҷ зарурате надоштааст. Дар он ҷо ғайр аз Расул каси дигар набуд.

Онҳо ба якдигар нигаристанд.

– Чӣ гап шуда бошад? – оҳиста, қариб пичирросзанон савол дод Набӣ. Ранги рӯи ӯ тағйир ёфт. Якбора хароб шуд, лунҷҳояш фурӯ рафтанд. Ва ӯ ба роҳ нигоҳ кард. Касе наменамуд.

– Ҳозир меоянд, – гуфт Расул, гӯё ки ӯро тасалло медод, вале худаш ҳам парешону хавотир шуд.

Панҷ дақиқа гузашт, даҳ дақиқа гузашт, бист дақиқа гузашт… Ҳар дуи онҳо чашм ба роҳ доштанд, аммо касе пайдо намешуд. Ним соат пас дар роҳ як одаму як ҷуфти гов намоён шуд.

– Ҳа, омаданд, – нафаси сабуке кашид Набӣ. – Омаданд.

Расул хомӯш меистод. Дилаш гувоҳӣ медод, ки ягон нохушие рӯй медиҳад, ё ки рӯй додааст. Абулфайз говҳоро ронда омаду гуфт, ки корро сар кардан даркор, дигар ҳеҷ кас намеояд.

– Барои чӣ? – шиддат кард Набӣ.

– Эшони Абдурозиқ каромот нишон медодааст. Ҳама ҳамон ҷо мераванд.

– Ба куҷо? Чӣ хел каромот?!

Абулфайз китф дарҳам кашид: надонам! Ва баъди андаке хомӯш истодан гуфт:

– Дар бӯзи болои канали калон. Лекин чӣ хел каромот нишон медиҳад, инашро ман намедонам.

Набӣ дастаи каландро сахт-сахт фушурд. Расул ӯро тасаллӣ дод, ки ин мурда кирои гиря намекунад. Мардум фиреб хӯрдаанд. Мераванд, ягон найранги ӯро мебинанд, дилашон хунук мешавад, боз меоянд. Барои ин ғам хӯрдан чӣ даркор? Беҳтараш, ки биёед, киштро сар кунем. Дигарон имрӯз наоянд, фардо меоянд. Абулфайз ҳам гапи ӯро тақвият дод.

– Не, – гуфт Набӣ, – мо ҳам меравем.

Ҳангоме ки ин се тан ба роҳ даромаданд, дар бӯзи болои канал одамон ҷамъ мешуданд. Онҳо гурӯҳ-гурӯҳ меомаданд. Мардҳо ҷудо, занҳо ҷудо ва бачаҳо ҷудо меомаданд. Замини бӯз нишеб буд ва дар як тарафи он, чор-панҷ қадам дур аз якдигар, се деги маърака меистод. Чанд пешхизмат, миёнҳо аз болои ҷома бастагӣ, одамонро намемонданд, ки ба дегҳо наздик оянд. Бинобар он мардум дар атроф ҳалқа зада, давра меоростанд ва ин ҳалқа дам ба дам васеъ мешуд. Ҳатто аз деҳаҳои дигар ҳангоматалабҳо меомаданд. Савораву пиёда меомаданд.

Эшони Абдурозиқ хурсанд буд. Ва дар як гӯшаи бӯзи баҳорон ва бисёр хуррам, дар рӯи гилемчае, бо либосҳои фохираи навдӯхт, дар ҳалқаи чанд нафар мухлисони шоду хандон менишаст ва гоҳ ба дегҳои маърака менигарист. Дар дегҳо биринҷ андохта буданд ва ошпазҳо кафгир ба даст гирди дегҳо мегаштанд. Дегҳо беоташ меҷӯшиданд, палав беалав мепухт.

Ҳозирон байни худ хитобҳои ҳайратомез мекарданд.

– Қудрати худоро бинед!

– Эшон марди худо! Ба ин хел одам шак овардан гуноҳи азим.

– Худоё, худовандо, умед аз раҳматат дорам! Ман ба эшон чанд бор шаккокӣ карда будам. Тавба кардам парвардигоро!

Набӣ ба анбӯҳи одамон ба дегҳое ки беалав таом мепухтанд, ба эшон, ки солору дилпур дар ҳалқаи наздиктарин муридонаш менишаст, як андоза ҳаросон нигоҳ карда истод ва намедонист, ки чӣ кор кунад. Вай то ба ин ҷо омадан ба аспи ҷаҳл савор буд. Раҳораҳ фикран нодонони гумроҳро маломат ва ин Абдурозиқро, ки душмани кори умум аст, дашном додаву таҳдид карда омад: бефикрҳо! Ноаҳлҳо! Ҳамон қадар сол асири каромоти эшонҳо будед, на шикаматон сер шуд ва на танатон пӯшида! Боз фирефта шудед! Боз ба доми макр афтодед!.. Ин мор, ин каждуми таги бӯрё… Кӯрпаву болишташро ба пушташ

додан даркор!.. Вай бо ҳамин ният омада буд, лекин ин ҳолу ин муамморо дида, шасташ гашт ва имдодхоҳон ба Абулфайзу Расул нигоҳ кард:

– Наход?!

– Не, ягон ҳила дорад, - гуфт Абулфайз.

Расул тарафи дегҳо рафт. Аз тартибдорон, ки мардумро аз дегҳо дар масофаи муайян нигоҳ медоштанд, яке пеши роҳи Расулро гирифт:

– Ақиб гардед!

Расул оромона ва дилпурона вайро як тараф тела доду гузашт. Вай аз оринҷи Расул дошт, ба ёрии вай боз ду нафари дигар расиданд.

– Чӣ, кар шудӣ?! Ба ту гуфтанд, ки ақиб гард.

Ва ӯро тела дода ақиб бурданӣ шуданд. Аммо Расул мех кардагӣ барин, аз ҷо наҷунбид:

– Ман як дегҳоро бинам.

– Аз ҳамин ҷо дидан гир. Гард, ақиб гард!

Расул ақиб нагашт, сафи тартибдорон зуд афзуд ва пеши роҳи Расулро дошт. Набӣ тез-тез қадам монда омаду дар байн даромад:

– Чаро дидан мумкин не? Каромот бошад, монед, одамон бинанд?!

Аслаш мақсади вай гуфтани ин гапҳо набуд. Вай феъли Расулро нағз медонист. Медонист, ки Расул қасдан аз роҳаш намегардад ва ҷанҷолу занозанӣ шуданаш мумкин. Набӣ бо мақсади пешгирӣ ба байн даромад: кӣ медонад, агар ҷанг шавад, оқибаташ бо чӣ меанҷомад.

Ин чанд калимае ки Набӣ гуфт, дами оташи тартибдорони пархошталабро андаке паст кард. онҳо, дар ҳолате ки гирди Расулу Набӣ ҳалқа буданд, ҷониби эшон нигаристанд: ҳазратам чӣ мефармоянд?

Дар байни анбӯҳ як ҷунбише шуд, монанди ҷунбиши шохи дарахтон пеш аз тӯфон. Вале фаҳмидан душвор буд, ки агар тӯфон хезад, кадом тараф майл мекунад – тарафи эшону муридонаш ва ё тарафи Расулу Набӣ.

Эшони Абдурозиқ ором буд. Вай кирдори Расулро дид даъвои Набиро шунид, аммо ҳамаи ин ба ӯ чӣ таъсире расонд, ягон зарра зоҳир накард. Таҷриба дошт вай аз ин хусус, таҷрибаи аҷдодӣ. Аҷдоди вай дар замонаш мурид доштанд. Мардуми чанд гузари шаҳр ва ё чанд деҳа муридони меросии онҳо буданд, муридҳо онҳоро пири худ медонистанд ва

накдина, мол ғалла назр медоданд, ки таъмини рӯзгору маишати онҳо ба ҳамин роҳ фароҳам меомад. Ба Абдурозиқ як дараи калон мерос монд – ҳама бошандагони дара муриди меросии ӯ буданд. Вале дар шароите мерос монд, ки мардум ба шарофати даврони нав сиёҳро аз сафед фарқ мекарданд ва маънои шиори «ҳар кас заҳмат накашад, намехӯрад»-ро рӯз ба рӯз амиқтару амиқтар мефаҳмиданд. Абдурозиқ бошад, заҳмат кашидан намехост. Ҳар сол ду маротиба – як бор тобистон ва бори дигар тирамоҳ ба деҳоти муридонаш мерафт ва назр ҷамъ меовард. Назрро, одатан, як ё ду муриди ҷоннисор, ки ҳамеша дар ҳама ҷо ёфт мешаванд ва ҳамеша пешхезу ақлак ҳастанд (барои маъқул шудан), ҳавлӣ ба ҳавлӣ гашта ғун мекарданд. Муридоне ки пештар назр доданро фарз ва ҳатто балогардон дониста, ба хушнудӣ молу манолашонро бароварда медоданд, баъди коллективониву колхозӣ бо ҳар баҳона аз додани он саркашӣ карданд: накдинаи тайёр надорам!.. Моле муҳайё нест!.. Дафъаи дигар ягон илоҷ мекунем!.. Ё дидаву дониста гӯш ба карӣ меандохтанд: ту нагуфтию мо нашунидаем! Ғаюртарҳо беибо мегуфтанд: «То кай нони муфт мехӯрад?! Бас, хуни моро ҳамин қадар макид. Ҳоло ҳамонро ош кунад! Ба дасташ каланд диҳед, нони муфт дар куҷо?!»

Абдурозиқ ҳам гӯлу гаранг набуд. Ҳамаи инро медид, ҳамаи ин суханҳоро мешунавид, вале худро нодидаву ношунида меангорид. Бо виқор нишаста тасбеҳ мегардонид, оят мехонд, аз ҳадиси пайғамбарон сухан мегуфт. Баъди он ки муридони собиқ аз тасарруфи ӯ озод шуданд, баъди он ки бозори даромади бедарди миёнаш касод шуд, баъди он ки кӯчида ба заминҳои навкорам омаду дар ин ҷо як муддат чун муши мурда зиндагӣ кард ва ниҳоят, баъди он ки чанд хурофотпарастро ба дом кашиду ин маъракаи каромотро барпо кард, монанди ҳамон рӯзҳо бовикору дилпур нишаста тасбеҳ мегардонид ва албатта, тарафдори ҷанҷолу хархаша набуд: бигзор бо чашмонашон бинанд; бигзор рафта даст карда бинанд каромоти ӯро! Хусусан ин фаъолон – Набию тарафдоронаш. Раванд, бинанд, канӣ, баъд ба чӣ аҳвол меафтанд?!

Эшони Абдурозиқ бо ҳамин мулоҳиза ва барои якбораву доимӣ мулзам кардани ҳамаи шаккокону худобезорон ба тартибдоронаш гуфт:

– Монед, сари дег раванд.

Тартибдорон ҳалқаро кушоданд ва Расулу Набӣ сари дегҳо рафтанд. Дегҳо ҳақиқатан ҳам беалов меҷӯшид ва

кайвонуҳо дар тараддуди дам кардани ош буданд. Дар атроф майсаи сабз поймол шуда буд. Майсаи таги дег заб-зард сӯхтагӣ. Набӣ ба Расул нигоҳ кард. Онҳо ақиб гаштанд.

– Ин мӯъҷиза-ку? – гуфт оҳиста Набӣ.

Дар анбӯҳи одамон боз як ҷунбиш, як лапиши ҳиссиёт ба амал омад, ки он лапиш эшону муридонашро боло бардошт ва Набиву ёронашро пахшт кард.

– Ин мӯъҷиза-ку? – бо ҳасрат такрор кард Набӣ, вақте ки онҳо пеши Абулфайз омаданд.

Расул хомӯш буд: Вай бо шиддат фикр мекард, ки ин ҳодисае, ки бо чашмонаш дид, ҳақиқати ҳол аст, ё ки дар хобаш даромадааст.

– Мӯъҷизаи чӣ? – гуфт Абулфайз. – Фиреб, чашмбандӣ!

– Дили ман ҳам гувоҳӣ медиҳад, ки фиреб, – тасдиқ кард Расул. – Лекин сирраш дар куҷост? Сиррашро ёфтан даркор. Агар сиррашро ёфта фош накунем, ҳазор гапамон як пули сиёҳ – касе бовар намекунад.

Онҳо ба фикр фурӯ рафтанд. Ҳарсеяшон рӯбарӯ истода, ба пешониҳо чин андохта, фикри пуразобе мекарданд, ки сирраш чӣ бошад? Дар ин байн ҳангоматалабҳо меомаданду меомаданд ва анбӯҳ меафзуд. Ҳаво соф, дили Набӣ сиёҳ буд.

– Дегҳо ба тарафи ҷар наздик, – гуфт оқибат Абулфайз. – Як мушоҳида кунед, касеро аз тарафи ҷар гузаштан намемонанд. Дегҳо ҳам аз ҳамон тараф, эшон ҳам аз ҳамон тараф. Ҳар сирре ки бошад, аз тарафи ҷар.

Набӣ одамони дилобхӯрдаашро ном гирифта, даҳдувоздаҳ касро чеғ зад ва онҳо бо маслиҳат тарафи ҷарии бӯзи калон рафтанд. То лаби ҷар рафтан ба онҳо касе монеъ нашуд. Ҳамин ки ба лаби ҷар расиданд, эшон бетоқат гашт ва тартибдорон ғун омада, пеши роҳи онҳоро гирифтанд. Ғавғонамо ҳолате рӯй дод. Анбӯҳи одамон ҷунбид, ҳаво гӯё фушурда шуд.

– Ман фаромада ҷариро мебинам, – гуфт бо овози баланд Расул. – Ҳар кас халал расонад, аз худаш гила кунад.

Хомӯшии сахте ба миён омад. Эшон аз ҷо хест. Расул ба ҷарӣ нишеб шуд.

Вақте ки Расул аз гиребони як одам дошта, кашолакунон боло баровард, анбӯҳ мисли сели дамон ҷониби ҷар равон шуд. Эшони Абдурозиқ ҳамроҳи се муридаш роҳи гурезро пеш гирифт – онҳо чор сояи сиёҳи давон, ҳар қадар аз назар дур шаванд, ҳамон қадар хурду ҳақир менамуданд.

– Гӯй, ба халоиқ гӯй, – гуфт Набӣ ба он одаме ки Расул кашола карда бароварда буд ва ӯ рангу рӯи мурдаро дошт. – Гӯй каромоти пиратро!

– Аз ҷар нақб кандагӣ, – базӯр мингос зад вай, вале мардуми гӯшбақимор он садои наҳифро хеле хубу равшан шунид. – Шабона мекандем… таги дегҳо танӯр… Як нақбу се танӯр… ман… аловмон..

Мардум Наврӯзро бори аввал ва маротибаи охирин дар нисфи рӯз ҷашн гирифтанд Чунон бо шавқу завқ ҷашн гирифтанд, ки то нисфи шаб ба хонаҳошон барнагаштанд – машъал даргиронда кишт карданд.

… – Ҳаво чунон гарм, ки, – пиёларо ҷониби Набӣ дароз кард Расул, гӯё таги замин пури танӯр бошад.

Набӣ аз гиребони курта дошта, сари дилашро шамол дод.

– Якзарб, барои зимистон коҳу алаф дорӣ?

– Не ҳоло. Ба умеди Самад ман.

– Ҳа, писарат коргари ҷангал-а. Нағз, ки ту ақаллан ҷои умед дорӣ.

Бегоҳ, вақти корбаро, Расул харашро бо азобе ба роҳ даровард. Харе, ки доим ба куҷо рафтанашро медонист ва фақат дидани сояи халачӯб кифоя буд, ки ба роҳ дарояд, ин бегоҳ фӯкашро ба замин молида, мисли санги осиё дар ҷояш чарх мезад. Расул ғайри одат ба сари коси хар чӯб зад ва қади чӯбаш кӯрпашша мурд. Кӯрпашша қарибиҳои бегоҳ пайдо шуд ва соате нагузашта ҳама ҷоро зер кард – замину осмон пури кӯрпашша, ки ба сару даст, ба рӯву мӯ менишаст. Подаи говҳо бетоқат шуд, говҳои нар ғуз гирифтанд – ба атроф нигоҳ накарда медаванд. Говҳо медавиданд аз дунболи говҳо одамон медавиданд, як аросоте барпо гардид, вале аз кӯрпашша ҷои гурез набуд. Буқаи зотии Алиқул мастона дар панҷараоғил давр мезад, дум меафшонд, фӯкашро ба замин мемолид, лагад мепартофт – се лагади задагиаш се ҷои панҷараро қату кач кард. говҳои ҷӯшоӣ ҳамон бегоҳ ва се рӯзи минбаъда шир кам карданду шир надоданд. Шобибӣ модгови алоро бо каҳдуд аз ҳуҷуми ин бало – кӯрпашша дар амон нигоҳ медошт. Комиссияи боэътимоде, ки махсус барои мубориза бо кӯрпашша ташкил ёфту ба кор шурӯъ намуд, гуфт, ки ду роҳи нест кардани ин бало ҳаст. Якумаш роҳи табиӣ, яъне ғуки бисёре даркор, ки кӯрпашшаро хӯрад; дуйӯм бо самолиёт дору пошидан. Азбаски ғук пайдо кардан ғайри имкон буд – чунки ду соли расо Алиқул бригадаи мах-

сусе ташкил дод, ғукҳои водиро якта намонда дошт, консерва кард ва ба кучое шартнома баста будааст, ки фиристониda пул кард, аз ин савдо ҳам роҳбарони колхоз хурсанд шуданд, ки фоидаи муфт гирифтанд, ҳам ҳамёни худаш пур шуд ва ҳам бори дигар ба чашми шаккокон нишон дод, ки ӯ кордон асту ба ҳаргуна ҳурмату эҳтиром меарзад – бинобар ин дорупоширо салоҳ диданд. Баъди дорупошии дурӯза кӯрпашша гум ва кӯдакони дарунрав бисёр шуд.

Боз як маърака гузашт, вале оқибаташ дар бадани одамону гапаш дар даҳони мардум дуру дароз боқӣ монд.

## IX

Рӯзҳои дарози тобистон гардиш кард, акнун рӯзҳо торафт кӯтоҳ ва шабҳо дароз мешуд. Дами гарми ҳаво ҳам мебоист, ки гардиш мекард, вале аз ҳисоби боронҳои моҳи июн ҳаққаш монда будааст магар, ки ҳарорат торафт баланд мешуд, гӯё чиллаи тобистон акнун даромада бошад. Расули Якзарб савори ҳамон хар ба ҳамон роҳ мерафт ва ҳамоно ҳайрон буд, ки имсол ба тартиби фаслҳои солу обу ҳаво чӣ ҳодиса рӯй додааст, ки на гармо вақташро медонад ва на сармо.

Роҳи серхоки шипанг имрӯз об задагӣ ва тоза буд: меҳмоне меояд, аз афташ. Ҳар вақте ки меҳмонҳо биёянд, роҳро ҳамин хел об мезананд, чанг фурӯ менишинад ва аз замин бӯи хуши наму хок ба димоғ мерасад, ки ҳаловате дорад. Дар шипанг як гурӯҳ одами шиносу ношинос хеле серҳаракат ва серташвиш буданд – гӯшт майда мекарданд, сабзӣ реза мекарданд, пиёз пӯст мекарданд, ҳезум мешикастанд, оташдон месохтанд, об мечӯшонданд дег мешустанд, «Одамони калон меомадагӣ барин», – аз дил гузаронид Расул ва харашро бурда дар лаби ҷӯ ба мех баст ва ба сари хирман омад. Хирманро андова мекарданд. Расул сари лойдон рафт, ки ба лойкашҳо шарик шавад.

– Якзарб, – гуфт Набӣ, – лойро ҷавонтарҳо мебиёранд, ману ту андова мекунем.

Як мошин пур талабаи мактаб омад, ки рубобу дойра ва гулдастаҳо доштанд.

Дар шипанг пухтурпаз; дар хирман лойҷӯлониву лойкашиву андовакунӣ; дар палҳои пахта пахтачинӣ… Муаллим талабаҳоеро, ки навакак аз мошин фуромаданд, дар сари роҳ машқ медод, машқи истиқболи меҳмонҳо. Ва офтоб ҳамаро

баробар метафсонд, баробар месӯзонд ва ҳамаи он одамон баробар араќи сару гардан пок мекарданд.

Пештар аз чоштгоҳ ду мошини сабукрав омад ва талабаҳо, чунон ки муаллим машқ дода буд ва чунон ки дар мавридҳои пешвозгирӣ одат шудааст, саф кашиданд, дойра заданд, рубоб навохтанд, суруд хонданд, рақс карданд; сурудхонону рақскунон дар гирди меҳмонон ҳалқа заданд; духтарчаҳо ба ҳар меҳмоне ки рост омад, гулдастаҳои пажмурда доданд; бо сари ҳам, ба рӯяш нигоҳ накарда доданд. Ҳама, ғайр аз меҳмонону ошпазҳо, хаставу кӯфта буданд, вале табассум аз лабонашон дур намешуд, ҳамон табассуми базӯракие ки дил намехоҳаду одоби меҳмондорӣ талаб дорад.

Фозила ҳам табассум мекард, табассуми сохта. Лабаш табассуму дилаш дард дошт; меҳмон азиз аст, албатта, ҳурматашро нигоҳ бояд дошт, вале ин кӯдакон чӣ гуноҳ доранд, ки чанд соат боз зери офтоби сӯзон рост истодаанд. Аз куҷо пайдо шудааст ин расм, расме ки ҳатман талабаҳоро овардану саф оростану доиравy дунбак задану суруд хондану рақс кардан? Магар бе ин эҳтиром комил намешавад? Умуман чаро дар маъракаҳои мо мавқеи доиравy дунбак ин қадар зиёд? Ягон маҷлис, ягон маърака бедоиравy дунбак намегузарад. Аз хусуси пахтачинӣ машварат кунанд, дар аввалаш умбулбакабак, дар мобайнаш умбулбакабак, дар хотима умбулбакабак; масъалаи истифодаи қувваи корро ҳал карданианд – дар аввал умбулбакабак, дар мобайн умбулбакабак, дар хотима умбулбакабак; аз ваҷҳи оиладорӣ гап мезананд, ҳол ҳамин, масъалаи савдои ҳалолро муҳокима мекунанд,боз ҳамин аҳвол; гоҳо одам гумон мекунад, ки ин мардум аз бекорӣ ҷамъ омадаанд, сухани аниқи гуфтанӣ надоранд ва ҷои холии вақтро бо ҳамин умбулбакабак пур мекунанд.

Рақсу суруди талабаҳо ба охир расид ва меҳмонону мизбонон зери садои рубоб ба сарҳавз баромаданд. Дар сарҳавз, ки гӯшаҳои ламидаи суфаашро аз нав лой молидаанд, зинапояҳои шикастаашро нав кардаанд, дар суфа гилемҳои нав густурда, мизу курсиҳо гузоштанд – як мизи алвонпӯш дар як гӯша, ки рӯяш рӯзномаву рисолаву китоб дошт ва дар пешгаҳ як мизи дарозу харакҳо, ки меҳмонон нишастаанд. Сӯҳбати гирди дастархон ба ибораи меҳмонон «мизи мудаввар», сар шуд ва ин сӯҳбат се соат давом кард.

Сӯҳбатро маҷаллаи адабӣ ҳамроҳи институти илми зироат дар асоси қарори Программаи озуқа як моҳ боз тайёр ме-

кард ва Сабуру Фозила ҳам мувофиқи мақому ҳолашон саҳме доштанд: шароит муҳайё мекарданд, ки сӯҳбат хуб гузарад ва қатори олимон дар матбуот онҳоро низ ба некӣ ёд кунанд. Ба ҳамин муносибат деворҳои шипангро сафеду тирезаҳоро ранг карданд. Ҳуҷраеро, ки дегу табақу чойнику пиёла нигоҳ медоштанд, холӣ карда, рангу бор дода, мизи дароз гузошта рӯномаву маҷаллаву рисолаву китоб монданд – рӯзномаи моҳи гузашта, маҷаллаи соли гузашта, рисолаҳое ки аз маъракаи интихобот боқӣ мондааст. Ҳар чизе ки таги даст буду дар гирду пеш ёфт шуд. Дар рӯи девори тарафи сарҳавз бо ранги сурхи баланд шиорҳо навиштанд: «Техника дастёри беминнати деҳқон!» «Эстафетаи деҳқонон дар амал!» «Тақдири ҳосил ба дасти туст, деҳқон!»

Барои колхозичиён шолчаву гилемҳои нав оварданд; деги маърака шинонданд – таоми гарм мепазанд. Аз ҷумлаи фаъолон сомеъ ҷамъ оварданд – дар тафси рӯз зери бедҳои лаби ҳавз бекор нишаста дам гирифтан ба ҳар кас муяссар намешавад.

– Пеш аз оғози сӯҳбат, – сухан сар кард намояндаи район, ки ҳам роҳбалад буд ва ҳам раисӣ мекард, – бароятон гӯям, ки хоҷагии қишлоқ ба ҷамъи ҳосил ҳавасманд аст, саноат бошад, ҳавасманд аст, ки пахта чӣ қадар нах медиҳад ва барои комбинат дарозии нах, яъне сифати нах аз ҳама муҳим аст. Чунон ки мебинед, ҳар кас манфиате дорад ва ҳар кас аз паи манфиати худ мегардад, яъне ки яке ба манфиати дигаре ҳавасманд нест. Ҳар соҳа ба сари худ. Программаи озуқа талаб дорад, ки ҳама ба натиҷаи кор баробар манфиатдор бошанд. Сӯҳбати имрӯзаамон дар ҳамин бора.

Баъд вай бо навбат ба меҳмонон сухан доду онҳо бо навбат гап заданд. Гуфтанд, ки агар кашфиёти физика дар пахтакорӣ истифода шавад, ҳосили зиёд медиҳад: агар ба муқобили ҳашароти зараровар бо роҳи биологӣ мубориза барем, таркиби хок, таркиби об ва таркиби пахта вайрон намешавад; агар киштгардон накунем, зарари ҳосил аз фоидаи гектар ба маротиб меафзояд; гуфтанд, ки мушунгу мош барин зироат аз ёдҳо фаромӯш шудааст, ҳол он ки ҳосили зиёду арзон гирифтан мумкин аз ин зироатҳо. Масалан, мош дар панҷоҳ – шаст рӯз мепазад ва як сентнер мош баробари шаш-ҳафт сентнер ҷав қувваю шира дорад…

– Моро гӯл гумон мекунанд ҳаминҳо, ба худо! – дар ҷояш ҷунбиду китфҳояшро рост гирифт деҳқоне, ки ақибтар аз

Расул менишаст. – Худашон нест карданд мушунгу моша, акнун айбро ба гардани мо мемонанд, ки фаромӯш кардед. Ё тавба?!

– Рост мегӯӣ, ба кӣ мегӯяд ҳамин гапҳоро?! – бо зарда гуфт Расули Якзарб.

– Ба ману ту! – ҷавоб дод Набии Бакавул.

– Худашон манъ мекунанд, худашон иҷозат медиҳанд, ҳамааш ба дасти худашон ва ман ҳеҷ намефаҳмам, ки барои киву барои чӣ мегӯяндуислоҳаш ба дасти кист?

– Барои авомфиребӣ мегӯянд. Корашон барор нагирад, намегӯянд, ки он рафторашон нодуруст буд. Не, ба ин хел гуфтан забонашон намегардад, одами гӯл мекованд, ки гуноҳро ба сари ӯ зананд.

Нотиқон бо навбат сухан мегирифтанду сухан мегуфтанд.

– Гӯед, ки, - нотиқи навбатӣ, муаллифи чандин навъи номгуми пахта, ба Фозила муроҷиат кард. – Гӯед, ки рафиқ бригадир, ба инҷиқии обу ҳаво нигоҳ накарда, чӣ тавр ҳосили баланд гирифтед? Боғу обчакорӣ доред? Мо, яъне республика, метавонад, ки аз ҷиҳати ҳосил дар мамлакат боз ба ҷои якум бароад?

Фозила дар ҷавобд факту рақамҳоеро гуфт, ки аз ёд медонист: фалон гектар пахта дорем, аз ҳар гектар фалон қадар ҳосил мегирем; фалон гектар себ дорем, фалон қадар ҳосил медиҳад…

Расул аз ин суҳбати дурудароз ва ҳазор сол боз ба деҳқон маъмулу машҳур, дилгир шуд ва барои вақткӯркунӣ бо Набӣ ба гап даромад;

– Доруи заҳрдор пошидан шарт набудааст, диққат додӣ?! Шарт набудаасту мепошанд!

– Гуфтанд-ку, ҳашарота хубаш нобуд шудасту бадаш мондаст. Барои ҳамин заҳр мепошанд, ки бадашро кушанд.

– Ина бинед-а, дар байни ҳамин ҳашароте, ки мо ин қадар сол заҳр пошида мекушем, нағзаш ҳам будаасту бадаш ҳам. Худи одам барин-а, Бакавул?

– Ҳа, худи одам барин, бадаш сахтҷон. Нағзаш бисёр нобуд мешудаасту бадаш ба заҳр одат мекардааст.

Дар фуроварди сӯҳбат роҳбаладу раис ба Фозила муроҷиат кард:

– Бригадир, ба муносибати қадам ранҷа кардани ҳамин меҳмонони азиз ва ни қадар маслиҳатҳои хубе ки доданд, ягон чиз гӯед, ки вақташон хуш шавад.

– Сӯҳбати меҳмонони азиз бар ҳадар намеравад, – гуфт Фозила. – Мо бисёр хурсанд, бисёр миннатдор. Ба кори ояндаи мо нафъи бисёр мерасонад ин сӯҳбат. Ташаккур ба меҳмонҳо, моро фаромӯш накунанд, омада истанд. Мо ҳам, ба хурсандии меҳмонон ваъда медиҳем, ки ҳосили пахтаро аз ҳар гектар як сентнер зиёд мекунем. Яъне сиву нӯҳ сентнер ҳосил мегирем. Ваъдаи мо ҳамин.

– Ҳиммата баланд гиред, – луқма партофт олиме, ки навъи нави пахта баровардааст ва навъи ӯро дар ин бригада ба тариқи таҷриба коридаанд. – Яклухт кунеду монед, аз ҳар гектар чил сентнер гӯеду монед.

Фозила табассуми шармгинонае кард, рӯмолашро пештар рӯи пешонӣ фаровард:

– Ҳоло боз бригадаҳои тафтиши байни якдигар аз Ӯзбакистону Туркманистон меоянд. Мо бояд захира дошта бошем ба онҳо ҳам ваъда додан даркор.

Ваъда додан кори душвор нест, вале Фозила табиатан ваъда доданро бад мебинад. Ба назараш чунин менамояд, ки кори одами солим не ваъда додан – дар ботинаш як норасоӣ, як даҳонкалонӣ, як худнамоӣ як миннат ва ҳатто як мунофиқие дорад. Коре ки аз дастат биёяд бикун, он тарафаш кори мардум, маъқул бошад, маъқул медонанд, номаъқул бошад, номаъқул мегӯянд. Яъне ки боз ҳамон ҳикмати кӯҳна: мушк бояд худ бибӯяд, на ин ки аттор бигӯяд. Пешакӣ ару ур кардан магар аз лоф задан камие дорад? Бинобар ин ба ваъда додану ваъда гирифтан вай хуш надорад. Хуш надорад, лекин дар маҷлису конференсия ваъда медиҳад. Дар ваъда додан ваъда медиҳад, лекин вақте ки танҳо монд, дилаш сиёҳ мешавад, гӯё дурӯғе гуфта бошад, гӯё хиёнате карда бошад, ҳарчанд аз таҷриба медонад, ки ваъдааш ҳавоӣ нест. Ваъда медиҳад, чунки ваъда надиҳад, дар байни мардум гови ало мешавад. Ваъда додан шояд он қадар кори баде ҳам набошад, шояд кирои ин қадар ғамхӯрӣ ҳам надорад, чунки ба ҳар ҳол, марраро муйян мекунад, қувваро ба кори муайяне сафарбар мекунад; одам кӯшиш мекунад, ки ба ҳамон марра расад. Дар айни замон, ҳангоми ғалберро аз об бардоштан, бубинӣ, ки ваъдаатро иҷро карда наметавонӣ, роҳи фиребу найрангро пеш мегирӣ – заминро аз будаш кам нишон медиҳӣ, ҳисоботи бардурӯғ менависӣ, бо пункти пахта хариду фурӯш мекунӣ… Ва ҳамаи ин ба хотири он ки дар маҷлисе номатро гирифта таъриф кунанд. Гӯянд, ки ту аз ҳама зиёд ҳосил гирифтӣ…

Таъриф ба ҳама мефорад – ҳама ба умед, ки таъриф бикунанд ва ҳама аз килограмму сентнеру тонна гап мезаданд: радио килограмму тонна мегуфт, телевизион килограмму сентнеру тоннаҳоро мешуморид; рӯзнома килограмму сентнеру тонна менавишт. Дар ҳама ҷо – дар маҷлис, дар кӯча, дар хона ва дар мактаб аз ҳосили пахта, аз чидан, аз супоридан, аз хирман, аз фоиз гап мезаданд ва ҳар рӯз ба ҳисоб мегирифтанд, ки кадом колхоз пешқадаму кадомаш ақибмонда... Деҳқон ҳар як пағаи пахтаро мечинд, мошин пахтаи шукуфтаи чанд ҷӯякро аз як сар баробар фурӯ кашида мерафт, килограмму тоннаҳо ҷамъ меомаду хирман мешуд. Дар хирман шамолу офтоб дода намашро мепаронианд ва ба мошину аробаҳо бор карда, ба ҷои қабул мефиристониданд. Килограмму тонна, клограмму тонна... ва офтоби сӯзон, ончунон сӯзон, ки хокро сӯзонда ранги хокистар додааст, ранги асфалт паридааст, оҳану бетон ранг бадал кардааст. Ончунон тафсону сӯзон, ки обу чою шарбате ки фелетоннавис мехӯрд, ба ҳалқаш нарасида буғ мешуд ва ӯ аз фикраш гашт. Вай барои он омада буд, ки фелетон менависад, тарҳи фелетон дар сараш тайёр буд. Ҳанӯз аз редаксия набаромада медонист, ки чиҳо менависад, чӣ хел менависад, вале барои расмият, барои боварбахшу боэътимод будани сухани мухбир ба ин колхоз омад, ки бо чанд каси мансабдору бемансаб вохӯраду сӯҳбат кунад. Барои зебаш – то нагӯянд, ки фактҳоро аз осмон гирифтааст. Фактҳоро дар ҳақиқат аз осмон не, аз замин – аз идораи маркази ҳисоб гирифта омад; омаду ду рӯз дар шипанг арақ карда нишаст ва дар рӯзи сеюм аз фикраш гашт.

– Ман фелетон наменависам, - гуфт ба Сабур, ки роҳбаладаш буд. – Дастам намеравад ба навиштан.

– Шумо медонеду инсофатон, - ҷавоб дод Сабур. – Ҳафтаи гузашта як телешка беронанда ба хирман омад.

– Чӣ хел беронанда?

– Худам ҳайрон. Телешка ба хирман омада истод, лекин ронанда хоб. Мо ӯро аз гиребонаш кашида бедор кардем, худаш ҳам ҳайрон, ки кай хобаш бурдааст ва чӣ хел то ба хирман омадааст.

– Хуб одами фориғбол будааст.

– Фориғбол не. Пахта дар хирман намонад гуфта, дам нагирифта кашондааст. Бехобӣ, гармо... Хоб ғалаба кардааст.

– Ҳа, рафторҳои аҷиб бисёр дар колхози шумо. Яке чунон ба кори ҷамъият дилсӯз, ки ба кори хоҷагии худ дасташ наме-

расад. Дигаре чунон ба кори ҷамъият бепарво, ки дар айни зарби кор тӯй карда, аз ду республика меҳмон хабар мекунад…

Аз ду республика ба тӯи Файзӣ меҳмон наомад, албатта. Дари стадионро низ ба рӯяш накушоданд. Чанд меҳмони роҳи дур, ки ба қавли Алиқул, ёру дӯстони ниҳоят бонуфуз буданд ва бояд эътибори тӯйро назди мардум баланд бардошта, пояи савлати соҳибтӯйро мустаҳкам мекарданд, дар ҳавлии нимхолӣ, сари мизҳои дарози камодаму сернеъмат нишаста, рақсу суруди артистони кироярo хоҳаму нахоҳам гӯш мекарданд, чунки мардум аз тӯй рӯ гардониданд.

Аввал Набии Бакавул, ки бояд оши маърака мепухт, ҳазар кард. Ошу нони вай ҳаром гуфт. Ҳар кас ошу нони ӯро хӯрад, ҳаромхӯр, гуфт. Расули Якзарб низ ҳамин гапро гуфт. Фозила низ ҳамин гапро гуфт, Сабур ҳам чунин гуфт. Аҳли гузар гуфтанд ин гапро, мардуми деҳа гуфтанд ин гапро ва кароҳате, ки нисбат ба кору рафторҳои Файзиву Алиқул то имрӯз дар дили одамон буду ниҳон дошта, бо муросову мадоро рӯи хуш нишон дода мегаштанд, якбора рӯ зад, ба як маҷро равона шуд, ба сели ҳазару нафрин мубаддал гашт ва ҳамаи дигар мулоҳизаҳоро рӯфта бурд: охир, ҳар кори дунё ҳадду андоза дорад! Аз мардуми деҳа, ғайр аз ду-се савдошарик, касе ба тӯй наомад. Алиқулу Файзӣ дар байни мардум танҳо монданд. Соҳибони маърака аз маърака берун монданд ва аз Расули Якзарб домангир шуданд, аз Сабур домангир шуданд ва шабу рӯз фикру зикрашон ҳамин буд, ки нобарории кори онҳоро бинанд; бадбахтие ба сари онҳо ояд, касофате ба онҳо расад! Бинанд ҳоли табоҳи онҳоро, бечора мондани онҳоро бинанд ва ба ҳолашон ханданд. Боби дили мо шуд, гӯянд, хуб шуд, гӯянд. Ва Алиқул мактубҳои беимзо менавишт; талабаҳои мактабро киро карда менависонд. Ҳамчун муҳофизи моли ҷамъият, аз номи адолатхоҳон менавишт; чун одами поку покизае менавишт, ки аз дидани бетартибиҳо ба дод омадааст; чун додхоҳ менавишт, ки ахлоқи ҷамъияти коммунистиро солим нигоҳ дорад. Устокорона менавишт, ки ғарази шахсие надорад, яккаву ягона мақсадаш ҳамин ки инсофу адолат барқарор бошад, ҷамъият зарар набинад. Менавишту нусха мебардошт ва ба унвони идораҳо мефиристонд ва дар навиштан чунон малака пайдо кард, ки фақат аз қарору ҳуҷҷатҳо иқтибос меовард; аз номи қонун, аз номи давлат менавишт. Ба хонаи Он кас мерафт, ки оҳуро яклухт бурда буд, ба қабули ҳамон касоне мерафт, ки зиёфатҳояшро хӯрда буданд. Касеро байн медаровард, ки ноку

анори оилаашро вай таъмин мекард. Алиқул менавишт, нусха ба нухса менавишт; мерафт, зина ба зина мерафт ва дар байни се моҳ охури гови Расулро шаш комиссия шаш бор тафтиш кард; писари ҷангалбони Расул ду бор дар курсии суд нишаста хест; номи Расул ба ҷодугарӣ баромад; домоди Набӣ, ки дар шаҳр кор мекард, ихтисор шуд; духтари Фозила дар университет аз имтиҳон афтид. Мардуми деҳа, ки байни худ озодона гап мезаданд, аз якдигар ибо мекардагӣ шуданд: кӣ медонад, ки кадом гапро чӣ хел мефаҳмаду чӣ хел шарҳу эзоҳ медиҳад? Аз бало ҳазар, хомӯш, гаштан беҳтар! Онҳо фикрашонро пинҳон медоштанд, ҳарфи даҳонашонро пурра талаффуз намекарданд – ҳар кас аз ҳамсӯҳбаташ хавф мебурд. Фикре пайдо шавад, ҳар кас даҳони дигареро мепоид, ки аввал вай гӯяд ва дар натиҷа касе намегуфт. Кори наве пеш ояд, мунтазир меистоданд, ки дигаре сар кунад, ку бубинем чӣ мешавад ва охиру оқибат ин кор нокарда мемонд…

Ва Сабур андаруни ин гирдоби таҳлука такопӯ дошт – меғӯтиду мебаромад, вале роҳи салоҳро намеёфт, балки медонист роҳи салоҳро, вале ба ислоҳ расонида наметавонист – гоҳ дасташ мерасид ва гоҳи дигар дасташ намерасид. Чунки ҳисобот навиштан лозим буд, ба шикоятҳо ҷавоб додан даркор буд, аз рафти пахтачинӣ хабар гирифтан зарур буд… Вақте ки фурсат ёфту дасташ расид, маҷлис мегузаронид; маҷлиси навбатӣ мегузаронид, маҷлиси ғайринавбат мегузаронид, маҷлиси фаврӣ мегузаронид ва аҳли маҷлис ҳама он рафторҳои нодурустро сахт маҳкум мекарданд, қарорҳои оқилонаи ба ҳама маълум баровартда, ба роҳбарӣ мегирифтанд, дар бригадаҳо, дар звеноҳо ва дар гузарҳо он қарорҳоро меомӯхтанд; муносиб ба он қарорҳо шиорҳо навишта дар пештоқи идора, дар дару девори клубу китобхонаву чойхонаву сарои техникаву шипанги бригадаву сари роҳҳо мечаспониданду устувор мекарданд, вале на дуздӣ решакан мешуд, на вайронкорӣ барҳам мехӯрд… Сабур аз таҷриба донист, ки одамро фақат ба маҷлису қарору шиор одам карда намешудааст. Фаҳмид, ки барои одам шудани одам муҳити одамӣ фароҳам овардан лозим будааст; муҳите, ки ҳамешагӣ ва барои ҳама як хел бошад. Аммо бо кадом роҳ? Барои муайян кардани ин роҳ Сабур боз назди Он кас рафт. Он кас дар панҷ дақиқае, ки сабур ҳузур дошт, ба панҷ колхоз занг зада панҷ раисро истинтоқ карданд:

– Дефолиасия сар шуд?! Самолётҳо тайёр! Трактор чӣ?! Одамон?! Баъд баҳона кофта нагардед. Феъли маро медонед!

Он кас аппарати телефонро ба ҳоли худ монда, солоронаю бовиқор қадамзанон тарафи дар рафтанд ва Сабур низ аз дунболашон кашол шуд.

– Бо шумо маслиҳат карданӣ будам, - гуфт аз ақиб.

–Чӣ маслиҳат?– прсиданд Он кас дар ҳолате, ки аз дар мебаромаданд. – Боз ҳамон гапҳои пештара, ё ягон гапи нав?

– Ҳамон гапҳо ва боз гапҳои дигар, – ҷавоб дод Сабур.

Он кас ҷавоб нагардонида, роҳашонро давом доданд ва фақат дар берун дар паҳлуи мошин рост истода гуфтанд:

– Яъне коргарони партиявӣ ба кори тарбия машғул шаванд, ба кори хоҷагӣ шарик нашаванд?

– Ҳам ҳамин ва боз гапҳои дигар

Он кас сигарет дар герониданд, рונанда дари мошинро кушод:

– Дар ягон мавриди дигар гуфтугӯ мекунем. – Ва таҳдор илова карданд:

– Чунон ки мебинед, мо ба кори хоҷагӣ машғул, Дефолиасия, трактор, пахтачинӣ, пахтасупорӣ. Ба шумо дахл надорад, аз афташ, ин корҳо.

Онҳо сарддилона ва аз якдигар норозӣ ҷудо шуданд. Он кас дар дил гуфтанд, ки «дар интихоби кадр хато шудааст, ин ҷавон аз ҷиҳати сиёсӣ пухта набудааст». Сабур аз дил гузаронид, ки «ин кас ба ҳамин таври роҳбарӣ одат кардааст, дигар хел роҳбарӣ кардан намехоҳад ё наметавонад».

Ва худи Сабур аз он ҷо ба колхоз баргашта, боз ба ҳамон корҳое машғул шуд, ки ба ақидааш нодуруст буд, вале бояд ки мекард. Аҷаб ҳолате! Набояд, ки чунин бикунӣ, аммо бояд, ки бикунӣ! Чаро? Айби худаш ё айби муҳит? Вазифаат дигар, вале кореро мекунӣ, ки вазифаи каси дигар аст. Дилтанг буд Сабур – намехоҳаду мекунад, намехоҳаду меравад, мехоҳаду намегӯяд, намехоҳаду мегӯяд. Ҳамин ҳам зиндагӣ шуд!? Ё дурусттар кор кардан даркор, ё истеъфо додан лозим!

Дар сари Сабур чунин фикрҳо буд, вале поҳош тани ӯро ҷониби мактаб мебурд: дирӯз талабаҳо кам пахта чидаанд, мехост, ки директории мактабро ёфта ғурбат кунад ва аз он ҷо ба саҳро равад: канӣ, кори дефолиасия читу?

Дар саҳро маъракаи дефолиасияи пахта ба авҷи аълояш расида буд. Аз сари субҳ одаму техникаи бисёре ба саҳро баромад – сардору деҳқону самолёту трактор ва ҳама серташвиш буданд, даву тоз мекарданд ва ҳама ваҷоҳате доштанд, ки кори бениҳоят муҳиму муфидеро иҷро мекунанд. Сардо-

рон мошинсавор бо телефон супоришҳо медоданд, назорат мекарданд, аз қитъае ба қитъае мерафтанд. Самолётҳои АН-2 аз аэродромҳои муваққатӣ парвоз карда, дар майдонҳои васеъ доруи заҳрдор мепошиданд, тракторҳо ғурросзанон дору мепошиданд ва ин чангу ғуборе, ки ҳам аз осмон фуруд меомаду ҳам аз замин боло мебаромад, аз дунболи самолёту трактор дуди заводи семент барин кашол мешуду ба дуриҳои дур мерафт ва ҳамроҳи нафас ба шушу ҷигари одамон ва ба рагу паи растаниҳо медаромад – дили одамон беҳузуру беҷо ва барги растаниҳо пажмурда мешуд. Намояндаи санэпидстансия имсол ҳам ба монанди солҳои пеш, муқобили пошидани дору баромад, манъ кард, ба идораҳои маъмурии болотар шикоятномаҳо менавишт, ҷарима меандозам, тӯён ба таҳдид гузашт; хоҷагиҳо, мисли ҳама солҳои пешин, «минбаъд намекунем», гуфтанд ба ӯ, вале боз ҳамон корашонро карданд, ки «санэпидстансия як ташкилоти беғам – план насупорад, аз вай плани пахта напурсанд, аз куҷо медонад, ки ҳосилғундорӣ дер монад, ба сари мо чӣ балоҳо меояд».

Ин маъракаи серодаму серташвишу серғавғо ҳам гузашт – барги пахтаи палҳое, ки ҳосилашро мошин мечинад, сар то сар рехт; кӯдаки бисёре ба дарди гурдаву дарди чашм гирифтор шуд; комиссари ҳарбӣ, ки ҷавонписаронро аз назари духтурҳо гузаронида, ба хизмати ҳарбӣ мефиристонид, ба вазорати маориф мактуби муфассале навишт: дар мактабҳо ба дарси физкултура кам эътибор медиҳанд, бинобар ин саломатию бардамии бачаҳо мувофиқи синну сол ба талаботи организму талаботи ҳарбӣ нест…

Ин талотуми азим гузашт, дар замину ҳаво, дар обу таом, дар организми зиндаву мурда нақши заҳролуде боқӣ монда гузашт ва зиндагӣ гӯё ба тартиби муқаррарии худ даромад ва одамоне, ки як муддат, дар рӯзҳои он талотуми азим, ба мисли ҳама мавридҳои пурталотуму пурташвишу пурғавғо, ранҷишу озорҳои шахсиву ҷамъияташонро фаромӯш карда буданд, боз ба буду нобуду рӯзгор рӯбарӯ монданд ва боз диданд, ки ҷумлаи даҳонашонро пурра талаффуз карда наметавонанд – аз гуфтани гапи дилу аз кардани кори дилхоҳ ҳарос мекашанд. Фақат Алиқул ҳарос намекашид дар ин колхоз: фикре ба сараш ояд, бемулоҳиза мегуфт, коре пеш ояд, бемулоҳиза мекард. Алиқулро бад медиданд, бо вуҷуди ин ба даҳони Алиқул менигаристанд. Аз рӯи эҳтиёт ба даҳони ӯ нигоҳ мекарданд, ки хатое содир нашавад. Хоҳӣ, ки

хатое содир нашавад, хоҳӣ, ки бе дарди сар бигардӣ, ҳамон гаперо гӯй, ки Алиқул мегӯяд; ҳамон кореро бикун, ки Алиқул мекунад.

Ва Алиқул давроне дошт:

– Дидӣ – гуфт вай ба Файзӣ, - ҳамаашонро аз маърака баровардам. Ман ба инҳо нишон додам, боз нишон медиҳам.

Шод буд вай ва ба Он кас шодиёна мебурд ва ба тарафдорони Он кас хизмат мекард, балегӯйҳои Он касро зиёфат медод. Касеро аз вазифае гиранд, вай ба умед меистад; касе чизе ҷӯяду наёбад, хурсанд мешуд; касе гиря кунад, вай механдид; касе касал шавад, вай солим ҳис мекард худро ва ҳама аз дидори ӯ безор, вале ҳама бо ӯ дар муросо буданд.

Алиқул ба ҳамон мартабае расид, ки як вақтҳо Султон дошт. Фақат фарқаш ҳамин, ки вай навҳагару саломгӯӣ кироя надошт, агар ба Он кассу атрофиёнаш лозим шавад, худи ӯ саломгӯю навҳагари хубест барои онҳо. Бе онҳо вай ҳеҷ аст, бинобар ин ҳафтае як бор ба саломи Он кас меравад ва ҳафтае як бор рӯзи якшанбе барои Он кассу ёронаш зиёфат ташкил мекунад; дар ҷойҳои хушманзара, дар лаби оби равон ташкил мекунад ва барои Он кас такачаи зарди қайчинадида мекушад, чунки Он кас гӯшти ҳамин хел такачаро нағз мебинанд; чунки гӯшти такачае ки ба мӯяш қайчӣ нарасида аст, ба қавли Он кас одамро ҷавон ва камарашро мустаҳкам мекардааст. Ин одати Он касро Алиқул ба гӯши ҳамаи ғараздорон расонидааст ва онҳо, ғараздорон – яке талоши мансабе дорад, дигаре мансаб гирифтаасту изҳори минатдорӣ мекунад; яке бенавбат мошин гирифтанист, дигаре рӯи ҷиноятро пӯшонидан мехоҳад, яке тахтаву шифер наёфтааст, дигаре ҳамту барои худашро нағз нишон додан – такачаҳо харида дар навбат истодаанд ва мунтазири ишораи Алиқуланд.

– Аз дасти шумо ҳар кор меояд, – гуфт директории заводи пахта ба Алиқул. – Ман қоил. Мард бояд, ки қоил шавад.

Онҳо дар ошёнаи дуюми иморати маъмурии завод, дар кабинети васеъ ва салқин, сари мизи пасте нишастаанд. Дар пешашон як лаълии калони мис. Дар рӯи лаълӣ гӯшти яхнӣ, коняк, себ ва нок.

– Барои дӯстон ҳар коре ки аз дастамон ояд, мекунем.

– Ман илтимоси шуморо ҳеҷ гоҳ рад накардаам. Ин дафъа ҳам иҷро мекунам. Барои як сухани шумо ҳар қадар пахтае лозим шавад, ёфта медиҳам. Қавли мард якто. Ҳамин сол он одами гуфтагиатон ғолиби мусобиқа мешавад, Коре,

ки ба дасти худамон аст, ташкил мекунем. Шумо ҳам як ташкил кунед, ки ман як бор ба телевизор афту башараамро нишон диҳам. Мебинам, ки ҳар фариқа одам ба телевизион гап мезанад. Мо ҳам як бор башараамонро аз телевизор ба мардум нишон диҳем.

– Ҷонам қатӣ. Ташкил мекунем…

Маст буданд онҳо – масти май, масти пул ва масти қудрат.

X

– Одамро шинохта намешудааст, тағойӣ, – гуфт Ниёз, ҳангоме ки онҳо ба дамгирӣ баромаданд. – Мебинӣ, одами дупа-дуруст, бамаънӣ, баъд як рӯз маълум мешавад, ки корҳои ҳаром карда гаштаасту мо бехабар. Душвор будааст одамро шинохтан.

– Одамро шинохтан ҳеҷ душворӣ надорад, – ҷавоб дод Расул. – Аз гапаш, аз хандааш, аз хӯрданаш, аз роҳгардиаш, аз нишасту хезаш, аз муомилааш, аз либоспӯшиаш чӣ хел одам буданашро фаҳмидан мумкин. Масалан, касе худро аз дигарон калон гирад, маълум, ки ҳавобаланду худбин аст; дум ликонда гардад, бешараф аст; ба ту як гап гӯяду дар ғайбат гапи дигар, хабис аст ва ба монанди ҳамин. Чӣ душворӣ дорад? Кори осон. Фақат андаке ақлу тамиз даркор.

– Шумо мегӯед, ки осон, ба назари ман душвор. Ана ҳамин Сабурро кӣ одами ганда мегуфт? Одами нағз ҳамин қадар мешавад, мегуфтанд. Бинед, чӣ корҳо кардааст. Ҳатто кас бовар намекунад.

– Бовар ҳам накун ба ин гапҳо. Тӯҳмат ҳамааш. Ман Сабурро медонам, дар пеши чашми худам калон шуд. Вай ин хел одам не. Тӯҳмат ҳамааш.

Онҳо дар хирман буданд, пахтаи хушкро ба телешкаҳо бор карда, ба ҷои қабул мефиристониданд, пахтаи дирӯз чиндагиро панҷшоха зада мехушкониданд. Рӯзҳое ки шаб нам фурояд ва рӯзонаҳо он қадар натафсонад, тартиби корашон ҳамин хел буд. Агар ҳам рӯзона гарм бошаду ҳам шабона, пахтаи ҳамон рӯз чидаро ҳамон рӯз ба ҷои қабул мефиристониданд ва дар хирман ягон паға пахта намемонд, вале пахтаро бор мекардагиҳову мекашондагиҳо то бегоҳ аз дасту по мемонданд. Лекин то бегоҳ ҳоло вақт бисёр ва душвории кор дар пеш. Пахтаеро ки то нисфи рӯз ба хирман омад, онҳо асосан ба телешкаҳо бор карда фиристониданд, камтарак мондааст дар

як гӯшаи хирман, ба монанди он ки аз табақи калони оши палав чор-панҷ луқма зиёдатӣ монда бошад.

Нисфи рӯз буд. Ниёз миёнбандашро кушода, баданашро шамол дод ва ҷомаашро аз мехи сутун гирифта, ба китф партофту ҳамроҳи Расул сӯи канал равон шуд. Дар лаби канал зери бедҳо як нимҳамвории хокаш зерхӯрда ва салқине ҳаст, ки онҳо вактҳои холӣ ҳамон ҷо рафта роҳат мекунанд.

– Дили ман ҳам бовар намекунад, ки Сабур ҳамин хел одами беандеша бошад, – гуфт Ниёз ва ҷомаашро чорқат монда дар рӯяш нишаст. Вай бисёр мехост, ки ҳама ин овозаҳо дурӯғ бошад ва шубҳаи ӯ барҳам хӯрад. – Лекин, ба фикри ман, бе шамол шохи дарахт намеҷунбад.

– Агар хоҳанд, бе шамол ҳам ҷунбонидан мегиранд. Шох чӣ, танаи дарахтро ҳам меҷунбонанд. – Расул мӯзаҳояшро кашида, поҳошро ба об овезон кард.

Ниёз ба маънои намефаҳмам ва бо ҳайрат абӯри чапашро боло бардошт, ки пӯсти як тарафи манаҳ ва рухсорааш кашида шуд ва дароз шуда аз лаби канал як хас канд.

Ҳангомае ки дар атрофи номи Сабур барпо гардид, аз ҳангомаи дефолиасияи пахта камтар набуд. Ҳар каллаву як садо – ҳар кас як гап мегуфт. Мегуфтанд, ки вай дар ҳар бригада як маъшуқа доштааст; мегуфтанд, ки дар кучое дар лаби дарё ҳарамхона сохта будааст; мегуфтанд, ки аз ин пеш ҳам як духтарро ҳамин хел бероҳаву бебода карда будааст, он духтар ҳомила шудааст ва ӯ «сар кафад – таги тоқӣ» гуфта, он духтарро ба як хешаш никоҳ карда додааст. Ин гапҳоро дар ҳама ҷо, ҳама одамон мегуфтанд ва бовар мекарданд, ки Сабур як одами хиёнатгару ҷинояткор будаасту онҳо то ҳол намедонистаанд.

– Ба ҳар ҳол, ба фикри ман, аз ӯ ягон айб гузаштааст, – хасро ба даҳон бурда хоидан гирифт Ниёз. – Ҳеҷ кор накарда бошад, чаро ин хел шармандааш мекунанд?

Расул бо надомат сар ҷунбонд ва нимхандаи захрдоре дар рӯяш нақш баст:

– Кор намекард, гап намешунид. Аз кор ҳам намегирифтанд, мошинсавор мегашт… Ҳамаи гап дар сари ҳамин, ки вай кор мекард. Ба коргар айб мондан осон, ба бекор эрод гирифта намешавад. Ҳамин хел ҳам бояд бошад – кори аниқе накунӣ, натиҷаи аниқе ҳам нест, ба чияш хӯрдагирӣ мекунӣ?

Ниёз дандонковон хомӯш истод ва аз афташ, ҳамин воқиа ҳеҷ аз чашму сараш дур намерафт, ки баъди таҳаммули андаке гуфт:

– Ба шунидам, худи духтар шоҳид гузаштааст. Гуфтааст, ки ба мошинаш савор карда дара бурд, тарсонд ва дасти зӯрӣ дароз кард.

– Ҳамон духтар доим дар мошини Алиқулу Файзӣ савор мегашт, – бо оҳанги кароҳат гуфт Расул. – Ҳар номаъқулие ки карда бошад, бо ҳамонҳо кардагӣ, лекин оварда ба сари Сабур бор карданд. Ҳамин хел кардан ба онҳо даркор будааст, ҳамин хел карданд. Вақте ки туро сиёҳ кардан даркор буд, сиёҳ карданд? Карданд. Ин ҳам ба монанди ҳамон.

– Ман чӣ, ман як чӯпон. Чӯпон хӯрад ҳам дузд, нахӯрад ҳам дузд. Гург барин. Хӯрад ҳам даҳонаш хунолуд, нахӯрад ҳам доҳонаш хунолуд. Лекин Сабур одами хондагӣ, одами калон. Вай, ба фикри ман, ман не, ки ҳар кор хоҳанд, кардан гиранд.

Расул поҳояшро аз даруни об бароварда, дар рӯи ҷомааш баҳузур нишаст.

– Сабур ин хел одам не, ин аниқ, гап дар дигар ҷо,– гуфт Расул зонувонашро молида. – Гап дар ин ки, Сабур бо онҳо муросо накард. Ба онҳо монанд мешуд ва ҳар чи гӯянд, хуб мегуфт, ҳеҷ воқиа набуд. Лекин вай ин тавр накард ислоҳ мекунам, гуфт, ҳақиқат мекунам, гуфт. Сабаб кофта гашт. Ҳар кора, агар тагаша кофтан гирӣ, чуқур меравад. Сабур ҳам чуқур рафт, рафта ба худи Он кас расид. Он кас ҳаромкоронро тарафгирӣ накунанд, ҳаромкориву ҳаромхӯрӣ кам мешавад, гуфт. Он кас ин гапро шуниданд… Гӯшам садо дод, ки Сабур дар ин бора ба газет ҳам навишта будааст. Ҳамаи ин ба Он кас нафорид, маъқул нашуд. Маъқул мешавад баъд? Он кас ҳам калла дорад, намегӯяд, ки ту ба ман маъқул не, харатро каш. Ба қонун ороста намешавад ин хел корҳо. Роҳи қонуниашро ёфт – духтари мардумро бебода мекунад, дар фалон лаби дарё ҳарамхона кушодааст ва ҳамин хел гапҳо. Ҳам барои мо барин омиҳо, ки зудбовар ҳастем, бовар мекунем, ҳам аз рӯи қонун ва ҳам эътибори худи Он кас зиёд мешавад, ки дар ҳимояи ору номуси халқ истодааст.

Аз рӯи суфа садои Фозила баромад, ки Ниёзро ҷеғ мезад. Ниёз дилу бедилон аз ҷо хесту як шохчаи беди болои сарашро хам карда, қарси шикаст – аламашро гӯё гирифт аз беадолатиҳо ва бо ҳамон шохча ба сари мӯзааш зада-зада, тарафи шипанг рафт. Расул патакҳоро аз мӯза баровардa афшонд, бо ҳавсала ба поҳо печонда мӯзаро пӯшид ва сари хирман рафт, ки аз чои бомазаи Набӣ як пиёла нӯшад.

– Акаи Ниёз, – гуфт Фозила, – қадатон баланд, ёрӣ диҳед, ҳамон шиорро часпонанд.

Шиорро котиби нави ташкилоти партия ба дасти ронандаи телешка фиристода таъкид карда буд, ки худи ҳамин рӯз дар ҷоҳои намоён часпонанд. Ниёз ва фаррошу посбони шипанг – марди як пояш андаке ланг алвони дарозеро, ки бо ҳарфҳои калон-калон навиштае дошт, дар пештоқи шипанг часпониданд, ки ҳар кас ба ин тараф ояд, аввал чашмаш ба ҳамон меафтад.

– Пахтаро то кӯраки охирин мечинем! – бо овози баланд хонд бригадир Фозила ва ин шиор аз чор тараф такрор шуд; аз минбарҳои баланд, аз саҳифаи рӯзномаҳо, аз экрани телевизор, аз карнаи радио.

Ва деҳқон пахта мечинд. Ёрдамчиёне ки аз шаҳр омадаанд, пахта мечинанду пахтаро помол мекарданд. Пиру ҷавон, олиму омӣ пахта мечинданд. Бо даст мечинданд, бо мошин мечинданд ва дар даҳони ҳама гапи пахта буд – гапи пахтачиниву пахтасупорӣ ва чанд фоиз шуду чанд фоиз монд. Ва ҳамаи ин гапро замин гӯш мекард, хомӯшона гӯш мекард; офтоб мешуниду хомӯш нур мепошид; нур мепошиду нами заминро мемакид, шираи заминро мемакид. Лаби замин хушк шуд, ҷигари замин торс-торс кафид. Лаби деҳқон хушкид, ҷигари деҳқон сӯхт, вале деҳқон дошт медод – ба гармо, ба кор дошт медод. Деҳқон арақ мекарду хушк мешуд, арақ мекарду хушк мешуд; пӯсташ ранг баровард, ранги сиёҳчаи офтобхӯрда; миёнаш дард мекард, чашмонаш дард мекард, вале маҳсули дастранҷашро меғундошт. Дар шаҳр духтари деҳқонро, ки ба фестивалу конкурси «Бӯстон» омада буд, деҳқонзодаи собиқ, ҳоло студенти олуфта, оғӯш гирифта бӯсид ва ҳайрон монд:

– Лабаш об надорад, чарм барин!

Фестивалу конкурс давом дошт ва тамошобинон ҳар гурӯҳе ба рақсу суруди ҳаваскорони колхози худашон кафкӯбӣ мекарданд. Навбати ҳунарнамоии ҳаваскорони колхозашон, ки расид, аз баҳри кор баромада, мошин киро карда ба тамошо меомаданд, то ки санъатдӯстиашонро нишон диҳанд ва дар айни замон бо арросу қиғоз ба ҳайати жюрии конкурс ва дигар тамошобинон фаҳмонанд, ки аз ҳама беҳтар намояндаи онҳо суруд хонд ва ё рақс кард. Шабе ки навбати дастаи Файзӣ буду аз колхоз се мошин одам фиристониданд, худи Файзиро бисёр кофтанду ҳеҷ наёфтанд. Вай ғайб зад, ғайб зад барои он ки як

рӯз пеш мухбири рӯзнома бо ӯ сӯҳбат карда буд. Бо нияти репортаж навиштан сӯҳбат карда буд. Бо нияти репортаж навиштан сӯҳбат кард ва ғайри чашмдошти худашу ғайри чашмдошти Файзӣ, дар рафти сӯҳбат ногаҳон маълум шуд, ки дар фестивалу конкурси пештара дастаи вай ҷои якумро гирифта будааст, лекин ба ғиромӣ, ноҳақ гирифта будааст. Яке аз шартҳои асосии конкурсро, ки ҳузури духтарони таҳҷоӣ буд, вайрон карда будааст – духтарҳоро аз шаҳри дуре киро карда оварда будааст.

– Ин ғиромӣ, – гуфт мухбир.

– Ғиромӣ не, ҳунар, – ҷавоб дод Файзӣ…

Вале ин ҷавоб дар мастӣ буд. Нисфи шаб ҳушёр шуду ба ваҳм афтид: духтарҳои имсола низ кироя! Ва ӯ гурехт. Аз шаҳр гурехт, ба колхоз рафт ва субҳ надамида, кӯчашро бор карда роҳ кашид. Собиқ ҳавлии босавлати Султон, ҳавлии ҳозираи Файзӣ, боз холиву орзуи ширини директории зовуди пахта ношидкаста монд: вай башараашро аз экрани телевизион нишон доданӣ буд, Алиқул ӯро ба дастаи Файзӣ дохил кард. вале даста ба саҳна набаромад.

Ва пушти ин воқиаҳо хунук нашуда, дар муомилаи одамон тағйироти чашмрасе рӯй надода, обу ҳаво тағйир ёфт. Обу ҳавои ин водӣ, ки нимбиёбониву нимкӯҳсорист, ба фаслҳои сол намеғунҷад. Гармое ки дар тирамоҳ тамузи тобистон барин метафсонд, яку-якбора шасташ гашт ва ҳавои пурғубори гарму дим дар як шабонарӯз ба ҳавои сарднамои тира мубаддал гашт. Одами ба ақидааш ноустувор барин зуд дигар шуд, ба дараҷае дигар ки шинохта намешуд ва сим-сим борон борид.

Дирӯз пеш аз хоб, Расул ба рӯи ҳавлӣ баромада ба осмон нигоҳ кард: чанд пора абр дар сари теппаҳо буд. Ва баъд ин абр, гӯё думаш дар чоҳи бетаге бошад, баромаду сип-сиёҳ рӯи осмонро пӯшид. Дар нимаи дуввуми шаб буд, ё наздик ба субҳидам, шамол хест. Расул шувоси шамолро дар хобаш ҳис кард ва дар хоб худ ба худ гуфт: ҳаво вайрон шуд!

Шамол чангу ғуборро ба ҳаво бардошт, барги дарахтҳоро резонд ва якта нимта тирезаҳои кушодаро шароққосзанон пӯшонид. Сагҳое ки рӯи ҳавлӣ лӯнда зада хобида буданд, танбалона аз ҷо хеста, коҳилона ғуру фиш карда ба айвонҳо даромаданд. Борон аввал дона-дона омад, шамол овард қатраҳои лойолудро. Сипас шамол монду борони реза сар шуд, ки он ҳам соф не, ғуборолуд буд. Борон майда-майда бофароғат рехтан гирифт, гарду ғубореро, ки дар рӯзҳои

гарми тоқатфарсо аз замин хеста дар фазо, чун тумани тунуки бенам, хона монда буд ва чангу анбӯҳи хазонолудеро, ки андаке пеш шамол ба ҳаво бардошт, ба ҷояш фурӯ нишонд; хоки баргу дарахтонро, ки ба ҳар ҷои одам – даст, сар, китф расад, чиркин мекард, оҳиста-оҳиста ва топ-тоза шуст. Ҳаво тоза, оби борон соф шуд ва айни вақташ буд, ки борон монад. Кори хайр кард, тафи нафасгардони гарморо гирифт, ҳаловате ба замин ва чашму шуши деҳқон овард, ҳаминаш кифоя, ҳаминаш одилона, акнун бас кунад ҳам мешавад, чунки ҳосили пахта ноғундошта ва плони пахтасупорӣ ҳанӯз иҷро нашудааст. Ҳозир, дами субҳ, борон монад ва абрҳо рӯи офтобро кушоянд, баъди якуним-ду соат ба саҳро баромадану табъи дил пахта чиндан мумкин. Ҳатто лаззате ҳам дорад – пахта яклухт ба даст меояд ва пӯчоқи ғӯза ҳам мулоим аст, панҷаҳоро намехарошад. Расул дар айвон истода, ҳамин хел фикр мекард, вале борон мебориду меборид.

– Майда борид, дуру дароз меборад, - гуфт Расул ба писараш, ки мотосиклашро дармегиронд. – Агар ту ягон кори зарур надошта бошӣ, имрӯз баъзе корҳои хоҷагиро бинем.

– Имрӯз ба корҳои хоҷагӣ даст намерасад, - ҷавоб дод ӯ. – Ягон рӯзи дигар.

– Алаф чӣ шуд, алаф? – савол дод Расул.

– Алаф мешавад, лекин кам. Ба хару така базӯр мерасад. Магарам, ки говро фурӯшед.

Расул даҳ фарзанд дорад. Се духтару ҳафт писар. Пешаш соҳиби хонаву дар, ақибаш мактабхон. Вай, аслаш чун ҳама мардуми тоҷик, ҳеҷ вақт фикр накардааст, ки одам бояд чанд фарзанд дошта бошад ва он фарзандҳоро чӣ хел калон мекунаду ба кадом кор машғул медорад. Ақидаи вай аз ин хусус анъанавӣ буд: одам бояд фарзанд дошта бошад. Чанд фарзанд мешавад, чандтояш меистаду чантояш меравад, инро тақдир медонад. Баъд чӣ мешавад, ин фарзандҳо чӣ касб меомӯзанд, чӣ қисмате насибашон мегардад, аз ин хусус фикр намекард. Аввалаш, ки ҳар чӣ пеш ояд, хуш ояд; баъд, маълум ки одам ба воя расад, шуғле меёбад; ниҳоят ҳар чӣ дар пешонааш бошад, ҳамонро мебинад. Падар чанд фарз дар гардан дорад: аввал бояд ба фарзандонаш номи хубе диҳад, баъд нафақаашро таъмин кунад, ки серу пӯшида бошад. Боз хононад ва саращро ҷуфт кунад, то ки номи авлодро зинда ва чароғи хонадонро фурӯзон дорад. Расул ин вазифаҳояшро ҳеҷ вақт фаромӯш накардааст, ҳатто дар душвортарин рӯзҳо, ки нонро фақат дар

хоб медиданд. Хусусан он соли баъди ҷанг, ки ҳатто мушҳо роҳи хонаи ӯро фаромӯш карданд. Ва пеши назари ӯ Фозила пайдо шуд. Ин Фозилаи бригадир не, ҳамон Фозилаи хурдакаки мӯйҳои фатилааш шонанозада, ки мӯрча барин аз рӯи пӯстак дон мечинд.

Маълум, ки сардори оила мард аст. Рости гап, оилаи бемард, оилаи бесаробон аст – парешон аст, камқурб ва ё беқурб аст он оила дар назари мардум. Агар дар оила мард набошад, кори бозори ӯчорро набинад, шаҳсутуни рӯзгор гӯё вуҷуд надорад. Вале зан, ҳар кас ҳар чӣ гӯяд, гуфтан гирад, бунёди хонаву оила аст. Нури хона, гармии хона обу таоми хона, либосу палоси хона, одобу фаросати фарзанд, сари баланди мард, хулоса бахти хона зани солиҳа аст. Беҳуда нест ҳикматҳои халқ: То ба саллаи падар мондана ба лачаки модар мон; то ба ҳамёни падар мондана, ба нӯги дуки модар мон! Аз таҷрибаи наслҳову ҳазорсолаҳо гуфтаанд, ин гапҳоро. Расул ҳам дидааст. Ҳамон баҳор бо чашми худ дид, дар хонаи модари Фозила дид ва бо вуҷудаш ҳис кард, барои тамоми умр ҳис кард, ки агар зан набошад, рӯзи мард сиёҳу рӯзгораш талх мешавад. Чаҳор бачаи гуруснаю хонаи холӣ. Ба ҳоли онҳо нигоҳ мекунӣ, дилат реш мешавад. Модари Фозила дар як гӯшаи рӯмол се кило гандум баста, дар ҷое пинҳон кардааст. Баъд як пӯстакеро, ки дар таҳмон барои меҳмонон қат карда монда буд, берун, рӯи ҳавлӣ баровард, офтоб дод, гаштаву баргашта таконд ва аз ҳамон рӯз ин ҷониб то баромадани рустаниҳои хӯрданбоб он пӯстакро ба ҷои дастархон паҳн мекард.

Ҳар рӯз он «дастархонро» мегустурд, бачаҳо дар атрофаш гирд менишастанд ва модар ҳар рӯз як каф гандум бирён карда, ба рӯи пӯстак мепошид ва бачаҳо, чун мурғакон, он донаҳои бирёнро якта-якта аз байни мӯҳои дарози пӯстак чида мехӯрданд. Сер намешуданд, албатта, аз ин хӯрдан, вале фиребӣ ширине дошт – ҳам чашму шикамро ба серӣ ва ҳам вақтро фиреб медод. Расул ин ҳолро дида, аввал шод шуд, ки дар ноилоҷӣ ҳам илоҷе будааст, лекин шаб хобаш набурд. То рӯз, то дамидани субҳ, аз паҳлу ба паҳлу гашт ва баробари равшан шудани сари дарахтҳо ҳар чӣ нақдинае ки дошт, аз сандуқ баровarda, ба миёнаш баст ва роҳи шаҳрро пеш гирифт, роҳи хонаи Султонро. Вай медонист, ки дар шаҳр ҳам ғалла нест, дар шаҳр ҳам гуруснагӣ, вале ба умеди Султон буд. Одами дасташ дароз, медонад, ки аз куҷо ғалла ёфтан мумкин. Расул ягон бор ба хонаи вай нарафтааст, лекин ёрӣ мерасонидагист. Ба ҳар

ҳол, одами худӣ, боз ду сол дар як ҳуҷра зиндагӣ карданд, якҷоя мегаштанд, нону обашон якҷоя буд. Ба ҳамин умед Расул ба роҳ баромад ва ҳарчанд ки вай саҳари барвақт хеста буд, ҳар қадар ки таъҷил кард, ба хонаи Султон ҳамон қадар дер расид – дуру дароз мошинро интизор шуд, дар роҳ фуромад, боз интизор шуд, боз фуромад, боз ба мошини дигар савор шуд; бо азобҳо ба шаҳр омада расид ва бо азобҳо суроғкунон ҳавлии Султонро ёфт. Ҳамсари Султон ӯро хуш қабул кард. Надидааст, намешинохт, шаб ҳам фаро расида буд, бо вуҷуди ин хуш қабул кард: марҳамат, дароед! Аз боло шинед, чой нӯшед, таом хӯред… Иззату икром кард ва ягон даҳан напурсид, ки шумо кистед, барои чӣ омадед? Фақат гуфт ки он касро як ҷӯраашон омада бурд. Шояд дер оянд ва ё фардо саҳар биёянд, шумо баҳузур дам гиред, агар кӯфта шуда бошед, хоб равед. Он кас шаб набиёянд ҳам, фардо албатта аввал ба хона омада баъд ба ҷои корашон меравconfigured.

Расул аз истиқболи ин зани чеҳракушоди боназокат ҳар қадар дилаш кушода шуда бошад, аз дидани халоҷо, ки пеш аз хоб ба он ҷо даромад, ҳамон қадар дар дилаш кароҳат пайдо шуд.

Ҳангоме ки вай ба халоҷо рафт, дар як гӯша тӯдаи кӯлӯхи шикаста, дар паси он кулӯхтӯда қутии калону кӯҳнаи фанерии лабҳояш дарида ва қолабаш вайронро дид, ки пури нони қоқу ҷаззаи мағорбаста буд. Вай қазои ҳоҷат накарда баргашт– дилаш чунон бухс кард, ки чӣ кор карданашро намедонист. Аввал қасд дошт, ки то омадани Султон мунтазир мешавад ва ҳар гапе ки ба даҳонаш ояд, ба ӯ мегӯяд, ҳар коре ки аз дасташ биёяд, бо ӯ мекунад: э ноинсоф! Э носипос! Э бемурувват! Э…

Ҳамон вақтҳо маълум буд, ки аз ин одамгарӣ намебарояд, вале ба ин дараҷа аз худ рафтани одам магар мумкин аст?!

Султон ҳамон вақтҳо, вақтҳое ки онҳо дар як макон ва дар як ҳол буданд, одами он қадар печон набуд, бо Расулу Набӣ дору мадор карда мегашт, вале худро як андоза дуртар нигоҳ медошт ва доим дар атрофии одамони мансабдор пилмида мегашт; қиёфаашро калонгирона нигоҳ медошт, ки ба назари Расулу Набӣ хандаовар менамуд ва онҳо ӯро масхара мекарданд. Султон сип-сиёҳу каб-кабуд дам мекард – қаҳраш меомад, вале рӯзи дигар боз ҳамон рафторҳои хандаовару калонгаронаю мансабталабиашро давом медод.

– Роҳгардиат ба роҳгардии сардорамон монанд шудааст, – мегуфтанд бо тамасхур.

Лабони вай андаке кашида мешуд, маълум набуд, ки ба ғазаб омадааст, ё хандидан мехоҳад.

– Гапзаниат ҳам ба гапзании ӯ монанд.

Боз лабҳояш тагу боло кашида мешуд ва боз маълум набуд, ки қаҳр мекунад ё ханда.

– Гап ба ин таъсир намекунад, - неш мезад Набӣ. – Инро аз лои похса сохтаанд.

Ин похса як мақсад дошт – бояд мансабе гирад ва тамоми фикру зикр, тамоми саъю кӯшишаш ба ҳамин мақсад сарф мешуд. Бинобар ин ҳамешаву дар ҳама ҷо худро пешкаш мекард. маҷлис ё ҷамъомаде набуд, ки вай сухан нагӯяд. Ва ҳатман ба минбар мебаромад – худро нишон додан даркор! Азбаски доим ба минбар мебаромад, аз ҷумлаи фаъолон ба ҳисоб мерафт ва раёсати маҷлис ҳам ба сухангӯиҳои ӯ чунон одат карда буд, ки агар, ба фараз, талош накунад, ҳатман мепурсиданд: рафиқ Султон, шумо чизе гуфтан мехоҳед? Ва ӯ ҳатман чизе мегуфт, саҳеҳтараш, чизе намегуфт. Чунки гап мезад, дуру дароз гап мезад, дилпурона, боэътимодона гап мезад аз навтарин қарорҳо иқтибос оварда фикрашро бо далелҳо қувват дода гап мезад, вале фикри бикре набуд дар гапаш ва аз ин рӯ саратонро кафонед ҳам, баъди як соати хамин маҷлис ба ёд оварда наметавонистед, ки вай чӣ гуфт. Ин ҳунар, гап задану дар айни замон чизе нагуфтан, аз афташ, ба осонӣ муяссараш намегашт, ки алалмудом фикр мекард, машқ мекард, такрор мекард… Чашми одамонро ғафлат карда ба коҳдон мерафт, бандҳои алафро гирифта дар як гӯша рост мемонд ва ба ҳамон бандҳо хитобкунон нутқашро машқ мекард, савти суханашро такмил медод. Агар ҳангоми суханаш банде афтад, давида мерафту лагад мезад… Лагад мезад сомеи бепарворо! Одам гумон карда мезад! Одамро бо лагад мезад, ки ба гапи ман беэътиборӣ кардӣ!.. Албатта, одамро мезад ва ҳоло ҳам лагад зада гаштагист… Чаро пеш аз омадан дурусттар фикр накардам? Сирф аз хотирам баромадааст сабил! Дар халоҷо ба ёдам расид. Ҷаззаро дидаму ба хотирам расид…

Ва Расул дигар роҳи Султонро напоид – вай аввал ба бозор рафт, аз бозор даҳ қутии посилка харид, пуштора карда ба хонаи Султон овард, дар як варақ коғаз унвони колхозро навишт ва қуттиҳову унвонро ба завҷаи Султон дод:

– Янга, мебинам, ки нони қоқ ва ҷазза дар кунҷи девору хокистартӯда беҳуда нобуд мешавад. Минбаъд ба мабраз напартоед, ба қуттиҳо андохта, ба номи ман фиристонед.

Ҳам ба шумо савоб мерасад ва ҳам куфрони неъмат намешавад.

Он занаки солиҳа ҳамин корро кард. Соли дароз нони қоқу ҷazzа фиристонд ва Расул онро гирифта, ба ятимони бепадар тақсим карда дод ва вақте ки молу мулки Султонро мусодира карданду худашро зиндонӣ, ҳамон ятимҳои собиқ барояш обу нон бурданд…

Борон мебориду меборид, гоҳ реза меборид, гоҳ чанг мекард, гӯё дам мегирифт ва боз меборид. Азбаски кори саҳро набуд, Расули Якзарб фурсатро ғанимат дониста, даруни оғилу коҳдонро тоза карду ба тартиб овард. Андак коҳи аз порсол мондаро шоха зада аз хок баровард ва дар пушти дар ғун овард. Тортанаки шифтро рӯфт, чангу хокро берун бароварда партофт. Ғадда монда барои алаф, ки ҳоло ёфт мешвад ё не, ҷо тайёр кард. чалмаи оғилро канда дар кунҷи дари даромад рах зад – ба ҷои ҳезум. Ба шикофи деворҳо лой молида маҳкам ва охурҳоро андова кард. Ҳамаи ин корро ҳозир накунӣ, баъд дер мешавад, ҳа нагуфта зимистон медарояд.

Дами нафаси зимистон меомад ва ин дами нафас ҳам ба монанди хушкиҳову боронҳо имсола бемаврид омад. Нобаҳангом буд, вале чиндани пахта давом дошт.

Рӯзномаҳо дар саҳифаи якум ҳисоботи ҳосилр чоп мекард, Радиову телевизион ҳар рӯз хабар медод, кадом колхоз плани пахтаро иҷро кард, кадом район пешқадам ва кадон район ақиб мемонад. Дар ҳама ҷо нуқли гап ҳамин буд: кӣ чанд кило пахта чинд, кадом ронандаи мошини пахтачинӣ бо кадом ронанда мусобиқа дорад… Ҳар шом дар идора ҷамъомади таъҷилӣ мегузашт–кори имрӯзаро ҷамъбаст ва кори фардоро муайян мекарданд. Ин ҷамъомадҳо одатан баъди кор, баъди шом барпо мегардид, вале ин дафъа, бегоҳ не, рӯзона маҷлис хабар карданд, бо сабаби бад шудани обу ҳаво, бо сабаби кам шудани пахтаву пахтасупорӣ ва бо сабаби ақиб мондани иҷрои плон, рӯзона ва бар хилофи одат қатори роҳбарон пирони корро низ даъват карданд, ки аз ҷумла Расулу Набӣ ҳам буданд.

Хело муҳим будани рӯзнома аз орову торои Қасри маданият, аз рӯбучини гирду атроф, аз тамғаи мошинҳо ва аз солориву ҷиддияту сертараддудии одамон маълум мешуд. Иштироки Он кас дар ин маҷлис ҳам муҳимии масъаларо таъкид мекард ва ҳам салобату ҳашамат медод. Маҷлис аз дақиқаҳои аввал оҳанги тезу тунд гирифт – нотиқон, хоҳ таъриф бикунанд ва

хоҳ танқид, аз муқаррарӣ як парда баланд гап мезаданд; бо эҳтирос, бо шиддат ва бо иддио гап мезаданд ва гӯё ҳамаи онҳо аз касе сахт норозӣ буданд, касеро гунаҳкори ҳама нобарориҳо медонистанд, вале касе гунаҳкорро ном намегирифт – ҷисму исм надошт гунаҳкор. Бо вуҷуди чунин як ҳоли таъзиқовар ва хастагиовар нотиқон бо эътимод гап мезадад, ҳозирон бо эҳтиром гӯш мекарданд. Пешқадамонро бо фахр ном мебурданд, таърифиҳо курта-курта гӯшт мегирифтанд. Пасмондаҳоро даъват менамуданд, ки аз пешоҳангҳо ибрат гирад ва қафомондаҳо сурху сафед мешуданд…

Расул, ки бо сари ҳам дар як гӯша нишаста буд, ба шифти баланди толор, ба тирезаҳои кало-калони он ва сипас ба курсиҳо нигоҳ кард: курсиҳо, ҳам курсиҳои паси мизи раёсат ва ҳам курсиҳои толори васеъ пур-пури одам. Факат минбар гоҳ холӣ мешуд, гоҳ одам меёфт. Расул ба қаторе нигарист, ки худаш дар як канораш нишаста буд: нишастагон бодиққат гӯш мекарданд ва чанд кас дар сари зону блокногу ручка доштанд.

… Ниҳоят худи Он кас хестанд… Хесту ба минбар набаромад, дар ҳамон ҷои худ рост истода гап зад. Аз ҳалолкорӣ, аз масъулиятшиносӣ, аз одамгарӣ ва қадршиноснӣ гап зад… Мо одамони ҳалолкору масъулиятшиносро қадр мекунем, гуфт. Лекин бо ҳаромкорону фиребгарону танбалон муросо нест, гуфт. Рӯирост бояд гӯям, ки баъзе одамон, ҳатто одамоне ки вазифаи масъул доранд, ҳаромкорӣ мекунанд, ёру ошнобозӣ мекунанд, бо ин рафторашон ба чашми халқу давлат хок мезананд ва гузашта аз он, ба мардум ибрати бад нишон дода ахлоқи ҷамъияти социалистии моро вайрон мекунанд… Ҳамин тавр гуфт.

«Суханҳои оқилона мегӯяд, - гӯшкунон аз дил гузаронд Расул. – Гапи дили моро мегӯяд ва одаме ки ҳамин хел гапҳоро медонаду мегӯяд, аз оҳуи сарнобуридае ки Алиқул барин як ифлос мебарад, ҳазар намекунад. Ва одамеро, ки айни ҳамин гапҳоро гуфт, бо ҳазорон гуноҳ айбдор мекунад… Чӣ хел забонаш мегардад?!»

Он кас баъди муқаддимаи муфассал аз хусуси мавқеи одам дар ҷамъият, ба шарҳи аҳамияти пахтачиниву пахтасупорӣ гузашт. Як ахбори умумӣ дод, ки хоҷагиҳо чӣ қадар пахта супориданду чӣ қадар пахта қарздоранд.

– Пахтаро то кӯраки охирин чиндан вазифаи фахрии мо, – гуфт, – қарзи граждании мост. Бояд ҳамеша дар ёд дошта

бошед, ки пахта шарафи мост, пахта обрӯву эътибори мост. Лекин баъзеҳо инро фаромӯш мекунанд, рафиқон! Масалан, роҳбарони колхози «Шафақ». Ҳамин ҷо ҳастанд?! Хезанд аз ҷояшон!

Раиси калону мудири ҳосилот пасу пеш аз ҷо хестанд.

– Пеш бароед, биёед, пештар биёед.

Онҳо сурху сафед шуда, аз байни қатори мизу одам гузашта пеш баромаданд.

– Ба ман не, ба рӯи мардум нигоҳ кунед. Гардед, рӯтона тарафи мардум гардонед.

Онҳо рӯяшонро тарафи ҳозирон гардониданд.

– Шумоён номард! Гӯед, ки шумоён номард.

– …

– Гӯед, дар назди ҳамин мардум гӯед, ки шумо номард.

– Мо номард, - гуфтанд онҳо оҳистекак.

Толор хомӯш, нишастагон хомӯшу дар таҳти фишори ҳаяҷон.

– Баландтар гӯед.

– Мо номард, мо номард… – бо як овоз гуфтанд онҳо.

Расул аз дидани ин саҳна шарм дошт ва сари хамашро боз хамтар кард; замин намекафид, ки дарояд. Дар баданаш арақи сарде давид: шармандагӣ! Минбаъд ба рӯи мардум чӣ хел нигоҳ мекунанд инҳо?

Ба ҳоли онҳо раҳмаш омад.

Вақте ки ҷамъомад ба охир расид, вай дидаву дониста худро канор кашид, ки ба онҳо рӯбарӯ нашавад, як шармашонро даҳ шарм накунад… Лекин беҳуда будааст ин ҳама раҳмхӯриву шармдориву эҳтиётҳои вай. Онҳо аз толор бо чеҳраҳои кушоду вақти хуш баромаданд ва хандон-хандон ба мошинҳо савор шуда рафтанд, гӯё ҳеҷ гапе нашудааст.

Ба дили Расул сардӣ даромад, гӯё ях хӯрда бошад. Баданаш ба назараш холӣ намуд, гӯё боре надошт. Як ҳаяҷони маъшум вуҷудашро фаро гирифт, гӯё гуноҳи азиме кардааст ва дар сари гуноҳ дастгир шудааст: Аҷиб-ку! Ҳамин хел ҳам мешудааст?! Не, ин хелашро ёд надорад вай… Ва ӯ мехост, ки боре дар пӯсти ҳамонҳо бошаду бинад, ки худро чӣ хел ҳис мекунад, бо чӣ тасалло медиҳанд худро?

Хар бо ихтиёри худ мерафт, кӯлмакҳои роҳро давр зада, дар ҷоҳои сахту камлой сум монда мерафт.

«Мехостам, ки ба ҷои ҳамонҳо бошам, ки чӣ хел одам буданашонро фаҳмам», - бори дигар дар роҳ такрор кард Расу-

ли Якзарб ва ҳама роҳ он саҳна аз пеши назараш дур намерафт.

Роҳи хонаи Расул аз назди магазин мегузашт ва даме ки вай ба магазин наздик меомад, Алиқул занҷири саги шикорие ба даст, дар остона, байни як гулрӯҳ одамон меистод. Вай ин сагро, ки ғолиби чандкаратаи конкурси сагҳо будааст, аз кадом шаҳри дуре харида овард ва ҳоло ба одамони атрофаш таърихи сагу сагхарӣ ва бо чӣ душвориҳо тилло кардани ҳарду дандони ашки сагро ҳикоят мекард. Саг чукка нишаста забонашро бароварда буд, худе ки дандонҳои тиллояшро нишон медод. Алиқул омадани Расулро дида, аз остона фуромад ва пеши роҳи ӯро гирифт. Расул харро нигоҳ дошт, вале аз хар нафуромад.

– Худам нияти шуморо дидан доштам, – гуфт Алиқул баъди салому алек. – Як даҳан гап доштам ба шумо.

Расул хомӯшона мунтазир истод.

– Писаратон серпул шудааст мегӯянд, – гапашро давом дод Алиқул. – Ба зани мардум роҳпулӣ медодааст. Ба вай гӯед, ки ман як дандони сагамро фурӯшам, садта ин хел ҷангалбон мехарам.

Ва саг ъурмич кашида ашкҳои тиллоияшро нишон дод. Расул медонист, ки Сунбул аз писари ӯ роҳпулӣ гирифтааст. Шобибӣ аз ӯ пул гирифта додааст, ки: «савоб мешавад, те, ба манзил расад».

– Ин гапи сари кӯча не, - оромона ҷавоб дод Расул, ҳарчанд ки худро базӯр нигоҳ медошт. – Биёед, дар ягон ҷои мувофиқ сӯҳбат мекунем.

– Ман гапи дигар надорам. Ҳамин гапи қарзро ба писаратон гӯед. Гӯед, ки пули як дандони саги ман садта вай барин ҷангалбон мешавад.

Расул аз хар фуромад ва кашидаву кушода ба таги ҷоғи Алиқул як мушт фуровард. Як мушт зад ва рафта оби водопроводро калон кушод ва дурудароз даст шуст. Гардон ба гардон мешусту ба назараш, даст ҳеҷ тоза намешуд. Ҳама муддате ки Расул даст мешуст, одамони сари остонаи магазин ба Алиқул нигоҳ мекарданд: вай як муддат наҷунбид. «Боз якмарг нашуда бошад», гуфтанд онҳо байни худ ва як нафарашон ба ҳамон тараф рафт, ки аз ҳоли ӯ хабар гирад. Вале ҳанӯз ӯ наздик наомада Алиқул сар бардошт, нимхез шуд, чалақ-палақ ба гирдаш нигоҳ кард, колингашро дошт ва чорғобак аз ҷо хест. «Ганда мурдан надорад», - гуфт дар

дил мардак ва аз роҳаш баргашт. Вай аз роҳаш гашту хабар ба роҳ баромад – хабари рӯи хоку хокрӯбаҳо чорғобак истодани Алиқул қад-қади роҳ рафт, ба кӯчаҳои деҳа расид, аз дари ҳавлиҳо даромад, ба ҳаво баромад, мавҷ зад ва дар водӣ паҳн шуд. Он кас дар кабинеташ нишаста телпакҳои андатра тақсим мекард, ки ин хабарро шунид.

Ин хабар дар ҳолате ба гӯши Набии Бакавул расид, ки вай дар хонааш дастархон партофта, гӯшт майда мекард, бо ҳавсала буғум аз буғум бурида чунон майда мекард, ки ягон устухон намешикаст ва устухонмайда даруни гӯшт намедаромад. «Боз сари Якзарб дар бало монд», гуфт вай ва ғадуди ҳароми гӯшти лингро бурида гирифту бо шаст ба шифти хона зад, ки дар болор часпид.

Дар идораи Ҷаъияти ҳифзи табиат ва муҳити атроф ба гӯши Шокир низ расид ин хабар. Алиқул нигоҳубини буқаи зотиро ба ӯ супорида буд, ӯ бошад, саҳар боз дар ин идора нишаста ба саволҳо ҷавоб медоду забонхат менавишт, ки тавба кардам, дигар рустаниҳоро решакан намекунам. Ба ин сабаб буқаи зотии Алиқул рӯзи дароз бепарастор монд, гурусна монд, ташна монд ва барои таскини нафс урос зад, ғуррос зад ва поҳои ақибашро паҳн монда, сарашро силтав дода-силтав дода, ба ғазаб омад, чашмонаш аз косахонаи сар баромад ва дар айни ҷӯшу ғазаб девонавор дар ҷояш, дар даруни панҷараоғили оҳанин давр заду занҷираро канд, панҷараҳоро шикаст…

Ҳангоме ки Алиқул бо саги дандонтилло аз дарвоза даромаданӣ буд, дарвоза қасар-қусур шикаст ва буқа танк барин ба кӯча баромад. Занҷири саг аз дасти Алиқул раҳо шуд.

Буқа пеш-пеш медавид, Алиқул аз дунбол медавид ва дар лаҳзаҳои аввалини аз дунболи буқа давидан аз алами бечорагӣ Файзии ҳофизро дашном дод: «Ноҷинс, як даҳон хабар надода гум шуд. Нону намаки ман кӯр кунад туро»!

Мардум то ҳол тоқат карда мегаштанд – ба ҳаромхӯриаш тоқат карданд, ба ҳаромхиштакиаш тоқат карданд, ба фиребу найрангаш тоқат краданд, ба худнамоиву бешармиву бешарафиаш тоқат карданд. Ба тӯҳматҳояш тоқат карданд, ки ин разил ҳам фарзанди одам аст, якрӯз не, як рӯз пешониаш ба девор бармехӯрад, ақлаш ба ҷо меояд, одам мешавад. Вале занҷирро кандани буқаи зотӣ, гӯё занҷири сабру тоқати онҳоро низ шикаст. Девори ҳамсояро вайрон кардани буқаи зоти, полезро

помол кардани буқаи зотӣ, ниҳолро шикастани буқаи зотӣ, ғуноҷини сари роҳро маҷақ кардани буқаи зотӣ ғазаби то ҳол ниҳони дили мардумро яку якбора ба ҷӯш овард. Мардум ба ғазаб омаданд, нафраташон рӯирост шуд ва ин нафрату ғазаб ба ҳам омехт, тӯфон хест ва ин тӯфони қаҳру ғазаб Алиқулу буқаи зотиашро пешпарон карда мебурд – буқаи зотӣ пеш-пеш медавид, девонавор медавид, ба ҷару ҷӯ афтидаву хеста медавид, Алиқул аз дунболи буқа медавид, афтону хезон медавид ва гумон мекард, ки худаш бо майли дилу хоҳиши танаш медавад, аммо ӯро тӯфони ғазаби мардум рӯфта мебурд, аз дунболи буқаи зотиаш мебурд, ки нишони қудраташ буд, аз паи нафси беқаноату чашму тангаш мебурд. Буқаи зотӣ занҷир аз почакои биниаш овезон, шикаставу пахш кардаву вайрон карда, аз деҳа баромад; бехи дарахтонро ларзонда, шохи дарахтонро шикаста, меваи дарахтонро резонда, ҷӯи обро вайрон карда аз боғот гузашт; палҳои пахтаро миёнбур карда, ниҳоли пахтаро помол карда гузашт. Сар-сари канал рафт, ба адир рост шуд ва дар ҳеҷ куҷо қарор нагирифт. Алиқул зарби мушти Расули Якзарбро фаромӯш кард, такидани чанги либосашро фаромӯш кард – вай дунбол-дунболи буқа медавид. Дар даромадгоҳи деҳа дасташ қариб ба занҷири овезони бинии буқа расид, вале дошта натавонист; дар боғ ба дилаш боз умед даромад – даст дароз кард, ки аз занҷир дорад, аммо чашмони хунгирифтаи буқаро дида тарсид, аз нигоҳи пурғазаб тарсид: Э, ягон одам мебуд, ки занҷири инро медошт! Дар пахтазор фарёд зад, ки «буқаро доред!» ва дар ҷавоб нигоҳҳои нафратборро дид. Буқаи зотӣ ба адир рост шуд. Алиқул ҳам афтону хезон аз паси буқа ба адир рост шуд. Адир дараҳои бисёре дошт ва ҳар сол дастёри кироаи Алиқул Шокир дар ин дараҳо гашта барои ӯ торон, рова, сирпиёз, зелол ва ангат мечинд, ҷамъ мекард, бурда мефурӯхт... Буқа дар девлох, дар ҳамон девлох ки Шокир бо қаҳр побелу шудгор кард, назди харсанге истод ва сару гарданашро ба харсанг молид, ки хоришаш пасанда шавад. Ин девлох як косагии серхок ва серпору буд, ки сирпиёзаш пиёла барин мешуд ва Шокир соли аввали ба ин ҷо омадан ҳабдаҳ тӯрба сирпиёз канда буд; соли дуюм понздаҳ тӯрба, соли сеюм нӯҳ тӯрба ва соли чорум як ҷувол ҳам не. Ва ҳоло ин девлох, ки Шокир хуквор шудгор кард, як замини дағарбуғури хушки бефайзе буд – сахт, хушк, пасту баланд, ба монанди ҳамин харсанге, ки буқа гарданашро мемоладу мемоладу мемолад. Алиқул ба буқа наздик омад, буқа нагурехт, вале чашмони сур-

хаш заҳраи ӯро об кард. Ёрои пеш рафтан надошт – Э, ягон одам мебуд, ки ёрӣ медод!

Алиқул болои харсанг баромад. Рӯ-рӯи харсанг ғеҷида поёнтар фуромад ва дар масфоаи дастрас аз буқа шах шуд. Буқа ба тарафи ӯ нигоҳ ҳам накард. Алиқул далертар шуд, вале даст дароз накард – гардан, шохҳо, калла ва чашмони буқа бадвоҳима буд: «Эҳ, ягон кас мешуд, ки инро медошт!» Вай аз ӯҳдаи коре намебаромад, корашро фақат бо дасти дигарон буд мекард. Ку, ҳамон дигарон? Девлох холӣ, заминаш сахт! Буқа гардану сари шонаҳояшро ба харсанг мемолид, гӯё касали хориш шуда бошад. Мӯяш даста-даста дар харсанг мечаспид, вале аз ҳузури Алиқул намегурехт. Алиқул дам гирифт, аз харсанг фуруд омад, гирди буқа давр зад. Буқа беқарорие накард, ҳатто чашм напесонид. Алиқул даст дароз кард, буқа наҷунбид. Алиқул нӯги занҷирро гирифт, буқа ором истод. Алиқул дилпур шуд ва занҷирро гирифт, буқа ором истод. Алиқул дилпур шуд ва занҷирро кашид, буқа ёвошона аз дунболи ӯ равон гардид. Алиқул хурсандона қадам мезад ва фикр мекард, ки баъди якуним ду соат ба деҳа мерасад. Онҳо, Алиқулу буқа, тахминан бист қадам оромона қадам заданд ва ҳамин дам зоғчаи бисёре қағқағкунон аз болои сарашон гузашт. «Зоғчаҳо тӯй доранд», – аз дил гузаронид Алиқул ва занҷирро ба миёнаш баст. Басту қувваи азиме ӯро силтав дод, афтонд ва рӯрӯи замин кашола кард. Зоғчаҳо бо ғавғо дар болои сар давр мезаданд, буқаи зотӣ девонавор медавид ва Алиқул монанди мола дар замини сахт боло мебаромаду поён мефаромад; аз зарби заду хез гоҳ ба паҳлу меафтод, гоҳ ба шикам ва гоҳ ба пушт…

## МУНДАРИЧА

Бандии озод..........................................................................5
Тақвими раҳгум ....................................................................207

**Ӯрун Кӯҳзод**

# БАНДИИ ОЗОД

# ТАҚВИМИ РАҲГУМ

*(романҳо)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *М.Саидова*

Ба матбаа 14.09.2011 супорида шуд.
Чопаш 20.09.2011 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 22,5.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а